# *АХТАРОНИ АДАБ*

# 23

## ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»


### ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Гулназар*
*Акбар Турсун*
*Фарҳоди Карим*

### ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИН
МУҲАММАДИ БАЛХӢ

# МАСНАВИИ МАЪНАВӢ

*Бар асоси матни Р. Николсон
ва муқобила бо нусхаҳои дигар*

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2013

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Таҳия, танзим ва баргардони матн:*
**АЛИИ МУҲАММАДИИ ХУРОСОНӢ,**
**БАҲРИДДИН АЛИЗОДА**
**ВА МУБАШШИР АКБАРЗОД**

Муҳаррир
***Мубашшир Акбарзод***

А-19 ***Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ*** *Маснавии маънавӣ: Дафтари аввал ва дувум* — Душанбе: «Адиб», 2013. - 480 саҳ.

**ISBN 978-9947-2-033-0**

**© Нашриёти "Адиб", 2013.**

# ЗИНДАГОНӢ ДАР «МАСНАВӢ»

Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ (30.09.2007 – 29.12.1273) аз барҷастатарин мутафаккирону орифон ва сермаҳсултарин адиби форсғоҷик ба шумор рафта, бо мероси адибии пурқимати манзуму мансури худ дар пешрафти фарҳанги мардумони Машриқзамин, бахусус форситаборон, саҳми назаррасе дорад. Осори адабии ба баъдинагон меросмондаи ин адибу мутафаккири беназир дар «Девони кабир» ё «Куллиёти Шамси Табрезӣ» (беш аз ҷиҳил ҳазор байт), «Маснавии маънавӣ» (камобеш бисту шаш ҳазор байт), «Маҷолиси сабъа», «Фиҳи мо фиҳ» ва «Мактубот»-и ӯ ҷамъ омада, хушбахтона то ба имрӯз расидаанду дар хидмати ҷомиъа қарор доранд. Бо он ки тамоми осори Мавлоно дар мақоми баланди тафаккури инсониянд, боз ҳам пояи «Маснавии маънавӣ»-ро дар мавлавишиносӣ арҷ гузоштаанд ва атрофи он бештар андешаҳои илмию пажӯҳишӣ радду бадал гардида, имрӯз «Маснавӣ» дар Шарқу Ғарб хонандаи ҳушманди мутааддидеро атрофи худ ҷамъ овардааст.

Аз нигоҳи мухлисони пешину муҳаққиқин ва аҳли адаби муосир ҳамчун асари саршори афкори бикру андешаҳои тозаи инсондӯстона ва озодманишона дар таърихи тамаддуни форсточик, ислом ва ҷаҳон мақоми баланду шойистаро ишғол намудани «Маснавии маънавӣ» ва бо Қуръони азимушшаън дар муқоиса гузоштани он аз эътирофу таъкиди бузургии мақоми мусаннифу осори муассири рӯҳбахши ӯ башорат медиҳанд. Ҳанӯз адибу донишманди аҳди Сафавиҳо Шайх Баҳоуддини Омулӣ (1547 – 1622м.) ба «Маснавии маънавӣ» ин баҳои баландро арзонӣ дошта, гуфта буд:

*Ман намегӯям, ки он олиҷаноб*
*Ҳаст пайғамбар, вале дорад Китоб.*
*«Маснавии маънавӣ»-и Мавлавӣ*
*Ҳаст Қуръоне ба лафзи паҳлавӣ.*

Аллома Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (1877 – 1938м.), ки худро дар тамоми давраи фаъолияти илмӣ ва эҷодиаш муриди Мавлоно хондааст, пири маънавияшро ин тавр меситояд:

*Пири Румӣ, муршиди равшанзамир,*
*Корвони ишқу мастиро амир.*
*Манзилаш бартар зи моҳу офтоб,*
*Хаймаро аз Каҳкашон созад таноб.*
*Нури Қуръон дар миёни синааш,*
*Ҷоми Ҷам шарманда аз ойинааш.*
*Аз найи он найнавози покзод*
*Боз шӯре дар ниҳоди ман фитод.*

Ба тавсифҳову баҳоҳои ба ин монанд баланд сазовор гардидани ин шоҳасари адабиёти форс – тоҷик мувофиқи баршумурди аҳли таҳқиқ дар 2200 маврид шоҳид омадани оёти Қуръон ва шарҳ ёфтани беш аз 750 ҳадиси маъруфу муътабари набавӣ бетаъсир набояд бошад. Худи Мавлоно низ пеш аз дигарон иртиботи «Маснавӣ»-ро бо Қуръон ин тавр ифода кардааст:

*Ҳамчу Қуръон, к-ӯ ба маънӣ ҳафттӯст,*
*Хосрову омро матъам дар ӯст.*

Роҷеъ ба рӯзгору осори Мавлоно, бахусус «Маснавии маънавӣ», баъди ҷаҳони моддиро падруд гуфтани ӯ чи дар сарчашмаҳои илмию таърихӣ, чи дар тазкираҳо, чи дар осори як идда адабиётшиносону шарқшиносони ҷаҳон андешаҳои зиёде забту сабт ва радду бадал гардидаанд, ки дар ин муқаддима ҳамаи онҳоро омӯхтаву интиқодан баҳо додан ғайриимкон аст.Танҳо ҳаминро бояд ишора намуд, ки ин асар баъди дар як китоби бузургҳаҷм ба шакл даромадан то ба имрӯз диққати аҳли илму адаброҳар чӣ бештар ба худ ҷалб мекунад ва ҳамин «Маснавии маънавӣ»-ст, ки номи Мавлоноро шӯҳратёр кардаву тавони суханварияшро пайваста меафзояд. Ин асар дар вазни Рамали мусаддаси маҳзуф (фоилотун, фоилотун, фоилун: - V - - / - V - - / - V -)

навишта шуда, дар он масоили бисёри динию мазҳабӣ, фалсафӣ, тасаввуфӣ ва иҷтимоию сиёсии то рӯзгори эҷодкор ва гузашта аз ме замони пурмоҷарои мутафаккир акс ёфтааст.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ дар офаридани асари адабӣ ҳамеша аз такони ногаҳонии беруние бархурдор мегардид ва то он таконро ҷавоб нагӯяд, дилу ҷони худро осуда намедид. Яке аз чунин таконҳо таконе буд, ки Мавлоноро ба эҷоди «Маснавӣ» равона намуд ва ин такон ба вуҷуди ӯ тавассути мурид ва шайхи ҷомиъаи вай, ки он ҷомиъа баъдтар бо номи Мавлавия шуҳрат ёфт, Ҳусомуддини Чалабӣ ворид гардид.

Муҳаққиқини пешинаи мавлавишинос иртиботи ин ду шахсиятро ба эътибор гирифта, пеши худ суолҳо гузоштаанд, ки Ҳусомуддини Чалабӣ кист ва ӯ бо Мавлоно ва «Маснавӣ» чӣ иртибот дорад? Тақрибан ҳамаи ҷавобҳо ҳамоҳангу якранганд, ки дар заминаи муқаддимаи «Маснавӣ» ва матни он хулоса шудаанд, вагарна дар маохизи пешин дар ин бора камтар сухан рафтааст.

Номи комили ин шахс дар муқаддимаи «Маснавӣ» Ҳусомуддин Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳасан ал-Чалабӣ, маъруф ба Ибни Ахии Турк омадааст, ки аз афроди бонуфузи Қуния буд. Вай дар илму дониш пешқадам будааст, ки Мавлоно ӯро бо сифатҳои нек меситояд: «...пири пешвои орифон, раҳнамои расидан ба мартабаи яқин, фарёдраси халқ, амини дилҳову ақлҳо, супурдаи Худованд дар миёни офаридагон ва баргузида. Ӯ аз миёни халқ ва Боязиди ин рӯзгор ва Ҷунайди ин замона ва марде ростин дар мартабаи Абӯбакр...».

Ҳусомуддини Чалабӣ, аз решапайвандони тариқати «футувват» - ҷавонмардӣ аст, ки бобову аҷдоди ӯ ин тариқатро хеле пештар дар Осиёи Сағир бо унвони «ахӣ» ҷорӣ ва амалӣ карда буданд.

Тариқаи «ахӣ»-и Осиёи Сағир асосан дар миёни аҳли заҳмат, бахусус ҳунармандони марказҳои сераҳолӣ паҳн шуда, нуфузи зиёде дошт. Дар Қунияи он замон дар радифи тариқати «ахиён» ҷомиъаи «Мавлавия» шуҳрату овоза пайдо карда буд, ки дар миёни онҳо ахиёне низ ба Мавлоно эътиқоду эҳтироми

худро бо ҳар роҳу васила ва ёриҳои бедареғи амалӣ нишон медоданд. Ба эҳтимоли тамом дар ин миён Ҳусомуддини аз ҳар ҷиҳат тарбиятёфтаву бакамолрасида низ буд.

Дар ҷавонии Ҳусомуддин падараш, ки сардори «ахиён»-и диёр буд, аз дунё мегузарад ва тамоми арбоби «футувват» ӯро назди худ ба сифати сарвар даъват мекунанд. Зеро ҳамаи «акобири ҷавонмардон тарбиятёфтаи бобову аҷдоди ӯ буданд». Тавре муҳаққиқи эронӣ Муҳаммади Дайҳим ишора менамояд, «Ҳусомуддин даъватро пазируфт ва бо ҷамъи ҷавонони ин тариқат ба хидмати Мавлоно расид ва рӯй ба ҳазрати ӯ ниҳод ва хидмати он ҳазратро ихтиёр кард».

Бо расидан ба хидмати Мавлоно иродати Ҳусомуддин ба ин шахсияти фавқулодда нотакрор беш аз пеш меафзояд. Ҷалолуддин низ ихлосмандии худро нисбат ба ӯ дар байни ҷомиъаи худ кушоду равшан баён медошт.Вақте Ҳусомуддини Чалабӣ тақрибан соли 1258 м. ба хидмати Ҷалолуддини Румӣ омад, аз устод хоҳиш намуд, то ӯ доир ба масъалаҳои нозуки тасаввуф, нукоти душворфаҳму торики динию фалсафӣ дар либоси шеър, бо забони ба фаҳм наздик, андешаҳои ҷолиби худро дар асаре ифода намояд. Ҳамин аст, ки гӯё Мавлоно дар охирҳои соли 1259 м. ба эҷоди «Маснавӣ» оғоз намуд. Ба гумони мо ин баҳонае буд, ки шоир ба таълифи асари худ шурӯъ кунад. Суханвари орифе, ки ҳанӯз дар баччагияш маснавии «Асрорнома»-ро аз мусаннифи он ҳадя гирифта, тамоми давраи таълиму омӯзишу андӯзиш «Ҳадиқа»-и Санойии Ғазнавӣ, «Мантиқу-т-тайр»-и Шайх Аттору дигар осори ӯ, офаридаҳои орифони суханвари зиёди то аҳди худро хондаву бо онҳо ошноӣ дошт, бегумон дар ниҳонхонаи қалб орзуи офаридани чунин як шоҳасареро мепарварид ва он ишораи шогирду ҳамкории пайвастаи ӯ бо устод борвар омад.

Мавлонои Рум дар тӯли беш аз даҳ сол ин маснавии бузургро дар шаш дафтар гуфтааст, ки мувофиқи маълумоти мавҷуда ҳамаи онро шоири тавоно бадоҳатан эҷод мекарду Ҳусомуддин ва дигар шогирдону муридони ӯ китобат менамуданд. Дафтари шашуми «Маснавӣ» тақрибан дар қисматҳои баанҷомрасӣ дар нимаи ҳикояте қатъ мегардад ва бо ҳамин ин манзумаи бузург нотамом монда. «Аз ин ҷо

тахмин кардан мумкин аст, ки – менависад профессор Расул Ҳодизода, Ҷалолуддин то дами марг ба гуфтани «Маснавии маънавӣ» машғул будааст».

Дар баробари нотамом мондани дафтари шашуми «Маснавӣ» дар мавлавишиносӣ ба ишораҳое дучор меоем, ки гӯё Мавлоно дафтари ҳафтуми шоҳасари худро гуфта будаасту бо мурури замон он аз ҷамъи шаш дафтар берун афтода. Аммо ин гумоне беш нест, зеро худи муаллиф дар дафтари шашум тамоми «Маснавӣ»-ро шаш дафтар दониста, нияти дар ҳамин дафтар ҷамъбаст кардани андешаҳову нуктаи таммат гузоштанро доштааст. Ӯ ба ин маънӣ ба Ҳусомуддини Чалабӣ чунин ишорае дорад:

*Эй ҳаёти дил, Ҳусомуддин, басе*
*Майл меҷӯшад ба қисми содисе,*
*Гашт аз ҷазби чу ту алломае*
*Дар ҷаҳон гардон «Ҳусоминома»-е.*
*Пешкаш меорамат, эй маънавӣ,*
*Қисми содис дар тамоми «Маснавӣ».*

Агар ба байти охири мисоли фавқ ҷиддан таваҷҷуҳ шавад ва ба калимаи «тамом» хосса, метавон умқи масъалагузории Мавлоноро ва бад-ин васила қисмати охирин будани дафтари шашумро дар тамоми ин асар дарёфт. Мақсади Ҷалалуддини Румӣ аз «Маснавӣ»-ро дар шаш дафтар гуфтан он бошад, ки ӯ ба ҳастии дунё, ба ҳастии ҳаёту мамот, ба ҳастии зиндагии Инсон, ки аз шаш ҷиҳат – замину осмон ва чаҳор тарафи олам – Шарқу Ғарб ва Ҷанубу Шимол иборат аст, бо нигоҳи илмӣ дар ҷомаи бадеъ баҳо додан будааст. Ин ҳам як далели мантиқист, ки Мавлоно мебоист асари худро дар ҳамин шаш дафтар ҷамъбаст намояду ба хидмати ҷомеъа пешкаш созад. Ҳайфо, дафтари шашум нотамом монд…

Роҷеъ ба маъонию муҳтаво ва бунёди фикрию иҷтимоъии «Маснавӣ» аз ҳар масойили мухталифи дар рӯзгор будаву дар ин асар забту сабтшуда оғоз намоему бигӯему бинависем, боз ҳам мебинем, ки нуктае ё андешае аз нӯки қалами мо афтода. Дар фарҳанги ҷаҳонӣ камтар китобе то бад-ин ҳад саршори

маъонии баланд ва андешаву мазомини ба ҳам печида аст. Гӯё «Маснавӣ зиндагиро бо ҳама шодию ғам, бешу кам, шӯру шар, барору нобарориҳо, гармию сардӣ, фарозу нишебҳо, тавонгарию нотавонӣ, покию нопокӣ, баҳору хазон, доройию муфлисӣ ва ғайраву ғайраҳои зиёде дар худ таҷассум намудааст.

Ба андешаи Мавлоно танҳо хешро дидану хештанпараст будан ҳунар нест, балки дар баробари худ дар ҷамъият дигаронро дида тавонистан, ки дар ин андеша асосан ахлоқи ирфонии суханвар матраҳ шудааст, муҳим аст:

*Бар хешпараст ҳамчу хорем,*
*Бар дӯстпараст чун ҳарирем.*

Мавсуф ғофилмондагони ҷабҳаҳои зиндагиро мазаммат намуда, мегӯяд:

*Сел омаду бурд хуфтагонро,*
*Ман ташна будам, намегунудам.*

Ва огоҳона таъкид менамояд:

*Халқро зери гунбади даввор*
*Чашмҳо кӯр, диданӣ бисёр.*

Адиби баркамол одамонро андарз медиҳад:

*Дил наёромад зи гуфтори дурӯғ,*
*Обу равған ҳеч нафрӯзад фурӯғ.*

❂ ❂ ❂

*Гуфт пайғамбар: - Адоват аз хирад*
*Беҳтар аз меҳре, ки аз ҷоҳил расад.*

❂ ❂ ❂

*Гар ҷаҳон пурбарф гардад сар ба сар,*
*Тоби хур бигдозадаш бо як назар.*

❁ ❁ ❁

Хуштар он бошад, ки сирри дилбарон
Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон.

❁ ❁ ❁

Рӯҳ бо илм асту бо ақл аст ёр,
Рӯҳро бо тоҷику турке чӣ кор?!

❁ ❁ ❁

Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,
Аз муҳаббат миссҳо заррин шавад.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ бо эҷоди «Маснавӣ» тавонист шавқҳое ба дилҳои маъюс ангезад, савдоҳои сархуше ба сарҳои саргардон ворид созад ва гармиҳои зиндагибахше ба ҷонҳои сарду афсурда бахшад. Агар ба саросари мавзӯъу муҳтавои ин асари ҳикмат ворид шавем, мебинем, ки бо фикри волову кору талоши мусанниф ва ёрони ҳамфикраш гӯшҳо шунаво, чашмҳо соҳиббасират, забонҳо гӯё, дил моломоли шавқи озодӣ шуданд. Вақте ба «Маснавӣ» ва ҷараёни зиндагию осори Мавлоно назари амиқ меафканем, ба ин натиҷа мерасем, ки бузургтарин дарди ӯ дарди дину мазҳаб ва мардум буда. Ӯ ҳам мардумашро мешинохту ҳам дину мазҳабашро ва ҳам дарди муштараки худ ва ҷомиъаро. Мусташриқи Ҳинд Халифа Абдулҳаким ба мазмуну мундариҷаи «Маснавӣ» баҳои арзишмандеро қойил шуда, менависад, ки «Таҳқиқ дар бораи Мавлавӣ на танҳо аз ин ҷиҳат ҷолиб аст, ки ӯ бузургтарин шоири ирфонии исломист, балки аз ин ҷиҳат, ки ҳеҷ масъалае аз масойили ҳаёти фалсафӣ ва динӣ нест, ки вай бад-он напардохта бошад. Таҳқиқ дар бораи Мавлавӣ таҳқиқ дар бораи беҳтарин дастовардҳои ҳаёти фалсафӣ ва динӣ дар ислом аст».

Мавлонои Рум дар эҷоди «Маснавӣ» шоирест бо диду тафаккури илмӣ. Биниши вай дар саросари «Маснавӣ» бинишест олимона ва ӯ хостааст бо ҳамин роҳ илмро бо ҳунар бипайвандад ва дар ин роҳ тавфиқ ёфтааст. Бале, Мавлоно бо диде олимона ба масойил менигарад ва таҷрибаро пояи кору

андешаи худ қарор медиҳад. Ӯ ба «чашм» чандон итминон надорад. Шунидаҳоро ҳам бовар намекунад. Ҷалолуддини Балхии Румӣ дар «Маснавӣ» на аз нусха, балки аз асли зиндагӣ сухан мегӯяд ва бештар ҳақиқати диданаш душворро ба тасвир мекашад. Қиссаи бозаргон ва тӯтии маҳбуси ӯ, қиссаи макри харгӯш бар шер, рафтани рӯбоҳ ба хидмати шер ба шикор, ҳикояти ба иёдати ҳамсояи ранҷури хеш рафтани кар аз дафтари аввал, ҳикояти гум кардани шоҳ бозро ва дарёфтан дар хонаи кампир, қиссаи гирифтор шудани боз миёни ҷуғдон ба вайрона аз дафтари дувум, ҳикояти фирефтани рустойӣ шаҳриро аз дафтари севум, қиссаи зани палидкор ва шохи амрудбун аз дафтари чаҳорум, қиссаи оҳу ва охурони харон, ҳикояти макри рӯбоҳ бар хар аз дафтари панҷум ва ғайра бозгӯйи андешаи фавқанд. Шоир дар ҳамин замина сӯфиёни муртаҷеъ ва мутаассибони ношудро зери тозиёнаи танқид мегирад ва мақоми Инсонро дар ҷойгоҳи олӣ қарор медиҳад. Мавлоно ба низоъҳои динию мазҳабӣ сахт муқобил баромада, ваҳдату муҳаббатро байни одамон талқин менамояд. Андешаҳои ин суханвари асил дойир ба масойили офариниши олам, ҳаракати моддию ҳамбастагии ҳаводиси олам хеле ҷолиб мебошад.

Ҷалолуддини Румӣ дар асари худ ба баъзе нукоти таълимоти дини ислом, ба оятҳои Қуръон ва ҳадисҳо даст зада, онҳоро бо зеҳни фалсафию сӯфиёнаи худ тафсиру тавзеҳ медиҳад ва ҳар чӣ бештар ба фаҳм наздик месозад. Ҳамчунин «Маснавӣ» қомуси пурарзиши суханони ҳикматомез, мақолу зарбулмасал, панду мавъиза буда, шоир дар асараш аз ҳикоёти мардуми форсизабону туркнажод, аз тамсилу қиссаҳои халқу қавмҳои дину мазҳабашон гуногун хеле бисёр истифода кардааст. Баъзе ҳикоёти тамсилии «Маснавӣ» дар алоҳидагӣ асари тамомшударо мемонанд, ки ба ҳамаи талаботи як асари комили бадеъӣ ҷавоб додан метавонад.

Бояд ёдовар шуд, ки «Маснавии маънавӣ» ба таври умум як асари хеле мураккаб буда, вусъати назар ва баландии андешаи муаллифи он бесобиқа мебошад. Дар фаҳми ин асри пурмуаммо ошноии ҳамаҷониба бо фарҳанги исломӣ ва зарофатҳои хосси форсизабонон корро осон месозад. Ҳамзамон

донистани таърихи фалсафаи Шарқ ва тафаккури исломӣ низ дар кушодани гиреҳҳои мушкилписанду печидаи «Маснавӣ» таъсири амиқе доранд, ки инро набояд нодида гирифт.

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ баробари истифода намудани маъонии ғанӣ дар «Маснавӣ» ба хазинаи забони он низ таваҷҷуҳи махсус равона намудааст. Дарёфту бардошти калимаву таркибу иборот барои ифодаи маънӣ ва огоҳона истифода гардидани онҳо дар ин асар омӯзишу таҳқиқи доманадору алоҳидаест, бо он ки дойир ба забони «Маснавӣ» то ба имрӯз андешаҳое баён ёфтаанду корҳои зиёди илмие анҷом пазируфтаанд. «Маснавӣ» ҳамроҳ бо сохтору оройиши бадеъӣ дар корбурди забон ҳам як падидае истиснойист ва дар он суханофарӣ ба мартабаи камол аст. Забони ин асар дар маҷмӯъ забони суханварони аҳди шоир буда, ба зарурати муҳтавову матолиби он мусанниф дар каломи худ аз истилоҳоти фиқҳу калом, тасаввуф, оёти қуръонию аҳодис, таъбироти адаби арабӣ ва ғайра истифода намудааст. Илова ба истилоҳоту таркиботи арабӣ бо тақозои муҳити зист дар Осиёи Сағир дар «Маснавии маънавӣ» миқдоре калимаҳои юнонӣ ва туркӣ роҳ ёфтаанд. Мавлоно дар зарурат барои ҷой намудани маъонии бикр дар қолаби вазну қавофӣ гоҳе калимаҳоро мешиканад, феълҳоро новобаста ба замони гузаштаву дар ҳол ё оянда истифода менамояд, аз калимаҳои сода маъонии тоза меофарад ва ғайра. Забони «Маснавӣ» забони зинда ва дар ҳаракати дойимист.

Дар алоқамандию робитаи сарояндаи «Маснавӣ» бо осори суханварони сутурги пешин низ метавон авроқи зиёдеро зеби рақам кард. Мавлоно пеш аз он ки ба сурудани ин асари пурмуаммо оғоз намояд, он қадар омӯхтаасту андӯхтааст, ки дар ин боб маҷоли ҳарф задан нест. Худи ӯ бо эҷоди асараш собит сохтааст, ки чӣ дониши воло ва чӣ фаҳму фаросати баланде дошта. Бо ин ҳама қудрату тавон, ки Мавлоно дар «Маснавӣ» намойиш додааст, худро пайраву муриди Саноии Ғазнавӣ ва Аттори Нишопурӣ медонад, ки гуфтааст:

*Аттор рӯҳ буду Санойӣ ду чашми ӯ,*
*Мо аз пайи Санойию Аттор омадем.*

Дар ин маврид метавон таъсири Шайх Фаридуддин Атторро ба Мавлоно алоҳида таъкид кард, зеро баъзе ҳикояҳои халқие, ки Шайхи Нишопурӣ дар осораш мухтасаран оварда буд, дар «Маснавии маънавӣ» бо афзудаҳо комилтар дармеёбем.

«Маснавии маънавӣ» минбаъд на танҳо ба суханварон, балки ба ҷамоъаи ҷаҳонӣ бетаъсир намонд. Шарқшиносон дар тамоми нуқоти олам аз Мавлоно Ҷалолуддини Балхии Румӣ ва осори ӯ ёд мекунанд, мардум тавассути матни аслу тарҷумаи мухтасар ё муфассал аз офаридаҳои килки сеҳрангези шоир баҳра мебардоранд. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ дар ҷойи дигар бо овози баланд ва меҳру муҳаббати саршор нисбат ба пири маънавии худ мегӯяд:

*Нуктаҳо аз пири Рум омӯхтам,*
*Хешро дар ҳарфи ӯ восӯхтам.*
*Боз бархонам зи файзи пири Рум*
*Дафтари сарбаста – асрори улум.*

Ҳамин тавр, агар мо ҷамъи ҷуставу дарёфтаҳо, андешаву ақойиди дар «Маснавӣ» омадаро аз тамоми «Маснавӣ» берун оварда, ба сурати як пайкара ё як мактаби тарбиявию иҷтимоъӣ ифода созем, дар ин пайкара устухонбандӣ ва риштаи иртиботи дарунӣ мисли «дастгоҳи гардиши хун ё аъсоб вуҷуд дорад», ки тамоми ин шоҳасарро ба ҳам мепайвандад ва ба ривоёти тамсилӣ, ояҳову ҳадисҳо, латифаҳову ҳикоёт ва бардоштҳои маънавии Мавлоно аз зиндагӣ як шӯри бардавом мебахшад. Ин риштаи иртиботу алоқамандӣ хатти аслии андешаҳои Ҷалолуддини Балхии Румӣ «дар бораи ин ҷаҳон ва мовароъи ин ҷаҳон аст» - мегӯяд доктор Муҳаммад Истеъломӣ дар муқаддимаи ба матни «Маснавӣ» навиштаи худ, ки ҳақ ба ҷониби ӯст.

Аз «Маснавии маънавӣ» нусхаи бешумори қаламӣ маҳфуз монда, ки онҳо дар китобхонаи мамолики зиёди дунё нигаҳдорӣ мешаванд. Бори нахуст матни илмӣ-интиқодии «Маснавӣ»-ро олими инглис Р.А.Николсон анҷом дода, солҳои 1925-1937 м. ба табъ расонид. Ин матн аз 25632 байт

иборат мебошад. Минбаъд дар Эрон матни комили асар ва қисматҳои алоҳидаи он чандин дафъа нашр гардид, ки матни таҳиякардаи дуктур Муҳаммад Истеъмолӣ, дуктур Абдулкарими Суруш ва матни дар заминаи матни Р.А.Николсон тайёрнамудаи Азизуллоҳи Косиб аз он ҷумлаанд. Дар Тоҷикистон «Ҳикояҳои халқии «Маснавӣ» соли 1963 дар интихобу таҳияи Расул Ҳодизода чоп шуда, дар чанд шумораи маҷаллаи «Фарҳанг» дафтари аввали он дастраси ниёзмандон гардида буд. «Маснавии маънавӣ» дар диёри мо – Тоҷикистон бори нахуст соли 2001 бо кӯшиш ҳамин таҳиягарон омодаи чоп гардида, тавассути интишороти «Замон»-и Теҳрон ба теъдоди 2000 нусха нашр ва пешкаши алоқамандон шуд. Баъдтар, соли 2008 ба истиқболи 800-умин солгарди бузургдошти Мавлоно дар Қуния, бо ташаббуси шаҳрдории он боз матни кириллии асар бо сифати баланд дар шакли эҳдоӣ интишор ёфт, ки кори он низ бар дӯши мо буд.

Дар таҳия намудани ин китоби бузург илова бар матнҳои фавқуззикр аз нусхаи дастнависи «Маснавӣ», ки зери рақами 2243 дар Ганҷинаи осори хаттии Институти шарқшиносӣ ва мероси хаттии АУ Тоҷикистон нигаҳдорӣ мешаваду рӯзи охири моҳи зулҳиҷҷаи соли 863 ҳ., баробар ба 27 октябри соли 1459 м. китобати он анҷом пазируфтааст, истифода шуд.

Матни ҳозир ба ҳуруфи кириллӣ дар заминаи радду бадал ва муқойисаи мутуни мавҷуда фарогири 25685 байт буда, дафтари якум аз 4018 байт, дафтари дувум аз 3826 байт, дафтари севум аз 4813 байт, дафтари чаҳорум аз 3856 байт, дафтари панҷум аз 4241 байт ва дафтари шашум аз 4631 байт иборат аст.

Баргардони матни «Маснавӣ» аз хатти ниёкон ба хатти кириллӣ, агарчи дар зоҳир кори саҳл менамояд, дар асл сахт душвор аст. Бо марҳамати Эзад мо ба худ ҷуръат додем ва ба ин кор даст задем, то манфиъате ба маърифати ҷомиъаи худ бирасонем.Зимни баргардони матн душвориҳои зиёде, монанди: қойидаҳои хоссаи садонокҳои кӯтоҳу дароз дар хатти кириллии тоҷикӣ, услуби хосси забони «Маснавӣ», қойидаҳои алоҳидаи истифодаи қофияву радиф дар «Маснавӣ», ҳамқофияву ҳамвазн шудани ҷуфти садонокҳои и-е: у-ӯ: ӣ-э, нуқсонҳои хатти кириллӣ дар ифодаи осори

манзуми адабиёти форс-тоҷик, дар мавридҳои гуногун аз нигоҳи вазн кӯтоҳу дароз шудани баъзе вожаҳо ( кӯҳ – куҳ, сӯй – суй, бӯстон – бустон ва ғ.), таъйини нутқи айнан ва мазмунан нақлшуда, дар нохунак овардани вожаву иборот ва оёти Қуръон, таркибҳои арабӣ ин душвориҳо дар таҳияи матн ба эътибор гирифта шудааст. Матни ҳозир, ки бори дигар дар муқоиса бо нусхаҳои муътамади форсӣ тасҳеҳ шудааст, аз ду матни пешинаи таҳиянамудаи мо ба хотири бори дигар ҷиддан таҷдиди назар шуданаш бояд камиштибоҳтар бошад. Бо ин ҳама, ки мавриди назари таҳиягарон буданд, иддиъои онро надорем, ки кор бидуни иштибоҳот сурат гирифта бошад, зеро ба қавли маъруф «ҳамон кас иштибоҳе намекунад, ки коре намекунад».

Дар охири матни «Маснавӣ» барои ба хонанда расонидани ёрии амалӣ «Луғатномаи мухтасар» пешниҳод мегардад. Шояд суоле пеш ояд, ки «Чаро луғатномаи мухтасар, на муфассал?». Ва илова бар ин «мебойист ин шоҳасар бо тавзеҳоти зарурӣ чоп мешуд!». Бояд гуфт, ки агар бар матни «Маснавӣ» луғату тавзеҳоти муфассал илова мегардид, он дар ҷилди ба нақша гирифташуда намегунҷид. Мақсади мураттибон дар ин мавридд, пеш аз ҳама, таҳияву чоп намудани матни комили «Маснавии маънавӣ»-ст, на тавзеҳ бастан ба он. Ниёзмандон метавонанд ҳангоми зарурат ба фарҳангҳои зиёди нашршуда дар Эрону Тоҷикистон ва шарҳҳои зиёди «Маснавӣ», ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон чоп шудаанд ва имрӯз дар диёрамон онҳоро аз китобхонаҳои марказӣ метавон ба осонӣ дарёфт кард, мурочиъат намоянд.

***Алии Муҳаммадии Хуросонӣ***
***Баҳриддин Ализода***

**МАСНАВӢ**

# ДАФТАРИ АВВАЛ

***Бисми-л-лоҳи-р-раҳмони-р-раҳим***

# МУҚАДДИМАИ ДАФТАРИ АВВАЛ

Ҳозо китобу-л-Маснавӣ; ва ҳува усулу усули усули-д-дин фӣ кашфи асрори-л-вусули ва-л-яқин; ва ҳува фиқҳу-л-Лоҳи-л-акбар ва шаръу-л-Лоҳи-л-азҳар ва бурҳону-л-Лоҳи-л-азҳар; масалу нуриҳи ка мишкотин фиҳо мисбоҳун, юшриқу ишроқан анвара мина-л-асбоҳ; ва ҳува ҷинону-л-ҷанони, зу-л-ъуюни ва-л-ағсони, минҳо ъайнун тусаммо ъинда абнои ҳоза-с-сабили Салсабило ва ъинда асҳоби-л-мақомоти ва-л-каромоти хайрун мақоман ва аҳсану мақило; ал-аброру фиҳи яъкулуна ва яшрибуна ва-л-аҳрору минҳу яфраҳуна ва ятрабуна; ва ҳува ка Нили Мисра шаробун ли-с-собирина ва ҳасратун ъало оли Фиръавна ва-л-кофирина, камо қола таъоло: юзиллу биҳи касиран ва яҳдӣ биҳи касиран; ва иннаҳу шифоу-с-судури ва ҷалоу-л-аҳзон ва кашшофу-л-Қуръон ва саъату-л-азроқи ва татъибу-л-ахлоқи; би айдӣ сафаратин, киромин барарартин, ямнаъуна би ан ло ямассуҳу илло-л-мутаҳҳарун; танзилун мин Рабби-л-ъоламин; ло яътиҳи-л-ботилу мин байни ядайҳи ва ло мин халфиҳи. Ва-л-Лоҳу ярсудуҳу ва яркубуҳу; ва Ҳува хайрун ҳофизан ва ҳува Арҳаму-р-роҳимин. Ва лаҳу алқобун ухару лаққабаҳу-л-Лоҳу Таъоло; ва-қтасарно ъало ҳоза-л-қалил; ва-л-қалилу ядуллу ъала-л-касир; ва-л-ҷуръату тадуллу ъала-л-қалил; ва-л-ҳуфнату тадуллу ъала-л-байдари-л-кабир. Якулу-л-ъабду-з-заъифу-л-муҳтоҷу ило раҳмати-л-Лоҳи Таъоло Муҳаммаду-бну Муҳаммади-бни-л-Ҳусайни-л-Балхӣ, тақаббала-л-Лоҳу минҳу; иҷтаҳадту фӣ татвили-л-манзуми-л-Маснавиййи-л-муштамили ъала-л-ғароиби ва-н-наводири ва ғурари-л-мақолоти ва дурари-д-далолоти ва тариқати-з-зуҳҳоди ва ҳадиқати-л-ъуббоди, қасирату-л-мабонӣ, касирату-л-маъонӣ; ли-стидъои саййидӣ ва санадӣ ва мӯътамадӣ; ва макони-р-руҳи мин ҷасадӣ; ва захирати явмӣ ва ғадӣ; ва ҳува-ш-шайху қудрату-л-ъорифин, имому аҳли-л-ҳудо ва-л-яқин, муғису-л-варо, амину-л-қулуби ва-н-нуҳо, вадиъату-л-Лоҳи байна халифатиҳи ва сафватиҳи фӣ барийятиҳи; ва васоёҳу ли набиййиҳи ва хабоёҳу ъинда сафиййиҳи; мифтоҳу

хазоини-л-Ъарши, амину кунузи-л-фарши, Абу-л-фазоили Ҳусому-л-ҳаққи ва-д-дин Ҳасану-бну Муҳаммади-бни Ҳасани-л-маъруфи би Ибни Ахӣ Турк, Абу Язиди-л-вақти, Ҷунайду-з-замони, Сиддиқу-бну Сиддиқи-бни Сиддиқи, разияллоҳу ъанҳу ва ъанҳуму-л-Урмавийю-л-асли-л-мунтаса¬бу ила-ш-шайхи-л-мукаррами би мо қола: амсайту курдийян ва асбаҳту ъарабийян, қаддаса-л-Лоҳу рӯҳаҳу ва арвоҳа ахлофиҳи. Фа ниъма-с-салафу ва ниъма-л-халафу. Лаҳу насабун алқати-ш-шамсу ъалайҳи ридоаҳо; ва ҳасабун архати-н-нуҷуму ладайҳи азвоаҳо; лам язал финоуҳум қиблата-л-иқболи, ятаваҷҷаҳу илайҳо бану-л-вулоти ва Каъбату-л-омоли ятуфу биҳо вуфуди-л-ъуфоти; ва ло зола казолика мо талаъа наҷмун ва зарра шориқун ли якуна муътасаман ли улӣ-л-басоири-р-рабониййина-р-руҳониййина-с-самоиййина-л-ъаршиййина-н-нуриййина; ас-суккати-н-нуззори; ал-ғуйяби-л-ҳуззори; ал-мулуки таҳта-л-атмори; ашрофу-л-қабоили, асҳобу-л-фазоили, анвору-д-далоили. Омин, ё Рабба-л-ъоламин. Ва ҳозо дуъоун ло юрадду фа иннаҳу дуъоун ли аснофи-л-барийяти шомилун. Ва-л-ҳамду ли-л-Лоҳи Ваҳдаҳу ва салла-л-Лоҳу ъало саййидино Муҳаммадин ва олиҳи ва ъитратиҳи-т-таййибина-т-тоҳирина ва ҳасбуно-л-Лоҳу ва ниъма-л-вакил.

## ТАРҶУМАИ МУҚАДДИМАИ ДАФТАРИ АВВАЛ

Ин китоби «Маснавӣ» аст, ки усули усули усули дин аст. Дар бораи кашфи розҳои вусул ба ҳақиқат ва расидан ба мартабаи яқин аст. Ва дониши бузурги худовандӣ аст. Ва роҳи равшани худопарастӣ аст. Ва ошкортарин бурҳони худошиносӣ аст. «Рӯшноии он монанди фонусест, ки дар он чароғе бошад», чароғе, ки равшантар аз бомдодон нур бияфшонад. Ин китоб биҳишти дил аст, чашмаҳо ва шохсороне дорад ва аз он миён чашмаест, ки равандагони ин роҳ ба он «Салсабил» мегӯянд ва соҳибони мақомот ва каромот ин биҳиштро барои мондан ва осоиши рӯҳ беҳтарин ҷой медонанд. Некон дар ин биҳишт мехуранду менӯшанд ва озодагон аз он кушодахотиру шодмон мешаванд. Ин китоб чун рӯди Нил барои шикебоён нӯшидание

гуворо ва барои фиръавниён ва худоношиносон рашку ҳасрат аст, чунонки дар каломи Худо мехонем: «Ба он бисёре аз касонро гумроҳ мекунад ва бисёреро ба роҳ меоварад» ва ин китоб дармони синаҳои дардманд аст ва зудояндаи зангҳои андӯҳ ва розгушои Қуръон ва фаровонкунандаи рӯзиҳои маънавӣ ва мӯҷиби поксозии хӯйи одамиён, «ба шарти он ки дар дасти паёмгузорони бузургвору некӯкор бошад», ки нагузоранд «ҷуз покон касе ба он даст бизанад» ва бадонанд, ки «ин фурудомада аз сӯйи Парвардгори ҷаҳониён аст» ва «пеша аз он ё пас аз он ҳеч сухани дигаре, онро дигаргун ё мансух нахоҳад кард» ва Худованд ин китобро нигоҳ медорад «ва ӯ беҳтарин нигаҳдоранда ва аз ҳамаи меҳрбонон нармдилтар аст». Барои ин «Маснавӣ» алқоби дигаре ҳам ҳаст, ки Худованд бар он ниҳодааст ва мо ба ҳамин мухтасар суханро кӯтоҳ кардем ва ин мухтасар худ нишонаи бисёр аст ва ин ҷуръа ба обгире раҳ менамояд ва ин як мушт сухан аз хирмани гарон мегӯяд.

Ин бандаи нотавон ниёзманд ба раҳмати Худои баландпоя, Муҳаммад ибни Муҳаммад ибни Ҳусайни Балхӣ, ки Худо бандагии ӯро қабул кунад, мегӯяд: «Ман дар татвили ин китоби манзуми «Маснавӣ» кӯшидаам, китобе, ки шомили достонҳои шигифту нодир, суханони дурахшон ва раҳнамойиҳои равшан аст. Ин китоб аз тариқати парҳезгорон сухан мегӯяд ва бӯстони худопарастон аст; шолудаҳои сухан дар он мухтасару кӯтоҳ ва маъонии онҳо бисёр аст. Ин кӯшишро ман ба дархости касе кардаам, ки сарвар, такягоҳ ва муътамади ман аст ва порае аз пайкари ман аст, ки дар он рӯҳи ман ҷой дорад ва захираи имрӯзу фардои ман аст ва ӯ пири пешвои орифон, раҳнамои расидан ба мартабаи яқин, фарёдраси халқ, амини дилҳову ақлҳо, супурдаи Худованд дар миёни офаридагон ва баргузидаи ӯ аз миёни халқ ва ҷилвагоҳи васоёест, ки Худо бар паёмбараш фармуда ва асроре, ки бо бандаи хосси даргоҳаш дар миён ниҳода, калиди ганҷинаҳои Арш ва амини ганҷҳои ин ҷаҳон Абулфазойил Ҳусомулҳақ ва-д-дин Ҳасан ибни Муҳаммад ибни Ҳасан маъруф ба Ибни Ахии турк аст. Боязиди ин рӯзгор ва Ҷунайди ин замона ва марде ростин дар мартабаи Абӯбакр аст ва падару аҷдодаш

низ чунин будаанд, ки Худованд аз ӯ ва аз ҳамаи онҳо хушнуд бод! Дар асл аз мардуми Урумия аст ва аз тариқи ин сухани маъруф, ки «ба ҳангоми хуфтан курд будам ва бомдодон араб бархостам», нисбате ба шайхи бузургворе дорад, ки гӯяндаи ин сухан аст – Худо равони он шайху фарзандони ӯро пок бидорад ва ин падару фарзанд чӣ салафу халафи некӯе ҳастанд. Ҳусомуддин насабе дорад, ки хуршед ҷомаи худро бар он афгандааст ва ҳасабе дорад, ки ахтарон рӯшноии худро ба пешгоҳаш афшондаанд. Ҳамвора даргоҳи ин хонадон қиблагоҳи таваҷҷуҳи дигарон будааст ва ҳамвора фарзандони соҳибони вилояти маънавӣ ба он рӯй меоваранд ва Каъбаи орзуҳост, ки хосторони лутф гирди он мегарданд.

Умед, ки ҳамвора, то ситорае медурахшад ва ахтаре метобад, ин даргоҳ паноҳе бошад барои онҳо, ки соҳиби басиратанд ва раббонию рӯҳонию осмонию аршию нурониянд, онҳо ки дигарон дар наззораи онҳо хомӯш мемонанд, ғойибоне, ки ҳузур доранд, хусравоне, ки дар ҷомаҳои мундарисанд ва нуҷабои воқеии ҷамооти мардуманд ва соҳибони фазилатанд ва рӯшноиҳои раҳнамояндаанд. Эй Парвардгори ҷаҳониён, ин дуъои маро бипазир ва ин дуъоест, ки пазируфта хоҳад буд, зеро ҳамаи гурӯҳҳои халкро дар бар мегирад. Ва ситоиш Худои ягонаро ва дуруди Худо ба сарвари мо Муҳаммад ва пайравонашу хонадонаш. Ва Худо моро бас аст ва коргузоре нек аст.

Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад,
Аз ҷудойиҳо шикоят мекунад,
К-аз найистон то маро бибридаанд,
Дар нафирам марду зан нолидаанд.
Сина хоҳам, шарҳа–шарҳа аз фироқ,
То бигӯям шарҳи дарди иштиёқ.
Ҳар касе, к-ӯ дур монд аз асли хеш,
Боз ҷӯяд рӯзгори васли хеш.
Ман ба ҳар ҷамъийяте нолон шудам,
Ҷуфти бадҳолону хушҳолон шудам.
Ҳар касе аз занни худ шуд ёри ман,
Аз даруни ман наҷуст асрори ман.

Сирри ман аз нолаи ман дур нест,
Лек чашму гӯшро он нур нест.
Тан зи ҷону ҷон зи тан мастур нест,
Лек касро диди ҷон дастур нест.
Оташ аст ин бонги нойу нест бод,
Ҳар кӣ ин оташ надорад, нест бод!
Оташи ишқ аст, к-андар най фитод,
Ҷӯшиши ишқ аст, к-андар май фитод.
Най ҳарифи ҳар кӣ аз ёре бурид,
Пардаҳояш пардаҳои мо дарид.
Ҳамчу най заҳреву тарёқе кӣ дид?
Ҳамчу най дамсозу муштоқе кӣ дид?
Най ҳадиси роҳи пурхун мекунад,
Қиссаҳои ишқи Маҷнун мекунад.
Маҳрами ин ҳуш ҷуз беҳуш нест,
Мар забонро муштарӣ ҷуз гӯш нест.
Дар ғами мо рӯзҳо бегоҳ шуд,
Рӯзҳо бо сӯзҳо ҳамроҳ шуд.
Рӯзҳо гар рафт, гӯ: «Рав, бок нест,
Ту бимон, эй он ки чун ту пок нест».
Ҳар кӣ ҷуз моҳӣ, зи обаш сер шуд,
Ҳар кӣ берӯзист, рӯзаш дер шуд.
Дарнаёбад ҳоли пухта ҳеч хом,
Пас, сухан кӯтоҳ бояд, вассалом!
Банд бигсил, бош озод, эй писар!
Чанд бошӣ банди симу банди зар?
Гар бирезӣ баҳрро дар кӯзае,
Чанд гунҷад? Қисмати якрӯзае.
Кӯзаи чашми ҳарисон пур нашуд,
То садаф қонеъ нашуд, пурдур нашуд.
Ҳар киро ҷома зи ишқе чок шуд,
Ӯ зи ҳирсу айб куллӣ пок шуд.
Шод бош, эй ишқи хушсавдои мо!
Эй табиби ҷумла иллатҳои мо!
Эй давои нахвату номуси мо!
Эй ту Афлотуну Ҷолинуси мо!
Ҷисми хок аз ишқ бар афлок шуд,
Кӯҳ дар рақс омаду чолок шуд.

Ишқ ҷони Тур омад, ошиқо!
Тур масту «харра Мӯсо соиқо».
Бо лаби дамсози худ гар ҷуфтаме,
Ҳамчу най ман гуфтаниҳо гуфтаме.
Ҳар кӣ ӯ аз ҳамзабоне шуд ҷудо,
Безабон шуд, гарчи дорад сад наво.
Чунки гул рафту гулистон даргузашт,
Нашнавӣ з-он пас зи булбул саргузашт.
Ҷумла маъшуқ асту ошиқ пардае,
Зинда маъшуқ асту ошиқ мурдае.
Чун набошад ишқро парвои ӯ,
Ӯ чу мурғе монд бепар, вои ӯ.
Ман чӣ гуна ҳуш дорам пешу пас,
Чун набошад нури ёрам пешу пас?
Ишқ хоҳад, к-ин сухан берун бувад,
Ойина ғаммоз набвад, чун бувад?
Ойина-т донӣ, чаро ғаммоз нест?
З-он ки зангор аз рухаш мумтоз нест.

## Ошиқ шудани подшоҳ бар канизаки ранҷур ва тадбир кардан дар сиҳҳати ӯ

Бишнавед, эй дӯстон, ин достон,
Худ ҳақиқат, накди ҳоли мост он:
Буд шоҳе дар замоне пеш аз ин,
Мулки дунё будашу ҳам мулки дин.
Иттифоқо, шоҳ рӯзе шуд савор
Бо хавоси хеш аз баҳри шикор.
Як канизак дид шаҳ бар шоҳроҳ,
Шуд ғуломи он канизак подшоҳ.
Мурғи ҷонаш дар қафас чун метапид,
Дод молу он канизакро харид.
Чун харид ӯрову бархурдор шуд,
Он канизак аз қазо бемор шуд.
Он яке хар дошт, полонаш набуд,
Ёфт полон, гург харро даррабуд.
Кӯза будаш, об меномад ба даст,
Обро чун ёфт, худ кӯза шикаст.

Шаҳ табибон ҷамъ кард аз чаппу рост,
Гуфт: «Ҷони ҳар ду дар дасти шумост».
Ҷони ман сахл аст, ҷони ҷонам ӯст,
Дардманду хастаам, дармонам ӯст.
Ҳар кӣ дармон кард мар ҷони маро,
Бурд ганҷу дурру марҷони маро.
Ҷумла гуфтандаш, ки ҷонбозӣ кунем,
Фаҳм гирд орему анбозӣ кунем,
Ҳар яке аз мо Масеҳи оламест,
Ҳар аламро дар кафи мо марҳамест».
«Гар Худо хоҳад» нагуфтанд аз батар,
Пас, Худо бинмудашон аҷзи башар.
Тарки «истисно» муродам қасватест,
На ҳамин гуфтан, ки ориз ҳолатест.
Эй басо н-оварда «истисно» ба гуфт,
Ҷони ӯ бо ҷони «истисно»-ст ҷуфт.
Ҳар чӣ карданд аз илоҷу аз даво,
Гашт ранҷ афзуну ҳоҷат нораво.
Он канизак аз мараз чун мӯй шуд,
Чашми шаҳ аз ашки хун чун ҷӯй шуд.
Аз қазо сиркангубин сафро фузуд,
Равғани бодом хушкӣ менамуд.
Аз ҳалила қабз шуд, итлоқ рафт,
Об оташро мадад шуд ҳамчу нафт.

## Зоҳир шудани аҷзи ҳакимон аз муолиҷаи канизак ва рӯй овардани подшоҳ ба даргоҳи Илоҳ ва дар хоб дидани ӯ валиеро

Шаҳ чу аҷзи он ҳакимонро бидид,
Побараҳна ҷониби масҷид давид.
Рафт дар масҷид, суи меҳроб шуд,
Саҷдагоҳ аз ашки шаҳ пуроб шуд.
Чун ба хеш омад зи ғарқоби фано
Хуш забон бигшод дар мадҳу дуъо,
К-Эй камина бахшишат мулки ҷаҳон,
Ман чӣ гӯям? Чун ту медонӣ ниҳон.

Эй ҳамеша ҳоҷати моро паноҳ,
Бори дигар мо ғалат кардем роҳ.
Лек гуфтӣ: «Гарчи медонам сират,
Зуд ҳам пайдо кунаш бар зоҳират».
Чун баровард аз миёни ҷон хурӯш,
Андаромад баҳри бахшоиш ба ҷӯш.
Дар миёни гиря хобаш даррабуд,
Дид дар хоб ӯ, ки пире рӯ намуд,
Гуфт: «Эй шаҳ, мужда, ҳоҷотат равост,
Гар ғарибе оядат фардо, зи мост.
Чунки ояд ӯ, ҳакими ҳозиқ аст,
Содиқаш дон, к-ӯ амину содиқ аст.
Дар илоҷаш сеҳри мутлақро бибин,
Дар мизоҷаш қудрати Ҳақро бибин».
Чун расид он ваъдагоҳу рӯз шуд,
Офтоб аз Шарқ ахтарсӯз шуд.
Буд андар манзара шаҳ мунтазир,
То бибинад, он чи бинмуданд сир.
Дид шахсе, фозиле, пурмояе,
Офтобе дар миёни сояе.
Мерасид аз дур монанди ҳилол,
Нест буду ҳаст бар шакли хаёл.
Нестваш бошад хаёл андар равон,
Ту ҷаҳоне бар хаёле бин равон:
Бар хаёле сулҳашону ҷангашон
В-аз хаёле фахрашону нангашон.
Он хаёлоте, ки доми авлиёст,
Акси маҳрӯёни бустони Худост.
Он хаёле, ки шаҳ андар хоб дид,
Дар рухи меҳмон ҳамеомад падид.
Шаҳ ба ҷойи ҳоҷибон фопеш рафт,
Пеши он меҳмони ғайби хеш рафт.
Ҳар ду баҳрӣ ошино омӯхта,
Ҳар ду ҷон бе дӯхтан бардӯхта.
Гуфт: «Маъшуқам ту будастӣ, на он,
Лек кор аз кор хезад дар ҷаҳон.
Эй маро ту Мустафо, ман чун Умар,
Аз барои хидматат бандам камар».

## Аз Худованди валиюттавфиқ дархостани тавфиқи риояти адаб дар ҳамаи ҳолҳо ва баён кардани вахомати зарарҳои беадабӣ

Аз Худо ҷӯем тавфиқи адаб,
Беадаб маҳрум гашт аз лутфи раб.
Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ дар ҳама офоқ зад.
Моида аз осмон дармерасид,
Бе широву байъу бе гуфту шунид.
Дар миёни қавми Мӯсо чанд кас
Беадаб, гуфтанд: «Ку сиру адас?»
Мунқатеъ шуд хону нон аз осмон,
Монд ранҷи заръу белу досамон.
Боз Исо, чун шафоат кард Ҳақ,
Хон фиристоду ғанимат бар табақ.
Боз густохон адаб бигзоштанд,
Чун гадоён заллаҳо бардоштанд.
Лоба карда Исӣ эшонро, ки ин
Доим асту кам нагардад аз замин,
Бадгумонӣ кардану ҳирсоварӣ
Куфр бошад пеши хони меҳтарӣ.
З-он гадорӯёни нодида зи оз
Он дари раҳмат бар эшон шуд фароз.
Абр бар н-ояд пайи манъи закот
В-аз зино афтад вабо андар ҷиҳот.
Ҳар чӣ бар ту ояд аз зулмоту ғам,
Он зи бебокиву густохист ҳам.
Ҳар кӣ бебокӣ кунад дар роҳи дӯст,
Раҳзани мардон шуду номард ӯст.
Аз адаб пурнур гаштаст ин фалак
В-аз адаб маъсуму пок омад малак.
Буд зи густохӣ кусуфи офтоб,
Шуд Азозиле зи ҷуръат радди боб.

## Мулоқоти подшоҳ бо он валӣ, ки дар хобаш намуданд

Даст бигшоду каноронаш гирифт,
Ҳамчу ишқ андар дилу ҷонаш гирифт.
Дасту пешониш бӯсидан гирифт
В-аз мақому роҳ пурсидан гирифт.
Пурс-пурсон мекашидаш то ба садр,
Гуфт: «Ганҷе ёфтам, аммо ба сабр».
Гуфт: «Эй нури Ҳаќу дафъи ҳараҷ!»
Маънии «Ас-сабру мифтоҳ-ул-фараҷ!»
Эй лиқои ту ҷавоби ҳар суол,
Мушкил аз ту ҳал шавад бе қилу қол.
Тарҷумонӣ, ҳар чӣ моро дар дил аст,
Дастгирӣ, ҳар кӣ пояш дар гил аст.
Марҳабо, ё муҷтабо, ё муртазо!
«Ин тағиб ҷоа-л-қазо зоқа-л-фазо.
Анта мавла-л-қавми ман ло йаштаҳи
Қад радо калло лаин лам йантаҳи».
Чун гузашт он маҷлису хони карам,
Дасти ӯ бигрифту бурд андар ҳарам.

## Бурдани подшоҳ он табибро бар сари бемор, то ҳоли ӯро бибинад

Қиссаи ранҷуру ранҷурӣ бихонд,
Баъд аз он дар пеши ранҷураш нишонд.
Ранги рӯю набзу қорура бидид,
Ҳам аломоташ, ҳам асбобаш шунид.
Гуфт: «Ҳар дору, ки эшон кардаанд,
Он иморат нест, вайрон кардаанд.
Бехабар буданд аз ҳоли дарун,
«Астаъизуллоҳа миммо йафтарун».
Дид ранҷу кашф шуд бар вай ниҳуфт,
Лек пинҳон карду бо султон нагуфт.
Ранҷаш аз сафрову аз савдо набуд,
Бӯйи ҳар ҳезум падид ояд зи дуд.

Дид аз зориш, к-ӯ зори дил аст,
Тан хуш асту ӯ гирифтори дил аст.
Ошиқӣ пайдост аз зории дил,
Нест беморӣ чу бемории дил.
Иллати ошиқ зи иллатҳо ҷудост,
Ишқ устурлоби асрори Худост.
Ошиқӣ гар зин сару гар з-он сар аст,
Оқибат моро бад-он сар раҳбар аст.
Ҳар чӣ гӯям ишқро шарҳу баён,
Чун ба ишқ оям, хиҷил бошам аз он.
Гарчи тафсири забон равшангар аст,
Лек ишқи безабон равшантар аст.
Чун қалам андар навиштан мешитофт,
Чун ба ишқ омад, қалам бар худ шикофт.
Ақл дар шарҳаш чу хар дар гил бихуфт,
Шарҳи ишқу ошиқӣ ҳам ишқ гуфт.
Офтоб омад далели офтоб,
Гар далелат бояд, аз вай рӯ матоб.
Аз вай ар соя нишоне медиҳад,
Шамс ҳар дам нури ҷоне медиҳад.
Соя хоб орад туро ҳамчун самар,
Чун бароя̄д шамс, иншаққа-л-қамар.
Худ ғарибе дар ҷаҳон чун Шамс нест,
Шамси ҷон боқист, ӯро амс нест.
Шамс дар хориҷ агарчи ҳаст фард,
Метавон ҳам мисли ӯ тасвир кард.
Лек шамсе, ки аз ӯ шуд, ҳаст асир,
Набвадаш дар зеҳну дар хориҷ назир.
Дар тасаввур зоти ӯро гунҷ ку?
То дарояд дар тасаввур мисли ӯ.
Чун ҳадиси рӯйи Шамсуддин расид,
Шамси чорум осмон сар даркашид.
Воҷиб ояд, чунки омад номи ӯ,
Шарҳ кардан рамзе аз инъоми ӯ.
Ин нафас, ҷон доманам бартофтаст,
Бӯйи пероҳони Юсуф ёфтаст,

К-аз барои ҳаққи суҳбат солҳо
Бозгӯ ҳоле аз он хушҳолҳо,
То замину осмон хандон шавад,
Ақлу рӯҳу дида садчандон шавад.
«Ло тукаллифнӣ фаиннИ фи-л-фано,
Каллат афҳомӣ фало уҳсӣ сано.
Куллу шайъин қолаҳу ғайру-л-муфиқ»,
Ин такаллаф ав тасаллаф, ло йалиқ».
Ман чӣ гӯям – як рагам ҳушёр нест,
Шарҳи он ёре, ки ӯро ёр нест.
Шарҳи ин ҳиҷрону ин хуни ҷигар
Ин замон бигзор то вақти дигар.
Қола: «Атъимнӣ фаиннӣ ҷоеъун
В-аътаҷил фа-л-вақту сайфун қотеъун».
Сӯфӣ ибнулвақт бошад, эй рафиқ,
Нест фардо гуфтан аз шарти тариқ.
Ту магар худ марди сӯфӣ нестӣ?
Ҳастро аз насия хезад нестӣ.
Гуфтамаш: «Пӯшида хуштар сирри ёр,
Худ ту дар зимни ҳикоят гӯш дор.
Хуштар он бошад, ки сирри дилбарон
Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон».
Гуфт: «Макшуфу бараҳна гӯй ин,
Ошкоро беҳ, ки пинҳон зикри дин.
Парда бардору бараҳна гӯ, ки ман
Менахусбам бо санам бо пераҳан».
Гуфтам: «Ар урён шавад ӯ дар аён,
На ту монӣ, на канорат, на миён.
Орзу мехоҳ, лек андоза хоҳ,
Барнатобад кӯҳро як барги коҳ.
Офтобе, к-аз вай ин олам фурӯхт,
Андаке гар пеш ояд, ҷумла сӯхт.
Фитнаву ошӯбу хунрезӣ маҷӯй,
Беш аз ин аз Шамси Табрезӣ магӯй.
Ин надорад охир, аз оғоз гӯй,
Рав, тамоми ин ҳикоят бозгӯй».

## Хилват талабидани он валӣ аз подшоҳ ҷиҳати дарёфтани ранҷи канизак

Гуфт: «Эй шаҳ, хилвате кун хонаро,
Дур кун ҳам хешу ҳам бегонаро.
Кас надорад гӯш дар даҳлезҳо,
То бипурсам з-ин канизак чизҳо. 145
Хона холӣ монду як дайёр на,
Ҷуз табибу ҷуз ҳамон бемор на.
Нарм-нармак гуфт: «Шаҳри ту куҷост?
Ки илоҷи аҳли ҳар шаҳре ҷудост.
В-андар он шаҳр аз қаробат кистат?
Хешию пайвастагӣ бо чистат?»
Даст бар набзаш ниҳоду як ба як
Бозмепурсид аз ҷаври фалак.
Чун касеро хор дар пояш ҷаҳад,
Пойи худро бар сари зону ниҳад. 150
В-аз сари сӯзан ҳамеҷӯяд сараш
В-ар наёбад, мекунад бо лаб тараш.
Хор дар по шуд чунин душворёб,
Хор дар дил чун бувад? Водеҳ ҷавоб.
Хори дилро гар бидидӣ ҳар хасе,
Даст кай будӣ ғамонро бар касе?
Кас ба зери думми хар хоре ниҳад,
Хар надонад дафъи он, бармеҷаҳад.
Барҷаҳад в-он хор муҳкамтар занад,
Оқиле бояд, ки хоре барканад. 155
Хар зи баҳри дафъи хор, аз сӯзу дард
Ҷуфта меандохт, сад ҷо захм кард.
Он ҳакими хорчин устод буд,
Даст мезад, ҷо ба ҷо меозмуд.
З-он канизак бар тариқи достон
Бозмепурсид ҳоли дӯстон.
Бо ҳаким ӯ қиссаҳо мегуфт фош
Аз мақому хоҷагону шаҳру бош.
Сӯйи қисса гуфтанаш медошт гӯш,
Сӯйи набзу ҷастанаш медошт ҳуш, 160

То ки набз аз номи кӣ гардад ҷаҳон,
Ӯ бувад мақсуди ҷонаш дар ҷаҳон.
Дӯстони шаҳри ӯро баршумурд,
Баъд аз он шаҳре дигарро ном бурд.
Гуфт: «Чун берун шудӣ аз шаҳри хеш,
Дар кадомин шаҳр будастӣ ту беш?»
Номи шаҳре гуфту з-он ҳам даргузашт,
Ранги рӯю набзи ӯ дигар нагашт.
Хоҷагону шаҳрҳоро як ба як
Бозгуфт, аз ҷою аз нону намак.
Шаҳр- шаҳру хона- хона қисса кард,
На рагаш ҷунбиду на рух гашт зард.
Набзи ӯ бар ҳоли худ буд бегазанд,
То бипурсид аз Самарқанди чу қанд.
Набз ҷасту рӯй сурху зард шуд,
К-аз самарқандии заргар фард шуд.
Чун зи ранҷур он ҳаким ин роз ёфт,
Асли он дарду балоро бозёфт.
Гуфт: «Кӯйи ӯ кадом андар гузар?»
Ӯ Сари пул гуфту кӯйи Ғотифар.
Гуфт: «донистам, ки ранҷат чист, зуд
Дар халосат сеҳрҳо хоҳам намуд.
Шод бошу фориғу омин, ки ман
Он кунам бо ту, ки борон бо чаман.
Ман ғами ту мехурам, ту ғам мах(в)ар,
Бар ту ман мушфиқтарам аз сад падар.
Ҳону ҳон! Ин розро бо кас магӯ,
Гарчи аз ту шаҳ кунад бас ҷустуҷӯ.
Гӯрхонай рози ту чун дил шавад,
Он муродат зудтар ҳосил шавад.
Гуфт пайғамбар, ки ҳар кӣ сир ниҳуфт,
Зуд гардад бо муроди хеш ҷуфт.
Дона чун андар замин пинҳон шавад,
Сирри ӯ сарсабзии бустон шавад.
Зарру нуқра гар набудандӣ ниҳон,
Парвариш кай ёфтандӣ зери кон?
Ваъдаҳову лутфҳои он ҳаким
Кард он ранҷурро эмин зи бим.

Ваъдаҳо бошад ҳақиқӣ, дилпазир,
Ваъдаҳо бошад маҷозӣ, тосагир.
Ваъдаи аҳли карам ганҷи равон,
Ваъдаи ноаҳл шуд ранҷи равон.

## Дарёфтани он валӣ ранҷро ва арз кардани ранҷи ӯ пеши подшоҳ

Баъд аз он бархост, азми шоҳ кард,
Шоҳро з-он шаммае огоҳ кард.
Гуфт: «Тадбир он бувад, к-он мардро
Ҳозир орем аз пайи ин дардро.
Марди заргарро бихон з-он шаҳри дур,
Бо зару хилъат бидеҳ ӯро ғурур».
Чунки султон аз ҳаким онро шунид,
Панди ӯро аз дилу ҷон баргузид.

## Фиристодани подшоҳ расулон ба Самарқанд ба овардани заргар

Шаҳ фиристод он тараф як-ду расул,
Ҳозиқону кофиёни бас адул.
То Самарқанд омаданд он ду амир
Пеши он заргар зи шоҳаншаҳ башир,
К-эй латифустоди комилмаърифат!
Фош андар шаҳрҳо аз ту сифат.
Нак, фалон шаҳ аз барои заргарӣ
Ихтиёрат кард, зеро меҳтарӣ.
Инак ин хилъат бигиру зарру сим,
Чун биёӣ, хос бошию надим.
Мард молу хилъати бисёр дид,
Ғарра шуд, аз шаҳру фарзандон бурид.
Андаромад шодмон дар роҳ мард,
Бехабар, к-он шоҳ қасди ҷон-ш кард.
Аспи тозӣ барнишасту шод тохт,
Хунбаҳои хешро хилъат шинохт.

Эй шуда андар сафар бо сад ризо
Худ ба пойи хеш то сӯулқазо.
Дар хаёлаш мулку иззу меҳтарӣ,
Гуфт Азроил: «Рав, оре, барӣ».
Чун расид аз роҳ он марди ғариб,
Андаровардаш ба пеши шаҳ табиб.
Сӯйи шоҳаншоҳ бурдандаш ба ноз,
То бисӯзад бар сари шамъи Тароз.
Шоҳ дид ӯро, басе таъзим кард,
Махзани зарро бад-ӯ таслим кард.
Пас ҳакимаш гуфт, к-эй султони меҳ,
Он канизакро бад-ин хоҷа бидеҳ,
То канизак дар висолаш х(в)аш шавад,
Оби васлаш дафъи он оташ шавад.
Шаҳ бад-ӯ бахшид он маҳрӯйро,
Ҷуфт кард он ҳар ду суҳбатҷӯйро.
Муддати шаш моҳ меронданд ком,
То ба сиҳҳат омад он духтар тамом.
Баъд аз он аз баҳри ӯ шарбат бисохт,
То бихӯрду пеши духтар мегудохт.
Чун зи ранҷурӣ ҷамоли ӯ намонд,
Ҷони духтар дар ваболи ӯ намонд.
Чунки зишту нохушу рухзард шуд,
Андак-андак дар дили ӯ сард шуд.
Ишқҳое, к-аз пайи ранге бувад,
Ишқ набвад, оқибат нанге бувад.
Кош, к-он ҳам нанг будӣ яксарӣ,
То нарафтӣ бар вай он баддоварӣ.
Хун давид аз чашми ҳамчун ҷӯйи ӯ,
Душмани ҷони вай омад рӯйи ӯ.
Душмани товус омад парри ӯ,
Эй басе шаҳро бикушта фарри ӯ.
Гуфт: «Ман он оҳуям, к-аз нофи ман
Рехт ин сайёд хуни софи ман.
Эй ман он рӯбоҳи саҳро, к-аз камин
Сар буридандам барои пӯстин.
Эй ман он пиле, ки захми пилбон
Рехт хунам аз барои устухон.

Он ки куштастам, пайи модуни ман
Менадонад, ки нахуспад хуни ман.
Бар ман аст имрӯзу фардо бар вай аст,
Хуни чун ман кас чунин зоеъ кай аст?
Гарчи девор афганад сояй дароз,
Бозгардад сӯйи ӯ он соя боз.
Ин ҷаҳон кӯҳ асту феъли мо нидо,
Сӯйи мо ояд нидоҳоро садо».
Ин бигуфту рафт дар дам зери хок,
Он канизак шуд зи ишқу ранҷ пок,
З-он ки ишқи мурдагон поянда нест,
З-он ки мурда сӯйи мо оянда нест.
Ишқи зинда дар равону дар басар
Ҳар даме бошад зи ғунча тозатар.
Ишқи он зинда гузин, к-ӯ боқӣ аст,
В-аз шароби ҷонфизоят соқӣ аст.
Ишқи он бигзин, ки ҷумлай анбиё
Ёфтанд аз ишқи ӯ кору киё.
Ту магӯ: «Моро бад-он шаҳ бор нест»,
Бо каримон корҳо душвор нест.

## Баёни он ки куштан ва захр додани марди заргар ба ишорати илоҳӣ буд, на ба ҳавои нафс ва тааммули фосид

Куштани он мард бар дасти ҳаким
На пайи уммед буду на зи бим.
Ӯ накушташ аз барои табъи шоҳ,
То наёмад амру илҳоми Илоҳ.
Он писарро к-иш Хизир бибрид ҳалқ,
Сирри онро дарнаёбад оми халқ.
Он ки аз Ҳақ ёбад ӯ ваҳю ҷавоб,
Ҳар чӣ фармояд, бувад айни савоб.
Он ки ҷон бахшад, агар букшад, равост,
Ноиб асту дасти ӯ дасти Худост.
Ҳамчу Исмоил пешаш сар бинеҳ,
Шоду хандон пеши теғаш ҷон бидеҳ.

То бимонад ҷон-т хандон то абад,
Ҳамчу ҷони поки Аҳмад бо Аҳад.
Ошиқон он гаҳ шароби ҷон кашанд,
Ки ба дасти хеш хубоншон кушанд.
Шоҳ он хун аз пайи шаҳват накард,
Ту раҳо кун бадгумонию набард.
Ту гумон бурдӣ, ки кард олудагӣ,
Дар сафо ғиш кай ҳилад полудагӣ?
Баҳри он аст ин риёзат в-ин ҷафо,
То барорад кӯра аз нуқра ҷуфо.
Баҳри он аст имтиҳони неку бад,
То биҷӯшад, бар сар орад зар забад.
Гар набудӣ кораш илҳоми Илоҳ,
Ӯ саге будӣ даронанда, на шоҳ.
Пок буд аз шаҳвату ҳирсу ҳаво,
Нек кард ӯ, лек неки баднамо.
Гар Хизир дар баҳр киштиро шикаст,
Сад дурустӣ дар шикасти Хизр ҳаст.
Ваҳми Мӯсо бо ҳама нуру ҳунар
Шуд аз он маҳҷуб, ту бепар мапар.
Он гули сурх аст, ту хунаш махон,
Масти ақл аст ӯ, ту маҷнунаш махон.
Гар будӣ хуни мусулмон коми ӯ,
Кофирам, гар бурдаме ман номи ӯ.
Мебиларзад арш аз мадҳи шақӣ,
Бадгумон гардад зи мадҳаш муттақӣ.
Шоҳ буду шоҳи бас огоҳ буд,
Хос буду хосаи Аллоҳ буд.
Он касеро, к-аш чунин шоҳе кушад,
Сӯйи бахту беҳтарин ҷоҳе кашад.
Гар надидӣ суди ӯ дар қаҳри ӯ,
Кай шудӣ он лутфи мутлақ қаҳрҷӯ?
Бачча меларзад аз он неши ҳаҷом,
Модари мушфиқ дар он дам шодком.
Ними ҷон бистонаду сад ҷон диҳад,
Ончи дар ваҳмат наёяд, он диҳад.
Ту қиёс аз хеш мегирӣ, валек
Дури дур афтодаӣ, бингар ту нек.

## Ҳикояти баққолу тӯтӣ ва равған рехтани тӯтӣ дар дуккон

Буд баққолею вайро тӯтие,
Хушнавое, сабз, гӯё тӯтие.
Бар дукон будӣ нигаҳбони дукон,
Нукта гуфтӣ бо ҳама савдогарон.
Дар хитоби одамӣ нотиқ будӣ,
Дар навои тӯтиён ҳозиқ будӣ.
Ҷаст аз сӯйи дукон, сӯйе гурехт,
Шишаҳои равғани гулро бирехт.
Аз суйи хона биёмад хоҷааш,
Бар дукон биншаст фориғ, хоҷаваш.
Дид пурравған дукону ҷома чарб,
Бар сараш зад, гашт тӯтӣ кал зи зарб.
Рӯзаке чанде сухан кӯтоҳ кард,
Марди баққол аз надомат оҳ кард.
Риш бармеканду мегуфт: «Эй дареғ,
К-офтоби неъматам шуд зери меғ!
Дасти ман бишкаста будӣ он замон,
Ки задам ман бар сари он хушзабон!
Ҳадяҳо медод ҳар дарвешро,
То биёбад нутқи мурғи хешро.
Баъди се рӯзу се шаб ҳайрону зор
Бар дукон биншаста буд навмедвор.
Менамуд он мурғро ҳар гун ниҳуфт,
То ки бошад, андарояд ӯ ба гуфт.
Ҷавлақие сарбараҳна мегузашт,
Бо сари бемӯ, чу пушти тосу ташт.
Омад андар гуфт тӯтӣ он замон,
Бонг бар дарвеш зад чун оқилон,
К-аз чӣ, эй кал, бо калон омехтӣ?
Ту магар аз шиша равған рехтӣ?
Аз қиёсаш ханда омад халқро,
К-ӯ чу худ пиндошт соҳибдалқро.
Кори поконро қиёс аз худ магир,
Гарчи монад дар набиштан шеру шир.

Ҷумла олам з-ин сабаб гумроҳ шуд,
Кам касе з-абдоли Ҳақ огоҳ шуд.
Ҳамсарӣ бо анбиё бардоштанд,
Авлиёро ҳамчу худ пиндоштанд.
Гуфта: «Инак, мо башар, эшон башар,
Мову эшон бастаи хобему х(в)ар».
Ин надонистанд эшон аз амо,
Ҳаст фарқе дар миён бемунтаҳо.
Ҳар ду гун занбӯр хӯрданд аз маҳал,
Лек шуд з-он нешу з-ин дигар асал.
Ҳар ду гун оҳу гиё хӯрданду об,
З-ин яке саргин шуду з-он мушки ноб.
Ҳар ду най хӯрданд аз як обх(в)ар,
Ин яке холию он пур аз шакар.
Сад ҳазорон инчунин ашбоҳ бин,
Фарқашон ҳафтодсола роҳ бин.
Ин хурад, гардад палидӣ з-ӯ ҷудо,
Он хурад, гардад ҳама нури Худо.
Ин хурад, зояд ҳама бухлу ҳасад
В-он хурад, зояд ҳама нури Аҳад.
Ин замини поку он шӯр асту бад,
Ин фариштай поку он дев асту дад.
Ҳар ду сурат гар ба ҳам монад, равост,
Оби талху оби ширинро сафост.
Ҷуз ки соҳибзавқ, кӣ шносад? Биёб,
Ӯ шиносад оби хуш аз шӯраоб.
Сеҳрро бо муъҷиза карда қиёс,
Ҳар дуро бар макр пиндорад асос.
Соҳирони Мӯсӣ аз истезаро
Баргирифта чун асои ӯ асо.
З-ин асо то он асо фарқест жарф,
З-ин амал то он амал роҳе шигарф.
Лаънатуллоҳ ин амалро дар қафо,
Раҳматуллоҳ он амалро дар вафо.
Кофирон андар мирӣ бӯзинатабъ,
Офате омад даруни сина табъ.
Ҳар чӣ мардум мекунад, бӯзина ҳам

Он кунад, к-аз мард бинад дам ба дам.
Ӯ гумон бурда, ки ман кардам чу ӯ,
Фарқро кай донад он истезарӯ?
Ин кунад аз амр в-ӯ баҳри ситез,
Бар сари истезарӯён хок рез.
Он мунофиқ бо мувофиқ дар намоз
Аз пайи истеза ояд, на ниёз.
Дар намозу рӯзаву ҳаҷҷу закот
Бо мунофиқ муъминон дар бурду мот.
Муъминонро бурд бошад оқибат,
Бар мунофиқ мот андар охират.
Гарчи ҳар ду бар сари як бозиянд,
Ҳар ду бо ҳам марвазию розиянд.
Ҳар яке сӯйи мақоми худ равад,
Ҳар яке бар вифқи номи худ равад.
Муъминаш хонанд, ҷонаш х(в)аш шавад
В-ар мунофиқ, тезу пуроташ шавад.
Номи ӯ маҳбуб аз зоти вай аст,
Номи ин мабғуз аз офоти вай аст.
«Мим»-у «вов»-у «мим»-у «нун» ташриф нест,
Лафзи «муъмин» ҷуз пайи таъриф нест.
Гар мунофиқ хонияш, ин номи дун
Ҳамчу каждум мехалад дар андарун.
Гар на ин ном иштиқоқи дӯзах аст,
Пас, чаро дар вай мазоқи дӯзах аст?!
Зиштии он номи бад аз ҳарф нест,
Талхии он оби баҳр аз зарф нест.
Ҳарф зарф омад, дар ӯ маънӣ чу об,
Баҳри маънӣ, индаҳу Уммулкитоб.
Баҳри талху баҳри ширин дар ҷаҳон
Дар миёншон «барзахун ло ябғиён».
В-он гаҳ ин ҳар ду зи як асле равон,
Баргузар з-ин ҳар ду, рав то асли он.
Зарри қалбу зарри некӯ дар иёр,
Бе миҳак ҳаргиз надонӣ з-эътибор.
Ҳар киро дар ҷон Худо бинҳад миҳак,
Ҳар яқинро боздонад ӯ зи шак.

Дар даҳони зинда хошоке ҷаҳад,
Он гаҳ оромад, ки берунаш ниҳад.
Дар ҳазорон луқма як хошоки хурд
Чун даромад, ҳисси зинда пай бибурд.
Ҳисси дунё нардбони ин ҷаҳон,
Ҳисси динӣ нардбони осмон.
Сиҳҳати ин ҳис биҷӯед аз табиб,
Сиҳҳати он ҳис биҷӯед аз ҳабиб.
Сиҳҳати ин ҳис зи маъмурии тан,
Сиҳҳати он ҳис зи тахриби бадан.
Роҳи ҷон мар ҷисмро вайрон кунад,
Баъд аз он вайронӣ ободон кунад.
Кард вайрон хона баҳри ганҷи зар
В-аз ҳамон ганҷаш кунад маъмуртар.
Обро бибриду ҷӯро пок кард,
Баъд аз он дар ҷӯ равон кард оби х(в)ард.
Пӯстро бишкофт, пайконро кашид,
Пусти тоза баъд аз онаш бардамид.
Қалъа вайрон карду аз кофир ситад,
Баъд аз он барсохташ сад бурҷу сад.
Кори бечунро кӣ кайфият ниҳад?
Ин ки гуфтам, ин зарурат медиҳад.
Гаҳ чунин бинмояду гаҳ зидди ин,
Ҷуз ки ҳайронӣ набошад кори дин.
На чунон ҳайрон, ки пушташ сӯйи ӯст,
Бал чунон ҳайрону ғарқу масти дӯст.
Он якеро рӯйи ӯ шуд сӯйи дӯст
В-он якеро рӯйи ӯ худ рӯйи ӯст.
Рӯйи ҳар як менигар, медор пос,
Бу, ки гардӣ ту зи хидмат рӯшинос.
Чун басе Иблиси одамрӯй ҳаст,
Пас, ба ҳар дасте нашояд дод даст.
З-он ки сайёд оварад бонги сафир,
То фиребад мурғро он мурғгир.
Бишнавад он мурғ бонги ҷинси хеш,
Аз ҳаво ояд, биёбад дому неш.
Ҳарфи дарвешон бидуздад марди дун,
То бихонад бар салиме з-он фусун.

Кори мардон равшанию гармӣ аст,
Кори дунон ҳилаву бешармӣ аст.
Шер пашмин аз барои гад кунанд,
Бӯмусайлимро лақаб Аҳмад кунанд.
Бӯмусайлимро лақаб «каззоб» монд,
Мар Муҳаммадро «улулалбоб» монд.
Он шароби Ҳақ хитомаш мушки ноб,
Бодаро хатмаш бувад ганду азоб.

## Донистани он подшоҳи ҷуҳуд, ки насрониёнро мекушт аз баҳри таассуб

Буд шоҳе дар ҷуҳудон зулмсоз,
Душмани Исову насронигудоз.
Аҳди Исо буду навбат они ӯ,
Ҷони Мӯсо ӯву Мӯсо ҷони ӯ.
Шоҳи аҳвал кард дар роҳи Худо
Он ду дамсози худоиро ҷудо.
Гуфт устод аҳвалеро, к-андаро,
Рав, бурун ор аз вусоқ он шишаро.
Гуфт аҳвал: «З-он ду шиша ман кадом
Пеши ту орам? Бикун шарҳи тамом».
Гуфт устод: «Он ду шиша нест, рав,
Аҳвалӣ бигзору афзунбин машав».
Гуфт: «Эй усто, маро таъна мазан»,
Гуфт усто: «З-он ду якро даршикан».
Чун яке бишкаст, ҳар ду шуд зи чашм,
Мард аҳвал гардад аз майлону хашм.
Шиша як буду ба чашмаш ду намуд,
Чун шикаст ӯ шишаро, дигар набуд.
Хашму шаҳват мардро аҳвал кунад,
З-истиқомат рӯҳро мубдал кунад.
Чун ғараз омад, ҳунар пӯшида шуд,
Сад ҳиҷоб аз дил ба сӯйи дида шуд.
Чун диҳад қозӣ ба дил ришват қарор,
Кай шиносад золим аз мазлуми зор?
Шоҳ аз ҳиқди ҷуҳудона чунон
Гашт аҳвал, к-ал-амон, ё раб, амон.

Сад ҳазорон муъмини мазлум кушт,
Ки паноҳам дини Мӯсорову пушт.

## Омӯхтани вазир макр подшоҳро

Ӯ вазире дошт, габру ишвадеҳ,
К-ӯ бар об аз макр барбастӣ гиреҳ.
Гуфт: «Тарсоён паноҳи ҷон кунанд,
Дини худро аз малик пинҳон кунанд.
Кам куш эшонро, ки куштан суд нест,
Дин надорад бӯй, мушку уд нест.
Сир пинҳон аст андар сад ғилоф,
Зоҳираш бо тусту ботин бар хилоф».
Шоҳ гуфташ: «Пас, бигӯ, тадбир чист?
Чораи он макру он тазвир чист?
То намонад дар ҷаҳон насроние,
Не ҳувайдодину на пинҳоние».
Гуфт: «Эй шаҳ, гӯшу дастамро бибур,
Биниям бишкофу лаб, дар ҳукми мур.
Баъд аз он дар зери дор овар маро,
То бихоҳад як шафоатгар маро.
Бар мунодигоҳ кун ин кор ту,
Бар сари роҳе, ки бошад чорсӯ.
Он гаҳам аз худ бирон то шаҳри дур,
То дарандозам дар эшон шарру шӯр».

## Талбиси вазир бо насоро

Пас бигӯям ман ба сир, насрониям,
Эй Худои роздон, медониям.
Шоҳ воқиф гашт аз имони ман
В-аз таассуб кард қасди ҷони ман.
Хостам, то дин зи шаҳ пинҳон кунам,
Он ки дини ӯст, зоҳир он кунам.
Шоҳ бӯе бурд аз асрори ман,
Муттаҳам шуд пеши шаҳ гуфтори ман.
Гуфт: «Гуфти ту чу дар нон сӯзан аст,
Аз дили ман то дили ту равзан аст.

Ман аз он равзан бидидам ҳоли ту,
Ҳоли ту дидам, нанушам қоли ту.
Гар набудӣ ҷони Исо чораам,
Ӯ ҷуҳудона бикардӣ пораам.
Баҳри Исо ҷон супорам, сар диҳам,
Сад ҳазорон миннаташ бар худ ниҳам.
Ҷон дареғам нест аз Исо, валек
Воқифам бар илми динаш нек-нек.
Ҳайф меомад маро, к-он дини пок
Дар миёни ҷоҳилон гардад ҳалок.
Шукр Эздрову Исоро, ки мо
Гаштаем он кеши Ҳақро раҳнамо.
Аз ҷуҳуду аз ҷуҳудӣ растаем,
То ба зунноре миёнро бастаем.
Давр даври Исӣ аст, эй мардумон,
Бишнавед асрори кеши ӯ ба ҷон».
Кард бо вай шоҳ он коре, ки гуфт,
Халқ ҳайрон монда з-он макри ниҳуфт.
Ронд ӯро ҷониби насрониён,
Кард дар даъват шурӯъ ӯ баъд аз он.

## Қабул кардани насоро макри вазирро

Сад ҳазорон марди тарсо сӯйи ӯ
Андак-андак ҷамъ шуд дар кӯйи ӯ.
Ӯ баён мекард бо эшон ба роз
Сирри Ангалюну зуннору намоз.
Ӯ ба зоҳир воизи аҳком буд,
Лек дар ботин сафиру дом буд.
Баҳри ин баъзе саҳоба аз расул
Мултамис буданд макри нафси ғӯл,
К-ӯ чӣ омезад зи ағрози ниҳон
Дар ибодатҳову дар ихлоси ҷон?
Фазли тоатро наҷустандӣ аз ӯ,
Айби зоҳирро биҷустандӣ, ки ку?
Мӯ ба мӯву зарра- зарра макри нафс
Мешиносиданд чун гул аз карафс.

Мӯшикофони саҳоба ҳам дар он
Ваъзи эшон хира гаштандӣ ба ҷон.

## Мутобиати насоро вазирро

Дил бад-ӯ доданд тарсоён тамом,
Худ чӣ бошад қуввати тақлиди ом!
Дар даруни сина меҳраш коштанд,
Ноиби Исо-ш мепиндоштанд.
Ӯ ба сир Даҷҷоли якчашми лаъин,
Эй Худо, фарёд рас, ниъмулмуъин!
Сад ҳазорон дому дона-ст, эй Худо,
Мо чу мурғони ҳариси бенаво.
Дам ба дам мо бастаи доми навем,
Ҳар яке, гар бозу симурғе шавем.
Мераҳонӣ ҳар даме морову боз
Сӯйи доме меравем, эй бениёз.
Мо дар ин анбор гандум мекунем,
Гандуми ҷамъомада гум мекунем.
Менаяндешем охир мо ба ҳуш,
К-ин халал дар гандум аст аз макри муш.
Муш то анбори мо ҳуфра задаст
В-аз фанаш анбори мо вайрон шудаст.
Аввал, эй ҷон, дафъи шарри муш кун
В-он гаҳон дар ҷамъи гандум ҷӯш кун.
Бишнав аз ахбори он садруссудур:
«Ло салота тамма илло билҳузур».
Гар на муше дузд дар анбори мост,
Гандуми аъмоли чилсола куҷост?
Реза-реза сидқи ҳаррӯза чаро
Ҷамъ меноят дар ин анбори мо?
Бас ситорай оташ аз оҳан ҷаҳид
В-он дили сӯзида пазруфту кашид.
Лек дар зулмат яке дузде ниҳон,
Мениҳад ангушт бар историгон.
Мекушад исторагонро як ба як,
То ки нафрӯзад чароғе аз фалак.

Гар ҳазорон дом бошад дар қадам,
Чун ту бо мойӣ, набошад ҳеҷ ғам.
Чун иноётат бувад бо мо муқим,
Кай бувад биме аз он дузди лаим?
Ҳар шабе аз доми тан арвоҳро
Мераҳонӣ, мекани алвоҳро.
Мераҳанд арвоҳ ҳар шаб з-ин қафас,
Фориғон, на ҳокиму маҳкуми кас.
Шаб зи зиндон бехабар зиндониён,
Шаб зи давлат бехабар султониён.
На ғаму андешаи суду зиён,
На хаёли ин фалону он фалон.
Ҳоли ориф ин бувад бехоб ҳам,
Гуфт Эзад: «Ҳум руқудун» з-ин марам.
Хуфта аз аҳволи дунё рӯзу шаб
Чун қалам дар панҷаи тақлиби раб.
Он ки ӯ панҷа набинад дар рақам,
Феъл пиндорад ба ҷунбиш аз қалам.
Шаммае з-ин ҳоли ориф вонамуд,
Ақлро ҳам хоби ҳиссӣ даррабуд.
Рафта дар саҳрои бечун ҷонашон,
Рӯҳашон осудаву абдонашон.
В-аз сафире боз дом андаркашӣ,
Ҷумларо дар доду дар довар кашӣ.
Чунки нури субҳдам сар барзанад,
Каргаси заррини гардун пар занад.
Фоликуласбоҳ исрофилвор
Ҷумларо дар сурат орад з-он диёр.
Рӯҳҳои мунбаситро тан кунад,
Ҳар танеро боз обистан кунад.
Аспи ҷонро мекунад орӣ зи зин,
Сирри «аннавму аху-л-мавт» аст ин.
Лек баҳри он ки рӯз оянд боз,
Барниҳад бар пояшон банди дароз,
То ки рӯзаш вокашад з-он марғзор
В-аз чарогоҳ орадаш дар зери бор.
Кош чун Асҳоби Каҳф ин рӯҳро
Ҳифз кардӣ ё чу киштӣ Нӯҳро,

То аз ин тӯфони бедорию ҳуш
Ворaҳидӣ ин замиру чашму гӯш.
Эй басе Асҳоби Каҳф андар ҷаҳон
Паҳлуи ту, пеши ту ҳаст ин замон.
Ёр бо ӯ, ғор бо ӯ дар суруд,
Муҳр бар чашм асту бар гӯшат, чӣ суд!

## Қиссаи дидани халифа Лайлиро

Гуфт Лайлиро халифа, к-он туви,
К-аз ту Маҷнун шуд парешону ғавӣ.
Аз дигар хубон ту афзун нестӣ!
Гуфт: «Хомуш, чун ту Маҷнун нестӣ».
Ҳар кӣ бедор аст, ӯ дархобтар,
Ҳаст бедориш аз хобаш батар.
Чун ба Ҳақ бедор набвад ҷони мо,
Ҳаст бедорӣ чу дарбандони мо.
Ҷон ҳама рӯз аз лагадкӯби хаёл
В-аз зиёну суд в-аз хавфи завол
Не сафо мемонадаш, не лутфу фар,
Не ба сӯйи осмон роҳи сафар.
Хуфта он бошад, ки ӯ аз ҳар хаёл
Дорад уммеду кунад бо ӯ мақол.
Девро чун ҳур бинад ӯ ба хоб,
Пас зи шаҳват резад ӯ бо дев об.
Чунки тухми наслро дар шӯра рехт,
Ӯ ба хеш омад, хаёл аз вай гурехт.
Заъфи сар бинад аз ону тан палид,
Оҳ аз он нақши падиди нопадид.
Мурғ бар болову зер он сояаш
Медавад бар хок паррон, мурғваш.
Аблаҳе сайёди он соя шавад,
Медавад чандон, ки бемоя шавад.
Бехабар, к-он акси он мурғи ҳавост,
Бехабар, ки асли он соя куҷост.
Тир андозад ба сӯйи соя ӯ,
Таркашаш холӣ шавад аз ҷустуҷӯ.

Таркаши умраш тиҳӣ шуд, умр рафт
Аз давидан дар шикори соя тафт.
Сояи Яздон, чу бошад дояаш,
Вораҳонад аз хаёлу сояаш.
Сояи Яздон бувад бандай Худо,
Мурда ӯ з-ин оламу зиндай Худо.
Домани ӯ гир зутар, бегумон,
То раҳӣ дар домани охирзамон.
«Кайфа маддаззилла» нақши авлиёст
К-ӯ далели нури хуршеди Худост.
Андар ин водӣ марав бе ин далел,
«Ло уҳиббу-л-офилин» гӯ чун Халил.
Рав, зи соя офтоберо биёб,
Домани шаҳ Шамси Табрезӣ битоб.
Раҳ надонӣ ҷониби ин суру урс,
Аз Зиёулҳақ Ҳусомуддин бипурс.
В-ар ҳасад гирад туро дар раҳ гулӯ,
Дар ҳасад Иблисро бошад ғулӯ,
К-ӯ зи Одам нанг дорад аз ҳасад,
Бо саодат ҷанг дорад аз ҳасад.
Ақбае з-ин саъбтар дар роҳ нест,
Эй хунук, он к-иш ҳасад ҳамроҳ нест.
Ин ҷасад, хонай ҳасад омад, бидон,
Аз ҳасад олуда бошад хонадон.
Гар ҷасад хонай ҳасад бошад, валек
Он ҷасадро пок кард Аллоҳ нек.
«Таҳҳиро байтӣ» баёни покӣ аст,
Ганҷи нур аст, ар тилисмаш хокӣ аст.
Чун кунӣ бар беҳасад макру ҳасад,
З-он ҳасад дилро сиёҳиҳо расад.
Хок шав мардони Ҳақро зери по,
Хок бар сар кун ҳасадро ҳамчу мо.

## Баёни ҳасади вазир

Он вазирак аз ҳасад будаш нажод,
То ба ботил гӯшу бинӣ бод дод.

Бар уммеди он ки аз неши ҳасад
Заҳри ӯ дар ҷони мискинон расад.
Ҳар касе, к-ӯ аз ҳасад бинӣ кунад,
Хешро бегӯшу бебинӣ кунад.
Бинӣ он бошад, ки ӯ бӯе барад,
Бӯй ӯро ҷониби кӯйе барад.
Ҳар кӣ бӯяш нест, бебинӣ бувад,
Бӯй он бӯй аст, к-он динӣ бувад.
Чунки бӯйе бурду шукри он накард,
Куфри неъмат омаду бинӣ-ш х(в)ард.
Шукр кун, мар шокиронро банда бош,
Пеши эшон мурда шав, поянда бош.
Чун вазир аз раҳзанӣ моя масоз,
Халқро ту бармаёвар аз намоз.
Носеҳи дин гашта он кофир вазир,
Карда ӯ аз макр дар гавзина сир.

## Фаҳм кардани ҳозиқони насоро макри вазирро

Ҳар кӣ соҳибзавқ буд, аз гуфти ӯ
Лаззате медиду талхӣ ҷуфти ӯ.
Нуктаҳо мегуфт ӯ омехта,
Дар ҷулоби қанд заҳре рехта.
Зоҳираш мегуфт: «Дар раҳ чуст шав»
В-аз асар мегуфт ҷонро: «Суст шав».
Зоҳири нуқра гар испед асту ну,
Дасту ҷома ме сияҳ гардад аз ӯ.
Оташ арчи сурхрӯй аст аз шарар,
Ту зи феъли ӯ сияҳкорӣ нигар.
Барқ агар нуре намояд дар назар,
Лек ҳаст аз хосият дузди басар.
Ҳар кӣ ҷуз огоҳу соҳибзавқ буд,
Гуфти ӯ дар гардани ӯ тавқ буд.
Мудатти шаш сол дар ҳиҷрони шоҳ
Шуд вазир атбоъи Исоро паноҳ.
Дину дилро, кул бад-ӯ биспурд халқ,
Пеши амру ҳукми ӯ мемурд халқ.

## Пайғоми шоҳ пинҳон бо вазир

Дар миёни шоҳу ӯ пайғомҳо,
Шоҳро пинҳон бад-ӯ оромҳо.
Охируламр аз барои ин мурод,
То диҳад чун хок эшонро ба бод,
Пеши ӯ бинвишт шаҳ, к-эй муқбилам,
Вақт омад, зуд фориғ кун дилам.
Гуфт: «Инак андар он корам, шаҳо,
К-афганам дар дини Исо фитнаҳо».

## Баёни дувоздаҳ сибт аз насоро

Қавми Исоро буд андар дору гир,
Ҳокимоншон даҳ амиру ду амир.
Ҳар фариқе мар амиреро табаъ
Банда гашта мири худро аз тамаъ.
Ин даҳу ин ду амиру қавмашон
Гашта банди он вазири баднишон.
Эътимоди ҷумла бар гуфтори ӯ,
Иқтидои ҷумла бар рафтори ӯ.
Пеши ӯ дар вақту соат ҳар амир
Ҷон бидодӣ, гар бад-ӯ гуфтӣ: «Бимир».

## Тахлити вазир дар аҳкоми Инҷил

Сохт тӯморе ба номи ҳар яке,
Нақши ҳар тӯмор дигар маслаке.
Ҳукмҳои ҳар яке навъе дигар,
Ин хилофи он, зи поён то ба сар.
Дар яке роҳи риёзатрову ҷӯъ,
Рукни тавба кардаву шарти руҷӯъ.
Дар яке гуфта: «Риёзат суд нест,
Андар ин раҳ мухлисе ҷуз ҷуд нест».
Дар яке гуфта, ки ҷӯъу ҷуди ту
Ширк бошад аз ту бо маъбуди ту.
Ҷуз таваккул, ҷуз ки таслими тамом
Дар ғаму роҳат ҳама макр асту дом.

Дар яке гуфта, ки воҷиб хидмат аст
В-арна андешай таваккул тухмат аст.
Дар яке гуфта, ки амру наҳйҳост,
Баҳри кардан нест, шарҳи аҷзи мост.
То ки аҷзи худ бибинем андар он,
Қудрати ӯро бидонем он замон.
Дар яке гуфта, ки аҷзи худ мабин,
Куфри неъмат кардан аст он аҷз, ҳин!
Қудрати худ бин, ки ин қудрат аз ӯст,
Қудрати ту неъмати ӯ дон, ки ҳуст.
Дар яке гуфта, к-аз ин ду баргузар,
Бут бувад, ҳар чӣ бигунҷад дар назар.
Дар яке гуфта: «Макуш ин шамъро,
К-ин назар чун шамъ омад ҷамъро.
Аз назар чун бигзарию аз хаёл,
Кушта бошӣ ними шаб шамъи висол».
Дар яке гуфта: «Бикуш, боке мадор,
То иваз бинӣ назарро сад ҳазор,
Ки зи куштан шамъи ҷон афзун шавад,
Лайлият аз сабри ту Маҷнун шавад.
Тарки дунё ҳар кӣ кард аз зуҳди хеш,
Беш ояд пеши ӯ дунёву пеш».
Дар яке гуфта, ки он чи-т дод Ҳақ,
Бар ту ширин кард дар эҷоди ҳақ.
Бар ту осон карду хуш, онро бигир,
Хештанро дармаяфган дар заҳир.
Дар яке гуфта, ки бигзор они х(в)ад,
К-он қабули табъи ту радд асту бад.
Роҳҳои мухталиф осон шудаст,
Ҳар якеро миллате чун ҷон шудаст.
Гар муяссар кардани Ҳақ раҳ будӣ,
Ҳар ҷуҳуду габр аз ӯ огаҳ будӣ.
Дар яке гуфта: «Муяссар он бувад,
Ки ҳаёти дил ғизои ҷон бувад.
Ҳар чӣ завқи табъ бошад, чун гузашт,
Барнаёрад ҳамчу шӯра райъу кашт.
Ҷуз пушаймонӣ набошад райъи ӯ,
Ҷуз хисорат пеш н-орад байъи ӯ.

Он муяссар набвад андар оқибат,
Номи ӯ бошад муассар оқибат.
Ту муассар аз муяссар боздон,
Оқибат бингар ҷамоли ину он».
Дар яке гуфта, ки устоде талаб,
Оқибатбинӣ наёбӣ дар ҳасаб.
Оқибат диданд ҳар гун миллате,
Лоҷарам гаштанд асири заллате.
Оқибат дидан набошад дастбоф
В-арна кай будӣ зи динҳо ихтилоф?
Дар яке гуфта, ки усто ҳам туӣ,
З-он ки усторо шиносо ҳам туӣ.
Мард бошу сухраи мардон машав,
Рав, сари худ гиру саргардон машав.
Дар яке гуфта, ки ин ҷумла якест,
Ҳар кӣ ӯ ду бинад, аҳвал мардакест.
Дар яке гуфта, ки сад як чун бувад?
Ин ки андешад, магар маҷнун бувад?
Ҳар яке қавлест, зидди ҳамдигар,
Чун яке бошад яке захру шакар?
То зи заҳру аз шакар дарнагзарӣ,
Кай ту аз гулзори ваҳдат бӯ барӣ?
Ин намат в-ин навъ даҳ тӯмору ду
Барнавишт он дини Исоро адӯ.

## Дар баёни он ки ин ихтилофот дар сурати равиш аст, не дар ҳақиқати роҳ

Ӯ зи якрангии Исо бӯ надошт
В-аз мизоҷи хумми Исо хӯ надошт.
Ҷомаи садранг аз он хумми сафо
Содаву якранг гаштӣ чун сабо.
Нест якрангӣ, к-аз ӯ хезад малол,
Бал мисоли моҳию оби зулол.
Гарчи дар хушкӣ ҳазорон рангҳост,
Моҳиёнро бо юбусат ҷангҳост.
Кист моҳӣ? Чист дарё дар масал?
То бад-он монад малик азза ва ҷал.

Сад ҳазорон баҳру моҳӣ дар вуҷуд
Саҷда орад пеши он икрому ҷуд.
Чанд борони ато борон шуда,
То бад-он он баҳр дуррафшон шуда.
Чанд хуршеди карам афрӯхта,
То ки абру баҳр ҷуд омӯхта.
Партави дониш зада бар хоку тин,
То ки шуд донапазиранда замин.
Хок амину ҳар чӣ дар вай коштӣ
Бехиёнат ҷинси он бардоштӣ.
Ин амонат з-он амонат ёфтаст,
К-офтоби адл бар вай тофтаст.
То нишони Ҳақ наёрад навбаҳор,
Хок сирҳоро накарда ошкор.
Он ҷаводе, ки ҷамодеро бидод
Ин хабарҳо в-ин амонат в-ин сидод,
Мар ҷамодеро кунад фазлаш хабир,
Оқилонро карда қаҳри ӯ зарир.
Ҷону дилро тоқати он ҷӯш нест,
Бо кӣ гӯям? Дар ҷаҳон як гӯш нест.
Ҳар куҷо гӯше буд, аз вай чашм гашт,
Ҳар куҷо санге буд, аз вай яшм гашт.
Кимиёсоз аст, чӣ бвад кимиё?
Муъҷизабахш аст, чӣ бвад симиё?
Ин сано гуфтан зи ман тарки саност,
К-ин далели ҳастию ҳастӣ хатост.
Пеши ҳасти ӯ бибояд нест буд,
Чист ҳастӣ пеши ӯ? Кӯру кабуд.
Гар набудӣ кӯр, зу бигдохтӣ,
Гармии хуршедро бишнохтӣ.
В-ар набудӣ ӯ кабуд аз таъзият,
Кай фусурдӣ ҳамчу ях ин ноҳият?

## Баёни хисорати вазир дар ин макр

Ҳамчу шаҳ нодону ғофил буд вазир,
Панҷа мезад бо қадими ногузир.

Бо чунон қодир Худое, к-аз адам
Сад чу олам ҳаст гардонад ба дам.
Сад чу олам дар назар пайдо кунад,
Чунки чашматро ба худ бино кунад.
Гар ҷаҳон пешат бузургу бебунест,
Пеши қудрат, заррае медон, ки нест.
Ин ҷаҳон худ ҳабси ҷонҳои шумост,
Ҳин! Равед он сӯ, ки саҳрои шумост.
Ин ҷаҳон маҳдуду он худ беҳад аст,
Нақшу сурат пеши он маънӣ сад аст.
Сад ҳазорон найзаи Фиръавнро
Даршикаст аз Мӯсие бо як асо.
Сад ҳазорон тибби Ҷолинус буд,
Пеши Исову дамаш афсӯс буд.
Сад ҳазорон дафтари ашъор буд,
Пеши ҳарфи уммийеаш ор буд.
Бо чунин ғолиб худованде касе
Чун намирад, гар набошад ӯ хасе?
Бас дили чун кӯҳро ангехт ӯ,
Мурғи зирак бо ду по овехт ӯ.
Фаҳму хотир тез кардан нест роҳ,
Ҷуз шикаста менагирад фазли шоҳ.
Эй басо ганҷоканони кунҷков,
К-он хаёландешро шуд риши гов.
Гов кӣ бвад, то ту риши ӯ шавӣ?
Хок чӣ бвад, то ҳашиши ӯ шавӣ?
Чун зане аз кори бад шуд рӯйзард,
Масх кард ӯро Худову Зуҳра кард.
Авратеро Зуҳра кардан масх буд,
Хоку гил гаштан на масх аст, эй ануд?
Рӯҳ мебурдат суйи чархи барин,
Сӯйи обу гил шудӣ дар асфалин.
Хештанро масх кардӣ з-ин суфул
З-он вуҷуде, ки буд он рашки уқул.
Пас, бибин, к-ин масх кардан чун бувад?
Пеши он масх ин ба ғоят дун бувад.
Аспи ҳиммат сӯйи ахтар тохтӣ,
Одами масҷудро нашнохтӣ.
Охир, одамзодаӣ, эй нохалаф,
Чанд пиндорӣ ту пастиро шараф?

Чанд гӯйӣ: «Ман бигирам оламе,
Ин ҷаҳонро пур кунам аз худ ҳаме?
Гар ҷаҳон пурбарф гардад сар ба сар,
Тоби хур бигдозадаш бо як назар.
Визри ӯву сад вазиру сад ҳазор
Нест гардонад Худо аз як шарор.
Айни он тахйилро ҳикмат кунад,
Айни он заҳробро шарбат кунад.
Он гумонангезро созад яқин,
Меҳрҳо рӯёнад аз асбоби кин.
Парварад дар оташ Иброҳимро,
Эминии рӯҳ созад бимро».
Аз сабабсӯзиш ман савдоиям,
Дар хаёлоташ чу суфастоиям.

## Макри дигар ангехтани вазир дар излоли қавм

Макри дигар он вазир аз худ бибаст,
Ваъзро бигзошт, дар хилват нишаст.
Дар муридон дарфиканд аз шавқ сӯз,
Буд дар хилват чиҳил-панҷоҳ рӯз.
Халқ девона шуданд аз шавқи ӯ,
Аз фироқи ҳолу қолу завқи ӯ.
Лобаву зорӣ ҳамекарданду ӯ
Аз риёзат гашта дар хилват дутӯ.
Гуфта эшон: «Нест моро бе ту нур,
Бе асокаш чун бувад аҳволи кӯр?
Аз сари икрому аз баҳри Худо,
Беш аз ин моро мадор аз худ ҷудо.
Мо чу тифлонему моро доя ту,
Бар сари мо густарон он соя ту».
Гуфт: «Ҷонам аз муҳиббон дур нест,
Лек берун омадан дастур нест».
Он амирон дар шафоат омаданд
В-он муридон дар шаноат омаданд,
К-ин чӣ бадбахтист моро, эй карим?
Аз дилу дин монда мо бе ту ятим.
Ту баҳона мекунию мо зи дард
Мезанем аз сӯзи дил дамҳои сард.

Мо ба гуфтори хушат хӯ кардаем,
Мо зи шири ҳикмати ту х(в)ардаем.
Аллаҳ, Аллаҳ, ин ҷафо бо мо макун,
Хайр кун имрӯзро, фардо макун.
Медиҳад дил мар туро, к-ин бедилон
Бе ту гарданд охир аз беҳосилон?
Ҷумла дар хушкӣ чу моҳӣ метапанд,
Обро бигшо, зи ҷӯ бардор банд.
Эй ки чун ту дар замона нест кас,
Аллаҳ, Аллаҳ, халқро фарёдрас.

## Дафъ гуфтани вазир муридонро

Гуфт: «Ҳон, эй сухрагони гуфтугӯ,
Ваъзу гуфтори забону гӯш ҷӯ.
Пунба андар гӯши ҳисси дун кунед,
Банди ҳис аз чашми худ берун кунед.
Пунбаи он гӯши сир гӯши сар аст,
То нагардад ин кар, он ботин кар аст.
Беҳису бегӯшу бефикрат шавед,
То хитоби «ирҷиъӣ»-ро бишнавед.
То ба гуфтугӯйи бедорӣ дарӣ,
Ту зи гуфти хоб бӯйе кай барӣ?
Сайри берунист қавлу феъли мо,
Сайри ботин ҳаст болои само.
Ҳисс хушкӣ дид, к-аз хушкӣ бизод,
Исии ҷон пой бар дарё ниҳод.
Сайри ҷисми хушк бар хушкӣ фитод,
Сайри ҷон по дар дили дарё ниҳод.
Чунки умр андар раҳи хушкӣ гузашт
Гоҳ кӯҳу гоҳ дарё, гоҳ дашт.
Оби ҳайвон аз куҷо хоҳӣ ту ёфт?
Мавҷи дарёро куҷо хоҳӣ шикофт?
Мавҷи хокӣ ваҳму фаҳму фикри мост,
Мавҷи обӣ маҳву сукр асту фаност.
То дар ин сукрӣ, аз он сукрӣ ту дур,
То аз ин мастӣ, аз он ҷомӣ ту кӯр.
Гуфтугӯйи зоҳир омад чун ғубор,
Муддате хомӯш хӯ кун, ҳуш дор.

## Мукаррар кардани муридон, ки хилватро бишкан

Ҷумла гуфтанд: «Эй ҳакими рахнаҷӯ,
Ин фиребу ин ҷафо бо мо магӯ.
Чорпоро қадри тоқат бор неҳ,
Бар заъифон қадри қувват кор неҳ.
Донаи ҳар мурғ андозай вай аст,
Туъмаи ҳар мурғ анҷире кай аст?
Тифлро гар нон диҳӣ бар ҷойи шир,
Тифли мискинро аз он нон мурда гир.
Чунки дандонҳо барорад, баъд аз он
Ҳам ба худ гардад дилаш ҷӯёи нон.
Мурғи парноруста чун паррон шавад,
Луқмаи ҳар гурбаи даррон шавад.
Чун барорад пар, бипаррад ӯ ба х(в)ад
Бе такаллуф, бе сафири неку бад.
Деврो нутқи ту хомуш мекунад,
Гӯши моро гуфти ту ҳуш мекунад.
Гӯши мо ҳуш аст, чун гӯё туӣ,
Хушки мо баҳр аст, чун дарё туӣ.
Бо ту моро хок беҳтар аз фалак,
Эй симок аз ту мунаввар то самак.
Бе ту моро бар фалак торикӣ аст,
Бо ту, эй моҳ, ин фалак боре кӣ аст?
Сурати рифъат бувад афлокро
Маънии рифъат равони покро.
Сурати рифъат барои ҷисмҳост,
Ҷисмҳо дар пеши маънӣ исмҳост».

## Ҷавоб гуфтани вазир, ки хилватро намешиканам

Гуфт: «Ҳуҷҷатҳои худ кӯтаҳ кунед,
Пандро дар ҷону дар дил раҳ кунед.
Гар аминам, муттаҳам набвад амин,
Гар бигӯям осмонро ман замин.

Гар камолам, бо камол инкор чист?
Вар наям, ин заҳмату озор чист?
Ман нахоҳам шуд аз ин хилват бурун,
З-он ки машғулам ба аҳволи дарун».

## Эътирози муридон дар хилвати вазир

Ҷумла гуфтанд: «Эй вазир, инкор нест,
Гуфти мо чун гуфтани ағёр нест.
Ашки дида-ст аз фироқи ту давон,
Оҳ-оҳ аст аз миёни ҷон равон.
Тифл бо доя наистезад, валек
Гиряд ӯ, гарчи на бад донад, на нек.
Мо чу чангему ту захма мезанӣ,
Зорӣ аз мо на, ту зорӣ мекунӣ.
Мо чу ноему наво дар мо зи туст,
Мо чу кӯҳему садо дар мо зи туст.
Мо чу шатранҷем андар бурду мот,
Бурду моти мо зи туст, эй хушсифот.
Мо кӣ бошем – эй ту моро ҷони ҷон –
То ки мо бошем бо ту дар миён?
Мо адамҳоему ҳастиҳои мо
Ту вуҷуди мутлақӣ, фонинамо.
Мо ҳама шерон, вале шери алам,
Ҳамлашон аз бод бошад дам ба дам.
Ҳамлашон пайдову нопайдост бод,
Он ки нопайдост, ҳаргиз гум мабод!
Боди мову буди мо аз доди туст,
Ҳастии мо ҷумла аз эҷоди туст.
Лаззати ҳастӣ намудӣ нестро,
Ошиқи худ карда будӣ нестро.
Лаззати инъоми худро вомагир,
Нуқлу бода-в ҷоми худро вомагир.
В-ар бигирӣ кӣ-т ҷустуҷӯ кунад?
Нақш бо наққош чун нерӯ кунад?
Мангар андар мо, макун дар мо назар,
Андар икрому сахои худ нигар.

Мо набудему тақозомон набуд,
Лутфи ту ногуфтаи мо мешунуд.
Нақш бошад пеши наққошу қалам
Оҷизу баста чу кӯдак дар шикам.
Пеши қудрат халқи ҷумла боргаҳ
Оҷизон чун пеши сӯзан коргаҳ.
Гоҳ нақши деву гаҳ одам кунад,
Гоҳ нақши шодию гаҳ ғам кунад.
Даст неҳ, то даст ҷунбонад ба дафъ,
Нутқ неҳ, то дам занад дар зарру нафъ.
Ту зи Қуръон бозхон тафсири байт,
Гуфт Эзад: «Мо рамайта, из рамайт».
Гар бипарронем тир, он на зи мост,
Мо камону тирандозаш Худост.
Ин на ҷабр, ин маънии ҷабборӣ аст,
Зикри ҷабборӣ барои зорӣ аст.
Зории мо шуд далели изтирор,
Хиҷлати мо шуд далели ихтиёр.
Гар набудӣ ихтиёр, ин шарм чист?
В-ин дареғу хиҷлату озарм чист?
Заҷри шогирдону устодон чарост?
Хотир аз тадбирҳо гардон чарост?
В-ар ту гӯйӣ, ғофил аст аз ҷабр ӯ,
Моҳи Ҳақ пинҳон кунад дар абри рӯ.
Ҳаст инро хуш ҷавоб, ар бишнавӣ,
Бигзарӣ аз куфру дар дин бигравӣ:
Ҳасрату зорӣ гаҳи беморӣ аст,
Вақти беморӣ ҳама бедорӣ аст.
Он замон, ки мешавӣ бемор ту,
Мекунӣ аз ҷурм истиғфор ту.
Менамояд бар ту зиштии гунаҳ,
Мекунӣ нийят, ки боз оям ба раҳ.
Аҳду паймон мекунӣ, ки баъд аз ин
Ҷуз ки тоат набвадам коре гузин.
Пас, яқин гашт ин ки беморӣ туро
Мебибахшад ҳушу бедорӣ туро.
Пас, бидон ин аслро, эй аслҷӯ,
Ҳар киро дард аст, ӯ бурдаст бӯ.

Ҳар кӣ ӯ бедортар, пурдардтар,
Ҳар кӣ ӯ огоҳтар, рухзардтар.
Гар зи ҷабраш огаҳӣ, зорит ку?
Биниши занҷири ҷабборит ку?
Баста дар занҷир чун шодӣ кунад?
Кай асири ҳабс озодӣ кунад?
В-ар ту мебинӣ, ки поят бастаанд,
Бар ту сарҳангони шаҳ биншастаанд.
Пас, ту сарҳангӣ макун бо оҷизон,
З-он ки набвад табъу хӯйи оҷиз он.
Чун ту ҷабри ӯ намебинӣ, магӯ
В-ар ҳамебинӣ, нишони дид ку?
Дар ҳар он коре, ки майл астат бад-он,
Қудрати худро ҳамебинӣ аён.
В-андар он коре, ки майлат несту хост,
Хешро ҷабрӣ кунӣ, к-ин аз Худост.
Анбиё дар кори дунё ҷабрианд,
Кофирон дар кори уқбо ҷабрианд.
Анбиёро кори уқбо ихтиёр,
Ҷоҳилонро кори дунё ихтиёр.
З-он ки ҳар мурғе ба сӯйи ҷинси хеш
Мепарад ӯ дар пасу ҷон пеш-пеш.
Кофирон чун ҷинси сиҷҷин омаданд,
Сиҷни дунёро хушойин омаданд.
Анбиё чун ҷинси иллиййин буданд,
Сӯйи иллийини ҷону дил шуданд.
Ин сухан поён надорад, лек мо
Бозгӯем он тамоми қиссаро.

## Навмед кардани вазир муридонро аз рафзи хилват

Он вазир аз андарун овоз дод,
К-эй муридон, аз ман ин маълум бод,
Ки маро Исо чунин пайғом кард,
К-аз ҳама ёрону хешон бош фард.
Рӯй дар девор кун, танҳо нишин
В-аз вуҷуди хеш ҳам хилват гузин.

Баъд аз ин дастурии гуфтор нест,
Баъд аз ин бо гуфтугӯям кор нест.
Алвидоъ, эй дӯстон, ман мурдаам,
Рахт бар чорум фалак барбурдаам.
То ба зери чархи норӣ чун ҳатаб,
Ман насӯзам дар анову дар атаб.
Паҳлуйи Исо нишинам баъд аз ин
Бар фарози осмони чорумин.

## Валиаҳд сохтани вазир ҳар як амирро ҷудо-ҷудо

В-онгаҳоне он амиронро бихонд,
Як ба як, танҳо ба ҳар як ҳарф ронд.
Гуфт ҳар якро: «Ба дини исавӣ
Ноиби ҳаққу халифай ман тувӣ.
В-он амирони дигар атбоъи ту,
Кард Исо ҷумларо ашёъи ту.
Ҳар амире, к-ӯ кашад гардан, бигир,
Ё бикуш, ё худ ҳамедораш асир.
Лек то ман зиндаам, ин вомагӯ,
То намирам, ин риёсатро маҷӯ.
То намирам ман, ту ин пайдо макун,
Даъвии шоҳию истило макун.
Инак, ин тӯмору аҳкоми Масеҳ,
Як ба як бархон ту бар уммат фасеҳ.
Ҳар амиреро чунин гуфт ӯ ҷудо:
«Нест ноиб ҷуз ту дар дини Худо».
Ҳар якеро кард ӯ як-як азиз,
Ҳар чӣ онро гуфт, инро гуфт низ.
Ҳар якеро ӯ яке тӯмор дод,
Ҳар яке зидди дигар буд, ал-мурод.
Матни он тӯморҳо буд мухталиф,
Чун ҳуруф он ҷумла то «ё» аз «алиф».
Ҳукми ин тӯмор зидди ҳукми он,
Пеш аз ин кардем ин зидро баён.

## Куштани вазир хештанро дар хилват

Баъд аз он чил рӯзи дигар дар бибаст,
Хеш кушту аз вуҷуди худ бираст.
Чунки халқ аз марги ӯ огоҳ шуд,
Бар сари гӯраш қиёматгоҳ шуд.
Халқ чандон ҷамъ шуд бар гӯри ӯ,
Мӯканон, ҷомадарон дар шӯри ӯ,
К-он ададро ҳам Худо донад шумурд
Аз араб в-аз турку аз румию курд.
Хоки ӯ карданд бар сарҳои хеш,
Дарди ӯ диданд дармонҷои хеш.
Он халоиқ бар сари гӯраш маҳе
Карда хунро аз ду чашми худ раҳӣ.

## Талаб кардани уммати Исо – алайҳиссалом – аз умаро, ки валиаҳд аз шумо кадом аст?

Баъди моҳе халқ гуфтанд: «Эй меҳон!
Аз амирон кист бар ҷояш нишон?
То ба ҷойи ӯ шиносемаш имем,
Дасту доманро ба дасти ӯ диҳем».
Чунки шуд хуршеду моро кард доғ,
Чора набвад бар мақомаш аз чароғ.
Чунки шуд аз пеши дида васли ёр,
Ноибе бояд аз ӯмон ёдгор.
Чунки гул бигзашу гулшан шуд хароб,
Бӯйи гулро аз кӣ ёбем? Аз гулоб.
Чун Худо андарнаёяд дар аён,
Ноиби Ҳаққанд ин пайғамбарон.
На, ғалат гуфтам, ки ноиб бо мануб,
Гар ду пиндорӣ, қабеҳ ояд, на хуб.
На, ду бошад, то туӣ суратпараст,
Пеши ӯ як гашт, к-аз сурат бираст.
Чун ба сурат бингарӣ, чашми ту дуст,
Ту ба нураш дарнигар, к-аз чашм руст.
Нури ҳар ду чашм натвон фарқ кард,
Чунки дар нураш назар андохт мард.

Даҳ чароғ ар ҳозир ояд дар макон,
Ҳар яке бошад ба сурат ғайри он.
Фарқ натвон кард нури ҳар яке,
Чун ба нураш рӯй орӣ бе шаке.
Гар ту сад себу сад обӣ бишмурӣ,
Сад намонад, як шавад, чун бифшурӣ.
Дар маъонӣ қисмату аъдод нест,
Дар маъонӣ таҷзия-в афрод нест.
Иттиҳоди ёр бо ёрон х(в)аш аст,
Пойи маънӣ гир, сурат саркаш аст.
Сурати саркаш гудозон кун ба ранҷ,
То бибинӣ зери ӯ ваҳдат чу ганҷ.
В-ар ту нагдозӣ, иноятҳои ӯ
Худ гудозад, эй дилам мавлои ӯ.
Ӯ намояд ҳам ба дилҳо хешро,
Ӯ бидӯзад хирқаи дарвешро.
Мунбасит будему якҷавҳар ҳама,
Бесару бепо будем он сар ҳама.
Якгуҳар будем ҳамчун офтоб,
Бегиреҳ будему софӣ ҳамчу об.
Чун ба сурат омад он нури сара,
Шуд адад чун сояҳои кунгура.
Кунгура вайрон кунед аз манҷаниқ,
То равад фарқ аз миёни ин фариқ.
Шарҳи инро гуфтаме ман аз мире,
Лек тарсам, то налағзад хотире,
Нуктаҳо чун теғи пӯлод аст тез,
Гар надорӣ ту сипар, вопас гурез.
Пеши ин алмос бе испар маё,
К-аз буридан теғро набвад ҳаё.
З-ин сабаб ман теғ кардам дар ғилоф,
То ки кажхоне нахонад бар хилоф.
Омадем андар тамомий достон
В-аз вафодории ҷамъи ростон.
К-аз паси ин пешво бархостанд,
Бар мақомаш ноибе мехостанд.

## Мунозиати умаро дар валиаҳдӣ

Як амире з-он амирон пеш рафт,
Пеши он қавми вафоандеш рафт.
Гуфт: «Инак, ноиби он мард ман,
Ноиби Исо манам андар заман.
Инак, ин тӯмор бурҳони ман аст,
К-ин ниёбат баъд аз ӯ они ман аст.
Он амири дигар омад аз камин,
Даъвии ӯ дар хилофат буд ҳамин.
Аз бағал ӯ низ тӯморе намуд,
То баромад ҳар дуро хашми ҷуҳуд.
Он амирони дигар як-як қатор,
Баркашида теғҳои обдор.
Ҳар якеро теғу тӯморе ба даст,
Дар ҳам афтоданд чун пилони маст.
Сад ҳазорон марди тарсо кушта шуд,
То зи сарҳои бурида пушта шуд.
Хун равон шуд ҳамчу сел аз чаппу рост,
Кӯҳ-кӯҳ андар ҳаво з-ин гард хост.
Тухмҳои фитнаҳо, к-ӯ кишта буд,
Офати сарҳои эшон гашта буд.
Ҷавзҳо бишкаст в-он к-он мағз дошт,
Баъди куштан рӯҳи поки нағз дошт.
Куштану мурдан, ки бар нақши тан аст,
Чун анору себро бишкастан аст.
Он чи ширин аст, он шуд нордонг
В-он ки пӯсидаст, набвад ғайри бонг.
Он чи бомаънист, худ пайдо шавад
В-он чи пӯсидаст, он расво шавад.
Рав, ба маънӣ кӯш, эй суратпараст!
З-он ки маънӣ бар тани сурат пар аст.
Ҳамнишини аҳли маънӣ бош, то
Ҳам ато ёбию ҳам бошӣ фато.
Ҷони бемаънӣ дар ин тан, бехилоф,
Ҳаст ҳамчун теғи чӯбин дар ғилоф.
То ғилоф-андар бувад, боқимат аст,
Чун бурун шуд, сӯхтанро олат аст.

Теғи чӯбинро мабар дар корзор,
Бингар аввал, то нагардад кор зор.
Гар бувад чӯбин, бирав, дигар талаб
В-ар бувад алмос, пеш о бо тараб.
Теғ дар зарродхонай авлиёст,
Дидани эшон шуморо кимиёст.
Ҷумла доноён ҳамин гуфта, ҳамин,
Ҳаст доно раҳматан лил-оламин.
Гар аноре мехарӣ, хандон бихар,
То диҳад ханда зи донай ӯ хабар.
Эй муборак хандааш, к-ӯ аз даҳон
Менамояд дил, чу дурр аз дурҷи ҷон.
Номуборак хандаи он лола буд,
К-аз даҳони ӯ сиёҳӣ дил намуд.
Нори хандон боғро хандон кунад,
Суҳбати мардонат аз мардон кунад.
Гар ту санги сахраву мармар шавӣ,
Чун ба соҳибдил расӣ, гавҳар шавӣ.
Меҳри покон дар миёни ҷон нишон,
Дил мадеҳ илло ба меҳри дилхушон.
Кӯйи навмедӣ марав, уммедҳост,
Сӯйи торикӣ марав, хуршедҳост.
Дил туро дар кӯйи аҳли дил кашад,
Тан туро бар ҳабси обу гил кашад.
Ҳин, ғизои дил бидеҳ аз ҳамдилӣ,
Рав, биҷӯ иқболро аз муқбиле.

## Таъзими наъти Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки мазкур буд дар Инҷил

Буд дар Инҷил номи Мустафо,
Он сари пайғамбарон баҳри сафо.
Буд зикри ҳиляҳову шакли ӯ,
Буд зикри ғазву савму акли ӯ.
Тоифай насрониён баҳри савоб
Чун расидандӣ бад-он ному хитоб,
Бӯса додандӣ бар он номи шариф,
Рӯ ниҳодандӣ бар он васфи латиф.

Андар ин фитна, ки гуфтем, он гурӯҳ
Эмин аз фитна буданду аз шикӯҳ.
Эмин аз шарри амирону вазир,
Дар паноҳи номи Аҳмад мустаҷир.
Насли эшон низ ҳам бисёр шуд,
Нури Аҳмад носир омад, ёр шуд.
В-он гурӯҳи дигар аз насрониён
Номи Аҳмад доштандӣ мустаҳон.
Мустаҳону хор гаштанд аз фитан
Аз вазири шумройи шумфан.
Ҳам мухаббат динашону ҳукмашон
Аз пайи тӯморҳои кажбаён.
Номи Аҳмад инчунин ёрӣ кунад,
То ки нураш, чун нигаҳдорӣ кунад?
Номи Аҳмад чун ҳисоре шуд ҳасин,
То чӣ бошад зоти он Рӯҳуламин?

## Ҳикояти подшоҳи ҷуҳуди дигар, ки дар ҳалоки дини Исо саъй намуд

Баъд аз ин хунрези дармоннопазир,
К-андарафтод аз балои он вазир,
Як шаҳи дигар зи насли он ҷуҳуд
Дар ҳалоки қавми Исо рӯ намуд.
Гар хабар хоҳӣ аз ин дигар хуруҷ,
Сура бархон: «Ва-с-само зоти-л-буруҷ».
Суннати бад, к-аз шаҳи аввал бизод,
Ин шаҳи дигар қадам бар вай ниҳод.
Ҳар кӣ ӯ бинҳод нохуш суннате,
Сӯйи ӯ нафрин равад ҳар соате.
Некувон рафтанду суннатҳо бимонд
В-аз лаимон зулму лаънатҳо бимонд.
То қиёмат ҳар кӣ ҷинси он бадон
Дар вуҷуд ояд, бувад рӯяш бад-он.
Раг-раг аст ин оби ширин в-оби шӯр
Дар халоиқ меравад то нафхи сур.
Некувонро ҳаст мерос аз хушоб,
Он чӣ мерос аст? «Аврасна-л-китоб».

Шуд ниёзи толибон, ар бингарӣ,
Шуълаҳо аз гавҳари пайғамбарӣ.
Шуълаҳо бо гавҳарон гардон бувад,
Шуъла он ҷониб равад ҳам, к-он бувад.
Нури равзан гирди хона медавад,
З-он ки хур бурҷе ба бурҷе меравад.
Ҳар киро бо ахтаре пайвастагист,
Мар варо бо ахтари худ ҳамтагист.
Толеаш гар Зуҳра бошад дар тараб,
Майли куллӣ дораду ишқу талаб.
В-ар бувад миррихии хунрезхӯ,
Ҷангу буҳтону хусумат ҷӯяд ӯ.
Ахтаронанд аз вароӣ ахтарон,
К-эҳтироқу наҳс набвад андар он.
Соирон дар осмонҳои дигар,
Ғайри ин ҳафт осмони муътабар.
Росихон дар тоби анвори Худо,
На ба ҳам пайваста, на аз ҳам ҷудо.
Ҳар кӣ бошад толеъи ӯ з-он нуҷум,
Нафси ӯ куффор сӯзад дар руҷум.
Хашми миррихӣ набошад хашми ӯ,
Мунқалибрав, ғолибу мағлубхӯ.
Нури ғолиб, эмин аз нақсу ғасақ,
Дар миёни исбаъайни нури Ҳақ.
Ҳақ фишонд он нурро бар ҷонҳо,
Муқбилон бардошта домонҳо.
В-он нисори нурро воёфта,
Рӯй аз ғайри Худо бартофта.
Ҳар киро домони ишқе нобуда,
З-он нисори нур бебаҳра шуда.
Ҷузвҳоро рӯйҳо сӯйи кул аст,
Булбулонро ишқ бо рӯйи гул аст.
Говро ранг аз буруну мардро
Аз дарун ҷӯ ранги сурху зардро.
Рангҳои нек аз хумми сафост,
Ранги зиштон аз сиёҳобай ҷафост.
Сибғатуллаҳ номи он ранги латиф,
Лаънатуллаҳ бӯйи ин ранги касиф.

Он чи аз дарё ба дарё меравад,
Аз ҳамон ҷо, к-омад, он ҷо меравад.
Аз сари куҳ селҳои тезрав
В-аз тани мо, ҷони ишқомез, рав.

## Оташ кардани подшоҳи ҷуҳуд ва бут ниҳодан паҳлӯйи оташ, ки ҳар кӣ бутро суҷуд кунад, аз оташ бираст

Он ҷуҳуди саг, бибин, чӣ рой кард:
Паҳлуйи оташ буте барпой кард,
К-«Он ки ин бутро суҷуд орад, бираст
В-ар наёрад, дар дили оташ нишаст».
Чун сазои ин бути нафс ӯ надод,
Аз бути нафсаш буте дигар бизод.
Модари бутҳо бути нафси шумост,
З-он ки он бут мору ин бут аждаҳост.
Оҳану санг аст нафсу бут шарор,
Он шарор аз об мегирад қарор.
Сангу оҳан з-об кай сокин шавад?
Одамӣ бо ин ду кай эмин бувад?
Бут сиёҳоба-ст дар кӯза ниҳон,
Нафс мар оби сияҳро чашма дон.
Он бути манҳут чун сели сиёҳ,
Нафси бутгар чашмае бар оброҳ.
Сад сабӯро бишканад як пора санг
В-об чашма мезаҳонад бедиранг.
Бут шикастан саҳл бошад, нек саҳл,
Саҳл дидан нафсро ҷаҳл аст, ҷаҳл.
Сурати нафс ар биҷӯйӣ, эй писар,
Қиссаи дӯзах бихон бо ҳафт дар.
Ҳар нафас макрею дар ҳар макр з-он
Ғарқа сад Фиръавн бо фиръавниён.
Дар Худои Мӯсию Мӯсо гурез,
Оби имонро зи фиръавнӣ марез.
Дастро андар Аҳад в-Аҳмад бизан,
Эй бародар, вораҳ аз Бӯҷаҳли тан.

## Ба сухан омадани тифл дар миёни оташ ва таҳриз кардан халқро дар афтодан ба оташ

Як зане бо тифл овард он ҷуҳуд,
Пеши оташ в-оташ андар шуъла буд.
Тифл аз ӯ бистад, дар оташ дарфиганд,
Зан битарсиду дил аз имон биканд.
Хост, то ӯ саҷда орад пеши бут,
Бонг зад он тифл: «Иннӣ лам амут».
Андаро, эй модар, ин ҷо ман х(в)ашам,
Гарчи дар сурат миёни оташам.
Чашмбанд аст оташ аз баҳри ҳиҷеб,
Раҳмат аст ин сар бароварда зи ҷеб.
Андаро, модар, бибин бурҳони Ҳақ,
То бибинӣ ишрати хосони Ҳақ.
Андарову об бин оташмисол,
Аз ҷаҳоне, к-оташ аст, обаш мисол.
Андаро, асрори Иброҳим бин,
К-ӯ дар оташ ёфт сарву ёсамин.
Марг медидам гаҳи зодан зи ту,
Сахт хавфам буд афтодан зи ту.
Чун бизодам, растам аз зиндони танг,
Дар ҷаҳони хушҳавои хубранг.
Ман ҷаҳонро чун раҳим дидам кунун,
Чун дар ин оташ бидидам ин сукун.
Андар ин оташ бидидам оламе,
Зарра-зарра андар ӯ исодаме.
Нак, ҷаҳони нестшакли ҳастзот
В-он ҷаҳони ҳастшакли бесабот.
Андаро, модар, ба ҳаққи модарӣ,
Бин, ки ин озар надорад озарӣ.
Андаро, модар, ки иқбол омадаст,
Андаро, модар, мадеҳ давлат зи даст.
Қудрати он саг бидидӣ, андаро,
То бибинӣ қудрату лутфи Худо.
Ман зи раҳмат мекашонам пойи ту,
К-аз тараб худ нестам парвойи ту.

Андарову дигаронро ҳам бихон,
К-андар оташ шоҳ бинҳодаст хон.
Андароед, эй мусулмонон ҳама,
Ғайри азби дин азоб аст он ҳама.
Андароед, эй ҳама парвонавор
Андар ин баҳра, ки дорад сад баҳор.
Бонг мезад дар миёни он гурӯҳ,
Пур ҳамешуд ҷони халқон аз шикӯҳ.
Халқ худро баъд аз он бехештан
Мефиганданд андар оташ марду зан.
Бе муваккил, бе кашиш аз ишқи дӯст,
З-он ки ширин кардани ҳар талх аз ӯст.
То чунон шуд, к-он авонон халқро
Манъ мекарданд, к-оташ дармаё !
Он яҳудӣ шуд сияҳрӯву хиҷил,
Шуд пушаймон з-ин сабаб бемордил,
К-андар имон, халқ ошиқтар шуданд,
Дар фанои ҷисм содиқтар шуданд.
Макри шайтон ҳам дар ӯ печид, шукр,
Дев ҳам худро сияҳрӯ дид, шукр.
Он чи мемолид дар рӯйи касон,
Ҷамъ шуд дар чеҳраи он нокас он.
Он ки медаррид ҷомай халқ чуст,
Шуд дарида они ӯ, эшон дуруст.

## Каж мондани даҳони он мард, ки номи Муҳаммадро, саллалоҳу алайҳи ва саллам, ба тасхар хонд

Он даҳон каж карду аз тасхар бихонд
Мар Муҳаммадро, даҳонаш каж бимонд.
Боз омад, к-эй Муҳаммад, афв кун,
Эй туро алтофу илми «мин ладун».
Ман туро афсӯс мекардам зи ҷаҳл,
Ман будам афсӯсро мансубу аҳл.
Чун Худо хоҳад, ки пардай кас дарад,
Майлаш андар таънаи покон барад.

В-ар Худо хоҳад, ки пӯшад айби кас,
Кам занад дар айби маъюбон нафас».
Чун Худо хоҳад, ки-мон ёрӣ кунад,
Майли моро ҷониби зорӣ кунад.
Эй хунук чашме, ки он гирёни ӯст
В-эй ҳумоюн дил, ки он бирёни ӯст.
Охири ҳар гиря охир хандаест,
Марди охирбин муборак бандаест.
Ҳар куҷо оби равон, сабза бувад,
Ҳар куҷо ашке равон, раҳмат шавад.
Бош чун дӯлоб нолон, чашмтар,
То зи саҳни ҷон-т баррӯяд хузар.
Ашк хоҳӣ, раҳм кун бар ашкбор,
Раҳм хоҳӣ, бар заифон раҳм ор.

## Итоб кардан оташро он подшоҳи ҷуҳуд

Рӯ ба оташ кард шаҳ, к-эй тундхӯ,
Он ҷаҳонсӯзи табиихӯт ку?
Чун намесӯзӣ? Чӣ шуд хосийятат?
Ё зи бахти мо дигар шуд нийятат?
Менабахшоӣ ту бар оташпараст,
Он ки напрастад туро, ӯ чун бираст?
Ҳаргиз, эй оташ, ту собир нестӣ,
Чун насӯзӣ? Чист, қодир нестӣ?
Чашмбанд аст ин аҷаб! Ё ҳушбанд?
Чун насӯзонад чунин шуълай баланд?
Ҷодуӣ кардат касе? Ё симиёст?
Ё хилофи табъи ту аз бахти мост?»
Гуфт оташ: «Ман ҳамонам, эй шаман,
Андаро, то ту бибинӣ тоби ман.
Табъи ман дигар нагашту унсурам,
Теғи ҳаққам, ҳам ба дастурӣ бурам.
Бар дари хиргаҳ сагони туркмон
Чоплусӣ карда пеши меҳмон.
В-ар ба хиргаҳ бигзарад бегонарӯ,
Ҳамла бинад аз сагон шерона ӯ.

Ман зи саг кам нестам дар бандагӣ,
Кам зи турке нест Ҳақ дар зиндагӣ.
Оташи табъат агар ғамгин кунад,
Сӯзиш аз амри малики дин кунад.
Оташи табъат агар шодӣ диҳад,
Андар ӯ шодӣ малики дин ниҳад.
Чунки ғамгинӣ, ту истиғфор кун,
Ғам ба амри холиқ омад, кор кун.
Чун бихоҳад, айни ғам шодӣ шавад,
Айни банди пойи озодӣ шавад.
Боду хоку обу оташ бандаанд,
Бо ману ту мурда, бо Ҳақ зиндаанд.
Пеши Ҳақ оташ ҳамеша дар қиём,
Ҳамчу ошиқ рӯзу шаб печон мудом.
Санг бар оҳан занӣ, берун ҷаҳад,
Ҳам ба амри Ҳақ қадам берун ниҳад.
Оҳану санги ситам бар ҳам мазан,
К-ин ду мезоянд ҳамчун марду зан.
Сангу оҳан худ сабаб омад, валек
Ту ба боло барнигар, эй марди нек!
К-ин сабабро он сабаб овард пеш,
Бесабаб кай шуд сабаб ҳаргиз зи хеш?
В-он сабабҳо, к-анбиёро раҳбаранд,
Он сабабҳо з-ин сабабҳо бартаранд.
Ин сабабро он сабаб омил кунад,
Боз гоҳе бебару отил кунад.
Ин сабабро маҳрам омад ақлҳо
В-он сабабҳорост маҳрам анбиё.
Ин сабаб чӣ бвад? Ба тозӣ, гӯ, расан,
Андар ин чӣ, ин расан омад ба фан.
Гардиши чарха расанро иллат аст,
Чархагардонро надидан заллат аст.
Ин расанҳои сабабҳо дар ҷаҳон,
Ҳону ҳон! З-ин чархи саргардон мадон,
То намонӣ сифру саргардон чу чарх,
То насӯзӣ ту зи бемағзӣ чу марх.
Бод оташ мехурад аз амри Ҳақ,

Ҳар ду сармаст омаданд аз хамри Ҳақ.
Оби ҳилму оташи хашм, эй писар,
Ҳам зи Ҳақ бинӣ, чу бигшоӣ басар.
Гар набудӣ воқиф аз Ҳақ ҷони бод,
Фарқ кай кардӣ миёни қавми Од?
Ҳуд гирди муъминон хатте кашид,
Нарм мешуд бод, к-он ҷо мерасид.
Ҳар кӣ берун буд з-он хат ҷумларо,
Пора-пора мегусаст андар ҳаво.
Ҳамчунин Шайбони роъӣ мекашид
Гирд бар гирди рама хатте падид.
Чун ба ҷумъа мешуд ӯ вақти намоз,
То наёрад гург он ҷо турктоз,
Ҳеҷ гурге дарнарафтӣ андар он,
Гӯсфанде ҳам нагаштӣ з-он нишон.
Боди ҳирси гургу ҳирси гӯсфанд
Доирай марди Худоро буд банд.
Ҳамчунин боди аҷал бо орифон
Нарму хуш ҳамчун насими юсуфон.
Оташ Иброҳимро дандон назад,
Чун гузидай Ҳақ бувад, чунаш газад?
З-оташи шаҳват насӯзад аҳли дин,
Боқиёнро бурда то қаъри замин.
Мавҷи дарё чун ба амри Ҳақ битохт,
Аҳли Мӯсоро зи қибтӣ вошинохт.
Хок, Қорунро, чу фармон даррасид,
Бо зару тахташ ба қаъри худ кашид.
Обу гил чун аз дами Исо чарид,
Болу пар бикшод, мурғе шуд, парид,
Ҳаст тасбеҳат бухори обу гил,
Мурғи ҷаннат шуд зи нафхи сидқи дил.
Кӯҳи Тур аз нури Мӯсо шуд ба ракс,
Сӯфии комил шуду раст ӯ зи накс.
Чӣ аҷаб, гар кӯҳ сӯфӣ шуд азиз,
Ҷисми Мӯсо аз кулӯхе буд низ.

## Танзу инкор кардани подшоҳи ҷуҳуд ва қабул нокардани насиҳати хосони хеш

Ин аҷоиб дид он шоҳи ҷуҳуд,
Ҷуз ки танзу ҷуз ки инкораш набуд.
Носеҳон гуфтанд: «Аз ҳад магзарон,
Маркаби истезаро чандин марон».
Носеҳонро даст басту банд кард,
Зулмро пайванд дар пайванд кард.
Бонг омад, кор чун ин ҷо расид:
«Пой дор, эй саг, ки қаҳри мо расид».
Баъд аз он оташ чиҳил газ барфурӯхт,
Ҳалқа гашту он ҷуҳудонро бисӯхт.
Асли эшон буд оташ з-ибтидо,
Сӯйи асли хеш рафтанд интиҳо.
Ҳам зи оташ зода буданд он фариқ,
Ҷузвҳоро сӯйи кул бошад тариқ.
Оташе буданд муъминсӯзу бас,
Сӯхт худро оташи эшон чу хас.
Он ки будаст уммуҳу алҳовия,
Ҳовия омад мар-ӯро зовия.
Модари фарзанд ҷӯёни вай аст,
Аслҳо мар фаръҳоро дар пай аст.
Обҳо дар ҳавз агар зиндонӣ аст,
Бод нашфаш мекунад, к-арконӣ аст.
Мераҳонад, мебарад то маъданаш
Андак-андак, то набинӣ бурданаш.
В-ин нафас ҷонҳои моро ҳамчунон
Андак-андак дуздад аз ҳабси ҷаҳон.
То «илайҳи ясъад атёбу-л-калим,
Соъидан минно ило ҳайсу алим.
Тартақи анфосуно билмунтақо,
Мутҳафан минно ило дорилбақо.
Сумма таътино мукофоту-л-мақол,
Зиъфа зока раҳматан мин зилҷалол.
Сумма юлҷино ило амсолиҳо,
Кай янолу-л-абду миммо нолаҳо.

Ҳоказо таъруҷ ва танзил доимо,
Зо фало зилта алайҳи қоимо».
Порсӣ гӯем, яъне ин кашиш
З-он тараф ояд, ки омад он чашиш.
Чашми ҳар қавме ба сӯйе мондааст,
К-он тараф як рӯз завқе рондааст.
Завқи ҷинс аз ҷинси худ бошад яқин,
Завқи ҷузв аз кулли худ бошад, бибин.
Ё магар он қобили ҷинсе бувад,
Чун бад-ӯ пайваст, ҷинси ӯ шавад.
Ҳамчу обу нон, ки ҷинси мо набуд,
Гашт ҷинси мову андар мо фузуд.
Нақши ҷинсийят надорад обу нон,
З-эътибори охир онро ҷинс дон.
В-ар зи ғайри ҷинс бошад завқи мо,
Он магар монанд бошад ҷинсро.
Он ки монанд аст, бошад орият,
Орият боқӣ намонад оқибат.
Мурғро гар завқ ояд аз сафир,
Чунки ҷинси худ наёбад, шуд нафир.
Ташнаро гар завқ ояд аз сароб,
Чун расад дар вай, гурезад, ҷӯяд об.
Муфлисон ҳам хуш шаванд аз зарри қалб,
Лек он расво шавад дар дори зарб.
То зарандудит аз раҳ нафганад,
То хаёли каж туро чаҳ нафганад,
Аз Калила бозҷӯ он қиссаро
В-андар он қисса талаб кун ҳиссаро.

## Баёни таваккул ва тарки ҷаҳд гуфтани нахчирон ба шер

Тоифай нахчир дар водии х(в)аш
Будашон аз шер доим кашмакаш.
Бас ки он шер аз камин медаррабуд,
Ончиро бар ҷумла нохуш гашта буд.
Ҳила карданд, омаданд эшон ба шер,
К-аз вазифа мо туро дорем сер.

Баъд аз ин андар пайи сайде маё,
То нагардад талх бар мо ин гиё.

## Ҷавоб гуфтани шер нахчиронро ва фоидаи ҷаҳд гуфтан

Гуфт: «Оре. Гар вафо бинам, на макр,
Макрҳо бас дидаам аз Зайду Бакр.
Ман ҳалоки феълу макри мардумам,
Ман газидай захми мору каждумам.
Мардуми нафс аз дарунам дар камин,
Аз ҳама мардум батар дар макру кин.
Гӯши ман «ло юлдағу-л-муъмин» шунид.
Қавли пайғамбар ба ҷону дил гузид».

## Тарҷеҳ ниҳодани нахчирон таваккулро бар ҷаҳду иктисоб

Ҷумла гуфтанд: «Эй ҳакими бохабар,
Алҳазар, даъ лайса юғно ъан қадар.
Дар ҳазар шӯридани шӯру шар аст,
Рав, таваккул кун, таваккул беҳтар аст.
Бо қазо панҷа мазан, эй тунду тез,
То нагирад ҳам қазо бо ту ситез.
Мурда бояд буд пеши ҳукми Ҳақ,
То наёяд захм аз раббулфалақ».

## Тарҷеҳ ниҳодани шер ҷаҳду иктисобро бар таваккулу таслим

Гуфт: «Оре, гар таваккул раҳбар аст,
Ин сабаб ҳам суннати пайғамбар аст».
Гуфт пайғамбар ба овози баланд:
«Бо таваккул зонуи уштур бибанд».
Рамзи «ал-косиб ҳабибуллаҳ» шунав,
Аз таваккул дар сабаб коҳил машав.

## Тарҷеҳ ниҳодани нахчирон таваккулро ба иҷтиҳод

Қавм гуфтандаш, ки касб аз заъфи халқ
Луқмаи тазвир дон бар қадри ҳалқ.
Нест касбе аз таваккул хубтар,
Чист аз таслим худ маҳбубтар?
Бас гурезанд аз бало сӯйи бало,
Бас ҷаҳанд аз мор сӯйи аждаҳо.
Ҳила кард инсону ҳила-ш дом буд,
Он ки ҷон пиндошт, хуношом буд.
Дар бибасту душман андар хона буд,
Ҳилаи Фиръавн з-ин афсона буд.
Сад ҳазорон тифл кушт он кинакаш
В-он ки ӯ меҷуст андар хонааш.
Дидаи мо чун басе иллат дар ӯст,
Рав, фано кун диди худ дар диди дӯст.
Диди моро диди ӯ ниъм-ал-иваз,
Ёбӣ андар диди ӯ кулли ғараз.
Тифл то гирову то пӯё набуд,
Маркабаш ҷуз гардани бобо набуд.
Чун фузуле гашту дасту по намуд,
Дар ано афтоду дар кӯру кабуд.
Ҷонҳои халқ пеш аз дасту по
Мепариданд аз вафо андар сафо.
Чун ба амри «иҳбиту» бандӣ шуданд,
Ҳабси хашму ҳирсу хурсандӣ шуданд.
Мо аёли ҳазратему шерхоҳ,
Гуфт: «Ал-халқу аёлун ли-л-Илоҳ».
Он ки ӯ аз осмон борон диҳад,
Ҳам тавонад, к-ӯ зи раҳмат нон диҳад.

## Тарҷеҳ ниҳодани шер ҷаҳдро бар таваккул

Гуфт шер: «Оре, вале рабб-ул-ибод
Нардбоне пеши пойи мо ниҳод.
Поя - поя рафт бояд сӯйи бом,
Ҳаст ҷабрӣ будан ин ҷо тамъи хом.

Пой дорӣ, чун кунӣ худро ту ланг?
Даст дорӣ, чун кунӣ пинҳон ту чанг?»
Хоҷа чун беле ба дасти банда дод,
Бе забон маълум шуд ӯро мурод.
Даст ҳамчун бел ишоратҳои ӯст,
Охирандешӣ иборатҳои ӯст.
Чун ишоратҳошро бар ҷон ниҳӣ,
Дар вафои он ишорат ҷон диҳӣ.
Пас ишоратҳои асрорат диҳад,
Бор бардорад зи ту, корат диҳад.
Ҳомилӣ, маҳмул гардонад туро,
Қобилӣ, мақбул гардонад туро.
Қобили амри вайӣ, қобил шавӣ,
Васл ҷӯйӣ, баъд аз он восил шавӣ.
Саъй шукри неъмати қудрат бувад,
Ҷабри ту инкори он неъмат бувад.
Шукри қудрат қудратат афзун кунад,
Ҷабр неъмат аз кафат берун кунад.
Ҷабри ту хуфтан бувад, дар раҳ махусб,
То набинӣ он дару даргаҳ, махусб.
Ҳон, махусб, эй коҳили беэътибор,
Ҷуз ба зери он дарахти мевадор.
То ки шох афшон кунад ҳар лаҳза бод,
Бар сари хуфта бирезад нуқлу зод.
Ҷабру хуфтан дар миёни раҳзанон,
Мурғи беҳангом кай ёбад амон?
В-ар ишоратҳошро бинӣ занӣ,
Марди пиндорию чун бинӣ, занӣ.
Ин қадар ақле, ки дорӣ, гум шавад,
Сар, ки ақл аз вай бипаррад, дум шавад.
З-он ки бешукрӣ бувад шуму шанор,
Мебарад бешукрро дар қаъри нор.
Гар таваккул мекунӣ, дар кор кун,
Кишт кун, пас такя бар ҷаббор кун.

## Боз тарҷеҳ ниҳодани нахҷирон таваккулро бар ҷаҳд

Ҷумла бо вай бонгҳо бардоштанд,
К-он ҳарисон, ки сабабҳо коштанд.
Сад ҳазор андар ҳазор аз марду зан,
Пас, чаро маҳрум монданд аз заман?
Сад ҳазорон қарн з-оғози ҷаҳон
Ҳамчу аждарҳо гушода сад даҳон.
Макрҳо карданд он доногурӯҳ,
Ки зи бун барканда шуд з-он макр кӯҳ.
Кард васфи макрҳошон зулҷалол,
«Литазула минҳу ақлолу-л-ҷибол».
Ҷуз ки он қисмат, ки рафт андар азал,
Рӯй нанмуд аз шикору аз амал.
Ҷумла афтоданд аз тадбиру кор,
Монд кору ҳукмҳои Кирдгор.
Касб ҷуз номе мадон, эй номдор,
Ҷаҳд ҷуз ваҳме мапиндор, эй аёр.

## Нигаристани Азроил бар марде ва гурехтани он мард дар сарои Сулаймон, алайҳиссалом ва тақрири тарҷеҳи таваккул бар ҷаҳд ва қиллати фоидаи ҷаҳд

Зодмарде чоштгоҳе даррасид,
Дар сароадли Сулаймон дардавид.
Рӯяш аз ғам зарду ҳар ду лаб кабуд,
Пас Сулаймон гуфт: «Эй хоҷа, чӣ буд?»
Гуфт: «Азроил дар ман инчунин
Як назар андохт пур аз хашму кин».
Гуфт: «Ҳин, акнун чӣ мехоҳӣ, бихоҳ!»
Гуфт: «Фармо бодро, эй ҷонпаноҳ!
То маро з-ин ҷо ба Ҳиндустон барад,
Бу, ки банда, к-он тараф шуд, ҷон барад».
Нак зи дарвешӣ гурезонанд халқ,
Луқмаи ҳирсу амал з-онанд халқ.

Тарси дарвешӣ мисоли он ҳарос,
Ҳирсу кӯшишро ту Ҳиндустон шинос.
Бодро фармуд, то ӯро шитоб
Бурд сӯйи қаъри Ҳиндустон бар об.
Рӯзи дигар вақти девону лиқо,
Пас Сулаймон гуфт Азроилро,
К-он мусулмонро ба хашм аз баҳри он
Бингаридӣ, то шуд овора зи хон?»
Гуфт: «Ман аз хашм кай кардам назар?
Аз тааҷҷуб, дидамаш дар раҳгузар,
Ки маро фармуд Ҳақ, к-имрӯз ҳон!
Ҷони ӯро ту ба Ҳиндустон ситон.
Аз аҷаб гуфтам: «Гар ӯро сад пар аст,
Ӯ ба Ҳиндустон шудан дур- андар аст».
Ту ҳама кори ҷаҳонро ҳамчунин
Кун қиёсу чашм бигшову бибин.
Аз кӣ бигрезем? Аз худ? Эй муҳол!
Аз кӣ бирбоем? Аз Ҳақ? Эй вабол!

## Боз тарҷеҳ ниҳодани шер ҷаҳдро бар таваккул ва фавоиди ҷаҳдро баён кардан

Шер гуфт: «Оре, валекин ҳам бибин
Ҷаҳдҳои анбиёву муъминин.
Ҳақ таъоло ҷаҳдашонро рост кард,
Он чи диданд аз ҷафову гарму сард.
Ҳилаҳошон ҷумла ҳол омад, латиф,
«Куллу шайъин мин зарифин ҳу зариф».
Домҳошон мурғи гардунӣ гирифт,
Нақсҳошон ҷумла афзунӣ гирифт.
Ҷаҳд мекун, то тавонӣ, эй киё!
Дар тариқи анбиёву авлиё.
Бо қазо панҷа задан набвад ҷиҳод,
З-он ки инро ҳам қазо бар мо ниҳод.
Кофирам ман, гар зиён кардаст кас
Дар раҳи имону тоат як нафас.
Сар шикаста нест, ин сарро мабанд,
Як-ду рӯзак ҷаҳд кун, боқӣ биханд.

Бадмуҳолӣ чуст, к-ӯ дунё бичуст,
Некҳолӣ чуст, к-ӯ уқбо бичуст.
Макрҳо дар касби дунё борид аст,
Макрҳо дар тарки дунё ворид аст.
Макр он бошад, ки зиндон ҳуфра кард,
Он ки ҳуфра баст, он макрест сард.
Ин ҷаҳон зиндону мо зиндониён,
Ҳуфра кун зиндону худро вораҳон.
Чист дунё? Аз Худо ғофил будан
Не қумошу нақдаву мизону зан.
Молро, к-аз баҳри дин бошӣ ҳамул,
«Ниъма молун солиҳун» хондаш расул.
Об дар киштӣ ҳалоки киштӣ аст,
Об андар зери киштӣ puштӣ аст.
Чунки молу мулкро аз дил биронд,
З-он Сулаймон хеш ҷуз мискин нахонд.
Кӯзаи сарбаста андар оби зафт,
Аз дили пурбод фавқи об рафт.
Боди дарвешӣ чу дар ботин бувад,
Бар сари оби ҷаҳон сокин бувад.
Гарчи ҷумла ин ҷаҳон мулки вай аст,
Мулк дар чашми дили ӯ лошай аст.
Пас, даҳони дил бибанду муҳр кун,
Пур кунаш аз бодгири «мин ладун».
Ҷаҳд Ҳаққ асту даво Ҳаққ асту дард,
Мункир андар нафйи ҷаҳдаш ҷаҳд кард.

## Муқаррар шудани тарҷеҳи ҷаҳд бар таваккул

З-ин намат бисёр бурҳон гуфт шер,
К-аз ҷавоб он ҷабриён гаштанд сер.
Рӯбаҳу оҳуву харгӯшу шағол
Ҷабрро бигзоштанду қилу қол.
Аҳдҳо карданд бо шери жаён,
К-андар ин байъат наяфтад дар зиён.
Қисми ҳаррӯзаш биёбад бе ҷигар,
Ҳоҷаташ набвад тақозои дигар.

Қуръа бар ҳар кӣ фитодӣ рӯз-рӯз,
Сӯйи он шер ӯ давидӣ ҳамчу юз.
Чун ба харгӯш омад ин соғар ба давр,
Бонг зад харгӯш, к-охир чанд ҷавр?

## Инкор кардани нахҷирон бар харгӯш дар таъхири рафтан бари шер

Қавм гуфтандаш, ки чандин гоҳ мо
Ҷон фидо кардем дар аҳду вафо.
Ту маҷӯ бадномии мо, эй ануд,
То наранҷад шер, рав, рав, зуд, зуд!

## Ҷавоб гуфтани харгӯш эшонро

Гуфт: «Эй ёрон, маро муҳлат диҳед,
То ба макрам аз бало берун ҷаҳед.
То амон ёбад ба макрам ҷонатон,
Монад ин мероси фарзандонатон».
Ҳар паямбар умматонро дар ҷаҳон
Ҳамчунин то махласе мехондашон,
К-аз фалак роҳи бурунрав дида буд,
Дар назар чун мардумак печида буд.
Мардумаш чун мардумак диданд хурд,
Дар бузургий мардумак кас раҳ набурд.

## Эътирози нахҷирон бар сухани харгӯш

Қавм гуфтандаш, ки эй хар, гӯш дор,
Хешро андозаи харгӯш дор!
Ҳин! Чӣ лоф аст ин, ки аз ту беҳтарон
Дарнаёварданд андар хотир он?
Муъҷабӣ ё худ қазомон дар пай аст,
В-арна, ин дам лоиқи чун ту кай аст?

## Ҷавоби харгӯш нахҷиронро

Гуфт: «Эй ёрон, Ҳақам илҳом дод,
Мар заиферо қавӣ ройе фитод.

Он чи Ҳақ омӯхт мар занбӯрро,
Он набошад шеррову гӯрро.
Хонаҳо созад пур аз ҳалвои тар,
Ҳақ бар ӯ он илмро бигшод дар.
Он чи Ҳақ омӯхт кирми пиларо,
Ҳеч пиле донад он гун ҳиларо? 1015
Одами хокӣ зи Ҳақ омӯхт илм,
То ба ҳафтум осмон афрӯхт илм.
Ному номуси малакро даршикаст,
Кӯрии он кас, ки дар Ҳақ дар шак аст,
Зоҳиди шашсадҳазоронсоларо
Пӯзбанде сохт он гӯсоларо,
То натонад шири илми дин кашид,
То нагардад гирди он қасри машид.
Илмҳои аҳли ҳис шуд пӯзбанд,
То нагирад шир аз он илми баланд. 1020
Қатраи дилро яке гавҳар фитод,
К-он ба дарёҳову гардунҳо надод.
Чанд сурат охир, эй суратпараст!
Ҷони бемаънит аз сурат нараст?
Гар ба сурат одамӣ инсон будӣ,
Аҳмаду Бӯҷаҳл худ яксон будӣ.
Нақш бар девор мисли Одам аст,
Бингар, аз сурат чӣ чизи ӯ кам аст?
Ҷон кам аст он сурати ботобро,
Рав, биҷӯ он гавҳари камёбро. 1025
Шуд сари шерони олам ҷумла паст,
Чун саги асҳобро доданд даст.
Чӣ зиён асташ аз он нақши нафур?
Чунки ҷонаш ғарқ шуд дар баҳри нур.
Васфу сурат нест андар хомаҳо,
Олиму одил бувад дар номаҳо.
Олиму одил, ҳама маънист бас,
К-иш наёбӣ дар макону пешу пас.
Мезанад бар тан зи сӯйи ломакон,
Менагунҷад дар фалак хуршеди ҷон. 1030

## Зикри достони харгӯш ва баёни фазилату манофеъи донистан

Ин сухан поён надорад, ҳуш дор,
Ҳуш сӯйи қиссаи харгӯш дор.
Гӯши хар бифрӯшу дигар гӯш хар,
К-ин суханро дарнаёбад гӯши хар.
Рав, ту рӯбаҳбозии харгӯш бин,
Макру шерандозии харгӯш бин.
Хотами мулки Сулаймон аст илм,
Ҷумла олам сурату ҷон аст илм.
Одамиро з-ин ҳунар бечора гашт
Халқи дарёҳову халқи кӯҳу дашт.
З-ӯ палангу шер тарсон ҳамчу муш,
З-ӯ наҳангу баҳр дар сафрову ҷӯш.
З-ӯ парию дев соҳилҳо гирифт,
Ҳар яке дар ҷойи пинҳон ҷо гирифт.
Одамиро душмани пинҳон басест,
Одамии боҳазар оқил касест.
Халқ пинҳон зишташону хубашон,
Мезанад дар дил ба ҳар дам кӯбашон.
Баҳри ғусл ар дарравӣ дар ҷӯйбор,
Бар ту осебе занад дар обхор.
Гарчи пинҳон хор дар об аст паст,
Чунки дар ту мехалад, донӣ, ки ҳаст.
Хорхори ваҳйҳову васваса
Аз ҳазорон кас бувад, на яккаса.
Бош, то ҳисҳои ту мубдал шавад,
То бибинишону мушкил ҳал шавад.
То суханҳои киён рад кардаӣ?
То киёнро сарвари х(в)ад кардаӣ?

## Бозталабидани нахҷирон аз харгӯш сирри андешаи ӯро

Баъд аз он гуфтанд, к-эй харгӯш, чуст
Дар миён ор, он чи дар идроки туст.

Эй ки бо шере ту дарпечидаӣ,
Бозгӯ ройе, ки андешидаӣ.
Машварат идроку ҳушёрӣ диҳад,
Ақлҳо мар ақлро ёрӣ диҳад.
Гуфт пайғамбар: «Бикун, эй ройзан!
Машварат, калмусташору муътаман».

## Манъ кардани харгӯш он рози эшонро

Гуфт: «Ҳар розе нашояд бозгуфт,
Ҷуфт тоқ ояд гаҳе, гаҳ тоқ ҷуфт.
Аз сафо гар дам занӣ бо ойина,
Тира гардад зуд бо мо ойина.
Дар баёни ин се кам ҷунбон лабат,
Аз заҳобу аз заҳаб в-аз мазҳабат,
К-ин серо хасм аст бисёру адӯ,
Дар каминат истад, чун донад ӯ.
В-ар бигӯйӣ бо яке ду, алвидоъ,
«Куллу сиррин ҷоваза-л-иснайни шоъ».
Гар ду-се паррандаро бандӣ ба ҳам,
Бар замин монанд маҳбус аз алам.
Машварат доранд сарпӯшида хуб,
Дар киноят бо ғалатафган машуб.
Машварат кардӣ паямбар бастасар,
Гуфта эшонаш ҷавобу бехабар.
Дар мисоле баста гуфтӣ ройро,
То надонад хасм аз сар пойро.
Ӯ ҷавоби хеш бигрифтӣ аз ӯ
В-аз суолаш менабурдӣ ғайр бӯ.

## Қиссаи макри харгӯш

Соате таъхир кард андар шудан,
Баъд аз он шуд пеши шери панҷазан.
З-он сабаб, к-андар шудан ӯ монд дер,
Хокро меканду меғуррид шер.
Гуфт: «Ман гуфтам, ки аҳди он хасон
Хом бошад хому сусту норасон.

Дамдамай эшон маро аз хар фиканд,
Чанд бифребад маро ин даҳр, чанд?
Сахт дармонад амири сустриш,
Чун на пас бинад, на пеш аз аҳмақиш».
Роҳ ҳамвор аст, зераш домҳо,
Қаҳти маънӣ дар миёни номҳо.
Лафзҳову номҳо чун домҳост,
Лафзи ширин реги оби умри мост.
Он яке реге, ки ҷӯшад об аз ӯ,
Сахт камёб аст, рав, онро биҷӯ.
Ҳаст он рег, эй писар, марди Худо,
К-ӯ ба Ҳақ пайваст в-аз худ шуд ҷудо.
Оби азби дин ҳамеҷӯшад аз ӯ,
Толибонро з-он ҳаёт асту нумӯ.
Ғайри марди Ҳақ чу реги хушк дон,
К-оби умратро хурад ӯ ҳар замон.
Толиби ҳикмат шав аз марди ҳаким,
То аз ӯ гардӣ ту бинову алим.
Манбаи ҳикмат шавад ҳикматталаб,
Фориғ ояд ӯ зи таҳсилу сабаб.
Лавҳи ҳофиз лавҳи маҳфузе шавад,
Ақли ӯ аз рӯҳ маҳзузе шавад.
Чун муаллим буд ақлаш з-ибтидо,
Баъд аз ин шуд ақл шогирде варо.
Ақл чун Ҷабрил гӯяд: «Аҳмадо!
Гар яке гоме ниҳам, сӯзад маро.
Ту маро бигзор, з-ин пас пеш рон,
Ҳадди ман ин буд, эй султони ҷон».
Ҳар кӣ монд аз коҳилӣ бе шукру сабр,
Ӯ ҳамин донад, ки гирад пойи ҷабр.
Ҳар кӣ ҷабр овард, худ ранҷур кард,
То ҳамон ранҷурияш дар гӯр кард.
Гуфт пайғамбар, ки ранҷурӣ ба лоғ
Ранҷ орад, то бимирад чун чароғ.
Ҷабр чӣ бвад? Бастани ишкастаро,
Ё бипайвастан раге бигсастаро.
Чун дар ин раҳ пойи худ нашкастаӣ,
Бар кӣ механдӣ? Чӣ поро бастаӣ?

В-он ки пояш дар раҳи кӯшиш шикаст,
Даррасид ӯро Бароқу барнишаст.
Ҳомили дин буд ӯ, маҳмул шуд,
Қобили фармон буд ӯ, мақбул шуд.
То кунун фармон пазируфтӣ зи шоҳ,
Баъд аз ин фармон расонад бар сипоҳ.
То кунун ахтар асар кардӣ дар ӯ,
Баъд аз ин бошад амири ахтар ӯ.
Гар туро ашкол ояд дар назар,
Пас, ту шак дорӣ дар «иншаққа-л-қамар».
Тоза кун имон, на аз гуфти забон,
Эй ҳаворо тоза карда дар ниҳон.
То ҳаво тоза-ст, имон тоза нест,
К-ин ҳаво ҷуз қуфли он дарвоза нест.
Кардаӣ таъвил ҳарфи бикрро,
Хешро таъвил кун, на зикрро.
Бар ҳаво таъвили Қуръон мекунӣ,
Пасту каж шуд аз ту маънии санӣ.

## Зиёфати таъвили ракики магас

Он магас бар барги коҳу бавли хар
Ҳамчу киштибон ҳамеафрошт сар.
Гуфт: «Ман дарёву киштӣ хондаам,
Муддате дар фикри он мемондаам.
Инак, ин дарёву ин киштию ман,
Марди киштибону аҳли ройзан.
Бар сари дарё ҳамеронд ӯ амад,
Менамудаш он қадар берун зи ҳад.
Буд беҳад он чамин, нисбат бад-ӯ,
Он назар, ки бинад онро рост, ку?
Оламаш чандон бувад, к-аш биниш аст,
Чашм чандин, баҳр ҳам чандинаш аст.
Соҳиби таъвили ботил чун магас,
Ваҳми ӯ бавли хару тасвири хас.
Гар магас таъвил бигзорад ба рой,
Он магасро бахт гардонад ҳумой.

Он магас набвад, к-аш ин ибрат бувад,
Рӯҳи ӯ на дархури сурат бувад.

## Тӯлидани шер аз дер омадани харгӯш

Ҳамчу он харгӯш, к-ӯ бар шер зад
Рӯҳи ӯ, кай буд андар хурди қад?
Шер мегуфт аз сари тезию хашм,
К-аз раҳи гӯшам адӯ барбаст чашм. 1100
Макрҳои ҷабриёнам баста кард,
Теғи чӯбиншон танамро хаста кард.
З-ин сипас ман нашнавам он дамдама,
Бонги девон асту ғӯлон он ҳама.
Бардарон, эй дил, ту эшонро, маист,
Пӯстшон баркан, к-ишон ҷуз пӯст нест.
Пӯст чӣ бвад? Гуфтаҳои ранг-ранг,
Чун зиреҳ бар об, к-аш набвад диранг.
Ин сухан чун пусту маънӣ мағз дон,
Ин сухан чун нақшу маънӣ ҳамчу ҷон. 1105
Пӯст бошад мағзи бадро айбпӯш,
Мағзи некӯро зи ғайрат ғайбпӯш.
Чун қалам аз об буд, дафтар зи об,
Ҳар чӣ бинвисӣ, фано гардад шитоб.
Нақши об аст, ар вафо ҷӯйӣ аз он,
Бозгардӣ дастҳои худ газон.
Бод дар мардум ҳавову орзуст,
Чун ҳаво бигзоштӣ, пайғоми ҳуст.
Хуш бувад пайғомҳои Кирдгор,
К-ӯ зи сар то пой бошад пойдор. 1110
Хутбаи шоҳон бигардад в-он киё
Ҷуз киёву хутбаҳои анбиё.
З-он ки бавши подшоҳон аз ҳавост,
Борномай анбиё аз кибриёст.
Аз дирамҳо номи шоҳон баркананд,
Номи Аҳмад то абад бармезананд.
Номи Аҳмад номи ҷумлай анбиёст,
Чунки сад омад, навад ҳам пеши мост.

## Ҳам дар баёни макри харгӯш

Дар шудан харгӯш бас таъхир кард,
Макрро бо хештан тақрир кард.
Дар раҳ омад баъди таъхири дароз,
То ба гӯши шер гӯяд як-ду роз.
То чӣ оламҳост дар савдои ақл,
То чӣ бопаҳност ин дарёи ақл.
Сурати мо андар ин баҳри изоб
Медавад чун косаҳо бар рӯйи об.
То нашуд пур бар сари дарё чу ташт,
Чунки пур шуд ташт, дар вай ғарқ гашт.
Ақл пинҳон асту зоҳир оламе,
Сурати мо мавҷ ё аз вай наме.
Ҳар чӣ сурат ме-василат созадаш,
З-он василат баҳр дур андозадаш.
То набинад дил диҳандай розро,
То набинад тир дурандозро.
Асби худро ёва донад в-аз ситез
Медавонад асби худ дар роҳ тез.
Асби худро ёва донад он ҷавод
В-асб худ ӯро кашон карда чу бод.
Дар фиғону ҷустуҷӯ он хирасар,
Ҳар тараф пурсону ҷӯён дар ба дар,
К-он ки дуздид асби моро, куву кист?
Ин ки зери рони туст, эй хоҷа, чист?
Оре ин асб аст, лек ин асб ку?
Бо худ ой, эй шаҳсавори асбҷӯ.
Ҷон зи пайдоию наздикист гум,
Чун шикам пуробу лаб хушке чу хум.
Кай бибинӣ сурху сабзу фурро,
То набинӣ пеш аз ин се нурро.
Лек чун дар ранг гум шуд ҳуши ту,
Шуд зи нур он рангҳо рӯпӯши ту.
Чунки шаб он рангҳо мастур буд,
Пас бидидӣ, диди ранг аз нур буд.
Нест диди ранг бе нури бурун,
Ҳамчунин ранги хаёли андарун.

Ин бурун аз офтобу аз Суҳо
В-он дарун аз акси анвори уло.
Нури нури чашм, худ нури дил аст,
Нури чашм аз нури дилҳо ҳосил аст.
Боз нури нури дил нури Худост,
К-ӯ зи нури ақлу ҳис поку ҷудост.
Шаб набуд нуру надидӣ рангҳо,
Пас, ба зидди нур пайдо шуд туро.
Дидани нур аст, он гаҳ диди ранг
В-ин ба зидди нур донӣ бедиранг.
Ранҷу ғамро Ҳақ пайи он офарид,
То бад-ин зид хушдилӣ ояд падид.
Пас, ниҳониҳо ба зид пайдо шавад,
Чунки Ҳақро нест зид, пинҳон бувад,
Ки назар бар нур буд, он гаҳ ба ранг,
Зид ба зид пайдо бувад чун Руму Занг.
Пас, ба зидди нур донистӣ ту нур,
Зидд зидро менамояд дар судур.
Нури Ҳақро нест зидде дар вуҷуд,
То ба зид ӯро тавон пайдо намуд.
Лоҷарам абсори мо «ло тудрикуҳ,
Ва-ҳва юдрик» бин ту аз Мӯсову кӯҳ.
Сурат аз маънӣ, чу шер аз беша дон,
Ё чу овозу сухан з-андеша дон.
Ин сухан в-овоз, аз андеша хост,
Ту надонӣ баҳри андеша куҷост.
Лек чун мавҷи сухан дидӣ латиф,
Баҳри он донӣ, ки бошад ҳам шариф.
Чун зи дониш мавҷи андеша битохт,
Аз сухан в-овози ӯ сурат бисохт.
Аз сухан сурат бизоду боз мурд,
Мавҷ худро боз андар баҳр бурд.
Сурат аз бесуратӣ омад бурун,
Боз шуд, к-«инно илайҳи роҷиъун».
Пас, туро ҳар лаҳза маргу раҷъатест,
Мустафо фармуд: «Дунё соатест».
Фикри мо тирест аз ҳу дар ҳаво,
Дар ҳаво кай пояд? Ояд то Худо.

Ҳар нафас нав мешавад дунёву мо,
Бехабар аз нав шудан андар бақо.
Умр ҳамчун ҷӯй нав-нав мерасад,
Мустамирре менамояд дар ҷасад.
Он зи тезӣ мустамиршакл омадаст,
Чун шарар, к-аш тез ҷунбонӣ ба даст.
Шохи оташро биҷунбонӣ ба соз,
Дар назар оташ намояд бас дароз.
Ин дарозий муддат аз тезии сунъ
Менамояд суръатангезии сунъ.
Толиби ин сирр агар алломаест,
Нак, Ҳусомуддин, ки соминомаест.

## Расидани харгӯш ба шер

Шер андар оташу дар хашму шӯр,
Дид, к-он харгӯш меояд зи дур.
Медавад бедаҳшату густох ӯ,
Хашмгину тунду тезу туршрӯ,
К-аз шикаста омадан туҳмат бувад
В-аз далерӣ дафъи ҳар райбат бувад.
Чун расид ӯ пештар наздики саф,
Бонг барзад шер: «Ҳон, эй нохалаф,
Ман, ки пилонро зи ҳам бидридаам,
Ман, ки гӯши шери нар молидаам,
Нимхаргӯше кӣ бошад, ки чунин
Амри моро афганад ӯ бар замин?
Тарки хоби ғафлати харгӯш кун,
Ғурраи ин шер эй хар, гӯш кун».

## Узр гуфтани харгӯш

Гуфт харгӯш: «Ал-амон, узрем ҳаст,
Гар диҳад афви худовандит даст».
Гуфт: «Чӣ узр, эй қусури аблаҳон?
Ин замон оянд дар пеши шаҳон?
Мурғи бевақтӣ, сарат бояд бурид,
Узри аҳмақро намешояд шунид.

Узри аҳмақ бадтар аз ҷурмаш бувад,
Узри нодон заҳри ҳар дониш бувад.
Узрат, эй харгӯши аз дониш тиҳӣ,
Ман на харгӯшам, ки дар гӯшам ниҳӣ».
Гуфт: «Эй шаҳ, нокасеро кас шумор,
Узри истамдидаеро гӯш дор.
Хос аз баҳри закоти ҷоҳи худ
Гумраҳеро ту марон аз роҳи худ.
Баҳр, к-ӯ обе ба ҳар ҷӯ медиҳад,
Ҳар хасеро бар сару рӯ мениҳад.
Кам нахоҳад гашт дарё з-ин карам,
Аз карам дарё нагардад бешу кам».
Гуфт: «Дорам ман карам бар ҷойи ӯ,
Ҷомаи ҳар кас бурам болойи ӯ».
Гуфт: «Бишнав, гар набошам ҷойи лутф,
Сар ниҳодам пеши аждарҳои унф.
Ман ба вақти чошт дар роҳ омадам,
Бо рафиқи худ суйи шоҳ омадам.
Бо ман аз баҳри ту харгӯше дигар
Ҷуфту ҳамраҳ карда буданд он нафар.
Шере андар роҳ қасди банда кард,
Қасди ҳар ду ҳамраҳи оянда кард.
Гуфтамаш: «Мо бандаи шоҳаншаҳем,
Хоҷатошони кеҳи он даргаҳем».
Гуфт: «Шоҳаншаҳ кӣ бошад? Шарм дор,
Пеши ман ту ёди ҳар нокас маёр!
Ҳам турову ҳам шаҳатро бардарам,
Гар туву ёрат бигардед аз дарам».
Гуфтамаш: «Бигзор, то бори дигар
Рӯйи шаҳ бинам, барам аз ту хабар».
Гуфт: «Ҳамраҳро гарав неҳ пеши ман
В-арна қурбонӣ ту андар кеши ман».
Лоба кардемаш басе, суде накард,
Ёри ман бистад, маро бигзошт фард.
Ёрам аз зафтӣ дучандон буд, ки ман
Ҳам ба лутфу ҳам ба хубӣ, ҳам ба тан.
Баъд аз ин, з-он шер ин раҳ баста шуд,
Ҳоли ман ин буду бо ту гуфта шуд.

Аз вазифа баъд аз ин уммед бур,
Ҳақ ҳамегӯям туро «ва-л-ҳаққу мур».
Гар вазифа боядат, раҳ пок кун,
Ҳин, биёву дафъи он бебок кун.

## Ҷавоб гуфтани шер харгӯшро ва равон шудан бо ӯ

Гуфт: «Бисмиллаҳ, биё, то ӯ куҷост?
Пеш даршав, гар ҳамегӯйӣ ту рост,
То сазои ӯву сад чун ӯ диҳам
В-ар дурӯғ аст ин, сазои ту диҳам».
Андаромад чун қаловузе ба пеш,
То барад ӯро ба сӯйи доми хеш.
Сӯйи чоҳе, ки нишонаш карда буд,
Чоҳи мағро доми ҷонаш карда буд.
Мешуданд ин ҳар ду то наздики чоҳ,
Ин-т харгӯше чу обе зери коҳ.
Об коҳеро ба ҳомун мебарад,
Об кӯҳеро – аҷаб! – Чун мебарад?
Доми макри ӯ каманди шер буд,
Турфа харгӯше, ки шере мерабуд.
Мӯсие Фиръавнро бо рӯди Нил
Мекушад бо лашкару ҷамъи сақил.
Пашшае Намрудро бо ним пар
Мешикофад бемуҳобо дарзи сар.
Ҳоли он к-ӯ қавли душманро шунуд,
Бин ҷазои он, ки шуд ёри ҳасуд.
Ҳоли Фиръавне, ки Ҳомонро шунуд,
Ҳоли Намруде, ки шайтонро шунуд.
Душман арчи дӯстона гӯядат,
Дом дон, гарчи зи дона гӯядат.
Гар туро қанде диҳад, он захр дон,
Гар ба тан лутфе кунад, он қаҳр дон.
Чун қазо ояд, набинӣ ғайри пӯст,
Душманонро бознашносӣ зи дӯст.
Чун чунин шуд, ибтиҳол оғоз кун,
Нолаву тасбеҳу рӯза соз кун.

Нола мекун, к-эй ту аллому-л-ғуюб,
Зери санги макри бад моро макӯб.
Гар сагӣ кардем, эй шер, офарин!
Шерро магмор бар мо з-ин камин. 1205
Оби хушро сурати оташ мадеҳ,
Андар оташ сурати обе манеҳ.
Аз шароби қаҳр чун мастӣ диҳӣ,
Нестҳоро сурати ҳастӣ диҳӣ.
Чист мастӣ? Банди чашм аз диди чашм,
То намояд санг гавҳар, пашм яшм.
Чист мастӣ? Ҳиссҳо мубдал шудан,
Чӯби газ андар назар сандал шудан.

## Қиссаи ҳудҳуд ва Сулаймон, алайҳиссалом, дар баёни он ки чун қазо ояд, чашмҳои равшан баста шавад

Чун Сулаймонро саропарда заданд,
Ҷумла мурғонаш ба хидмат омаданд. 1210
Ҳамзабону маҳрами худ ёфтанд,
Пеши ӯ як-як ба ҷон биштофтанд.
Ҷумла мурғон тарк карда чик-чик,
Бо Сулаймон гашта «афсаҳ мин ахик».
Ҳамзабонӣ хешию пайвандӣ аст,
Мард бо номаҳрамон чун бандӣ аст.
Эй басо ҳиндуву турке ҳамзабон,
Эй басо ду турк чун бегонагон.
Пас, забони маҳрамӣ худ дигар аст,
Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст. 1215
Ғайри нутқу ғайри имову сиҷил
Сад ҳазорон тарҷумон хезад зи дил.
Ҷамла мурғон ҳар яке асрори худ
Аз ҳунар в-аз донишу аз кори худ
Бо Сулаймон як ба як воменамуд,
Аз барои арза худро меситуд.
Аз такаббур нею аз ҳастии хеш,
Баҳри он, то раҳ диҳад ӯро ба пеш.

Чун бибояд бардаро аз хоҷае,
Арза дорад аз ҳунар дебоҷае.
Чунки дорад аз харидориш нанг,
Худ кунад бемору карру шаллу ланг.
Навбати ҳудҳуд расиду пешааш
В-он баёни санъату андешааш.
Гуфт: «Эй шаҳ, як ҳунар, к-он кеҳтар аст,
Бозгӯям, гуфт кӯтаҳ беҳтар аст».
Гуфт: «Баргӯ, то кадом аст он ҳунар?»
Гуфт: «Ман он гаҳ ки бошам авҷ - бар.
Бингарам аз авҷ бо чашми яқин,
Ман бибинам об дар қаъри замин.
То куҷо асту чӣ умқ асташ, чӣ ранг?
Аз чӣ меҷӯшад? Зи хоке ё зи санг?
Эй Сулаймон, баҳри лашкаргоҳро
Дар сафар медор ин огоҳро».
Пас Сулаймон гуфт: «Эй некӯрафиқ!
Дар биёбонҳои беоби амиқ
То биёбӣ баҳри лашкар обро,
Дар сафар саққо шавӣ асҳоброˮ».

## Таънаи зоғ дар даъвои ҳудҳуд

Зоғ чун бишнуд, омад, аз ҳасад
Бо Сулаймон гуфт, к-ӯ каж гуфту бад.
Аз адаб набвад ба пеши шаҳ мақол,
Хоса, худ лофи дурӯғину муҳол.
Гар мар-ӯро ин назар будӣ мудом,
Чун надидӣ зери муште хок дом?
Чун гирифтор омадӣ дар доми ӯ?
Чун қафас андаршудӣ нокоми ӯ?
Пас Сулаймон гуфт: «Эй ҳудҳуд, равост,
К-аз ту дар аввалқадаҳ ин дурд хост?
Чун намоӣ мастӣ, эй хӯрда ту дӯғ?
Пеши ман лофе занӣ, он гаҳ дурӯғ?»

## Ҷавоб гуфтани ҳудҳуд таънаи зоғро

Гуфт: «Эй шаҳ, бар мани ури гадой
Қавли душман машнав аз баҳри Худой.
Гар ба бутлон аст даъво карданам,
Ман ниҳодам сар, бибур ин гарданам.
Зоғ, к-ӯ ҳукми қазоро мункир аст,
Гар ҳазорон ақл дорад, кофир аст.
Дар ту, то «коф»-е бувад аз кофирон,
Ҷойи ганду шаҳватӣ чун «коф»-и рон.
Ман бибинам домро андар ҳаво,
Гар напӯшад чашми ақламро қазо.
Чун қазо ояд, шавад дониш ба хоб,
Маҳ сияҳ гардад, бигирад офтоб.
Аз қазо ин таъбия кай нодир аст?
Аз қазо дон, к-ӯ қазоро мункир аст».

## Қиссаи Одам, алайҳиссалом ва бастани қазо назари ӯро аз мурооти сареҳи наҳӣ ва тарки таъвил

Булбашар, к-ӯ «Аллама-л-асмо-баг» аст,
Сад ҳазорон илмаш андар ҳар раг аст.
Исми ҳар чизе, чунон к-он чиз ҳаст,
То ба поён ҷони ӯро дод даст.
Ҳар лақаб, к-ӯ дод, он мубдал нашуд,
Он ки чусташ хонд, ӯ коҳил нашуд.
Ҳар кӣ охир муъмин аст, аввал бидид,
Ҳар кӣ охир кофир, ӯро шуд падид.
Исми ҳар чизе ту аз доно шунав,
Сирри рамзи аллама-л-асмо шунав.
Исми ҳар чизе бари мо зоҳираш,
Исми ҳар чизе бари холиқ сираш.
Назди Мӯсо номи чӯбаш буд асо,
Назди холиқ буд номаш аждаҳо.
Буд Умарро ном ин ҷо бутпараст,
Лек муъмин буд номаш дар аласт.

Он ки буд наздики мо номаш манӣ,
Пеши Ҳақ ин нақш буд, ки бо манӣ.
Сурате буд ин манӣ андар адам,
Пеши Ҳақ мавҷуд, на бешу на кам.
Ҳосил он омад ҳақиқат номи мо
Пеши ҳазрат, к-он бувад анҷоми мо.
Мардро бар оқибат номе ниҳад,
На бар он к-ӯ орият, номе ниҳад.
Чашми Одам, чун ба нури пок дид,
Ҷону сирри номҳо гашташ падид.
Чун малак анвори Ҳақ дар вай биёфт,
Дар суҷуд афтоду дар хидмат шитофт.
Мадҳи ин Одам, ки номаш мебарам,
Қосирам, гар то қиёмат бишмарам.
Ин ҳама донисту чун омад қазо,
Дониши як наҳй шуд бар вай хато.
К-эй аҷаб, наҳй аз пайи таҳрим буд,
Ё ба таъвиле буду тавҳим буд.
Дар дилаш таъвил чун тарҷеҳ ёфт,
Табъ дар ҳайрат суйи гандум шитофт.
Боғбонро хор чун дар пой рафт,
Дузд фурсат ёфт, коло бурд тафт.
Чун зи ҳайрат раст, боз омад ба роҳ,
Дид, бурда дузд рахт аз коргоҳ.
«Раббано инно заламно» гуфту оҳ,
Яъне омад зулмату гум гашт роҳ.
Пас, қазо абре бувад хуршедпӯш,
Шеру аждарҳо шавад з-ӯ ҳамчу муш.
Ман агар доме набинам гоҳи ҳукм,
Ман на танҳо ҷоҳилам дар роҳи ҳукм.
Эй хунук, он к-ӯ накӯкорӣ гирифт,
Зӯрро бигзошт ӯ, зорӣ гирифт.
Гар қазо пӯшад сияҳ ҳамчун шабат,
Ҳам қазо дастат бигирад оқибат.
Гар қазо сад бор қасди ҷон кунад,
Ҳам қазо ҷонат диҳад, дармон кунад.
Ин қазо сад бор агар роҳат занад,
Бар фарози чарх хиргоҳат занад.

Аз карам дон, ин ки метарсонадат,
То ба мулки эминӣ биншонадат.
Ин сухан поён надорад, гашт дер,
Гӯш кун ту қиссаи харгӯшу шер.

## По вопас кашидани харгӯш аз шер, чун наздики чоҳ расид

Чунки назди чоҳ омад шер, дид,
К-аз раҳ он харгӯш monду по кашид.
Гуфт: «По вопас кашидӣ ту чаро?
Пойро вопас макаш, пеш андаро».
Гуфт: «Ку поям? Ки дасту пой рафт,
Ҷони ман ларзиду дил аз ҷой рафт.
Ранги рӯямро намебинӣ чу зар?
З-андарун худ медиҳад рангам хабар».
Ҳақ чу симоро муарриф хондааст,
Чашми ориф сӯйи симо мондааст.
Рангу бӯ ғаммоз омад чун ҷарас,
Аз фарас огаҳ кунад бонги фарас.
Бонги ҳар чизе расонад з-ӯ хабар,
То бидонӣ бонги хар аз бонги дар.
Гуфт пайғамбар: «Ба тамйизи касон
Маръу махфиййун ладай таййа-л-лисон».
Ранги рӯ аз ҳоли дил дорад нишон,
Раҳматам кун, меҳри ман дар дил нишон.
Ранги рӯйи сурх дорад бонги шукр,
Бонги рӯйи зард дорад сабру нукр.
Дар ман омад, он ки дасту по барад,
Ранги рӯву қуввату симо барад.
Он ки дар ҳар чӣ дарояд, бишканад,
Ҳар дарахт аз беху бун ӯ барканад.
Дар ман омад, он ки аз вай гашт мот
Одамию ҷонвар, ҷомид, набот.
Ин худ аҷзоанд, куллийёт аз ӯ,
Зард карда рангу фосид карда бӯ.
То ҷаҳон гаҳ собир асту гаҳ шакур,
Бӯстон гаҳ ҳулла пӯшад, гоҳ ур.

Офтобе, к-ӯ бароядӣ норгун,
Соате дигар шавад ӯ сарнигун.
Ахтарони тофта бар чор тоқ
Лаҳза-лаҳза мубталои эҳтироқ.
Моҳ, к-ӯ афзуд з-ахтар дар ҷамол,
Шуд зи ранҷи диққ ӯ ҳамчун хаёл.
Ин замини босукуни боадаб
Андарорад зилзилаш дар ларзу таб.
Эй басо куҳ, з-ин балои мурдарег
Гаштааст андар ҷаҳон ӯ хурду рег.
Ин ҳаво бо рӯҳ омад муқтарин,
Чун қазо ояд, вабо гашту афин.
Оби хуш, к-ӯ рӯҳро ҳамшира шуд,
Дар ғадире зарду талху тира шуд.
Оташе, к-ӯ бод дорад дар бурут,
Ҳам яке боде бар ӯ хонад ямут.
Ҳоли дарё, з-изтиробу ҷӯши ӯ
Фаҳм кун табдилҳои ҳуши ӯ.
Чархи саргардон, ки андар ҷустуҷӯст,
Ҳоли ӯ чун ҳоли фарзандони ӯст.
Гаҳ ҳазизу гаҳ миёна, гоҳ авҷ,
Андар ӯ аз саъду наҳсе фавҷ-фавҷ.
Аз худ, эй ҷузвӣ, зи кулҳо мухталит!
Фаҳм мекун ҳолати ҳар мунбасит.
Чунки куллийётро ранҷ асту дард,
Ҷузви эшон чун набошад рӯйзард?
Хоса ҷузве, к-ӯ зи аздод аст ҷамъ,
З-обу хоку оташу бод аст ҷамъ.
Ин аҷаб набвад, ки меш аз гург ҷаст,
Ин аҷаб, к-ин меш дил дар гург баст.
Зиндагонӣ оштии зиддҳост,
Марги он, к-андар миёншон ҷанг хост!
Лутфи Ҳақ ин шеррову гӯрро
Илф додаст ин ду зидди дурро.
Чун ҷаҳон ранҷуру зиндонӣ бувад,
Чӣ аҷаб, ранҷур агар фонӣ бувад.
Хонд бар шер ӯ аз ин рӯ пандҳо,
Гуфт: «Ман пас мондаам з-ин бандҳо».

## Пурсидани шер аз сабаби пой вопас кашидани харгӯш

Шер гуфташ: «Ту зи асбоби мараз
Ин сабаб гӯ хос, к-инастам ғараз».
Гуфт: «Он шер андар ин чаҳ сокин аст,
Андар ин қалъа зи офот эмин аст».
Қаъри чаҳ бигзид, ҳар кӣ оқил аст,
З-он ки дар хилват сафоҳои дил аст.
Зулмати чаҳ беҳ, ки зулматҳои халқ
Сар набурд он кас, ки гирад пойи халқ.
Гуфт: «Пеш о, захмам ӯро қоҳир аст,
Ту бибин, к-он шер дар чаҳ ҳозир аст?»
Гуфт: «Ман сӯзидаам з-он оташе,
Ту магар андар бари хешам кашӣ.
То ба пушти ту ман, эй кони карам,
Чашм бигшоям, ба чаҳ- дар бингарам».

## Назар кардани шер дар чоҳ ва дидан акси худро ва он харгӯшро

Чунки шер андар бари хешаш кашид,
Дар паноҳи шер то чаҳ медавид.
То ки дар чаҳ бингариданд андар об,
Андар об аз шеру ӯ дартофт тоб.
Шер акси хеш дид аз об тафт,
Шакли шере, дар бараш харгӯши зафт.
Чунки хасми хешро дар об дид,
Мар варо бигзошт в-андар чаҳ ҷаҳид.
Дарфитод андар чаҳе, к-ӯ канда буд,
З-он ки зулмаш дар сараш оянда буд.
Чоҳи музлим гашт зулми золимон,
Инчунин гуфтанд ҷумлай олимон:
«Ҳар кӣ золимтар, чаҳаш боҳавлтар,
Адл фармудаст бадтарро батар».
Эй ки ту аз чоҳ зулме мекунӣ,
Дон, ки баҳри хеш чоҳе меканӣ.

Гирди худ чун кирми пила барматан,
Баҳри худ чаҳ меканӣ, андоза кан.
Мар заъифонро ту бе хасме мадон,
Аз Нубӣ «зо ҷоа насруллоҳ» хон.
Гар ту пилӣ, хасми ту аз ту рамид,
Нак, ҷазо «тайран абобил»-ат расид.
Гар заъифе дар замин хоҳад амон,
Ғулғул афтад дар сипоҳи осмон.
Гар ба дандонаш газӣ, пурхун кунӣ,
Дарди дандонат бигирад, чун кунӣ?
Шер худро дид дар чаҳ в-аз ғулӯ
Хешро нашнохт он дам аз адӯ.
Акси худро ӯ адӯи хеш дид,
Лоҷарам бар хеш шамшере кашид.
Эй басо зулме, ки бинӣ дар касон,
Хӯйи ту бошад дар эшон, эй фалон.
Андар эшон тофта ҳастии ту,
Аз нифоқу зулму бадмастии ту.
Он туӣ в-он захм бар худ мезанӣ,
Бар худ он дам тори лаънат метанӣ.
Дар худ он бадро намебинӣ аён
В-арна душман будаӣ худро ба ҷон.
Ҳамла бар худ мекунӣ, эй содамард!
Ҳамчу он шере, ки бар худ ҳамла кард.
Чун ба қаъри хӯйи худ андаррасӣ,
Пас, бидонӣ, к-аз ту буд он нокасӣ.
Шерро дар қаър пайдо шуд, ки буд
Нақши ӯ, он к-аш дигар кас менамуд.
Ҳар кӣ дандони заъифе меканад,
Кори он шери ғалатбин мекунад.
Эй бидида акси бад бар рӯйи ам,
Бад на амм аст, он туӣ, аз худ марам!
Муъминон ойинаи ҳамдигаранд,
Ин хабар ме аз паямбар оваранд.
Пеши чашмат доштӣ шишай кабуд,
З-он сабаб олам кабудат менамуд.
Гар на кӯрӣ, ин кабудӣ дон зи хеш,
Хешро бад гӯ, магӯ касро ту беш.

Муъмин аз «янзур бинуриллаҳ» набуд,
Ғайб муъминро бараҳна чун намуд?
Чунки ту «янзур бинориллаҳ» будӣ,
Дар бадӣ аз некуӣ ғофил шудӣ.
Андак-андак об бар оташ бизан,
То шавад нори ту нур, эй булҳазан.
Ту бизан, ё раббано! Оби таҳур,
То шавад ин нори олам ҷумла нур.
Оби дарё ҷумла дар фармони туст,
Обу оташ, эй Худованд, они туст.
Гар ту хоҳӣ, оташ оби х(в)аш шавад
В-ар нахоҳӣ, об ҳам оташ шавад.
Ин талаб дар мо ҳам аз эҷоди туст,
Растан аз бедод, ё раб, доди туст.
Бе талаб, ту ин талабмон додаӣ,
Ганҷи эҳсон бар ҳама бигшодаӣ.

## Мужда бурдани харгӯш сӯйи нахҷирон, ки шер дар чоҳ фитод

Чунки харгӯш аз раҳоӣ шод гашт,
Сӯйи нахҷирон давон шуд то ба дашт.
Шерро чун дид дар чаҳ, кушта зор,
Чарх мезад шодмон то марғзор.
Даст мезад, чун раҳид аз дасти марг
Сабзу рақсон дар ҳаво чун шоху барг.
Шоху барг аз ҳабси хок озод шуд,
Сар бароварду ҳарифи бод шуд.
Баргҳо чун шохро бишкофтанд,
То ба болои дарахт иштофтанд.
Бо забони «шатъуҳу» шукри Худо
Месарояд ҳар бару барге ҷудо,
Ки бипарвард асли моро зулато,
То дарахт истағлаз омад в-иставо.
Ҷонҳои баста андар обу гил,
Чун раҳанд аз обу гилҳо шоддил,
Дар ҳавои ишқи Ҳақ рақсон шаванд,
Ҳамчу қурси бадр бенуқсон шаванд.

Ҷисмашон дар рақсу ҷонҳо, худ мапурс
В-он ки гирди ҷон, аз онҳо худ мапурс.
Шерро харгӯш дар зиндон нишонд,
Нанги шере, к-ӯ зи харгӯше бимонд.
Дар чунон нангею он гаҳ ин аҷаб,
«Фахри дин» хоҳад, ки гӯяндаш лақаб.
Эй ту шерӣ, дар таги ин чоҳ фард,
Нафс чун харгӯш хунат рехту х(в)ард.
Нафси харгӯшат ба саҳро дар чаро,
Ту ба қаъри ин чаҳи чуну чаро.
Сӯйи нахҷирон давид он шергир,
К-«ибширу ё қавму, из ҷоа-л-башир».
Мужда, мужда, эй гурӯҳи айшсоз,
К-он саги дӯзах ба дӯзах рафт боз.
Мужда, мужда, к-он адувви ҷонҳо,
Канд қаҳри холиқаш дандонҳо.
Он ки аз панҷа басе саҳро бикӯфт,
Ҳамчу хас ҷорӯби маргаш ҳам бирӯфт.

## Ҷамъ шудани нахҷирон гирди харгӯш ва сано гуфтан ӯро

Ҷамъ гаштанд он замон ҷумла вуҳуш,
Шоду хандон, аз тараб дар завқу ҷӯш.
Ҳалқа карданд, ӯ чу шамъе дар миён,
Саҷда оварданду гуфтандаш, ки ҳон!
Ту фариштай осмонӣ ё парӣ?
Не, ту Азроили шерони нарӣ.
Ҳар чӣ ҳастӣ, ҷони мо қурбони туст,
Даст бурдӣ, дасту бозуят дуруст.
Ронд Ҳақ ин обро дар ҷӯйи ту,
Офарин бар дасту бар бозуи ту!
Бозгӯ, то чун сиголидӣ ба макр?
Он авонро чун бимолидӣ ба макр?
Бозгӯ, то қисса дармонҳо шавад,
Бозгӯ, то марҳами ҷонҳо шавад.
Бозгӯ, к-аз зулми он истамнамо
Сад ҳазорон захм дорад ҷони мо.

Гуфт: «Таъйиди Худо буд, эй меҳон!
В-арна харгӯше кӣ бошад дар ҷаҳон?
Қувватам бахшиду дилро нур дод,
Нури дил мар дасту поро зӯр дод».
Аз бари Ҳақ мерасад тафзилҳо,
Боз ҳам аз Ҳақ расад табдилҳо.
Ҳақ ба давру навбат ин таъйидро
Менамояд аҳли занну дидро.

## Панд додани харгӯш нахчиронро, ки бад-ин шод машавед

Ҳин, ба мулки навбатӣ шодӣ макун,
Эй ту бастай навбат, озодӣ макун.
Он ки мулкаш бартар аз навбат тананд,
Бартар аз ҳафт анҷумаш навбат зананд.
Бартар аз навбат мулуки боқиянд,
Давр доим, рӯҳҳо бо соқиянд.
Тарки ин шурб ар бигӯйӣ як-ду рӯз,
Дар кунӣ андар шароби хулд пӯз.

## Тафсири «Раҷаъно мин-ал-ҷиҳоди-л-асғари ила-л-ҷиҳоди-л-акбар»

Эй шаҳон, куштем мо хасми бурун,
Монд хасме з-ӯ батар дар андарун.
Куштани ин кори ақлу ҳуш нест,
Шери ботин сухраи харгӯш нест.
Дӯзах аст ин нафсу дӯзах аждаҳост,
К-ӯ ба дарёҳо нагардад камму кост.
Ҳафт дарёро дарошомад, ҳанӯз
Кам нагардад сӯзиши он халқсӯз.
Сангҳову кофирони сангдил
Андароянд андар ӯ зору хиҷил.
Ҳам нагардад сокин аз чандин ғизо,
То зи Ҳақ ояд мар ӯро ин нидо:
Сер гаштӣ? Сер гӯяд: «На ҳанӯз!»

Ин-т оташ, ин-т тобиш, ин-т сӯз.
Оламеро луқма карду даркашид,
Меъдааш наъразанон: «Ҳал мин мазид?»
Ҳақ қадам бар вай ниҳад аз ломакон,
Он гаҳ ӯ сокин шавад аз «кун факон».
Чунки ҷузви дӯзах аст ин нафси мо,
Табъи кул дорад ҳамеша ҷузвҳо.
Ин қадам Ҳақро бувад, к-ӯро кушад,
Ғайри Ҳақ худ кӣ камони ӯ кашад?
Дар камон нанҳанд, илло тири рост,
Ин камонро божгун каж тирҳост.
Рост шав чун тиру ворaҳ аз камон,
К-аз камон ҳар рост биҷҳад бегумон.
Чунки вогаштам зи пайкори бурун,
Рӯй овардам ба пайкори дарун.
«Қад раҷаъно мин ҷиҳоди-л-асғар»-ем,
Бо набӣ андар ҷиҳоди акбарем.
Қувват аз Ҳақ хоҳаму тавфиқу лоф,
То ба сӯзан барканам ин кӯҳи Қоф.
Саҳл шере дон, ки сафҳо бишканад,
Шер он аст, он ки худро бишканад.

## Омадани расули Рум то амирулмуъминин Умар, разияллоҳу анҳу ва дидани ӯ каромоти Умарро, разияллоҳу анҳу

Дар баёни ин шунав як қиссае,
То барӣ аз сирри гуфтам ҳиссае.
То Умар омад зи Қайсар як расул
Дар Мадина аз биёбони нуғул.
Гуфт: «Ку қасри халифа, эй ҳашам,
То ман асбу рахтро он ҷо кашам?»
Қавм гуфтандаш, ки ӯро қаср нест,
Мар Умарро қаср ҷони равшанест.
Гарчи аз мирӣ варо овозаест,
Ҳамчу дарвешон мар ӯро козаест.
Эй бародар, чун бибинӣ қасри ӯ?
Чунки дар чашми дилат рустаст мӯ.

Чашми дил аз мӯву иллат пок ор
В-он гаҳ он дидори қасраш чашм дор.
Ҳар киро ҳаст аз ҳавасҳо ҷони пок,
Зуд бинад ҳазрату айвони пок.
Чун Муҳаммад пок шуд з-ин нору дуд,
Ҳар куҷо рӯ кард, ваҷҳуллоҳ буд.
Чун рафиқӣ васвасаи бадхоҳро,
Кай бидонӣ «самма ваҷҳуллоҳ» -ро?
Ҳар киро бошад зи сина фатҳи боб,
Ӯ зи ҳар шаҳре бибинад офтоб.
Ҳақ падид аст аз миёни дигарон
Ҳамчу моҳ андар миёни ахтарон.
Ду сари ангушт бар ду чашм неҳ,
Ҳеч бинӣ аз ҷаҳон? Инсоф деҳ.
Гар набинӣ, ин ҷаҳон маъдум нест,
Айб ҷуз з-ангушти нафси шум нест.
Ту зи чашм ангуштро бардор, ҳин,
Он гаҳоне, ҳар чӣ мехоҳӣ, бибин.
Нӯҳро гуфтанд уммат; Ку савоб?
Гуфт ӯ: «З-он сӯйи вастағшаф сибоб».
Рӯву сар дар ҷомаҳо печидаед,
Лоҷарам бо дидаву нодидаед.
Одамӣ дид асту боқӣ пӯст аст,
Дид он аст, он ки диди дӯст аст.
Чунки диди дӯст набвад, кӯр беҳ,
Дӯст, к-ӯ боқӣ набошад, дур беҳ.
Чун расули Рум ин алфози тар
Дар самоъ овард, шуд муштоқтар.
Дидаро бар ҷустани Уммар гумошт,
Рахтрову асбро зоеъ гузошт.
Ҳар тараф андар пайи он марди кор
Мешудӣ пурсони ӯ девонавор,
К-инчунин марде бувад андар ҷаҳон
В-аз ҷаҳон монанди ҷон бошад ниҳон?
Ҷуст ӯро, то-ш чун банда бувад,
Лоҷарам ҷӯянда ёбанда бувад.
Дид аъробизане ӯро дахил,
Гуфт: «Уммар, нак ба зери он нахил.

Зери хурмобун зи халқон ӯ ҷудо,
Зери соя хуфта бин сояй Худо».

## Ёфтани расули Рум амирулмуъминин Умарро, разийаллоҳу анҳу, хуфта ба зери дарахт

Омад ӯ он ҷову аз дур истод,
Мар Умарро диду дар ларз уфтод.
Ҳайбате з-он хуфта омад бар расул,
Ҳолате хуш кард бар ҷонаш нузул.
Меҳру ҳайбат ҳаст зидди ҳамдигар,
Ин ду зидро дид ҷамъ андар ҷигар.
Гуфт бо худ: «Ман шаҳонро дидаам,
Пеши султонон меҳу бигзидаам.
Аз шаҳонам ҳайбату тарсе набуд,
Ҳайбати ин мард ҳушамро рабуд.
Рафтаам дар бешаи шеру паланг,
Рӯйи ман з-эшон нагардонид ранг.
Бас шудастам дар масофу корзор
Ҳамчу шер он дам, ки бошад кор зор.
Баски хӯрдам, бас задам захми гарон,
Дилқавитар будаам аз дигарон.
Бесилоҳ ин мард хуфта бар замин,
Ман ба ҳафт андом ларзон, чист ин?
Ҳайбати Ҳаққ аст ин, аз халқ нест,
Ҳайбати ин марди соҳибдалқ нест.
Ҳар кӣ тарсид аз Ҳақу тақво гузид,
Тарсад аз вай ҷинну инсу ҳар кӣ дид».
Андар ин фикрат ба ҳурмат даст баст,
Баъди як соат Умар аз хоб ҷаст.
Кард хидмат мар Умаррову салом,
Гуфт пайғамбар: «Салом, он гаҳ калом».
Пас алайкаш гуфту ӯро пеш хонд,
Эминаш карду ба пеши худ нишонд.
«Ло тахофу» ҳаст нузли хоифон,
Ҳаст дархур аз барои хоиф он.
Ҳар кӣ тарсад, мар варо эмин кунанд,
Мар дили тарсидаро сокин кунанд.

Он ки хавфаш нест, чун гӯйӣ, матарс?
Дарс чӣ-дҳӣ? Нест ӯ мӯҳтоҷи дарс.
Он дилазҷорафтаро дилшод кард,
Хотири вайрон-шро обод кард.
Баъд аз он гуфташ суханҳои дақиқ
В-аз сифоти поки Ҳақ, ниъму-р-рафиқ.
В-аз навозишҳои Ҳақ абдолро,
То бидонад ӯ мақому ҳолро.
Ҳол чун ҷилваст з-он зебо арӯс
В-ин мақом он хилват омад бо арӯс.
Ҷилва бинад шоҳу ғайри шоҳ низ,
Вақти хилват нест ҷуз шоҳи азиз.
Ҷилва карда хосу омонро арӯс,
Хилват - андар шоҳ бошад бо арӯс.
Ҳаст бисёр аҳли ҳол аз сӯфиён,
Нодир аст аҳли мақом андар миён.
Аз манозилҳои ҷонаш ёд дод
В-аз сафарҳои равонаш ёд дод,
В-аз замоне, к-аз замон холӣ будаст
В-аз мақоми қудс, к-иҷлолӣ будаст.
В-аз ҳавое, к-андар ӯ симурғи рӯҳ
Пеш аз ин дидаст парвозу футӯҳ.
Ҳар яке парвозаш аз офоқ беш
В-аз умеду наҳмати муштоқ беш.
Чун Умар ағёррӯро ёр ёфт,
Ҷони ӯро толиби асрор ёфт.
Шайх комил буду толиб муштаҳӣ,
Мард чобук буду маркаб даргаҳӣ.
Дид он муршид, ки ӯ иршод дошт,
Тухми пок андар замини пок кошт.

## Суол кардани расули Рум аз амирулмуъминин Умар, разияллоҳу анҳу

Мард гуфташ, к-эй амирулмуъминин!
Ҷон зи боло чун даромад дар замин?
Мурғи беандоза чун шуд дар қафас?
Гуфт: «Ҳақ бар ҷон фусун хонду қисас.

Бар адамҳо, к-он надорад чашму гӯш,
Чун фусун хонад, ҳаме ояд ба ҷӯш.
Аз фусуни ӯ адамҳо зуд-зуд,
Хуш муаллақ мезанад сӯйи вуҷуд.
Боз бар мавҷуд афсуне чу хонд,
З-ӯ дуасба дар адам мавҷуд ронд.
Гуфт дар гӯши гулу хандон-ш кард,
Гуфт бо сангу ақиқи кон-ш кард.
Гуфт бо ҷисм ояте, то ҷон шуд ӯ,
Гуфт бо хуршед, то рахшон шуд ӯ.
Боз дар гӯшаш дамад нуктай махуф,
Дар рухи хуршед афтад сад кусуф.
То ба гӯши абр, он гӯё чӣ хонд,
К-ӯ чу машк аз дидаи худ ашк ронд?
То ба гӯши хок Ҳақ чӣ хондааст,
К-ӯ муроқиб гашту хомуш мондааст?
Дар тараддуд ҳар кӣ ӯ ошуфта аст,
Ҳақ ба гӯши ӯ муаммо гуфтааст.
То кунад маҳбусаш андар ду гумон:
Он кунам, к-ӯ гуфт ё худ зидди он?
Ҳам зи Ҳақ тарҷеҳ ёбад як тараф,
З-он ду якро баргузинад з-он канаф.
Гар нахоҳӣ дар тараддуд ҳуши ҷон,
Кам фишор ин пунба андар гӯши ҷон.
То кунӣ фаҳм он муаммоҳошро,
То кунӣ идрок рамзу фошро.
Пас маҳалли ваҳй гардад гӯши ҷон,
Ваҳй чӣ бвад? Гуфтане аз ҳис ниҳон.
Гӯши ҷону чашми ҷон ҷуз ин ҳис аст,
Гӯши ақлу гӯши зан з-ин муфлис аст.
Лафзи ҷабрам ишқро бесабр кард
В-он ки ошиқ нест, ҳабси ҷабр кард.
Ин маъийят бо Ҳақ асту ҷабр нест,
Ин таҷаллии маҳ аст, ин абр нест.
В-ар бувад ин ҷабр, ҷабри ома нест,
Ҷабри он аммораи худкома нест.
Ҷабрро эшон шиносанд, эй писар!
Ки Худо бигшодашон дар дил басар.

Ғайбу оянда бар эшон гашт фош,
Зикри мозӣ пеши эшон гашт лош.
Ихтиёру ҷабри эшон дигар аст,
Қатраҳо андар садафҳо гавҳар аст.
Ҳаст берун қатраи хурду бузург,
Дар садаф он дурри хурд асту сутург.
Табъи нофи оҳу аст он қавмро,
Аз бурун хун в-аз даруншон мушкҳо.
Ту магӯ, к-ин моя берун хун бувад,
Чун равад дар ноф, мушке чун шавад?
Ту магӯ, к-ин мис бурун буд мустақар,
Дар дили иксир чун гирад гуҳар?
Ихтиёру ҷабр дар ту буд хаёл,
Чун дар эшон рафт, шуд нури ҷалол.
Нон чу дар суфра-ст, бошад он ҷамод,
Дар тани мардум шавад ӯ рӯҳи шод.
Дар дили суфра нагардад мустаҳил,
Мустаҳилаш ҷон канад аз салсабил.
Қуввати ҷон аст ин, эй ростхон,
То чӣ бошад қуввати он ҷони ҷон.
Гӯштпорай одамӣ бо ақлу ҷон
Мешикофад кӯҳро бо баҳру кон.
Зӯри ҷони кӯҳкан, шаққи ҳаҷар,
Зӯри ҷони ҷон дар «иншаққа-л-қамар».
Гар гушояд дил сари анбони роз,
Ҷон ба сӯйи арш созад турктоз.

## Изофат кардани Одам он заллатро ба хештан, ки «раббано заламно» ва изофат кардани Иблис гуноҳи худро ба Худои таъоло, ки «бимо ағвайтанӣ»

Карди Ҳаққу карди мо, ҳар ду бибин,
Карди моро ҳаст дон, пайдост ин.
Гар набошад феъли халқ андар миён,
Пас, магӯ касро: «Чаро кардӣ чунон?»
Халқи Ҳақ афъоли моро мӯҷид аст,
Феъли мо осори халқи Эзад аст.

Нотиқе ё ҳарф бинад, ё ғараз,
Кай шавад як дам муҳити ду араз?
Гар ба маънӣ рафт, шуд ғофил зи ҳарф,
Пешу пас як дам набинад ҳеч тарф.
Он замон, ки пеш бинӣ, он замон
Ту паси худ кай бибинӣ? Ин бидон!
Чун муҳити ҳарфу маънӣ нест ҷон,
Чун бувад ҷон холиқи ин ҳардувон?
Ҳақ, муҳити ҷумла омад, эй писар!
Вонадорад кораш аз кори дигар.
Гуфт шайтон, ки «бимо ағвайтанӣ»,
Кард феъли худ ниҳон деви данӣ.
Гуфт Одам, ки «заламно нафсано»,
Ӯ зи феъли Ҳақ набуд ғофил чу мо.
Дар гунаҳ ӯ аз адаб пинҳон-ш кард,
З-он гунаҳ бар худ задан ӯ бар бих(в)ард.
Баъди тавба гуфташ: «Эй Одам, на ман
Офаридам дар ту он ҷурму миҳан?
На ки тақдиру қазои ман буд он?
Чун ба вақти узр кардӣ он ниҳон?»
Гуфт: «Тарсидам. Адаб нагзоштам»,
Гуфт: «Ман ҳам поси онат доштам».
Ҳар кӣ орад ҳурмат, ӯ ҳурмат барад,
Ҳар кӣ орад қанд, лавзина х(в)арад.
Таййибот аз баҳри кӣ? Ли-т-таййибин,
Ёрро хуш кун, биранҷону бибин.
Як мисол, эй дил, пайи фарқе биёр,
То бидонӣ ҷабрро дар ихтиёр.
Даст, к-он ларзон бувад аз иртиъош
В-он ки дасте ту биларзонӣ зи ҷош.
Ҳар ду ҷунбиш офаридай Ҳақ шинос,
Лек натвон кард ин бо он қиёс.
З-он пушаймонӣ, ки ларзонидияш,
Муртаъишро кай пушаймон дидияш?
Баҳси ақл аст ин. Чӣ ақл? Он ҳилагар
То заифе раҳ барад он ҷо магар.
Баҳси ақлӣ гар дуру марҷон бувад,
Он дигар бошад, ки баҳси ҷон бувад.

Бахси ҷон андар мақоме дигар аст,
Бодаи ҷонро қавоме дигар аст.
Он замон, ки бахси ақлӣ соз буд,
Ин Умар бо Булҳикам ҳамроз буд.
Чун Умар аз ақл омад сӯйи ҷон,
Булҳикам Бӯҷаҳл шуд дар ҳукми он.
Сӯйи ҳиссу сӯйи ақл ӯ комил аст,
Гарчи худ нисбат ба ҷон ӯ ҷоҳил аст.
Бахси ақлу ҳис асар дон ё сабаб,
Бахси ҷонӣ ё аҷаб, ё булъаҷаб.
Завъи ҷон омад, намонд, эй мустазӣ!
Лозиму малзум. Нофӣ муқтазӣ.
З-он ки бинойӣ, ки нураш бозиғ аст,
Аз далели чун асо бас фориғ аст.

## Тафсири «Ва ҳува маъакум айнамо кунтум»

Бори дигар мо ба қисса омадем,
Мо аз он қисса бурун худ кай шудем?
Гар ба ҷаҳл оем, он зиндони ӯст
В-ар ба илм оем, он айвони ӯст.
В-ар ба хоб оем, мастони ваем
В-ар ба бедорӣ, ба дастони ваем.
В-ар бигирйем, абри пурзарқи ваем
В-ар бихандем, он замон барқи ваем.
В-ар ба хашму ҷанг, акси қаҳри ӯст
В-ар ба сулҳу узр, акси меҳри ӯст.
Мо кием андар ҷаҳони печ-печ?
Чун алиф. Ӯ худ чӣ дорад? Ҳеч-ҳеч.

## Суол кардани расул аз Умар, разияллоҳу анҳу, аз сабаби ибтилои арвоҳ бо ин обу гили ҷисм

Гуфт: «Ё Уммар, чӣ ҳикмат буду сир
Ҳабси он софӣ дар ин ҷойи кадир?
Оби софӣ дар гиле пинҳон шуда,
Ҷони софӣ бастаи абдон шуда».

Гуфт: «Ту баҳсе шигарфе мекунӣ,
Маъниеро банди ҳарфе мекунӣ.
Ҳабс кардӣ маънии озодро,
Банди ҳарфе кардаӣ ту ёдро.
Аз барои фоида ин кардаӣ?
Ту ки худ аз фоида дар пардаӣ.
Он ки аз вай фоида зоида шуд,
Чун набинад, он чи моро дида шуд?
Сад ҳазорон фоидасту ҳар яке,
Сад ҳазорон пеши он як андаке.
Он дами нутқат, ки ҷузви ҷузвҳост,
Фоида шуд, кулли кул холӣ чарост?
Ту ки ҷузвӣ, кори ту бо фоидаст,
Пас, чаро дар таъни кулл орӣ ту даст?
Гуфтро гар фоида набвад, магӯ
В-ар бувад, ҳил эътирозу шукр ҷӯ.
Шукри Яздон тавқи ҳар гардан бувад,
Не ҷидолу рӯ туруш кардан бувад.
Гар турушрӯ будан омад шукру бас,
Пас, чу сирка шукргӯе нест кас.
Сиркаро гар роҳ бояд дар ҷигар,
Гӯ, бишав сиркангубин, ӯ аз шакар.
Маънӣ андар шеър ҷуз бо хабт нест,
Чун қалосанг асту андар забт нест.

## Дар маънии он ки «ман арода ан яҷлиса маъаллоҳи фалияҷлис маъа аҳли-т-тасаввуф»

Он расул аз худ бишуд з-ин як-ду ҷом,
Не рисолат ёд мондаш, не паём.
Вола андар қудрати Аллоҳ шуд,
Он расул ин ҷо расиду шоҳ шуд.
Сел чун омад ба дарё, баҳр гашт,
Дона чун омад ба мазраъ, гашт кашт.
Чун тааллуқ ёфт нон бо Булбашар,
Нони мурда зинда гашту бохабар.
Муму ҳезум чун фидои нор шуд,
Зоти зулмонии ӯ анвор шуд.

Санги сурма, чунки шуд дар дидагон,
Гашт биноӣ, шуд он ҷо дидбон.
Эй хунук он мард, к-аз худ раста шуд,
Дар вуҷуди зиндае пайваста шуд.
Вои он зинда, ки бо мурда нишаст,
Мурда гашту зиндагӣ аз вай биҷаст.
Чун ту дар Қуръони Ҳақ бигрехтӣ,
Бо равони анбиё омехтӣ.
Ҳаст Қуръон ҳолҳои анбиё,
Моҳиёни баҳри поки кибриё.
В-ар бихонию найӣ Қуръонпазир,
Анбиёву авлиёро дида гир.
В-ар пазироӣ, чу бархонӣ қисас,
Мурғи ҷонат танг ояд дар қафас.
Мурғ, к-ӯ андар қафас зиндонӣ аст,
Менаҷӯяд растан, аз нодонӣ аст.
Рӯҳҳое, к-аз қафасҳо растаанд,
Анбиёи раҳбари шоистаанд.
Аз бурун овозашон ояд зи дин,
Ки раҳи растан туро ин аст, ин.
Мо ба дин растем з-ин тангин қафас,
Ҷуз ки ин раҳ нест чорай ин қафас:
Хешро ранҷур созӣ зор-зор,
То туро берун кунанд аз иштиҳор,
К-иштиҳори халқ банди муҳкам аст,
Дар раҳ ин аз банди оҳан кай кам аст?

## Қиссаи бозаргон, ки тӯтии маҳбуси ӯ ӯро пайғом дод ба тӯтиёни Ҳиндустон ҳангоми рафтан ба тиҷорат

Буд бозаргону ӯро тӯтие,
Дар қафас маҳбус, зебо тӯтие.
Чунки бозаргон сафарро соз кард,
Сӯйи Ҳиндустон шудан оғоз кард,
Ҳар ғулому ҳар канизакро зи ҷуд
Гуфт: «Баҳри ту чӣ орам? Гӯй зуд».

Ҳар яке аз вай муроде хост кард,
Ҷумларо ваъда бидод он некмард.
Гуфт тӯтиро: «Чӣ хоҳӣ армуғон,
К-орамат аз хиттаи Ҳиндустон?»
Гуфташ он тӯтӣ, ки он ҷо тӯтиён
Чун бибинӣ, кун зи ҳоли ман баён,
К-он фалон тӯтӣ, ки муштоқи шумост,
Аз қазои осмон дар ҳабси мост.
Бар шумо кард ӯ салому дод хост
В-аз шумо чора, раҳи иршод хост.
Гуфт: «Мешояд, ки ман дар иштиёқ
Ҷон диҳам, ин ҷо бимирам дар фироқ?
Ин раво бошад, ки ман дар банди сахт,
Гаҳ шумо бар сабза, гоҳе бар дарахт?
Инчунин бошад вафои дӯстон?
Ман дар ин ҳабсу шумо дар гулситон?
Ёд оред, эй меҳон, з-ин мурғи зор
Як сабӯҳе дар миёни марғзор».
Ёди ёрон ёрро маймун бувад,
Хоса, к-он Лайлию ин Маҷнун бувад.
Эй ҳарифони бути мавзуни худ,
Ман қадаҳҳо мехурам пурхуни худ.
Як қадаҳ май нӯш кун бар ёди ман,
Гар намехоҳӣ, ки бидҳӣ доди ман.
Ё ба ёди ин фитодай хокбез,
Чунки хӯрдӣ, ҷуръае бар хок рез.
Эй аҷаб, он аҳду он савганд ку?
Ваъдаҳои он лаби чун қанд ку?
Гар фироқи банда аз бадбандагист,
Чун ту бо бад бад кунӣ, пас, фарқ чист?
Эй баде, ки ту кунӣ дар хашму ҷанг,
Ботарабтар аз самоъу бонги чанг.
Эй ҷафои ту зи давлат хубтар
В-интиқоми ту зи ҷон маҳбубтар.
Нори ту ин аст, нурат чун бувад?
Мотам ин, то худ, ки сурат чун бувад?
Аз ҳаловатҳо, ки дорад ҷаври ту
В-аз латофат кас наёбад ғаври ту.

Ноламу тарсам, ки ӯ бовар кунад
В-аз карам он ҷаврро камтар кунад.
Ошиқам бар қаҳру бар лутфаш ба ҷид,
Булаҷаб, ман ошиқи ин ҳар ду зид.
Валлаҳ, ар з-ин хор дар бустон шавам,
Ҳамчу булбул з-ин сабаб нолон шавам.
Ин аҷаб булбул, ки бигшояд даҳон,
То хурад ӯ хорро бо гулситон
Ин чӣ булбул? Ин наҳанги оташест,
Ҷумла нохушҳо зи ишқ ӯро х(в)ашист.
Ошиқи кулл асту худ кулл аст ӯ,
Ошиқи хеш асту ишқи хешҷӯ.

## Сифати аҷнињаи туюри уқули илоҳӣ

Қиссаи тӯтии ҷон з-ин сон бувад,
Ку касе, к-ӯ маҳрами мурғон бувад?
Ку яке мурғе, заифе, бегуноҳ
В-андаруни ӯ Сулаймон бо сипоҳ?
Чун бинолад зор бе шукру гила,
Афтад андар ҳафт гардун ғулғула.
Ҳар дамаш сад нома, сад пайк аз Худо,
Ё рабе з-ӯ, шаст лаббайк аз Худо.
Заллати ӯ беҳ зи тоат назди Ҳақ,
Пеши куфраш ҷумла имонҳо халақ.
Ҳар даме ӯро яке меъроҷи хос,
Бар сари тоҷаш ниҳад сад тоҷи хос.
Сураташ бар хоку ҷон бар ломакон,
Ломаконе фавқи ваҳми соликон.
Бал макону ломакон дар ҳукми ӯ
Ҳамчу дар ҳукми биҳиште чор ҷӯ.
Шарҳи ин кӯтаҳ куну рух з-ин битоб,
Дам мазан, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Боз мегардем мо, эй дӯстон,
Сӯйи мурғу тоҷиру Ҳиндустон.
Марди бозаргон пазируфт ин паём,
К-ӯ расонад сӯйи ҷинс аз вай салом.

## Дидани хоҷа тӯтиёни Ҳиндустонро дар дашт ва пайғом расонидан аз он тӯтӣ

Чунки то ақсои Ҳиндустон расид,
Дар биёбон тӯтии чанде бидид.
Маркаб истонид, пас овоз дод,
Он саломy он амонат боздод.
Тӯтие, з-он тӯтиён ларзид бас,
Уфтоду мурду бигсасташ нафас.
Шуд пушаймон хоҷа аз гуфти хабар,
Гуфт: «Рафтам дар ҳалоки ҷонвар,
Ин магар хеш аст бо он тӯтияк?
Ин магар ду ҷисм буду рӯҳ як?
Ин чаро кардам? Чаро додам паём?
Сӯхтам бечораро з-он гуфти хом».
Ин забон чун сангу ҳам оҳанваш аст
В-он чи биҷҳад аз забон, чун оташ аст.
Сангу оҳанро мазан бар ҳам газоф
Гаҳ зи рӯйи нақлу гаҳ аз рӯйи лоф.
З-он ки торик асту ҳар сӯ пунбазор,
Дар миёни пунба чун бошад шарор?
Золим он қавме, ки чашмон дӯхтанд,
З-он суханҳо оламеро сӯхтанд.
Оламеро як сухан вайрон кунад,
Рӯбаҳони мурдаро шерон кунад.
Ҷонҳо дар асли худ исодаманд,
Як замон захманду гоҳе марҳаманд.
Гар ҳиҷоб аз ҷонҳо бархостӣ,
Гуфт ҳар ҷоне масеҳосостӣ.
Гар сухан хоҳӣ, ки гӯйӣ чун шакар,
Сабр кун, аз ҳирс ин ҳалво мах(в)ар.
Сабр бошад муштҳои зиракон,
Ҳаст ҳалво орзуи кӯдакон.
Ҳар кӣ сабр овард, гардун барравад,
Ҳар кӣ ҳалво х(в)ард, вопастар равад.

## Тафсири қавли Фаридуддини Аттор, қаддасаллоҳу рӯҳаҳу:

Ту соҳибнафсӣ, эй ғофил, миёни хок хун мехур,
Ки соҳибдил агар заҳре хурад, он ангубин бошад.

Соҳиби дилро надорад он зиён,
Гар хурад ӯ заҳри қотилро аён.
З-он ки сиҳҳат ёфт в-аз парҳез раст,
Толиби мискин миёни таб – дар аст.
Гуфт пайғамбар, ки эй марди ҷиро
Ҳон, макун бо ҳеч матлубе миро.
Дар ту Намрудест, оташ дармарав,
Рафт хоҳӣ, аввал Иброҳим шав.
Чун найӣ саббоҳу на дарёие,
Дармаяфган хеш аз худроие.
Ӯ зи оташ варди аҳмар оварад,
Аз зиёнҳо суд бар сар оварад.
Комиле гар хок гирад, зар шавад,
Ноқис ар зар бурд, хокистар шавад.
Чун қабули Ҳақ бувад он марди рост,
Дасти ӯ дар корҳо дасти Худост.
Дасти ноқис дасти шайтон асту дев,
З-он ки андар доми таклиф асту рев.
Ҷаҳл ояд пеши ӯ, дониш шавад,
Ҷаҳл шуд илме, ки дар мункир равад.
Ҳар чӣ гирад иллатӣ, иллат шавад,
Куфр гирад комиле, миллат шавад.
Эй мирӣ карда пиёда бо савор,
Сар нахоҳӣ бурд, акнун пой дор!

## Таъзими соҳирон мар Мӯсоро, алайҳиссалом, ки чӣ мефармоӣ: аввал ту андозӣ асо?

Соҳирон дар аҳди Фиръавни лаин,
Чун мирӣ карданд бо Мӯсо ба кин,
Лек Мӯсоро муқаддам доштанд,
Соҳирон ӯро мукаррам доштанд.

З-он ки гуфтандаш, ки фармон они туст,
Гар ҳамехоҳӣ, асо ту-фган нахуст.
Гуфт: «Не, аввал шумо, эй соҳирон!
Афганед он макрҳоро дар миён».
Ин қадар таъзим диншонро харид,
К-аз мирӣ он дасту поҳошон бурид.
Соҳирон чун ҳаққи ӯ бишнохтанд,
Дасту по дар ҷурми он дарбохтанд.
Луқмаву нукта-ст комилро ҳалол,
Ту найӣ комил! Махур, мебош лол.
Чун ту гӯшӣ, ӯ забон, не ҷинси ту,
Гӯшҳоро Ҳақ бифармуд: «анситу».
Кӯдак аввал чун бизояд ширнӯш,
Муддате хомуш бувад ӯ, ҷумла гӯш.
Муддате мебоядаш лаб дӯхтан
Аз сухан, то ӯ сухан омӯхтан.
В-ар надорад гӯшу тӣ-тӣ мекунад,
Хештанро гунги гетӣ мекунад.
Карри аслӣ, к-иш набуд з-оғоз гӯш,
Лол бошад, кай кунад дар нутқ ҷӯш?
З-он ки аввал самъ бояд нутқро,
Сӯйи мантиқ аз раҳи самъ андаро.
«Удхулу-л-абёта мин абвобиҳо,
Ва-т-лубу-л-ағроза фӣ асбобиҳо».
Нутқ, к-он мавқуфи роҳи самъ нест,
Ҷуз ки нутқи холиқи бетамъ нест.
Мубдеъ аст ӯ, тобеъи устод не,
Муснади ҷумла, варо иснод не.
Боқиён, ҳам дар ҳираф, ҳам дар мақол
Тобеъи устоду муҳтоҷи мисол.
З-ин сухан гар нестӣ бегонае,
Далқу ашке гир дар вайронае.
З-он ки Одам з-он итоб аз ашк раст,
Ашки тар бошад дами тавбапараст.
Баҳри гиря омад Одам бар замин,
То бувад гирёну нолону ҳазин.
Одам аз фирдавсу аз болои ҳафт
Поймочон аз барои узр рафт.

Гар зи пушти Одамӣ в-аз сулби ӯ,
Дар талаб мебош ҳам дар тулби ӯ.
З-оташи дил в-оби дида нуқл соз,
Бӯстон аз абру хуршед аст боз.
Ту чӣ донӣ завқи оби дидагон,
Ошиқи нонӣ ту чун нодидагон.
Гар ту ин анбон зи нон холӣ кунӣ,
Пур зи гавҳарҳои иҷлолӣ кунӣ.
Тифли ҷон аз шири шайтон боз кун,
Баъд аз онаш бо малак анбоз кун. 1650
То ту торику малулу тираӣ,
Дон, ки бо деви лаъин ҳамшираӣ.
Луқмае, ки нур афзуду камол,
Он бувад оварда аз касби ҳалол.
Равғане, к-ояд, чароғи мо кушад,
Об хонаш, чун чароғеро кушад.
Илму ҳикмат зояд аз луқмай ҳалол,
Ишқу риққат ояд аз луқмай ҳалол.
Чун зи луқма ту ҳасад бинию дом,
Ҷаҳлу ғафлат зояд, онро дон ҳаром. 1655
Ҳеч гандум корию ҷав бар диҳад?
Дидаӣ асбе, ки куррай хар диҳад?
Луқма тухм асту бараш андешаҳо,
Луқма баҳру гавҳараш андешаҳо.
Зояд аз луқмай ҳалол андар даҳон,
Майли хидмат, азми рафтан он ҷаҳон.

## Бозгуфтани бозаргон бо тӯтӣ он чӣ дид аз тӯтиёни Ҳиндустон

Кард бозаргон тиҷоратро тамом,
Бозомад сӯйи манзил дӯстком.
Ҳар ғуломеро биёвард армуғон,
Ҳар канизакро бибахшид ӯ нишон. 1660
Гуфт тӯтӣ: «Армуғони банда ку?
Он чи дидӣ в-он чи гуфтӣ, боз гӯ».
Гуфт: «На. Ман худ пушаймонам аз он,
Дасти худ хоёну ангуштон газон.

Ман чаро пайғоми хоме аз газоф
Бурдам аз бедонишию аз нашоф?»
Гуфт: «Эй хоҷа, пушаймонӣ зи чист?
Чист он, к-ин хашму ғамро муқтазист?»
Гуфт: «Гуфтам он шикоятҳои ту
Бо гурӯҳе тӯтиён, ҳамтои ту,
Он яке тӯтӣ зи дардат бӯй бурд,
Заҳрааш бидриду ларзиду бимурд.
Ман пушаймон гаштам, ин гуфтан чӣ буд?
Лек чун гуфтам, пушаймонӣ чӣ суд?»
Нуктае, к-он ҷаст ногаҳ аз забон,
Ҳамчу тире дон, ки он ҷаст аз камон.
Вонагардад аз раҳ он тир, эй писар!
Банд бояд кард селеро зи сар,
Чун гузашт аз сар, ҷаҳонеро гирифт,
Гар ҷаҳон вайрон кунад, набвад шигифт.
Феълро дар ғайб асарҳо зодаist
В-он маволидаш ба ҳукми халқ нест.
Бе шарике, ҷумла махлуқи Худост,
Он маволид, арчи нисбатшон ба мост.
Зайд парронид тире сӯйи Амр,
Амрро бигрифт тираш ҳамчу намр.
Муддати соле ҳамезоид дард,
Дардҳоро офаринад Ҳақ, на мард.
Зайди ромӣ, он дам ар мурд аз ваҷал,
Дардҳо мезояд он ҷо то аҷал.
З-он маволиди ваҷаъ чун мурд ӯ,
Зайдро з-аввалсабаб қаттол гӯ.
Он ваҷаъҳоро бад-ӯ мансуб дор,
Гарчи ҳаст он ҷумла сунъи Кирдгор.
Ҳамчунин кишту даму дому ҷимоъ,
Он маволид аст Ҳақро мустатоъ.
Авлиёро ҳаст қудрат аз Илоҳ,
Тири ҷаста боз орандаш зи роҳ.
Баста дарҳои маволид аз сабаб,
Чун пушаймон шуд валӣ з-он дасти раб.
Гуфта ногуфта кунад аз фатҳи боб,
То аз он на сих сӯзад, на кабоб.

Аз ҳама дилҳо, ки он нукта шунид,
Он суханро кард маҳву нопадид.
Гар-т бурҳон бояду ҳуҷҷат, миҳо!
Бозхон: «Мин оятин ав нунсиҳо».
Ояти «Ансавкуму зикро» бихон,
Қудрати нисён ниҳоданшон бидон.
Чун ба тазкиру ба нисён қодиранд,
Бар ҳама дилҳои халқон қоҳиранд. 1685
Чун ба нисён баст ӯ роҳи назар,
Кор натвон кард, в-ар бошад ҳунар.
«Хилтуму сухрийййатан аҳл-ас-суму»,
Аз Нубӣ хонед, то «ансавкуму».
Соҳиби деҳ подшоҳи ҷисмҳост,
Соҳиби дил шоҳи дилҳои шумост.
Фаръи дид омад амал бе ҳеч шак,
Пас, набошад мардум, илло мардумак.
Ман тамоми ин наёрам гуфт аз он,
Манъ меояд зи соҳибмарказон. 1690
Чун фаромӯшии халқу ёдашон
Бо вай асту ӯ расад фарёдашон.
Сад ҳазорон неку бадро он баҳӣ
Мекунад ҳар шаб зи дилҳошон тиҳӣ.
Рӯз дилҳоро аз он пур мекунад,
Он садафҳоро пур аз дур мекунад.
Он ҳама андешаи пешонҳо,
Мешиносад аз ҳидоят ҷонҳо.
Пешаву фарҳанги туояд ба ту,
То дари асбоб бигшояд ба ту. 1695
Пешаи заргар ба оҳангар нашуд,
Хӯйи ин хушхӯ ба он мункар нашуд.
Пешаҳову халқҳо ҳамчун ҷиҳез,
Сӯйи хасм оянд рӯзи растахез.
Пешаҳову халқҳо аз баъди хоб
Вопас ояд ҳам ба хасми худ шитоб.
Пешаву андешаҳо дар вақти субҳ
Ҳам бад-он ҷо шуд, ки буд он ҳусну қубҳ.
Чун кабӯтарҳои пайк аз шаҳрҳо
Сӯйи шаҳри хеш орад баҳрҳо. 1700

## Шунидани он тӯтӣ, ҳаракати он тӯтиён ва мурдани он тӯтӣ дар қафас ва навҳаи хоҷа бар вай

Чун шунид он мурғ, к-он тӯтӣ чӣ кард,
Пас биларзид, уфтоду гашт сард.
Хоҷа чун дидаш фитода ҳамчунин,
Барҷаҳиду зад кулаҳро бар замин.
Чун бад-ин рангу бад-ин ҳолаш бидид,
Хоҷа барҷасту гиребонро дарид.
Гуфт: «Эй тӯтии хуби хушҳанин,
Ин чӣ будат? Ин чаро гаштӣ чунин?
Эй дареғо, мурғи хушовози ман,
Эй дареғо, ҳамдаму ҳамрози ман.
Эй дареғо, мурғи хушалҳони ман,
Роҳи рӯҳу равзаву райҳони ман.
Гар Сулаймонро чунин мурғе будӣ,
Кай худ ӯ машғули он мурғон шудӣ?
Эй дареғо, мурғ, к-арзон ёфтам,
Зуд рӯй аз рӯйи ӯ бартофтам».
Эй забон, ту бас зиёнӣ бар варо,
Чун туӣ гӯё, чӣ гӯям ман туро?
Эй забон, ҳам оташу ҳам хирманӣ,
Чанд ин оташ дар ин хирман занӣ?
Дар ниҳон ҷон аз ту афғон мекунад,
Гарчи ҳар чӣ гӯияш, он мекунад.
Эй забон, ҳам ганҷи бепоён туӣ,
Эй забон, ҳам ранҷи бедармон туӣ.
Ҳам сафиру худъаи мурғон туӣ,
Ҳам аниси вахшати ҳиҷрон туӣ.
Чанд амонам медиҳӣ, эй беамон!
Эй ту зеҳ карда ба кини ман камон.
Нак, бипарронидаӣ мурғи маро,
Дар чарогоҳи ситам кам кун чаро.
Ё ҷавоби ман бигӯ, ё дод деҳ,
Ё маро з-асбоби шодӣ ёд деҳ.
Эй дареғо, нури зулматсӯзи ман,
Эй дареғо, субҳи рӯзафрӯзи ман.
Эй дареғо, мурғи хушпарвози ман,
З-интиҳо паррида то оғози ман.

Ошиқи ранҷ аст нодон то абад,
Хез, «ло уқсим» бихон, то «фӣ кабад».
Аз кабад фориғ будам бо рӯйи ту
В-аз забад софӣ будам дар ҷӯйи ту.
Ин дареғоҳо хаёли дидан аст
В-аз вуҷуди накди худ бибридан аст.
Ғайрати Ҳақ буду бо Ҳақ чора нест,
Ку диле, к-аз ишқи Ҳақ садпора нест?
Ғайрат он бошад, ки ӯ ғайри ҳама-ст,
Он ки афзун аз баёну дамдама-ст.
Эй дареғо, ашки ман, дарё будӣ,
То нисори дилбари зебо будӣ.
Тӯтии ман, мурғи зираксори ман,
Тарҷумони фикрату асрори ман.
Ҳар чӣ рӯзе доду нодод оядам,
Ӯ зи аввал гуфта, то ёд оядам.
Тӯтие, к-ояд зи ваҳй овози ӯ,
Пеш аз оғози вуҷуд оғози ӯ.
Андаруни туст он тӯтӣ ниҳон,
Акси ӯро дида ту бар ину он.
Мебарад шодитро, ту шод аз ӯ,
Мепазирӣ зулмро чун дод аз ӯ.
Эй ки ҷонро баҳри тан месӯхтӣ,
Сӯхтӣ ҷонрову тан афрӯхтӣ.
Сӯхтам ман. Сӯхта хоҳад касе?
То зи ман оташ занад андар хасе?
Сӯхта чун қобили оташ бувад,
Сӯхта бистон, ки оташкаш бувад.
Эй дареғо, эй дареғо, эй дареғ!
К-ончунон моҳе ниҳон шуд зери меғ.
Чун занам дам? К-оташи дил тез шуд,
Шери ҳаҷр ошуфтаву хунрез шуд.
Он ки ӯ ҳушёр, худ тунд асту маст,
Чун бувад, чун ӯ қадаҳ гирад ба даст?
Шери масте, к-аз сифат берун бувад,
Аз басити марғзор афзун бувад.
Қофия андешаму дилдори ман
Гӯядам: «Мандеш ҷуз дидори ман.

Хуш нишин, эй қофияандеши ман,
Қофияй давлат туӣ дар пеши ман.
Ҳарф чӣ бвад, то ту андешӣ аз он,
Ҳарф чӣ бвад? Хори девори разон.
Ҳарфу савту гуфтро бар ҳам занам,
То ки бе ин ҳар се бо ту дам занам.
Он даме, к-аз Одамаш кардам ниҳон,
Бо ту гӯям, эй ту асрори ҷаҳон!
Он дамеро, ки нагуфтам бо Халил
В-он ғамеро, ки надонад Ҷабраил.
Он даме, к-аз вай Масеҳо дам назад,
Ҳақ зи ғайрат низ бе мо ҳам назад.
Мо чӣ бошад дар луғат? Исботу нафй,
Ман на исботам. Манам бе зоту нафй.
Ман касӣ дар нокасӣ дарёфтам,
Пас касӣ дар нокасӣ дарбофтам».
Ҷумла шоҳон бандаи бандай худанд,
Ҷумла халқон мурдаи мурдай худанд.
Ҷумла шоҳон паст пасти хешро,
Ҷумла халқон маст масти хешро.
Мешавад сайёд мурғонро шикор,
То кунад ногоҳ эшонро шикор.
Бедилонро дилбарон ҷуста ба ҷон,
Ҷумла маъшуқон шикори ошиқон.
Ҳар кӣ ошиқ дидияш, маъшуқ дон,
К-ӯ ба нисбат ҳаст ҳам ину ҳам он.
Ташнагон гар об ҷӯянд аз ҷаҳон,
Об ҷӯяд ҳам ба олам ташнагон.
Чунки ошиқ ӯст, ту хомӯш бош,
Ӯ чу гӯшат мекашад, ту гӯш бош.
Банд кун, чун сел сайлоне кунад,
В-арна расвоию вайронӣ кунад.
Ман чӣ ғам дорам, ки вайронӣ бувад?
Зери вайрон ганҷи султонӣ бувад.
Ғарқи Ҳақ хоҳад, ки бошад ғарқтар,
Ҳамчу мавҷи баҳри ҷон зеру забар.
Зери дарё хуштар ояд ё забар?
Тири ӯ дилкаштар ояд ё сипар?

Поракардай васваса бошӣ, дило!
Гар тарабро боздонӣ аз бало.
Гар муродатро мазоқи шаккар аст,
Бемуродӣ на муроди дилбар аст?
Ҳар ситораш хунбаҳои сад ҳилол,
Хуни олам рехтан ӯро ҳалол.
Мо баҳову хунбаҳоро ёфтем,
Ҷониби ҷон бохтан биштофтем.
Эй ҳаёти ошиқон дар мурдагӣ!
Дил наёбӣ, ҷуз ки дар дилбурдагӣ.
Ман дилаш ҷуста ба сад нозу далол,
Ӯ баҳона карда бо ман аз малол.
Гуфтам охир ғарқи туст ин ақлу ҷон,
Гуфт: «Рав, рав, бар ман ин афсун махон».
Ман надонам, он чи андешидаӣ,
Эй ду дида, дӯстро чун дидаӣ?
Эй гаронҷон, хор дидастӣ варо,
З-он ки бас арзон харидастӣ варо.
Ҳар кӣ ӯ арзон харад, арзон диҳад,
Гавҳаре тифле ба қурсе нон диҳад.
Ғарқи ишқеам, ки ғарқ аст андар ин,
Ишқҳои аввалину охирин.
Муҷмалаш гуфтам, накардам з-он баён
В-арна, ҳам афҳом сӯзад, ҳам забон.
Ман чу «лаб» гӯям, лаби дарё бувад,
Ман чу «ло» гӯям, мурод «илло» бувад.
Ман зи ширинӣ нишастам рӯтуруш,
Ман зи бисёрии гуфторам хамуш,
То ки ширинии мо аз ду ҷаҳон
Дар ҳиҷоби рӯтуруш бошад ниҳон.
То ки дар ҳар гӯш н-ояд ин сухун,
Як ҳамегӯям зи сад сирри ладун.

## Тафсири қавли ҳаким:

Ба ҳар-ч аз роҳ вомонӣ, чи куфр онҳарфу чи имон,
Ба ҳар-ч аз дӯст дур афтӣ, чи зишт он нақшу чи зебо.

## Дар маънии қавлуҳу алайҳиссалом: «инна саъдан лағайурун ва ано ағйару мин саъдин валлоҳу ағяру миннӣ ва мин ғайратиҳи ҳаррама-л-фавоҳиша, мо заҳара минҳо ва мо батана»

Ҷумла олам з-он ғаюр омад, ки Ҳақ
Бурд дар ғайрат бар ин олам сабақ.
Ӯ чу ҷон асту ҷаҳон чун колбад,
Колбад аз ҷон пазирад неку бад.
Ҳар кӣ меҳроби намозаш гашт айн,
Сӯйи имон рафтанаш медон ту шайн.
Ҳар кӣ шуд мар шоҳро ӯ ҷомадор,
Ҳаст хусрон баҳри шоҳаш иттиҷор.
Ҳар кӣ бо султон шавад ӯ ҳамнишин,
Бар дараш шистан бувад ҳайфу ғабин.
Дастбӯсаш чун расид аз подшоҳ,
Гар гузинад бӯси по, бошад гуноҳ.
Гарчи сар бар по ниҳодан хидмат аст,
Пеши он хидмат хатову заллат аст.
Шоҳро ғайрат бувад, бар ҳар кӣ ӯ
Бу гузинад, баъд аз он ки дид рӯ.
Ғайрати Ҳақ, бар масал гандум бувад,
Коҳи хирман ғайрати мардум бувад.
Асли ғайратҳо бидонед аз Илоҳ,
Они халқон фаръи Ҳақ, беиштибоҳ.
Шарҳи ин бигзораму гирам гила
Аз ҷафои он нигори даҳдила.
Нолам, эро нолаҳо хуш оядаш,
Аз ду олам нолаву ғам боядаш.
Чун нанолам талх аз дастони ӯ?
Чун наям дар ҳалқаи мастони ӯ.
Чун набошам ҳамчу шаб бе рӯзи ӯ?
Бе висоли рӯйи рӯзафрӯзи ӯ.
Нохуши ӯ хуш бувад дар ҷони ман,
Ҷон фидои ёри дилранҷони ман.
Ошиқам бар ранҷи хешу дарди хеш,
Баҳри хушнудии шоҳи фарди хеш.

Хоки ғамро сурма созам баҳри чашм,
То зи гавҳар пур шавад ду баҳри чашм.
Ашк, к-он аз баҳри ӯ боранд халқ,
Гавҳар асту ашк пиндоранд халқ.
Ман зи ҷони ҷон шикоят мекунам,
Ман наям шокӣ, ривоят мекунам.
Дил ҳамегӯяд, к-аз ӯ ранҷидаам
В-аз нифоқи суст ме хандидаам.
Ростӣ кун, эй ту фахри ростон!
Эй ту садру ман даратро остон.
Остона-в садр дар маънӣ куҷост?
Мову ман ку он тараф, к-он ёри мост?
Эй раҳида ҷони ту аз мову ман,
Эй латифай рӯҳ андар марду зан.
Марду зан чун як шавад, он як туӣ,
Чунки якҳо маҳв шуд, онак туӣ.
Ин ману мо баҳри он барсохтӣ,
То ту бо худ нарди хидмат бохтӣ.
То ману туҳо ҳама якҷон шаванд,
Оқибат мустағрақи ҷонон шаванд.
Ин ҳама ҳасту биё, эй амри «кун»,
Эй муназзаҳ аз баёну аз сухун.
Ҷисм ҷисмона тавонад диданат,
Дар хаёл орад ғаму хандиданат.
Дил, ки ӯ бастай ғаму хандидан аст,
Ту магӯ, к-ӯ лоиқи он дидан аст.
Он ки ӯ бастай ғаму ханда бувад,
Ӯ бад-ин ду орият зинда бувад.
Боғи сабзи ишқ, к-ӯ бемунтаҳост,
Ҷуз ғаму шодӣ дар ӯ бас меваҳост.
Ошиқӣ з-ин ҳар ду ҳолат бартар аст,
Бебаҳору бехазон сабзу тар аст.
Деҳ закоти рӯйи хуб, эй хубрӯ!
Шарҳи ҷони шарҳа-шарҳа бозгӯ,
К-аз карашми ғамзае ғаммозае
Бар дилам бинҳод доғи тозае.
Ман ҳалолаш кардам, ар хунам бирехт,
Ман ҳамегуфтам: «ҳалол», ӯ мегурехт.

Чун гурезонӣ зи нолай хокиён,
Ғам чӣ резӣ бар дили ғамнокиён?
Эй ки ҳар субҳе, ки аз Машриқ битофт,
Ҳамчу чашмай Мушриқат дар ҷӯш ёфт.
Чун баҳона додӣ ин шайдотро?
Эй баҳо на шаккари лабҳотро.
Эй ҷаҳони куҳнаро ту ҷони нав,
Аз тани беҷону дил афғон шунав.
Шарҳи гул бигзор аз баҳри Худо,
Шарҳи булбул гӯ, ки шуд аз гул ҷудо.
Аз ғаму шодӣ набошад ҷӯши мо,
Бо хаёлу вахм набвад ҳуши мо.
Ҳолате дигар бувад, к-он нодир аст,
Ту машав мункир, ки Ҳақ бас қодир аст.
Ту қиёс аз ҳолати инсон макун,
Манзил андар ҷавру дар эҳсон макун.
Ҷавру эҳсон, ранҷу шодӣ ҳодис аст,
Ҳодисон миранду Ҳақшон ворис аст.
Субҳ шуд, эй субҳро пушту паноҳ!
Узри махдумий Ҳусомуддин бихоҳ.
Узрхоҳи ақли куллу ҷон туӣ,
Ҷони ҷону тобиши марҷон туӣ.
Тофт нури субҳу мо аз нури ту
Дар сабӯҳӣ бо майи Мансури ту.
Додаи ту чун чунин дорад маро,
Бода, кӣ бвад, к-ӯ тараб орад маро?
Бода дар ҷӯшиш гадои ҷӯши мост,
Чарх дар гардун гадои ҳуши мост.
Бода аз мо маст шуд, на мо аз ӯ,
Қолаб аз мо ҳаст шуд, на мо аз ӯ.
Мо чу занбӯрему қолабҳо чу мум,
Хона-хона карда қолабро чу мум.

## Руҷӯъ ба ҳикояти хоҷаи тоҷир

Бас дароз аст ин, ҳадиси хоҷа гӯ,
То чӣ шуд аҳволи он марди накӯ?

Хоҷа андар оташу дарду ҳанин
Сад пароканда ҳамегуфт инчунин.
Гаҳ танокуз, гоҳ нозу гаҳ ниёз,
Гоҳ савдои ҳақиқат, гаҳ маҷоз.
Марди ғарқагашта ҷоне меканад,
Дастро дар ҳар гиёҳе мезанад.
То кадомаш даст гирад дар хатар,
Дасту пое мезанад аз бими сар.
Дӯст дорад ёр ин ошуфтагӣ,
Кӯшиши беҳуда беҳ аз хуфтагӣ.
Он ки ӯ шоҳ аст, ӯ бекор нест,
Нола аз вай турфа, к-ӯ бемор нест.
Баҳри ин фармуд раҳмон, эй писар!
«Кулла явмин ҳува фӣ шон», эй писар!
Андар ин раҳ метарошу мехарош,
То дами охир даме фориғ мабош.
То дами охир, даме охир бувад,
Ки иноят бо ту соҳибсир бувад.
Ҳар чӣ мекӯшанд, агар марду зан аст,
Гӯшу чашми шоҳи ҷон бар равзан аст.

## Бурун андохтани марди тоҷир тӯтиро аз қафас ва паридани тӯтии мурда

Баъд аз онаш аз қафас берун фиганд,
Тӯтияк паррид то шохи баланд.
Тӯтии мурда чунон парвоз кард,
К-офтоби Шарқ туркитоз кард.
Хоҷа ҳайрон гашт андар кори мурғ,
Бехабар, ногаҳ бидид асрори мурғ.
Рӯй боло карду гуфт: «Эй андалеб!
Аз баёни ҳоли худмон деҳ насиб.
Ӯ чӣ кард он ҷо, ки ту омӯхтӣ?
Сохтӣ макрею моро сӯхтӣ».
Гуфт тӯтӣ, к-ӯ ба феълам панд дод,
Ки раҳо кун лутфи овозу видод.
З-он ки овозат туро дар банд кард,
Хештан мурда пайи ин панд кард.

Яъне, эй мутриб шуда бо ому хос,
Мурда шав чун ман, ки то ёбӣ халос.
Дона бошӣ, мурғаконат барчинанд,
Ғунча бошӣ, кӯдаконат баркананд.
Дона пинҳон кун, ба куллӣ дом шав,
Ғунча пинҳон кун, гиёҳи бом шав.
Ҳар кӣ дод ӯ ҳусни худро дар мазод,
Сад қазои бад суйи ӯ рӯ ниҳод.
Чашмҳову хашмҳову рашкҳо
Бар сараш резад чу об аз машкҳо.
Душманон ӯро зи ғайрат медаранд,
Дӯстон ҳам рӯзгораш мебаранд.
Он ки ғофил буд аз кишту баҳор,
Ӯ чӣ донад қимати ин рӯзгор?
Дар паноҳи лутфи Ҳақ бояд гурехт,
К-ӯ ҳазорон лутф бар арвоҳ рехт.
То паноҳе ёбӣ, он гаҳ чун паноҳ
Обу оташ мар туро гардад сипоҳ.
Нӯҳу Мӯсоро на дарё ёр шуд,
На бар аъдошон ба кин қаҳҳор шуд?
Оташ Иброҳимро на қалъа буд,
То баровард аз дили Намруд дуд?
Кӯҳ Яҳёро на сӯйи хеш хонд,
Қосидонашро ба захми санг ронд?
Гуфт: «Эй Яҳё, биё, дар ман гурез,
То паноҳат бошам аз шамшери тез».

## Видоъ кардани тӯтӣ хоҷарову паридан

Як-ду пандаш дод тӯтӣ бе нифоқ,
Баъд аз он гуфташ: «Саломун, ал-фироқ».
Хоҷа гуфташ: «Фӣ амониллаҳ, бирав,
Мар маро акнун намудӣ роҳи нав».
Хоҷа бо худ гуфт, к-ин панди ман аст,
Роҳи ӯ гирам, ки ин раҳ равшан аст.
Ҷони ман камтар зи тӯтӣ кай бувад?
Ҷон чунин бояд, ки некӯпай бувад.

## Мазаррати таъзими халқ ва ангуштнамой шудан

Тан қафасшакл аст, тан шуд хори ҷон
Дар фиреби дохилону хориҷон.
Ин-ш гӯяд: «Ман шавам ҳамрози ту»
В-он-ш гӯяд: «Не, манам анбози ту».
Ин-ш гӯяд: «Нест чун ту дар вуҷуд,
Дар ҷамолу фазлу дар эҳсону ҷуд».
Он-ш гӯяд: «Ҳар ду олам они туст,
Ҷумла ҷонҳомон туфайли ҷони туст».
Ӯ чу бинад халқро сармасти хеш,
Аз такаббур меравад аз дасти хеш.
Ӯ надонад, ки ҳазоронро чу ӯ
Дев афгандаст андар оби ҷӯ.
Лутфу солуси ҷаҳон х(в)аш луқмаест,
Камтараш хур, к-он пуроташ луқмаест.
Оташаш пинҳону завқаш ошкор,
Дуди ӯ зоҳир шавад поёни кор.
Ту магӯ: «Он мадҳро ман кай х(в)арам?»
«Аз тамаъ» мегӯяд ӯ «пай мебарам».
Модеҳат гар ҳаҷв гӯяд бармало,
Рӯзҳо сӯзад дилат з-он сӯзҳо.
Гарчи донӣ, к-ӯ зи ҳирмон гуфт он,
К-он тамаъ, ки дошт аз ту, шуд зиён.
Он асар мемонадат дар андарун,
Дар мадеҳ ин ҳолатат ҳаст озмун.
Он асар ҳам рӯзҳо боқӣ бувад,
Мояи кибру хидоъи ҷон шавад.
Лек нанмояд, чу ширин аст мадҳ,
Бад намояд, з-он ки талх афтод қадҳ.
Ҳамчу матбух асту ҳаб, к-онро х(в)арӣ,
То ба дере шӯришу ранҷ-андарӣ.
В-ар хурӣ ҳалво, бувад завқаш даме,
Ин асар чун он намепояд ҳаме.
Чун намепояд, ҳамепояд ниҳон,
Ҳар зидеро ту ба зидди ӯ бидон.
Чун шакар пояд ниҳон таъсири ӯ,
Баъди ҳине думмал орад нешҷӯ.

Нафс аз бас мадҳҳо Фиръавн шуд,
«Кун залила-н-нафси ҳавнан ло тасуд».
То тавонӣ, банда шав, султон мабош,
Захмкаш чун гӯй шав, чавгон мабош,
В-арна чун лутфат намонад в-ин ҷамол,
Аз ту ояд он ҳарифонро малол.
Он ҷамоат, к-ит ҳамедоданд рев,
Чун бибинандат, бигӯяндат, ки дев!
Ҷумла гӯяндат, чу бинандат ба дар:
«Мурдае аз гӯри худ баркард сар».
Ҳамчу амрад, ки Худо номаш кунанд,
То бад-ин солус дар домаш кунанд.
Чунки дар бадномӣ омад риши ӯ,
Девро нанг ояд аз тафтиши ӯ.
Дев сӯйи одамӣ шуд баҳри шар,
Сӯйи ту н-ояд, ки аз девӣ батар.
То ту будӣ одамӣ, дев аз паят
Медавиду мечашонид ӯ маят.
Чун шудӣ дар хӯйи девӣ устувор,
Мегурезад аз ту деви нобакор.
Он ки андар доманат овехт ӯ,
Чун чунин гаштӣ, зи ту бигрехт ӯ.

## Тафсири «Мошоаллоҳу кона»

Ин ҳама гуфтем, лек андар басеч
Бе иноёти Худо ҳечем, ҳеч.
Бе иноёти Ҳаќу хосони Ҳақ,
Гар малак бошад, сиёҳ асташ варақ.
Эй Худо! Эй фазли ту ҳоҷатраво,
Бо ту ёди ҳеч кас набвад раво.
Ин қадар иршод ту бахшидаӣ,
То бад-ин бас айби мо пӯшидаӣ.
Қатрае дониш, ки бихшидӣ зи пеш,
Муттасил гардон ба дарёҳои хеш.
Қатрае илм аст андар ҷони ман,
Вораҳонаш аз ҳаво в-аз хоки тан.

Пеш аз он к-ин хокҳо хасфаш кунанд,
Пеш аз он к-ин бодҳо нашфаш кунанд.
Гарчи чун нашфаш кунад, ту қодирӣ,
К-иш аз эшон воситонӣ, вохарӣ.
Қатрае, к-ӯ дар ҳаво шуд ё ки рехт,
Аз хазинай қудрати ту кай гурехт?
Гар дарояд дар адам ё сад адам,
Чун бихониш, ӯ кунад аз сар қадам.
Сад ҳазорон зидд зидро мекушад,
Бозашон ҳукми ту берун мекашад.
Аз адамҳо сӯйи ҳастӣ ҳар замон,
Ҳаст, ё раб, корвон дар корвон.
Хоса ҳар шаб ҷумла афкору уқул
Нест гардад, ғарқ дар баҳри нуғул.
Боз вақти субҳ он аллоҳиён
Барзананд аз баҳр сар чун моҳиён.
Дар хазон он садҳазорон шоху барг
Аз ҳазимат рафта дар дарёи марг.
Зоғ пӯшида сияҳ чун навҳагар,
Дар гулистон навҳа карда бар хузар.
Боз фармон ояд аз солори деҳ,
Мар адамро, к-он чи хӯрдӣ, боздеҳ!
Он чи хӯрдӣ, водеҳ, эй марги сиёҳ!
Аз наботу доруву баргу гиёҳ.
Эй бародар, ақл як дам бо худ ор,
Дам ба дам дар ту хазон асту баҳор.
Боғи дилро сабзу тарру тоза бин,
Пур зи ғунча-в varду сарву ёсамин.
З-анбуҳии барг пинҳон гашта шох,
З-анбуҳии гул ниҳон саҳрову кох.
Ин суханҳое, ки аз ақли кул аст,
Бӯйи он гулзору сарву сунбул аст.
Бӯйи гул дидӣ, ки он ҷо гул набуд?
Ҷӯши мул дидӣ, ки он ҷо мул набуд?
Бӯ қаловуз асту раҳбар мар туро,
Мебарад то хулду Кавсар мар туро.
Бӯ давои чашм бошад нурсоз,
Шуд зи бӯйе дидаи Яъқуб боз.

Бӯйи бад мар дидаро торӣ кунад,
Бӯйи Юсуф дидаро ёрӣ кунад.
Ту ки Юсуф нестӣ, Яъқуб бош,
Ҳамчу ӯ бо гиряву ошӯб бош.
Бишнав ин панд аз ҳакими ғазнавӣ,
То биёбӣ дар тани куҳна навӣ: 1915
«Нозро рӯйе бибояд ҳамчу вард,
Чун надорӣ, гирди бадхӯӣ магард.
Зишт бошад рӯйи нозебову ноз,
Сахт бошад чашми нобинову дард».
Пеши Юсуф нозишу хубӣ макун,
Ҷуз ниёзу оҳ яъқубӣ макун.
Маънии мурдан зи тӯтӣ буд ниёз,
Дар ниёзу фақр худро мурда соз.
То дами Исо туро зинда кунад,
Ҳамчу хешат хубу фархунда кунад. 1920
Аз баҳорон кай шавад сарсабз санг?
Хок шав, то гул бирӯӣ ранг-ранг.
Солҳо ту санг будӣ, дилхарош,
Озмунро як замоне хок бош.

## Достони пири чангӣ, ки дар аҳди Умар, разияллоҳу анҳу, баҳри Худо рӯзи бенавоӣ чанг зад миёни гӯристон

Он шунидастӣ, ки дар аҳди Умар
Буд чангӣ – мутрибе бо карру фар?
Булбул аз овози ӯ бех(в)ад шудӣ,
Як тараб з-овози хубаш сад шудӣ.
Маҷлису маҷмаъ дамаш оростӣ
В-аз навои ӯ қиёмат хостӣ. 1925
Ҳамчу Исрофил, к-овозаш ба фан
Мурдагонро ҷон дарорад дар бадан.
Ё расиле буд Исрофилро,
К-аз самоъаш пар бирустӣ филро.
Созад Исрофил рӯзе ноларо,
Ҷон диҳад пӯсидаи садсоларо.

Анбиёро дар дарун ҳам нағмаҳост,
Толибонро з-он ҳаёти бебаҳост.
Нашнавад он нағмаҳоро гӯши ҳис,
К-аз ситамҳо гӯши ҳис бошад наҷис.
Нашнавад нағмай париро одамӣ,
К-ӯ бувад з-асрори парён аъҷамӣ.
Гарчи ҳам нағмай парӣ з-ин олам аст,
Нағмаи дил бартар аз ҳар ду дам аст,
Ки парию одамӣ зиндонианд,
Ҳар ду дар зиндони ин нодонианд.
«Маъшаралҷин» сураи «Раҳмон» бихон,
«Тастатиъу танфузу»-ро боздон.
Нағмаҳои андаруни авлиё
Аввало гӯяд, ки эй аҷзои «ло»!
Ҳин, зи «ло»-и нафй сарҳо барзанед,
Ин хаёлу ваҳм як сӯ афганед.
Эй ҳама пӯсида дар кавну фасод,
Ҷони боқитон нарӯиду назод.
Гар бигӯям шаммае з-он нағмаҳо,
Ҷонҳо сар барзананд аз дахмаҳо.
Гӯшро наздик кун, к-он дур нест,
Лек нақли он ба ту дастур нест.
Ҳин, ки Исрофили вақтанд авлиё,
Мурдаро з-эшон ҳаёт асту намо.
Ҷони ҳар як мурдае аз гӯри тан
Барҷаҳад з-овозашон андар кафан.
Гӯяд ин овоз з-овоҳо ҷудост,
Зинда кардан кори овози Худост.
Мо бимурдему ба куллӣ костем,
Бонги Ҳақ омад, ҳама бархостем.
Бонги Ҳақ андар ҳиҷобу беҳиҷеб,
Он диҳад, к-ӯ дод Марямро зи ҷеб.
Эй фанотон нест карда зери пӯст,
Бозгардед аз адам з-овози дӯст.
Мутлақ он овоз худ аз шаҳ бувад,
Гарчи аз ҳалқуми Абдуллаҳ бувад.
Гуфта ӯро: «Ман забону чашми ту,
Ман ҳавосу ман ризову хашми ту,

Рав, ки бе ясмаъ ва бе юбсир туӣ,
Сир туӣ, чӣ ҷойи соҳибсир туӣ.
Чун шудӣ «ман кона лиллаҳ» аз валаҳ,
Ман туро бошам, ки «коналлоҳу лаҳ».
Гаҳ «туӣ» гӯям туро, гоҳе «манам»,
Ҳар чӣ гӯям, офтоби равшанам.
Ҳар куҷо тобам зи мишкоти даме,
Ҳал шуд он ҷо мушкилоти оламе.
Зулматеро, к-офтобаш барнадошт,
Аз дами мо гардад он зулмат чу чошт».
Одамеро ӯ ба хеш асмо намуд,
Дигаронро з-Одам асмо мегушуд.
Хоҳ з-Одам гир нураш, хоҳ аз ӯ,
Хоҳ аз хум гир май, хоҳ аз каду.
К-ин каду бо хунб пайвастаст сахт,
Не чу ту шод он кадуи некбахт.
Гуфт: «Тӯбо ман раонӣ» Мустафо,
«Валлазӣ юбсир лиман ваҷҳи раъо».
Чун чароғе нури шамъеро кашид,
Ҳар кӣ дид онро, яқин он шамъ дид.
Ҳамчунин то сад чароғ ар нақл шуд,
Дидани охир лиқои асл шуд.
Хоҳ аз нури пасин бистон тавон,
– Ҳеч фарқе нест, хоҳ аз шамъи ҷон.
Хоҳ бин нур аз чароғи охирин,
Хоҳ бин нураш зи шамъи ғобирин.

## Дар баёни ин ҳадис, ки «инна лираббикум фӣ айёми даҳрикум нафаҳотун, ало фатаъарразу лаҳо»

Гуфт пайғамбар, ки нафҳатҳои Ҳақ
Андар ин айём меорад сабақ.
Гӯшу ҳуш доред ин авқотро,
Даррабоед инчунин нафҳотро.
Нафҳа омад, мар шуморо диду рафт,
Ҳар киро мехост, ҷон бахшиду рафт.
Нафҳаи дигар расид, огоҳ бош,
То аз ин ҳам вонамонӣ, хоҷатош!

Ҷони оташ ёфт з-ӯ оташкуше,
Ҷони мурда ёфт дар худ ҷунбише.
Ҷони норӣ ёфт аз вай интифо,
Мурда пӯшид аз бақои ӯ қабо.
Тозагию ҷунбиши тӯбист ин,
Ҳамчу ҷунбишҳои ҳайвон нест ин.
Гар дарафтад дар замину осмон,
Заҳраҳошон об гардад дарзамон.
Худ зи бими ин дами бемунтаҳо
Бозхон: «фаъбайна ан яҳмилнаҳо».
В-арна худ ашфақна минҳо чун будӣ?
Гар на аз бимаш дили куҳ хун шудӣ.
Дӯш дигар лавн ин медод даст,
Луқмаи чанде даромад, раҳ бибаст.
Баҳри луқма гашта Луқмоне гарав,
Вақт Луқмон аст, эй луқма, бирав.
Аз ҳавои луқмае ин хорхор
Аз кафи Луқмон ҳамеҷӯид хор.
Дар кафи ӯ хору соя-ш низ нест,
Лекатон аз ҳирс ин тамйиз нест.
Хор дон онро, ки хурмо дидаӣ,
З-он ки бас нонкӯру бас нодидаӣ.
Ҷони Луқмон, ки гулистони Худост,
Пойи ҷонаш хастаи хоре чарост?
Уштур омад ин вуҷуди хорхор,
Мустафо зодӣ бар ин уштур савор.
Уштуро! Танги гуле бар пушти туст,
К-аз насимаш дар ту сад гулзор руст.
Майли ту сӯйи муғелон асту рег,
То чӣ гул чинӣ зи хори мурдарег?
Эй бигашта з-ин талаб аз кӯ ба кӯ,
Чанд гӯйӣ, к-ин гулистон куву ку?
Пеш аз он к-ин хори по берун кунӣ,
Чашм торик аст, ҷавлон чун кунӣ?
Одамӣ, к-ӯ менагунҷад дар ҷаҳон,
Дар сари хоре ҳамегардад ниҳон.
Мустафо омад, ки созад ҳамдаме:
«Каллиминӣ, ё ҳумайро, каллимӣ».

Эй ҳумайро, оташ-андар неҳ ту наъл,
То зи наъли ту шавад ин кӯҳ лаъл.
Ин ҳумайро лафзи таънис асту ҷон,
Ном таънисаш ниҳанд ин тозиён.
Лек аз таънис ҷонро бок нест,
Рӯҳро бо марду зан ишрок нест.
Аз муаннас в-аз музаккар бартар аст,
Ин на он ҷон аст, к-аз хушку тар аст.
Ин на он ҷон аст, к-афзояд зи нон,
Ё гаҳе бошад чунин, гоҳе чунон.
Хушкунандасту хушу айни х(в)ашӣ,
Бехушӣ набвад хушӣ, эй мурташӣ!
Чун ту ширин аз шакар бошӣ, бувад,
К-он шакар гоҳе зи ту ғоиб шавад.
Чун шакар гардӣ зи таъсири вафо,
Пас, шакар кай аз шакар бошад ҷудо?
Ошиқ аз худ чун ғизо ёбад раҳиқ,
Ақл он ҷо гум шавад, гум, эй рафиқ!
Ақли ҷузвӣ, ишқро мункир бувад,
Гарчи бинмояд, ки соҳибсир бувад.
Зираку доност, аммо «нест» нест,
То фаришта «ло» нашуд, оҳарманест.
Ӯ ба қавлу феъл ёри мо бувад,
Чун ба ҳукми ҳол ой, «ло» бувад.
«Ло» бувад, чун ӯ нашуд аз ҳаст нест,
Чунки тавъан «ло» нашуд, курҳан басест.
Ҷон камол асту нидои ӯ камол,
Мустафо гӯён: «Ариҳно, ё Балол!»
Эй Балол, афроз бонги силсилат,
З-он даме, к-андардамидам дар дилат.
З-он даме, к-Одам аз он мадҳуш гашт,
Ҳуши аҳли осмон беҳуш гашт.
Мустафо бехеш шуд з-он хубсавт,
Шуд намозаш аз шаби таърис фавт.
Сар аз он хоби муборак барнадошт,
То намози субҳдам омад ба чошт.
Дар шаби таърис пеши он арӯс
Ёфт ҷони поки эшон дастбӯс.

Ишқу ҷон ҳар ду ниҳоданду сатир,
Гар арӯсаш хондаам, айбе магир.
Аз малулий ёр хомуш кардаме,
Гар ҳам ӯ муҳлат бидодӣ як даме.
Лек мегӯяд: «Бигӯ, ҳин, айб нест,
Ҷуз тақозои қазои ғайб нест».
Айб бошад, к-ӯ набинад, ҷуз ки айб,
Айб кай бинад равони поки ғайб?
Айб шуд нисбат ба махлуқи ҷаҳул,
Не ба нисбат бо Худованди қабул.
Куфр ҳам нисбат ба холиқ ҳикмат аст,
Чун ба мо нисбат кунӣ, куфр офат аст.
В-ар яке айбе бувад бо сад ҳаёт,
Бар мисоли чӯб бошад дар набот.
Дар тарозу ҳар дуро яксон кашанд,
З-он ки он ҳар ду чу ҷисму ҷон х(в)ашанд.
Пас бузургон ин нагуфтанд аз газоф:
Ҷисми покон айни ҷон афтод соф.
Гуфташону нафсашону нақшашон
Ҷумла ҷони мутлақ омад бенишон.
Ҷони душмандорашон ҷисм аст сирф,
Чун зиёд аз нард, ӯ исм аст сирф.
Он ба хок-андар шуду кул хок шуд
В-ин намак-андар шуду кул пок шуд.
Он намак, к-аз вай Муҳаммад амлаҳ аст,
З-он ҳадиси бонамак ӯ афсаҳ аст.
Ин намак боқист аз мероси ӯ,
Бо туанд он ворисони ӯ, биҷӯ.
Пеши ту шиста, туро худ пеш ку?
Пеш ҳастат, ҷони пешандеш ку?
Гар ту худро пешу пас дорӣ гумон,
Бастаи ҷисмию маҳрумӣ зи ҷон.
Зеру боло, пешу пас васфи тан аст,
Беҷиҳатҳо зоти ҷони равшан аст.
Баргушо аз нури поки шаҳ назар,
То напиндорӣ ту чун кӯтаҳназар,
Ки ҳаминӣ дар ғаму шодию бас,
Эй адам, ку мар адамро пешу пас?

Рӯзи борон аст, мерав то ба шаб,
На аз ин борон, аз он борони раб.

## Қиссаи суол кардани Ойиша, разияллоҳу анҳо, аз Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки имрӯз борон борид, чун ту сӯйи гӯристон рафтӣ, ҷомаҳои ту чун тар нест?

Мустафо рӯзе ба гӯристон бирафт,
Бо ҷанозай марде аз ёрон бирафт.
Хокро дар гӯри ӯ оганда кард,
Зери хок он донаашро зинда кард.
Ин дарахтонанд ҳамчун хокиён,
Дастҳо баркардаанд аз хокдон.
Сӯйи халқон сад ишорат мекунанд
В-он ки гӯш асташ, иборат мекунанд.
Бо забони сабзу бо дасти дароз
Аз замири хок мегӯянд роз.
Ҳамчу баттон сар фурӯ бурда ба об,
Гашта товусону буда чун ғуроб.
Дар зимистоншон агар маҳбус кард,
Он ғуробонро Худо товус кард.
Дар зимистоншон агарчи дод марг,
Зиндашон кард аз баҳору дод барг.
Мункирон гӯянд: «Худ ҳаст ин қадим,
Ин чаро бандем бар рабби карим?»
Кӯрии эшон даруни дӯстон
Ҳақ бирӯёнид боғу бӯстон.
Ҳар гуле, к-андар дарун бӯё бувад,
Он гул аз асрори кул гӯё бувад.
Бӯйи эшон рағми анфи мункирон
Гирди олам меравад пардадарон.
Мункирон ҳамчун ҷуъал з-он бӯйи гул,
Ё чу нозукмағз дар бонги духул.
Хештан машғул месозанду ғарқ,
Чашм медузданд аз ин ламъони барқ.

Чашм медузданду он ҷо чашм не,
Чашм он бошад, ки бинад маъмане.
Чун зи гӯристон паямбар бозгашт,
Сӯйи Сиддиқа шуду ҳамроз гашт.
Чашми Сиддиқа чу бар рӯяш фитод,
Пеш омад, даст бар вай мениҳод.
Бар амома-в рӯйи ӯву мӯйи ӯ,
Бар гиребону бару бозӯйи ӯ.
Гуфт пайғамбар: «Чӣ меҷӯйӣ шитоб?»
Гуфт: «Борон омад имрӯз аз саҳоб.
Ҷомаҳоят мебиҷӯям дар талаб,
Тар намебинам зи борон, эй аҷаб!»
Гуфт: «Чӣ бар сар фигандӣ аз изор?»
Гуфт: «Кардам он ридои ту химор».
Гуфт: «Баҳри он намуд, эй покҷайб!
Чашми покатро Худо борони ғайб.
Нест он борон аз ин абри шумо,
Ҳаст абре дигару дигар само».

## Тафсири байти Ҳаким, разияллоҳу анҳу:

Осмонҳост дар вилояти ҷон
Корфармои осмони ҷаҳон.
Дар раҳи рӯҳ пасту болоҳост,
Кӯҳҳои баланду дарёҳост.

Ғайбро абрею обе дигар аст,
Осмону офтобе дигар аст.
Н-ояд он илло, ки бар хосон падид,
Боқиён «фӣ лабси мин халқин ҷадид».
Ҳаст борон аз пайи парвардагӣ,
Ҳаст борон аз пайи пажмурдагӣ.
Нафъи борони баҳорон булаҷаб!
Боғро борони пойизӣ чу таб!
Он баҳоре нозпарвардаш кунад,
Ин хазоне нохушу зардаш кунад.
Ҳамчунин сармову боду офтоб
Бар тафовут дону сарришта биёб.

Ҳамчунин дар ғайби анвоъ аст ин
Дар зиёну суду дар рибҳу ғабин.
Ин дами абдол бошад з-он баҳор,
Дар дилу ҷон рӯяд аз вай сабзазор.
Феъли борони баҳорӣ бо дарахт,
Ояд аз анфосашон дар некбахт.
Гар дарахти хушк бошад дар макон,
Айби он аз боди ҷонафзо мадон.
Бод кори хеш карду барвазид,
Он ки ҷоне дошт, бар ҷонаш гузид.

## Дар маънии ин ҳадис, ки «иғтаниму барда-р-рабеъи ...» ило охириҳи

Гуфт пайғамбар: «Зи сармои баҳор
Тан мапӯшонед, ёрон, зинҳор.
З-он ки бо ҷони шумо он мекунад,
К-он баҳорон бо дарахтон мекунад.
Лек бигрезед аз сарди хазон,
К-он кунад, к-ӯ кард бо боғу разон».
Ровиён инро ба зоҳир бурдаанд,
Ҳам бар он сурат қаноат кардаанд.
Бехабар буданд аз ҷон он гурӯҳ,
Кӯҳро дида, надида кон ба кӯҳ.
Он хазон назди Худо нафсу ҳавост,
Ақлу ҷон айни баҳор асту бақост.
Мар туро ақлест ҷузвӣ дар ниҳон,
Комилулақле биҷӯ андар ҷаҳон.
Ҷузви ту аз кулли ӯ куллӣ шавад,
Ақли кул бар нафс чун ғулле шавад.
Пас ба таъвил ин бувад, к-анфоси пок
Чун баҳор асту ҳаёти баргу ток.
Аз ҳадиси авлиё – нарму дурушт –
Тан мапӯшон, з-он ки динатрост пушт.
Гарм гӯяд, сард гӯяд, хуш бигир,
То зи гарму сард биҷҳӣ в-аз саъир.
Гарму сардаш навбаҳори зиндагист,
Мояи сидқу яқину бандагист.

З-он к-аз ӯ бустони ҷонҳо зинда аст,
З-ин ҷавоҳир баҳри дил оганда аст.
Бар дили оқил ҳазорон ғам бувад,
Гар зи боғи дил хилоле кам шавад.

## Пурсидани Сиддиқа, разияллоҳу анҳо, аз Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки сирри борони имрӯзина чӣ буд?

Гуфт Сиддиқа, ки «Эй зубдай вуҷуд,
Ҳикмати борони имрӯзин чӣ буд?
Ин зи боронҳои раҳмат буд, ё
Баҳри таҳдид асту адли кибриё?
Ин аз он лутфи баҳорийёт буд,
Ё зи пойизии пурофот буд?»
Гуфт: «Ин аз баҳри таскини ғам аст,
К-аз мусибат бар нажоди Одам аст.
Гар бар он оташ бимондӣ одамӣ,
Бас харобӣ дарфитодию камӣ.
Ин ҷаҳон вайрон шудӣ андар замон,
Ҳирсҳо берун шудӣ аз мардумон».
Устуни ин олам, эй ҷон, ғафлат аст,
Ҳушёрӣ ин ҷаҳонро офат аст.
Ҳушёрӣ з-он ҷаҳон асту чу он
Ғолиб ояд, паст гардад ин ҷаҳон.
Ҳушёрӣ офтобу ҳирс ях,
Ҳушёрӣ обу ин олам васах.
З-он ҷаҳон андар тарашшуҳ мерасад,
То нағуррад дар ҷаҳон ҳирсу ҳасад.
Гар тарашшуҳ бештар гардад зи ғайб,
На ҳунар монад дар ин олам, на айб.
Ин надорад ҳад, суйи оғоз рав,
Сӯйи қиссай марди мутриб бозрав.

## Бақияи қиссаи пири чангӣ ва баёни махласи он

Мутрибе, к-аз вай ҷаҳон шуд пуртараб,
Руста з-овозаш хаёлоти аҷаб.

Аз навояш мурғи дил паррон шудӣ
В-аз садояш ҳуши ҷон ҳайрон шудӣ.
Чун баромад рӯзгору пир шуд,
Бози ҷон-ш аз аҷз пашшагир шуд.
Пушти ӯ хам гашт ҳамчун пушти хум,
Абрувон бар чашм ҳамчун полдум.
Гашт овози латифи ҷонфизош
Зишту назди кас наярзидӣ ба лош.
Он навои рашки Зуҳра омада
Ҳамчу овози хари пире шуда.
Худ кадомин хуш, ки ӯ нох(в)аш нашуд?
Ё кадомин сақф, к-он мафраш нашуд?
Ғайри овози азизон дар судур,
Ки бувад аз акси дамшон нафхи сур.
Андаруне, к-андарунҳо маст аз ӯст,
Нестӣ, к-ин ҳастҳомон ҳаст аз ӯст.
Каҳрабои фикру ҳар овоз ӯ,
Лаззати илҳому ваҳйу роз ӯ.
Чунки мутриб пиртар гашту заъиф,
Шуд зи бекасбӣ раҳини як рағиф.
Гуфт: «Умру муҳлатам додӣ басе,
Лутфҳо кардӣ, Худоё, бо хасе.
Маъсият варзидаам ҳафтод сол,
Бознагрифтӣ зи ман рӯзе навол.
Нест касб, имрӯз меҳмони туам,
Чанг баҳри ту занам, к-они туам».
Чангро бардошт, шуд аллоҳҷӯ,
Сӯйи гӯристони Ясриб оҳгӯ.
Гуфт: «Хоҳам аз Ҳақ абрешим баҳо,
К-ӯ ба некӯӣ пазирад қалбҳо».
Чунки зад бисёру гирён сар ниҳод,
Чанг болин карду бар гӯре фитод.
Хоб бурдаш, мурғи ҷон-ш аз ҳабс раст,
Чангу чангиро раҳо карду биҷаст.
Гашт озод аз тану ранҷи ҷаҳон
Дар ҷаҳони содаву саҳрои ҷон.
Ҷони ӯ он ҷо сароён моҷаро,
К-андар ин ҷо гар бимондандӣ маро.

Хуш будӣ ҷонам дар ин боғу баҳор,
Масти ин саҳрову ғайбе лолазор.
Бе пару бе по сафар мекардаме,
Бе лабу дандон шакар мех(в)ардаме.
Зикру фикре, фориғ аз ранҷи димоғ,
Кардаме бо сокинони чарх лоғ.
Чашмбаста оламе медидаме,
Варду райҳон бе кафе мечидаме.
Мурғи обӣ ғарқи дарёи асал,
Айни Айюбӣ, шаробу муғтасал,
Ки буд ӯ Айюб аз по то ба фарқ,
Пок шуд аз ранҷҳо чун нури Шарқ».
Маснавӣ дар ҳаҷм гар будӣ чу чарх,
Дарнагунҷидӣ дар ӯ з-ин ним барх,
К-он замину осмони бас фарох
Кард аз тангӣ диламро шох-шох.
В-ин ҷаҳоне, к-андар ин хобам намуд,
Аз гушоиш парру боламро гушуд.
Ин ҷаҳону роҳаш ар пайдо будӣ,
Кам касе як лаҳзае он ҷо будӣ.
Амр меомад, ки на, томеъ машав,
Чун зи поят хор берун шуд, бирав.
Мул-муле мезад он ҷо ҷони ӯ
Дар фазои раҳмату эҳсони ӯ.

## Дар хоб гуфтани ҳотиф мар Умарро, разияллоҳу анҳу, ки чандин зар аз байтулмол ба он мард деҳ, ки дар гӯристон хуфтааст

Он замон Ҳақ бар Умар хобе гумошт,
То ки хеш аз хоб натвонист дошт.
Дар аҷаб афтод, к-ин маъҳуд нест,
Ин зи ғайб афтод, бемақсуд нест.
Сар ниҳоду хоб бурдаш, хоб дид,
К-омадаш аз Ҳақ нидо, ҷонаш шунид.
Он нидое, к-асли ҳар бонгу навост,
Худ нидо он аст в-ин боқӣ садост.

Турку курду порсигӯву араб
Фаҳм карда он нидо бе гӯшу лаб.
Худ чӣ ҷойи турку тоҷик асту занг?
Фаҳм кардаст он нидоро чӯбу санг.
Ҳар даме аз вай ҳамеояд «аласт»,
Ҷавҳару аъроз мегарданд ҳаст.
Гар намеояд «бало» з-эшон, вале
Омаданшон аз адам бошад, бале.
З-он чи гуфтам ман зи фаҳми сангу чӯб,
Дар баёнаш қиссае ҳуш дор хуб:

## Нолидани сутуни ҳаннона, чун барои пайғомбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, минбар сохтанд, ки ҷамоат анбӯҳ шуд, гуфтанд: Мо рӯйи муборaки туро ба ҳангоми ваъз намебинем ва шунидани расулу саҳоба он ноларо ва суолу ҷавоби Мустафо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, бо сутун сареҳ

Устуни ҳаннона аз ҳаҷри расул
Нола мезад ҳамчу арбоби уқул.
Гуфт пайғамбар: «Чӣ хоҳӣ, эй сутун!»
Гуфт: «Ҷонам аз фироқат гашт хун.
Маснадат ман будам, аз ман тохтӣ,
Бар сари минбар ту маснад сохтӣ?»
Гуфт: «Хоҳӣ, ки туро нахле кунанд,
Шарқию ғарбӣ зи ту мева чинанд?
Ё дар он олам Ҳақат сарве кунад,
То тару тоза бимонӣ то абад?»
Гуфт: «Он хоҳам, ки доим шуд бақош»,
Бишнав, эй ғофил, кам аз чӯбе мабош.
Он сутунро дафн кард андар замин,
То чу мардум ҳашр гардад явми дин.
То бидонӣ, ҳар киро Яздон бихонд,
Аз ҳама кори ҷаҳон бекор монд.
Ҳар киро бошад зи Яздон кору бор,
Ёфт бор он ҷову берун шуд зи кор.

Он ки ӯро набвад аз асрор дод,
Кай кунад тасдиқ ӯ нолай ҷамод?
Гӯяд: «Оре», на зи дил, бахри вифоқ,
То нагӯяндаш, ки ҳаст аҳли нифоқ.
Гар наяндӣ воқифони амри «кун»,
Дар ҷаҳон рад гашта будӣ ин сухун.
Сад ҳазорон з-аҳли тақлиду нишон
Афганадшон ним ваҳме дар гумон,
Ки ба зан тақлиду истидлолашон
Қоим асту ҷумла парру болашон.
Шубҳае ангезад он шайтони дун,
Дарфитанд ин ҷумла кӯрон сарнигун.
Пойи истидлолиён чӯбин бувад,
Пойи чӯбин сахт бетамкин бувад.
Ғайри он қутби замони дидавар,
К-аз саботаш кӯҳ гардад хирасар.
Пойи нобино асо бошад, асо,
То наяфтад сарнигун ӯ бар ҳасо.
Он саворе, к-ӯ сипаҳро шуд зафар,
Аҳли динро кист? Султони басар.
Бо асо кӯрон агар раҳ дидаанд,
Дар паноҳи халқ рӯшандидаанд.
Гар на биноён будандию шаҳон,
Ҷумла кӯрон мурдаандӣ дар ҷаҳон.
На зи кӯрон кишт ояд, на дуруд,
На иморат, на тиҷоратҳову суд.
Гар накардӣ раҳмату ифзолатон,
Даршикастӣ чӯби истидлолатон.
Ин асо чӣ бвад? Қиёсоту далел,
Он асо кӣ додашон? Бино ҷалил!
Чун асо шуд олати ҷангу нафир,
Он асоро хурд бишкан, эй зарир!
Ӯ асотон дод, то пеш омадет,
Он асо аз хашм ҳам бар вай задет?
Ҳалқаи кӯрон! Ба чӣ кор андаред?
Дидбонро дар миёна оваред.
Домани ӯ гир, к-ӯ додат асо,
Дарнигар, к-Одам чиҳо дид аз «асо».

Мӯъҷизай Мӯсову Аҳмадро нигар:
Чун асо шуд мору устун бохабар.
Аз асо морею аз устун ҳанин
Панҷ навбат мезананд аз баҳри дин.
Гар на номаъқул будӣ ин маза,
Кай будӣ ҳоҷат ба чандин муъҷиза?
Ҳар чӣ маъқул аст, ақлаш мехурад,
Бе баёни муъҷиза, бе ҷарру мад.
Ин тариқи бикри номаъқул бин,
Дар дили ҳар муқбиле мақбул бин.
Ҳамчунон к-аз бими Одам деву дад
Дар ҷазоир даррамиданд аз ҳасад.
Ҳам зи бими муъҷизоти анбиё
Сар кашида мункарон зери гиё.
То ба номуси мусулмонӣ зиянд,
Дар тасаллус то надонӣ, ки киянд.
Ҳамчу қаллобон бар он накди табоҳ
Нуқра мемоланду номи подшоҳ.
Зоҳири алфозашон тавҳиду шаръ,
Ботини он ҳамчу дар нон тухми саръ.
Филсафиро заҳра на, то дам занад,
Дам занад, дини Ҳақаш барҳам занад.
Дасту пойи ӯ ҷамоду ҷони ӯ,
Ҳар чӣ гӯяд, он ду дар фармони ӯ.
Бо забон гарчи ба тӯҳмат мениҳанд,
Дасту поҳошон гувоҳӣ медиҳанд.

## Изҳори муъҷизаи пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба сухан омадани сангреза дар дасти Абӯҷаҳл, алайҳиллаъна ва гувоҳӣ додани сангреза бар ҳақиқати Муҳаммад, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба рисолати ӯ

Сангҳо андар кафи Бӯҷаҳл буд,
Гуфт: «Эй Аҳмад, бигӯ ин чист? Зуд!
Гар расулӣ, чист дар муштам ниҳон?
Чун хабар дорӣ зи рози осмон».

Гуфт: «Чун хоҳӣ? Бигӯям он чиҳост?
Ё бигӯянд он ки мо ҳаққему рост?»
Гуфт Бӯҷаҳл: «Ин дувум нодиртар аст»,
Гуфт: «Оре. Ҳақ аз он қодиртар аст».
Аз миёни мушти ӯ ҳар пора санг
Дар шаҳодат гуфтан омад бедиранг:
«Ло илоҳа» гуфту «иллаллоҳ» гуфт,
Гавҳари «Аҳмад расулуллоҳ» суфт.
Чун шунид аз сангҳо Бӯҷаҳл ин,
Зад зи хашм он сангҳоро бар замин.

## Бақияи қиссаи мутриб ва пайғом расонидани амирулмуъминин Умар, разияллоҳу анҳу, ба ӯ он чи ҳотиф овоз дод

Бозгарду ҳоли мутриб гӯш дор,
З-он ки оҷиз гашт мутриб з-интизор.
Бонг омад мар Умарро, к-эй Умар!
Бандаи моро зи ҳоҷат бозхар.
Бандае дорем хосу муҳтарам,
Сӯйи гӯристон ту ранҷа кун қадам.
Эй Умар, барҷаҳ, зи байтулмоли ом
Ҳафтсад динор дар каф неҳ тамом.
Пеши ӯ бар, к-эй ту моро ихтиёр,
Ин қадар бистон, кунун маъзур дор.
Ин қадар аз баҳри абрешим баҳо
Харҷ кун, чун харҷ шуд, ин ҷо биё».
Пас Умар з-он ҳайбати овоз ҷаст,
То миёнро баҳри ин хидмат бибаст.
Сӯйи гӯристон Умар бинҳод рӯ,
Дар бағал ҳамён, давон дар ҷустуҷӯ.
Гирди гӯристон давона шуд басе,
Ғайри он пир ӯ надид он ҷо касе.
Гуфт: «Ин набвад!» дигарбора давид,
Монда гашту ғайри он пир ӯ надид.
Гуфт: «Ҳақ фармуд: Моро бандаест,
Софию шоиставу фархундаест.

Пири чангӣ кай бувад хоси Худо?»
Ҳаббазо, эй сирри пинҳон, ҳаббазо!
Бори дигар гирди гӯристон бигашт
Ҳамчу он шери шикорӣ гирди дашт.
Чун яқин гашташ, ки ғайри пир нест,
Гуфт: «Дар зулмат дили равшан басест».
Омад ӯ, бо сад адаб он ҷо нишаст,
Бар Умар атса фитоду пир ҷаст.
Мар Умарро дид, монд андар шигифт,
Азми рафтан карду ларзидан гирифт.
Гуфт дар ботин: «Худоё, аз ту дод,
Муҳтасиб бар пираке чангӣ фитод!»
Чун назар андар рухи он пир кард,
Дид ӯро шармсору рӯйзард.
Пас Умар гуфташ: «Матарс, аз ман марам,
К-ит башоратҳо зи Ҳақ овардаам.
Чанд Яздон мидҳати хӯйи ту кард,
То Умарро ошиқи рӯйи ту кард.
Пеши ман биншину маҳҷурӣ масоз,
То ба гӯшат гӯям аз иқбол роз.
Ҳақ саломат мекунад, мепурсадат:
Чунӣ аз ранҷу ғамони беҳадат?
«Нак, қурозай чанд абрешимбаҳо,
Харҷ кун инрову боз ин ҷо биё».
Пир ларзон гашт, чун онро шунид,
Даст мехойиду бар худ метапид.
Бонг мезад, к-эй Худои беназир!
Бас, ки аз шарм об шуд бечора пир.
Чун басе бигрист в-аз ҳад рафт дард,
Чангро зад бар замину хурд кард.
Гуфт: «Эй буда ҳиҷобам аз Илоҳ!
Эй маро ту роҳзан аз шоҳроҳ!
Эй бихӯрда хуни ман ҳафтод сол!
Эй зи ту рӯям сияҳ пеши камол!
Эй Худои боатои бовафо,
Раҳм кун бар умри рафта дар ҷафо.
Дод Ҳақ умре, ки ҳар рӯзе аз он
Кас надонад қимати он дар ҷаҳон.

Харҷ кардам умри худро дам ба дам,
Дардамидам ҷумларо дар зеру бам.
Оҳ, к-аз ёди раҳу пардай «Ироқ»
Рафт аз ёдам дами талхи фироқ.
Вой, к-аз таррии зерафганди хурд,
Хушк шуд кишти дили ман, дил бимурд.
Вой, к-аз овози ин бисту чаҳор
Корвон бигзашту бегаҳ шуд наҳор.
Эй Худо, фарёд з-ин фарёдхоҳ,
Дод хоҳам, на зи кас, з-ин додхоҳ.
Доди худ аз кас наёбам, ҷуз магар
З-он ки ӯ аз ман ба ман наздиктар,
К-ин манӣ аз вай расад дам-дам маро,
Пас варо бинам, чу ин шуд кам маро.
Ҳамчу он к-ӯ бо ту бошад заршумар,
Сӯйи ӯ дорӣ, на сӯйи худ назар».

## Гардонидани Умар, разияллоҳу анҳу, назари ӯро аз мақоми гиря, ки ҳастӣ аст ба мақоми истиғроқ

Пас Умар гуфташ, ки ин зории ту
Ҳаст ҳам осори ҳушёрии ту.
Роҳи фонигашта роҳи дигар аст,
З-он ки ҳушёрӣ гуноҳе дигар аст.
Ҳаст ҳушёрӣ зи ёди момазо,
Мозию мустақбалат пардай Худо.
Оташ андарзан ба ҳар ду, то ба кай
Пургиреҳ бошӣ аз ин ҳар ду чу най?
То гиреҳ бо най бувад, ҳамроз нест,
Ҳамнишини он лабу овоз нест.
Чун ба тавфӣ, худ ба тавфе муртадӣ,
Чун ба хона омадӣ, ҳам бо х(в)адӣ.
Эй хабарҳот аз хабардеҳ бехабар,
Тавбаи ту аз гуноҳи ту батар.
Эй ту аз ҳоли гузашта тавбаҷӯ,
Кай кунӣ тавба аз ин тавба? Бигӯ!
Гоҳ бонги зерро қибла кунӣ,
Гоҳ гиряй зорро қубла занӣ.

Чунки Форуқ оинай асрор шуд,
Ҷони пир аз андарун бедор шуд,
Ҳамчу ҷон бегиряву беханда шуд,
Ҷон-ш рафту ҷони дигар зинда шуд.
Ҳайрате омад дарунаш он замон,
Ки бурун шуд аз замину осмон.
Ҷустуҷӯе аз варои ҷустуҷӯ
Ман намедонам. Ту медонӣ, бигӯ!
Ҳолу қоле аз варои ҳолу қол
Ғарқа гашта дар ҷамоли зулҷалол.
Ғарқае на, ки халосӣ бошадаш,
Ё ба ҷуз дарё касе бишносадаш.
Ақли ҷузв аз кулл гӯё нестӣ,
Гар тақозо бар тақозо нестӣ.
Чун тақозо бар тақозо мерасад,
Мавҷи он дарё бад-ин ҷо мерасад.
Чунки қиссай ҳоли пир ин ҷо расид,
Пиру ҳолаш рӯй дар парда кашид.
Пир доманро зи гуфтугӯ фишонд,
Нимгуфта дар даҳони мо бимонд.
Аз пайи ин айшу ишрат сохтан
Сад ҳазорон ҷон бишояд бохтан.
Дар шикори бешаи ҷон боз бош,
Ҳамчу хуршеди ҷаҳон ҷонбоз бош.
Ҷонфишон афтод хуршеди баланд,
Ҳар даме тӣ мешавад, пур мекунанд.
Ҷон фишон, эй офтоби маънавӣ!
Мар ҷаҳони куҳнаро бинмо навӣ.
Дар вуҷуди одамӣ ҷону равон
Мерасад аз ғайб чун оби равон.

## **Тафсири дуъои он ду фаришта, ки ҳар рӯз бар сари ҳар бозоре мунодӣ мекунанд, ки «Аллоҳумма, аъти кулла мунфиқин халафан, аллоҳумма аъти кулла мумсикин талафан» ва баён кардан, ки он мунфиқ муҷоҳиди роҳи Ҳақ аст, на мусрифи роҳи ҳаво**

Гуфт пайғамбар, ки доим баҳри панд
Ду фаришта хуш мунодӣ мекунанд,

К-эй Худоё, мунфиқонро сер дор,
Ҳар дирамшонро иваз деҳ сад ҳазор.
Эй Худоё, мумсиконро дар ҷаҳон
Ту мадеҳ илло зиён андар зиён.
Эй басо имсок, к-аз инфоқ беҳ,
Моли Ҳақро ҷуз ба амри Ҳақ мадеҳ,
То иваз ёбӣ ту ганҷи бекарон,
То набошӣ аз идоди кофирон.
Амри Ҳақро бозҷӯ аз восиле,
Амри Ҳақро дарнаёбад ҳар диле.
Дар Нубӣ инзори аҳли ғафлат аст,
К-он ҳама инфоқҳошон ҳасрат аст.
Сарварони Макка дар ҳарби расул
Будашон қурбон ба уммеди қабул.
К-уштурон қурбон ҳамекарданд, то
Чира гардад теғашон бар Мустафо.
Чу ғуломи ёғие, к-ӯ адл кард,
Моли шаҳ бар ёғиён ӯ базл кард.
Адли ин ёғию додаш назди шоҳ
Чӣ физояд? Дурию рӯйи сиёҳ.
Баҳри ин муъмин ҳамегӯяд зи бим,
Дар намоз «иҳдӣ сирота-л-мустақим».
Он дирам додан сахиро лоиқ аст,
Ҷон супурдан худ сахои ошиқ аст.
Нон диҳӣ аз баҳри Ҳақ, нонат диҳанд,
Ҷон диҳӣ аз баҳри Ҳақ, ҷонат диҳанд.
Гар бирезад баргҳои ин чинор,
Барги бебаргиш бахшад Кирдгор.
Гар намонд аз ҷуд дар дасти ту мол,
Кай кунад фазли Илоҳат поймол?
Ҳар кӣ корад, гардад анбораш тиҳӣ,
Лекаш андар мазраъа бошад беҳӣ.
В-он ки дар анбор монду сарфа кард,
Ишпушу муши ҳаводис пок х(в)ард.
Ин ҷаҳон нафй аст, дар исбот ҷӯ,
Суратат сифр аст, дар маънот ҷӯ.
Ҷони шӯри талх пеши теғ бар,
Ҷони чун дарёи ширинро бихар.

В-ар намедонӣ шудан з-ин остон,
Боре аз ман гӯш кун ин достон:

## Қиссаи халифа, ки дар карам дар замони худ аз Ҳотами Тоӣ гузашта буд ва назири худ надошт

Як халифа буд дар айёми пеш,
Карда Ҳотамро ғуломи ҷуди хеш.
Рояти икрому дод афрошта,
Фақру ҳоҷат аз ҷаҳон бардошта.
Баҳру дур аз бахшишаш соф омада,
Доди ӯ аз Қоф то Қоф омада.
Дар ҷаҳони хок абру об буд,
Мазҳари бахшоиши ваҳҳоб буд.
Аз атояш баҳру кон дар зилзила,
Сӯйи ҷудаш қофила бар қофила.
Қиблаи ҳоҷат дару дарвозааш,
Рафта дар олам ба ҷуд овозааш.
Ҳам Аҷам, ҳам Рум, ҳам Турку Араб
Монда аз ҷуду сахояш дар аҷаб.
Оби ҳайвон буду дарёи карам,
Зинда гашта ҳам Араб з-ӯ, ҳам Аҷам.

## Қиссаи аъробии дарвеш ва моҷарои зани ӯ бо ӯ ба сабаби қиллату дарвешӣ

Як шаб аъробизане мар шӯйро
Гуфту аз ҳад бурд гуфтугӯйро,
К-ин ҳама фақру ҷафо мо мекашем,
Ҷумла олам дар хушӣ, мо нох(в)ашем.
Нонамон на, нонхуришмон дарду рашк,
Кӯзамон на, обамон аз дида ашк.
Ҷомаи мо рӯз тоби офтоб,
Шаб ниҳолину лиҳоф аз моҳтоб.
Қурси маҳро қурси нон пиндошта,
Даст сӯйи осмон бардошта.
Нанги дарвешон зи дарвешии мо,
Рӯзу шаб аз рӯзиандешии мо.

Хешу бегона шуда аз мо рамон
Бар мисоли Сомирӣ аз мардумон.
Гар бихоҳам аз касе як мушт наск,
Мар маро гӯяд: Хамуш кун, маргу ҷаск.
Мар Арабро фахр ғазв асту ато,
Дар Араб ту, ҳамчу андар хат хато.
Чӣ ғазо? Мо бе ғазо худ куштаем,
Мо ба теғи фақр бесар гаштаем.
Чӣ ато? Мо бар гадоӣ метанем,
Мар магасро дар ҳаво раг мезанем.
Гар касе меҳмон расад, гар ман манам,
Шаб бихусбад, далқаш аз тан барканам.

## Мағрур шудани муридони муҳтоҷ ба муддаиёни музаввир ва эшонро шайх ва муҳташаму восил пиндоштан ва нақлро аз нақд фарқ нодонистан ва барбастаро аз барруста

Баҳри ин гуфтанд доноён ба фан:
«Меҳмони муҳсинон бояд шудан».
Ту муриду меҳмони он касӣ,
К-ӯ ситонад ҳосилатро аз хасе.
Нест чира, чун туро чира кунад?
Нур надҳад, мар туро тира кунад.
Чун варо нуре набуд андар қирон,
Нур кай ёбанд аз вай дигарон?
Ҳамчу аъмаш, к-ӯ кунад доруи чашм,
Чӣ кашад дар чашмҳо, илло ки пашм?
Ҳоли мо ин аст дар фақру ано,
Ҳеч меҳмоне мабо мағрури мо.
Қаҳти даҳ сол ар надидӣ дар сувар,
Чашмҳо бигшову андар мо нигар.
Зоҳири мо чун даруни муддаъӣ,
Дар дилаш зулмат, забонаш шаъшаъӣ.
Аз Худо бӯйе на ӯро, на асар,
Даъвияш афзун зи Шису Булбашар.
Дев нанмуда варо ҳам нақши хеш,
Ӯ ҳамегӯяд: «Зи абдолем беш».

Ҳарфи дарвешон бидуздида басе,
То гумон ояд, ки ҳаст ӯ худ касе. 2285
Хурда гирад дар сухан бар Боязид,
Нанг дорад аз даруни ӯ Язид.
Бенаво аз нону хони осмон,
Пеши ӯ нандохт Ҳақ як устухон.
Ӯ нидо карда, ки хон бинҳодаам,
Ноиби Ҳаққам, халифазодаам.
Ассало, содадилони печ-печ,
То хуред аз хони ҷудам сер ҳеч.
Солҳо бар ваъдаи фардо касон,
Гирди он дар гашта фардо норасон. 2290
Дер бояд, то ки сирри одамӣ
Ошкоро гардад аз бешу камӣ:
Зери девори бадан ганҷ аст ё
Хонаи мор асту мӯру аждаҳо?
Чунки пайдо гашт, к-ӯ чизе набуд,
Умри толиб рафт, огоҳӣ чӣ суд?

## Дар баёни он ки нодир афтад, ки муриде дар муддаии музаввир эътиқод ба сидқ бибандад, ки ӯ касест ва бад-ин эътиқод ба мақоме бирасад, ки шайхаш дар хоб надида бошад ва обу оташ ӯро газанд накунад ва шайхашро газанд кунад, валекин ба нодири нодир

Лек нодир толиб ояд, к-аз фурӯғ
Дар ҳақи ӯ нофеъ ояд он дурӯғ.
Ӯ ба қасди неки худ ҷойе расад,
Гарчи ҷон пиндошт в-он омад ҷасад. 2295
Чун таҳаррӣ дар дили шаб қибларо,
Қибла неву он намози ӯ раво.
Муддаиро қаҳти ҷон андар сир аст,
Лек моро қаҳти нон бар зоҳир аст.
Мо чаро чун муддаӣ пинҳон кунем?
Баҳри номуси музаввар ҷон канем?

## Сабр фармудани аъробӣ зани худро ва фазилати сабру факр баён кардан бо зан

Шӯй гуфташ: «Чанд ҷӯйӣ дахлу кишт?
Худ чӣ монд аз умр? Афзунтар гузашт.
Оқил андар бешу нуқсон нангарад,
З-он ки ҳар ду ҳамчу селе бигзарад.
Хоҳ софу хоҳ сели тирарӯ,
Чун намепояд даме, аз вай магӯ.
Андар ин олам ҳазорон ҷонвар
Мезияд хушайш бе зеру забар.
Шукр мегӯяд Худоро фохта,
Бар дарахту барги шаб носохта.
Ҳамд мегӯяд Худоро андалеб,
К-эътимоди ризқ бар туст, эй муҷиб!
Боз дасти шоҳро карда навид,
Аз ҳама мурдор бибрида умед.
Ҳамчунин аз пашша гирӣ то ба пил,
Шуд «аёлуллоҳу ҳақ ниъма-л-муъил».
Ин ҳама ғамҳо, ки андар синаҳост,
Аз бухору гарди боду буди мост.
Ин ғамони бехкан чун доси мост,
«Инчунин шуд в-ончунон» васвоси мост.
Дон, ки ҳар ранҷе зи мурдан пораест,
Ҷузви марг аз худ бирон, гар чораест.
Чун зи ҷузви марг натвонӣ гурехт,
Дон, ки куллаш бар сарат хоҳанд рехт.
Ҷузви марг ар гашт ширин мар туро,
Дон, ки ширин мекунад кулро Худо.
Дардҳо аз марг меояд расул,
Аз расулаш рӯ магардон, эй фузул!
Ҳар кӣ ширин мезияд, ӯ талх мурд,
Ҳар кӣ ӯ танро парастад, ҷон набурд.
Гӯсфандонро зи саҳро мекашанд,
Он ки фарбеҳтар, мар онро мекушанд.
Шаб гузашту субҳ омад, эй Тамар!
Чанд гирӣ ин фасонай зар зи сар?

Ту ҷавон будию қонеътар будӣ,
Зарталаб гаштӣ, худ аввал зар будӣ.
Зар будӣ пурмева, чун косид шудӣ?
Вақти мева пухтанат фосид шудӣ?
Меваат бояд, ки ширинтар шавад,
Чун расан тобон на вопастар равад.
Ҷуфти мойӣ, ҷуфт бояд ҳамсифат,
То бароял корҳо бо маслиҳат.
Ҷуфт бояд бар мисоли ҳамдигар,
Дар ду ҷуфти кафшу мӯза дарнигар.
Гар яке кафш аз ду танг ояд ба по,
Ҳар ду ҷуфташ кор н-ояд мар туро.
Ҷуфти дар як хурду он дигар бузург?
Ҷуфти шери беша дидӣ ҳеҷ гург?
Рост н-ояд бар шутур ҷуфти ҷувол,
Он яке холию ин пур мол-мол.
Ман равам сӯйи қаноат дилқавӣ,
Ту чаро сӯйи шаноат меравӣ?»
Марди қонеъ аз сари ихлосу сӯз
З-ин насақ мегуфт бо зан то ба рӯз.

## Насиҳат кардани зан мар шӯйро, ки сухан афзун аз қадам ва аз мақоми худ магӯ, «лима тақулуна, мо ло тафъалуна», ки ин суханҳо агарчи рост аст, он мақоми таваккул туро нест ва ин сухан гуфтан фавқи мақому муомилаи худ зиён дорад ва «кабура мақтан индаллоҳ» бошад

Зан бар ӯ зад бонг, к-эй номускеш!
Ман фусуни ту нахоҳам хӯрд беш.
Турраҳот аз даъвию даъват магӯ,
Рав, сухан аз кибру аз нахват магӯ.
Чанд ҳарфи тумтароқу кору бор?
Кору ҳоли худ бибину шарм дор.
Кибр зишту аз гадоён зишттар,
Рӯз сарду барфу он гаҳ ҷома тар!

Чанд даъвову даму боду бурут?
Эй туро хона чу байтуланкабут.
Аз қаноат кай ту ҷон афрӯхтӣ?
Аз қаноатҳо ту ном омӯхтӣ.
Гуфт пайғамбар: «Қаноат чист? Ганҷ»,
Ганҷро ту вонамедонӣ зи ранҷ.
Ин қаноат нест ҷуз ганҷи равон,
Ту мазан лоф, эй ғаму ранҷи равон!
Ту махонам ҷуфт, камтар зан бағал,
Ҷуфти инсофам, наям ҷуфти дағал.
Чун қадам бо миру бо баг мезанӣ,
Чун малахро дар ҳаво раг мезанӣ?
Бо сагон з-ин устухон дар чолишӣ,
Чун найи ишкамтиҳӣ дар нолишӣ.
Сӯйи ман мангар ба хорӣ суст-суст,
То нагӯям, он чи дар рагҳои туст.
Ақли худро аз ман афзун дидаӣ?
Мар мани камақлро чун дидаӣ?
Ҳамчу гурги ғофил андар мо маҷеҳ,
Эй зи нанги ақли ту беақл беҳ.
Чунки ақли ту ақилай мардум аст,
Он на ақл аст, он ки мору каждум аст.
Хасми зулму макри ту Аллоҳ бод,
Фазлу ақли ту, зи мо кӯтоҳ бод.
Ҳам ту морӣ, ҳам фусунгар, ин аҷаб!
Моргиру морӣ, эй нанги араб!
Зоғ агар зиштии худ бишнохтӣ,
Ҳамчу барф аз дарду ғам бигдохтӣ.
Марди афсунгар бихонад чун адӯ,
Ӯ фусун бар мору мор афсун бар ӯ.
Гар набудӣ доми ӯ афсуни мор,
Кай фусуни морро гаштӣ шикор?
Марди афсунгар зи ҳирси касбу кор
Дарнаёбад он замон афсуни мор.
Мор гӯяд: «Эй фусунгар, ҳину ҳин!
Они худ дидӣ? Фусуни ман бибин.
Ту ба номи Ҳақ фиребӣ мар маро,
То кунӣ расвои шӯру шар маро.

Номи Ҳаққам баст, не он ройи ту,
Номи Ҳақро дом кардӣ, войи ту!
Номи Ҳақ бистонад аз ту доди ман,
Ман ба номи Ҳақ супурдам ҷону тан. 2350
Ё ба захми ман раги ҷонат бурад,
Ё ки ҳамчун ман ба зиндонат барад».
Зан аз ин гуна хашин гуфторҳо
Хонд бар шӯйи ҷавон тӯморҳо.

## Насиҳат кардани мард мар занро, ки дар фақирон ба хорӣ манигар ва дар кори Ҳақ ба гумони камол нигар ва таъна мазан дар фақру фақирон ба хаёлу гумони бенавоии хештан

Гуфт: «Эй зан, ту занӣ ё булҳазан?
Фақр фахр омад, маро бар сар мазан.
Молу зар сарро бувад ҳамчун кулоҳ,
Кал бувад ӯ, к-аз кулаҳ созад паноҳ.
Он ки зулфи ҷаъду раъно бошадаш,
Чун кулоҳаш рафт, хуштар оядаш. 2355
Марди Ҳақ бошад ба монанди басар,
Пас, бараҳна беҳ, ки пӯшида назар.
Вақти арза кардан он бардафурӯш
Барканад аз банда ҷомай айбпӯш,
В-ар бувад айбе, бараҳнаш кай кунад?
Бал ба ҷома худъае бо вай кунад:
Гӯяд ин шарманда аст аз неку бад,
Аз бараҳна кардан ӯ аз ту рамад.
Хоҷа дар айб аст ғарқа то ба гӯш,
Хоҷаро мол асту молаш айбпӯш, 2360
К-аз тамаъ айбаш набинад томеъе,
Гашт дилҳоро тамаъҳо ҷомеъе.
В-ар гадо гӯяд сухан чун зарри кон,
Раҳ наёбад колаи ӯ дар дукон.
Кори дарвешӣ варои фаҳми туст,
Сӯйи дарвеше бимангар суст-суст.
З-он ки дарвешон варои милку мол
Рӯзие доранд, жарф аз зулҷалол.

Ҳақ таъоло одил асту одилон
Кай кунанд истамгарӣ бар бедилон?
Он якеро неъмату коло диҳанд
В-ин дигарро бар сари оташ ниҳанд.
Отašaш сӯзад, ки дорад ин гумон
Бар Худову холиқи ҳар ду ҷаҳон.
«Фақру фахрӣ» аз газоф асту маҷоз?
На ҳазорон иззи пинҳон асту ноз.
Аз ғазаб бар ман лақабҳо рондӣ,
Ёргиру моргирам хондӣ.
Гар бигирам, барканам дандони мор,
То-ш аз сар кӯфтан набвад зирор.
З-он ки он дандон адуввӣ ҷони ӯст,
Ман адӯро мекунам з-ин илм дӯст.
Аз тамаъ ҳаргиз нахоҳам ман фусун,
Ин тамаъро кардаам ман сарнигун.
Ҳошалиллаҳ, тамъи ман аз халқ нест,
Аз қаноат дар дили ман оламест.
Бар сари амрудбун бинӣ чунон,
З-он фуруд о, то намонад он гумон.
Чунки баргардӣ ту, саргашта шавӣ,
Хонаро гарданда бинӣ в-он тувӣ».

## **Дар баёни он ки ҷунбидани ҳар касе аз он ҷо ки вай аст, ҳар касро аз чанбараи вуҷуди худ бинад. Тобаи кабуд офтобро кабуд намояд ва сурх сурх намояд. Чун тобаҳо аз рангҳо берун ояд, сапед шавад. Аз ҳамаи тобаҳои дигар ӯ ростгӯтар бошад ва имом бошад**

Дид Аҳмадро Абӯҷаҳлу бигуфт:
«Зишт нақше, к-аз банӣ Ҳошим шукуфт».
Гуфт Аҳмад мар варо, ки ростӣ,
Рост гуфтӣ, гарчи корафзостӣ.
Дид Сиддиқаш, бигуфт: «Эй офтоб!
Не зи Шарқӣ, не зи Ғарбӣ, хуш битоб».

Гуфт Аҳмад: «Рост гуфтӣ, эй азиз!
Эй раҳида ту зи дунёи начиз».
Ҳозирон гуфтанд: «Эй садрулваро,
Ростгӯ гуфтӣ ду зидгӯро чаро?»
Гуфт: «Ман ойинаам, масқули даст,
Турку ҳинду дар ман он бинад, ки ҳаст».
«Эй зан, ар таммоъ мебинӣ маро,
З-ин таҳаррии занона бартар о.
Он тамаъро монаду раҳмат бувад,
Ку тамаъ, он ҷо ки он неъмат бувад?
Имтиҳон кун фақрро рӯзе ду ту,
То ба фақр- андар ғано бинӣ дутӯ.
Сабр кун бо фақру бигзор ин малол,
З-он ки дар фақр аст иззи зулҷалол.
Сирка мафрӯшу ҳазорон ҷон бибин,
Аз қаноат ғарқи баҳри ангубин.
Сад ҳазорон ҷони талхикаш нигар
Ҳамчу гул оғушта андар гулшакар.
Эй дареғо, мар туро гунҷо будӣ,
То зи ҷонам шарҳи дил пайдо шудӣ.
Ин сухан шир аст дар пистони ҷон,
Бекашанда хуш намегардад равон.
Мустамеъ чун ташнаву ҷӯянда шуд,
Воиз ар мурда бувад, гӯянда шуд.
Мустамеъ чун тоза омад бемалол,
Сад забон гардад ба гуфтан гунгу лол.
Чунки номаҳрам дарояд аз дарам,
Парда - дар пинҳон шаванд аҳли ҳарам.
В-ар дарояд маҳраме дур аз газанд,
Баргушоянд он сатирон рӯйбанд.
Ҳар чиро хубу хушу зебо кунанд,
Аз барои дидаи бино кунанд.
Кай бувад овози чангу зеру бам
Аз барои гӯши беҳисси асам?
Мушкро беҳуда Ҳақ хушдам накард,
Баҳри ҳис карду пайи ахшам накард.
Ҳақ замину осмон барсохтаст,
Дар миён бас нору нур афрохтаст.

Ин заминро аз барои хокиён,
Осмонро маскани афлокиён.
Марди суфло душмани боло бувад,
Муштарии ҳар макон пайдо бувад.
Эй сатира, ҳеч ту бархостӣ?
Хештанро баҳри кӯр оростӣ?
Гар ҷаҳонро пурдури макнун кунам,
Рӯзии ту чун набошад, чун кунам?
Тарки ҷангу раҳзанӣ, эй зан, бигӯ
В-ар намегӯйӣ, ба тарки ман бигӯ.
Мар маро чӣ ҷойи ҷанги неку бад?
К-ин дилам аз сулҳҳо ҳам мерамад.
Гар хамуш гардӣ, вагарна он кунам,
Ки ҳамин дам тарки хону мон кунам.

## Муроот кардани зан шавҳарро ва истиғфор кардан аз гуфтаи хеш

Зан чу дид ӯро, ки тунду тавсан аст,
Гашт гирён. Гиря худ доми зан аст.
Гуфт: «Аз ту кай чунин пиндоштам?
Аз ту ман уммеди дигар доштам».
Зан даромад аз тариқи нестӣ,
Гуфт: «Ман хоки шумоям, не сатӣ.
Ҷисму ҷону ҳар чӣ ҳастам, они туст,
Ҳукму фармон ҷумлагӣ фармони туст.
Гар зи дарвешӣ дилам аз сабр ҷаст,
Баҳри хешам нест он, баҳри ту аст.
Ту маро дар дардҳо будӣ даво,
Ман намехоҳам, ки бошӣ бенаво.
Ҷони ту, к-аз баҳри хешам нест ин,
Аз барои тустам ин нола-в ҳанин.
Хеши ман валлаҳ, ки баҳри хеши ту,
Ҳар нафас хоҳад, ки мирад пеши ту.
Кош ҷонат, к-иш равони ман фидо,
Аз замири ҷони ман воқиф будо.
Чун ту бо ман инчунин будӣ ба зан,
Ҳам зи ҷон безор гаштам, ҳам зи тан.

Хокро бар симу зар кардем, чун
Ту чунинӣ бо ман, эй ҷонро сукун!
Ту ки дар ҷону дилам ҷо мекунӣ,
З-ин қадар, аз ман табарро мекунӣ?
Ту табарро кун, ки ҳастат дастгоҳ,
Эй табаррои туро ҷон узрхоҳ.
Ёд мекун он замонеро, ки ман
Чун санам будам, ту будӣ чун шаман.
Банда бар вифқи ту дил афрӯхтаст,
Ҳар чӣ гӯйӣ пухт, гӯяд сӯхтаст.
Ман сипонохи ту, бо ҳар чим пазӣ,
Ё турушбо, ё ки ширин, месазӣ.
Куфр гуфтам, нак ба имон омадам,
Пеши ҳукмат аз сари ҷон омадам.
Хӯйи шоҳонай туро нашнохтам,
Пеши ту густох хар дартохтам.
Чун зи афви ту чароғе сохтам,
Тавба кардам, эътироз андохтам.
Мениҳам пеши ту шамшеру кафан,
Мекашам пеши ту гурдонро, бизан.
Аз фироқи талх мегӯйӣ сухун?
Ҳар чӣ хоҳӣ кун, валекин ин макун.
Дар ту аз ман узрхоҳе ҳаст сир,
Бо ту бе ман ӯ шафеъе мустамир.
Узрхоҳам дар дарунат хулқи туст,
З-эътимоди ӯ дили ман ҷурмҷӯст.
Раҳм кун пинҳон зи худ, эй хашмгин,
Эй ки хулқат беҳ зи сад ман ангубин».
З-ин насақ мегуфт бо лутфу гушод,
Дар миёна гиряе бар вай фитод.
Гиря чун аз ҳад гузашту ҳой-ҳой
З-ӯ, ки бе гиря буд ӯ худ дилрабой.
Шуд аз он борон яке барқе падид,
Зад шароре дар дили марди ваҳид.
Он ки бандай рӯйи хубаш буд мард,
Чун бувад, чун бандагӣ оғоз кард?
Он ки аз кибраш дилат ларзон бувад,
Чун шавӣ, чун пеши ту гирён шавад?
Он ки аз нозаш дилу ҷон хун бувад,
Чунки ояд дар ниёз, ӯ чун бувад?

Он ки дар ҷавру ҷафояш доми мост,
Узри мо чӣ бвад, чу ӯ дар узр хост? 2435
«Зуййина ли-н-нос», Ҳақ оростаст,
З-он чи Ҳақ орост, чун донанд ҷаст?
Чун пайи «яскун илайҳо»-ш офарид,
Кай тавонад Одам аз Ҳавво бурид?
Рустами Зол ар бувад в-аз Ҳамза беш,
Ҳаст дар фармон асири золи хеш.
Он ки олам масти гуфташ омадӣ,
«Каллиминӣ, ё ҳумайро» мезадӣ.
Об ғолиб шуд бар оташ аз ниҳеб,
З-оташ ӯ ҷӯшад, чу бошад дар ҳиҷеб. 2440
Чунки деге ҳойил омад ҳар дуро,
Нест кард он обро, кардаш ҳаво.
Зоҳиран бар зан чу об ар ғолибӣ,
Ботинан мағлубу занро толибӣ.
Инчунин хосийяте дар одамист,
Меҳр ҳайвонро кам аст, он аз камист.

## Дар баёни ин хабар, ки «иннаҳунна яғлибна-л-оқила ва яғлибуҳунна-л-ҷоҳилу»

Гуфт пайғамбар, ки зан бар оқилон
Ғолиб ояд сахту бар соҳибдилон.
Боз бар зан ҷоҳилон чира шаванд,
З-он ки эшон тунду бас хираранд. 2445
Кам бувадшон риққату лутфу видод,
З-он ки ҳайвонист ғолиб бар ниҳод.
Меҳру риққат васфи инсонӣ бувад,
Хашму шаҳват васфи ҳайвонӣ бувад.
Партави Ҳаққ аст он, маъшуқ нест,
Холиқ аст он гӯиё, махлуқ нест.

## Таслим кардани мард худро ба он чи илтимоси зан буд аз талаби маишат ва он эътирози занро ишорати Ҳақ донистан:

Ба назди ақл ҳар донандае ҳаст,
Ки бо гарданда гардонандае ҳаст.

Мард з-он гуфтан пушаймон шуд чунон,
К-аз авонӣ соати мурдан авон.
Гуфт: «Хасми ҷони ҷон чун омадам?
Бар сари ҷон ман лагадҳо чун задам?»
Чун қазо ояд, фурӯ пӯшад басар,
То надонад ақли мо поро зи сар.
Чун қазо бигзашт, худро мех(в)арад,
Парда бидрида, гиребон медарад.
Мард гуфт: «Эй зан, пушаймон мешавам,
Гар будам кофир, мусулмон мешавам.
Ман гунаҳкори туам, раҳме бикун,
Бармакан якборагим аз беху бун».
Кофири пир ар пушаймон мешавад,
Чунки узр орад, мусулмон мешавад.
Ҳазрати пурраҳмат асту пуркарам,
Ошиқи ӯ ҳам вуҷуду ҳам адам.
Куфру имон ошиқи он кибриё,
Миссу нуқра бандаи он кимиё.

## Дар баёни он ки Мӯсо ва Фиръавн ҳар ду мусаххари машийятанд, чунонки заҳру позаҳру зулумоту нур ва муноҷот кардани Фиръавн ба хилват, то номус нашиканад

Мӯсию Фиръавн маъниро раҳӣ,
Зоҳир он раҳ дораду он бераҳӣ.
Рӯз Мӯсо пеши Ҳақ нолон шуда,
Нимшаб Фиръавн ҳам гирён буда,
К-ин чӣ ғулл аст, эй Худо бар гарданам?
В-ар на ғул бошад, кӣ гӯяд ман манам?
З-он ки Мӯсоро мунаввар кардаӣ,
Мар маро з-он ҳам мукаддар кардаӣ.
З-он ки Мӯсоро ту маҳрӯ кардаӣ,
Моҳи ҷонамро сияҳрӯ кардаӣ.
Беҳтар аз моҳе набуд истораам,
Чун хусуф омад, чӣ бошад чораам?
Навбатам гар раббу султон мезананд,
Маҳ гирифту халқ пингон мезананд.

Мезананд он тосу ғавғо мекунанд,
Моҳро з-он захма расво мекунанд.
Ман, ки Фиръавнам, зи халқ, эй войи ман!
Захми тос он раббиялаълойи ман.
Хоҷатошонем, аммо тешаат
Мешикофад шохро дар бешаат.
Боз шохеро мувассал мекунад,
Шохи дигарро муаттал мекунад.
Шохро бар теша дасте ҳаст? Не,
Ҳеч шох аз дасти теша ҷаст? Не.
Ҳаққи он қудрат ки он тешай туро́ст,
Аз карам кун ин кажиҳоро ту рост.
Боз бо худ гуфта Фиръавн: «Эй аҷаб,
Ман на дар «ё раббано»-ам ҷумла шаб?
Дар ниҳон хокию мавзун мешавам,
Чун ба Мӯсо мерасам, чун мешавам?
Ранги зарри қалб даҳтӯ мешавад,
Пеши оташ чун сияҳрӯ мешавад.
На, ки қалбу қолабам дар ҳукми ӯст,
Лаҳзае мағзам кунад, як лаҳза пӯст.
Сабз гардам, чунки гӯяд кишт бош,
Зард гардам, чунки гӯяд зишт бош.
Лаҳзае моҳам кунад як дам сиёҳ,
Худ чӣ бошад ғайри ин кори Илоҳ?
Пеши чавгонҳои ҳукми «кунфакон»
Медавем андар макону ломакон.
Чунки берангӣ асири ранг шуд,
Мӯсие бо Мӯсие дар ҷанг шуд.
Чун ба берангӣ расӣ, к-он доштӣ,
Мӯсию Фиръавн доранд оштӣ.
Гар туро ояд бар ин нукта суол,
Ранг кай холӣ бувад аз қилу қол?
Ин аҷаб, к-ин ранг аз беранг хост,
Ранг бо беранг чун дар ҷанг хост?
Асли равған з-об афзун мешавад,
Оқибат бо об зид чун мешавад?
Чунки равғанро зи об исриштаанд,
Об бо равған чаро зид гаштаанд?

Чун гул аз хор асту хор аз гул, чаро
Ҳар ду дар ҷанганду андар моҷаро?
Ё на ҷанг аст ин, барои ҳикмат аст,
Ҳамчу ҷанги харфурӯшон санъат аст.
Ё на ин асту на он, ҳайронӣ аст,
Ганҷ бояд ҷуст, ин вайронӣ аст.
Он чи ту ганҷаш тавахҳум мекунӣ,
З-он таваҳҳум ганҷро гум мекунӣ.
Чун иморат дон ту ваҳму ройҳо,
Ганҷ набвад дар иморатҷойҳо.
Дар иморат ҳастию ҷанге бувад,
Нестро аз ҳастҳо нанге бувад.
На ки ҳаст аз нестӣ фарёд кард,
Балки нест он ҳастро водод кард.
Ту магӯ, ки ман гурезонам зи нест,
Балки ӯ аз ту гурезон аст, бист.
Зоҳиран мехонадат ӯ сӯйи х(в)ад
В-аз дарун меронадат бо чӯби рад.
Наълҳои божгуна-ст, эй салим,
Нафрати Фиръавн медон аз Калим.

## Сабаби ҳирмони ашқиё аз ду ҷаҳон, ки «хасара-д-дунё ва-л-охират»

Чун ҳакимак эътиқоде кардааст,
К-осмон байза, замин чун зарда аст.
Гуфт соил: «Чун бимонд ин хокдон
Дар миёни ин муҳити осмон?
Ҳамчу қандиле муаллақ дар ҳаво,
На ба асфал меравад, на бар уло».
Он ҳакимаш гуфт, к-аз ҷазби само
Аз ҷиҳоти шаш бимонд андар ҳаво.
Чун зи миқнотиси қуббай рехта
Дар миён монд оҳане овехта».
Он дигар гуфт: «Осмони босафо,
Кай кашад дар худ замини тираро?
Балки дафъаш мекунад аз шаш ҷиҳот,
З-он бимонд андар миёни осифот».

Пас, зи дафъи хотири аҳли камол
Ҷони фиръавнон бимонд андар залол.
Пас, зи дафъи ин ҷаҳону он ҷаҳон
Мондаанд ин бераҳон бе ину он.
Саркашӣ аз бандагони зулҷалол,
Дон, ки доранд аз вуҷуди ту малол.
Каҳрабо доранд, чун пайдо кунанд,
Коҳи ҳастии туро шайдо кунанд.
Каҳрабои хеш чун пинҳон кунанд,
Зуд таслими туро туғён кунанд.
Ончунон ки мартабай ҳайвонӣ аст,
К-ӯ асиру суғбаи инсонӣ аст.
Мартабай инсон ба дасти авлиё,
Суғба чун ҳайвон шиносаш, эй киё!
Бандаи худ хонд Аҳмад дар рашод,
Ҷумла оламро, бихон «қул, ё ибод».
Ақли ту ҳамчун шутурбон, ту шутур,
Мекашонад ҳар тараф дар ҳукми мур.
Ақли ақланд авлиёву ақлҳо
Бар мисоли уштурон то интиҳо.
Андар эшон бингар охир з-эътибор,
Як қаловуз аст ҷони сад ҳазор.
Чӣ қаловузу чӣ уштурбон? Биёб,
Дидаӣ, к-он дида бинад офтоб.
Як ҷаҳон дар шаб бимонда мехдӯз,
Мунтазир, мавқуфи хуршед асту рӯз.
Ин-т хуршеде ниҳон дар заррае,
Шери нар дар пӯстини баррае.
Ин-т дарёе ниҳон дар зери коҳ,
По бар ин каҳ, ҳин, манеҳ бо иштибоҳ.
Иштибоҳею гумонеро дарун
Раҳмати Ҳақҳ аст баҳри раҳнамун.
Ҳар паямбар фард омад дар ҷаҳон,
Фард буд он раҳнамояш дар ниҳон.
Оламе кубро ба қудрат сеҳр кард,
Кард худро дар кеҳин нақши навард.
Аблаҳонаш фард диданду заиф,
Кай заиф аст, он ки бо шаҳ шуд ҳариф?

Аблаҳон гуфтанд: «Марде беш нест»,
Войи он к-ӯ оқибатандеш нест.

## Ҳақиру бехасм дидани дидаҳои ҳис Солеҳ ва ноқаи Солеҳро. Чун хоҳад, ки Ҳақ лашкареро ҳалок кунад, дар назари эшон ҳақир намояд хасмонро ва андак, агарчи ғолиб бошад он хасм. Ва «юқалликум фӣ аъюуниҳим лияқзияллоҳу амран кона мафъулан»

Ноқаи Солеҳ ба сурат буд шутур,
Пай буридандаш зи ҷаҳл он қавми мур.
Аз барои об чун хасмаш шуданд,
Нонкӯру обкӯр эшон буданд.
Ноқатуллоҳ об хӯрд аз ҷӯю меғ,
Оби Ҳақро доштанд аз ҳақ дареғ.
Ноқаи Солеҳ чу ҷисми солеҳон,
Шуд камине дар ҳалоки толеҳон.
То бар он уммат зи ҳукми маргу дард,
«Ноқаталлоҳи ва суқёҳо» чӣ кард:
Шаҳнаи қаҳри Худо з-эшон биҷуст
Хунбаҳои уштуре шаҳре дуруст.
Рӯҳ ҳамчун Солеҳу тан ноқа аст,
Рӯҳ андар васлу тан дар фоқа аст.
Рӯҳи Солеҳ қобили офот нест,
Захм бар ноқа бувад, бар зот нест.
Рӯҳи Солеҳ қобили озор нест,
Нури Яздон суғбаи куффор нест.
Ҳақ аз он пайваст бо ҷисме ниҳон,
То-ш озоранду бинанд имтиҳон.
Бехабар, к-озори ин озори ӯст,
Оби ин хум муттасил бо оби ҷӯст.
З-он тааллуқ кард бо ҷисме Илоҳ,
То ки гардад ҷумла оламро паноҳ.
Ноқаи ҷисми валиро банда бош,
То шавӣ бо рӯҳи Солеҳ хоҷатош.

Гуфт Солеҳ: «Чунки кардед ин ҳасад,
Баъди се рӯз аз Худо ниқмат расад.
Баъди се рӯзи дигар аз ҷонситон
Офате ояд, ки дорад се нишон:
Ранги рӯйи ҷумлатон гардад дигар,
Ранг ранги мухталиф андар назар.
Рӯзи аввал рӯятон чун заъфарон,
Дар дувум рӯ сурх ҳамчун арғавон.
Дар севум гардад ҳама рӯҳо сиёҳ,
Баъд аз он андаррасад қаҳри Илоҳ.
Гар нишон хоҳед аз ман з-ин ваъид:
Курраи ноқа ба сӯйи куҳ давид,
Гар тавонедаш гирифтан, чора ҳаст,
В-арна худ мурғи умед аз дом ҷаст».
Кас натонист андар он курра расид,
Рафт дар куҳсорҳо, шуд нопадид.
Ҳамчу рӯҳи пок, к-ӯ аз нанги тан
Мегурезад ҷониби раббулминан.
Гуфт: «Дидет, он қазо муълан шудаст,
Сурати уммедро гардан задаст?
Курраи ноқа, чӣ бошад хотираш,
Ки ба ҷо оред з-эҳсону бираш?
Гар ба ҷо ояд дилаш, растед аз он
В-арна навмедету соъидро газон».
Чун шуниданд он ваъиди мункадир,
Чашм бинҳоданду онро мунтазир.
Рӯзи аввал рӯйи худ диданд зард,
Мезананд аз ноумедӣ оҳи сард.
Сурх шуд рӯйи ҳама рӯзи дувум,
Навбати уммеду тавба гашт гум.
Шуд сияҳ рӯзи сеюм рӯйи ҳама,
Ҳукми Солеҳ рост шуд бе малҳама.
Чун ҳама дар ноумедӣ сар заданд,
Ҳамчу мурғон дар ду зону омаданд.
Дар Нубӣ овард Ҷабрили амин
Шарҳи ин зону заданро ҷосимин.
Зону он дам зан, ки таълимат кунанд
В-аз чунин зону задан бимат кунанд.

Мунтазир гаштанд захми қаҳрро,
Қаҳр омад, нест кард он шаҳрро.
Солеҳ аз хилват ба сӯйи шаҳр рафт,
Шаҳр дид андар миёни дуду нафт.
Нола аз аҷзои эшон мешунид,
Навҳа пайдо, навҳагӯён нопадид.
З-устухонҳошон шунид ӯ нолаҳо,
Ашкрезон ҷонашон чун жолаҳо.
Солеҳ он бишниду гиря соз кард,
Навҳа бар навҳагарон оғоз кард.
Гуфт: «Эй қавме ба ботил зиста
В-аз шумо ман пеши Ҳақ бигриста.
Ҳақ бигуфта: Сабр кун бар ҷаврашон,
Пандашон деҳ, пас намонд аз даврашон.
Ман бигуфта панд, шуд банд аз ҷафо,
Шири панд аз меҳр ҷӯшад в-аз сафо.
Баски кардед аз ҷафо бар ҷойи ман,
Шири панд афсурд дар рагҳои ман.
Ҳақ маро гуфта: Туро лутфе диҳам,
Бар сари он захмҳо марҳам ниҳам.
Соф карда Ҳақ диламро чун само,
Рӯфта аз хотирам ҷаври шумо.
Дар насиҳат ман шуда бори дигар,
Гуфта амсолу суханҳо чун шакар.
Шири тоза аз шакар ангехта,
Ширу шаҳде бо сухан омехта.
Дар шумо чун заҳр гашта он сухун,
З-он ки заҳристон будед аз беху бун.
Чун шавам ғамгин, ки ғам шуд сарнигун?
Ғам шумо будет, эй қавми ҳарун.
Ҳеч кас бар марги ғам навҳа кунад?
Реши сар чун шуд, касе мӯ барканад?»
Рӯ ба худ карду бигуфт: «Эй навҳагар,
Навҳаатро менаярзанд он нафар.
Каж махон, эй ростхонандай мубин,
«Кайфа осо халфа қавмин золимин».
Боз андар чашму дил ӯ гиря ёфт,
Раҳмате бе иллате дар вай битофт.

Қатра мебориду ҳайрон гашта буд,
Қатраи беиллат аз дарёи ҷуд.
Ақли ӯ мегуфт, к-ин гиря зи чист?
Бар чунон афсӯсиён шояд гирист?
Бар чӣ мегирйӣ? Бигӯ, бар феълашон?
Бар сипоҳи кинатӯзи баднишон?
Бар дили торику пурзангорашон?
Бар забони заҳри ҳамчун морашон?
Бар даму дандони сагсоронашон?
Бар даҳону чашми каждумхонашон?
Бар ситезу тасхару афсӯсашон?
Шукр кун, чун кард Ҳақ маҳбусашон!
Дасташон каж, пояшон каж, чашм каж,
Меҳрашон каж, сулҳашон каж, хашм каж.
Аз пайи тақлиду маъқулоти нақл
По ниҳода бар сари ин пири ақл.
Пирхир на, ҷумла гашта пирхар
Аз риёи чашму гӯши ҳамдигар.
Аз биҳишт овард Яздон бандагон,
То намоядшон сақарпарвардагон.

## Дар маънии он ки «мараҷа-л-баҳрайни ялтақиёни байнаҳумо барзахун ло ябғиён»

Аҳли нору хулдро бин ҳамдукон,
Дар миёншон «барзахун ло ябғиён».
Аҳли нору аҳли нур омехта,
Дар миёншон кӯҳи Қоф ангехта.
Ҳамчу дар кон хоку зар кард ихтилот,
Дар миёншон сад биёбону работ.
Ҳамчунон ки иқд дар дурру шаба
Мухталиф, чун меҳмони якшаба.
Баҳрро нимеш ширин чун шакар,
Таъм ширин, ранг равшан чун қамар.
Ними дигар талх ҳамчун заҳри мор,
Таъм талху ранг музлам ҳамчу қор.
Ҳар ду бар ҳам мезананд аз таҳту авҷ,
Бар мисоли оби дарё мавҷ-мавҷ.

Сурати бар ҳам задан аз ҷисми танг,
Ихтилоти ҷонҳо дар сулҳу ҷанг.
Мавҷҳои сулҳ бар ҳам мезанад,
Кинаҳо аз синаҳо бармеканад.
Мавҷҳои ҷанг бар шакли дигар
Меҳрҳоро мекунад зеру забар.
Меҳр талхонро ба ширин мекашад,
З-он ки асли меҳрҳо бошад рашад.
Қаҳр ширинро ба талхӣ мебарад,
Талх бо ширин куҷо андарх(в)арад?
Талху ширин з-ин назар н-ояд падид,
Аз дарича оқибат донанд дид.
Чашми охирбин тавонад дид рост,
Чашми охурбин ғурур асту хатост.
Эй басо ширин, ки чун шаккар бувад,
Лек заҳр андар шакар музмар бувад.
Он ки зирактар, ба бӯ бишносадаш
В-он дигар чун бар лабу дандон задаш.
Пас лабаш раддаш кунад пеш аз гулӯ,
Гарчи наъра мезанад шайтон: «Кулу!»
В-он дигарро дар гулӯ пайдо кунад
В-он дигарро дар бадан расво кунад.
В-он дигарро дар ҳадас сӯзаш диҳад,
Завқи он захми ҷигардӯзаш диҳад.
В-он дигарро баъди айёму шуҳур
В-он дигарро баъди марг аз қаъри гӯр.
В-ар диҳандаш муҳлат андар қаъри гӯр,
Лобуд он пайдо шавад явманнушур.
Ҳар наботу шаккареро дар ҷаҳон
Муҳлате пайдост аз даври замон.
Солҳо бояд, ки андар офтоб
Лаъл ёбад рангу рахшонию тоб.
Боз тарра дар ду моҳ андаррасад,
Боз то соле гули аҳмар расад.
Баҳри ин фармуд Ҳақ, азза ва ҷал
«Сурат-ул-анъом» дар зикри аҷал.
Ин шунидӣ, мӯ ба мӯят гӯш бод,
Оби ҳайвон аст, хӯрдӣ, нӯш бод!

Оби ҳайвон хон, махон инро сухан,
Рӯҳи нав бин дар тани ҳарфи куҳан.
Нуктаи дигар ту бишнав, эй рафиқ!
Ҳамчу ҷон ӯ сахт пайдову дақиқ.
Дар мақоме ҳаст ҳам, ин заҳри мор,
Аз тасорифи худойӣ хушгувор.
Дар мақоме заҳру дар ҷойе даво,
Дар мақоме куфру дар ҷойе раво.
Гарчи он ҷо ӯ газанди ҷон бувад,
Чун бад-ин ҷо даррасад, дармон бувад.
Об дар ғӯра туруш бошад, валек
Чун ба ангурӣ расад, ширину нек.
Боз дар хум ӯ шавад талху ҳаром,
Дар мақоми сиркагӣ ниъма-л-адом.

## Дар маънии он ки он чи валӣ кунад, муридро нашояд густохӣ кардан ва ҳамон феъл кардан, ки ҳалво табибро зиён надорад, аммо беморонро зиён дорад ва сармову барф ангурро зиён надорад, аммо ғӯраро зиён дорад, ки дар раҳ аст, ки «лияғфира лакаллоҳу, мо тақаддама мин занбика ва мо тааххар»

Гар валӣ заҳре хурад, нӯше шавад
В-ар хурад толиб, сияҳҳуше шавад.
«Рабби ҳиб лӣ» аз Сулаймон омадаст,
Ки мадеҳ ғайри маро ин мулку даст.
«Ту макун бо ғайри ман ин лутфу ҷуд»,
Ин ҳасадро монад, аммо он набуд.
Нуктаи «ло янбағӣ» мехон ба ҷон,
Сирри «мин баъдӣ» зи бухли ӯ мадон.
Балки андар мулк дид ӯ сад хатар,
Мӯ ба мӯ мулки ҷаҳон буд бими сар.
Бими сар бо бими сир, бо бими дин,
Имтиҳоне нест моро мисли ин.
Пас сулаймонҳиммате бояд, ки ӯ
Бигзарад з-ин садҳазорон рангу бӯ.

Бо чунон қувват, ки ӯро буд, ҳам
Мавҷи он мулкаш фурӯ мебаст дам.
Чун бар ӯ биншаст з-ин андӯҳ гард,
Бар ҳама шоҳони олам раҳм кард,
Шуд шафеъу гуфт: «Ин мулку ливо
Бо камоле деҳ, ки додӣ мар маро.
Ҳар киро бидҳию бикнӣ он карам,
Ӯ Сулаймон асту он кас ҳам манам.
Ӯ набошад баъдӣ, ӯ бошад маъӣ,
Худ маъӣ чӣ бвад? Манам бе муддаъӣ».
Шарҳи ин фарз аст гуфтан, лек ман
Бозмегардам ба қиссай марду зан.

## Махласи моҷарои араб ва ҷуфти ӯ

Моҷарои марду занро махласе
Бозмеҷӯяд даруни мухлисе.
Моҷарои марду зан афтод нақл,
Он мисоли нафси худ медону ақл.
Ин зану марде, ки нафс асту хирад,
Нек боистаст баҳри неку бад.
В-ин ду боиста дар ин хокисаро
Рӯзу шаб дар ҷангу андар моҷаро.
Зан ҳамехоҳад ҳавиҷи хонагоҳ,
Яъне, оби рӯву нону хону ҷоҳ.
Нафс ҳамчун зан пайи чорагарӣ
Гоҳ хокӣ, гоҳ ҷӯяд сарварӣ.
Ақл худ з-ин фикрҳо огоҳ нест,
Дар димоғаш ҷуз ғами Аллоҳ нест.
Гарчи сирри қисса ин дон асту дом.
Сурати қисса шунав акнун тамом.
Гар баёни маънавӣ кофӣ шудӣ,
Халқи олам отилу ботил будӣ.
Гар муҳаббат фикрату маънистӣ,
Сурати рӯза-в намозат нестӣ.
Ҳадяҳои дӯстон бо ҳамдигар
Нест андар дӯстӣ, илло сувар.
То гувоҳӣ дода бошад ҳадяҳо
Бар муҳаббатҳои музмар дар хафо.

З-он ки эҳсонҳои зоҳир шоҳиданд
Бар муҳаббатҳои сирр, эй арҷманд.
Шоҳидат гаҳ рост бошад, гаҳ дурӯғ,
Маст гоҳе аз маю гоҳе зи дӯғ.
Дӯғ хӯрда, мастие пайдо кунад,
Ҳойҳую саргарониҳо кунад.
Он мурой дар сиёму дар салост,
То гумон ояд, ки ӯ масти валост.
Ҳосил-афъоли бурунӣ дигар аст,
То нишон бошад, бар он чи музмар аст.
Ё раб, ин тамйиз деҳ моро ба хост,
То шиносем он нишони каж зи рост.
Ҳиссро тамйиз донӣ, чун шавад?
Он ки ҳис «янзур бинуриллаҳ» бувад.
В-ар асар набвад, сабаб ҳам музҳир аст,
Ҳамчу хеше, к-аз маҳаббат мухбир аст.
Набвад он ки нури Ҳаққаш шуд имом
Мар асарро ё сабабҳоро ғулом.
Ё маҳаббат дар дарун шуъла занад,
Зафт гардад в-аз асар фориғ кунад.
Ҳоҷаташ набвад пайи эъломи меҳр,
Чун маҳаббат нури худ зад бар сипеҳр.
Ҳаст тафсилот, то гардад тамом,
Ин сухан лекин биҷӯ ту, вассалом.
Гарчи шуд маънӣ дар ин сурат падид,
Сурат аз маънӣ фиреб асту баъид.
Дар далолат ҳамчу обанду дарахт,
Чун ба моҳийят равӣ, дуранд сахт.
Тарки моҳийёту хосийёт гӯ,
Шарҳ кун аҳволи он ду моҳрӯ.

## Дил ниҳодани араб бар илтимоси дилбари хеш ва савганд хӯрдан, ки дар ин таслим маро ҳилатею имтиҳоне нест

Мард гуфт: «Акнун гузаштам аз хилоф,
Ҳукм дорӣ, теғ баркаш аз ғилоф.

Ҳар чӣ гӯйӣ, ман туро фармонбарам,
Дар баду некомади он нангарам.
Дар вуҷуди ту шавам ман мунъадим,
Чун муҳиббам, ҳуббу юъмо ва юсим».
Гуфт зан: «Оҳанги биррам мекунӣ,
Ё ба ҳилат кашфи сиррам мекунӣ?»
Гуфт: «Валлаҳ олими-с-сирри-л-хафӣ,
К-офарид аз хок Одамро сафӣ.
Дар се газ қолаб, ки додаш, вонамуд,
Ҳар чӣ дар алвоҳу дар арвоҳ буд.
То абад ҳар чӣ бувад, ӯ пеш-пеш
Дарс кард аз аллама-л-асмои хеш.
То малак бехуд шуд аз тадриси ӯ,
Қудси дигар ёфт аз тақдиси ӯ.
Он гушодишон, к-аз Одам рӯ намуд,
Дар гушоди осмонҳошон набуд.
Дар фарохий арсаи он покҷон
Танг омад арсаи ҳафт осмон».
Гуфт пайғамбар, ки Ҳақ фармудааст:
Ман нагунҷам ҳеч дар болову паст.
Дар замину осмону арш низ
Ман нагунҷам, ин яқин дор, эй азиз!
Дар дили муъмин бигунҷам, эй аҷаб!
Гар маро ҷӯйӣ, дар он дилҳо талаб!
Гуфт: «Удхул фӣ ибоди, талтақӣ,
Ҷаннатан мин руъятӣ, ё муттақӣ».
Арш бо он нури бопаҳнои хеш
Чун бидид онро, бирафт аз ҷойи хеш.
Худ бузургий арш бошад бас мадид,
Лек сурат кист, чун маънӣ расид?
Ҳар малак мегуфт: Моро пеш аз ин
Улфате мебуд бар рӯйи замин.
Тухми хидмат бар замин мекоштем,
З-он таъаллуқ мо аҷаб медоштем,
К-ин таъаллуқ чист бо ин хокамон?
Чун сиришти мо будаст аз осмон.
Улфи мо анвор бо зулмот чист?
Чун тавонад нур бо зулмот зист?

Одамо! Он улф аз бӯйи ту буд,
З-он ки ҷисматро замин буд тору пуд. 2675
Ҷисми хокатро аз ин ҷо бофтанд,
Нури покатро дар ин ҷо ёфтанд.
Ин ки ҷони мо зи рӯҳат ёфтаст,
Пеш-пеш аз хок он метофтаст.
Дар замин будему ғофил аз замин,
Ғофил аз ганҷе, ки дар вай буд дафин.
Чун сафар фармуд моро з-он мақом,
Талх шуд моро аз он таҳвил ком,
То ки ҳуҷҷатҳо ҳамегуфтем мо,
Ки ба ҷойи мо кӣ ояд, эй Худо? 2680
Нури ин тасбеҳу ин таҳлилро
Мефурӯшӣ баҳри қолу қилро?
Ҳукми Ҳақ густард баҳри мо бисот,
Ки бигӯед аз тариқи инбисот.
Ҳар чӣ ояд бар забонтон беҳазар
Ҳамчу тифлони ягона бо падар.
З-он ки ин дамҳо чӣ гар нолоиқ аст,
Раҳмати ман бар ғазаб ҳам собиқ аст.
Аз пайи изҳори ин сабқ, эй малак,
Дар ту бинҳам доъияй ишколу шак. 2685
То бигӯйию нагирам бар ту ман,
Мункири ҳилмам наёрад дам задан.
Сад падар, сад модар андар ҳилми мо
Ҳар нафас зояд, дарафтад дар фано.
Ҳилми эшон каффи баҳри ҳилми мост,
Каф равад, ояд, вале дарё баҷост.
Худ чӣ гӯям? Пеши он дурр ин садаф
Нест илло каффи каффи каффи каф.
Ҳаққи он каф, ҳаққи он дарёи соф,
К-имтиҳоне нест ин гуфту на лоф. 2690
Аз сари меҳру сафо асту хузӯъ,
Ҳаққи он кас, ки бад-ӯ дорам руҷӯъ.
Гар ба пешат имтиҳон аст ин ҳавас,
Имтиҳонро имтиҳон кун як нафас.
Сир мапӯшон, то падид ояд сирам,
Амр кун ту, ҳар чӣ бар вай қодирам.

Дил мапӯшон, то падид ояд дилам,
То қабул орам, ҳар он чи қобилам.
Чун кунам? Дар дасти ман чӣ чора аст?
Дарнигар, то ҷони ман чикора аст?

## Таъйин кардани зан тариқи талаби рӯзӣ кадхудои худро ва қабул кардани ӯ

Гуфт зан: «Як офтобе тофтаст,
Оламе з-ӯ рӯшноӣ ёфтаст.
Ноиби раҳмон, халифаи Кирдгор,
Шаҳри Бағдод аст аз вай чун баҳор.
Гар бипайвандӣ бад-он шаҳ, шаҳ шавӣ,
Сӯйи ҳар идбир то кай меравӣ?
Ҳамнишинӣ бо шаҳон чун кимиёст,
Чун назаршон кимиёе худ куҷост?
Чашми Аҳмад бар Абӯбакре зада,
Ӯ зи як тасдиқ сиддиқ омада».
Гуфт: «Ман шаҳро пазиро чун шавам?
Бе баҳона сӯйи ӯ ман чун равам?
Нисбате бояд маро ё ҳилате,
Ҳеч пеша рост шуд бе олате?»
Ҳамчу Маҷнуне, ки бишнид аз яке,
Ки мараз омад ба Лайлӣ андаке.
Гуфт: «Оваҳ, бе баҳона чун равам?
В-ар бимонам аз ибодат, чун шавам?
«Лайтанӣ кунту табибан ҳозиқан,
Кунту амшӣ наҳва лайло собиқан».
«Қул таъолав» гуфт Ҳақ моро бад-он,
То бувад шармишканий моро нишон.
Шабпаронро гар назар в-олат будӣ,
Рӯзашон ҷавлону хуш ҳолат будӣ.
Гуфт: «Чун шоҳи карам майдон равад,
Айни ҳар беолате олат шавад.
З-он ки олат даъвӣ асту ҳастӣ аст,
Кор дар беолатию пастӣ аст».
Гуфт: «Кай бе олате савдо кунам,
То на ман беолатӣ пайдо кунам?

Пас, гувоҳе боядам бар муфлисӣ,
То шаҳе раҳмам кунад бо мӯнисӣ.
Ту гувоҳе ғайри гуфтугӯву ранг
Вонамо, то раҳм орад шоҳи шанг,
К-ин гувоҳӣ, ки зи гуфту ранг буд,
Назди он қозилқузот он ҷарҳ шуд.
Сидқ мехоҳад гувоҳи ҳоли ӯ,
То битобад нури ӯ бе қоли ӯ».

## Ҳадя бурдани араб сабӯи оби борон аз миёни бодия сӯйи Бағдод ба амирулмуъминин бар пиндошти он ки он ҷо ҳам қаҳти об аст

Гуфт зан: «Сидқ он бувад, к-аз буди хеш
Пок бархезӣ ту аз маҷҳуди хеш.
Оби борон аст моро дар сабӯ,
Мулкату сармояву асбоби ту.
Ин сабӯи обро бардору рав,
Ҳадя созу пеши шоҳаншоҳ шав.
Гӯ, ки моро ғайри ин асбоб нест,
Дар мафоза ҳеч беҳ з-ин об нест.
Гар хазинаш пур матоъи фохир аст,
Инчунин обаш набошад, нодир аст».
Чист он кӯза? Тани маҳсури мо,
Андар он оби ҳавоси шӯри мо.
Эй Худованд, ин хуму кӯзай маро
Дарпазир аз фазли «Аллоҳ аштаро».
Кӯзае бо панҷ лӯлай панҷ ҳис,
Пок дор ин обро аз ҳар наҷис.
То шавад з-ин кӯза манфаз сӯйи бахр,
То бигирад кӯзаи ман хӯйи баҳр,
То чу ҳадя пеши султонаш барӣ,
Пок бинад, бошадаш шаҳ муштарӣ.
Бениҳоят гардад обаш баъд аз он,
Пур шавад аз кӯзаи ман сад ҷаҳон.
Лӯлаҳо барбанду пур дораш зи хум,
Гуфт: «Ғуззу ъан ҳаво абсоракум».

Риши ӯ пур бод, к-ин ҳадя кирост?
Лоиқи чун ӯ шаҳе, ин аст рост.
Зан намедонист, к-он ҷо бар гузар
Ҳаст ҷорӣ Даҷлае ҳамчун шакар.
Дар миёни шаҳр чун дарё равон,
Пур зи киштиҳову шасти моҳиён.
Рав бари султону кору бор бин,
Ҳисси «таҷрӣ таҳтаҳа-л-анҳор» бин.
Инчунин ҳисҳову идрокоти мо
Қатрае бошад дар он наҳри сафо.

## Дар намад дӯхтани зани араб сабӯи оби боронро ва муҳр ниҳодан бар вай аз ғояти эътиқоди араб

Мард гуфт: «Оре, сабӯро сар бибанд,
Ҳин, ки ин ҳадяст моро судманд.
Дар намад дардӯз ту ин кӯзаро,
То гушояд шаҳ ба ҳадя рӯзаро,
К-инчунин андар ҳама офоқ нест,
Ҷуз раҳиқу мояи азвоқ нест.
З-он ки эшон з-обҳои талху шӯр
Доимо пуриллатанду нимкӯр».
Мурғ, к-оби шӯр бошад масканаш,
Ӯ чӣ донад ҷойи оби равшанаш?
Эй ки андар чашмаи шӯр аст ҷот,
Ту чӣ донӣ Шатту Ҷайҳуну Фурот?
Эй ту нораста аз ин фонӣ работ,
Ту чӣ донӣ маҳву сукру инбисот?
В-ар бидонӣ, наклат аз аббу ҷад аст,
Пеши ту ин номҳо чун абҷад аст.
Абҷаду ҳавваз чӣ фош асту падид
Бар ҳама тифлону маънӣ бас баъид.
Пас сабӯ бардошт он марди араб,
Дар сафар шуд, мекашидаш рӯзу шаб.
Бар сабӯ ларзон буд аз офоти даҳр,
Ҳам кашидаш аз биёбон то ба шаҳр.
Зан мусалло боз карда аз ниёз,
«Рабби саллим» вирд карда дар намоз,

Ки нигаҳ дор оби моро аз хасон,
Ё раб, он гавҳар бад-он дарё расон.
Гарчи шӯям огаҳ асту пурфан аст,
Лек гавҳарро ҳазорон душман аст.
Худ чӣ бошад гавҳар, оби Кавсар аст,
Қатрае з-ин аст, к-асли гавҳар аст.
Аз дуъоҳои зану зории ӯ
В-аз ғами марду гаронбории ӯ
Солим аз дуздону аз осеби санг
Бурд то дорулхилофа бедиранг.
Дид даргоҳе пур аз инъомҳо,
Аҳли ҳоҷат густарида домҳо.
Дам ба дам ҳар сӯй соҳибҳоҷате
Ёфта з-он дар атову хилъате.
Баҳри габру муъмину зебову зишт
Ҳамчу хуршеду матар, не чун биҳишт.
Дид, қавме дар назар ороста,
Қавми дигар мунтазир бархоста.
Хосу ома аз Сулаймон то ба мӯр
Зинда гашта чун ҷаҳон аз нафхи сур.
Аҳли сурат дар ҷавоҳир бофта,
Аҳли маънӣ баҳри маънӣ ёфта.
Он ки беҳиммат, чӣ боҳиммат шуда
В-он ки боҳиммат, чӣ бонеъмат шуда.

## Дар баёни он ки чунон ки гадо ошиқи карам аст ва ошиқи карим, карами карим ҳам ошиқи гадост. Агар гадоро сабр беш бувад, карим бари ӯ ояд. Аммо сабри гадо камоли гадост ва сабри карим нуқсони ӯ

Бонг меомад, ки эй толиб, биё,
Ҷудмуҳтоҷи гадоён чун гадо.
Ҷуд меҷӯяд гадоёну зиъоф,
Ҳамчу хубон, к-оина ҷӯянд соф.
Рӯйи хубон з-оина зебо шавад,
Рӯйи эҳсон аз гадо пайдо шавад.

Пас аз ин фармуд Ҳақ дар «ва-з-зуҳо»:
Бонг кам зан, эй Муҳаммад, бар гадо!
Чун гадо ойинаи ҷуд аст, ҳон!
Дам бувад бар рӯйи ойина зиён.
Он яке ҷудаш гадо орад падид
В-он дигар бахшад гадоёнро мазид.
Пас, гадоён оинай ҷуди Ҳақанд
В-он ки бо Ҳаққанд, ҷуди мутлақанд.
В-он ки ҷуз ин дӯст, ӯ худ мурдаест,
Ӯ бар ин дар нест, нақши пардаест.

## Фарқ миёни он ки дарвеш аст ба Худо ва ташнаи Худо ва миёни он ки дарвеш аст аз Худо ва ташнаи ғайр аст

Нақши дарвеш аст ӯ, на аҳли нон,
Нақши сагро ту маяндоз устухон.
Факри лукма дорад ӯ, на факри Ҳақ,
Пеши нақши мурдае кам неҳ табақ.
Моҳии хокӣ бувад дарвеши нон,
Шакл моҳӣ, лек аз дарё рамон.
Мурғи хона-ст ӯ, на симурғи ҳаво,
Лут нӯшад ӯ, нанӯшад аз Худо.
Ошиқи Ҳаққ аст ӯ баҳри навол,
Нест ҷонаш ошиқи ҳусну ҷамол.
Гар таваҳҳум мекунад ӯ ишқи зот,
Зот набвад ваҳми асмову сифот.
Ваҳм махлуқ асту мавлуд омадаст,
Ҳақ назойидаст, ӯ «лам юлад» аст.
Ошиқи тасвиру ваҳми хештан
Кай бувад аз ошиқони зулминан?
Ошиқи он ваҳм агар содиқ бувад,
Он маҷози ӯ ҳақиқаткаш шавад.
Шарҳ мехоҳад баёни ин сухан,
Лек метарсам зи афҳоми куҳан.
Фаҳмҳои куҳнаи кӯтаҳназар
Сад хаёли бад дарорад дар фикар.

Бар самоъи рост ҳар кас чир нест,
Луқмаи ҳар мурғаке анҷир нест.
Хоса мурғе, мурдае, пӯсидае,
Пурхаёле, аъмие, бедидае.
Нақши моҳиро чи дарёву чи хок,
Ранги ҳиндуро чи собуну чи зок.
Нақш агар ғамгин нигорӣ бар варақ,
Ӯ надорад аз ғаму шодӣ сабақ.
Сураташ ғамгину ӯ фориғ аз он,
Сураташ хандону ӯ з-он бенишон.
В-ин ғаму шодӣ, ки андар дил хатест,
Пеши он шодию ғам ҷуз нақш нест.
Сурати хандони нақш аз баҳри туст,
То аз он сурат шавад маънӣ дуруст.
Нақшҳое, к-андар ин ҳаммомҳост,
Аз буруни ҷомакан чун ҷомаҳост.
То бурунӣ, ҷомаҳо бинию бас,
Ҷома берун кун, даро, эй ҳамнафас.
З-он ки бо ҷома дарунсӯ роҳ нест,
Тан зи ҷон, ҷома зи тан огоҳ нест.

## Пеш омадани нақибон ва дарбонони халифа аз баҳри икроми аъробӣ ва пазируфтан ҳадяи ӯро

Он аробӣ аз биёбони баъид
Бар дари дорулхилофа чун расид,
Пас нақибон пеши ӯ бозомаданд,
Бас гулоби лутф бар ҷайбаш заданд.
Ҳоҷати ӯ фаҳмашон шуд бе мақол,
Кори эшон буд ато пеш аз суол.
Пас бад-ӯ гуфтанд: «Ё ваҷҳ-ал-араб!
Аз куҷоӣ? Чунӣ аз роҳу таъаб?»
Гуфт: «Ваҷҳам, гар маро ваҷҳе диҳед,
Бевуҷуҳам, чун паси пуштам ниҳед.
Эй ки дар рӯтон нишони меҳтарӣ,
Фарратон хуштар зи зарри ҷаъфарӣ.
Эй ки як дидоратон дидорҳо,
Эй нисори динатон динорҳо.

Эй ҳама «янзур бинуриллаҳ» шуда,
Баҳри бахшиш аз бари шаҳ омада.
То занед он кимиёҳои назар
Бар сари мисҳои ашхоси башар.
Ман ғарибам, аз биёбон омадам,
Бар умеди лутфи султон омадам.
Бӯйи лутфи ӯ биёбонҳо гирифт,
Зарраҳои рег ҳам ҷонҳо гирифт.
То бад-ин ҷо баҳри динор омадам,
Чун расидам, масти дидор омадам».
Баҳри нон шахсе суйи нонбо давид,
Дод ҷон, чун ҳусни нонборо бидид.
Баҳри фурҷа шуд яке то гулситон,
Фурҷаи ӯ шуд ҷамоли боғбон.
Ҳамчу аъробӣ, ки об аз чаҳ кашид,
Оби ҳайвон аз рухи Юсуф чашид.
Рафт Мӯсо, к-оташ орад ӯ ба даст,
Оташе дид ӯ, ки аз оташ бираст.
Ҷаст Исо, то раҳад аз душманон,
Бурдаш он ҷастан ба чорум осмон.
Доми Одам хӯшаи гандум шуда,
То вуҷудаш хӯшаи мардум шуда.
Боз ояд сӯйи дом аз баҳри х(в)ар,
Соъиди шаҳ ёбаду иқболу фар.
Тифл шуд мактаб пайи касби ҳунар
Бар умеди мурғи болутфи падар.
Пас зи мактаб он яке садре шуда,
Моҳгона додаву бадре шуда.
Омада Аббос ҳарб аз баҳри кин,
Баҳри қамъи Аҳмаду истези дин.
Гашта динро то қиёмат пушту рӯ
Дар хилофат ӯву фарзандони ӯ.
Ман бар ин дар толиби чиз омадам,
Садр гаштам, чун ба даҳлез омадам.
Об овардам ба туҳфа баҳри нон,
Бӯйи нонам бурд то садри ҷинон.
Нон бурун бурд одамиро аз биҳишт,
Нон маро андар биҳиште дарсиришт.

Растам аз обу зи нон ҳамчун малак,
Беғараз гардам бар ин дар чун фалак.
Беғараз набвад ба гардиш дар ҷаҳон,
Ғайри ҷисму ғайри ҷони ошиқон.

## Дар баёни он ки ошиқи дунё бар мисоли ошиқи деворест, ки бар ӯ тоби офтоб занад ва ҷаҳду ҷиҳод накард, то фаҳм кунад, ки он тобу равнақ аз девор нест, аз қурси офтоб аст дар осмони чаҳорум. Лоҷарам куллӣ дил бар девор ниҳод, чун партави офтоб ба офтоб пайваст, ӯ маҳрум монд абадан «ва ҳила байнаҳум байна, мо яштаҳуна»

Ошиқони кулл, на ушшоқи ҷузв,
Монд аз кулл, он ки шуд муштоқи ҷузв.
Чунки ҷузве ошиқи ҷузве шавад,
Зуд маъшуқаш ба кулли худ равад.
Риши гови бандаи ғайр омад ӯ,
Ғарқа шуд, каф дар заъифӣ дарзад ӯ. 2815
Нест ҳоким, то кунад тимори ӯ,
Кори хоҷай худ кунад ё кори ӯ?

## Масали араб: «Изо занайта фазни би-л-ҳуррати ва изо сарақта фасриқи-д-дуррата»

«Фазни билҳурра» пайи ин шуд масал,
«Фасриқи-д-дурра» бад-ин шуд мунтақал.
Банда сӯйи хоҷа шуд, ӯ монд зор,
Бӯйи гул шуд сӯйи гул, ӯ монд хор.
Ӯ бимонда дур аз матлуби хеш,
Саъй зоеъ, ранҷ ботил, пой реш.
Ҳамчу сайёде, ки гирад соя,
Соя кай гардад варо сармояе? 2820
Сояи мурғе гирифта мард сахт,
Мурғ ҳайрон гашта бар шохи дарахт,
К-ин мудаммағ бар кӣ механдад аҷаб?
Ин-т ботил, ин-т пӯсида сабаб.

В-ар ту гӯйӣ, ҷузв пайвастай кул аст,
Хор мехур, хор мақруни гул аст.
Ҷуз зи як рӯ нест пайваста ба кул,
В-арна худ ботил будӣ баъси русул.
Чун расулон аз пайи пайвастананд,
Пас, чӣ пайвандандашон? Чун як тананд.
Ин сухан поён надорад, эй ғулом,
Рӯз бегаҳ шуд, ҳикоят кун тамом!

## Супурдани араб ҳадяро, яъне сабӯро ба ғуломони халифа

Он сабӯи обро дар пеш дошт,
Тухми хидматро дар он ҳазрат бикошт.
Гуфт: «Ин ҳадя бад-он султон баред,
Соили шаҳро зи ҳоҷат вохаред.
Оби ширину сабӯи сабзу нав,
З-оби бороне, ки ҷамъ омад ба гав».
Ханда меомад нақибонро аз он,
Лек пазруфтанд онро ҳамчу ҷон.
З-он ки лутфи шоҳи хуби бохабар
Карда буд андар ҳама аркон асар.
Хӯйи шоҳон дар раъият ҷо кунад,
Чархи ахзар хокро хазро кунад.
Шаҳ чу ҳавзе дон, ҳашам чун лӯлаҳо,
Об аз лӯла равон дар гӯлаҳо.
Чунки оби ҷумла аз ҳавзест пок,
Ҳар яке обе диҳад хуш, завқнок.
В-ар дар он ҳавз оби шӯр асту палид,
Ҳар яке лӯла ҳамон орад падид.
З-он ки пайвастаст ҳар лӯла ба ҳавз,
Хавз кун дар маънии ин ҳарф, хавз.
Лутфи шоҳаншоҳи ҷони беватан,
Чун асар кардаст андар кулли тан?
Лутфи ақли хушниҳоди хушнасаб
Чун ҳама танро дарорад дар адаб?
Ишқи шанги беқарори бесукун
Чун дарорад кулли танро дар ҷунун?

Лутфи оби баҳр, к-ӯ чун Кавсар аст,
Сангрезаш ҷумла дурру гавҳар аст.
Ҳар ҳунар, к-усто бад-он маъруф шуд,
Ҷони шогирдон бад-он мавсуф шуд.
Пеши устоди усулӣ ҳам усул
Хонад он шогирди чусти боҳусул.
Пеши устоди фақеҳ он фиқҳхон
Фиқҳ хонад, на усул андар баён.
Пеши устоде, ки ӯ наҳвӣ бувад,
Ҷони шогирдаш аз ӯ наҳвӣ шавад.
Боз устоде, ки ӯ маҳви раҳ аст,
Ҷони шогирдаш аз ӯ маҳви шаҳ аст.
З-ин ҳама анвоъи дониш рӯзи марг
Дониши факр аст сози роҳу барг.

## Ҳикояти моҷарои наҳвӣ ва киштибон

Он яке наҳвӣ ба киштӣ дарнишаст,
Рӯ ба киштибон ниҳод он худпараст.
Гуфт: «Ҳеч аз наҳв хондӣ?» Гуфт: «Ло»,
Гуфт: «Ними умри ту шуд дар фано».
Дилшикаста гашт киштибон зи тоб,
Лек он дам кард хомуш аз ҷавоб.
Бод киштиро ба гирдобе фиканд,
Гуфт киштибон бад-он наҳвӣ баланд:
«Ҳеч донӣ ошино кардан? Бигӯ»,
Гуфт: «Не, эй хушҷавоби хубрӯ!»
Гуфт: «Кулли умрат, эй наҳвӣ, фаност,
З-он ки киштӣ ғарқи ин гирдобҳост».
Маҳв мебояд, на наҳв ин ҷо, бидон,
Гар ту маҳвӣ, бехатар дар об рон.
Оби дарё мурдаро бар сар ниҳад
В-ар бувад зинда, зи дарё кай раҳад?
Чун бимурдӣ ту зи авсофи башар,
Баҳри асрорат ниҳад бар фарқи сар.
Эй ки халқонро ту хар мехондаӣ!
Ин замон чун хар бар ин ях мондаӣ.
Гар ту алломаи замонӣ дар ҷаҳон,

Нак, фанои ин ҷаҳон бин в-ин замон.
Марди наҳвиро аз он дардӯхтем,
То шуморо наҳви маҳв омӯхтем.
Фиқҳи фиқҳу наҳви наҳву сарфи сарф
Дар камомад ёбӣ, эй ёри шигарф.
Он сабӯи об донишҳои мост
В-ин халифа Даҷлаи илми Худост.
Мо сабӯҳо пур ба Даҷла мебарем,
Гар на хар донем худро, мо харем.
Бори аъробӣ бад-он маъзур буд,
К-ӯ зи Даҷла ғофилу бас дур буд.
Гар зи Даҷла бохабар будӣ чу мо,
Ӯ набурдӣ он сабӯро ҷо ба ҷо.
Балки аз Даҷла чу воқиф омадӣ,
Он сабӯро бар сари санге задӣ.

## Қабул кардани халифа ҳадяро ва ато фармудан бо камоли бениёзӣ аз он ҳадя ва аз он сабӯ

Чун халифа диду аҳволаш шунид,
Он сабӯро пур зи зар карду мазид.
Он арабро кард аз фоқа халос,
Дод бахшишҳову хилъатҳои хос.
Пас нақиберо бифармуд он қубод
Он ҷаҳони бахшишу он баҳри дод,
К-ин сабӯ пурзар ба дасти ӯ диҳед,
Чунки вогардад, суйи Даҷлаш баред.
Аз раҳи хушк омадасту аз сафар,
Аз раҳи Даҷлаш бувад наздиктар.
Чун ба киштӣ дарнишасту Даҷла дид,
Саҷда мекард аз ҳаёву мехамид,
К-эй аҷаб лутф ин шаҳи ваҳҳобро!
В-он аҷабтар, к-ӯ ситад он обро!
Чун пазируфт аз ман он дарёи ҷуд
Ончунон нақди дағалро зуди зуд?»
Кулли оламро сабӯ дон, эй писар,
К-ӯ бувад аз илму хубӣ то ба сар.

Қатрае аз Даҷлаи хубии ӯст,
К-он намегунҷад зи пуррӣ зери пӯст.
Ганҷ махфӣ буд, зи пуррӣ чок кард,
Хокро тобонтар аз афлок кард.
Ганҷи махфӣ буд, зи пуррӣ ҷӯш кард,
Хокро султони атласпӯш кард.
В-ар бидидӣ шохе аз Даҷлай Худо,
Он сабӯро ӯ фано кардӣ, фано.
Он ки дидандаш, ҳамеша бех(в)аданд,
Бехудона бар сабӯ санге заданд.
Эй зи ғайрат бар сабӯ санге зада
В-он шикастат худ дурустӣ омада.
Хум шикаста, об аз ӯ норехта,
Сад дурустӣ з-ин шикаст ангехта.
Ҷузв-ҷузви хум ба рақс асту ба ҳол,
Ақли ҷузвиро намудӣ ин муҳол.
На сабӯ пайдо дар ин ҳолат, на об,
Хуш бибин, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Чун дари маънӣ занӣ, бозат кунанд,
Парри фикрат зан, ки шаҳбозат кунанд.
Парри фикрат шуд гилолуду гарон,
З-он ки гилхорӣ, туро гил шуд чу нон.
Нон гил асту гӯшт, камтар хур аз ин,
То намонӣ ҳамчу гил андар замин.
Чун гурусна мешавӣ, саг мешавӣ,
Тунду бадпайванду бадраг мешавӣ.
Чун шудӣ ту сер, мурдоре шудӣ,
Бехабар, бепо, чу деворе шудӣ.
Пас, даме мурдору дигар дам сагӣ,
Чун кунӣ дар роҳи шерон хуштагӣ?
Олати ишкори худ ҷуз саг мадон,
Камтарак андоз сагро устухон,
З-он ки саг чун сер шуд, саркаш шавад,
Кай суйи сайду шикори х(в)аш давад?
Он арабро бенавоӣ мекашид,
То бад-он даргоҳу он давлат расид.
Дар ҳикоят гуфтаем эҳсони шоҳ
Дар ҳақи он бенавои бепаноҳ.

Ҳар чӣ гӯяд марди ошиқ, бӯйи ишқ
Аз даҳонаш мечаҳад дар кӯйи ишқ.
Гар бигӯяд фиқҳ, факр ояд ҳама,
Бӯйи факр ояд аз он хуш дамдама.
В-ар бигӯяд куфр, дорад бӯйи дин,
Ояд аз гуфти шакаш бӯйи яқин. 2895
Каффи каж, к-аз баҳри сидқе хостаст,
Асли соф он фаръро оростаст.
Он кафашро софию маҳқуқ дон,
Ҳамчу дашноми лаби маъшуқ дон.
Гашта он дашноми номатлуби ӯ
Хуш зи баҳри орази маҳбуби ӯ.
Гар бигӯяд каж, намояд ростӣ,
Эй каже, ки ростро оростӣ.
Аз шакар гар шакли ноне мепазӣ,
Таъми қанд ояд, на нон, чун мемазӣ. 2900
В-ар биёбад муъмине заррин васан,
Кай ҳилад онро барои ҳар шаман?
Балки гирад, андар оташ афганад,
Сурати орияташро бишканад.
То намонад бар заҳаб шакли васан,
З-он ки сурат монеъ асту роҳзан.
Зоти зарраш доди раббонийят аст,
Нақши бут бар нақди зар орийят аст.
Баҳри кайке ту гилемеро масӯз
В-аз судоъи ҳар магас магзор рӯз. 2905
Бутпарастӣ, чун бимонӣ дар сувар,
Сураташ бигзору дар маънӣ нигар.
Марди ҳаҷҷӣ, ҳамраҳи ҳоҷӣ талаб,
Хоҳ ҳинду, хоҳ турку ё араб.
Мангар андар нақшу андар ранги ӯ,
Бингар андар азму дар оҳанги ӯ.
Гар сиёҳ аст ӯ, ҳамоҳанги ту аст,
Ту сапедаш хон, ки ҳамранги ту аст.
Ин ҳикоят гуфта шуд зеру забар,
Ҳамчу фикри ошиқон бепову сар. 2910
Сар надорад, чун з-азал будаст пеш,
По надорад, бо абад будаст хеш.

Балки чун об аст, ҳар қатра аз он
Ҳам сар асту пову ҳам бе ҳардувон.
Ҳошалиллаҳ, ин ҳикоят нест, ҳин!
Нақди ҳоли мову туст ин, хуш бибин.
З-он ки сӯфӣ бокару бофар бувад,
Ҳар чӣ он мозист, «ло юзкар» бувад.
Ҳам араб мо, ҳам сабӯ мо, ҳам малик,
Ҷумлаи мо «юъфак анҳу ман уфик».
Ақлро шӯ дону зан ин нафсу тамъ,
Ин ду зулмонию мункир, ақл шамъ.
Бишнав акнун, асли инкор аз чӣ хост,
З-он ки кулро гуна-гуна ҷузвҳост.
Ҷузви кул, не ҷузвҳо нисбат ба кул,
Не чу бӯйи гул, ки бошад ҷузви гул.
Лутфи сабза ҷузви лутфи гул бувад,
Бонги қумрӣ ҷузви он булбул бувад.
Гар шавам машғули ишколу ҷавоб,
Ташнагонро кай тавонам дод об?
Гар ту ишколӣ ба куллию ҳараҷ,
Сабр кун, «ассабру мифтоҳу-л-фараҷ».
Эҳтимо кун, эҳтимо з-андешаҳо,
Фикр шеру гӯру дилҳо бешаҳо.
Эҳтимоҳо бар давоҳо сарвар аст,
З-он ки хоридан фузунии гар аст.
Эҳтимо асли даво омад яқин,
Эҳтимо кун, қуввати ҷонат бибин.
Қобили ин гуфтаҳо шав гӯшвор,
То ки аз зар созамат ман гӯшвор.
Ҳалқа дар гӯши маҳи заргар шавӣ,
То ба моҳу то Сурайё бар шавӣ.
Аввало бишнав, ки халқи мухталиф
Мухталифҷонанд то «ё» аз «алиф».
Дар ҳуруфи мухталиф шӯру шакест,
Гарчи аз як рӯ, зи сар то по якест.
Аз яке рӯ зидду як рӯ муттаҳид,
Аз яке рӯ ҳазлу аз як рӯй ҷид.
Пас, қиёмат рӯзи арзи акбар аст,
Арз ӯ хоҳад, ки бо зебу фар аст.

Ҳар кӣ чун ҳиндуи бад савдоӣ аст,
Рӯзи арзаш навбати расвоӣ аст.
Чун надорад рӯйи ҳамчун офтоб,
Ӯ нахоҳад ҷуз шабе ҳамчун ниқоб.
Барги як гул чун надорад хори ӯ,
Шуд баҳорон душмани асрори ӯ.
В-он ки сар то по гул асту савсан аст,
Пас, баҳор ӯро ду чашми равшан аст.
Хори бемаънӣ хазон хоҳад, хазон,
То занад паҳлӯй худ бо гулситон.
То бипӯшад ҳусни ону нанги ин,
То набинӣ ранги ону занги ин.
Пас, хазон ӯро баҳор асту ҳаёт,
Як намояд сангу ёқути закот.
Боғбон ҳам донад онро дар хазон,
Лек диди як беҳ аз диди ҷаҳон.
Худ ҷаҳон он як кас аст, ӯ аблаҳ аст,
Ҳар ситора бар фалак ҷузви маҳ аст.
Пас ҳамегӯянд ҳар нақшу нигор
Мужда, мужда, нак ҳамеояд баҳор.
То бувад тобон шукуфа чун зиреҳ,
Кай кунанд он меваҳо пайдо гиреҳ?
Чун шукуфа рехт, мева сар кунад,
Чунки тан бишкаст, ҷон сар барзанад.
Мева маънию шукуфа сураташ,
Он шукуфа мужда, мева неъматаш.
Чун шукуфа рехт, мева шуд падид,
Чунки он кам шуд, шуд ин андар мазид.
То ки нон нашкаст, қувват кай диҳад,
Ношикаста хӯшаҳо кай май диҳад?
То ҳалила нашканад бо адвия,
Кай шавад худ сиҳҳатафзо адвия?

## Дар сифати пиру мутовиати вай

Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддин, бигир
Як-ду коғаз, барфизо дар васфи пир.

Гарчи ҷисми нозукатро зӯр нест,
Лек бе хуршед моро нур нест.
Гарчи мисбоҳу зуҷоҷа гаштаӣ,
Лек сархайли дилӣ, сарриштаӣ.
Чун сари ришта ба дасту коми туст,
Дурраҳои иқди дил з-инъоми туст.
Барнавис аҳволи пири роҳдон:
Пирро бигзину айни роҳ дон.
Пир тобистону халқон тирмоҳ,
Халқ монанди шабанду пир моҳ.
Кардаам бахти ҷавонро ном пир,
К-ӯ зи Ҳақ пир аст, н-аз айём пир.
Ӯ чунон пир аст, к-иш оғоз нест,
Бо чунон дурри ятим анбоз нест.
Худ қавитар мешавад хамри куҳун,
Хоса он хамре, ки бошад «мин ладун».
Пирро бигзин, ки бепир ин сафар,
Ҳаст бас пурофату хавфу хатар.
Он раҳе, ки борҳо ту рафтаӣ
Бе қаловуз, андар он ошуфтаӣ.
Пас, раҳеро, ки надидастӣ ту ҳеч,
Ҳин, марав танҳо, зи раҳбар сар мапеч.
Гар набошад сояи ӯ бар ту гӯл,
Пас, туро саргашта дорад бонги ғӯл.
Ғӯлат аз раҳ афганад андар газанд,
Аз ту доҳитар дар ин раҳ бас буданд.
Аз Нубӣ бишнав залоли раҳравон,
Ки чишон кард он Билиси бадравон.
Садҳазоронсола роҳ аз ҷода дур,
Бурдашону кардашон идбиру ур.
Устухонҳошон бибину мӯяшон,
Ибрате гиру марон хар сӯяшон.
Гардани хар гиру сӯйи роҳ каш,
Сӯйи раҳбонону раҳдонони х(в)аш.
Ҳин, маҳил харрову даст аз вай мадор,
З-он ки ишқи ӯст сӯйи сабзазор.
Гар яке дам ту ба ғафлат воҳилиш,
Ӯ равад фарсангҳо сӯйи ҳашиш.

Душмани роҳ аст хар, масти алаф,
Эй ки бас харбандаро кард ӯ талаф.
Гар надонӣ раҳ, ҳар он чи хар бихост,
Акси он кун, худ бувад он роҳи рост.
«Шовируҳунна» ва он гаҳ «холифу»,
«Инна ман лам яъсиҳинна толифу».
Бо ҳавову орзу кам бош дӯст,
Чун «юзиллук ан сабилиллоҳ» ӯст.
Ин ҳаворо нашканад андар ҷаҳон
Ҳеч чизе ҳамчу сояй ҳамраҳон.

## Васият кардани расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам мар Алиро, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, ки чун ҳар касе ба навъи тоате тақарруб ҷӯяд ба Ҳақ, ту тақарруб ҷӯй ба суҳбати оқил ва бандаи хос, то аз ҳама пешқадамтар бошӣ

Гуфт пайғамбар Алиро, к-эй Алӣ,
Шери Ҳаққӣ, паҳлавони пурдилӣ.
Лек бар шерӣ макун ҳам эътимед,
Андаро дар сояи нахли умед.
Андаро дар сояи он оқиле,
К-иш надонад бурд аз раҳ ноқиле.
Зилли ӯ андар замин чун кӯҳи Қоф,
Рӯҳи ӯ симурғи бас олитавоф.
Гар бигӯям то қиёмат наъти ӯ,
Ҳеч онро мақтаъу ғоят маҷӯ.
Дар башар рӯпӯш кардаст офтоб,
Фаҳм кун, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
Ё Алӣ, аз ҷумлаи тоъоти роҳ
Баргузин ту сояи хоси Илоҳ.
Ҳар касе дар тоъате бигрехтанд,
Хештанро махласе ангехтанд.
Ту бирав, дар сояи оқил гурез,
То раҳӣ з-он душмани пинҳонситез.
Аз ҳама тоъот инат беҳтар аст,
Сабқ ёбӣ, бар ҳар он собиқ, ки ҳаст.

Чун гирифтат пир, ҳин, таслим шав,
Ҳамчу Мӯсо зери ҳукми Хизр рав.
Сабр кун бар кори Хизре бенифоқ,
То нагӯяд Хизр: «Рав, ҳозо фироқ».
Гарчи киштӣ бишканад, ту дам мазан,
Гарчи тифлеро кушад, ту мӯ макан.
Дасти ӯро Ҳақ чу дасти хеш хонд,
То «ядуллаҳ фавқа айдиҳим» биронд.
Дасти Ҳақ миронадаш, зинда-ш кунад,
Зинда чӣ бвад? Ҷони поянда-ш кунад.
Ҳар кӣ танҳо, нодиро, ин раҳ бурид,
Ҳам ба авни ҳиммати пирон расид.
Дасти пир аз ғоибон кӯтоҳ нест,
Даст ӯ ҷуз қабзаи Аллоҳ нест.
Ғоибонро чун чунин хилъат диҳанд,
Ҳозирон аз ғолибон лошак беҳанд.
Ғоибонро чун навола медиҳанд,
Пеши меҳмон то чӣ неъматҳо ниҳанд.
Ку касе, к-ӯ пеши шаҳ бандад камар,
То касе, к-ӯ ҳаст берунсӯйи дар?
Чун гузидӣ пир, нозукдил мабош,
Сусту резида чу обу гил мабош.
В-ар ба ҳар захме ту пуркина шавӣ,
Пас, куҷо бесайқал ойина шавӣ?

## Кабудӣ задани қазвинӣ бар шонагоҳ сурати шер ва пушаймон шудани ӯ ба сабаби захми сӯзан

Ин ҳикоят бишнав аз соҳиббаён
Дар тариқу одати қазвиниён,
Бар тану дасту китифҳо бегазанд
Аз сари сӯзан кабудиҳо зананд.
Сӯйи даллоке бишуд қазвиние,
Ки кабудам зан, бикун ширинние.
Гуфт: «Чӣ сурат занам, эй паҳлавон?»
Гуфт: «Барзан сурати шери жаён.
Толеам шер аст, нақши шер зан,
Ҷаҳд кун, ранги кабудӣ сер зан».

Гуфт: «Бар чи мавзеат сурат занам?»
Гуфт: «Бар шонагаҳам зан он рақам».
Чунки ӯ сӯзан фурӯ бурдан гирифт,
Дарди он дар шонагаҳ маскан гирифт.
Паҳлавон дар нола омад, к-эй санӣ!
Мар маро куштӣ; чӣ сурат мезанӣ?»
Гуфт: «Охир шер фармудӣ маро».
Гуфт: «Аз чӣ узв кардӣ ибтидо?»
Гуфт: «Аз думгоҳ оғозидаам».
Гуфт: «Дум бигзор, эй ду дидаам!
Аз думу думгоҳи шерам дам гирифт,
Думгаҳи ӯ дамгаҳам муҳкам гирифт.
Шер бедум бош, гӯ, эй шерсоз!
Ки дилам сустӣ гирифт аз захми гоз».
Ҷониби дигар гирифт он шахс захм,
Бемуҳобо, бемувосоеву раҳм.
Бонг кард ӯ, к-ин чӣ андом аст аз ӯ?
Гуфт: «Ин гӯш аст, эй марди накӯ».
Гуфт: «То гӯшаш набошад, эй ҳаким,
Гӯшро бигзору кӯтаҳ кун гилем!»
Ҷониби дигар халиш оғоз кард,
Боз қазвинӣ фиғонро соз кард,
К-ин севум ҷониб чӣ андом аст низ?
Гуфт: «Ин аст ишками шери азиз».
Гуфт: «То ишкам набошад шерро,
Гашт афзун дард, кам зан захмҳо!»
Хира шуд даллоку бас ҳайрон бимонд,
То ба дер ангушт дар дандон бимонд.
Бар замин зад сӯзан аз хашм устод,
Гуфт: «Дар олам касеро ин фитод?
Шери бедумму сару ишкам кӣ дид?
Инчунин шере Худо худ н-офарид».
Эй бародар, сабр кун бар дарди неш,
То раҳӣ аз неши нафси габри хеш.
К-он гурӯҳе, ки раҳиданд аз вуҷуд,
Чарху меҳру моҳашон орад суҷуд.
Ҳар кӣ мурд андар тани ӯ нафси габр,
Мар варо фармон барад хуршеду абр.

Чун дилаш омӯхт шамъ афрӯхтан,
Офтоб ӯро наёрад сӯхтан.
Гуфт Ҳақ дар офтоби мунтаҷим
Зикри «Таззовар казо ан каҳфиҳим».
Хор, ҷумла лутф чун гул мешавад,
Пеши ҷузве, к-ӯ суйи кул меравад.
Чист таъзими Худо афроштан?
Хештанро хору хокӣ доштан.
Чист тавҳиди Худо омӯхтан?
Хештанро пеши воҳид сӯхтан.
Гар ҳамехоҳӣ, ки бифрӯзӣ чу рӯз,
Ҳастии ҳамчун шаби худро бисӯз.
Ҳастият дар ҳасти он ҳастӣ навоз,
Ҳамчу мис дар кимиё андаргудоз.
Дар ману мо сахт кардастӣ ду даст,
Ҳаст ин ҷумла харобӣ аз ду ҳаст.

## Рафтани гург ва рӯбоҳ дар хидмати шер ба шикор

Шеру гургу рӯбаҳе баҳри шикор
Рафта буданд аз талаб дар кӯҳсор,
То ба пушти ҳамдигар бар сайдҳо
Сахт барбанданд бори қайдҳо.
Ҳар се бо ҳам андар он саҳрои жарф
Сайдҳо гиранд бисёру шигарф.
Гарчи з-эшон шери нарро нанг буд,
Лек кард икрому ҳамроҳӣ намуд.
Инчунин шаҳро зи лашкар заҳмат аст,
Лек ҳамраҳ шуд ҷамоат, раҳмат аст.
Инчунин маҳро зи ахтар нангҳост,
Ӯ миёни ахтарон баҳри сахост.
Амри «шовирҳум» паямбарро расид,
Гарчи ройе нест, рояшро надид.
Дар тарозу ҷав рафиқи зар шудаст,
На аз он ки ҷав чу зар гавҳар шудаст.
Рӯҳ қолабро кунун ҳамраҳ шудаст,
Муддате саг ҳориси даргаҳ шудаст.

Чунки рафтанд ин ҷамоат сӯйи кӯҳ
Дар рикоби шер бо фарру шукӯҳ,
Гови кӯҳию бузу харгӯши зафт
Ёфтанду кори эшон пеш рафт.
Ҳар кӣ бошад дар пайи шери ҳироб,
Кам наёяд рӯзу шаб ӯро кабоб.
Чун зи куҳ дар беша овардандашон,
Куштаву маҷрӯҳу андар хун кашон.
Гургу рӯбаҳро тамаъ буд андар он,
Ки равад қисмат ба адли хусравон.
Акси тамъи ҳардушон бар шер зад,
Шер донист он тамаъҳоро санад.
Ҳар кӣ бошад шери асрору амир,
Ӯ бидонад, ҳар чӣ андешад замир.
Ҳин, нигаҳ дор, эй дили андешахӯ,
Дил зи андешай баде дар пеши ӯ.
Донаду харро ҳамеронад хамӯш,
Дар рухат хандад барои рӯйпӯш.
Шер чун донист он васвосашон,
Во нагуфту дошт он дам посашон.
Лек бо худ гуфт: «Бинмоям сазо,
Мар шуморо, эй хасисони гадо!
Мар шуморо бас наёмад рои ман?
Заннатон ин аст дар иътои ман?
Эй уқулу роятон аз рои ман,
Аз атоҳои ҷаҳон орои ман.
Нақш бо наққош чӣ-с-голад дигар?
Чун сиголиш ӯ-ш бахшиду хабар.
Инчунин занни хасисона ба ман,
Мар шуморо буд? Нангони заман!
Зонийина биллаҳи занна-с-суро
Гар набуррам сар, бувад айни хато.
Вораҳонам чархро аз нангатон,
То бимонад дар ҷаҳон ин достон».
Шер бо ин фикр мезад ханда фош,
Бар табассумҳои шер эмин мабош!
Моли дунё шуд табассумҳои Ҳақ,
Кард моро масту мағруру халақ.

Фақру ранҷурӣ беҳ астат, эй санад,
К-он табассум доми худро барканад.

## Имтиҳон кардани шер гургро ва гуфтан, ки пеш ой, эй гург, бахш кун сайдҳоро миёни мо

Гуфт шер: «Эй гург, инро бахш кун,
Маъдалатро нав кун, эй гурги куҳун!
Ноиби ман бош дар қисматгарӣ,
То падид ояд, ки ту чӣ гавҳарӣ.
Гуфт: «Эй шаҳ, гови ваҳшӣ бахши туст,
Он бузургу ту бузургу зафту чуст.
Буз маро, ки буз миёнасту васат,
Рӯбаҳо, харгӯш бистон беғалат».
Шер гуфт: «Эй гург, чун гуфтӣ? Бигӯ!
Чунки ман бошам, ту гӯйӣ мову ту?
Гург худ чӣ саг бувад, ки хеш дид,
Пеши чун ман шери бемислу надид?»
Гуфт: «Пеш о, эй харе, к-ӯ худ харид».
Пешаш омад, панҷа зад, ӯро дарид.
Чун надидаш мағзу тадбири рашид,
Дар сиёсат пӯсташ аз сар кашид.
Гуфт: «Чун диди манат аз худ набурд,
Инчунин ҷонро бибояд зор мурд.
Чун набудӣ фонӣ андар пеши ман,
Фазл омад мар туро гардан задан».
«Куллу шайъин ҳоликун» ҷуз ваҷҳи ӯ,
Чун найӣ дар ваҷҳи ӯ, ҳастӣ маҷӯ!
Ҳар кӣ андар ваҷҳи мо бошад фано,
«Куллу шайъин ҳоликун» набвад ҷазо.
З-он ки дар «илло»-ст ӯ, аз «ло» гузашт,
Ҳар кӣ дар «илло»-ст, ӯ фонӣ нагашт.
Ҳар кӣ бар дар ӯ ману мо мезанад,
Радди боб аст ӯву бар «ло» метанад.

## Қиссаи он кас, ки дари ёре бикӯфт. Аз дарун гуфт: Кист он? Гуфт: Манам. Гуфт: Чун ту туӣ, дар намегушоям, ҳеч касро аз ёрон намешиносам, ки ӯ «ман» бошад, бирав.

Он яке омад дари ёре бизад,
Гуфт ёраш: «Кистӣ, эй муътамад?»
Гуфт: «Ман». Гуфташ: «Бирав, ҳангом нест,
Бар чунин хоне мақоми хом нест.
Хомро ҷуз оташи ҳаҷру фироқ
Кӣ пазад? Кӣ вораҳонад аз нифоқ?»
Рафт он мискину соле дар сафар
Дар фироқи дӯст сӯзид аз шарар.
Пухта гашт он сӯхта, пас бозгашт,
Боз гирди хонаи ҳамбоз гашт.
Ҳалқа зад бар дар ба сад тарсу адаб,
То биначҳад бе адаб лафзе зи лаб.
Бонг зад ёраш, ки бар дар кист он?
Гуфт: «Бар дар ҳам туӣ, эй дилситон!»
Гуфт: «Акнун, чун манӣ, эй ман, даро,
Нест гунҷое ду манро дар саро».
Нест сӯзанро сари ришта ду то,
Чунки яктоӣ, дар ин сӯзан даро.
Риштаро бо сӯзан омад иртибот,
Нест дархур бо ҷамал самму-л-хиёт.
Кай шавад борик ҳастии ҷамал?
Ҷуз ба миқрози риёзоту амал.
Дасти Ҳақ бояд мар онро, эй фалон,
К-ӯ бувад бар ҳар муҳоле «кун факон».
Ҳар муҳол аз дасти ӯ мумкин шавад,
Ҳар ҳарун аз бими ӯ сокин шавад.
Акмаҳу абрас чӣ бошад? Мурда низ,
Зинда гардад аз фусуни он азиз.
В-он адам, к-аз мурда мурдатар бувад,
Дар кафи эҷоди ӯ музтар бувад.
«Кулла явмин ҳува фӣ шаънин» бихон,
Мар варо бе кору бе феъле мадон.

Камтарин кореш ҳар рӯз аст он,
К-ӯ се лашкарро кунад ин сӯ равон:
Лашкаре з-аслоб сӯйи уммаҳот,
Баҳри он то дар раҳим рӯяд набот.
Лашкаре з-арҳом сӯйи хокдон,
То зи нарру мода пур гардад ҷаҳон.
Лашкаре аз хок, з-он сӯйи аҷал,
То бибинад ҳар касе ҳусни амал.
Ин сухан поён надорад, ҳин, битоз,
Сӯйи он ду ёри поки покбоз.
Гуфт ёраш, к-андаро, эй ҷумла ман,
Не мухолиф чун гулу хори чаман.
Ришта якто шуд, ғалат кам шуд кунун,
Гар дуто бинӣ ҳуруфи «кофу нун».
«Кофу нун» ҳамчун каманд омад ҷазуб,
То кашонад мар адамро дар хутуб.
Пас, дуто бояд каманд андар сувар,
Гарчи якто бошад он ду дар асар.
Гар дупо, гар чорпо, раҳро бурад,
Ҳамчу миқрози дуто якто бурад.
Он ду ҳамбозони гозурро бибин,
Ҳаст дар зоҳир хилофе з-ону з-ин:
Он яке карбосро дар об зад
В-он дигар ҳамбоз хушкаш мекунад.
Боз ӯ он хушкро тар мекунад,
Гӯиё з-истеза зид барметанад.
Лек ин ду зидди истезанамо
Якдилу яккор бошад дар ризо.
Ҳар набию ҳар валиро маслакест,
Лек то Ҳақ мебарад, ҷумла якест.
Чунки ҷамъи мустамеъро хоб бурд,
Сангҳои осиёро об бурд.
Рафтани ин об фавқи осиёст,
Рафтанаш дар осиё баҳри шумост.
Чун шуморо ҳоҷати тоҳун намонд,
Обро дар ҷӯйи аслӣ бозронд.
Нотиқа сӯйи даҳон таълимрост
В-арна худ он нутқро ҷӯйе ҷудост.

Меравад бе бонгу бе такрорҳо
Таҳтаҳа-л-анҳор то гулзорҳо.
Эй Худо, ҷонро ту бинмо он мақом,
К-андар ӯ бе ҳарф мерӯяд калом. 3105
То ки созад ҷони пок аз сар қадам
Сӯйи арсай дури паҳнои адам.
Арсае бас богушоду бофазо
В-ин хаёлу ҳаст ёбад з-ӯ наво.
Тангтар омад хаёлот аз адам,
З-он сабаб бошад хаёл асбоби ғам.
Боз ҳастӣ тангтар буд аз хаёл,
З-он шавад дар вай қамар ҳамчун ҳилол.
Боз ҳастии ҷаҳони ҳиссу ранг
Тангтар омад, ки зиндонест танг. 3110
Иллати тангист таркибу адад,
Ҷониби таркиб ҳисҳо мекашад.
З-он суйи ҳис олами тавҳид дон,
Гар «яке» хоҳӣ, бад-он ҷониб бирон.
Амри «кун» як феъл буду «нуну коф»,
Дар сухан афтоду маънӣ буд соф.
Ин сухан поён надорад, бозгард,
То чӣ шуд аҳволи гург андар набард?

## Адаб кардани шер гургро, ки дар қисмат беадабӣ карда буд

Гургро барканд сар он сарфароз,
То намонад дусарию имтиёз. 3115
«Фантақамно минҳум» аст, эй гурги пир,
Чун набудӣ мурда дар пеши амир.
Баъд аз он рӯ шер бо рӯбоҳ кард,
Гуфт: «Инро бахш кун аз баҳри х(в)ард».
Саҷда карду гуфт, к-ин гови самин
Чоштхурдат бошад, эй шоҳи гузин.
В-он буз аз баҳри миёни рӯзро
Яхние бошад шаҳи пирӯзро.
В-он дигар харгӯш баҳри шом ҳам
Шабчарай ин шоҳи болутфу карам». 3120

Гуфт: «Эй рӯбаҳ, ту адл афрӯхтӣ,
Инчунин қисмат зи кӣ омӯхтӣ?
Аз куҷо омӯхтӣ ин, эй бузург?»
Гуфт: «Эй шоҳи ҷаҳон, аз ҳоли гург».
Гуфт: «Чун дар ишқи мо гаштӣ гарав,
Ҳар серо баргиру бистону бирав.
Рӯбаҳо, чун ҷумлагӣ моро шудӣ,
Чунат озорем? Чун ту мо шудӣ.
Мо турову ҷумла ишкорон туро,
Пой бар гардуни ҳафтум неҳ, баро.
Чун гирифтӣ ибрат аз гурги данӣ,
Пас, ту рӯбаҳ нестӣ, шери манӣ.
Оқил он бошад, ки гирад ибрат аз
Марги ёрон дар балои муҳтараз».
Рӯбаҳ он дам бар забон сад шукр ронд,
Ки маро шер аз пайи он гург хонд.
Гар маро аввал бифармудӣ, ки ту
Бахш кун инро, кӣ бурдӣ ҷон аз ӯ?
Пас, сипос ӯро, ки моро дар ҷаҳон
Кард пайдо аз паси пешиниён.
То шунидем он сиёсатҳои Ҳақ,
Бар қуруни мозия, андар сабақ.
То ки мо аз ҳоли он гургони пеш
Ҳамчу рӯбаҳ поси худ дорем беш.
Уммати марҳума з-ин рӯ хондамон
Он расули Ҳаққу содиқ дар баён.
Устухону пашми он гургон аён
Бингареду панд гиред, эй меҳон.
Оқил аз сар бинҳад ин ҳастию бод,
Чун шунид анҷоми Фиръавнону Од.
В-ар бинанҳад, дигарон аз ҳоли ӯ
Ибрате гиранд аз излоли ӯ.

## Таҳдид кардани Нӯҳ, алайҳиссалом, мар қавмро, ки бо ман мапечед, ки бо Худой мепечед дар миёни ин ба ҳақиқат, эй махзулон!

Гуфт Нӯҳ: «Эй саркашон, ман ман наям,
Ман зи ҷон мурдам, ба ҷонон мезиям.

Чун бимурдам аз ҳавоси булбашар,
Ҳақ маро шуд самъу идроку басар.
Чунки ман ман нестам, ин дам зи ҳуст,
Пеши ин дам ҳар кӣ дам зад, кофир ӯст».
Ҳаст андар нақши ин рӯбоҳ шер,
Сӯйи ин рӯбаҳ нашояд шуд далер.
Гар зи рӯйи сураташ менагравӣ,
Ғурраи шерон аз ӯ менашнавӣ?
Гар набудӣ Нӯҳро аз Ҳақ яде,
Пас, ҷаҳонеро чаро барҳам задӣ?
Сад ҳазорон шер буд ӯ дар тане,
Ӯ чу оташ буду олам хирмане.
Чунки хирман поси ушри ӯ надошт,
Ӯ чунон шуъла бар он хирман гумошт.
Ҳар кӣ ӯ дар пеши ин шери ниҳон
Беадаб чун гург бигшояд даҳон,
Ҳамчу гург он шер бардарронадаш,
«Фантақамно минҳуму» бархонадаш.
Захм ёбад ҳамчу гург аз дасти шер,
Пеши шер аблаҳ бувад, к-ӯ шуд далер.
Кошкӣ он захм бар тан омадӣ,
То будӣ, к-имону дил солим будӣ.
Қувватам бигсаст, чун ин ҷо расид,
Чун тавонам кард ин сирро падид?
Ҳамчу он рӯбаҳ ками ишкам кунед,
Пеши ӯ рӯбоҳбозӣ кам кунед.
Ҷумла мову ман ба пеши ӯ ниҳед,
Мулк мулки ӯст, мулк ӯро диҳед.
Чун фақир оед андар роҳ рост,
Шеру сайди шер худ они шумост.
З-он ки ӯ пок асту субҳон васфи ӯст,
Бениёз аст ӯ зи нағзу мағзу пӯст.
Ҳар шикору ҳар каромоте, ки ҳаст,
Аз барои бандагони он шаҳ аст.
Нест шаҳро тамъ, баҳри халқ сохт
Ин ҳама давлат, хунук он, к-ӯ шинохт.
Он ки давлат офариду ду саро,
Мулку давлатҳо чӣ кор ояд варо?

Пеши субҳон пас нигаҳ доред дил,
То нагардед аз гумони бад хиҷил,
К-ӯ бибинад сирру фикру ҷустуҷӯ,
Ҳамчу андар шири холис тори мӯ.
Он ки ӯ бенақши содасина шуд,
Нақшҳои ғайбро ойина шуд.
Сирри моро бегумон муқин шавад,
З-он ки муъмин ойинай муъмин бувад.
Чун занад ӯ нақди моро бар миҳакк,
Пас, яқинро боздорад ӯ зи шакк.
Чун шавад ҷонаш миҳакки нақдҳо,
Пас, бибинад қалброву қалбро.

## Нишондани подшоҳон сӯфиёни орифро пеши рӯйи хеш, то чашмашон бад-эшон равшан шавад

Подшоҳонро чунон одат бувад,
Ин шунида бошӣ, ар ёдат бувад:
Дасти чапшон паҳлавонон истанд,
З-он ки дил паҳлӯйи чап бошад ба банд.
Мушрифу аҳли қалам бар дасти рост,
З-он ки илми хатту сабт он дастрост.
Сӯфиёнро пеши рӯ мавзеъ диҳанд,
К-ойинай ҷонанду з-ойина беҳанд.
Сина сайқалҳо зада дар зикру фикр,
То пазирад ойинай дил нақши бикр.
Ҳар кӣ ӯ аз сулби фитрат хуб зод,
Ойина дар пеши ӯ бояд ниҳод.
Ошиқи ойина бошад рӯйи хуб,
Сайқали ҷон омаду «тақва-л-қулуб».

## Омадани меҳмон пеши Юсуф, алайҳиссалом ва тақозо кардани Юсуф, алайҳиссалом, аз ӯ туҳфаву арғумон

Омад аз офоқ ёри меҳрбон,
Юсуфи сиддиқро шуд меҳмон,

К-ошно буданд вақти кӯдакӣ,
Бар висодай ошноӣ муттакӣ.
Ёд додаш ҷаври ихвону ҳасад,
Гуфт, к-он занҷир буду мо асад.
Ор набвад шерро аз силсила,
Нест моро аз қазои Ҳақ гила.
Шерро бар гардан ар занҷир буд,
Бар ҳама занҷирсозон мир буд».
Гуфт: «Чун будӣ зи зиндону зи чоҳ?»
Гуфт: «Ҳамчун дар муҳоқу кост моҳ».
Дар муҳоқ ар моҳи нав гардад дуто,
Не ба охир бадр гардад бар само?
Гарчи дурдона ба ҳован кӯфтанд,
Нури чашму дил шуду бинад баланд.
Гандумеро зери хок андохтанд,
Пас зи хокаш хӯшаҳо барсохтанд.
Бори дигар кӯфтандаш з-осиё,
Қиматаш афзуду нон шуд ҷонфизо.
Боз нонро зери дандон кӯфтанд,
Гашт ақлу ҷону фаҳми ҳушманд.
Боз он ҷон, чунки маҳви ишқ гашт,
«Юъҷибуззурроъ» омад баъди кашт.
Ин сухан поён надорад, бозгард,
То ки бо Юсуф чӣ гуфт он некмард?
Баъди қисса гуфтанаш гуфт: «Эй фалон!
Ҳин, чӣ овардӣ ту моро армуғон?»
Бар дари ёре тиҳидаст, эй фато,
Ҳаст чун бегандуме дар осиё.
Ҳақ таоло халқро гӯяд ба ҳашр:
«Армуғон ку аз барои рӯзи нашр?
«Ҷиътумуно ва фуродо» бенаво,
Ҳам бад-он сон, ки «халақнокум казо?»
Ҳин, чӣ овардед дастовезро,
Армуғоне рӯзи растохезро?
Ё умеди бозгаштантон набуд?
Ваъдаи имрӯз ботилтон намуд?»
Мункири меҳмонияшро аз харӣ,
Пас, зи матбах хоку хокистар барӣ.

В-ар найӣ мункир, чунин дасти тиҳӣ
Дар дари он дӯст чун по мениҳӣ?
Андаке сарфа бикун аз хобу х(в)ар,
Армуғон баҳри мулоқоташ бибар.
Шав «қалилу-н-навми миммо яҳҷаъун»,
Бош дар асҳор аз «ястағфирун».
Андаке ҷунбиш бикун ҳамчун ҷанин,
То бибахшандат ҳавоси нурбин.
В-аз ҷаҳони чун раҳим берун равӣ,
Аз замин дар арсаи восеъ шавӣ.
Он ки «арзуллоҳи восеъ» гуфтаанд,
Арсае дон анбиёро бас баланд.
Дил нагардад танг з-он арсай фарох,
Нахли тан он ҷо нагардад хушкшох.
Ҳомилӣ ту мар ҳавосатро кунун
Кунду монда мешавию сарнигун.
Чунки маҳмулӣ, на ҳомил, вақти хоб
Мондагӣ рафту шудӣ беранҷу тоб.
Чошние дон ту ҳоли хобро
Пеши маҳмулии ҳоли авлиё.
Авлиё Асҳоби Каҳфанд, эй ануд!
Дар қиёму дар тақаллуб, «ҳум руқуд».
Мекашадшон бетакаллуф дар фиъол
Бехабар зотулямин, зотушшимол.
Чист он зотулямин? Феъли ҳасан,
Чист он зотушшимол? Ашғоли тан.
Меравад ин ҳар ду кор аз анбиё,
Бехабар з-ин ҳар ду эшон, чун садо.
Гар садоят бишнавонад хайру шар,
Зоти куҳ бошад зи ҳар ду бехабар.

## Гуфтани меҳмони Юсуф, алайҳиссалом, ки ойина овардамат, ки то ҳар боре, ки дар вай нигарӣ, рӯйи хуби хешро бибинӣ, маро ёд кунӣ

Гуфт Юсуф: «Ҳин, биёвар армуғон»,
Ӯ зи шарми ин тақозо зад фиғон.

Гуфт: «Ман чанд армуғон ҷустам туро,
Армуғоне дар назар н-омад маро.
Ҳаббаеро ҷониби кон чун барам?
Қатраеро сӯйи Уммон чун барам?
Зираро ман сӯйи Кирмон оварам,
Гар ба пеши ту дилу ҷон оварам.
Нест тухме, к-андар ин анбор нест,
Ғайри ҳусни ту, ки онро ёр нест.
Лоиқ он дидам, ки ман ойинае
Пеши ту орам чу нури синае,
То бибинӣ рӯйи хуби худ дар он,
Эй ту чун хуршед шамъи осмон.
Ойина овардамат, эй равшанӣ!
То чу бинӣ рӯйи худ, ёдам кунӣ».
Ойина берун кашид ӯ аз бағал,
Хубро ойина бошад муштағал.
Ойинай ҳастӣ чӣ бошад? Нестӣ,
Нестӣ бар, гар ту аблаҳ нестӣ.
Ҳастӣ андар нестӣ битвон намуд,
Молдорон бар фақир оранд ҷуд.
Ойинай софии нон худ гурсунаст,
Сӯхта ҳам ойинай оташзанаст.
Нестию нақс ҳар ҷое, ки хост,
Ойинай хубии ҷумла пешаҳост.
Чунки ҷома чусту дӯзида бувад,
Музҳири фарҳанги дарзӣ чун шавад?
Нотарошида ҳамебояд ҷузӯъ,
То даравгар асл созад ё фурӯъ.
Хоҷаи ишкастабанд он ҷо равад,
К-андар он ҷо пой ишкаста бувад.
Кай шавад, чун нест ранҷури низор,
Он ҷамоли санъати тиб ошкор?
Хорию дунии мисҳо бармало
Гар набошад, кай намояд кимиё?
Нақсҳо ойинаи васфи камол,
В-он ҳақорат ойинай иззу ҷалол.
З-он ки зидро зид кунад пайдо яқин,
З-он ки бо сирка падид аст ангубин.
Ҳар кӣ нақси хешро диду шинохт,
Андар истикмоли худ даҳасба тохт.

З-он намепаррад ба сӯйи зулҷалол,
К-ӯ гумоне мебарад худро камол.
Иллате баттар зи пиндори камол
Нест андар ҷони ту, эй зудалол!
Аз дилу аз дидаат бас хун равад,
То зи ту ин муъҷибӣ берун равад.
Иллати Иблис «ано хайрӣ» будаст
В-ин мараз дар нафси ҳар махлуқ ҳаст.
Гарчи худро бас шикаста бинад ӯ,
Оби софӣ бину саргин зери ҷӯ.
Чун бишӯронад туро дар имтиҳон,
Об саргинранг гардад дарзамон.
Дар таги ҷӯ ҳаст саргин, эй фато,
Гарчи ҷӯ софӣ намояд мар туро.
Ҳаст пири роҳдони пурфитан
Боғҳои нафси кулро ҷӯйкан.
Ҷӯй худро кай тавонад пок кард?
Нофеъ аз илми Худо шуд илми мард.
Кай тарошад теғ дастай хешро?
Рав, ба ҷаррохе супор ин решро.
Бар сари ҳар реш ҷамъ омад магас,
То набинад қубҳи реши хеш кас.
Он магас андешаҳо в-он моли ту
Реши ту, он зулмати аҳволи ту.
Дарниҳад марҳам бар он реши ту пир,
Он замон сокин шавад дарду нафир.
То ки пиндорад, ки сиҳҳат ёфтаст,
Партави марҳам бар он ҷо тофтаст.
Ҳин, зи марҳам сар макаш эй пуштреш
В-он зи партав дон, мадон аз асли хеш.

## Муртад шудани котиби ваҳй ба сабаби он ки партави ваҳй бар ӯ зад, он оятро пеш аз пайғомбар, саллалоҳу алайҳи ва саллам, бихонд, гуфт: «Пас, ман ҳам маҳалли ваҳйам»

Пеш аз Усмон яке нассох буд,
К-ӯ ба насхи ваҳй ҷидде менамуд.

Чун набӣ аз наҳӣ фармудӣ сабақ,
Ӯ ҳамонро вонабиштӣ бар варақ.
Партави он ваҳӣ бар вай тофтӣ,
Ӯ даруни хеш ҳикмат ёфтӣ.
Айни он ҳикмат бифармудӣ расул,
З-ин қадар гумроҳ шуд он булфузул,
К-ончи мегӯяд расули мустанир,
Мар маро ҳаст он ҳақиқат дар замир.
Партави андешааш зад бар расул,
Қаҳри Ҳақ овард бар ҷонаш нузул.
Ҳам зи нассохӣ баромад, ҳам зи дин,
Шуд адувви Мустафову дин ба кин.
Мустафо фармуд, к-эй габриануд!
Чун сиёҳ гаштӣ? Агар нур аз ту буд.
Гар ту янбуъи илоҳӣ будие,
Инчунин оби сиёҳ нагшудие».
То ки номусаш ба пеши ину он
Нашканад, барбаст ин ӯро даҳон.
Андарун месӯхташ ҳам з-ин сабаб,
Тавба кардан менаёрист, ин аҷаб!
Оҳ мекарду набудаш оҳ суд,
Чун даромад теғу сарро даррабуд.
Карда Ҳақ номусро сад ман ҳадид,
Эй басо баста ба банди нопадид.
Кибру куфр он сон бибаст он роҳро,
Ки наёрад кард зоҳир оҳро.
Гуфт: «Ағлолан фаҳум биҳ муқмаҳун»,
Нест он ағлол бар мо аз бурун.
«Халфаҳум саддан фаағшайноҳуму»,
Менабинад бандро пешу пас ӯ.
Ранги саҳро дорад он садде, ки хост,
Ӯ намедонад, ки он садди қазост.
Шоҳиди ту садди рӯйи шоҳид аст,
Муршиди ту садди гуфти муршид аст.
Эй басо куффорро савдои дин,
Бандашон номусу кибри ону ин.
Банд пинҳон, лек аз оҳан батар,
Банди оҳанро кунад пора табар.

Банди оҳанро тавон кардан ҷудо,
Банди ғайбиро надонад кас даво.
Мардро занбӯр агар неше занад,
Табъи ӯ он лаҳза бар дафъе танад.
Захми неш аммо чу аз ҳастии туст,
Ғам қавӣ бошад, нагардад дард суст.
Шарҳи ин аз сина берун меҷаҳад,
Лек метарсам, ки навмедӣ диҳад.
Не, машав навмеду худро шод кун,
Пеши он фарёдрас фарёд кун,
К-эй муҳибби афв! Аз мо афв кун,
Эй табиби ранҷи носури куҳун.
Акси ҳикмат он шақиро ёва кард,
Худ мабин, то барнаёрад аз ту гард.
Эй бародар, бар ту ҳикмат ҷорияст,
Он зи абдол асту бар ту орияст.
Гарчи дар худ хона нуре ёфтаст,
Он зи ҳамсояй мунаввар тофтаст.
Шукр кун, ғурра машав, бинӣ макун,
Гӯш дору ҳеч худбинӣ макун.
Сад дареғу дард, к-ин орийятӣ
Умматонро дур кард аз умматӣ.
Ман ғуломи он ки ӯ дар ҳар работ
Хешро восил надонад бар симот.
Бас работе, ки бибояд тарк кард,
То ба маскан даррасад як рӯз мард.
Гарчи оҳан сурх шуд, ӯ сурх нест,
Партави орийяти оташзанест.
Гар шавад пурнур равзан ё саро,
Ту мадон равшан магар хуршедро.
Ҳар дару девор, гӯяд: «Равшанам,
Партави ғайре надорам, ин манам».
Пас бигӯяд офтоб: «Эй норашид!
Чунки ман ғориб шавам, ояд падид».
Сабзаҳо гӯянд: «Мо сабз аз х(в)адем,
Шоду хандонему бас зебохадем».
Фасли тобистон бигӯяд: «Эй умам!»
Хешро бинед, чун ман бигзарам».

Тан ҳаменозад ба хубию ҷамол,
Рӯҳ пинҳон карда фарру парру бол.
Гӯядаш: «Эй мазбала, ту кистӣ?
Як-ду рӯз аз партави ман зистӣ.
Ғанҷу нозат менагунҷад дар ҷаҳон,
Бош, то ки ман шавам аз ту ҷаҳон.
Гурмдоронат туро гӯре кананд,
Туъмаи морону мӯронат кунанд.
Бинӣ аз ганди ту гирад он касе,
К-ӯ ба пеши ту ҳамемурдӣ басе».
Партави рӯҳ аст нутқу чашму гӯш,
Партави оташ бувад дар об ҷӯш.
Ончунон ки партави ҷон бар тан аст,
Партави абдол бар ҷони ман аст.
Ҷони ҷон чун вокашад поро зи ҷон,
Ҷон чунон гардад, ки беҷон тан, бидон.
Сар аз он рӯ мениҳам ман бар замин,
То гувоҳи ман бувад дар рӯзи дин.
Явми дин, ки «зулзилат зилзолаҳо»
Ин замин бошад гувоҳи ҳолҳо.
Ку «туҳаддис ҷаҳратан ахбораҳо»,
Дар сухан ояд замину хораҳо.
Фалсафӣ мункир шавад дар фикру зан,
Гӯ: Бирав, сарро бар он девор зан.
Нутқи обу нутқи хоку нутқи гил
Ҳаст маҳсуси ҳавоси аҳли дил.
Фалсафӣ, к-ӯ мункири ҳаннона аст,
Аз ҳавоси авлиё бегона аст.
Гӯяд ӯ, ки партави савдои халқ,
Бас хаёлот оварад дар рои халқ.
Балки акси он фасоду куфри ӯ
Ин хаёли мункириро зад бар ӯ.
Фалсафӣ мар devро мункир шавад,
Дар ҳамон дам сухраи деве бувад.
Гар надидӣ девро, худро бибин,
Бе ҷунун набвад кабудӣ бар ҷабин.
Ҳар киро дар дил шаку печонӣ аст,
Дар ҷаҳон ӯ фалсафий пинҳонӣ аст.

Менамояд эътиқоду гоҳ – гоҳ
Он раги фалсаф кунад рӯяш сиёҳ.
Алҳазар, эй муъминон, к-он дар шумост,
Дар шумо бас олами бемунтаҳост.
Ҷумла ҳафтоду ду миллат дар ту аст,
Ваҳ, ки рӯзе он барорад аз ту даст.
Ҳар кӣ ӯро барги он имон бувад,
Ҳамчу барг аз бими ин ларзон бувад.
Бар Билису дев з-он хандидаӣ,
Ки ту худро некмардум дидаӣ.
Чун кунад ҷон божгуна пӯстин,
Чанд вовайло барояд з-аҳли дин.
Бар дукон ҳар зарнамо хандон шудаст,
З-он ки санги имтиҳон пинҳон шудаст.
Парда, эй саттор, аз мо бармагир,
Бош андар имтиҳон моро муҷир.
Қалб паҳлӯ мезанад бо зар ба шаб,
Интизори рӯз медорад заҳаб.
Бо забони ҳол зар гӯяд, ки «Бош,
Эй музаввар, то барояд рӯз фош».
Сад ҳазорон сол Иблиси лаъин
Буд з-абдолу амирулмуъминин.
Панҷа зад бо Одам аз нозе, ки дошт,
Гашт расво ҳамчу саргин вақти чошт.

## Дуо кардани Балъами Боъур, ки Мӯсо ва қавмашро аз ин шаҳр, ки ҳисор додаанд, бемурод бозгардон ва мустаҷоб шудани дуъои ӯ

Балъами Боъурро халқи ҷаҳон
Суғба шуд монанди Исои замон.
Саҷда н-овsecurityанд касро дуни ӯ,
Сиҳҳати ранҷур буд афсуни ӯ.
Панҷа зад бо Мӯсӣ аз кибру камол,
Ончунон шуд, ки шунидастӣ ту ҳол.
Сад ҳазор Иблису Балъам дар ҷаҳон
Ҳамчунин будаст пайдову ниҳон.

Ин дуро машҳур гардонид Илоҳ,
То ки бошад ин ду бар боқӣ гувоҳ.
Ин ду дузд овехт аз дори баланд
В-арна андар қаҳр бас дуздон буданд.
Ин дуро парчам ба сӯйи шаҳр бурд,
Куштагони қаҳрро натвон шумурд.
Нозанинӣ ту, вале дар ҳадди хеш,
Аллаҳ, Аллаҳ, по манеҳ аз ҳадд беш.
Гар занӣ бар нозанинтар аз худат,
Дар таги ҳафтум замин зер орадат.
Қиссаи Оду Самуд аз баҳри чист?
То бидонӣ, к-анбиёро нозукист.
Ин нишони хасфу қазфу соиқа,
Шуд баёни иззи нафси нотиқа.
Ҷумла ҳайвонро пайи инсон бикуш,
Ҷумла инсонро бикуш аз баҳри ҳуш.
Ҳуш чӣ бошад? Ақли кулли ҳушманд,
Ҳуш ҷузве ҳуш бувад, аммо нажанд.
Ҷумла ҳайвоноти ваҳшӣ з-одамӣ
Бошад аз ҳайвони инсӣ дар камӣ.
Хуни онҳо халқро бошад сабил,
З-он ки ваҳшиянд аз ақли ҷалил.
Иззати ваҳшӣ бад-он афтод паст,
Ки мар инсонро мухолиф омадаст.
Пас, чӣ иззат бошадат, эй нодира!
Чун шудӣ ту «ҳумурун мустанфира?»
Хар нашояд кушт аз баҳри салоҳ,
Чун шавад ваҳшӣ, шавад хунаш мубоҳ.
Гарчи харро дониши зоҷир набуд,
Ҳеч маъзураш намедорад вадуд.
Пас, чу ваҳшӣ шуд аз он дам одамӣ,
Кай бувад маъзур, эй ёри самӣ?
Лоҷарам куффорро шуд хун мубоҳ
Ҳамчу ваҳшӣ пеши нушшобу римоҳ.
Ҷуфту фарзандонашон ҷумла сабил,
З-он ки беақланду мардуду залил.
Боз ақле, к-ӯ рамад аз ақли ақл,
Кард аз ақле ба ҳайвонот нақл.

## Эътимод кардани Ҳоруту Морут бар исмати хеш ва амирии аҳли дунё хостан ва дар фитна афтодан

Ҳамчу Ҳоруту чу Моруги шаҳир
Аз батар хӯрданд заҳролуд тир.
Эътимоде будашон бар қудси хеш,
Чист бар шер эътимоди говмеш?
Гарчи ӯ бо шох сад чора кунад,
Шох-шохаш шери нар пора кунад.
Гар шавад пуршох ҳамчун хорпушт,
Шер хоҳад говро ночор кушт.
Гарчи сарсар бас дарахтон меканад,
Бо гиёҳи тар вай эҳсон мекунад.
Бар заъифии гиёҳ он боди тунд
Раҳм кард, эй дил, ту аз қувват малунд.
Тешаро з-анбӯҳии шохи дарахт
Кай ҳарос ояд? Бибуррад лахт-лахт.
Лек бар барге накӯбад хешро,
Ҷуз ки бар неше накӯбад нешро.
Шуъларо з-анбӯҳии ҳезум чӣ ғам?
Кай рамад қассоб аз хайли ғанам?
Пеши маънӣ чист сурат? Бас забун,
Чархро маъниш медорад нигун.
Ту қиёс аз чархи дӯлобӣ бигир,
Гардишаш аз кист? Аз ақли мушир.
Гардиши ин қолаби ҳамчун сипар
Ҳаст аз рӯҳи мусаттар, эй писар!
Гардиши ин бод аз маънии ӯст,
Ҳамчу чархе, к-он асири оби ҷӯст.
Ҷарру madду дахлу харҷи ин нафас
Аз кӣ бошад ҷуз зи ҷони пурҳавас?
Гоҳ «ҷим»-аш мекунад, гаҳ «ҳо»-ву «дол»,
Гоҳ сулҳаш мекунад, гоҳе ҷидол.
Гаҳ яминаш мебарад, гоҳе ясор,
Гаҳ гулистонаш кунад, гоҳеш хор.
Ҳамчунин ин бодро Яздони мо
Карда буд бар Од ҳамчун аждаҳо.

Боз ҳам он бодро бар муъминон
Карда буд сулҳу муроoту амон.
Гуфт: «Ал-маънӣ ҳуваллаҳ» шайхи дин,
Баҳри маъниҳои раббулоламин.
Ҷумла атбоқи замину осмон
Ҳамчу хошоке дар он баҳри равон.
Ҳамлаҳову рақси хошок андар об,
Ҳам зи об омад ба вақти изтироб.
Чунки сокин хоҳадаш кард аз миро,
Сӯйи соҳил афганад хошокро.
Чун кашад аз соҳилаш дар мавҷгоҳ,
Он кунад бо ӯ, ки оташ бо гиёҳ.
Ин ҳадис охир надорад, бозрон
Ҷониби Ҳоруту Морут, эй ҷавон!

## Боқиии қиссаи Ҳоруту Морут ва наколу уқубати эшон ҳам дар дунё ба чоҳи Бобил

Чун гуноҳу фисқи халқони ҷаҳон
Мешудӣ бар ҳар ду равшан он замон.
Даст хойидан гирифтандӣ зи хашм,
Лек айби худ надидандӣ ба чашм.
Хеш дар ойина дид он зиштмард,
Рӯ бигардонид аз ону хашм кард.
Хешбин чун аз касе ҷурме бидид,
Оташе дар вай зи дӯзах шуд падид.
Ҳамяти дин хонад ӯ он кибрро,
Нангарад дар хеш нафси габрро.
Ҳамяти динро нишони дигар аст,
Ки аз он оташ ҷаҳоне ахзар аст.
Гуфт Ҳақшон: «Гар шумо равшангаред,
Дар сияҳкорони муғфал мангаред.
Шукр гӯед, эй сипоҳу чокарон,
Растаед аз шаҳвату аз чоки рон.
Гар аз он маънӣ ниҳам ман бар шумо,
Мар шуморо беш напзирад само.
Исмате, ки мар шуморо дар тан аст,
Он зи акси исмату ҳифзи ман аст.

Он зи ман бинед, н-аз худ, ҳину ҳин!
То начарбад бар шумо деви лаъин».
Ончунон ки котиби ваҳйи расул
Дид ҳикмат дар худу нури усул,
Хешро ҳамсавти мурғони Худо
Мешумурд, он буд сафире чун садо.
Лаҳни мурғонро агар восиф шавӣ,
Бар муроди мурғ кай воқиф шавӣ?
Гар биёмӯзӣ сафири булбуле,
Ту чӣ донӣ, к-ӯ чӣ дорад бо гуле?
В-ар бидонӣ, бошад он ҳам аз гумон,
Чун зи лаб ҷунбон гумонҳои карон.

## Ба иёдат рафтани кар бар ҳамсояи ранҷури хеш

Он кареро гуфт афзунмояе,
Ки туро ранҷур шуд ҳамсояе.
Гуфт бо худ кар, ки бо гӯши гарон
Ман чӣ дарёбам зи гуфти он ҷавон?
Хоса ранҷуру заифовоз шуд,
Лек бояд рафт он ҷо. Нест буд.
Чун бибинам, к-он лабаш ҷунбон шавад,
Ман қиёсе гирам онро ҳам зи х(в)ад.
Чун бигӯям: «Чунӣ, эй меҳнаткашам?»
Ӯ бихоҳад гуфт: «Некам ё х(в)ашам».
Ман бигӯям: «Шукр, чӣ хӯрдӣ або?»
Ӯ бигӯяд: «Шарбате ё мошбо».
Ман бигӯям: «Сиҳҳа, нӯшат! Кист он,
Аз табибон пеши ту?» Гӯяд фалон».
Ман бигӯям: «Бас муборакпост ӯ,
Чунки ӯ омад, шавад корат накӯ».
Пойи ӯро озмудастем мо,
Ҳар куҷо шуд, мешавад ҳоҷат раво».
Ин ҷавоботи қиёсӣ рост кард,
Пеши он ранҷур шуд он некмард.
Гуфт: «Чунӣ?» Гуфт: «Мурдам». Гуфт: «Шукр»,
Шуд аз ин ранҷур пурозору нукр.

К-ин чӣ шукр аст? Ӯ магар бо мо бад аст?
Кар қиёсе карду он каж омадаст.
Баъд аз он гуфташ: «Чӣ хӯрдӣ?» Гуфт: «Заҳр»,
Гуфт: «Нӯшат бод». Афзун гашт қаҳр.
Баъд аз он гуфт: «Аз табибон кист ӯ,
Ки ҳамеояд ба чора пеши ту?»
Гуфт: «Азроил меояд. Бирав»,
Гуфт: «Пояш бас муборак. Шод шав».
Кар бурун омад, бигуфт ӯ шодмон:
«Шукр, к-иш кардам муроот ин замон».
Гуфт ранҷур: «Ин адувви ҷони мост,
Мо надонистем, к-ӯ кони ҷафост».
Хотири ранҷур ҷӯён шуд сақат,
То ки пайғомаш кунад аз ҳар намат.
Чун касе, ки хӯрда бошад оши бад,
Мебишӯронад дилаш, то қай кунад.
Казми ғайз ин аст, онро қай макун,
То биёбӣ дар ҷазо ширин сухун.
Чун набудаш сабр, мепечид ӯ,
К-ин саги занрӯспии ҳез ку?
То бирезам бар вай, он чи гуфта буд,
К-он замон шери замирам хуфта буд.
Чун иёдат баҳри диломӣ аст,
Ин иёдат нест, душманкомӣ аст.
То бибинад душмани худро низор,
То бигирад хотири зишташ қарор».
Бас касон, к-эшон зи тоат гумраҳанд,
Дил ба ризвону савоби он диҳанд.
Худ ҳақиқат маъсият бошад хафӣ,
Бас кадир, к-онро ту пиндорӣ сафӣ.
Ҳамчу он кар, к-ӯ ҳаме пиндоштаст,
К-ӯ накӯӣ карду он баръакс ҷаст.
Ӯ нишаста хуш, ки хидмат кардаам,
Ҳаққи ҳамсоя ба ҷо овардаам.
Баҳри худ ӯ оташе афрӯхтаст
Дар дили ранҷуру худро сӯхтаст.
«Фаттақу-н-нораллатӣ ав қадтуму,
Иннакум фи-л-маъсия из дадтуму».

Гуфт пайғамбар ба як соҳибриё:
«Салли иннак лам тусалли ё фато».
Аз барои чораи ин хавфҳо
Омад андар ҳар намози «иҳдино»,
К-ин намозамро маёмез, эй Худо,
Бо намози золлин в-аҳли риё.
Аз қиёсе, ки бикард он кар гузин,
Суҳбати даҳсола ботил шуд бад-ин.
Хоса, эй хоҷа, қиёси ҳисси дун
Андар он ваҳйе, ки ҳаст аз ҳад фузун.
Гӯши ҳисси ту ба ҳарф ар дарх(в)ар аст,
Дон, ки гӯши ғайбгири ту кар аст.

## Аввалкасе, ки дар муқобилаи насс қиёс овард, Иблис буд

Аввал он кас, к-ин қиёсакҳо намуд
Пеши анвори Худо, Иблис буд.
Гуфт: «Нор аз хок бешак беҳтар аст,
Ман зи нору ӯ зи хоки акдар аст.
Пас, қиёси фаръ бар аслаш кунем,
Ӯ зи зулмат, мо зи нури равшанем».
Гуфт Ҳақ: «На, балки «ло ансоб» шуд,
Зуҳду тақво фазлро меҳроб шуд.
Ин на мероси ҷаҳони фонӣ аст,
Ки ба ансобаш биёбӣ, ҷонӣ аст.
Балки ин меросҳои анбиёст,
Ворисиин ҷонҳои атқиёст.
Пури он Бӯҷаҳл шуд муъмин аён,
Пури он Нӯҳи набӣ аз гумраҳон.
Зодаи хоке мунаввар шуд чу моҳ,
Зодаи оташ туӣ, рав рӯсиёҳ».
Ин қиёсоту таҳаррӣ рӯзи абр
Ё ба шаб мар қибларо кардаст ҳабр.
Лек бо хуршеду Каъба пеши рӯ
Ин қиёсу ин таҳарриро маҷӯ.
Каъба нодида макун, рӯ з-ӯ матоб
Аз қиёс, «Аллоҳу аълам би-с-савоб».

Чун сафире бишнавӣ аз мурғи Ҳақ,
Зоҳирашро ёд гирӣ чун сабақ.
В-он гаҳе аз худ қиёсоте кунӣ,
Мар хаёли маҳзро зотӣ кунӣ.
Истилоҳотест мар абдолро,
Ки набошад з-он хабар ақволро.
Мантиқуттайре ба савт омӯхтӣ,
Сад қиёсу сад ҳавас афрӯхтӣ.
Ҳамчу он ранҷур дилҳо аз ту хаст,
Кар ба пиндори исобат гашта маст.
Котиби он ваҳй з-он овози мурғ
Бурда занне, к-ӯ бувад ҳамбози мурғ.
Мурғ парре зад, мар ӯро кӯр кард,
Нак фурӯ бурдаш ба қаъри маргу дард.
Ҳин, ба аксе ё ба занне ҳам шумо
Дармаяфтед аз мақомоти само.
Гарчи Ҳорутеду Моруту фузун,
Аз ҳама бар боми наҳнуссофувун,
Бар бадиҳои бадон раҳмат кунед,
Бар манию хешбин лаънат кунед.
Ҳин, мабодо ғайрат ояд аз камин,
Сарнигун афтед дар қаъри замин.
Ҳар ду гуфтанд: «Эй Худо, фармон туrост,
Бе амони ту амоне худ куҷост?»
Ин ҳамегуфтанду дилшон метапид:
«Бад куҷо ояд зи мо? Ниъма-л-абид».
Хор-хори ду фаришта ҳам наҳишт,
То ки тухми хешбиниро накишт.
Пас ҳамегуфтанд, к-эй аркониён,
Бехабар аз покии рӯҳониён.
Мо бар ин гардун тутуқҳо метанем,
Бар замин оем, шодурвон занем.
Адл тӯзему ибодат оварем,
Боз ҳар шаб сӯйи гардун барпарем.
То шавем уъҷубаи даври замон,
То ниҳем андар замин амну амон.
Он қиёси ҳоли гардун бар замин
Рост н-ояд, фарқ дорад дар камин.

## Дар баёни он ки ҳоли худ ва мастии худ пинҳон бояд дошт аз ҷоҳилон

Бишнав алфози ҳакими пардаӣ:
Сар ҳамон ҷо неҳ, ки бода х(в)ардаӣ.
Чунки аз майхона масте зол шуд,
Тасхару бозичаи атфол шуд.
Мефитад ӯ сӯ ба сӯ бар ҳар раҳе
Дар гилу механдадаш ҳар аблаҳе.
Ӯ чунину кӯдакон андар паяш,
Бехабар аз мастию завқи маяш.
Халқ атфоланд, ҷуз масти Худо,
Нест болиғ, ҷуз раҳида аз ҳаво.
Гуфт: «Дунё лавҳу лаъб асту шумо
Кӯдакет-у» рост фармояд Худо.
Аз лаъиб берун нарафтӣ кӯдаке,
Бе закоти рӯҳ кай бошӣ закӣ?
Чун ҷимоъи тифл дон ин шаҳвате,
Ки ҳамеронанд ин ҷо, эй фатӣ.
Он ҷимоъи тифл чӣ бвад? Бозие
Бо ҷимоъи Рустамею ғозие.
Ҷанги халқон ҳамчу ҷанги кӯдакон,
Ҷумла бемаънию бемағзу муҳон.
Ҷумла бо шамшери чӯбин ҷангашон,
Ҷумла дар «лоянфаъӣ» оҳангашон.
Ҷумлашон гашта савора бар найе,
К-ин Буроқи мост ё Дулдулпайе.
Ҳомиланду худ зи ҷаҳл афрошта,
Рокибу маҳмули раҳ пиндошта.
Бош то рӯзе, ки маҳмулони Ҳақ
Асптозон бигзаранд аз нуҳ табақ.
«Таъруҷу-р-рӯҳу илайҳи ва-л-малак,
Мин уруҷи-р-рӯҳи яҳтарру-л-фалак».
Ҳамчу тифлон ҷумлатон домансавор,
Гӯшаи доман гирифта асбвор.
Аз Ҳақ «инна занна ло юғнӣ» расид,
Маркаби зан(н) бар фалакҳо кай давид?

«Ағлабу-з-заннайни фӣ тарҷиҳи зо
Ло тумори-ш-шамса фӣ тавзиҳиҳо».
Он гаҳе бинед маркабҳои хеш,
Маркабе созидает аз пойи хеш.
Ваҳму фикру ҳиссу идроки шумо
Ҳамчу най дон маркаби кӯдак, ҳало!
Илмҳои аҳли дил ҳаммолашон,
Илмҳои аҳли тан аҳмолашон.
Илм чун бар дил занад, ёре шавад ,
Илм чун бар тан занад, боре шавад.
Гуфт Эзад: «Яҳмилу асфораҳу»
Бор бошад илм, к-он набвад зи ҳу.
Илм, к-он набвад зи ҳу бевосита,
Он напояд ҳамчу ранги мошита.
Лек чун ин борро некӯ кашӣ,
Бор баргиранду бахшандат х(в)ашӣ.
Ҳин, макаш бахри ҳаво он бори илм,
То бибинӣ дар дарун анбори илм .
То ки бар раҳвори илм ойӣ савор,
Баъд аз он афтад туро аз дӯш бор.
Аз ҳавоҳо кай раҳӣ бе ҷоми ҳу?
Эй зи ҳу қонеъ шуда бо номи ҳу.
Аз сифат в-аз ном чӣ зояд? Хаёл
В-он хаёлаш ҳаст даллоли висол.
Дидаӣ даллоли бемадлул ҳеч?
То набошад ҷода, набвад ғул ҳеч.
Ҳеч номе бе ҳақиқат дидаӣ?
Ё зи «гоф»-у «лом»-и гул гул чидаӣ?
Исм хондӣ, рав, мусамморо биҷӯ,
Маҳ ба боло дон, на андар оби ҷӯ.
Гар зи ному ҳарф хоҳӣ бигзарӣ,
Пок кун худро зи худ, ҳин, яксарӣ.
Ҳамчу оҳан з-оҳане беранг шав,
Дар риёзат ойинай безанг шав.
Хешро софӣ кун аз авсофи худ,
То бибинӣ зоти поки софи худ.
Бинӣ андар дил улуми анбиё,
Бе Китобу бе муъиду усто.

Гуфт пайғамбар, ки ҳаст азumмматам,
К-ӯ бувад ҳам гавҳару ҳам ҳимматам.
Мар маро з-он нур бинад ҷонашон,
Ки ман эшонро ҳамебинам бад-он.
Бе саҳеҳайну аҳодису рувот,
Балки андар машраби оби ҳаёт.
Сирри «амсайно лакурдийян» бидон,
Рози «асбаҳно аробийян» бихон.
В-ар мисоле хоҳӣ аз илми ниҳон,
Қисса гӯ аз румиёну чиниён. 3480

## Қиссаи мирӣ кардани румиёну чиниён дар илми наққошӣ ва суратгарӣ

Чиниён гуфтанд: «Мо наққоштар»,
Румиён гуфтанд: «Моро карру фар».
Гуфт султон: «Имтиҳон хоҳам дар ин,
К-аз шумоҳо кист дар даъво гузин?»
Аҳли Чину Рум чун ҳозир шуданд,
Румиён дар илм воқифтар буданд.
Чиниён гуфтанд: «Як хона ба мо
Хос биспоред у як они шумо».
Буд ду хона муқобил, дар ба дар,
З-он яке чинӣ ситад, румӣ дигар. 3485
Чиниён сад ранг аз шаҳ хостанд,
Пас хазина боз кард он арҷманд.
Ҳар сабоҳе аз хазина рангҳо
Чиниёнро ротиба буд аз ато.
Румиён гуфтанд: «На нақшу на ранг
Дархурояд корро, ҷуз дафъи занг».
Дар фурӯ бастанду сайқал мезаданд,
Ҳамчу гардун сodaву софӣ шуданд.
Аз дусад ранге ба берангӣ раҳест,
Ранг чун абр асту берангӣ маҳест. 3490
Ҳар чӣ андар абр зав бинию тоб,
Он зи ахтар дону моҳу офтоб.
Чиниён чун аз амал фориғ шуданд,
Аз пайи шодӣ дуҳулҳо мезаданд.

Шаҳ даромад, дид он ҷо нақшҳо,
Мерабуд он ақлрову фаҳмро.
Баъд аз он омад ба сӯйи румиён,
Пардаро боло кашиданд аз миён.
Акси он тасвиру он кирдорҳо
Зад бар ин софишуда деворҳо.
Ҳар чӣ он ҷо дид, ин ҷо беҳ намуд,
Дидаро аз дидахона мерабуд.
Румиён он сӯфиёнанд, эй падар!
Бе зи такрору китобу бе ҳунар.
Лек сайқал кардаанд он синаҳо,
Пок аз озу ҳирсу бухлу кинаҳо.
Он сафои ойина васфи дил аст,
Сурати бемунтаҳоро қобил аст.
Сурати бесурати беҳадди ғайб
З-ойинай дил тофт бар Мӯсо зи чайб.
Гарчи он сурат нагунҷад дар фалак,
На ба аршу фаршу дарёву самак.
З-он ки маҳдуд асту маъдуд аст он,
Ойинай дилро набошад ҳад, бидон.
Ақл ин ҷо сокит омад ё музил,
З-он ки дил бо ӯст ё худ ӯст дил.
Акси ҳар нақше натобад то абад,
Ҷуз зи дил ҳам боадад, ҳам беадад.
То абад ҳар нақши нав, к-ояд бар ӯ,
Менамояд бе ҳиҷобе андар ӯ.
Аҳли сайқал растаанд аз бӯю ранг,
Ҳар даме бинанд хубӣ бедиранг.
Нақшу қишри илмро бигзоштанд,
Рояти айнуляқин афроштанд.
Рафт фикру рӯшноӣ ёфтанд,
Наҳру баҳри ошноӣ ёфтанд.
Марг, к-ин ҷумла аз ӯ дар ваҳшатанд,
Мекунанд ин қавм бар вай ришханд.
Кас наёбад бар дили эшон зафар,
Бар садаф ояд зарар, на бар гуҳар.
Гарчи наҳву фиқҳро бигзоштанд,
Лек маҳви фақрро бардоштанд.

То нуқуши ҳашт ҷаннат тофтаст,
Лавҳи дилшонро пазиро ёфтаст.
Бартаранд аз аршу курсию хало,
Сокинони «мақъади сидқ»-и Худо.

## Пурсидани пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мар Зайдро, ки имрӯз чунӣ ва чун бархостӣ? Ва ҷавоб гуфтани ӯ, ки «асбаҳту муъминан, ё расулаллоҳ!»

Гуфт пайғамбар сабоҳе Зайдро:
«Кайфа асбаҳт, эй рафиқи босафо?»
Гуфт: «Абдан муъминан». Боз ӯ-ш гуфт:
«Ку нишон аз боғи имон, гар шукуфт?»
Гуфт: «Ташна будаам ман рӯзҳо,
Шаб нахуфтастам зи ишқу сӯзҳо.
То зи рӯзу шаб гузар кардам чунон,
Ки зи испар бигзарад нӯки синон,
Ки аз он сӯ ҷумлаи миллат якест,
Сад ҳазорон солу як соат якест.
Ҳаст азалрову абадро иттиҳод,
Ақлро раҳ нест он сӯ з-иftиқод».
Гуфт: «Аз ин раҳ ку раҳоварде? Биёр,
Дархури фаҳму уқули ин диёр».
Гуфт: «Халқон чун бибинанд осмон,
Ман бибинам аршро бо аршиён.
Ҳашт ҷаннат, ҳафт дӯзах пеши ман
Ҳаст пайдо ҳамчу бут пеши шаман.
Як ба як вомешиносам халқро
Ҳамчу гандум ман зи ҷав дар осиё,
Ки биҳиштӣ кисту бегона кӣ аст?
Пеши ман пайдо чу мору моҳӣ аст.
Ин замон пайдо шуда бар ин гурӯҳ
«Явма табяззу ва тасвадду вуҷӯҳ».
Пеш аз ин ҳарчанд ҷон пурайб буд,
Дар раҳим буду зи халқон ғайб буд.
«Аш-шақиййу ман шақӣ фӣ батни-л-ум,
Мин симоти-л-ҷисми юъраф ҳолуҳум».

Тан чу модар тифли ҷонро ҳомила,
Марг дарди зодан асту зилзила.
Ҷумла ҷонҳои гузашта мунтазир,
То чӣ гуна зояд он ҷони батир.
Зангиён гӯянд: «Худ аз мост ӯ»,
Румиён гӯянд: «Бас зебост ӯ».
Чун бизояд дар ҷаҳони ҷону ҷуд,
Пас намонад ихтилофи байзу суд.
Гар бувад зангӣ, барандаш зангиён,
Румро румӣ барад ҳам аз миён.
То назод ӯ, мушкилоти олам аст,
Он ки нозода шиносад, ӯ кам аст.
Ӯ магар «янзур бинуриллаҳ» бувад,
К-андаруни пӯст ӯро раҳ бувад.
Асли оби нутфа испед асту х(в)аш,
Лек акси ҷони румию ҳабаш
Медиҳад ранг аҳсану-т-тақвимро,
То ба асфал мебарад ин нимро.
Ин сухан поён надорад, бозрон,
То намонем аз қатори корвон.
«Явма табяззу ва тасвадду вуҷӯҳ»,
Турку ҳинду шуҳра гардад з-он гурӯҳ.
Дар раҳим пайдо набошад ҳинду турк,
Чунки зояд, бинадаш зору сутург.
Ҷумларо чун рӯзи растохез ман
Фош мебинам аён аз марду зан.
Ҳин, бигӯям ё фурӯ бандам нафас?»
Лаб газидаш Мустафо, яъне ки бас.
«Ё расулаллаҳ, бигӯям сирри ҳашр?
Дар ҷаҳон пайдо кунам имрӯз нашр.
Ҳил маро, то пардаҳоро бардарам,
То чу хуршеде битобад гавҳарам.
То кусуф ояд зи ман хуршедро,
То намоям нахлрову бедро.
Вонамоям рози растохезро,
Накдрову накди қалбомезро.
Дастҳо бибрида асҳоби шимол,
Вонамоям ранги куфру ранги ол.

Вогушоям ҳафт сӯрохи нифоқ
Дар зиёи моҳ бе хасфу муҳоқ.
Вонамоям ман палоси ашқиё,
Бишнавонам таблу кӯси анбиё.
Дӯзаху ҷанноту барзах дар миён,
Пеши чашми кофирон орам аён.
Вонамоям ҳавзи Кавсарро ба ҷӯш,
К-об бар рӯшон занад, бонгаш ба гӯш.
В-он касон, ки ташна бар гирдаш давон
Гаштаанд, ин дам намоям ман аён.
Мебисояд дӯшашон бар дӯши ман,
Наъраҳошон мерасад дар гӯши ман.
Аҳли ҷаннат пеши чашмам з-ихтиёр
Даркашида якдигарро дар канор.
Дасти ҳамдигар зиёрат мекунанд,
Аз лабон ҳам бӯса ғорат мекунанд.
Кар шуд ин гӯшам зи бонги оҳ-оҳ,
Аз хасону наъраи «во ҳасратоҳ».
Ин ишоратҳост гӯям аз нуғул,
Лек метарсам зи озори расул».
Ҳамчунин мегуфт сармасту хароб,
Дод пайғамбар гиребонаш ба тоб.
Гуфт: «Ҳин, даркаш, ки асбат гарм шуд,
Акси Ҳақ «ло ястаҳӣ» зад, шарм шуд.
Ойинай ту ҷаст берун аз ғилоф,
Ойина-в мизон куҷо гӯяд хилоф?
Ойина-в мизон куҷо бандад нафас
Баҳри озору ҳаёи ҳеч кас?
Ойина-в мизон миҳакҳои санӣ,
Гар дусад солаш ту хидматҳо кунӣ,
К-аз барои ман бипӯшон ростӣ,
Бар фузун бинмову манмо костӣ.
Ӯ-т гӯяд ришу сиблат, бармаханд!
Ойина-в мизону он гаҳ реву панд?
Чун Худо моро барои он фарохт,
Ки ба мо битвон ҳақиқатро шинохт.
Ин набошад, мо чӣ арзем, эй ҷавон,
Кай шавем ойини рӯйи некувон?

Лек даркаш дар намад ойинаро,
К-аз таҷаллӣ, кард Сино синаро».
Гуфт: «Охир ҳеч гунҷад дар бағал
Офтоби Ҳаққу хуршеди азал?
Ҳам дағалро, ҳам бағалро бардарад,
На ҷунун монад ба пешаш, на хирад».
Гуфт: «Як исбаъ чу бар чашме ниҳӣ,
Бинад аз хуршед оламро тиҳӣ».
Як сари ангушт пардай моҳ шуд
В-ин нишони сотирий Аллоҳ шуд.
То бипӯшонад ҷаҳонро нуқтае,
Меҳр гардад мункасиф аз сақтае.
Лаб бибанду ғаври дарёе нигар,
Баҳрро Ҳақ кард маҳкуми башар.
Ҳамчу чашмай Силсабилу Занҷабил
Ҳаст дар ҳукми биҳиштии ҷалил.
Чор ҷӯйи ҷаннат андар ҳукми мост,
Ин на зӯри мо, зи фармони Худост.
Ҳар куҷо хоҳем, доремаш равон
Ҳамчу сеҳр андар муроди соҳирон.
Ҳамчу ин ду чашмаи чашми равон
Ҳаст дар ҳукми дилу фармони ҷон.
Гар бихоҳад, рафт сӯйи заҳру мор,
В-ар бихоҳад, рафт сӯйи эътибор.
Гар бихоҳад, сӯйи маҳсусот рафт
В-ар бихоҳад, сӯйи малбусот рафт.
Гар бихоҳад, сӯйи куллийёт ронд
В-ар бихоҳад, ҳабси ҷузвийёт монд.
Ҳамчунин ҳар панҷ ҳис чун ноиза
Бар муроду амри дил шуд ҷоиза.
Ҳар тараф, ки дил ишорат кардашон,
Меравад ҳар панҷ ҳис доманкашон.
Дасту по дар амри дил андар мало,
Ҳамчу андар дасти Мӯсо он асо.
Дил бихоҳад, по дарояд з-ӯ ба рақс,
Ё гурезад сӯйи афзунӣ зи нақс.
Дил бихоҳад, даст ояд дар ҳисоб
Бо асобеъ, то нависад ӯ китоб.

Даст дар дасти ниҳонӣ мондааст,
Ӯ дарун, танро бурун биншондааст.
Гар бихоҳад, бар адӯ море шавад,
В-ар бихоҳад, бар валӣ ёре шавад.
В-ар бихоҳад, кафчае дар хурданӣ
В-ар бихоҳад, ҳамчу гурзи даҳманӣ.
Дил чӣ мегӯяд бад-эшон? Эй аҷаб!
Турфа васлат, турфа пинҳонӣ сабаб.
Дил магар муҳри Сулаймон ёфтаст?
Ки маҳори панҷ ҳис бартофтаст.
Панҷ ҳиссе аз бурун майсури ӯ,
Панҷ ҳиссе аз дарун маъмури ӯ.
Даҳ ҳис асту ҳафт андому дигар,
Он чи андар гуфт н-ояд, мешумар.
Чун Сулаймонӣ, дило, дар меҳтарӣ
Бар парию дев зан ангуштарӣ.
Гар дар ин мулкат барӣ бошӣ зи рев,
Хотам аз дасти ту настонад се дев.
Баъд аз он олам бигирад исми ту,
Ду ҷаҳон маҳкуми ту, чун ҷисми ту.
В-ар зи дастат дев хотамро бибурд,
Подшоҳӣ фавт шуд, бахтат бимурд.
Баъд аз он «ё ҳасрато» шуд «ё ибод»,
Бар шумо маҳтум то «явма-т-танод».
Макри худро гар ту инкор оварӣ,
Аз тарозу в-ойина кай ҷон барӣ?

## Муттаҳам кардани ғуломону хоҷатошон мар Луқмонро, ки он меваҳои тарванда, ки меовардем, ӯ хӯрдааст

Буд Луқмон пеши хоҷай хештан,
Дар миёни бандагонаш хортан.
Мефиристод ӯ ғуломонро ба боғ,
То ки мева оядаш баҳри фароғ.
Буд Луқмон дар ғуломон чун туфайл,
Пурмаъонӣ, тирасурат, ҳамчу лайл.

Он ғуломон меваҳои ҷамъро
Хуш бихӯрданд аз наҳиби тамъро.
Хоҷаро гуфтанд: «Луқмон хӯрд он»,
Хоҷа бар Луқмон туруш гашту гарон.
Чун тафаҳҳус кард Луқмон аз сабаб,
Дар итоби хоҷааш бигшод лаб.
Гуфт Луқмон: «Саййидо, пеши Худо
Бандаи хоин набошад муртазо.
Имтиҳон кун ҷумламонро, эй карим,
Серамон дардеҳ ту аз оби ҳамим.
Баъд аз он моро ба саҳрое калон
Ту савора, мо пиёда медавон.
Онгаҳон бингар ту бадкирдорро,
Сунъҳои кошифуласрорро».
Гашт соқӣ хоҷа аз оби ҳамим
Мар ғуломонрову хӯрданд он зи бим.
Баъд аз он мерондашон дар даштҳо,
Медавиданд он нафар таҳту уло.
Қай дарафтоданд эшон аз ано,
Об меоvард з-эшон меваҳо.
Чунки Луқмонро даромад қай зи ноф,
Мебаромад аз дарунаш оби соф.
Ҳикмати Луқмон чу донад ин намуд,
Пас, чӣ бошад ҳикмати раббулвуҷуд?
«Явма тубло ва-с-сароир куллуҳо,
Бона минкум коминун ло юштаҳо».
Чун «суқу моъун ҳамиман, қуттиат,
Ҷумлату-л-астори, миммо уфзиат».
Нор з-он омад азоби кофирон,
Ки ҳаҷарро нор бошад имтиҳон.
Он дили чун сангро мо чанд-чанд,
Нарм гуфтему намепазруфт панд.
Реши бадро доруи бад ёфт раг,
Мар сари харро сари дандони саг.
«Ал-хабисот ал-хабисин» ҳикмат аст,
Зиштро ҳам зишт ҷуфту бобат аст.
Пас, ту ҳар ҷуфте, ки мехоҳӣ, бирав,
Маҳву ҳамшаклу сифоти ӯ бишав.

Нур хоҳӣ, мустаъидди нур шав,
Дур хоҳӣ, хеш бину дур шав. 3620
В-ар раҳе хоҳӣ аз ин сиҷни хариб,
Сар макаш аз дӯст «в-асҷуд в-ақтариб».

## Бақияи қиссаи Зайд дар ҷавоби расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам

Ин сухан поён надорад, хез, Зайд,
Бар буроқи нотиқа барбанд қайд.
Нотиқа чун фозеҳ омад айбро,
Медаронад пардаҳои ғайбро.
Ғайб матлуби Ҳақ омад чанд гоҳ,
Ин духулзанро бирон, барбанд роҳ.
Так марон, даркаш инон, мастур беҳ,
Ҳар кас аз пиндори худ масрур беҳ. 3625
Ҳақ ҳамехоҳад, ки навмедони ӯ
З-ин ибодат ҳам нагардонанд рӯ.
Ҳам ба уммеде мушарраф мешаванд,
Чанд рӯзе дар рикобаш медаванд.
Хоҳад он раҳмат битобад бар ҳама
Бар баду нек, аз умуми марҳама.
Ҳақ ҳамехоҳад, ки ҳар миру асир
Бо раҷову хавф бошанду ҳазир.
Ин раҷову хавф дар парда бувад,
То паси ин парда парварда шавад. 3630
Чун даридӣ парда, ку хавфу раҷо?
Ғайбро шуд карру фарре бармало.
Бар лаби ҷӯ бурд занне як фато,
Ки Сулаймон аст моҳигири мо.
Гар вай аст ин, аз чӣ фард асту хафист?
В-арна симои сулаймониш чист?
Андар ин андеша мебуд ӯ дудил,
То Сулаймон гашт шоҳу мустақил.
Дев рафт, аз мулку тахти ӯ гурехт,
Теғи бахташ хуни он шайтон бирехт. 3635
Кард дар ангушти худ ангуштарӣ,
Ҷамъ омад лашкари деву парӣ.

Омаданд аз баҳри наззора риҷол,
Дар миёншон он ки буд соҳибхаёл.
Чун дар ангушташ бидид ангуштарӣ,
Рафт андеша-в гумонаш яксарӣ.
Ваҳм он гоҳ аст, к-он пӯшида аст,
Ин таҳаррӣ аз пайи нодида аст.
Шуд хаёли ғоиб андар сина зафт,
Чунки ҳозир шуд, хаёли ӯ бирафт.
Гар самои нур беборида нест,
Ҳам замини тор беболида нест.
«Юъминун билғайб» мебояд маро,
З-он бибастам равзани фонисаро.
Чун шикофам осмонро дар зуҳур,
Чун бигӯям: «Ҳал таро фиҳо футур?»
То дар ин зулмат таҳаррӣ густаранд,
Ҳар касе рӯ ҷонибе меоваранд.
Муддате маъкус бошад корҳо,
Шаҳнаро дузд оварад бар дорҳо,
То ки бас султону олиҳиммате
Бандаи бандай худ ояд муддате.
Бандагӣ дар ғайб ояд хубу каш,
Ҳифзи ғайб ояд дар истеъбод х(в)аш.
Ку ки мадҳи шоҳ гӯяд пеши ӯ,
То ки дар ғайбат бувад ӯ шармрӯ?
Қалъадоре, к-аз канори мамлакат,
Дур аз султону сояй салтанат
Пос дорад қалъаро аз душманон,
Қалъа нафрӯшад ба моле бекарон.
Ғойиб аз шаҳ дар канори сағрҳо
Ҳамчу ҳозир ӯ нигаҳ дорад вафо.
Пеши шаҳ ӯ беҳ бувад аз дигарон,
Ки ба хидмат ҳозиранду ҷонфишон.
Пас ба ғайбат ним зарра ҳифзкор,
Беҳ ки андар ҳозирӣ з-он сад ҳазор.
Тоату имон кунун маҳмуд шуд,
Баъди марг андар аён мардуд шуд.
Чунки ғайбу ғойибу рӯпӯш беҳ,
Пас, лабон барбанду лаб хомӯш беҳ.

Эй бародар, даст во дор аз сухун,
Худ ҷудо пайдо кунад илми ладун.
Бас бувад хуршедро рӯяш гувоҳ,
«Аййу шайъин аъзаму-ш-шоҳид? Илоҳ».
На, бигӯям чун қарин шуд дар баён,
Ҳам Худову ҳам малак, ҳам олимон:
«Яшҳадуллаҳ ва-л-малак в-аҳлу-л-улум,
Аннаҳу ло рабба, илло ман ядум».
Чун гувоҳӣ дод Ҳақ, кӣ бвад малак,
То шавад андар гувоҳӣ муштарак?
З-он ки шаъшоъу ҳузури офтоб
Барнатобад чашму дилҳои хароб.
Чун хуфоше, к-ӯ тафи хуршедро
Барнатобад, бискулад уммедро.
Пас, малойикро чу мо ҳамёр дон,
Ҷилвагар хуршедро бар осмон,
К-ин зиё мо з-офтобе ёфтем,
Чун халифа бар заифон тофтем.
Чун маҳи нав ё серӯза, ё ки бадр
Ҳар малак дорад камолу нуру қадр.
З-аҷниҳай нури сулоса ав рубоъ
Бар маротиб ҳар малакро з-он шуъоъ.
Ҳамчу парҳои уқули инсиён,
Ки басе фарқ асташон андар миён.
Пас, қарини ҳар башар дар неку бад
Он малак бошад, ки монандаш бувад.
Чашми аъмаш чунки хурро барнатофт,
Ахтар ӯро шамъ шуд, то раҳ биёфт.

## Гуфтани пайғомбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мар Зайдро, ки ин сирро фоштар аз ин магӯ ва мутобиат нигоҳ дор

Гуфт пағамбар, ки асҳоби нуҷум
Раҳравонро шамъу шайтонро руҷум.
Ҳар касеро гар будӣ он чашму зӯр,
К-ӯ гирифтӣ з-офтоби чарх нур,

Кай ситора ҳоҷат астӣ, эй залил,
Ки будӣ бар нури хуршед ӯ далел?
Моҳ мегӯяд ба хоку абру фай,
Ман башар будам, вале «юҳо илай».
Чун шумо торик будам дар ниҳод,
Ваҳйи хуршедам чунин нуре бидод.
Зулмате дорам ба нисбат бо шумус,
Нур дорам баҳри зулмоти нуфус.
З-он заифам то ту тобе оварӣ,
Ки на марди офтоби анварӣ.
Ҳамчу шаҳду сирка дарҳам бофтам,
То суйи ранҷи ҷигар раҳ ёфтам.
Чун зи иллат вораҳидӣ, эй раҳин,
Сиркаро бигзору мехур ангубин.
Тахти дил маъмур шуд пок аз ҳаво,
Бин ки «арраҳмон ала-л-арш иставо».
Ҳукм бар дил баъд аз ин бевосита
Ҳақ кунад, чун ёфт дил ин робита.
Ин сухан поён надорад, Зайд ку?
То диҳам пандаш, ки расвоӣ маҷӯ.

## Руҷӯъ ба ҳикояти Зайд

Зайдро акнун наёбӣ, к-ӯ гурехт,
Ҷаст аз саффи ниъолу наъл рехт.
Ту кӣ бошӣ? Зайд ҳам худро наёфт,
Ҳамчу ахтар, ки бар ӯ хуршед тофт.
На аз ӯ нақше биёбӣ, на нишон,
На каҳе ёбӣ ба роҳи Каҳкашон.
Шуд ҳавосу нутқи бобоёни мо
Маҳви нури дониши султони мо.
Ҳиссҳову ақлҳошон дар дарун
Мавҷ дар мавҷи «ладайно муҳзарун».
Чун биёмад субҳ, вақти бор шуд,
Анҷуми пинҳоншуда бар кор шуд.
Беҳушонро водиҳад Ҳақ ҳушҳо,
Ҳалқа-ҳалқа ҳалқаҳо дар гӯшҳо.

Пойкӯбон, дастафшон дар сано,
Ноз-нозон: «раббано аҳйайтано».
Он ҷулуду он изоми рехта
Форисон гашта, ғубор ангехта.
Ҳамла оранд аз адам сӯйи вуҷуд,
Дар қиёмат, ҳам шакуру ҳам кануд.
Сар чӣ мепечӣ? Кунӣ нодидаӣ,
Дар адам з-аввал на сар печидаӣ?
Дар адам афшурда будӣ пойи хеш,
Ки маро кай барканад аз ҷойи хеш?
Менабинӣ сунъи раббонитро,
Ки кашид ӯ мӯйи пешонитро?
То кашидам андар ин анвоъи ҳол,
Ки набудат дар гумону дар хаёл.
Он адам, ӯро ҳамора банда аст,
Кор кун, дево! Сулаймон зинда аст.
Дев месозад «ҷифонин калҷавоб»,
Заҳра на, то дафъ гӯяд ё ҷавоб?
Хешро бин, чун ҳамеларзӣ зи бим?
Мар адамро низ ларзон дон муқим.
В-ар ту даст андар маносиб мезанӣ,
Ҳам зи тарс аст, он ки ҷоне меканӣ.
Ҳар чӣ ҷуз ишқи Худои аҳсан аст,
Гар шакархорист, он ҷон кандан аст.
Чист ҷон кандан? Суйи марг омадан,
Даст дар оби ҳаёте нозадан.
Халқро ду дида дар хоку мамот
Сад гумон доранд дар оби ҳаёт.
Ҷаҳд кун, то сад гумон гардад навад,
Шаб бирав, в-ар ту бихусбӣ, шаб равад.
Дар шаби торик ҷӯй он рӯзро,
Пеш кун он ақли зулматсӯзро.
Дар шаби бадранг бас некӣ бувад,
Оби ҳайвон ҷуфти торикӣ бувад.
Сар зи хуфтан кай тавон бардоштан?
Бо чунин сад тухми ғафлат коштан.
Хобмурда, луқмамурда ёр шуд,
Хоҷа хуфту дузди шаб бар кор шуд.

Ту намедонӣ, ки хасмонат киянд,
Нориёни хасми ҷуди хокиянд.
Нор хасми обу фарзандони ӯст,
Ҳамчунон ки об хасми ҷони ӯст.
Об оташро кушад, зеро ки ӯ
Хасми фарзандони об асту адӯ. 3710
Баъд аз он ин нор нори шаҳват аст,
К-андар ӯ асли гуноҳу заллат аст.
Нори берунӣ ба обе бифсурад,
Нори шаҳват то ба дӯзах мебарад.
Нори шаҳват менаёромад ба об,
З-он ки дорад табъи дӯзах дар азоб.
Нори шаҳватро чӣ чора? Нури дин,
«Нурукум итфоъу нори-л-кофирин».
Чӣ кушад ин норро? Нури Худо,
Нури Иброҳимро соз усто. 3715
То зи нори нафси чун Намруди ту
Вораҳад ин ҷисм ҳамчун уди ту.
Шаҳвати норӣ ба рондан кам нашуд,
Ӯ ба мондан кам шавад бе ҳеч буд.
То ки ҳезум мениҳӣ бар оташе,
Кай бимирад оташ аз ҳезумкашӣ?
Чунки ҳезум бозгирӣ, нор мурд,
З-он ки тақво об сӯйи нор бурд.
Кай сияҳ гардад зи оташ рӯйи хуб,
К-ӯ ниҳад гулгуна аз тақва-л-қулуб? 3720

## Оташ афтодан дар шаҳр ба айёми Умар, разияллоҳу анҳу

Оташе афтод дар аҳди Умар,
Ҳамчу чӯби хушк мехӯрд ӯ ҳаҷар.
Дарфитод андар бинову хонаҳо,
То зад андар парри мурғу лонаҳо.
Ними шаҳр аз шуълаҳо оташ гирифт,
Об метарсид аз ону мешигифт.
Машкҳои обу сирка мезаданд
Бар сари оташ касони ҳушманд.

Оташ аз истеза афзун мешудӣ,
Мерасид ӯро мадад аз беҳадӣ.
Халқ омад ҷониби Уммар шитоб,
К-оташи мо менамирад ҳеч аз об.
Гуфт: «Он оташ зи оёти Худост,
Шуълае аз оташи бухли шумост.
Обу сирка чист? Нон қисмат кунед,
Бухл бигзоред, агар оли манед».
Халқ гуфтандаш, ки дар бигшудаем,
Мо сахӣ в-аҳли футувват будаем.
Гуфт: «Нон дар расму одат додаед,
Даст аз баҳри Худо нагшодаед.
Баҳри фахру баҳри бавшу баҳри ноз,
Н-аз барои тарсу тақвову ниёз».
Мол тухм асту ба ҳар шӯра манеҳ,
Теғро дар дасти ҳар раҳзан мадеҳ,
Аҳли динро боздон аз аҳли кин,
Ҳамнишини Ҳақ биҷӯ, бо ӯ нишин.
Ҳар касе бар қавми худ исор кард,
Коғa пиндорад, ки ӯ худ кор кард.

## Хаду андохтани хасм дар рӯйи амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу ва андохтани амирулмуъминин Алӣ шамшер аз даст

Аз Алӣ омӯз ихлоси амал,
Шери Ҳақро дон мутаҳҳар аз дағал.
Дар ғазо бар паҳлавоне даст ёфт,
Зуд шамшере бароварду шитофт.
Ӯ хаду андохт дар рӯйи Алӣ,
Ифтихори ҳар набию ҳар валӣ.
Он хаду зад бар рухе, ки рӯйи моҳ
Саҷда орад пеши ӯ дар саҷдагоҳ.
Дар замон андохт шамшер он Алӣ,
Кард ӯ андар ғазояш коҳилӣ.
Гашт ҳайрон он мубориз з-ин амал
В-аз намудан афву раҳмат бемаҳал.

Гуфт: «Бар ман теғ низ афроштӣ,
Аз чӣ афгандӣ? Маро бигзоштӣ?
Он чӣ дидӣ беҳтар аз пайкори ман?
То шудӣ ту суст дар ишколи ман.
Он чӣ дидӣ, ки чунин хашмат нишаст?
То чунон барқе намуду бозҷаст.
Он чӣ дидӣ, ки маро з-он акси дид
Дар дилу ҷон шуълае омад падид?
Он чӣ дидӣ бартар аз кавну макон,
Ки беҳ аз ҷон буду бахшидим ҷон?
Дар шуҷоат шери раббонистӣ,
Дар мурувват худ кӣ донад, кистӣ.
Дар мурувват абри Мӯсоӣ ба теҳ,
К-омад аз вай хону нони бешабеҳ.
Абрҳо гандум диҳад, к-онро ба ҷаҳд
Пухтаву ширин кунад мардум чу шаҳд.
Абри Мӯсо парри раҳмат баргушод,
Пухтаву ширини безаҳмат бидод.
Аз барои пухтахорони карам
Раҳматаш афрохт дар олам алам.
То чиҳил сол он вазифа в-он ато
Кам нашуд як рӯз з-он аҳли раҷо.
То ҳам эшон аз хасисӣ хостанд,
Гандanову тарраву хас хостанд.
Уммати Аҳмад, ки ҳастед аз киром,
То қиёмат ҳаст боқӣ он таъом.
Чун «абиту инда раббӣ» фош шуд,
«Бутъиму юсқӣ» киноятзо-ш шуд.
Ҳеч бетаъвил инро дарпазир,
То дарояд дар гулӯ чун шаҳду шир.
З-он ки таъвил аст вододи ато,
Чунки бинад он ҳақиқатро хато.
Он хато дидан зи заъфи ақли ӯст,
Ақли кул мағз асту ақли ҷузв пӯст.
Хешро таъвил кун, н-ахборро,
Мағзро бад гӯй, на гулзорро.
Эй Алӣ, ки ҷумла ақлу дидаӣ,
Шаммае вогӯ, аз он чи дидаӣ.

Теғи ҳилмат ҷони моро чок кард,
Оби илмат хоки моро пок кард.
Бозгӯ, донам, ки ин асрори ҳуст,
З-он ки бешамшер куштан кори ӯст.
Сонеъи беолату беҷориҳа,
Воҳиби ин ҳадяҳои роҷиҳа.
Сад ҳазорон мечашонад ҳушро,
Ки хабар набвад ду чашму гӯшро.
Бозгӯ, эй бози арши хушшикор,
То чӣ дидӣ ин замон аз Кирдгор?
Чашми ту идроки ғайб омӯхта,
Чашмҳои ҳозирон бардӯхта.
Он яке моҳе ҳамебинад аён
В-он яке торик мебинад ҷаҳон.
В-он яке се моҳ мебинад ба ҳам,
Ин се кас биншаста як мавзеъ, наъам.
Чашми ҳар се бозу гӯши ҳар се тез,
Дар ту овезону аз ман дар гурез.
Сеҳри айн аст ин, аҷаб лутфи хафист,
Бар ту нақши гургу бар ман Юсуфест.
Олам ар ҳаҷдаҳ ҳазор асту фузун,
Ҳар назарро нест ин ҳаҷдаҳ забун.
Роз бигшо, эй Алии Муртазо,
Эй паси «суъу-л-қазо ҳусну-л-қазо».
Ё ту вогӯ, он чи ақлат ёфтаст,
Ё бигӯям, он чи бар ман тофтаст.
Аз ту бар ман тофт, чун дорӣ ниҳон?
Мефишонӣ нур чун маҳ безабон.
Лек агар дар гуфт ояд қурси моҳ,
Шабравонро зудтар орад ба роҳ.
Аз ғалат эмин шаванду аз дуҳул,
Бонги маҳ ғолиб шавад бар бонги ғул.
Моҳ бе гуфтан чу бошад раҳнамо,
Чун бигӯяд, шуд зиё андар зиё.
Чун ту бобӣ он мадинаи илмро,
Чун шуъоъӣ офтоби ҳилмро.
Боз бош, эй боб, бар ҷӯёи боб,
То расад аз ту қушур андар лубоб.

Боз бош, эй боби раҳмат, то абад,
Боргоҳи «мо лаҳу куфван аҳад».
Ҳар ҳавову заррае худ манзарест,
То гушода кай гувад, к-он ҷо дарест.
То бинагшояд дареро дидбон,
Дар дарун ҳаргиз наҷунбад ин гумон.
Чун гушода шуд даре, ҳайрон шавад,
Мурғи уммеду тамаъ паррон шавад.
Ғофиле ногаҳ ба вайрон ганҷ ёфт,
Сӯйи ҳар вайрон аз он пас мешитофт.
То зи дарвеше наёбӣ ту гуҳар,
Кай гуҳар ҷӯйӣ зи дарвеше дигар?
Солҳо гар зан давад бо пойи хеш,
Нагзарад з-ишкофи биниҳои хеш.
То ба бинӣ н-оядат аз ғайб бӯ,
Ғайри бинӣ ҳеч мебинӣ? Бигӯ!

## Суол кардани он кофир аз Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, ки бар чун мане музаффар шудӣ, шамшер аз даст чун андохтӣ?

Пас бигуфт он навмусулмони валӣ
Аз сари мастию лаззат бо Алӣ,
Ки бифармо, ё амиралмуъминин,
То биҷунбад ҷон ба тан – дар чун ҷанин.
Ҳафт ахтар ҳар ҷанинро муддате
Мекунанд, эй ҷон, ба навбат хидмате.
Чунки вақт ояд, ки ҷон гирад ҷанин,
Офтобаш он замон гардад муъин.
Ин ҷанин дар ҷунбиш ояд з-офтоб,
К-офтобаш ҷон ҳамебахшад шитоб.
Аз дигар анҷум ба ҷуз нақше наёфт
Ин ҷанин, то офтобаш барнатофт.
Аз кадомин раҳ таъаллуқ ёфт ӯ
Дар раҳим бо офтоби хубрӯ?
Аз раҳи пинҳон, ки дур аз ҳисси мост,
Офтоби чархро бас роҳҳост.

Он рахе, ки зар биёбад қут аз ӯ
В-он рахе, ки санг шуд ёқут аз ӯ.
Он рахе, ки сурх созад лаълро
В-он рахе, ки барқ бахшад наълро.
Он рахе, ки пухта созад меваро
В-он рахе, ки дил диҳад колеваро.
Бозгӯ, эй бози парафрохта,
Бо шаҳу бо соъидаш омӯхта.
Бозгӯ, эй бози анқогири шоҳ,
Эй сипоҳишкан ба худ, на бо сипоҳ.
Уммати ваҳдӣ якию сад ҳазор,
Боз гӯ, эй банда бозатро шикор!
Дар маҳалли қаҳр ин раҳмат зи чист?
Аждаҳоро даст додан роҳи кист?

## Ҷавоб гуфтани амирулмуъминин, ки сабаби афгандани шамшер аз даст чӣ будааст дар он ҳолат?

Гуфт: «Ман теғ аз пайи Ҳақ мезанам,
Бандаи ҳаққам, на маъмури танам.
Шери Ҳаққам, нестам шери ҳаво,
Феъли ман бар дини ман бошад гуво».
«Мо рамайта из рамайт»-ам дар ҳироб,
Ман чу теғам, в-он зананда офтоб.
Рахти «худ»-ро ман зи раҳ бардоштам,
Ғайри Ҳақро ман адам ангоштам.
Сояеам, кадхудоям офтоб,
Ҳоҷибам ман, нестам ӯро ҳиҷоб.
Ман чу теғам, пур гуҳарҳои висол,
Зинда гардонам, на кушта дар қитол.
Хун напӯшад гавҳари теғи маро,
Бод аз ҷо кай барад меғи маро?
Каҳ наям, кӯҳам зи ҳилму сабру дод,
Кӯҳро кай даррабояд тундбод?
Он ки аз боде равад аз ҷо, хасест,
З-он ки боди номувофиқ худ басест.
Боди хашму боди шаҳват, боди оз
Бурд ӯро, ки набуд аҳли намоз.

Кӯҳаму ҳастии ман бунёди ӯст
В-ар шавам чун коҳ, бодам ёди ӯст.
Ҷуз ба боди ӯ наҷунбад майли ман,
Нест ҷуз ишқи аҳад сархайли ман.
Хашм бар шоҳон шаҳу моро ғулом,
Хашмро ҳам бастаам зери лагом.
Теғи ҳилмам гардани хашмам задаст,
Хашми Ҳақ бар ман чу раҳмат омадаст.
Ғарқи нурам, гарчи сақфам шуд хароб,
Равза гаштам, гарчи ҳастам Бӯтуроб.
Чун даромад иллате андар ғазо,
Теғро дидам ниҳон кардан сазо.
То «аҳабба лиллаҳ» ояд номи ман,
То ки «абғаз лиллаҳ» ояд коми ман,
То ки «аъто лиллаҳ» ояд ҷуди ман,
То ки «амсак лиллаҳ» ояд буди ман,
Бухли «ман лиллаҳ», «ато лиллоҳ»-у бас,
Ҷумла «лиллоҳам», наям ман они кас.
В-он чи «лиллаҳ» мекунам, тақлид нест,
Нест тахйилу гумон, ҷуз дид нест.
З-иҷтиҳоду аз таҳаррӣ растаам,
Остин бар домани Ҳақ бастаам.
Гар ҳамепаррам, ҳамебинам матор,
В-ар ҳамегардам, ҳамебинам мадор.
В-ар кашам боре, надонам, то куҷо,
Моҳаму хуршед пешам пешво.
Беш аз ин бо халқ гуфтан рӯй нест,
Баҳрро гунҷоӣ андар ҷӯй нест.
Паст мегӯям ба андозай уқул,
Айб набвад, ин бувад кори расул.
Аз ғараз ҳуррам, гувоҳӣ ҳур шунав,
Ки гувоҳи бандагон н-арзад ду ҷав.
Дар шариат мар гувоҳӣ бандаро,
Нест қадре вақти даъвию қазо.
Гар ҳазорон банда бошандат гувоҳ,
Барнасанҷад шаръ эшонро ба коҳ.
Бандаи шаҳват батар наздики Ҳақ
Аз ғулому бандагони мустарақ,

К-ин ба як лафзе шавад аз хоҷа ҳур
В-он зияд ширину мирад сахтмур.
Бандаи шаҳват надорад худ халос,
Ҷуз ба фазли Эзаду инъоми хос.
Дар чаҳе афтод, к-онро ғавр нест,
В-он гуноҳи ӯст, ҷабру ҷавр нест.
Дар чаҳе андохт ӯ худро, ки ман
Дархури қаъраш намеёбам расан.
Бас кунам, гар ин сухан афзун шавад,
Худ ҷигар чӣ бвад? Ки хоро хун шавад.
Ин ҷигарҳо хун нашуд, н-аз сахтӣ аст,
Ғафлату машғулию бадбахтӣ аст.
Хун шавад рӯзе, ки хунаш суд нест,
Хун шав, он вақте ки хун мардуд нест.
Чун гувоҳий бандагон мақбул нест,
Ақл ӯ бошад, ки бандай ғӯл нест.
Гашт «арсалнока шоҳид» дар нузур,
З-он ки буд аз кавн ӯ ҳур ибни ҳур.
Чунки ҳуррам, хашм кай бандад маро?
Нест ин ҷо ҷуз сифоти Ҳақ, даро.
Андаро, к-озод кардат фазли Ҳақ,
З-он ки раҳмат дошт бар хашмаш сабақ.
Андаро, акнун ки растӣ аз хатар,
Санг будӣ, кимиё кардат гуҳар.
Растаӣ аз куфру хористони ӯ,
Чун гуле бишкуф ба сарвистони ҳу.
Ту манию ман туам, эй муҳташам!
Ту Алӣ будӣ, Алиро чун кушам?
Маъсият кардӣ беҳ аз ҳар тоате,
Осмон паймудаӣ дар соате.
Бас хуҷаста маъсият, к-он кард мард,
На зи хоре бардамад авроқи вард?
Не гуноҳи Уммару қасди расул
Мекашидаш то ба даргоҳи қабул?
На ба сеҳри соҳирон фиръавнашон,
Мекашиду гашт давлат авнашон?
Гар набудӣ сеҳрашону он ҷуҳуд,
Кай кашидишон ба Фиръавни ануд?

Кай бидидандӣ асову муъҷизот?
Маъсият тоат шуд, эй қавми усот?
Ноумедиро Худо гардан задаст,
Чун гунаҳ монанди тоат омадаст.
Чун мубаддал мекунад ӯ саййиот,
Тоатеаш мекунад рағми вушот.
З-ин шавад марҷум шайтони раҷим,
В-аз ҳасад ӯ битрақад, гардад дуним.
Ӯ бикӯшад, то гуноҳе парварад,
З-он гунаҳ моро ба чоҳе оварад.
Чун бибинад, к-он гунаҳ шуд тоате,
Гардад ӯро номуборак соате.
Андаро, ман дар гушодам мар туро,
Туф задию туҳфа додам мар туро.
Мар ҷафогарро чунинҳо медиҳам,
Пеши пойи чап чӣ сон сар мениҳам?
Пас, вафогарро чӣ бахшам? Ту бидон:
Ганҷҳову мулкҳои ҷовидон.

## Гуфтани пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба гӯши рикобдори амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, ки куштани Алӣ бар дасти ту хоҳад будан, хабарат кардам

Ман чунон мардам, ки бар хунии хеш
Нӯши лутфи ман нашуд дар қаҳр неш.
Гуфт пайғамбар ба гӯши чокарам,
К-ӯ бурад рӯзе зи гардан ин сарам.
Кард огаҳ он расул аз ваҳйи дӯст,
Ки ҳалокам оқибат бар дасти ӯст.
Ӯ ҳамегӯяд: «Бикуш пешин маро,
То наёяд аз ман ин мункар хато».
Ман ҳамегӯям: «Чу марги ман зи туст,
Бо қазо ман чун тавонам ҳила ҷуст?»
Ӯ ҳамеафтад ба пешам, к-эй карим!
Мар маро кун аз барои Ҳақ дуним,

То наёяд бар ман ин анҷоми бад,
То насӯзад ҷони ман бар ҷони х(в)ад».
Ман ҳамегӯям: «Бирав, ҷаффа-л-қалам,
З-он қалам бас сарнигун гардад алам.
Ҳеч буғзе нест дар ҷонам зи ту,
З-он ки инро ман намедонам зи ту.
Олати ҳаққӣ ту, фоил дасти Ҳақ,
Чун занам бар олати Ҳақ таъну дақ?»
Гуфт ӯ: «Пас он қисос аз баҳри чист?»
Гуфт: «Ҳам аз Ҳаққу он сирри хафист.
Гар кунад бар феъли худ ӯ эътироз,
З-эътирози худ бирӯёнад риёз.
Эътироз ӯро расад бар феъли х(в)д,
З-он ки дар қаҳр асту дар лутф ӯ аҳад.
Андар ин шаҳри ҳаводис мир ӯст,
Дар мамолик молики тадбир ӯст.
Олати худро агар ӯ бишканад,
Он шикастагаштаро некӯ кунад.
Рамзи «нансах оятан ав нунсиҳо,
Наъти хайран» дар ақиб медон, меҳо!
Ҳар шариатро, ки Ҳақ мансух кард,
Ӯ гиё бурду иваз овард вард.
Шаб кунад мансух шуғли рӯзро,
Бин ҷамодии хирадафрӯзро.
Боз шаб мансух шуд аз нури рӯз,
То ҷамодӣ сӯхт з-он оташфурӯз.
Гарчи зулмат омад он навму сабот,
На даруни зулмат аст оби ҳаёт?
На дар он зулмат хирадҳо тоза шуд?
Сактае сармояи овоза шуд?
Ки зи зидҳо зиддҳо омад падид,
Дар сувайдо рӯшноӣ офарид.
Ҷанги пайғамбар мадори сулҳ шуд,
Сулҳи ин охирзамон з-он ҷанг буд.
Сад ҳазорон сар бурид он дилситон,
То амон ёбад сари аҳли ҷаҳон.
Боғбон з-он мебурад шохи музирр,
То биёбад нахл қоматҳову бирр.

Мебурад аз боғ доно он ҳашиш,
То намояд боғу мева хуррамиш.
Меканад дандони бадро он табиб,
То раҳад аз дарду беморӣ ҳабиб.
Пас, зиёдатҳо даруни нақсҳост,
Мар шаҳидонро ҳаёт андар фаност.
Чун бурида гашт халқи ризқхор,
«Юрзақуна фарриҳина» шуд гувор.
Ҳалқи ҳайвон чун бурида шуд ба адл,
Ҳалқи инсон русту афзунид фазл.
Ҳалқи инсон чун бибуррад, ҳин, бибин,
То чӣ зояд? Кун қиёси он бар ин:
Ҳалқи солис зояду темори ӯ,
Шарбати Ҳақ бошаду анвори ӯ.
Ҳалқи бубрида хурад шарбат, вале
Ҳалқи аз «ло» раста, мурда дар «бале».
Бас кун, эй дунҳиммати кӯтаҳбанон,
То каят бошад ҳаёти ҷон ба нон?
З-он надорӣ мевае, монанди бед,
К-обрӯ бурдӣ пайи нони сапед.
Гар надорад сабр з-ин нон ҷони ҳис,
Кимиёро гиру зар гардон ту мис.
Ҷомашӯӣ кард хоҳӣ, эй фалон!
Рӯ магардон аз маҳалли гозурон.
Гарчи нон бишкаст мар рӯзай туро,
Дар шикастабанд печу бартар о.
Чун шикастабанд омад дасти ӯ,
Пас, руфӯ бошад яқин ишкасти ӯ.
Гар ту ӯро бишканӣ, гӯяд: «Биё,
Ту дурусташ кун», надорӣ дасту по.
Пас шикастан ҳаққи ӯ бошад, ки ӯ
Мар шикастагаштаро донад руфӯ.
Он ки донад дӯхт, он донад дарид,
Ҳар чиро бифрӯхт, некӯтар харид.
Хонаро вайрон кунад зеру забар,
Пас, ба як соат кунад маъмуртар.
Гар яке сарро бибуррад аз бадан,
Сад ҳазорон сар барорад дар заман.

Гар нафармудӣ қисосе бар ҷунот,
Ё нагуфтӣ: фи-л-қисос омад ҳаёт,
Худ киро заҳра будӣ, то ӯ зи х(в)ад
Бар асири ҳукми Ҳақ теғе занад?
З-он ки донад ҳар кӣ чашмашро гушуд,
К-он кушанда сухраи тақдир буд.
Ҳар киро он ҳукм бар сар омадӣ,
Бар сари фарзанд ҳам теғе задӣ.
Рав, битарсу таъна кам зан бар бадон,
Пеши доми ҳукм аҷзи худ бидон.

## Тааҷҷуб кардани Одам, алайҳиссалом, аз залолати Иблиси лаъин ва уҷб овардан

Чашми Одам бар Билисе, к-ӯ шақист,
Аз ҳақорат в-аз зиёфат бингарист.
Хешбинӣ карду омад худгузин,
Ханда зад бар кори Иблиси лаъин.
Бонг барзад ғайрати Ҳақ, к-эй сафӣ,
Ту намедонӣ зи асрори хафӣ.
Пӯстинро божгуна гар кунад,
Кӯҳро аз беху аз бун барканад.
Пардаи сад Одам он дам бардарад,
Сад Билиси навмусулмон оварад.
Гуфт Одам: «Тавба кардам з-ин назар,
Инчунин густох нандешам дигар.
«Ё ғиёса-л-мустағисин, иҳдино,
Л-афтихора би-л-ъулуми ва-л-ғино.
Ло тузиғ қалбан ҳадайта би-л-карам,
Васрифи-с-суъ аллазӣ хатта-л-қалам».
Бигзарон аз ҷони мо сӯъу-л-қазо,
Во мабур моро зи ихвони сафо.
Талхтар аз фурқати ту ҳеч нест,
Бе паноҳат ғайри печопеч нест.
Рахти мо, ҳам рахти моро роҳзан,
Ҷисми мо мар ҷони моро ҷомакан.
Дасти мо чун пойи моро мех(в)арад,
Бе амони ту касе чун ҷон барад?

В-ар барад ҷон з-ин хатарҳои азим,
Бурда бошад мояи идбору бим.
З-он ки ҷон чун восили ҷонон набуд,
То абад бо хеш кӯр асту кабуд.
Чун ту надҳӣ роҳ, ҷон худ бурда гир,
Ҷон, ки бе ту зинда бошад, мурда гир.
Гар ту таъна мезанӣ бар бандагон,
Мар туро он мерасад, эй комрон!
В-ар ту моҳу меҳрро гӯйӣ ҷафо
В-ар ту қадди сарвро гӯйӣ дуто,
В-ар ту чарху аршро хонӣ ҳақир
В-ар ту кону баҳрро гӯйӣ фақир,
Он ба нисбат бо камоли ту равост,
Мулки икмоли фаноҳо мар турост,
Ки ту покӣ аз хатар в-аз нестӣ,
Нестонро мӯҷиду муғнистӣ.
Он ки рӯёнид, донад сӯхтан,
З-он ки чун бидрид, донад дӯхтан.
Мебисӯзад ҳар хазон мар боғро,
Боз рӯёнад гули саббоғро.
К-эй бисӯзида, бурун о, тоза шав,
Бори дигар хубу хубовоза шав.
Чашми наргис кӯр шуд, бозаш бисохт,
Ҳалқи най бибриду бозаш худ навохт.
Мо чу маснӯъему сонеъ нестем,
Ҷуз забуну ҷуз ки қонеъ нестем.
Мо ҳама «нафсию нафсӣ» мезанем,
Гар нахоҳӣ, мо ҳама Оҳарманем.
З-он зи Оҳарман раҳидастем мо,
Ки харидӣ ҷони моро аз амо.
Ту асо каш, ҳар киро, ки зиндагист,
Бе асову бе асокаш кӯр чист?
Ғайри ту ҳар чӣ хуш асту нох(в)аш аст,
Одамисӯз асту айни оташ аст.
Ҳар киро оташ паноҳу пушт шуд,
Ҳам маҷусӣ гашту ҳам Зардушт шуд.
«Куллу шайъин мо халаллаҳ ботилун,
Инна фазлуллоҳи ғаймун ҳотилун».

## Бозгаштан ба ҳикояти Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу ва мусомиҳат кардани ӯ бо хунии хеш

Бозрав сӯйи Алию хунияш
В-он карам бо хунию афзунияш.
Гуфт: «Душманро ҳамебинам ба чашм
Рӯзу шаб, бар вай надорам ҳеч хашм.
З-он ки маргам ҳамчу ман хуш омадаст,
Марги ман дар баъс чанг андарзадаст.
Марги бемаргӣ бувад моро ҳалол,
Барги бебаргӣ бувад моро навол.
Зоҳираш маргу ба ботин зиндагӣ,
Зоҳираш абтар, ниҳон пояндагӣ.
Дар раҳим зодан ҷанинро рафтан аст,
Дар ҷаҳон ӯро зи нав бишкуфтан аст.
Чун маро сӯйи аҷал ишқу ҳавост,
Наҳйи «лотулқу биайдикум» мārост.
З-он ки наҳӣ аз донаи ширин бувад,
Талхро худ наҳӣ ҳоҷат кай шавад?
Донае, к-иш талх бошад мағзу пӯст,
Талхию макрӯҳияш худ наҳйи ӯст.
Донаи мурдан маро ширин шудаст,
«Бал ҳум аҳёун» пайи ман омадаст.
«Уқтулунӣ, ё сиқотӣ лойимо,
Инна фӣ қатлӣ ҳаётӣ доимо.
Инна фӣ мавтӣ ҳаётӣ, ё фато!
Кам уфориқ мавтинӣ ҳатто мато?
Фурқати лам лав такун фӣ зассукун,
Лам яқул инно илайҳи роҷиъун».
Роҷеъ он бошад, ки боз ояд ба шаҳр,
Сӯйи ваҳдат ояд аз тафриқи қаҳр.

## Афтодани рикобдор ҳар боре пеши амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, ки эй амирулмуъминин, маро бикуш ва аз ин қазо бираҳон

Боз омад, к-эй Алӣ, зудам бикуш,
То набинам он даму вақти туруш.

Ман ҳалолат мекунам, хунам бирез,
То набинад чашми ман он растахез.
Гуфтам: «Ар ҳар заррае хуне шавад,
Ханҷар андар каф ба қасди ту равад.
Як сари мӯ аз ту натвонад бурид,
Чун қалам бар ту чунон хатте кашид.
Лек беғам шав, шафеъи ту манам,
Хоҷаи рӯҳам, на мамлуки танам.
Пеши ман ин тан надорад қимате,
Бе тани хешам фатӣ ибну-л-фатӣ.
Ханҷару шамшер шуд райҳони ман,
Марги ман шуд базму наргисдони ман».
Он ки ӯ танро бад-ин сон пай кунад,
Ҳирси мирию хилофат кай кунад?
З-он ба зоҳир кӯшад андар ҷоҳу ҳукм,
То амиронро намояд роҳу ҳукм.
То амиреро диҳад ҷоне дигар,
То диҳад нахли хилофатро самар.

## Баёни он ки фатҳ талабидани Мустафо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, Маккаро ва ғайри Маккаро ҷиҳати дӯстию мулки дунё набуд, чун фармудааст: «Ад-дунёу ҷифатун», балки ба амр буд

Ҷаҳди пайғамбар ба фатҳи Макка ҳам
Кай бувад дар ҳубби дунё муттаҳам?
Он ки ӯ аз махзани ҳафт осмон
Чашму дил барбаст рӯзи имтиҳон.
Аз пайи наззораи ӯ ҳуру ҷон,
Пур шуда офоқи ҳар ҳафт осмон.
Хештан ороста аз баҳри ӯ,
Худ варо парвои ғайри дӯст ку?
Ончунон пур гашта аз иҷлоли Ҳақ,
Ки дар ӯ ҳам раҳ наёбад оли Ҳақ.
«Лоясаъ фино набиййун мурсалу,
Ва-л-малак ва-р-рӯҳу айзан, фаъқилу».
Гуфт: «Мо зоғем, ҳамчун зоғ на,
Масти саббоғем, масти боғ на»,

Чунки махзанҳои афлоку уқул
Чун хасе омад бари чашми расул.
Пас, чӣ бошад Маккаву Шому Ироқ,
Ки намояд ӯ набарду иштиёқ?
Он гумон бар вай замири бад кунад,
К-ӯ қиёс аз ҷаҳлу ҳирси х(в)ад кунад.
Обгинай зард чун созӣ ниқоб,
Зард бинӣ ҷумла нури офтоб.
Бишкан он шишай кабуду зардро,
То шиносӣ гардрову сардро.
Гирди форис гард сар афрошта,
Гардро ту марди Ҳақ пиндошта.
Гард дид Иблису гуфт: «Ин фаръи тин
Чун физояд бар мани оташҷабин?»
То ту мебинӣ азизонро ба шар,
Дон, ки мероси Билис аст он назар.
Гар на фарзанди Билисӣ, эй анид!
Пас, ба ту мероси он саг чун расид?
Ман наям саг, шери Ҳаққам, ҳақпараст,
Шери Ҳақ он аст, к-аз сурат бираст.
Шери дунё ҷӯяд ишкорею барг,
Шери мавло ҷӯяд озодию марг.
Чунки андар марг бинад сад вуҷуд,
Ҳамчу парвона бисӯзонад вуҷуд.
Шуд ҳавои марг тавқи содиқон,
Ки ҷуҳудонро буд ин дам имтиҳон.
Дар Нубӣ фармуд, к-эй қавми яҳуд!
Содиқонро марг бошад ганҷу суд.
Ҳамчунон ки орзуи суд ҳаст,
Орзуи марг бурдан з-он беҳ аст.
Эй ҷуҳудон, баҳри номуси касон
Бигзаронед ин таманно бар забон.
Як ҷуҳуде ин қадар захра надошт,
Чун Муҳаммад ин аламро барфарошт.
Гуфт: «Агар ронед инро бар забон,
Як яҳуде худ намонад дар ҷаҳон».
Пас яҳудон мол бурданду хироҷ,
Ки макун расво ту моро, эй сироҷ.

Ин суханро нест поёне падид,
Даст бо ман деҳ, чу чашмат дӯст дид.

## Гуфтани амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, бо қирни худ, ки чун хаду андохтӣ дар рӯйи ман, нафси ман ҷунбид ва ихлоси амал намонд. Монеъи куштани ту он шуд

Гуфт амирулмуъминин бо он ҷавон,
Ки ба ҳангоми набард, эй паҳлавон!
Чун хаду андохтӣ дар рӯйи ман,
Нафс ҷунбиду табаҳ шуд хӯйи ман.
Ним баҳри Ҳақ шуду ниме ҳаво,
Ширкат андар кори Ҳақ набвад раво.
Ту нигоридай кафи мавлистӣ,
Они ҳаққӣ, кардаи ман нестӣ.
Нақши Ҳақро ҳам ба амри Ҳақ шикан,
Бар зуҷоҷай дӯст санги дӯст зан».
Габр ин бишниду нуре шуд падид
Дар дили ӯ, то ки зунноре бурид.
Гуфт: «Ман тухми ҷафо мекоштам,
Ман туро навъе дигар пиндоштам.
Ту тарозуи аҳадхӯ будаӣ,
Бал забонай ҳар тарозу будаӣ.
Ту табору аслу хешам будаӣ,
Ту фурӯғи шамъи кешам будаӣ.
Ман ғуломи он чароғи чашмҷӯ,
Ки чароғат равшанӣ пазруфт аз ӯ.
Ман ғуломи мавҷи он дарёи нур,
Ки чунин гавҳар барорад дар зуҳур.
Арза кун бар ман шаҳодатро, ки ман
Мар туро дидам сарафрози заман».
Қурби панҷаҳ кас зи хешу қавми ӯ
Ошиқона сӯйи дин карданд рӯ.
Ӯ ба теғи ҳилм чандин ҳалқро
Вохарид аз теғу чандин халқро.
Теғи ҳилм аз теғи оҳан тезтар,
Бал зи сад лашкар зафарангезтар.

Эй дареғо, луқмае ду хӯрда шуд,
Ҷӯшиши фикрат аз он афсурда шуд. 4005
Гандуме хуршеди Одамро кусуф,
Чун занаб шаъшоъи бадриро хусуф.
Ин-т луфти дил, ки аз як мушти гил
Моҳи ӯ чун мешавад парвингусил.
Нон, чу маънӣ буд, хӯрдаш суд буд,
Чунки сурат гашт, ангезад ҷуҳуд.
Ҳамчу хори сабз, к-уштур мех(в)арад,
З-он хуриш сад нафъу лаззат мебарад.
Чунки он сабзиш рафту хушк гашт,
Чун ҳамонро мехурад уштур зи дашт. 4010
Медаронад кому лунҷаш, эй дареғ,
К-ончунон варди мураббӣ гашт теғ.
Нон, чу маънӣ буд, буд он хори сабз,
Чунки сурат шуд, кунун хушк асту габз.
Ту бад-он одат, ки онро пеш аз ин
Хӯрда будӣ, эй вуҷуди нозанин!
Бар ҳамон бӯ мехурӣ ин хушкро
Баъд аз он к-омехт маънӣ бо саро.
Гашт хокомезу хушку гӯштбур,
З-он гиёҳ акнун бипарҳез, эй шутур! 4015
Сахт хоколуд меояд сухун,
Об тира шуд, сари чаҳ банд кун.
То Худояш боз софу х(в)аш кунад,
Ӯ ки тира кард, ҳам софаш кунад.
Сабр орад орзуро, не шитоб,
Сабр кун, «валлоҳу аълам би-с-савоб». 4018

**МАСНАВӢ**

# ДАФТАРИ ДУВУМ

# МУҚАДДИМАИ ДАФТАРИ ДУВУМ

Баёни баъзе аз ҳикмати таъхири ин муҷаллади дувум, ки агар ҷумлаи ҳикмати илоҳӣ бандаро маълум шавад, дар фавойиди он кор банда аз он кор фурӯ монад ва ҳикмати бепоёни Ҳақ идроки ӯро вайрон кунад, ба он кор напардозад, пас Ҳақ таоло шаммае аз он ҳикмати бепоён миҳори бинии ӯ созад ва ӯро бад-он кор кашад, ки агар ӯро аз он фойида ҳеч хабар накунад, ҳеч наҷунбад, зеро ҷунбонанда аз баҳраҳои одамиён аст, ки аз баҳри ин маслиҳат кунам ва агар ҳикмати он бар вай фурӯ резад ҳам, натавонад ҷунбидан, чунон ки агар дар бинии шутур миҳор набувад, наравад ва агар миҳор сахт бузург бувад, ҳам фурӯ хуспад ва «ин мин шайъин илло ъиндано хазойинуҳу ва мо нуназзилуҳу илло би қадарин маълум». Хок бе об кулӯх нашавад ва чун об бисёр бувад, ҳам кулӯх нашавад. «Ва-с-самоа рафаъаҳо ва вазаъа-л-мизон», ба мизон диҳад ҳар чизеро на бе ҳисоб ва бе мизон, илло касонеро, ки аз олами халқ мубаддал шудаанд ва «йарзуқу ман йашоу би ғайри ҳисоб» гаштаанд «ва ман лам йазуқ лам йадри».

Пурсид яке, ки ошиқӣ чист? Гуфтам, ки чу мо шавӣ, бидонӣ. Ишқ муҳаббати беҳисоб аст, ҷиҳати он гуфтаанд, ки сифати Ҳақ аст ба ҳақиқат ва нисбати ӯ ба банда маҷоз аст, «йуҳиббуҳум» тамом аст, «йуҳиббунаҳу» кадом аст?

Муддате ин маснавӣ таъхир шуд,
Муҳлате бояст, то хун шир шуд.
То назояд бахти ту фарзанди нав,
Хун нагардад шири ширин, хуш шунав.
Чун Зиёулҳақ Ҳусомуддин инон
Бозгардонид з-авҷи осмон,
Чун ба меъроҷи ҳақоиқ рафта буд,
Бе баҳораш ғунчаҳо нокафта буд.
Чун зи дарё сӯйи соҳил бозгашт,
Чанги шеъри маснавӣ босоз гашт.
Маснавӣ, ки сайқали арвоҳ буд,
Бозгашташ рӯзи истифтоҳ буд.
Матлаъи таърихи ин савдову суд
Сол андар шашсаду шасту ду буд.
Булбуле з-ин ҷо бирафту боз гашт,
Баҳри сайди ин маъонӣ боз гашт.

Соъиди шаҳ маскани ин боз бод,
То абад бар халқ ин дар боз бод!
Офати ин дар ҳавову вахшат аст
В-арна он ҷо шарбат андар шарбат аст.
Ин даҳон барбанд, то бинӣ аён
Чашмбанди он ҷаҳон ҳалқу даҳон.
Эй даҳон, ту худ даҳонай дӯзахӣ,
В-эй ҷаҳон, ту бар мисоли барзахӣ.
Нури боқӣ паҳлуйи дунёи дун,
Шири софӣ паҳлуйи ҷӯҳои хун.
Чун дар ӯ гоме занӣ беэҳтиёт,
Шири ту хун мешавад аз ихтилот.
Як қадам зад Одам андар завқи нафс,
Шуд фироқи садри ҷаннат тавқи нафс.
Ҳамчу дев аз вай фаришта мегурехт,
Баҳри ноне чанд оби чашм рехт.
Гарчи як мӯ буд, гунаҳ, к-ӯ ҷуста буд,
Лек он мӯ дар ду дида руста буд.
Буд Одам дидаи нури қадим,
Мӯй дар дида бувад кӯҳи азим.
Гар дар он Одам бикардӣ машварат,
Дар пушаймонӣ нагуфтӣ маъзарат.
З-он ки бо ақле чу ақле ҷуфт шуд,
Монеъи бадфеълию бадгуфт шуд.
Нафс бо нафси дигар чун ёр шуд,
Ақли ҷузвӣ отилу бекор шуд.
Чун зи танҳоӣ ту навмеде шавӣ,
Зери сояй ёр хуршеде шавӣ.
Рав, биҷӯ ёри худоеро ту зуд,
Чун чунон кардӣ, Худо ёри ту буд.
Он ки дар хилват назар бардӯхтаст,
Охир онро ҳам зи ёр омӯхтаст.
Хилват аз ағёр бояд, на зи ёр,
Пӯстин баҳри дай омад, на баҳор.
Ақл бо ақли дигар дуто шавад,
Нур афзун гашту раҳ пайдо шавад.
Нафс бо нафси дигар хандон шавад,
Зулмат афзун гашту раҳ пинҳон шавад.

Ёр чашми туст, эй марди шикор,
Аз хасу хошок ӯро пок дор.
Ҳин, ба ҷорӯби забон гарде макун,
Чашмро аз хас раҳоварде макун.
Чунки муъмин ойинай муъмин бувад,
Рӯйи ӯ з-олудагӣ эмин бувад.
Ёр ойина-ст ҷонро дар ҳазан,
Дар рухи ойина, эй ҷон, дам мазан!
То напӯшад рӯйи худро дар дамат,
Дам фурӯ хӯрдан бибояд ҳар дамат.
Кам зи хокӣ? Чунки хоке ёр ёфт,
Аз баҳоре сад ҳазор анвор ёфт.
Он дарахте, к-ӯ шавад бо ёр ҷуфт,
Аз ҳавои хуш зи сар то по шукуфт.
Дар хазон чун дид ӯ ёри хилоф,
Даркашид ӯ рӯву сар зери лиҳоф.
Гуфт: «Ёри бад бало ошуфтан аст,
Чунки ӯ омад, тариқам хуфтан аст.
Пас, бихусбам, бошам аз Асҳоби Каҳф,
Беҳ зи Дақёнус, он маҳбуси лаҳф».
Яқзашон масруфи Дақёнус буд,
Хобашон сармояи номус буд.
Хоб бедорист, чун бодониш аст,
Войи бедоре, ки бо нодон нишаст.
Чунки зоғон хайма бар баҳман заданд,
Булбулон пинҳон шуданду тан заданд.
З-он ки бе гулзор булбул хомуш аст,
Ғайбати хуршед бедорикуш аст.
Офтобо, тарки ин гулшан кунӣ,
То ки таҳтуларзро равшан кунӣ.
Офтоби маърифатро нақл нест,
Машриқи ӯ ғайри ҷону ақл нест.
Хоса хуршеди камоле, к-онсарист,
Рӯзу шаб кирдори ӯ равшангарист.
Матлаъи шамс ой, гар Искандарӣ,
Баъд аз он ҳар ҷо равӣ, некӯфарӣ.
Баъд аз он ҳар ҷо равӣ, машриқ шавад,
Шарқҳо бар мағрибат ошиқ шавад.

Ҳисси хуффошат суйи мағриб давон,
Ҳисси дурпошат суйи машриқ равон.
Роҳи ҳис роҳи харон аст, эй савор,
Эй харонро ту музоҳим, шарм дор.
Панҷ ҳиссе ҳаст, ҷуз ин панҷ ҳис,
Он чу зарри сурху ин ҳисҳо чу мис.
Андар он бозор, к-аҳли маҳшаранд,
Ҳисси мисро чун ҳиси зар кай харанд?
Ҳисси абдон қути зулмат мех(в)арад,
Ҳисси ҷон аз офтобе мечарад.
Эй бибурда рахти ҳисҳо сӯйи ғайб,
Даст чун Мӯсо бурун овар зи ҷайб.
Эй сифотат офтоби маърифат
В-офтоби чархбанди яксифат.
Гоҳ хуршедию гаҳ дарё шавӣ,
Гоҳ кӯҳи Қофу гаҳ анқо шавӣ.
Ту на ин бошӣ, на он дар зоти хеш,
Эй фузун аз ваҳмҳо в-аз беш беш.
Рӯҳ бо илм асту бо ақл аст ёр,
Рӯҳро бо тозию туркӣ чӣ кор?
Аз ту, эй бенақши бо чандин сувар,
Ҳам мушаббиҳ, ҳам муваҳҳид, хирасар.
Гаҳ мушаббиҳро муваҳҳид мекунад,
Гаҳ муваҳҳидро сувар раҳ мезанад.
Гаҳ туро гӯяд зи мастӣ Булҳасан:
«Ё сағира-с-синн! Ё ратбу-л-бадан!»
Гоҳ нақши хеш вайрон мекунад,
Он пайи танзеҳи ҷонон мекунад.
Чашми ҳисро ҳаст мазҳаб эътизол,
Дидаи ақл аст суннӣ дар висол.
Сухраи ҳиссанд аҳли эътизол,
Хешро суннӣ намоянд аз залол.
Ҳар кӣ дар ҳис монд, ӯ муътазилист,
Гарчи гӯяд: «сунниям», аз ҷоҳилист.
Ҳар кӣ берун шуд зи ҳис, суннӣ вай аст,
Аҳли биниш чашми ақли хушпай аст.
Гар бидидӣ ҳисси ҳайвон шоҳро,
Пас, бидидӣ гову хар Аллоҳро.

Гар набудӣ ҳисси дигар мар туро,
Ҷуз ҳиси ҳайвон зи беруни ҳаво,
Пас, банӣ Одам мукаррам кай будӣ?
Кай ба ҳисси муштарак маҳрам шудӣ?
Номусаввар ё мусаввар гуфтанат,
Ботил омад бе зи сурат растанат.
Номусаввар ё мусаввар пеши ӯст,
К-ӯ ҳама мағз асту берун шуд зи пӯст.
Гар ту кӯрӣ, нест бар аъмо ҳараҷ
В-арна рав, к-«ас-сабру мифтоҳу-л-фараҷ».
Пардаҳои дидаро доруи сабр,
Ҳам бисӯзад, ҳам бисозад шарҳи садр.
Ойинай дил чун шавад софию пок,
Нақшҳо бинӣ бурун аз обу хок.
Ҳам бибинӣ нақшу ҳам наққошро,
Фарши давлатрову ҳам фаррошро.
Чун Халил омад хаёли ёри ман,
Сураташ бут, маънии ӯ бутшикан.
Шукр Яздонро, ки чун ӯ шуд падид,
Дар хаёлаш ҷон хаёли худ бидид.
Хоки даргоҳат диламро мефирефт,
Хок бар вай, к-ӯ зи хокат мешикефт.
Гуфтам: «Ар хубам, пазирам ин аз ӯ
В-арна худ хандид бар ман зиштрӯ.
Чора он бошад, ки худро бингарам
В-арна ӯ хандад маро: «Ман кай харам?»
Ӯ ҷамил асту муҳиббун лилҷамол,
Кай ҷавони нав гузинад пирзол?
Хуб хуберо кунад ҷазб, ин бидон,
Тайийботу тайийбин бар вай бихон.
Дар ҷаҳон ҳар чиз чизе ҷазб кард,
Гарм гармеро кашиду сард сард.
Қисми ботил ботилонро мекашанд,
Боқиён аз боқиён ҳам сарх(в)ашанд.
Нориён мар нориёнро ҷозибанд,
Нуриён мар нуриёнро толибанд.
Чашм чун бастӣ, туро ҷон канданист,
Чашмро аз нури равзан сабр нест.

Чашм чун бастӣ, туро тоса гирифт,
Нури чашм аз нури равзан кай шикифт?
Тосаи ту ҷазби нури чашм буд,
То бипайвандад ба нури рӯз зуд.
Чашми боз ар тоса гирад мар туро,
Дон, ки чашму дил бибастӣ, баргушо.
Он тақозои ду чашми дил шинос,
К-ӯ ҳамеҷӯяд зиёи беқиёс.
Чун фироқи он ду нури бесабот
Тоса овардат, гушодӣ чашмҳот.
Пас, фироқи он ду нури пойдор
Тоса меорад, мар онро пос дор.
Ӯ чу мехонад маро, ман бингарам:
Лоиқи ҷазбам ва ё бадпайкарам?
Гар латифе зиштро дар пай кунад,
Тасхаре бошад, ки ӯ бо вай кунад.
Кай бибинам рӯйи худро, эй аҷаб?
То чӣ рангам? Ҳамчу рӯзам ё чу шаб?
Нақши ҷони хеш меҷустам басе,
Ҳеч менанмуд нақшам аз касе.
Гуфтам: «Охир ойина аз баҳри чист?
То бидонад ҳар касе, к-ӯ чисту кист?»
Ойинай оҳан барои пӯстҳост,
Ойинай симои ҷон сангибаҳост.
Ойинай ҷон нест, илло рӯйи ёр,
Рӯйи он ёре, ки бошад з-он диёр.
Гуфтам: «Эй дил, ойинай куллӣ биҷӯ,
Рав ба дарё, кор барн-ояд ба ҷӯ».
З-ин талаб банда ба кӯйи ту расид,
Дард Марямро ба хурмобун кашид.
Дидаи ту чун диламро дида шуд,
Шуд дили нодида, ғарқи дида шуд.
Ойинай куллӣ туро дидам абад,
Дидам андар чашми ту ман нақши х(в)ад.
Гуфтам: «Охир хешро ман ёфтам,
Дар ду чашмаш роҳи равшан ёфтам».
Гуфт: «Ваҳмам, к-он хаёли туст, ҳон!
Зоти худро аз хаёли худ бидон.

Нақши ман аз чашми ту овоз дод,
Ки манам ту, ту манӣ дар иттиҳод,
К-андар ин чашми мунири безавол
Аз ҳақоиқ роҳ кай ёбад хаёл?
Дар ду чашми ғайри ман, ту нақши х(в)ад
Гар бибинӣ, он хаёле дону рад.
З-он ки сурмай нестӣ дармекашад,
Бода аз тасвири шайтон мечашад.
Чашмашон хонай хаёл асту адам,
Нестҳоро ҳаст бинад лоҷарам.
Чашми ман чун сурма дид аз зулҷалол,
Хонаи ҳастист, на хонай хаёл.
То яке мӯ бошад аз «ту» пеши чашм,
Дар хаёлат гавҳаре бошад чу яшм.
Яшмро он гаҳ шиносӣ аз гуҳар,
К-аз хаёли «худ» кунӣ куллӣ абар.
Як ҳикоят бишнав, эй гавҳаршинос,
То бидонӣ ту аёнро аз қиёс.

## **Ҳилол пиндоштани он шахс хаёлро дар аҳди Умар, разийяллоҳу анҳу**

Моҳи рӯза гашт дар аҳди Умар,
Бар сари кӯҳе давиданд он нафар,
То ҳилоли рӯзаро гиранд фол,
Он яке гуфт: «Эй Умар, инак ҳилол».
Чун Умар бар осмон маҳро надид,
Гуфт, к-ин маҳ аз хаёли ту дамид,
В-арна ман бинотарам афлокро,
Чун намебинам ҳилоли покро?»
Гуфт: «Тар кун дасту бар абрӯ бимол,
Он гаҳон ту дарнигар сӯйи ҳилол».
Чунки ӯ тар кард абрӯ, маҳ надид,
Гуфт: «Эй шаҳ, нест маҳ, шуд нопадид».
Гуфт: «Оре, мӯйи абрӯ шуд камон,
Сӯйи ту афканд тире аз гумон».
Чун яке мӯ каж шуд, ӯро роҳ зад,
То ба даъво лофи диди моҳ зад.

Мӯйи каж чун пардаи гардун бувад,
Чун ҳама аҷзот каж шуд, чун бувад?
Рост кун аҷзотро аз ростон,
Сар макаш, эй рострав, з-он остон.
Ҳам тарозуро тарозу рост кард,
Ҳам тарозуро тарозу кост кард.
Ҳар кӣ бо норостон ҳамсанг шуд,
Дар камӣ афтоду ақлаш данг шуд.
Рав, «ашиддоу ала-л-куффор» бош,
Хок бар дилдории ағёр пош.
Бар сари ағёр чун шамшер бош,
Ҳин, макун рӯбоҳбозӣ, шер бош.
То зи ғайрат аз ту ёрон насгуланд,
З-он ки он хорон адувви ин гуланд.
Оташ андарзан ба гургон чун сипанд,
З-он ки он гургон адувви Юсуфанд.
«Ҷони бобо!» гӯядат Иблис, ҳин!
То ба дам бифребадат деви лаъин.
Инчунин талбис бо бобот кард,
Одамиро ин сияҳрух мот кард.
Бар сари шатранҷ чуст аст ин ғуроб,
Ту мабин бозӣ ба чашми нимхоб.
З-он ки фарзин бандҳо донад басе,
Чун бигирад дар гулӯят чун хасе.
Дар гулӯ монад хаси ӯ солҳо,
Чист ин хас? Меҳри ҷоҳу молҳо.
Мол хас бошад, чу ҳаст, эй бесабот!
Дар гулӯят монеъи оби ҳаёт.
Гар барад молат адувве, пурфане,
Раҳзанеро бурда бошад раҳзане.

## Дуздидани моргир мореро аз моргири дигар

Дуздаке аз моргире мор бурд,
З-аблаҳӣ онро ғанимат мешумурд.
Вораҳид он моргир аз захми мор,
Мор кушт он дузди ӯро зори зор.

Моргираш дид, пас бишнохташ,
Гуфт: «Аз ҷон мори ман пардохташ».
Дар дуъо мехостӣ ҷонам аз ӯ,
К-аш биёбам, мор бистонам аз ӯ.
Шукр Ҳақро, к-он дуъо мардуд шуд,
Ман зиён пиндоштам, он суд шуд.
Бас дуъоҳо, к-он зиён асту ҳалок
В-аз карам менашнавад Яздони пок.

## Илтимос кардани ҳамроҳи Исо, алайҳиссалом, зинда кардани устухонҳо аз Исо, алайҳиссалом

Гашт бо Исо яке аблаҳ рафиқ,
Устухонҳо дид дар ҳуфрай амиқ.
Гуфт: «Эй ҳамроҳ, он номи санӣ,
Ки бад-он мурда ту зинда мекунӣ,
Мар маро омӯз, то эҳсон кунам,
Устухонҳоро бад-он боҷон кунам».
Гуфт: «Хомуш кун, ки он кори ту нест,
Лоиқи анфосу гуфтори ту нест,
К-он нафас хоҳад зи борон поктар
В-аз фаришта дар равиш дарроктар.
Умрҳо бояст, то дам пок шуд,
То амини махзани афлок шуд.
Худ гирифтӣ ин асо дар дасти рост,
Дастро дастони Мӯсо аз куҷост?»
Гуфт: «Агар ман нестам асрорхон,
Ҳам ту бархон номро бар устухон».
Гуфт Исо: «Ё раб, ин асрор чист?
Майли ин аблаҳ дар ин бегор чист?
Чун ғами худ нест ин беморро?
Чун ғами ҷон нест ин мурдорро?
Мурдаи худро раҳо кардаст ӯ,
Мурдаи бегонаро ҷӯяд руфӯ?»
Гуфт Ҳақ: «Идбор агар идборҷӯст,
Хори рӯида ҷазои кишти ӯст».
Он ки тухми хор корад дар ҷаҳон,
Ҳону ҳон, ӯро маҷӯ дар гулситон.

Гар гуле гирад ба каф, хоре шавад
В-ар суйи ёре равад, море шавад.
Кимиёи заҳру мор аст он шақӣ
Бар хилофи кимиёи муттақӣ.

## Андарз кардани сӯфӣ ходимро дар тимордошти баҳима ва лоҳавли ходим

Сӯфие мегашт дар servicesдаври уфуқ,
То шабе дар хонақоҳе шуд қунуқ.
Як баҳима дошт, дар охур бибаст,
Ӯ ба садри суффа бо ёрон нишаст.
Пас муроқиб гашт бо ёрони хеш,
Дафтаре бошад ҳузури ёр беш.
Дафтари сӯфӣ саводи ҳарф нест,
Ҷуз дили испеди ҳамчун барф нест.
Зоди донишманд осори қалам,
Зоди сӯфӣ чист? Осори қадам.
Ҳамчу сайёде суйи ишкор шуд,
Гоми оҳу диду бар осор шуд.
Чанд гоҳаш гоми оҳу дарх(в)ар аст,
Баъд аз он худ нофи оҳу раҳбар аст.
Чунки шукри гом карду раҳ бурид,
Лоҷарам з-он гом дар коме расид.
Рафтани як манзиле бар бӯйи ноф
Беҳтар аз сад манзили гому тавоф.
Он диле, к-ӯ матлаъи маҳтобҳост,
Баҳри ориф «футтиҳат абвобаҳо»-ст.
Бо ту девор асту бо эшон дар аст,
Бо ту сангу бо азизон гавҳар аст.
Он чи ту дар ойина бинӣ аён,
Пир андар хишт бинад пеш аз он.
Пир эшонанд, к-ин олам набуд,
Ҷони эшон буд дар дарёи ҷуд.
Пеш аз ин тан умрҳо бигзоштанд,
Пештар аз кишт бар бардоштанд.
Пештар аз нақш ҷон пазруфтаанд,
Пештар аз баҳр дурҳо суфтаанд.

Машварат мерафт дар эҷоди халқ,
Ҷонашон дар баҳри қудрат то ба ҳалқ.
Чун малоик монеъи он мешуданд,
Бар малоик хуфя хунбак мезаданд.
Мутталеъ бар нақши ҳар кӣ ҳаст шуд,
Пеш аз он к-ин нафси кул побаст шуд.
Пештар з-афлок кайвон дидаанд,
Пештар аз донаҳо нон дидаанд.
Бе димоғу дил пур аз фикрат буданд,
Бе сипоҳу ҷанг бар нусрат заданд.
Он аён нисбат ба эшон фикрат аст
В-арна худ нисбат ба дурон руъят аст.
Фикрат аз мозию мустақбал бувад,
Чун аз ин ду раст, мушкил ҳал шавад.
Дида чун бекайф ҳар бокайфро,
Дида пеш аз кон саҳеҳу зайфро.
Пештар аз хилқати ангурҳо
Хӯрда майҳову намуда шӯрҳо.
Дар тамузи гарм мебинанд дай,
Дар шуои шамс мебинанд фай.
Дар дили ангур майро дидаанд,
Дар фанои маҳз шайро дидаанд.
Осмон дар даври эшон ҷуръанӯш,
Офтоб аз ҷудашон зарбафтпӯш.
Чун аз эшон муҷтамеъ бинӣ ду ёр,
Ҳам яке бошанду ҳам шашсад ҳазор.
Бар мисоли мавҷҳо аъдодашон,
Дар адад оварда бошад бодашон.
Муфтариқ шуд офтоби ҷонҳо
Дар даруни равзани абдонҳо.
Чун назар дар қурс дорӣ, худ якест
В-он ки шуд маҳҷуби абдон, дар шакест.
Тафриқа дар рӯҳи ҳайвонӣ бувад,
Нафси воҳид рӯҳи инсонӣ бувад.
Чунки Ҳақ «рашша алайҳим нураҳу»,
Муфтариқ ҳаргиз нагардад нури ӯ.
Як замон бигзор, эй ҳамраҳ, малол,
То бигӯям васфи холе з-он ҷамол.

Дар баён н-ояд ҷамоли ҳоли ӯ,
Ҳар ду олам чист? Акси холи ӯ.
Чунки ман аз холи хубаш дам занам,
Нутқ мехоҳад, ки бишкофад танам.
Ҳамчу мӯре андар ин хирман х(в)ашам,
То фузун аз хеш боре мекашам.

## Баста шудани тақрири маънии ҳикоят ба сабаби майли мустамеъ ба истимоъи зоҳири сурати ҳикоят

Кай гузорад, он ки рашки равшанист,
То бигӯям, он чи фарзу гуфтанист.
Баҳр каф пеш ораду садде кунад,
Ҷар кунад в-аз баъди ҷар мадде кунад.
Ин замон бишнав, чӣ монеъ шуд? Магар,
Мустамеъро рафт дил ҷойи дигар.
Хотираш шуд сӯйи сӯфии қунуқ,
Андар он савдо фурӯ шуд то унуқ.
Лозим омад боз рафтан з-ин мақол
Сӯйи он афсона баҳри васфи ҳол.
Сӯфӣ он сурат мапиндор, эй азиз!
Ҳамчу тифлон то кай аз ҷавзу мавиз?
Ҷисми мо ҷавзу мавиз аст, эй писар,
Гар ту мардӣ, з-ин ду чиз андаргузар.
В-ар ту андарнагзарӣ, икроми Ҳақ
Бигзаронад мар туро аз нуҳ табақ.
Бишнав акнун сурати афсонаро,
Лек ҳин, аз каҳ ҷудо кун донаро.

## Илтизом кардани ходим таахҳуди баҳимаро ва тахаллуф намудан

Ҳалқаи он сӯфиёни мустафид
Чунки дар ваҷду тараб охир расид,
Хон биёварданд баҳри меҳмон,
Аз баҳима ёд овард он замон.
Гуфт ходимро, ки дар охур бирав,
Рост кун баҳри баҳима коҳу ҷав.

Гуфт: «Лоҳавл, ин чӣ афзун гуфтан аст?
Аз қадим ин корҳо кори ман аст».
Гуфт: «Тар кун он ҷавашро аз нахуст,
К-он хари пир асту дандонҳош суст».
Гуфт: «Лоҳавл, ин чӣ мегӯйӣ, меҳо?
Аз ман омӯзанд ин тартибҳо».
Гуфт: «Полонаш фурӯ неҳ пеш-пеш,
Доруи манбал бинеҳ бар пушти реш».
Гуфт: «Лоҳавл, охир, эй ҳикматгузор,
Ҷинси ту меҳмонам омад сад ҳазор.
Ҷумла розӣ рафтаанд аз пеши мо,
Ҳаст меҳмон ҷони мову хеши мо».
Гуфт: «Обаш деҳ, валекин ширгарм»,
Гуфт: «Лоҳавл, аз туам бигрифт шарм».
Гуфт: «Андар ҷав ту камтар коҳ кун»,
Гуфт: «Лоҳавл, ин сухан кӯтоҳ кун».
Гуфт: «Ҷояшро бирӯб аз сангу пушк
В-ар бувад тар, рез бар вай хоки хушк».
Гуфт: «Лоҳавл, эй падар, лоҳавл кун,
Бо расули аҳл камтар гӯ сухун».
Гуфт: «Бистон шона, пушти хар бихор»,
Гуфт: «Лоҳавл, эй падар, шарме бидор».
Ходим ин гуфту миён дарбаст чуст,
Гуфт: «Рафтам, коҳу ҷав орам нахуст».
Рафту аз охур накард ӯ ҳеч ёд,
Хоби харгӯшӣ ба он сӯфӣ бидод.
Рафт ходим ҷониби авбоши чанд,
Кард бар андарзи сӯфӣ ришханд.
Сӯфӣ аз раҳ монда буду шуд дароз,
Хобҳо медид бо чашми фароз,
К-он хараш дар чанги гурге монда буд,
Пораҳо аз пушту ронаш мерабуд.
Гуфт: «Лоҳавл, ин чӣ молихулиёст?
Эй аҷаб, он ходими мушфиқ куҷост?»
Боз медид, он хараш дар роҳрав
Гаҳ ба чоҳе мефитоду гаҳ ба гав.
Гунагун медид нохуш воқиъа,
«Фотиҳа» мехонд ӯ «ва-л-қориъа».

Гуфт: «Чора чист? Ёрон ҷастаанд,
Рафтаанду ҷумла дарҳо бастаанд».
Боз мегуфт: «Эй аҷаб, он ходимак
На ки бо мо гашт ҳамнону намак?
Ман накардам бо вай илло лутфу лин,
Ӯ чаро бо ман кунад баръакс кин?
Ҳар адоватро сабаб бояд санад
В-арна ҷинсийят вафо талқин кунад».
Боз мегуфт: «Одами болутфу ҷуд
Кай бар он Иблис ҷавре карда буд?
Одамӣ мар мору каждумро чӣ кард
К-ӯ ҳамехоҳад мар ӯро маргу дард ?
Гургро худ хосият бидридан аст,
Ин ҳасад дар халқ охир равшан аст».
Боз мегуфт: «Ин гумони бад хатост,
Бар бародар инчунин заннам чарост?»
Боз гуфтӣ: «Ҳазм сӯуззанни туст,
Ҳар кӣ бадзан(н) нест, кай монад дуруст?"
Сӯфӣ андар васваса в-он хар чунон,
Ки чунин бодо ҷазои душманон.
Он хари мискин миёни хоку санг,
Каж шуда полон, дарида полҳанг.
Кушта аз раҳ, ҷумлаи шаб беалаф,
Гоҳ дар ҷон кандану гаҳ дар талаф.
Хар ҳама шаб зикр мекард: «Эй Илоҳ!
Ҷав раҳо кардам, кам аз як мушт коҳ!
Бо забони ҳол мегуфт: «Эй шуюх!
Раҳмате, ки сӯхтам з-ин хоми шӯх».
Он чи он хар дид аз ранҷу азоб,
Мурғи хокӣ бинад андар сели об.
Бас ба паҳлу гашт он шаб то саҳар
Он хари бечора аз ҷӯъу-л-бақар.
Рӯз шуд, ходим биёмад бомдод,
Зуд полон ҷуст, бар пушташ ниҳод.
Харфурӯшона ду-се захмаш бизад,
Кард бо хар, он чи з-он саг месазад.
Хар ҷаҳанда гашт аз тезии неш,
Ку забон, то хар бигӯяд ҳоли хеш?

## Гумон бурдани корвониён, ки баҳимаи сӯфӣ ранҷур аст

Чунки сӯфӣ барнишасту шуд равон,
Рӯ дар афтодан гирифт ӯ ҳар замон.
Ҳар замонаш халқ бармедоштанд,
Ҷумла ранҷураш ҳамепиндоштанд.
Он яке гӯшаш ҳамепечид сахт
В-он дигар дар зери комаш ҷуст лахт.
В-он дигар дар наъли ӯ меҷуст санг,
В-он дигар дар чашми ӯ медид занг.
Боз мегуфтанд: «Эй шайх, ин зи чист?
Дӣ намегуфтӣ, ки шукр, ин хар қавист?»
Гуфт: «Он хар, к-ӯ ба шаб «лоҳавл» х(в)ард,
Ҷуз бад-ин шева надонад роҳ кард.
Чунки қути хар ба шаб «лоҳавл» буд,
Шаб мусаббеҳ буду рӯз андар суҷуд».
Одамихоранд ағлаб мардумон,
Аз саломаллайкашон кам ҷӯ амон.
Хонаи дев аст дилҳои ҳама,
Кам пазир аз девмардум дамдама.
Аз дами дев он ки ӯ «лоҳавл» х(в)ард,
Ҳамчу он хар дар сар ояд дар набард.
Ҳар кӣ дар дунё хурад талбиси дев
В-аз адувви дӯстрӯ таъзиму рев,
Дар раҳи ислому бар пули Сирот
Дар сар ояд ҳамчу он хар дар хубот.
Ишваҳои ёри бад манюш, ҳин!
Дом бин, эмин марав ту бар замин.
Сад ҳазор Иблиси лоҳавлор бин,
Одамо, Иблисро дар мор бин.
Дам диҳад, гӯяд туро: «Эй ҷону дӯст»,
То чу қассобе кашад аз дӯст пӯст.
Дам диҳад, то пӯстат берун кашад,
Войи ӯ, к-аз душманон афюн чашад.
Сар ниҳад бар пойи ту қассобвор,
Дам диҳад, то хун-т резад зори зор.

Ҳамчу шере сайди худро хеш кун,
Тарки ишвай аҷнабию хеш кун.
Ҳамчу ходим дон мурооти хасон,
Бекасӣ беҳтар зи ишвай нокасон.
Дар замини мардумон хона макун,
Кори худ кун, кори бегона макун.
Кист бегона? Тани хокии ту,
К-аз барои ӯст ғамнокии ту.
То ту танро чарбу ширин медиҳӣ,
Ҷавҳари худро набинӣ фарбиҳӣ.
Гар миёни мушк танро ҷо шавад,
Рӯзи мурдан ганди ӯ пайдо шавад.
Мушкро бар тан мазан, бар дил бимол,
Мушк чӣ б-вад? Номи поки зулҷалол.
Он мунофиқ мушк бар тан мениҳад,
Рӯҳро дар қаъри гулхан мениҳад.
Бар забон номи Ҳаќу дар ҷони ӯ
Гандҳо аз фикри беимони ӯ.
Зикр бо ӯ ҳамчу сабзай гулхан аст,
Бар сари мабраз гул асту савсан аст.
Он набот он ҷо яқин орийят аст,
Ҷойи он гул маҷлис асту ишрат аст.
Тайийибот ояд ба сӯйи тайийибин,
«Лилхабисин ал-хабисот» аст, ҳин!
Кин мадор, онҳо, ки аз кин гумраҳанд,
Гӯрашон паҳлуйи киндорон ниҳанд.
Асли кина дӯзах асту кини ту
Ҷузви он кулл асту хасми дини ту.
Чун ту ҷузви дӯзахӣ, пас, ҳуш дор,
Ҷузв сӯйи кулли худ гирад қарор.
Талх бо талхон яқин мулҳақ шавад,
Кай дами ботил қарини Ҳақ шавад?
В-ар ту ҷузви ҷаннатӣ, эй номдор,
Айши ту бошад зи ҷаннат пойдор.
Эй бародар, ту ҳамон андешаӣ,
Мобақӣ ту устухону решаӣ.
Гар гул аст андешаи ту, гулшанӣ
В-ар бувад хоре, ту ҳимай гулханӣ.

Гар гулобӣ, бар сари ҷайбат зананд,
В-ар ту чун бавлӣ, бурунат афкананд.
Таблаҳо дар пеши атторон бибин,
Ҷинсро бо ҷинси худ карда қарин.
Ҷинсҳо бо ҷинсҳо омехта,
З-ин таҷонус зинате ангехта.
Гар даромезанд уду шаккараш,
Баргузинад як-як аз якдигараш.
Таблаҳо бишкасту ҷонҳо рехтанд,
Неку бад дар ҳамдигар омехтанд.
Ҳақ фиристод анбиёро бо варақ,
То гузид ин донаҳоро бар табақ.
Пеш аз эшон мо ҳама яксон будем,
Кас надонистӣ, ки мо неку бадем.
Қалбу некӯ дар ҷаҳон будӣ равон,
Чун ҳама шаб буду мо чун шабравон.
То баромад офтоби анбиё,
Гуфт: «Эй ғиш, дур шав, софӣ биё!»
Чашм донад фарқ кардан рангро,
Чашм донад лаълрову сангро.
Чашм донад гавҳару хошокро,
Чашмро з-он мехалад хошокҳо.
Душмани рӯзанд ин қаллобакон,
Ошиқи рӯзанд он зарҳои кон.
З-он ки рӯз аст ойинай таърифи ӯ,
То бибинад ашрафе ташрифи ӯ.
Ҳақ қиёматро лақаб з-он рӯз кард,
Рӯз бинмояд ҷамоли сурху зард.
Пас ҳақиқат, рӯз сирри авлиёст,
Рӯз пеши моҳашон чун сояҳост.
Акси рози марди Ҳақ донед рӯз,
Акси сатторӣ-ш шоми чашмдӯз.
З-он сабаб фармуд Яздон: «ва-з-зуҳо»,
«Ва-з-зуҳо» нури замири Мустафо.
Қавли дигар, к-ин зуҳоро хост дӯст,
Ҳам барои он ки ин ҳам акси ӯст.
В-арна бар фонӣ қасам гуфтан хатост,
Худ фано чӣ лоиқи гуфти Худост?

Аз халиле «ло уҳиббу-л-офилин»,
Пас фано чун хост раббулъоламин?
«Ло уҳиббу-л-офилин» гуфт он халил,
Кай фано хоҳад аз ин рабби ҷалил?
Боз «ва-л-лайл» аст саттории ӯ
В-он тани хокии зангории ӯ.
Офтобаш чун баромад з-он фалак,
Бо шаби тан гуфт: ҳин, «мо ваддаъак».
Васл пайдо гашт аз айни бало,
З-он ҳаловат шуд иборат «мо қало».
Ҳар иборат худ нишони ҳолатест,
Ҳол чун дасту иборат олатест.
Олати заргар ба дасти кафшгар
Ҳамчу донай кишткарда рег-дар.
В-олати искоф пеши барзгар
Пеши саг каҳ, устухон дар пеши хар.
Буд «аналҳақ» дар лаби Мансур нур,
Буд «аналлаҳ» дар лаби Фиръавн зӯр.
Шуд асо андар кафи Мӯсо гуво,
Шуд асо андар кафи соҳир ҳабо.
З-ин сабаб Исо бад-он ҳамроҳи х(в)ад
Дарнаёмӯзид он исми самад,
К-ӯ надонад, нақс бар олат ниҳад,
Санг бар гил зан ту, оташ кай ҷаҳад?
Дасту олат ҳамчу сангу оҳан аст,
Ҷуфт бояд, ҷуфт шарти зодан аст.
Он ки беҷуфт асту беолат, якест,
Дар адад шакк асту он як бешакест.
Он ки ду гуфту се гуфту беш аз ин,
Муттафиқ бошанд дар воҳид яқин.
Аҳвалӣ чун дафъ шуд, яксон шаванд,
Ду-сегӯён ҳам якегӯён шаванд.
Гар яке гӯйӣ ту дар майдони ӯ,
Гирд бармегард аз чавгони ӯ.
Гӯй он гаҳ росту бенуқсон шавад,
К-ӯ зи захми дасти шаҳ рақсон шавад.
Гӯш дор, эй аҳвал, инҳоро ба ҳуш,
Доруи дида бикаш аз роҳи гӯш.

Пас, каломи пок дар дилҳои кӯр
Менапояд, меравад то асли нур.
В-он фусуни дев дар дилҳои каж,
Меравад чун кафши каж дар пойи каж.
Гарчи ҳикматро ба такрор оварӣ,
Чун ту ноаҳлӣ, шавад аз ту барӣ.
В-арчи бинвисӣ, нишонаш мекунӣ,
В-арчи мелофӣ, баёнаш мекунӣ.
Ӯ зи ту рӯ даркашад, эй пурситез,
Бандҳоро бигсалад в-аз ту гурез.
В-ар нахонию бибинад сӯзи ту,
Илм бошад мурғи дастомӯзи ту.
Ӯ напояд пеши ҳар ноусто
Ҳамчу товусе ба хонай русто.

## Ёфтани подшоҳ бозро ба хонаи кампирзан

Дин на он бозест, к-ӯ аз шаҳ гурехт,
Сӯйи он кампир, к-ӯ ме орд бехт,
То ки тутмоҷе пазад авлодро,
Дид он бози хуши хушзодро.
Поякаш басту параш кӯтоҳ кард,
Нохунаш бибриду қуташ коҳ кард.
Гуфт: «Ноаҳлон накардандат ба соз,
Пар фузуд аз ҳадду нохун шуд дароз.
Дасти ҳар ноаҳл беморат кунад,
Сӯйи модар о, ки тиморат кунад».
Меҳри ҷоҳилро чунин дон, эй рафиқ,
Каж равад ҷоҳил ҳамеша дар тариқ.
Рӯзи шаҳ дар ҷустуҷӯ бегоҳ шуд,
Сӯйи он кампиру он хиргоҳ шуд.
Дид ногаҳ бозро дар дуду гард,
Шаҳ бар ӯ бигрист зору навҳа кард.
Гуфт: «Ҳарчанд ин ҷазои кори туст,
Ки набошӣ дар вафои мо дуруст,
Чун кунӣ аз хулд зӣ дӯзах фирор?
Ғофил аз «ло яставӣ асҳобу нор».
Ин сазои он ки аз шоҳи хабир
Хира бигрезад ба хонай гандапир».

Боз мемолид пар бар дасти шоҳ,
Безабон мегуфт: «Ман кардам гуноҳ».
Пас, куҷо зорад, куҷо нолад лаим?
Гар ту напзирӣ ба ҷуз нек, эй карим!
Лутфи шаҳ ҷонро ҷиноятҷӯ кунад,
З-он ки шаҳ ҳар зиштро некӯ кунад.
Рав, макун зиштӣ, ки некиҳои мо
Зишт омад пеши он зебои мо.
Хидмати худро сазо пиндоштӣ,
Ту ливои ҷурм аз он афроштӣ.
Чун туро зикру дуъо дастур шуд,
З-он дуъо кардан дилат мағрур шуд.
Ҳамсухан дидӣ ту худро бо Худо,
Эй басо, к-ӯ з-ин гумон афтад ҷудо.
Гарчи бо ту шаҳ нишинад бар замин,
Хештан бишносу некӯтар нишин.
Боз гуфт: «Эй шаҳ, пушаймон мешавам,
Тавба кардам, нав мусулмон мешавам».
Он ки ту масташ кунию шергир,
Гар зи мастӣ каж равад, узраш пазир.
Гарчи нохун рафт, чун бошӣ маро,
Барканам ман парчами хуршедро.
В-арчи паррам рафт, чун бинвозиям,
Чарх бозӣ кам кунад дар бозиям.
Гар камар бахшӣ-м, куҳро барканам,
Гар диҳӣ килке, аламҳо бишканам.
Охир аз пашша на кам бошад танам,
Мулки Намруде ба пар барҳам занам.
Дар заъифӣ ту маро бобил гир,
Ҳар яке хасми маро чун пил гир.
Қадри фундуқ афганам бундуқ ҳариқ,
Бундуқам дар феъл, сад чун манҷаниқ.
Гарчи сангам ҳаст миқдори нахӯд,
Лек дар ҳайҷо на сар монад, на хӯд.
Мӯсӣ омад дар ваға бо як асош,
Зад бар он Фиръавну бар шамшерҳош.
Ҳар расуле яктана, к-он дар задаст,
Бар ҳамай офоқ танҳо барзадаст.

Нӯҳ чун шамшер дархоҳид аз ӯ,
Мавҷи тӯфон гашт аз ӯ шамшерхӯ.
Аҳмадо, худ кист испоҳи замин,
Моҳ бин бар чарху бишкофаш ҷабин.
То бидонад саъду наҳси бехабар,
Даври туст ин давр, на даври қамар.
Даври туст, эро ки Мӯсои Калим
Орзу мебурд з-ин даврат муқим.
Чунки Мӯсо равнақи даври ту дид,
К-андар ӯ субҳи таҷаллӣ медамид.
Гуфт: «Ё раб, он чӣ даври раҳмат аст?
Ин гузашт аз раҳмат, он ҷо руъят аст.
Ғӯта деҳ Мӯсои худро дар биҳор,
Аз миёни давраи Аҳмад барор».
Гуфт: «Ё Мӯсо, бад-он бинмудамат
Роҳи он хилват бад-он бикшудамат,
Ки ту з-он давре дар ин давр, эй Калим!
По бикаш, зеро дароз аст ин гилем.
Ман каримам, нон намоям бандаро,
То бигирёнад тамаъ он зиндаро».
Бинии тифле бимолад модаре,
То шавад бедору воҷӯяд х(в)аре,
К-ӯ гурусна хуфта бошад бехабар
В-он ду пистон мехалад аз меҳр - дар.
«Кунту канзан раҳматан махфиййатан,
Фабтаъасту умматан маҳдиййатан».
Ҳар каромоте, ки меҷӯйӣ ба ҷон,
Ӯ намудат, то тамаъ кардӣ дар он.
Чанд бут бишкаст Аҳмад дар ҷаҳон,
То ки ёрабгӯй гаштанд умматон.
Гар набудӣ кӯшиши Аҳмад, ту ҳам
Мепарастидӣ чу аҷдодат санам.
Ин сарат вораст аз саҷдай санам,
То бидонӣ ҳаққи ӯро бар умам.
Гар бигӯйӣ, шукри ин растан бигӯ,
К-аз бути ботин ҳамат бирҳонад ӯ.
Мар саратро чун раҳонид аз бутон,
Ҳам бад-он қуввват ту дилро вораҳон.

Сар зи шукри дин аз он бартофтӣ,
К-аз падар мероси муфташ ёфтӣ.
Марди меросӣ чӣ донад қадри мол,
Рустаме ҷон канду маҷҷон ёфт Зол.
«Чун бигирёнам, биҷӯшад раҳматам,
Он хурӯшанда бинӯшад неъматам.
Гар нахоҳам дод, худ нанмоямаш,
Чун-ш кардам баста, дил бикшоямаш.
Раҳматам мавқуфи он хуш гиряҳост,
Чун гирист, аз баҳри раҳмат мавҷ хост».

## Ҳалво харидани шайх Аҳмади Хизрувия ҷиҳати ғаримон ба илҳоми Ҳақ таъоло

Буд шайхе, доиман ӯ вомдор
Аз ҷавонмарде, ки буд он номдор.
Даҳ ҳазорон вом кардӣ аз меҳон,
Харҷ кардӣ бар фақирони ҷаҳон.
Ҳам ба вом ӯ хонақоҳе сохта,
Ҷону молу хонақаҳ дарбохта.
Воми ӯро Ҳақ зи ҳар ҷо мегузорд,
Кард Ҳақ баҳри Халил аз рег орд.
Гуфт пайғамбар, ки дар бозорҳо
Ду фаришта мекунанд эдар дуъо,
К-эй Худо, ту мунфиқонро деҳ халаф,
Эй Худо, ту мумсиконро деҳ талаф.
Хоса он мунфиқ, ки ҷон инфоқ кард,
Ҳалқи худ қурбонии халлоқ кард.
Ҳалқ пеш овард исмоилвор,
Корд бар ҳалқаш наёрад кард кор.
Пас шаҳидон зинда з-ин рӯянду х(в)аш,
Ту бад-он қолаб бимангар габрваш.
Чун халаф додасташон ҷони бақо,
Ҷони эмин аз ғаму ранҷу шақо.
Шайхи вомӣ солҳо ин кор кард,
Меситад, медод ҳамчун поймард.
Тухмҳо мекошт то рӯзи аҷал,
То бувад рӯзи аҷал мири аҷал.

Чунки умри шайх дар охир расид,
Дар вуҷуди худ нишони марг дид.
Вомдорон гирди ӯ биншаста ҷамъ,
Шайх бар худ хуш, гудозон ҳамчу шамъ.
Вомдорон гашта навмеду туруш,
Дарди дилҳо ёр шуд бо дарди шуш.
Шайх гуфт: «Ин бадгумононро нигар,
Нест Ҳақро чорсад динори зар?»
Кӯдаке «ҳалво» зи берун бонг зад,
Лофи «ҳалво» бар умеди донг зад.
Шайх ишорат кард ходимро ба сар,
Ки бирав, он ҷумла ҳалворо бихар.
То ғаримон, чунки он ҳалво х(в)аранд,
Як замоне талх дар ман нангаранд.
Дарзамон ходим бурун омад ба дар,
То харад ӯ ҷумла ҳалворо ба зар.
Гуфт ӯро: «Гӯтуру ҳалво ба чанд?»
Гуфт кӯдак: «Ним динору аданд».
Гуфт: «На, аз сӯфиён афзун маҷӯ,
Ним динорат диҳам, дигар магӯ».
Ӯ табақ бинҳод андар пеши шайх,
Ту бибин асрори сиррандеш шайх.
Кард ишорат бо ғаримон, к-ин навол
Нак табаррук, хуш хуред инро ҳалол.
Чун табақ холӣ шуд, он кӯдак ситад,
Гуфт: «Динорам бидеҳ, эй бохирад».
Шайх гуфто: «Аз куҷо орам дирам?
Вомдорам, меравам сӯйи адам».
Кӯдак аз ғам зад табақро бар замин,
Нолаву гиря бароварду ҳанин.
Мегирист аз ғабн кӯдак ҳой-ҳой,
К-эй маро бишкаста будӣ ҳар ду пой.
Кошкӣ ман гирди гулхан гаштаме,
Бар дари ин хонақаҳ нагзаштаме.
Сӯфиёни таблхори луқмаҷӯ,
Сагдилону ҳамчу гурба рӯйшӯ.
Аз ғиреви кӯдак он ҷо хайру шар
Гирд омад, гашт бар кӯдак ҳашар.

Пеши шайх омад, ки эй шайхи дурушт,
Ту яқин дон, ки маро устод кушт.
Гар равам ман пеши ӯ дасти тиҳӣ,
Ӯ маро бикшад, иҷозат медиҳӣ?
В-он ғаримон ҳам ба инкору ҷуҳуд,
Рӯ ба шайх оварда, к-ин боре чӣ буд?
Моли мо хӯрдӣ, мазолим мебарӣ,
Аз чӣ буд ин зулми дигар бар сарӣ?
То намози дигар он кӯдак гирист,
Шайх дида басту дар вай нангарист.
Шайх фориғ аз ҷафову аз хилоф,
Даркашида рӯй чун маҳ дар лиҳоф.
Бо азал хуш, бо аҷал хуш, шодком,
Фориғ аз ташнеъу гуфти хосу ом.
Он ки ҷон дар рӯйи ӯ хандад чу қанд,
Аз турушрӯии халқаш чӣ газанд?
Он ки ҷон бӯса диҳад бар чашми ӯ,
Кай хурад ғам аз фалак в-аз хашми ӯ?
Дар шаби маҳтоб маҳро бар симок
Аз сагону ваъ-ваъи эшон чӣ бок?
Саг вазифай худ ба ҷо меоварад,
Маҳ вазифай худ ба рух мегустарад.
Кораки худ мегузорад ҳар касе,
Об нагзорад сафо баҳри хасе.
Хас хасона меравад бар рӯйи об,
Об софӣ меравад беизтироб.
Мустафо маҳ мешикофад нимшаб,
Жож мехояд зи кина Бӯлаҳаб.
Он Масеҳо мурда зинда мекунад
В-он ҷуҳуд аз хашм сиблат меканад.
Бонги саг ҳаргиз расад дар гӯши моҳ?
Хоса моҳе, к-ӯ бувад хоси Илоҳ.
Май хурад шаҳ бар лаби ҷӯ то саҳар,
Дар самоъ аз бонги чағзон бехабар.
Ҳам шудӣ тавзеъи кӯдак донг чанд,
Ҳиммати шайх он сахоро кард банд,
То касе надҳад ба кӯдак ҳеч чиз,
Қуввати пирон аз ин беш аст низ.

Шуд намози дигар, омад ходиме,
Як табақ бар каф зи пеши ҳотаме.
Соҳиби молею ҳоле пеши пир
Ҳадя бифристод, к-аз вай буд хабир.
Чорсад динор бар гӯшай табақ,
Ним динори дигар андар варақ.
Ходим омад, шайхро икром кард
В-он табақ бинҳод пеши шайхи фард.
Чун табақро аз ғито во кард рӯ,
Халқ диданд он кароматро аз ӯ.
Оҳу афғон аз ҳама бархост зуд,
К-эй сари шайхону шоҳон, ин чӣ буд?
Ин чӣ сирр аст? Ин чӣ султонист боз?
Эй худованди худовандони роз!
Мо надонистем, моро афв кун,
Бас пароканда, ки рафт аз мо сухун.
Мо, ки кӯрона асоҳо мезадем,
Лоҷарам қандилҳоро бишканем.
Мо чу каррон ношунида як хитоб,
Ҳарзагӯён аз қиёси худ ҷавоб.
Мо зи Мӯсо панд нагрифтем, к-ӯ
Гашт аз инкори Хизре зардрӯ.
Бо чунон чашме, ки боло мешитофт,
Нури чашмаш осмонро мешикофт.
Карда бо чашмат таассуб, Мӯсиё,
Аз ҳамоқат чашми муши осиё».
Шайх фармуд: «Он ҳама гуфтору қол
Ман биҳил кардам, шуморо он ҳалол.
Сирри ин он буд, к-аз Ҳақ хостам,
Лоҷарам бинмуд роҳи ростам.
Гуфт он динор агарчи андак аст,
Лек мавқуфи ғиреви кӯдак аст.
То нагиряд кӯдаки ҳалвофурӯш,
Баҳри раҳмат дарнамеояд ба ҷӯш».
Эй бародар, тифл тифли чашми туст,
Коми худ мавқуфи зорӣ дон дуруст.
Гар ҳамехоҳӣ, ки он хилъат расад,
Пас, бигирён тифли дида бар ҷасад.

## Тарсонидани шахсе зоҳидеро, ки кам гирӣ, то кӯр нашавӣ

Зоҳидеро гуфт ёре: «Дар амал
Кам гирй, то чашмро н-ояд халал».
Гуфт зоҳид: «Аз ду берун нест ҳол,
Чашм бинад ё набинад он ҷамол.
Гар бибинад нури Ҳақ, худ чӣ ғам аст?
Дар висоли Ҳақ ду дида чӣ кам аст.
В-ар нахоҳад дид Ҳақро, гӯ, бирав,
Инчунин чашми шақӣ, гӯ, кӯр шав.
Ғам махур аз дида, к-он Исо турост,
Чап марав, то бахшадат ду чашми рост.
Исии рӯҳи ту бо ту ҳозир аст,
Нусрат аз вай хоҳ, к-ӯ хуш носир аст.
Лек бегори тани пурустухон
Бар дили Исо манеҳ ту ҳар замон.
Ҳамчу он аблаҳ, ки андар достон
Зикри ӯ кардем баҳри ростон,
Зиндагии тан маҷӯ аз Исият,
Коми Фиръавне маҳоҳ аз Мӯсият.
Бар дили худ кам неҳ андешай маош,
Айш кам н-ояд, ту бар даргоҳ бош.
Ин бадан хиргоҳ омад рӯҳро,
Ё мисоли киштие мар Нӯҳро.
Турк чун бошад, биёбад хиргаҳе,
Хоса чун бошад азизи даргаҳе.

## Тамомии қиссаи зинда шудани устухонҳо ба дуъои Исо, алайҳиссалом

Хонд Исо номи Ҳақ бар устухон
Аз барои илтимоси он ҷавон.
Ҳукми Яздон аз пайи он хоммард
Сурати он устухонро зинда кард.
Аз миён барҷаст як шери сиёҳ
Панҷае зад, кард нақшашро табоҳ.

Каллааш барканд, мағзаш рехт зуд,
Мағзи ҷавзе, к-андар ӯ мағзе набуд.
Гар варо мағзе будӣ, ишкастанаш
Худ набудӣ нақс, илло бар танаш.
Гуфт Исо: «Чун шитобаш кӯфтӣ?»
Гуфт: «З-он рӯ ки ту з-ӯ ошуфтӣ».
Гуфт Исо: «Чун нахӯрдӣ хуни мард?»
Гуфт:«Дар қисмат набудам ризқ(в)ард».
Эй басо кас ҳамчу он шери жаён
Сайди худ нохӯрда рафта аз ҷаҳон.
Қисматаш коҳе наву ҳирсаш чу кӯҳ,
Ваҷҳ наву карда таҳсили вуҷӯҳ.
Эй муяссар карда бар мо дар ҷаҳон
Сухраву бегор, моро вораҳон.
Туъма бинмудӣ ба мо в-он буда шаст,
Ончунон бинмо ба мо онро, ки ҳаст.
Гуфт он шер: «Эй Масеҳо, ин шикор
Буд холис аз барои эътибор».
Гар маро зӯре будӣ андар ҷаҳон,
Худ чӣ кор астӣ маро бо мардумон?
Ин сазои он ки ёбад оби соф,
Ҳамчу хар дар ҷӯ бимезад аз газоф.
Гар бидонад қимати он ҷӯй хар,
Ӯ ба ҷойи по ниҳад дар ҷӯй сар.
Ӯ биёбад ончунон пайғамбарӣ,
Миробӣ, зиндагонипарварӣ.
Чун намирад пеши ӯ, к-аз амри «кун»,
Эй амири об, моро зинда кун.
Ҳин, саги нафси туро зинда махоҳ,
К-ӯ адувви ҷони туст аз дер гоҳ.
Хок бар сар устухонеро, ки он
Монеъи ин саг бувад аз сайди ҷон.
Саг найӣ, бар устухон чун ошиқӣ?
Девчавор аз чӣ бар хун ошиқӣ?
Он чӣ чашм аст, он ки биной-ш нест?
З-имтиҳонҳо ҷуз ки расвой-ш нест.
Саҳв бошад занҳоро гоҳ-гоҳ,
Ин чӣ занн аст, ин ки кӯр омад зи роҳ?

Дида о! Бар дигарон навҳагарӣ?
Муддате биншину бар худ мегирӣ.
З-абри гирён шох сабзу тар шавад,
З-он ки шамъ аз гиря равшантар шавад.
Ҳар кучо навҳа кунанд, он ҷо нишин,
З-он ки ту авлотарӣ андар ҳанин.
З-он ки эшон дар фироқи фонианд,
Ғофил аз лаъли бақои кониянд.
З-он ки бар дил нақши тақлид аст банд,
Рав, ба оби чашм бандашро биранд.
З-он ки тақлид офати ҳар некуист,
Каҳ бувад тақлид, агар кӯҳи қавист.
Гар зарире ламтур асту тезхашм,
Гӯштпора-ш дон, чу ӯро нест чашм.
Гар сухан гӯяд зи мӯ бориктар,
Он сирашро з-он сухан набвад хабар.
Мастие дорад зи гуфти худ, валек
Аз бари вай то ба май роҳест нек.
Ҳамчу ҷӯй аст ӯ, на ӯ обе х(в)арад,
Об аз ӯ бар обхорон бигзарад.
Об дар ҷӯ з-он намегирад қарор,
З-он ки он ҷӯ нест ташна-в обхор.
Ҳамчу нойӣ нолаи зоре кунад,
Лек бегори харидоре кунад.
Навҳагар бошад муқаллид дар ҳадис,
Ҷуз тамаъ набвад муроди он хабис.
Навҳагар гӯяд ҳадиси сӯзнок,
Лек ку сӯзи дилу домони чок ?!
Аз муҳаққиқ то муқаллид фарқҳост,
К-ин чу Довуд асту он дигар садост.
Манбаи гуфтори ин сӯзе бувад,
В-он муқаллид кухнаомӯзе бувад.
Ҳин, машав ғурра бад-он гуфти ҳазин,
Бор бар гов асту бар гардун ҳанин.
Ҳам муқаллид нест маҳрум аз савоб,
Навҳагарро музд бошад дар ҳисоб.
Кофиру муъмин Худо гӯянд, лек
Дар миёни ҳар ду фарқе ҳаст нек.

Он гадо гӯяд Худо аз баҳри нон,
Муттақӣ гӯяд Худо аз айни ҷон.
Гар бидонистӣ гадо аз гуфти хеш,
Пеши чашми ӯ на кам мондӣ, на беш.
Солҳо гӯяд Худо он нонхоҳ,
Ҳамчу хар Мусҳаф кашад аз баҳри коҳ.
Гар ба дил дартофтӣ гуфти лабаш,
Зарра-зарра гашта будӣ қолабаш.
Номи деве раҳ барад дар соҳирӣ,
Ту ба номи Ҳақ пашизе мебарӣ?

## Хоридани рустоӣ дар торикӣ шерро, ба занни он ки гови ӯст

Рустоӣ гов дар охур бибаст,
Шер говаш хӯрду бар ҷояш нишаст.
Рустоӣ шуд дар охур сӯйи гов,
Говро меҷуст шаб он кунҷков.
Даст мемолид бар аъзои шер,
Пушту паҳлӯ, гоҳ боло, гоҳ зер.
Гуфт шер: «Ар равшанӣ афзун шудӣ,
Заҳрааш бидридию дил хун шудӣ.
Инчунин густох з-он мехорадам,
К-ӯ дар ин шаб гов мепиндорадам».
Ҳақ ҳамегӯяд, ки эй мағрури кӯр!
На зи номам пора-пора гашт Тур?
Ки «лав анзално китобан лилҷабал,
Лансадаъ, сумма-нқатаъ, сумма-ртаҳал».
Аз ман ар кӯҳи Уҳуд воқиф будӣ,
Пора гаштию дилаш пурхун шудӣ.
Аз падар в-аз модар ин бишнидаӣ,
Лоҷарам ғофил дар ин печидаӣ.
Гар ту бетақлид аз ин воқиф шавӣ,
Бенишон аз лутф чун ҳотиф шавӣ.
Бишнав ин қисса пайи таҳдидро,
То бидонӣ офати тақлидро:

## Фурӯхтани сӯфиён баҳимаи мусофирро ҷиҳати самоъ

Сӯфие дар хонақоҳ аз раҳ расид,
Маркаби худ бурду дар охур кашид.
Обакаш доду алаф аз дасти хеш,
На чун он сӯфӣ, ки мо гуфтем пеш.
Эҳтиёташ кард аз саҳву хубот,
Чун қазо ояд, чӣ суд аст эҳтиёт?
Сӯфиён тақсир буданду фақир,
«Кода фақрун ан яъӣ куфран юбир».
Эй тавонгар, ки ту серӣ, ҳин, маханд
Бар кажии он фақири дардманд.
Аз сари тақсири он сӯфӣ рама
Харфурӯшӣ даргирифтанд он ҳама,
К-аз зарурат ҳаст мурдоре мубоҳ,
Бас фасоде, к-аз зарурат шуд салоҳ.
Ҳам дар он дам он харак бифрӯхтанд,
Лут оварданду шамъ афрӯхтанд.
Валвала афтод андар хонақаҳ,
К-имшабон луту самоъ асту шараҳ.
Чанд аз ин сабру аз ин серӯза? Чанд?
Чанд аз ин занбилу ин дарюза? Чанд?
Мо ҳам аз халқему ҷон дорем мо,
Давлат имшаб меҳмон дорем мо».
Тухми ботилро аз он мекоштанд,
К-он ки он ҷон нест, ҷон пиндоштанд.
В-он мусофир низ аз роҳи дароз
Хаста буду дид он иқболу ноз.
Сӯфиёнаш як ба як бинвохтанд,
Нарди хидматҳои хуш мебохтанд.
Гуфт, чун медид майлоншон ба вай:
«Гар тараб имшаб нахоҳам кард, кай?»
Лут хӯрданду самоъ оғоз кард,
Хонақаҳ то сақф шуд пурдуду гард.
Дуди матбах, гирди он по кӯфтан,
З-иштиёқу ваҷд ҷон ошуфтан.

Гоҳ дастафшон қадам мекӯфтанд,
Гаҳ ба саҷда суффаро мерӯфтанд.
Дер ёбад сӯфӣ оз аз рӯзгор,
З-он сабаб сӯфӣ бувад бисёрхор.
Ҷуз магар он сӯфие, к-аз нури Ҳақ
Сер хӯрд, ӯ фориғ аст аз нанги дақ.
Аз ҳазорон андаке з-ин сӯфиянд,
Боқиён дар давлати ӯ мезиянд.
Чун самоъ омад зи аввал то карон,
Мутриб оғозид як зарби гарон:
«Хар бирафту хар бирафт» оғоз кард,
З-ин ҳарора ҷумларо анбоз кард.
З-ин ҳарора пойкӯбон то саҳар
Кафзанон: «Хар рафту хар рафт, эй писар».
Аз раҳи тақлид он сӯфӣ ҳамин
«Хар бирафт» оғоз кард андар ҳанин».
Чун гузашт он нӯшу ҷӯшу он самоъ,
Рӯз гашту ҷумла гуфтанд: «Алвадоъ».
Хонақаҳ холӣ шуду сӯфӣ бимонд,
Гард аз рахт он мусофир менишонд.
Рахт аз ҳуҷра бурун овард ӯ,
То ба хар барбандад он ҳамроҳҷӯ.
То расад дар ҳамраҳон, ӯ мешитофт,
Рафт дар охур, хари худро наёфт.
Гуфт: «Он ходим ба обаш бурдааст,
З-он ки хар дӯш об камтар хӯрдааст».
Ходим омад. Гуфт сӯфӣ: «Хар куҷост?»
Гуфт ходим: «Риш бин». Ҷанге бихост.
Гуфт: «Ман харо ба ту биспурдаам,
Ман туро бар хар муваккал кардаам.
Аз ту хоҳам, он чи ман додам ба ту,
Боздеҳ, он чи фиристодам ба ту.
Баҳс бо тавҷеҳ кун, ҳуҷҷат маёр,
Он чи ман биспурдамат, вопас супор!
Гуфт пайғамбар, ки дастат ҳар чӣ бурд,
Боядаш дар оқибат вопас супурд.
В-ар найӣ аз саркашӣ розӣ бад-ин,
Нак ману ту, хонаи қозии дин!»

Гуфт: «Ман мағлуб будам, сӯфиён
Ҳамла овардanду будам бими ҷон.
Ту ҷигарбанде миёни гурбагон
Андарандозию ҷӯйӣ з-он нишон?!
Дар миёни сад гурусна гирдае,
Пеши сад саг гурбаи пажмурдае».
Гуфт: «Гирам, к-аз ту зулман бистаданд,
Қосиди хуни мани мискин шуданд,
Ту наёию нагӯйӣ мар маро?
Ки харатро мебаранд, эй бенаво.
То хар аз ҳар кӣ бувад, ман вохарам
В-арна, тавзеъе кунанд эшон зарам.
Сад тадорук буд, чун ҳозир буданд,
Ин замон ҳар як ба иқлиме шуданд.
Ман киро гирам? Киро қозӣ барам?
Ин қазо худ аз ту омад бар сарам.
Чун наёию нагӯйӣ, эй ғариб!
Пеш омад инчунин зулме маҳиб?»
Гуфт: «Валлаҳ, омадам ман борҳо,
То туро воқиф кунам з-ин корҳо.
Ту ҳамегуфтӣ, ки «хар рафт, эй писар»,
Аз ҳама гӯяндагон бозавқтар.
Боз мегаштам, ки ӯ худ воқиф аст,
З-ин қазо розист, марде ориф аст.
Гуфт: «Онро ҷумла мегуфтанд х(в)аш,
Мар маро ҳам завқ омад, гуфтанаш.
Мар маро тақлидашон бар бод дод,
Ки дусад лаънат бар он тақлид бод!
Хоса тақлиди чунин беҳосилон
Хашми Иброҳим бо бар офилон.
Акси завқи он ҷамоат мезадӣ,
В-ин дилам з-он акс завқӣ мешудӣ».
Акси чандон бояд аз ёрони х(в)аш,
Ки шавӣ аз баҳри беакс обкаш.
Акс, к-аввал зад, ту он тақлид дон,
Чун паёпай шуд, шавад таҳқиқ он.
То нашуд таҳқиқ, аз ёрон мабур,
Аз садаф магсил, нагашт он қатра дур.

Соф хоҳӣ чашму ақлу самъро,
Бардарон ту пардаҳои тамъро.
З-он ки он тақлиди сӯфӣ аз тамаъ
Ақли ӯ барбаст аз нуру лумаъ.
Тамъи луту тамъи он завқу самоъ
Монеъ омад ақли ӯро з-иттилоъ.
Гар тамаъ дар ойина барҷостӣ,
Дар нифоқ он ойина чун мостӣ.
Гар тарозуро тамаъ будӣ ба мол,
Рост кай гуфтӣ тарозу васфи ҳол?
Ҳар набие гуфт бо қавм аз сафо:
Ман нахоҳам музди пайғом аз шумо.
Ман далелам, Ҳақ шуморо муштарӣ,
Дод Ҳақ даллолиям ҳардусарӣ.
Чист музди кори ман? Дидори ёр,
Гарчи худ Бӯбакр бахшад чил ҳазор.
Чил ҳазори ӯ набошад музди ман,
Кай бувад шибҳи шаба дурри Адан?
Як ҳикоят гӯямат, бишнав ба ҳуш,
То бидонӣ, ки тамаъ шуд банди гӯш.
Ҳар киро бошад тамаъ, алкан шавад,
Бо тамаъ кай чашму дил равшан шавад?
Пеши чашми ӯ хаёли ҷоҳу зар
Ҳамчунон бошад, ки мӯй андар басар.
Ҷуз магар мастӣ, ки аз Ҳақ пур бувад,
Гарчи бидҳӣ ганҷҳо, ӯ ҳур бувад.
Ҳар кӣ аз дидор бархурдор шуд,
Ин ҷаҳон дар чашми ӯ мурдор шуд.
Лек он сӯфӣ зи мастӣ дур буд,
Лоҷарам дар ҳирс ӯ шабкӯр буд.
Сад ҳикоят бишнавад мадҳуши ҳирс,
Дарнаёяд нуктае дар гӯши ҳирс.

## Таъриф кардани мунодиёни қозӣ муфлисро гирди шаҳр

Буд шахсе, муфлисе, бехонумон,
Монда дар зиндону банди беамон.

Луқмаи зиндониён хӯрдӣ газоф
Бар дили халқ аз тамаъ чун кӯҳи Қоф.
Заҳра на касро, ки луқмай нон х(в)арад,
З-он ки он луқмарабо говаш барад.
Ҳар кӣ дур аз даъвати раҳмон бувад,
Ӯ гадочашм аст, агар султон бувад.
Мар мурувватро ниҳода зери по,
Гашта зиндон дӯзахе з-он нонрабо.
Гар гурезӣ бар умеди роҳате,
Он тараф ҳам пешат ояд офате.
Ҳеч кунҷе бе даду бе дом нест,
Ҷуз ба хилватгоҳи Ҳақ ором нест.
Кунҷи зиндони ҷаҳони ногузир
Нест бе помузду бе даққулҳасир.
Валлаҳ, ар сӯрохи муше дарравӣ,
Мубталои гурбачанголе шавӣ.
Одамиро фарбиҳӣ ҳаст аз хаёл,
Гар хаёлоташ бувад соҳибҷамол.
В-ар хаёлоташ намояд нох(в)аше,
Мегудозад ҳамчу мум аз оташе.
Дар миёни мору каждум гар туро
Бо хаёлоти хушон дорад Худо.
Мору каждум мар туро мӯнис бувад,
К-он хаёлат кимиёи мис бувад.
Сабр ширин аз хаёли хуш шудаст,
К-он хаёлоти фараҷ пеш омадаст.
Он фараҷ зояд зи имон дар замир,
Заъфи имон, ноумедию заҳир.
Сабр аз имон биёбад саркулаҳ,
«Ҳайсу ло сабра фало имона лаҳ».
Гуфт пайғамбар: «Худош имон надод,
Ҳар киро сабре набошад дар ниҳод».
Он яке дар чашми ту бошад чу мор,
Ҳам вай андар чашми он дигар нигор.
З-он ки дар чашмат хаёли куфри ӯст
В-он хаёли муъмине дар чашми дӯст.
К-андар ин як шахс ҳар ду феъл ҳаст,
Гоҳ моҳӣ бошад ӯву гоҳ шаст.

Ними ӯ муъмин бувад, нимеш габр,
Ними ӯ ҳирсоварӣ, нимеш сабр.
Гуфт Яздонат: «фа минкум муъминун»,
Боз «минкум кофирун» габри куҳун.
Ҳамчу гове, нимаи чаппаш сиёҳ,
Нимаи дигар сапеди ҳамчу моҳ.
Ҳар кӣ ин нима бибинад, рад кунад,
Ҳар кӣ он нима бибинад, кад кунад.
Юсуф андар чашми ихвон чун сутур,
Ҳам вай андар чашми яъқубӣ чу ҳур.
Аз хаёли бад мар ӯро зишт дид,
Чашми фаръу чашми аслӣ нопадид.
Чашми зоҳир сояи он чашм дон,
Ҳар чӣ он бинад, бигардад ин бад-он.
Ту маконӣ, асли ту дар ломакон,
Ин дукон барбанду бикшо он дукон.
Шаш ҷиҳат магрез, зеро дар ҷиҳот
Шашдара-сту шашдара мот асту мот.

## Шикоят кардани аҳли зиндон пеши вакили қозӣ аз дасти он муфлис

Бо вакили қозии идрокманд
Аҳли зиндон дар шикоят омаданд,
Ки саломи мо ба қозӣ бар кунун,
Бозгӯ озори мо з-ин марди дун,
К-андар ин зиндон бимонд ӯ мустамир,
Ёватозу таблхор асту музир.
Чун магас ҳозир шавад дар ҳар таъом
Аз вақоҳат, бесалову бесалом.
Пеши ӯ ҳеч аст лути шаст кас,
Кар кунад худро, агар гӯйӣ-ш бас.
Марди зиндонро наёяд луқмае
В-ар ба сад ҳилат кушояд туъмае.
Дарзамон пеш ояд он дӯзахгулӯ,
Ҳуҷҷаташ ин ки Худо гуфто: «Кулу».
З-ин чунин қаҳти сесола дод дод,
Зилли мавлоно абад поянда бод.

Ё зи зиндон то равад ин говмеш,
Ё вазифа кун зи вақфе луқмаеш.
Эй зи ту хуш ҳам зукуру ҳам унос,
Дод кун, «ал-мустағос, ал-мустағос».
Сӯйи қозӣ шуд вакили бонамак,
Гуфт бо қозӣ шикоят як ба як.
Хонд ӯро қозӣ аз зиндон ба пеш,
Пас тафаҳҳус кард аз аъёни хеш.
Гашт собит пеши қозӣ он ҳама,
Ки намуданд аз шикоят он рама.
Гуфт қозӣ: «Хез, аз ин зиндон бирав,
Сӯйи хонай мурдареги хеш шав».
Гуфт: «Хону мони ман эҳсони туст,
Ҳамчу кофир ҷаннатам зиндони туст.
Гар зи зиндонам биронӣ ту ба рад,
Худ бимирам ман зи тақсирею гад».
Ҳамчу Иблисе, ки мегуфт: «Эй салом,
«Рабби анзирнӣ ило явми-л-қиём»,
К-андар ин зиндони дунё ман хушам,
То ки душманзодагонро мекушам.
Ҳар кӣ ӯро қути имоне бувад
В-аз барои зоди раҳ ноне бувад,
Меситонам гаҳ ба макру гаҳ ба рев,
То бароранд аз пушаймонӣ ғирев.
Гаҳ ба дарвешӣ кунам таҳдидашон,
Гаҳ ба зулфу хол бандам дидашон».
Қути имоне дар ин зиндон кам аст,
В-он ки ҳаст, аз захми ин саг дар хам аст.
Аз намозу савму сад бечорагӣ
Қути завқ ояд, барад якборагӣ.
«Истаъизуллоҳ мин шайтониҳи,
Қад ҳалакно, оҳ мин туғёниҳи».
Як саг асту дар ҳазорон меравад,
Ҳар кӣ дар вай рафт ӯ, ӯ мешавад.
Ҳар кӣ сардат кард, медон, к-ӯ дар ӯст,
Дев пинҳон гашта андар зери пӯст.
Чун наёбад сурат, ояд дар хаёл,
То кашонад он хаёлат дар вубол.

Гаҳ хаёли фурҷаву гоҳе дукон,
Гаҳ хаёли илму гоҳе хону мон.
Ҳон, бигӯ лоҳавлҳо андар замон,
Аз забон танҳо на, бал к-аз айни ҷон.
Гуфт қозӣ: «Муфлисиро вонамо»,
Гуфт: «Инак аҳли зиндонат гуво».
Гуфт: «Эшон муттаҳам бошанд чун
Мегурезанд аз ту, мегирянд хун.
В-аз ту мехоҳанд ҳам, то вораҳанд,
З-ин ғараз ботил гувоҳӣ медиҳанд».
Ҷумла аҳли маҳкама гуфтанд: «Мо
Ҳам бар идбору бар ифлосаш гуво».
Ҳар киро пурсид қозӣ ҳоли ӯ,
Гуфт: «Мавло, даст аз ин муфлис бишӯ».
Гуфт қозӣ, к-аш бигардонед фош
Гирди шаҳр, ин муфлис асту бас қалош.
Кӯ ба кӯ ӯро мунодоҳо занед,
Табли ифлосаш аён ҳар ҷо занед.
Ҳеч кас нася бинафрӯшад бад-ӯ,
Қарз надҳад ҳеч кас ӯро тасу.
Ҳар кӣ даъво орадаш ин ҷо ба фан,
Беш зиндонаш нахоҳам кард ман.
Пеши ман ифлоси ӯ собит шудаст,
Нақду коло, несташ чизе ба даст».
Одамӣ дар ҳабси дунё з-он бувад,
То бувад, к-ифлоси ӯ собит шавад.
Муфлисии девро Яздони мо
Ҳам мунодӣ кард дар Қуръони мо,
К-ӯ дағову муфлис асту бадсухун,
Ҳеч бо ӯ ширкату савдо макун.
В-ар кунӣ, ӯро баҳона оварӣ,
Муфлис аст ӯ, сарфа аз вай кай барӣ?
Ҳозир оварданд, чун фитна фарӯхт,
Уштури курде, ки ҳезум мефурӯхт.
Курди бечора басе фарёд кард,
Ҳам муваккалро ба донге шод кард.
Уштураш бурданд аз ҳангоми чошт
То шабу афғони ӯ суде надошт.

Бар шутур биншаст он қаҳти гарон,
Соҳиби уштур пайи уштур давон.
Сӯ ба сӯву кӯ ба кӯ метохтанд,
То ҳама шаҳраш аён бишнохтанд.
Пеши ҳар ҳаммому ҳар бозоргаҳ,
Карда мардум ҷумла дар шаклаш нигаҳ.
Даҳ мунодигар баландовозиён,
Турку курду румиёну тозиён:
«Муфлис аст ину надорад ҳеч чиз,
Қарз то надҳад кас ӯро як пашиз.
Зоҳиру ботин надорад ҳаббае,
Муфлисе, қалбе, дағое, даббае.
Ҳону ҳон, бо ӯ ҳарифӣ кам кунед,
Чунки гов орад, гираҳ муҳкам кунед.
В-ар ба ҳукм оред ин пажмурдаро,
Ман нахоҳам кард зиндон мурдаро.
Хушдам аст ӯву гулӯяш бас фарох,
Бо шиори нав, дисори шох-шох.
Гар бипӯшад баҳри макр он ҷомаро,
Ория-ст он, то фиребад омаро».
Ҳарфи ҳикмат бар забони ноҳаким,
Ҳуллаҳои орият дон, эй салим.
Гарчи дузде ҳуллае пӯшидааст,
Дасти ту чун гирад он, бибридадаст?
Чун шабона аз шутур омад ба зер,
Курд гуфташ: «Манзилам дур асту дер.
Барнишастӣ уштурамро аз пагоҳ,
Ҷав раҳо кардам, кам аз ихроҷи коҳ!»
Гуфт: «То акнун чӣ мекардем пас?
Ҳуши ту ку? Нест андар хона кас?
Табли ифлосам ба чархи собиъа
Рафту ту нашнидаӣ бад воқиъа?
Гӯши ту пур будааст аз тамъи хом,
Пас тамаъ кар мекунад кӯр, эй ғулом!
То кулӯху санг бишнид ин баён:
Муфлис асту муфлис аст ин қалтабон».
То ба шаб гуфтанду дар соҳибшутур
Бар назад, к-ӯ аз тамаъ пур буд, пур.

Ҳаст бар самъу ба сар мӯҳри Худо,
Дар ҳуҷуб бас сурат асту бас садо.
Ончи ӯ хоҳад, расонад он ба чашм
Аз ҷамолу аз камолу аз карашм.
В-он чӣ ӯ хоҳад, расонад он ба гӯш
Аз самоъу аз башорат в-аз хурӯш.
Кавн пурчорасту ҳечат чора не,
То ки накшояд Худоят равзане.
Гарчи ту ҳастӣ кунун ғофил аз он,
Вақти ҳоҷат Ҳақ кунад онро аён.
Гуфт пайғамбар, ки Яздони маҷид
Аз пайи ҳар дард дармон офарид.
Лек з-он дармон набинӣ рангу бӯ
Баҳри дарди хеш, бе фармони ӯ.
Чашмро, эй чораҷӯ, дар ломакон,
Ҳин, бинеҳ, чун чашми кушта сӯйи ҷон.
Ин ҷаҳон аз беҷиҳат пайдо шудаст,
Ки зи беҷоӣ ҷаҳонро ҷо шудаст.
Бозгард аз ҳаст сӯйи нестӣ,
Толиби раббию раббонистӣ.
Ҷойи дахл аст ин адам, аз вай марам,
Ҷойи харҷ аст ин вуҷуди бешу кам.
Коргоҳи сунъи Ҳақ чун нестист,
Ҷуз муаттал дар ҷаҳони ҳаст кист?
Ёд деҳ моро суханҳои дақиқ,
Ки туро раҳм оварад он, эй рафиқ!
Ҳам дуъо аз ту, иҷобат ҳам зи ту,
Эминӣ аз ту, маҳобат ҳам зи ту.
Гар хато гуфтем, ислоҳаш ту кун,
Муслиҳӣ ту, эй ту султони сухун.
Кимиё дорӣ, ки табдилаш кунӣ,
Гарчи ҷӯйи хун бувад, Нилаш кунӣ.
Инчунин миногариҳо кори туст,
Инчунин иксирҳо асрори туст.
Оброву хокро бар ҳам задӣ,
З-обу гил нақши тани Одам задӣ.
Нисбаташ додию ҷуфту холу ам,
Бо ҳазор андешаву шодию ғам.

Боз баъзеро раҳоӣ додаӣ,
З-ин ғаму шодӣ ҷудоӣ додаӣ.
Бурдаӣ аз хешу пайванду сиришт,
Кардаӣ дар чашми ӯ ҳар хуб зишт.
Ҳар чӣ маҳсус аст, ӯ рад мекунад,
В-он чи нопайдост, маснад мекунад.
Ишқи ӯ пайдову маъшуқаш ниҳон,
Ёр берун, фитнаи ӯ дар ҷаҳон.
Ин раҳо кун, ишқҳои суратӣ
Нест бар сурат, на бар рӯйи сатӣ.
Он чи маъшуқ аст, сурат нест он,
Хоҳ ишқи ин ҷаҳон, хоҳ он ҷаҳон.
Он чи бар сурат ту ошиқ гаштаӣ,
Чун бурун шуд ҷон, чарояш ҳиштаӣ?
Сураташ барҷост, ин серӣ зи чист?
Ошиқо, воҷӯ, ки маъшуқи ту кист?
Он чи маҳсус аст, агар маъшуқа аст,
Ошиқастӣ ҳар кӣ ӯро ҳисс ҳаст.
Чун вафо он ишқ афзун мекунад,
Кай вафо сурат дигаргун мекунад?
Партави хуршед бар девор тофт,
Тобиши ориятӣ девор ёфт.
Бар кулӯхе дил чӣ бандӣ, эй салим,
Воталаб асле, ки тобад ӯ муқим.
Эй ки ту ҳам ошиқӣ бар ақли хеш,
Хеш бар суратпарастон дида беш.
Партави ақл аст он бар ҳисси ту,
Орият медон заҳаб бар мисси ту.
Чун зарандуд аст хубӣ дар башар
В-арна чун шуд шоҳиди ту пирхар?
Чун фаришта буд, ҳамчун дев шуд,
К-он малоҳат, к-андар ӯ ория буд.
Андак-андак меситонанд он ҷамол,
Андак-андак хушк мегардад ниҳол.
Рав «нуъаммирҳу нунаккисҳу» бихон,
Дил талаб кун, дил манеҳ бар устухон,
К-он ҷамоли дил ҷамоли боқӣ аст,
Давлаташ аз Оби Ҳайвон соқӣ аст.

Худ ҳам ӯ об асту ҳам соқию маст,
Ҳар се як шуд, чун тилисми «ту» шикаст.
Он якеро ту надонӣ аз қиёс,
Бандагӣ кун, жож кам хо, ношинос.
Маънии ту сурат асту орият,
Бар муносиб шодию бар қофият.
Маънӣ он бошад, ки бистонад туро,
Бениёз аз нақш гардонад туро.
Маънӣ он набвад, ки кӯру кар кунад,
Мардро бар нақш ошиқтар кунад.
Кӯрро қисмат хаёли ғамфизост,
Баҳраи чашм ин хаёлоти фаност.
Ҳарфи Қуръонро зарирон маъдананд,
Хар набинанду ба полон барзананд.
Чун ту биноӣ, пайи хар рав, ки ҷаст,
Чанд полон дӯзӣ, эй полонпараст?!
Хар чу ҳаст, ояд яқин полон туро,
Кам нагардад нон, чу бошад ҷон туро.
Пушти хар дуккону молу максаб аст,
Дурри қалбат мояи сад қолаб аст.
Хар бараҳна барнишин, эй булфузул,
Хар бараҳна, не ки рокиб шуд расул?
«Ан-набиййу қад ракиб муърав риё,
Ва-н-набиййу қила софар мошиё».
Шуд хари нафси ту бар мехеш банд,
Чанд бигрезад зи кору бор? Чанд?
Бори сабру шукр ӯро бурданист,
Хоҳ дар сад солу хоҳӣ сию бист.
Ҳеч возир визри ғайре барнадошт,
Ҳеч кас надруд, то чизе накошт.
Тамъи хом аст, он махур хом, эй писар,
Хом хӯрдан иллат орад дар башар,
К-он фалонӣ ёфт ганҷи ногаҳон,
Ман ҳамон хоҳам, ма кору ма дукон.
Кори бахт аст ону он ҳам нодир аст,
Касб бояд кард, то тан қодир аст.
Касб кардан ганҷро монеъ кай аст?
По макаш аз кор, он худ дар пай аст.

То нагардӣ ту гирифтори «агар»,
Ки агар ин кардаме ё он дигар,
К-аз агар гуфтан расули бовифоқ
Манъ карду гуфт: «Он ҳаст аз нифоқ»,
К-он мунофиқ дар агар гуфтан бимурд
В-аз агар гуфтан ба ҷуз ҳасрат набурд.

## Масал

Он ғарибе хона меҷуст аз шитоб,
Дӯсте бурдаш суйи хонай хароб.
Гуфт ӯ: «Инро агар сақфе будӣ,
Паҳлуи ман мар туро маскан шудӣ.
Ҳам аёли ту биёсудӣ, агар
Дар миёна доштӣ ҳуҷрай дигар».
Гуфт: «Оре. Паҳлуйи ёрон беҳ аст,
Лек, эй ҷон, дар агар натвон нишаст».
Ин ҳама олам талабгори х(в)ашанд,
В-аз хуши тазвир андар оташанд.
Толиби зар гашта ҷумла пиру хом,
Лек қалб аз зар надонад чашми ом.
Партаве бар қалб зад, холис бибин,
Бемиҳак зарро макун аз зан(н) гузин.
Гар миҳак дорӣ, гузин кун в-арна рав
Назди доно хештанро кун гарав.
Ё миҳак бояд миёни ҷони хеш
В-ар надонӣ раҳ, марав танҳо ту пеш.
Бонги ғӯлон ҳаст бонги ошно,
Ошное, ки кашад сӯйи фано.
Бонг медорад, ки ҳон, эй корвон!
Сӯйи ман оед, нак роҳу нишон!
Номи ҳар як мебарад ғӯл: «Эй фалон!»
То кунад он хоҷаро аз офилон.
Чун расад он ҷо, бибинад гургу шер,
Умр зоеъ, роҳ дуру рӯз дер.
Чун бувад он бонги ғӯл? Охир, бигӯ:
«Мол хоҳам, ҷоҳ хоҳам в-обрӯ».
Аз даруни хеш ин овозҳо
Манъ кун, то кашф гардад розҳо.

Зикри Ҳақ кун, бонги ғӯлонро бисӯз,
Чашми наргисро аз ин каргас бидӯз.
Субҳи козибро зи содиқ вошинос,
Ранги майро боздон аз ранги кос.
То бувад, к-аз дидагони ҳафтранг
Дидае пайдо кунад сабру диранг.
Рангҳо бинӣ ба ҷуз ин рангҳо,
Гавҳарон бинӣ ба ҷойи сангҳо.
Гавҳаре чӣ, балки дарёе шавӣ,
Офтоби чархпаймое шавӣ.
Коркун дар коргаҳ бошад ниҳон,
Ту бирав, дар коргаҳ бинаш аён.
Кор чун бар коркун парда танид,
Хориҷи он кор натвонӣ-ш дид.
Коргаҳ чун ҷойи боши омил аст,
Он ки берун аст, аз вай ғофил аст.
Пас, даро дар коргаҳ, яъне адам,
То бибинӣ сунъу сонеъро ба ҳам.
Коргаҳ чун ҷойи равшандидагист,
Пас буруни коргаҳ пӯшидагист.
Рӯ ба ҳастӣ дошт Фиръавни ануд,
Лоҷарам аз коргоҳаш кӯр буд.
Лоҷарам мехост табдили қадар,
То қазоро бозгардонад зи дар.
Худ қазо бар сиблати он ҳиламанд,
Зери лаб мекард ҳар дам ришханд.
Сад ҳазорон тифл кушт ӯ бегуноҳ,
То бигардад ҳукму тақдири Илоҳ,
То ки Мӯсои набӣ н-ояд бурун,
Кард дар гардан ҳазорон зулму хун.
Он ҳама хун карду Мӯсо зода шуд
В-аз барои қаҳри ӯ омода шуд.
Гар бидидӣ коргоҳи лоязол,
Дасту пояш хушк гаштӣ з-эҳтиёл.
Андаруни хонааш Мӯсо муъоф
В-аз бурун мекушт тифлонро газоф.
Ҳамчу соҳибнафс, к-ӯ тан парварад,
Бар дигар кас занни ҳиқде мебарад,

К-ин адувву он ҳасуду душман аст,
Худ ҳасуду душмани ӯ он тан аст.
Ӯ чу Фиръавну танаш Мӯсии ӯ,
Ӯ ба берун медавад, ки ку адӯ?
Нафсаш андар хонаи тан нозанин,
Бар дигар кас даст мехояд ба кин.

## Маломат кардани мардум шахсеро, ки модарашро кушт ба туҳмат

Он яке аз хашм модарро бикушт
Ҳам ба захми ханҷару ҳам захми мушт.
Он дигар гуфташ, ки аз бадгавҳарӣ
Ёд н-овардӣ ту ҳаққи модарӣ.
Ҳай, ту модарро чаро куштӣ? Бигӯ,
Ӯ чӣ кард охир? Бигӯ, эй зиштхӯ!
Гуфт: «Коре кард, к-он ори вай аст,
Куштамаш, к-он хок саттори вай аст».
Гуфт: «Он касро бикуш, эй муҳташам!»
Гуфт: «Пас, ҳар рӯз мардеро кушам?
Куштам ӯро, растам аз хунҳои халқ,
Нойи ӯ буррам, беҳ аст аз нойи халқ».
Нафси туст он модари бадхосият,
Ки фасоди ӯст дар ҳар ноҳият.
Ҳин, бикуш ӯро, ки бахри он данӣ
Ҳар даме қасди азизе мекунӣ.
Аз вай ин дунёи хуш бар туст танг,
Аз пайи ӯ бо Ҳаку бо халқ ҷанг.
Нафс куштӣ, бозрастӣ з-эътизор,
Кас туро душман намонад дар диёр.
Гар шикол орад касе бар гуфти мо
Аз барои анбиёву авлиё,
К-анбиёро не ки нафси кушта буд?
Пас, чарошон душманон буду ҳасуд?
Гӯш неҳ ту, эй талабкори савоб,
Бишнав ин ишколу шубҳатро ҷавоб:
Душмани худ будаанд он мункирон,
Захм бар худ мезаданд эшон чунон.

Душман он бошад, ки қасди ҷон кунад,
Душман он набвад, ки худ ҷон меканад.
Нест хуффошак адувви офтоб,
Ӯ адувви хеш омад дар ҳиҷоб.
Тобиши хуршед ӯро мекушад,
Ранҷи ӯ хуршед ҳаргиз кай кашад?
Душман он бошад, к-аз ӯ ояд азоб,
Монеъ ояд лайлро аз офтоб.
Монеъи хешанд ҷумлай кофирон
Аз шуои ҷавҳари пайғамбарон.
Кай ҳиҷоби чашми он фарданд халқ?
Чашми худро кӯру каж карданд халқ.
Чун ғуломи ҳиндуе, к-ӯ кин кашад,
Аз ситезай хоҷа худро мекушад.
Сарнигун меафтад аз боми саро,
То зиёне карда бошад хоҷаро.
Гар шавад бемор душман бо табиб
В-ар кунад кӯдак адоват бо адиб,
Дар ҳақиқат раҳзани ҷони х(в)аданд,
Роҳи ақлу ҷони худро худ заданд.
Гозуре гар хашм гирад з-офтоб,
Моҳие гар хашм мегирад зи об,
Ту яке бингар, киро дорад зиён?
Оқибат кӣ б-вад сиёҳахтар аз он?
Гар туро Ҳақ офаринад зиштрӯ,
Ҳон, машав ҳам зиштрӯ, ҳам зиштхӯ.
В-ар бурад кафшат, марав дар санглох
В-ар ду шох астат, машав ту чоршох.
Ту ҳасудӣ, к-аз фалон ман камтарам,
Мефизояд камтарӣ дар ахтарам.
Худ ҳасад нуқсону айбе дигар аст,
Балки аз ҷумла камиҳо баттар аст.
Он Билис аз нангу ори камтарӣ
Хешро афканд дар сад абтарӣ.
Аз ҳасад мехост, то боло бувад,
Худ чӣ боло? Балки хунполо бувад.
Он Абӯҷаҳл аз Муҳаммад нанг дошт
В-аз ҳасад худро ба боло мефарошт.

Булҳикам номаш буду Бӯҷаҳл шуд,
Эй басо аҳл аз ҳасад ноаҳл шуд.
Ман надидам дар ҷаҳони ҷустуҷӯ
Ҳеч аҳлийят беҳ аз хӯйи накӯ.
Анбиёро восита з-он кард Ҳақ,
То падид ояд ҳасадҳо дар қалақ.
З-он ки касро аз Худо оре набуд,
Ҳосиди Ҳақ хеч дайёре набуд.
Он касе, к-аш мисли худ пиндоштӣ,
З-он сабаб бо ӯ ҳасад бардоштӣ.
Чун муқаррар шуд бузургии расул,
Пас, ҳасад н-ояд касеро аз қабул.
Пас, ба ҳар давре валийе қоим аст,
То қиёмат озмоиш доим аст.
Ҳар киро хӯйи накӯ бошад, бираст,
Ҳар касе, к-ӯ шишадил бошад, шикаст.
Пас, имоми ҳаққи қоим он валист,
Хоҳ аз насли Умар, хоҳ аз Алист.
Маҳдию ҳодӣ вай аст, эй роҳҷӯ,
Ҳам ниҳону ҳам нишаста пеши рӯ.
Ӯ чу нур асту хирад Ҷабрили ӯст
В-он валии кам аз ӯ қандили ӯст.
В-он ки з-ин қандил кам, мишкоти мост,
Нурро дар мартаба тартибҳост.
З-он ки ҳафсад парда дорад нури Ҳақ,
Пардаҳои нур дон чандин табақ.
Аз паси ҳар парда қавмеро мақом,
Саф - сафанд ин пардаҳошон то имом.
Аҳли саффи охирин аз заъфи хеш
Чашмашон тоқат надорад нури беш.
В-он сафи пеш аз заъифии басар
Тоб н-орад рӯшноӣ бештар.
Равшание, к-ӯ ҳаёти аввал аст,
Ранҷи ҷону фитнаи ин аҳвал аст.
Аҳвалиҳо андак-андак кам шавад,
Чун зи ҳафсад бигзарад, ӯ ям шавад.
Оташе, к-ислоҳи оҳан ё зар аст,
Кай салоҳи обию себи тар аст?

Себу обӣ хомие дорад хафиф,
Не чу оҳан тобише хоҳад латиф.
Лек оҳанро латиф он шуълаҳост,
К-ӯ ҷазуби тобиши он аждаҳост.
Ҳаст он оҳан фақири сахткаш,
Зери путку оташ аст ӯ сурху х(в)аш.
Ҳоҷиби оташ бувад бевосита,
Дар дили оташ равад беробита.
Бе ҳиҷобе обу фарзандони об
Пухтагӣ з-оташ наёбанду хитоб.
Восита деге бувад ё тобае,
Ҳамчу поро дар равиш потобае,
Ё маконе дар миён, то он ҳаво
Мешавад сӯзону меорад ба мо.
Пас, фақир он аст, к-ӯ бевосита-ст,
Шуълаҳоро бо вуҷудаш робита-ст.
Пас, дили олам вай аст, эро ки тан
Мерасад аз воситай ин дил ба фан.
Дил набошад, тан чӣ донад гуфтугӯ?
Дил наҷӯяд, тан чӣ донад ҷустуҷӯ?
Пас назаргоҳи шуоъ он оҳан аст,
Пас, назаргоҳи Худо дил, на тан аст.
Боз ин дилҳои ҷузвӣ чун тан аст,
Бо дили соҳибдиле, к-ӯ маъдан аст.
Бас мисолу шарҳ хоҳад ин калом,
Лек тарсам, то налағзад вахми ом.
То нагардад некуии мо бадӣ,
Ин ки гуфтам, ҳам набуд ҷуз бех(в)адӣ.
Пойи кажро кафши каж беҳтар бувад,
Мар гадоро дастгаҳ бар дар бувад.

## Имтиҳони подшоҳ ба он ду ғулом, ки навхарида буд

Подшоҳе ду ғулом арзон харид,
Бо яке з-он ду сухан гуфту шунид.
Ёфташ зиракдилу ширинҷавоб,
Аз лаби шаккар чӣ зояд? Шаккароб.

Одамӣ махфист дар зери забон,
Ин забон пардаст бар даргоҳи ҷон.
Чунки боде пардаро дарҳам кашид,
Сирри саҳни хона шуд бар мо падид,
К-андар он хона гуҳар ё гандум аст?
Ганҷи зар ё ҷумла мору каждум аст?
Ё дар ӯ ганҷ асту море бар карон?
З-он ки набвад ганҷи зар бепосбон.
Бетааммул, ӯ сухан гуфтӣ чунон,
К-аз паси понсад тааммул дигарон.
Гуфтие дар ботинаш дарёстӣ,
Ҷумла дарё гавҳари гӯёстӣ.
Нури ҳар гавҳар, к-аз ӯ тобон шудӣ,
Ҳаққу ботилро аз ӯ фурқон шудӣ.
Нури Фурқон фарқ кардӣ баҳри мо
Зарра-зарра ҳаққу ботилро ҷудо.
Нури гавҳар нури чашми мо шудӣ,
Ҳам суолу ҳам ҷавоб аз мо будӣ.
Чашм каж кардӣ, ду дидӣ қурси моҳ,
Чун суол аст ин назар дар иштибоҳ.
Рост гардон чашмро дар моҳтоб,
То яке бинӣ ту маҳро, нак, ҷавоб.
Фикратат, ки каж мабин, некӯ нигар,
Ҳаст ҳам нуру шуои он гуҳар.
Ҳар ҷавобе, к-он зи гӯш ояд ба дил,
Чашм гуфт: «Аз ман шунав, онро биҳил».
Гӯш даллола-сту чашм аҳли висол,
Чашм соҳибҳолу гӯш асҳоби қол.
Дар шунуди гӯш табдили сифот,
Дар аёни дидаҳо табдили зот.
З-оташ ар илмат яқин шуд дар сухун,
Пухтагӣ ҷӯ, дар яқин манзил макун.
То насӯзӣ, нест он айнуляқин,
Ин яқин хоҳӣ, дар оташ дарнишин.
Гӯш чун нофиз бувад, дида шавад,
В-арна «қул» дар гӯш печида шавад.
Ин сухан поён надорад, бозгард,
То ки шаҳ бо он ғуломонаш чӣ кард.

## Ба роҳ кардани шоҳ якеро аз он ду ғулом ва аз ин дигар пурсидан

Он ғуломакро чу дид аҳли зако,
Он дигарро кард ишорат, ки биё.
Кофи раҳмат гуфтамаш, тасғир нест,
Ҷад гувад: «Фарзандакам», таҳқир нест.
Чун биёмад он дувум дар пеши шоҳ,
Буд ӯ гандадаҳон, дандонсиёҳ.
Гарчи шаҳ нохуш шуд аз гуфтори ӯ,
Ҷустуҷӯе кард ҳам з-асрори ӯ.
Гуфт: «Бо ин шаклу ин ганди даҳон
Дур биншин, лек онсӯтар марон.
Ки ту аҳли номаву руқъа будӣ,
На ҷалису ёру ҳамбуқъа будӣ,
То илоҷи он даҳони ту кунем,
Ту ҳабибу мо табиби пурфанем.
Баҳри кайке навгилеме сӯхтан
Нест лоиқ аз ту дида дӯхтан.
Бо ҳама биншин, ду-се дастон бигӯ,
То бибинам сурати ақлат накӯ».
Он закиро пас фиристод ӯ ба кор
Сӯйи ҳаммоме, ки рав, худро бихор.
В-ин дигарро гуфт: «Хиҳ, ту зиракӣ,
Сад ғуломӣ дар ҳақиқат, на якӣ.
Он найӣ, ки хоҷатоши ту намуд,
Аз ту моро сард мекард он ҳасуд».
Гуфт: «Ӯ дузду каж асту кажнишин,
Ҳезу номарду чунин асту чунин».
Гуфт: «Пайваста будаст ӯ ростгӯ,
Ростгӯе ман надидастам чу ӯ.
Ростгӯйӣ дар ниҳодаш хилқатест,
Ҳар чӣ гӯяд, ман нагӯям: он тиҳист.
Каж надонам он накӯандешро,
Муттаҳам дорам вуҷуди хешро.
Бошад ӯ дар ман бибинад айбҳо,
Ман набинам дар вуҷуди худ, шаҳо!

Ҳар касе, к-ӯ айби худ дидӣ зи пеш,
Кай будӣ фориғ вай аз ислоҳи хеш?
Ғофиланд ин халқ аз худ, эй падар!
Лоҷарам гӯянд айби ҳамдигар.
Ман набинам рӯйи худро, эй шаман,
Ман бибинам рӯйи ту, ту рӯйи ман.
Он касе, ки ӯ бибинад рӯйи хеш,
Нури ӯ аз нури халқон аст беш.
Гар бимирад, диди ӯ боқӣ бувад,
З-он ки дидаш диди халлоқӣ бувад.
Нури ҳиссӣ набвад он нуре, ки ӯ
Рӯйи худ маҳсус бинад пеши рӯ.
Гуфт: «Акнун айбҳои ӯ бигӯ,
Ончунон ки гуфт ӯ аз айби ту.
То бидонам, ки ту ғамхори манӣ,
Кадхудои мулкату кори манӣ».
Гуфт: «Эй шаҳ, ман бигӯям айбҳош,
Гарчи ҳаст ӯ мар маро хуш хоҷатош.
Айби ӯ меҳру вафову мардумӣ,
Айби ӯ сидқу закову ҳамдамӣ.
Камтарин айбаш ҷавонмардию дод,
Он ҷавонмарде, ки ҷонро ҳам бидод».
Сад ҳазорон ҷон Худо карда падид,
Чӣ ҷавонмарде бувад, к-онро надид?
В-ар бидидӣ, кай ба ҷон бухлаш будӣ?
Баҳри як ҷон, кай чунин ғамгин шудӣ?
Бар лаби ҷӯ бухли об онро бувад,
К-ӯ зи ҷӯйи об нобино бувад.
Гуфт пайғамбар, ки ҳар кӣ аз яқин
Донад ӯ подоши худ дар явми дин,
Ки якеро даҳ иваз меоядаш,
Ҳар замон ҷуде дигаргун зоядаш.
Ҷуд ҷумла аз ивазҳо дидан аст,
Пас иваз дидан зиди тарсидан аст.
Бухл нодидан бувад аъвозро,
Шод дорад диди дур хаввозро.
Пас, ба олам ҳеч кас набвад бахил,
З-он ки кас чизе набозад бебадил.

Пас, сахо аз чашм омад, на зи даст,
Дид дорад кор, ҷуз бино нараст.
«Айби дигар ин ки худбин нест ӯ,
Ҳаст ӯ дар ҳастии худ айбҷӯ.
Айбгӯю айбҷӯйи х(в)ад будаст,
Бо ҳама некӯву бо худ бад будаст».
Гуфт шаҳ: «Ҷалдӣ макун дар мадҳи ёр,
Мадҳи худ дар зимни мадҳи ӯ маёр.
З-он ки ман дар имтиҳон орам варо,
Шармсорӣ оядат дар мовaро».

## Қасами ғулом дар сидқу вафои ёри худ аз таҳорати занни худ

Гуфт: «На, валлоҳи биллоҳи-л-азим,
Моликулмулку ба раҳмону раҳим.
Он Худое, ки фиристод анбиё
На ба ҳоҷат, бал ба фазлу кибриё.
Он Худованде, ки аз хоки залил
Офарид ӯ шаҳсаворони ҷалил.
Покашон кард аз мизоҷи хокиён,
Бигзаронид аз таги афлокиён.
Баргирифт аз нору нури соф сохт,
В-он гаҳ ӯ бар ҷумлаи анвор тохт.
Он санобарқе, ки бар арвоҳ тофт,
То ки Одам маърифат з-он нур ёфт.
Он к-аз Одам русту дасти Шис чид,
Пас халифаш кард Одам, к-он бидид.
Нӯҳ аз он гавҳар чу бархурдор буд,
Дар ҳавои баҳри ҷон дурбор буд.
Ҷони Иброҳим аз он анвори зафт
Беҳазар дар шуълаҳои нор рафт.
Чунки Исмоил дар ҷӯяш фитод,
Пеши дашнай обдораш сар ниҳод.
Ҷони Довуд аз шуоаш гарм шуд,
Оҳан андар дастбофаш нарм шуд.
Чун Сулаймон буд висолашро разеъ,
Дев гашташ бандафармону мутеъ.

Дар қазо Яъқуб чун бинҳод сар,
Чашм равшан кард аз бӯйи писар.
Юсуфи маҳрӯ чу дид он офтоб,
Шуд чунон бедор дар таъбири хоб.
Чун асо аз дасти Мӯсо об х(в)ард,
Мулкати Фиръавнро як луқма кард.
Нардбонаш Исии Марям чу ёфт,
Бар фарози гунбади чорум шитофт.
Чун Муҳаммад ёфт он мулку наъим,
Қурси маҳро кард ӯ дар дам дуним,
Чун Абӯбакр ояти тавфиқ шуд,
Бо чунон шаҳ соҳибу сиддиқ шуд.
Чун Умар шайдои он маъшуқ шуд,
Ҳаққу ботилро чу дил форуқ шуд.
Чунки Усмон он аёнро айн гашт,
Нури фоиз буду зиннурайн гашт.
Чун зи рӯяш Муртазо шуд дурфишон,
Гашт ӯ Шери Худо дар марҷи ҷон.
Чун Ҷунайд аз ҷунди ӯ дид он мадад,
Худ мақомоташ фузун шуд аз адад.
Боязид андар мазидаш роҳ дид,
Номи Қутбулорифин аз Ҳақ шунид.
Чунки Кархӣ кархи ӯро шуд ҳарас,
Шуд халифай ишқу раббонинафас.
Пури Адҳам маркаб он сӯ ронд шод,
Гашт ӯ султони султонони дод.
В-он Шақиқ аз шаққи он роҳи шигарф
Гашт ӯ хуршедрою тезтарф.
Сад ҳазорон подшоҳони ниҳон
Сарфарозонанд з-он сӯйи ҷаҳон.
Номашон аз рашки Ҳақ пинҳон бимонд,
Ҳар гадое номашонро барнахонд.
Ҳаққи он нуру ҳақи нурониён,
К-андар он баҳранд ҳамчун моҳиён.
Баҳри ҷону ҷони баҳр ар гӯямаш,
Нест лоиқ. Номи нав меҷӯямаш.
Ҳаққи он оне, ки ину он аз ӯст,
Мағзҳо нисбат бад-ӯ бошанд пӯст,

Ки сифоти хоҷатошу ёри ман
Ҳаст садчандон, ки ин гуфтори ман.
Он чи медонам зи васфи он надим,
Боварат н-ояд. Чӣ гӯям, эй карим!»
Шоҳ гуфт: «Акнун аз они худ бигӯ,
Чанд гӯйӣ они ину они ӯ?
Ту чӣ дорию чӣ ҳосил кардаӣ?
Аз таги дарё чӣ дур овардаӣ?
Рӯзи марг ин ҳисси ту ботил шавад,
Нури ҷон дорӣ, ки ёри дил шавад?
Дар лаҳад, к-ин чашмро хок оганад,
Ҳастат, он чи гӯрро равшан кунад?
Он замон, ки дасту поят бардарад,
Парру болат ҳаст, то ҷон барпарад?
Он замон, к-ин ҷони ҳайвонӣ намонд,
Ҷони боқӣ боядат бар ҷо нишонд.
Шарти «ман ҷо билҳасан» на кардан аст,
Ин ҳасанро сӯйи ҳазрат бурдан аст.
Ҷавҳаре дорӣ зи инсон? Ё харӣ?
Ин аразҳо, ки фано шуд, чун барӣ?
Ин аразҳои намозу рӯзаро,
Чунки «ло ябқо замонайн интафо».
Нақл натвон кард мар аърозро,
Лек аз ҷавҳар баранд амрозро.
То мубаддал гашт ҷавҳар з-ин араз,
Чун зи парҳезе, ки зоил шуд мараз.
Гашт парҳези араз ҷавҳар ба ҷаҳд,
Шуд даҳони талх аз парҳез шаҳд.
Аз зироат хокҳо шуд сунбула,
Доруи мӯ кард мӯро силсила.
Он никоҳи зан араз буд, шуд фано,
Ҷавҳари фарзанд ҳосил шуд зи мо.
Ҷуфт кардан аспу уштурро араз,
Ҷавҳари курра бизоидан ғараз.
Ҳаст он бустон нишондан ҳам араз,
Гашт ҷавҳар кишти бустон, нак, ғараз.
Ҳам араз дон кимиё бурдан ба кор,
Ҷавҳаре з-он кимиё гар шуд, биёр,

Сайқале кардан араз бошад, шаҳо!
З-ин араз ҷавҳар ҳамезояд сафо.
Пас, магӯ, ки ман амалҳо кардаам,
Дахли он аърозро бинмо, марам!
Ин сифат кардан араз бошад, хамуш,
Сояи бузро пайи қурбон макуш».
Гуфт: «Шоҳо, бе қунути ақл нест,
Гар ту фармоӣ, аразро нақл нест.
Подшоҳо, ҷуз ки яъси банда нест,
Гар араз, к-он рафт, бозоянда нест.
Гар набудӣ мар аразро нақлу ҳашр,
Феъл будӣ ботилу ақвол фашр.
Ин аразҳо нақл шуд лавне дигар,
Ҳашри ҳар фонӣ бувад кавне дигар.
Нақли ҳар чизе бувад ҳам лоиқаш,
Лоиқи галла бувад ҳам соиқаш.
Вақти маҳшар ҳар аразро суратест,
Сурати ҳар як аразро навбатест.
Бингар андар худ, на ту будӣ араз?
Ҷунбиши ҷуфтею ҷуфте бо ғараз.
Бингар андар хонаву кошонаҳо,
Дар муҳандис буд чун афсонаҳо.
Он фалон хона, ки мо дидем х(в)аш,
Буд мавзун суффаву сақфу дараш.
Аз муҳандис он араз в-андешаҳо
Олат оварду сутун аз бешаҳо.
Чист аслу мояи ҳар пешае?
Ҷуз хаёлу ҷуз араз в-андешае.
Ҷумла аҷзои ҷаҳонро беғараз
Дарнигар, ҳосил нашуд ҷуз аз араз.
Аввали фикр охир омад дар амал,
Буняти олам чунон дон дар азал.
Меваҳо дар фикри дил аввал бувад,
Дар амал зоҳир ба охир мешавад.
Чун амал кардӣ, шаҷар биншондӣ,
Андар охир ҳарфи аввал хондӣ.
Гарчи шоху баргу бехаш аввал аст,
Он ҳама аз баҳри мева мурсал аст.

Пас, сире, ки мағзи он афлок буд,
Андар охир хоҷаи «лавлок» буд.
Нақли аъроз аст ин баҳсу мақол,
Нақли аъроз аст ин шеру шагол.
Ҷумла олам худ араз буданд, то
Андар ин маънӣ биёмад «ҳал ато».
Ин аразҳо аз чӣ зояд? Аз сувар
В-ин сувар ҳам аз чӣ зояд? Аз фикар.
Ин ҷаҳон як фикрат аст аз ақли кул,
Ақл чун шоҳ асту суратҳо русул.
Олами аввал ҷаҳони имтиҳон,
Олами сонӣ ҷазои ину он.
Чокарат, шоҳо, ҷиноят мекунад,
Он араз занҷиру зиндон мешавад.
Бандаат чун хидмати шоиста кард,
Он араз не хилъате шуд дар набард?
Ин араз бо ҷавҳар, он байза-сту тайр,
Ин аз ону он аз ин зояд ба сайр».
Гуфт шоҳаншаҳ: «Чунин гир, ал-мурод:
Ин аразҳои ту як ҷавҳар назод».
Гуфт: «Махфӣ доштаст онро хирад,
То бувад ғайб ин ҷаҳони неку бад.
З-он ки гар пайдо шудӣ ашколи фикр,
Кофиру муъмин нагуфтӣ ҷуз ки зикр.
Пас, аён будӣ на ғайб, эй шоҳ, ин
Нақши дину куфр будӣ бар ҷабин.
Кай дар ин олам буту бутгар будӣ?
Чун касеро заҳраи тасхар будӣ?
Пас, қиёмат будӣ ин дунёи мо,
Дар қиёмат кӣ кунад ҷурму хато?»
Гуфт шаҳ: «Пӯшид Ҳақ подоши бад,
Лек аз омма, на аз хосони х(в)ад.
Гар ба доме афканам ман як амир,
Аз амирон хуфя дорам, н-аз вазир.
Ҳақ ба ман бинмуд пас подоши кор
В-ар суварҳои амалҳо сад ҳазор.
Ту нишоне деҳ, ки ман донам тамом,
Моҳро бар ман намепӯшад ғамом».

Гуфт: «Пас, аз гуфти ман мақсуд чист?
Чун ту медонӣ, ки он чи буд, чист».
Гуфт шаҳ: «Ҳикмат дар изҳори ҷаҳон
Он ки дониста, бурун ояд аён.
Он чи медонист, то пайдо накард,
Бар ҷаҳон нанҳод ранҷи талқу дард.
Як замон бекор натвонӣ нишаст,
То бадӣ ё некие аз ту наҷаст.
Ин тақозоҳои кор аз баҳри он
Шуд муваккал, то шавад сурат аён.
Пас калобай тан куҷо сокин шавад?
Чун сари риштай замираш мекашад.
Тосаи ту шуд нишони он кашиш,
Бар ту бекорӣ бувад чун ҷонканиш.
Ин ҷаҳону он ҷаҳон зояд абад,
Ҳар сабаб модар, асар аз вай валад.
Чун асар зоид, он ҳам шуд сабаб,
То бизояд ӯ асарҳои аҷаб.
Ин сабабҳо насл бар насл аст, лек
Дидае бояд мунаввар, нек-нек».
Шоҳ бо ӯ дар сухан ин ҷо расид,
Ё бидид аз вай нишоне, ё надид.
Гар бидид он шоҳи ҷӯё, дур нест,
Лек моро зикри он дастур нест.
Чун зи гармоба биёмад он ғулом,
Сӯйи хешаш хонд он шоҳи ҳумом.
Гуфт: «Субҳан лак наъимун доиму,
Бас латифию зарифу хубрӯ.
Эй дареғо, гар набудӣ дар ту он,
Ки ҳамегӯяд барои ту фалон.
Шод гаштӣ, ҳар кӣ рӯят дидие,
Диданат мулки ҷаҳон арзидие».
Гуфт: «Рамзе з-он бигӯ, эй подшоҳ,
К-аз барои ман бигуфт он динтабоҳ».
Гуфт: «Аввал васфи дурӯйӣ-т кард,
К-ошкоро ту давоӣ, хуфя дард».
Хубси ёрашро чу аз шаҳ гӯш кард,
Дарзамон дарёи хашмаш ҷӯш кард.

Каф баровард он ғулому сурх гашт,
То ки мавҷи ҳаҷви ӯ аз ҳад гузашт,
К-ӯ зи аввалдам, ки бо ман ёр буд,
Ҳамчу саг дар қаҳт бас гуҳхор буд».
Чун думодум кард ҳаҷваш чун ҷарас,
Даст бар лаб зад шаҳаншоҳаш, ки бас!
Гуфт: «Донистам туро аз вай бад-он:
Аз ту ҷон ганда-сту аз ёрат даҳон.
Пас, нишин, эй гандаҷон, аз дур ту,
То амир ӯ бошаду маъмур ту».
Дар ҳадис омад, ки тасбеҳ аз риё
Ҳамчу сабзай гӯлхан дон, эй киё!
Пас, бидон, ки сурати хубу накӯ
Бо хисоли бад наярзад як тасу.
В-ар бувад сурат ҳақиру нопазир,
Чун бувад хулқаш накӯ, дар пош мир.
Сурати зоҳир фано гардад, бидон,
Олами маънӣ бимонад ҷовидон.
Чанд бозӣ ишқ бо нақши сабӯ?
Бигзар аз нақши сабӯву оби ҷӯ!
Сураташ дидӣ, зи маънӣ ғофилӣ,
Аз садаф дурре гузин, гар оқилӣ.
Ин садафҳои қаволиб дар ҷаҳон,
Гарчи ҷумла зиндаанд аз баҳри ҷон,
Лек андар ҳар садаф набвад гуҳар,
Чашм бигшо, дар дили ҳар як нигар.
К-он чӣ дорад? В-ин чӣ дорад? Мегузин,
З-он ки камёб аст, он дурри самин.
Гар ба сурат меравӣ, кӯҳе ба шакл
Дар бузургӣ ҳаст садчандон, ки лаъл.
Ҳам ба сурат дасту пову пашми ту
Ҳаст садчандон, ки нақши чашми ту.
Лек пӯшида набошад бар ту ин,
К-аз ҳама аъзо ду чашм омад гузин.
Аз як андеша, ки ояд дар дарун,
Сад ҷаҳон гардад ба як дам сарнигун.
Ҷисми султон гар ба сурат як бувад,
Сад ҳазорон лашкараш дар пай давад.

Боз шаклу сурати шоҳи сафӣ
Ҳаст маҳкуми яке фикри хафӣ.
Халқ бепоён зи як андеша бин,
Гашта чун селе равона бар замин.
Ҳаст он андеша пеши халқ хурд,
Лек чун селе ҷаҳонро хӯрду бурд.
Пас, чу мебинӣ, ки аз андешае
Қоим аст андар ҷаҳон ҳар пешае.
Хонаҳову қасрҳову шаҳрҳо,
Кӯҳҳову даштҳову наҳрҳо,
Ҳам замину баҳру ҳам меҳру фалак
Зинда аз вай, ҳамчу к-аз дарё самак.
Пас, чаро аз аблаҳӣ пеши ту кӯр,
Тан Сулаймон асту андеша чу мӯр?
Менамояд пеши чашмат куҳ бузург,
Ҳаст андеша чу мешу кӯҳ гург.
Олам андар чашми ту ҳавлу азим,
З-абру раъду чарх дорӣ ларзу бим.
В-аз ҷаҳони фикрате, эй кам зи хар,
Эмину ғофил, чу санги бехабар.
З-он ки нақшӣ в-аз хирад бебаҳраӣ,
Одамихӯ нестӣ, харкурраӣ.
Сояро ту шахс мебинӣ зи ҷаҳл,
Шахс аз он шуд назди ту бозию саҳл.
Бош то рӯзе, ки он фикру хаёл
Баркушояд бе ҳиҷобе парру бол.
Кӯҳҳо бинӣ шуда чун пашм нарм,
Нест гашта ин замини сарду гарм.
На само бинӣ, на ахтар, на вуҷуд,
Ҷуз Худои воҳиди ҳайии вадуд.
Як фасона рост омад ё дурӯғ,
То диҳад мар ростиҳоро фурӯғ.

## Ҳасад кардани ҳашам бар ғуломи хосс

Подшоҳе бандаеро аз карам
Баргузида буд бар ҷумлай ҳашам.

Ҷомагии ӯ вазифай чил амир,
Даҳяки қадраш надидӣ сад вазир.
Аз камоли толеъу иқболу бахт
Ӯ Аёзе буду шаҳ Маҳмуди вақт.
Рӯҳи ӯ бо рӯҳи шаҳ дар асли хеш
Пеш аз ин тан буда ҳампайванду хеш.
Кор он дорад, ки пеш аз тан будаст,
Бигзар аз инҳо, ки нав ҳодис шудаст.
Кор орифрост, к-ӯ на аҳвал аст,
Чашми ӯ бар киштаҳои аввал аст.
Он чи гандум коштандаш в-он чи ҷав,
Чашми ӯ он ҷост рӯзу шаб гарав.
Он чи обистаст шаб, ҷуз он назод,
Ҳилаҳову макрҳо бод аст, бод.
Кай кунад дил хуш ба ҳилатҳои каш,
Он ки бинад ҳилаи Ҳақ бар сараш?
Ӯ даруни дому доме мениҳад
Ҷони ту, не он ҷаҳад, не ин ҷаҳад.
Гар бирӯяд в-ар бирезад сад гиёҳ,
Оқибат баррӯяд он киштай Илоҳ.
Кишти нав коранд бар кишти нахуст,
Ин дувум фонист в-он аввал дуруст.
Тухми аввал комилу бигзида аст,
Тухми сонӣ фосиду пӯсида аст.
Афган ин тадбири худро пеши дӯст,
Гарчи тадбират ҳам аз тадбири ӯст.
Кор он дорад, ки Ҳақ афрохтаст,
Охир он рӯяд, ки аввал коштаст.
Ҳар чӣ корӣ, аз барои ӯ бикор,
Чун асири дӯстӣ, эй дӯстдор.
Гирди нафси дузду кори ӯ мапеч,
Ҳар чӣ он на кори Ҳақ, ҳеч аст, ҳеч.
Пеш аз он ки рӯзи дин пайдо шавад,
Назди молик дузди шаб расво шавад.
Рахт дуздида ба тадбиру фанаш,
Монда рӯзи доварӣ бар гарданаш.
Сад ҳазорон ақл бо ҳам барҷаҳанд,
То ба ғайри доми ӯ доме ниҳанд.

Доми худро сахттар ёбанду бас,
Кай намояд қуввате бо бод хас?
Гар ту гӯйӣ фоидай ҳастӣ чӣ буд?
Дар суолат фоида ҳаст, эй ануд!
Гар надорад ин суолат фоида,
Чӣ-шнавем инро абас, беоида?
В-ар суолатро басе фоидаҳост,
Пас, ҷаҳон бефоида охир чарост?
В-ар ҷаҳон аз як ҷиҳат бефоидаст,
Аз ҷиҳатҳои дигар пуроидаст.
Фоидай ту гар маро фоида нест,
Мар туро чун фоидаст, аз вай маист.
Ҳусни Юсуф оламеро фоида,
Гарчи бар ихвон абас буд зоида.
Лаҳни довудӣ чунон маҳбуб буд,
Лек бар маҳрум бонги чӯб буд.
Оби Нил аз Оби Ҳайвон буд фузун,
Лек бар маҳруму мункир буд хун.
Ҳаст бар муъмин шаҳидӣ зиндагӣ,
Бар мунофиқ мурдан асту жандагӣ.
Чист дар олам – бигӯ – як неъмате,
Ки на маҳруманд аз вай уммате?
Гову харро фоида чӣ дар шакар?
Ҳаст ҳар ҷонро яке қуте дигар.
Лек агар он қут бар вай оризист,
Пас, насиҳат кардан ӯро роизист.
Чун касе, к-ӯ аз мараз гил дошт дӯст,
Гарчи пиндорад, ки он худ қути ӯст,
Қути аслиро фаромуш кардааст,
Рӯй дар қути мараз овардааст.
Нӯшро бигзошта, сам х(в)ардааст,
Қути иллатро чу чарбиш кардааст.
Қути аслии башар нури Худост,
Қути ҳайвонӣ мар ӯро носазост.
Лек аз иллат дар ин афтод дил,
Ки хурад ӯ рӯзу шаб з-ин обу гил.
Рӯй зарду пой сусту дил сабук,
Ку ғизои «ва-с-само зоти-л-ҳубук?»

Он ғизои хосагони давлат аст,
Хӯрдани он бе гулӯву олат аст.
Шуд ғизои офтоб аз нури арш,
Мар ҳасуду девро аз дуди фарш.
Дар шаҳидон «юрзақун» фармуд Ҳақ,
Он ғизоро не даҳон буд, не табақ.
Дил зи ҳар ёре ғизое мех(в)арад,
Дил зи ҳар илме сафое мебарад.
Сурати ҳар одамӣ чун косаест,
Чашм аз маънии ӯ ҳассосаест.
Аз лиқои ҳар касе чизе х(в)арӣ,
В-аз қирони ҳар қарин чизе барӣ.
Чун ситора бо ситора шуд қарин,
Лоиқи ҳар ду асар зояд яқин.
Чун қирони марду зан зояд башар
В-аз қирони сангу оҳан шуд шарар.
В-аз қирони хок бо боронҳо
Меваҳову сабзаву райҳонҳо.
В-аз қирони сабзаҳо бо одамӣ
Дилхушию беғамию хуррамӣ.
В-аз қирони хуррамӣ бо ҷони мо
Мебизояд хубию эҳсони мо.
Қобили хӯрдан шавад аҷсоми мо,
Чун барояд аз тафарруҷ коми мо.
Сурхрӯӣ аз қирони хун бувад,
Хун зи хуршеди хуши гулгун бувад.
Беҳтарини рангҳо сурхӣ бувад
В-он зи хуршед асту аз вай мерасад.
Ҳар замине, к-он қарин шуд бо Зуҳал,
Шӯра гашту киштро набвад маҳал.
Қувват андар феъл ояд з-иттифоқ,
Чун қирони дев бо аҳли нифоқ.
Ин маъонӣ рост аз чархи нуҳум
Бе ҳама тоқутурум тоқутурум.
Халқро тоқутурум орийят аст,
Амрро тоқутурум моҳийят аст.
Аз пайи тоқутурум хорӣ кашанд,
Бар умеди изз, дар хорӣ х(в)ашанд.

Бар умеди иззи дахрӯза худук
Гардани худ кардаанд аз ғам чу дук.
Чун намеоянд ин ҷо, ки манам?
К-андар ин изз офтоби равшанам.
Машриқи хуршед бурҷи қиргун,
Офтоби мо зи машриқҳо бурун.
Машриқи ӯ нисбати зарроти ӯ,
На баромад, на фурӯ шуд зоти ӯ.
Мо, ки вопасмонда зарроти ваем,
Дар ду олам офтоби бефаем.
Боз гирди Шамс мегардам, аҷаб!
Ҳам зи фарри Шамс бошад ин сабаб.
Шамс бошад бар сабабҳо мутталеъ,
Ҳам аз ӯ ҳабли сабабҳо мунқатеъ.
Сад ҳазорон бор бибридам умед,
Аз кӣ? Аз Шамс, ин шумо бовар кунед.
Ту маро бовар макун, к-аз офтоб
Сабр дорам ман ва ё моҳӣ зи об.
В-ар шавам навмед, навмедии ман
Айни сунъи офтоб аст, эй ҳасан!
Айни сунъ аз нафси сонеъ чун бурад?
Ҳеч ҳаст, аз ғайри ҳастӣ чун чарад?
Ҷумла ҳастиҳо аз ин равза чаранд,
Гар буроқу тозиён в-ар худ харанд.
Лек асби кӯр кӯрона чарад,
Менабинад равзаро, з-он аст рад.
В-он ки гардишҳо аз он дарё надид,
Ҳар дам орад рӯ ба меҳробе ҷадид.
Ӯ зи баҳри азб оби шӯр х(в)ард,
То ки оби шӯр ӯро кӯр кард.
Баҳр мегӯяд ба дасти рост х(в)ар
З-оби ман, эй кӯр, то ёбӣ басар.
Ҳаст дасти рост ин ҷо занни рост,
К-ӯ бидонад неку бадро, к-аз куҷост.
Найзагардонест – эй найза, ки ту
Рост мегардӣ гаҳе, гоҳе дутӯ.
Мо зи ишқи Шамси дин бенохунем
В-арна мо он кӯрро бино кунем.

Ҳон, Зиёулҳақ Ҳусомуддин, ту зуд
Доруяш кун кӯрии чашми ҳасуд.
Тӯтиёи кибриёи тезфеъл,
Доруи зулматкаши истезфеъл.
Он ки гар бар чашми аъмо барзанад,
Зулмати садсоларо зу барканад.
Ҷумла кӯронро даво кун, ҷуз ҳасуд,
К-аз ҳасудӣ бар ту меорад ҷуҳуд.
Мар ҳасудатро агарчи он манам,
Ҷон мадеҳ, то ҳамчунин ҷон меканам.
Он ки ӯ бошад ҳасуди офтоб
В-он ки меранҷад зи буди офтоб.
Ин-т дарди бедаво, к-ӯрост, оҳ,
Ин-т афтода абад дар қаъри чоҳ.
Нафйи хуршеди азал боясти ӯ,
Кай барояд ин муроди ӯ? Бигӯ!

## Гирифтор шудани боз миёни ҷуғдон ба вайрона

Боз он бошад, ки боз ояд ба шоҳ,
Бози кӯр аст, он ки шуд гумкардароҳ.
Роҳро гум карду дар вайрон фитод,
Боз дар вайрон бари ҷуғдон фитод.
Ӯ ҳама нур аст аз нури ризо,
Лек кӯраш кард сарҳанги қазо.
Хок дар чашмаш заду аз роҳ бурд,
Дар миёни ҷуғду вайронаш супурд.
Бар саре, ҷуғдон-ш бар сар мезананд,
Парру боли нозанинаш меканaнд.
Валвала афтод дар ҷуғдон, ки ҳо,
Боз омад, то бигирад ҷойи мо.
Чун сагони кӯй, пурхашму маҳиб,
Андарафтоданд дар далқи ғариб.
Боз гӯяд: «Ман чӣ дарх(в)ардам ба ҷуғд?
Сад чунин вайрон фидо кардам ба ҷуғд.
Ман нахоҳам буд ин ҷо, меравам,
Сӯйи шоҳаншоҳ роҷеъ мешавам.
Хештан макшед, эй ҷуғдон, ки ман
На муқимам, меравам сӯйи ватан.

Ин хароб обод дар чашми шумост
В-арна моро соъиди шаҳ нозҷост».
Ҷуғд гуфто: «Боз ҳилат мекунад,
То зи хонумон шуморо барканад.
Хонаҳои мо бигирад ӯ ба макр,
Барканад моро ба солусе зи вакр.
Менамояд сайре ин ҳилатпараст,
Валлаҳ, аз ҷумлай ҳарисон баттар аст.
Ӯ хурад аз ҳирс тинро ҳамчу дибс,
Дунба маспоред, эй ёрон, ба хирс.
Лоф аз шаҳ мезанад в-аз дасти шаҳ,
То барад ӯ мо, салимонро зи раҳ.
Худ чӣ ҷинси шоҳ бошад мурғаке?
Машнаваш, гар ақл дорӣ андаке,
Ҷинси шоҳ аст ӯ ва ё ҷинси вазир?
Ҳеч бошад лоиқи лавзина сер?
Он чи мегӯяд зи макру феълу фан
Ҳаст султон бо ҳашам ҷӯёи ман.
Ин-т молихулиёи нопазир,
Ин-т лофи ҷому доми гӯлгир.
Ҳар кӣ ин бовар кунад, аз аблаҳист,
Мурғаки лоғар чӣ дархурди шаҳист?
Камтарин ҷуғд ар занад бар мағзи ӯ,
Мар варо ёригарӣ аз шоҳ ку?»
Гуфт боз: «Ар як пари ман бишканад,
Бехи ҷуғдистон шаҳаншаҳ барканад.
Ҷуғд чӣ бвад? Худ агар бозе маро
Дил биранҷонад, кунад бо ман ҷафо?
Шаҳ кунад тӯда ба ҳар шебу фароз
Сад ҳазорон хирман аз сарҳои боз.
Посбони ман иноёти вай аст,
Ҳар куҷо ки ман равам, шаҳ дар пай аст.
Дар дили султон хаёли ман муқим,
Бе хаёли ман дили султон сақим.
Чун бипарронад маро шаҳ дар раваш,
Мепарам бар авҷи дил чун партаваш.
Ҳамчу моҳу офтобе мепарам,
Пардаҳои осмонҳо медарам.

Бозаму ҳайрон шавад дар ман ҳумо,
Ҷуғд кӣ б-вад, то бидонад сирри мо?
Шаҳ барои ман зи зиндон ёд кард,
Сад ҳазорон бастаро озод кард.
Як дамам бо ҷуғдҳо дамсоз кард,
Аз дами ман ҷуғдҳоро боз кард.
Эй хунук ҷуғде, ки дар парвози ман
Фаҳм кард аз некбахтӣ рози ман.
Дар ман овезед, то нозон шавед,
Гарчи ҷуғдонед, шаҳбозон шавед.
Он ки бошад бо чунон шоҳе ҳабиб,
Ҳар куҷо афтад, чаро бошад ғариб?
Ҳар кӣ бошад шоҳ дардашро даво,
Гар чу най нолад, набошад бенаво.
Молики мулкам, наям ман таблхор,
Табли бозам мезанад шаҳ аз канор.
Табли бози ман нидои ирҷиъӣ,
Ҳақ гувоҳи ман ба рағми муддаъӣ.
Ман наям ҷинси шаҳаншаҳ, дур аз ӯ,
Лек дорам дар таҷаллӣ нур аз ӯ.
Нест ҷинсийят зи рӯйи шаклу зот,
Об ҷинси хок омад дар набот.
Бод ҷинси оташ омад дар қавом,
Табъро ҷинс омадаст охир мудом.
Ҷинси мо чун нест ҷинси шоҳи мо,
«Мо»-и мо шуд баҳри «мо»-и ӯ фано.
Чун фано шуд «мо»-и мо, ӯ монд фард,
Пеши пойи асби ӯ гардам чу гард.
Хок шуд ҷону нишониҳои ӯ,
Ҳаст бар хокаш нишони пойи ӯ.
Хоки пояш шав барои ин нишон,
То шавӣ тоҷи сари гарданкашон.
То ки нафребад шуморо шакли ман,
Нуқли ман нӯшед пеш аз нақли ман.
Эй басо касро, ки сурат роҳ зад,
Қасди сурат карду бар Аллоҳ зад.
Охир, ин ҷон бо бадан пайваста аст,
Ҳеч ин ҷон бо бадан монанд ҳаст?

Тоби нури чашм бо пиҳ аст ҷуфт,
Нури дил дар қатраи хуне ниҳуфт.
Шодӣ андар гурдаву ғам дар ҷигар,
Ақл чун шамъе даруни мағзи сар.
Ин тааллуқҳо на бекайф асту чун,
Ақлҳо дар дониши чунӣ забун.
Ҷони кул бо ҷони ҷузв осеб кард,
Ҷон аз ӯ дурре ситад, дар ҷеб кард.
Ҳамчу Марям ҷон аз он осеби ҷеб
Ҳомила шуд аз Масеҳи дилфиреб.
Он Масеҳе, на ки бар хушку тар аст,
Он Масеҳе, к-аз масоҳат бартар аст.
Пас, зи ҷони ҷон чу ҳомил гашт ҷон,
Аз чунин ҷоне шавад ҳомил ҷаҳон.
Пас, ҷаҳон зояд ҷаҳони дигаре,
Ин ҳашарро вонамояд маҳшаре.
То қиёмат гар бигӯям, бишмарам,
Ман зи шарҳи ин қиёмат қосирам.
Ин суханҳо худ ба маънӣ «Ё раб»-ест,
Ҳарфҳо доми дами ширинлабест.
Чун кунад тақсир, пас, чун тан занад?
Чунки лаббайкаш ба ё раб мерасад.
Ҳаст лаббайке, ки натвонӣ шунид,
Лек сар то пой битвонӣ чашид.

## Кулӯх андохтани ташна аз сари девор дар ҷӯйи об

Бар лаби ҷӯ буд деворе баланд,
Бар сари девор ташнай дардманд.
Монеъаш аз об он девор буд,
Аз пайи об ӯ чу моҳӣ зор буд.
Ногаҳон андохт ӯ хиште дар об,
Бонги об омад ба гӯшаш чун хитоб.
Чун хитоби ёри ширини лазиз,
Маст кард он бонги обаш чун набиз.
Аз сафои бонги об он мумтаҳан
Гашт хиштандоз, аз он ҷо хишткан.

Об мезад бонг, яъне: «Ҳай, туро
Фоида чӣ з-ин задан хиште маро?»
Ташна гуфт: «Обо, маро ду фоидаст,
Ман аз ин санъат надорам ҳеч даст.
Фоидай аввал самоъи бонги об,
К-ӯ бувад мар ташнагонро чун рубоб.
Бонги ӯ чун бонги Исрофил шуд,
Мурдаро з-ин зиндагӣ таҳвил шуд.
Ё чу бонги раъди айёми баҳор
Боғ меёбад аз ӯ чандин нигор.
Ё чу бар дарвеш айёми закот,
Ё чу бар маҳбус пайғоми наҷот.
Чун дами Раҳмон бувад, к-он аз Яман
Мерасад сӯйи Муҳаммад бе даҳан.
Ё чу бӯйи Аҳмади мурсал бувад,
К-он ба осӣ дар шафоъат мерасад.
Ё чу бӯйи Юсуфи хуби латиф
Мезанад бар ҷони Яъқуби наҳиф.
Фоидай дигар, ки ҳар хиште, к-аз ин
Барканам, оям суйи моъи маъин.
К-аз камии хишт девори баланд
Пасттар гардад ба ҳар дафъа, ки канд.
Пастии девор қурбе мешавад,
Фасли ӯ дармони васле мебувад.
Саҷда омад кандани хишти лазиб,
Мӯҷиби қурбе, ки «ва-сҷуд ва-қтариб».
То ки ин девор олигардан аст,
Монеъи ин сар фуруд овардан аст.
Саҷда натвон кард бар оби ҳаёт,
То наёбам з-ин тани хокӣ наҷот».
Бар сари девор ҳар, к-ӯ ташнатар,
Зудтар бармеканад хишту мадар.
Ҳар кӣ ошиқтар бувад бар бонги об,
Ӯ кулӯхи зафттар канд аз ҳиҷоб.
Ӯ зи бонги об пурмай то унуқ,
Нашнавад бегона ҷуз бонги булуқ.
Эй хунук онро, ки ӯ айёми пеш
Муғтанам дорад, гузорад воми хеш.

Андар он айём, к-аш қудрат бувад,
Сиҳҳату зӯри дилу қувват бувад.
В-он ҷавонӣ ҳамчу боғи сабзу тар
Мерасонад бе дареғе бору бар.
Чашмаҳои қуввату шаҳват равон,
Сабз мегардад замини тан бад-он.
Хонаи маъмуру сақфаш бас баланд,
Муътадиларкону бетахлиту банд.
Пеш аз он к-айёми пирӣ даррасад,
Гарданат бандад ба «ҳаблин мин масад».
Хок шӯра гардаду резону суст,
Ҳаргиз аз шӯра наботи хуш наруст.
Оби зӯру оби шаҳват мунқатеъ,
Ӯ зи хешу дигарон номунтафеъ.
Абрувон чун полдум зер омада,
Чашмро нам омада, торӣ шуда.
Аз ташаннуҷ рӯ чу пушти сусмор,
Рафта нутқу таъму дандонҳо зи кор.
Рӯз бегаҳ, лоша лангу раҳ дароз,
Коргаҳ вайрон, амал рафта зи соз.
Беххои хӯйи бад муҳкам шуда,
Қуввати баркандани он кам шуда.

## Фармудани волӣ он мардро, ки ин хорбунро, ки нишондаӣ бар сари роҳ, баркан!

Ҳамчу он шахси дурушти хушсухун
Дар миёни раҳ нишонд ӯ хорбун.
Раҳгузарёнаш маломатгар шуданд,
Бас бигуфтандаш: «Бикан инро». Наканд.
Ҳар даме он хорбун афзун шудӣ,
Пойи халқ аз захми он пурхун шудӣ.
Ҷомаҳои халқ бидридӣ зи хор,
Пойи дарвешон бихастӣ зор–зор.
Чун ба ҷид ҳоким бад-ӯ гуфт: «Ин бикан!»
Гуфт: «Оре барканам рӯзеш ман».
Муддате фардову фардо ваъда дод,
Шуд дарахти хори ӯ муҳкамниҳод.

Гуфт рӯзе ҳокимаш: «Эй ваъдакаж,
Пеш о дар кори мо, вопас мағаж!»
Гуфт: «Алайёму ё ам байнано»,
Гуфт: «Аҷҷил, ло тумотил дайнано».
Ту ки мегӯйӣ, ки фардо, ин бидон,
Ки ба ҳар рӯзе, ки меояд замон,
Он дарахти бад ҷавонтар мешавад
В-ин кананда пиру музтар мешавад.
Хорбун дар қуввату бархостан,
Хоркан дар пирию дар костан.
Хорбун ҳар рӯзу ҳар дам сабзу тар,
Хоркан ҳар рӯз зору хушктар.
Ӯ ҷавонтар мешавад, ту пиртар,
Зуд бошу рӯзгори худ мабар».
Хорбун дон ҳар яке хӯйи бадат,
Борҳо дар пой хор охир задат.
Борҳо аз хӯйи худ хаста шудӣ,
Ҳис надорӣ, сахт беҳис омадӣ.
Гар зи хаста гаштани дигар касон,
Ки зи хулқи зишти ту ҳаст он расон,
Ғофилӣ, боре зи захми худ найӣ,
Ту азоби хешу ҳар бегонайӣ.
Ё табар бардору мардона бизан,
Ту Аливор ин дари Хайбар бикан.
Ё ба гулбун васл кун ин хорро,
Васл кун бо нор нури ёрро.
То ки нури ӯ кушад нори туро,
Васли ӯ гулшан кунад хори туро.
Ту мисоли дӯзахӣ, ӯ муъмин аст,
Куштани оташ ба муъмин мумкин аст.
Мустафо фармуд аз гуфти ҷаҳим,
К-ӯ ба муъмин лобагар гардад зи бим.
Гӯядаш: «Бигзар зи ман, эй шоҳ, зуд,
Ҳин, ки нурат сӯзи норамро рабуд».
Пас, ҳалоки нор нури муъмин аст,
З-он ки безид дафъи зид лоюмкин аст.
Нор зидди нур бошад рӯзи адл,
К-он зи қаҳр ангехта шуд, ин зи фазл.

Гар ҳамехоҳӣ ту дафъи шарри нор,
Оби раҳмат бар дили оташ гумор.
Чашмаи он оби раҳмат муъмин аст,
Оби ҳайвон рӯҳи поки муҳсин аст.
Пас, гурезон аст нафси ту аз ӯ,
З-он ки ту аз отašӣ, ӯ обхӯ.
З-об оташ з-он гурезон мешавад,
К-оташаш аз об вайрон мешавад.
Ҳиссу фикри ту ҳама аз оташ аст,
Ҳисси шайху фикри ӯ нури х(в)аш аст. 1260
Оби нури ӯ чу бар оташ чакад,
Чак-чак аз оташ бароядд, барҷаҳад.
Чун кунад чак-чак, ту гӯяш маргу дард,
То шавад ин дӯзахи нафси ту сард,
То насӯзад ӯ гулистони туро,
То насӯзад адлу эҳсони туро.
Баъд аз он чизе, ки корӣ, бар диҳад,
Лолаву насрину сисанбар диҳад.
Боз пахно меравем аз роҳи рост,
Бозгард, эй хоҷа, роҳи мо куҷост? 1265
Андар он тақрир будем, эй ҳасуд,
Ки харат ланг асту манзил дур, зуд.
Сол бегаҳ гашт, вақти кишт не,
Ҷуз сияҳрӯйию феъли зишт не.
Кирм дар бехи дарахти тан фитод,
Боядаш барканду дар оташ ниҳод.
Ҳину ҳин, эй роҳрав, бегоҳ шуд,
Офтоби умр сӯйи чоҳ шуд.
Ин ду рӯзакро, ки зӯрат ҳаст, зуд
Пирафшонӣ бикун аз роҳи ҷуд. 1270
Ин қадар тухме, ки мондастат, бибоз,
То бирӯяд з-ин ду дам умри дароз.
То намурдаст ин чароғи богуҳар,
Ҳин, фатила-ш созу равған зудтар.
Ҳин, магӯ фардо, ки фардоҳо гузашт,
То ба куллӣ нагзарад айёми кашт.
Панди ман бишнав, ки тан банди қавист,
Кухна берун кун, гарат майли навист.

Лаб бибанду каффи пурзар баргушо,
Бухли тан бигзору пеш овар сахо.
Тарки шаҳватҳову лаззатҳо сахост,
Ҳар кӣ дар шаҳват фурӯ шуд, барнахост.
Ин сахо шохест аз сарви биҳишт,
Войи ӯ, к-аз каф чунин шохе биҳишт.
«Урвату-л-вусқо»-ст ин тарки ҳаво,
Баркашад ин шохи ҷонро бар само.
То барад шохи сахо, эй хубкеш,
Мар туро болокашон то асли хеш.
Юсуфи ҳуснию ин олам чу чоҳ
В-ин расан сабр аст бар амри Илоҳ.
Юсуфо, омад расан дарзан ду даст,
Аз расан ғофил машав, бегаҳ шудаст.
Ҳамдулиллаҳ, к-ин расан овехтанд,
Фазлу раҳматро ба ҳам омехтанд.
То бибинӣ олами ҷони ҷадид,
Олами бас ошкори нопадид.
Ин ҷаҳони нест чун ҳастон шуда
В-он ҷаҳони ҳаст бас пинҳон шуда.
Хок бар бод асту бозӣ мекунад,
Кажнамоӣ, пардасозӣ мекунад.
Ин ки бар кор аст, бекор асту пӯст
В-он ки пинҳон аст, мағзу асл ӯст.
Хок ҳамчун олате дар дасти бод,
Бодро дон олию олинажод.
Чашми хокиро ба хок афтад назар,
Бодбин чашме бувад навъе дигар.
Асп донад аспро, к-ӯ ҳаст ёр,
Ҳам саворӣ донад аҳволи савор.
Чашми ҳис асп асту нури Ҳақ савор,
Бе савора асп худ н-ояд ба кор.
Пас, адаб кун аспро аз хӯйи бад
В-арна, пеши шоҳ бошад асп рад.
Чашми асп аз чашми шаҳ раҳбар бувад,
Чашми ӯ бе чашми шаҳ музтар бувад.
Чашми аспон ҷуз гиёҳу ҷуз чаро
Ҳар куҷо хонӣ, бигӯяд: Не! Чаро?

Нури Ҳақ бар нури ҳис рокиб шавад,
Он гаҳе ҷон сӯйи Ҳақ роғиб шавад.
Аспи берокиб чӣ донад расми роҳ,
Шоҳ бояд, то бидонад шоҳроҳ.
Сӯйи ҳиссе рав, ки нураш рокиб аст,
Ҳиссро он нур некӯ соҳиб аст.
Нури ҳисро нури Ҳақ тазйин бувад,
Маънии «нурун ало нур» ин бувад.
Нури ҳиссӣ мекашад сӯйи саро,
Нури Ҳаққаш мебарад сӯйи уло.
З-он ки маҳсусот дунтар оламест,
Нури Ҳақ дарёву ҳис чун шабнамест.
Лек пайдо нест он рокиб бар ӯ,
Ҷуз ба осору ба гуфтори накӯ.
Нури ҳиссӣ, к-ӯ ғализ асту гарон,
Ҳаст пинҳон дар саводи дидагон.
Чунки нури ҳис намебинӣ зи чашм,
Чун бибинӣ нури он дине зи чашм?
Нури ҳис бо ин ғализӣ мухтафист,
Чун хафӣ набвад зиёе, к-он сафист?
Ин ҷаҳон чун хас ба дасти боди ғайб,
Оҷизе пеши гирифту доди ғайб.
Гаҳ баландаш мекунад, гоҳеш паст,
Гаҳ дурусташ мекунад, гоҳе шикаст.
Гаҳ яминаш мебарад, гоҳе ясор,
Гаҳ гулистонаш кунад, гоҳеш хор.
Даст пинҳону қалам бин хатгузор,
Асп дар ҷавлону нопайдо савор.
Тир паррон бину нопайдо камон,
Ҷонҳо пайдову пинҳон ҷони ҷон.
Тирро машкан, ки ин тири шаҳист,
Нест партовӣ, зи шасти огаҳест.
«Мо рамайта из рамайта» гуфт Ҳақ,
Кори Ҳақ бар корҳо дорад сабақ.
Хашми худ бишкан, ту машкан тирро,
Чашми хашмат хун шуморад ширро.
Бӯса деҳ бар тиру пеши шоҳ бар,
Тири хунолуд аз хуни ту тар.

Он чи пайдо, оҷизу баста-в забун
В-он чи нопайдо, чунон тунду ҳарун.
Мо шикорем, инчунин доме кирост?
Гӯйи чавгонем, чавгонӣ куҷост?
Медарад, медӯзад, ин хайёт ку?
Медамад, месӯзад, ин наффот ку?
Соате кофир кунад сиддиқро,
Соате зоҳид кунад зиндиқро.
З-он ки мухлис дар хатар бошад зи дом,
То зи худ холис нагардад ӯ тамом.
З-он ки дар роҳ асту раҳзан беҳад аст,
Он раҳад, к-ӯ дар амони Эзад аст.
Ойинай холис нагашт ӯ, мухлис аст,
Мурғро нагрифтааст ӯ, муқнис аст.
Чунки мухлас гашт мухлис, бозраст,
Дар мақоми амн рафту бурд даст.
Ҳеч ойина дигар оҳан нашуд,
Ҳеч ноне гандуми хирман нашуд.
Ҳеч ангуре дигар ғӯра нашуд,
Ҳеч мевай пухта бо кӯра нашуд.
Пухта гарду аз тағаййур дур шав,
Рав, чу Бурҳони Муҳаққиқ нур шав.
Чун зи худ растӣ, ҳама бурҳон шудӣ,
Чунки банда нест шуд, султон шудӣ.
В-ар аён хоҳӣ, Салоҳуддин намуд,
Дидаҳоро кард бинову гушуд.
Фақрро аз чашму аз симои ӯ
Дид ҳар чашме, ки дорад нури ҳу.
Шайх фаъъол аст бе олат чу Ҳақ,
Бо муридон дода бе гуфте сабақ.
Дил ба дасти ӯ чу муми нарм ром,
Муҳри ӯ гаҳ нанг созад, гоҳ ном.
Муҳри мумаш ҳокии ангуштарист,
Боз он нақши нигин ҳокии кист?
Ҳокии андешаи он заргар аст,
Силсилай ҳар ҳалқа андар дигар аст.
Ин садо дар кӯҳи дилҳо бонги кист?
Гаҳ пур аст аз бонг ин кух, гаҳ тиҳист.

Ҳар куҷо ҳаст ӯ, ҳаким аст, устод,
Бонги ӯ з-ин кӯҳи дил холӣ мабод!
Ҳаст куҳ, к-ово мусанно мекунад,
Ҳаст куҳ, к-овоз садто мекунад.
Мезаҳонад кӯҳ аз он овозу қол
Сад ҳазорон чашмаи оби зулол.
Чун зи кӯҳ он лутф берун мешавад,
Обҳо дар чашмаҳо хун мешавад.
З-он шаҳаншоҳи ҳумоюннаъл буд,
Ки саросар Тури Сино лаъл буд.
Ҷон пазируфту хирад аҷзои кӯҳ,
Мо кам аз сангем, охир, эй гурӯҳ?
На зи ҷон як чашма ҷӯшон мешавад,
На бадан аз сабзпӯшон мешавад.
Не садои бонги муштоқӣ дар ӯ,
Не сафои ҷуръаи соқӣ дар ӯ.
Ку ҳамиййат, то зи теша в-аз каланд
Инчунин куҳро ба куллӣ баркананд?
Бу, ки бар аҷзои ӯ тобад маҳе,
Бу, ки дар вай тоби маҳ ёбад раҳе.
Чун қиёмат кӯҳҳоро барканад,
Пас, қиёмат ин карам кай мекунад?
Ин қиёмат з-он қиёмат кай кам аст?
Он қиёмат захму ин чун марҳам аст.
Ҳар кӣ дид ин марҳам, аз захм эмин аст,
Ҳар баде, к-ин ҳусн дид, ӯ муҳсин аст.
Эй хунук зиште, ки хубаш шуд ҳариф,
Войи гулрӯйе, ки ҷуфташ шуд хариф.
Нони мурда чун ҳарифи ҷон шавад,
Зинда гардад нону айни он шавад.
Ҳезуми тира ҳарифи нор шуд,
Тирагӣ рафту ҳама анвор шуд.
Дар намаклон чун хари мурда фитод,
Он харию мурдагӣ як сӯ ниҳод.
Сибғатуллаҳ ҳаст хумми ранги ҳу,
Песаҳо якранг гардад андар ӯ.
Чун дар он хум афтаду гӯйӣ-ш: «Қум»,
Аз тараб гӯяд: «Манам хум, ло талум».

Он «манам хум» худ «аналҳақ» гуфтан аст,
Ранги оташ дорад, илло оҳан аст.
Ранги оҳан маҳви ранги оташ аст,
З-оташе мелофаду хомушваш аст.
Чун ба сурхӣ гашт ҳамчун зарри кон,
Пас, «ананнор» аст лофаш безабон.
Шуд зи рангу табъи оташ муҳташам,
Гӯяд ӯ: «Ман оташам, ман оташам».
Оташам ман, гар туро шакк асту зан,
Озмун кун, дастро бар ман бизан.
Оташам ман, бар ту гар шуд муштабеҳ,
Рӯйи худ бар рӯйи ман як дам бинеҳ.
Одамӣ чун нур гирад аз Худо,
Ҳаст масҷуди малоик з-иҷтибо.
Низ масҷуди касе, к-ӯ чун малак
Раста бошад ҷонаш аз туғёну шак.
Оташи чӣ? Оҳани чӣ? Лаб бибанд,
Риши ташбеҳи мушаббиҳро маханд.
Пой дар дарё манеҳ, кам гӯй аз он,
Бар лаби дарё хамуш кун лабгазон.
Гарчи сад чун ман надорад тоби баҳр,
Лек менашкебам аз ғарқоби баҳр.
Ҷону ақли ман фидои баҳр бод,
Хунбаҳои ақлу ҷон ин баҳр дод.
То ки поям меравад, ронам дар ӯ,
Чун намонад по, чу баттонам дар ӯ.
Беадаб ҳозир зи ғоиб хуштар аст,
Ҳалқа гарчи каж бувад, не бар дар аст?
Эй танолуда, ба гирди ҳавз гард,
Пок кай гардад буруни ҳавз мард?
Пок, к-ӯ аз ҳавз маҳҷур уфтод,
Ӯ зи покий хеш ҳам дур уфтод.
Покии ин ҳавз бепоён бувад,
Покии аҷсом каммизон бувад.
З-он ки дил ҳавз аст, лекин дар камин
Сӯйи дарё роҳи пинҳон дорад ин.
Покии маҳдуди ту хоҳад мадад
В-арна андар харҷ кам гардад адад.

Об гуфт олударо: «Дар ман шитоб»,
Гуфт олуда, ки дорам шарм аз об.
Гуфт об: «Ин шарм бе ман кай равад?
Бе ман ин олуда зойил кай шавад?»
З-об ҳар олуда, к-ӯ пинҳон шавад,
«Ал-ҳаёу ямнаъу-л-имон» бувад.
Дил зи пояй ҳавзи тан гилнок шуд,
Тан зи оби ҳавзи дилҳо пок шуд.
Гирди пояй ҳавзи дил гард, эй писар!
Ҳон, зи пояй ҳавзи тан мекун ҳазар.
Баҳри тан бар баҳри дил барҳамзанон,
Дар миёншон «барзахун ло ябғиён».
Гар ту бошӣ рост в-ар бошӣ ту каж,
Пештар меғаж, бидав, вопас мағаж.
Пеши шоҳон гар хатар бошад ба ҷон,
Лек нашкебанд аз ӯ боҳимматон.
Шоҳ чун ширинтар аз шаккар бувад,
Ҷон ба ширинӣ равад, хуштар бувад.
Эй маломатгар, саломат мар туро,
Эй саломатҷӯ, «таво воҳи-л-уро».
Ҷони ман кӯра-ст, бо оташ х(в)аш аст,
Кӯраро ин бас, ки хонай оташ аст.
Ҳамчу кӯра ишқро сӯзиданест,
Ҳар кӣ ӯ з-ин кӯр бошад, кӯра нест.
Барги бебаргӣ туро чун барг шуд,
Ҷони боқӣ ёфтию марг шуд.
Чун туро ғам, шодӣ афзудан гирифт,
Равзаи ҷонат гулу савсан гирифт.
Он чи хавфи дигарон, он амни туст,
Бат қавӣ аз баҳру мурғи хона суст.
Боз девона шудам ман, эй табиб!
Боз савдоӣ шудам ман, эй ҳабиб!
Ҳалқаҳои силсилай ту зуфунун,
Ҳар яке ҳалқа диҳад дигар ҷунун.
Доди ҳар ҳалқа фунуне дигар аст,
Пас, маро ҳар дам ҷунуне дигар аст.
Пас, фунун бошад ҷунун, ин шуд масал,
Хоса дар занҷири ин мири аҷал.

Ончунон девонагӣ бигсаст банд,
Ки ҳама девонагон пандам диҳанд.

## Омадани дӯстон ба бемористон ҷиҳати пурсиши Зуннуни Мисрӣ, раҳматуллоҳи алайҳ

Инчунин Зуннуни Мисриро фитод,
К-андар ӯ шӯру ҷунуни нав бизод.
Шӯр чандон шуд, ки то фавқи фалак
Мерасид аз вай ҷигарҳоро намак.
Ҳин, манеҳ ту шӯри худ, эй шӯрахок!
Паҳлуйи шӯри худовандони пок.
Халқро тоби ҷунуни ӯ набуд.
Оташи ӯ ришҳошон мерабуд.
Чунки дар риши авом оташ фитод,
Банд кардандаш, ба зиндоне ниҳод.
Нест имкон вокашидан ин лагом,
Гарчи з-ин раҳ танг меоянд ом.
Дида ин шоҳон зи ома хавфи ҷон,
К-ин гуруҳ кӯранду шоҳон бенишон.
Чунки ҳукм андар кафи риндон бувад,
Лоҷарам Зуннун дар зиндон бувад.
Яксавора меравад шоҳи азим,
Дар кафи тифлон чунин дурри ятим.
Дурри чӣ? Дарё ниҳон дар қатрае,
Офтобе, махфӣ андар заррае.
Офтобе хешро зарра намуд
В-андак-андак рӯйи худро баргушуд.
Ҷумлаи заррот дар вай маҳв шуд,
Олам аз вай маст гашту саҳв шуд.
Чун қалам дар дасти ғаддоре бувад,
Бегумон Мансур бар доре бувад.
Чун сафеҳонрост ин кору киё,
Лозим омад «яқтулуна-л-анбиё».
Анбиёро гуфта қавме роҳгум,
Аз сафаҳ: «Инно татаййарно бикум».
Ҷаҳли тарсо бин, амон ангехта
З-он Худованде, ки гашт овехта.

Чун ба қавли ӯст маслуби ҷуҳуд,
Пас, мар ӯро амн кай тонад намуд?
Чун дили он шоҳ з-эшон хун бувад,
Исмати «ва анта фиҳим» чун бувад?
Зарри холисрову заргарро хатар
Бошад аз қаллоби хоин бештар.
Юсуфон аз рашки зиштон махфиянд,
К-аз адӯ хубон дар оташ мезиянд.
Юсуфон аз макри ихвон дар чаҳанд,
К-аз ҳасад Юсуф ба гургон медиҳанд.
Аз ҳасад бар Юсуфи Мисрӣ чӣ рафт?
Ин ҳасад андар камин гургест зафт.
Лоҷарам з-ин гург Яъқуби ҳалим
Дошт бар Юсуф ҳамеша хавфу бим.
Гурги зоҳир гирди Юсуф худ нагашт,
Ин ҳасад дар феъл аз гургон гузашт.
Захм кард ин гург в-аз узри лабиқ
Омада, к- «инно заҳабно настабиқ».
Сад ҳазорон гургро ин макр нест,
Оқибат расво шавад ин гург, бист,
З-он ки ҳашри ҳосидон рӯзи газанд
Бегумон бар сурати гургон кунанд.
Ҳашри пурҳирси хаси мурдорхор
Сурати хуке бувад рӯзи шумор.
Зониёнро ганди андоми ниҳон,
Хамрхоронро бувад ганди даҳон.
Ганди махфӣ, к-он ба дилҳо мерасид,
Гашт андар ҳашр маҳсусу падид.
Бешае омад вуҷуди одамӣ,
Барҳазар шав з-ин вуҷуд, ар з-он дамӣ.
Дар вуҷуди мо ҳазорон гургу хук
Солеҳу носолеҳу хубу хашук.
Ҳукм он хӯрост, к-ӯ ғолибтар аст,
Чунки зар беш аз мис омад, он зар аст.
Сирате, к-он бар вуҷудат ғолиб аст,
Ҳам бар он тасвир ҳашрат воҷиб аст.
Соате гурге дарояд дар башар,
Соате Юсуфрухе ҳамчун қамар.

Меравад аз синаҳо дар синаҳо,
Аз раҳи пинҳон салоҳу кинаҳо.
Балки худ аз одамӣ дар гову хар
Меравад доноию илму ҳунар.
Аспи суксук мешавад раҳвору ром,
Хирс бозӣ мекунад, буз ҳам салом.
Рафт андар саг зи одамён ҳавас,
То шубон шуд ё шикорӣ, ё ҳарас.
Дар саги Асҳоб хубӣ з-он вуфуд
Рафт, то ҷӯёи Аллаҳ гашта буд.
Ҳар замон дар сина навъе сар кунад,
Гоҳ деву гаҳ малак, гаҳ дому дад.
З-он аҷаб беша, ки ҳар шер огаҳ аст,
То ба доми синаҳо пинҳон раҳ аст.
Duздие кун аз дарун марҷони ҷон,
Эй кам аз саг, аз даруни орифон.
Чунки дуздӣ боре он дурри латиф,
Чунки ҳомил мешавӣ, боре шариф.

## Фаҳм кардани муридон, ки Зуннун девона нашуд, қосид кардааст

Дӯстон дар қиссаи Зуннун шуданд
Сӯйи зиндону дар он ройе заданд,
К-ин магар қосид кунад! Ё ҳикматест!
Ӯ дар ин дин қиблаеву оятест.
Дур, дур аз ақли чун дарёи ӯ,
То ҷунун бошад сафаҳфармои ӯ.
Ҳошалиллаҳ аз камоли ҷоҳи ӯ,
К-абри беморӣ бипӯшад моҳи ӯ.
Ӯ зи шарри ома андар хона шуд,
Ӯ зи нанги оқилон девона шуд.
Ӯ зи ори ақли кунди танпараст
Қосидан рафтасту девона шудаст,
Ки бибандедам қавӣ в-аз сози гов,
Бар сару пуштам бизан в-инро маков.
То зи захми лахт ёбам ман ҳаёт,
Чун қатил аз гови Мӯсо, эй сиқот!

То зи захми лахти гове х(в)аш шавам,
Ҳамчу куштай гови Мӯсо каш шавам.
Зинда шуд кушта зи захми думми гов,
Ҳамчу мис аз кимиё шуд зарри сов.
Кушта барҷасту бигуфт асрорро,
Вонамуд он зумраи хунхорро.
Гуфт равшан, к-ин ҷамоат куштаанд,
К-ин замон дар хасмиям ошуфтаанд.
Чунки кушта гардад ин ҷисми гарон,
Зинда гардад ҳастии асрордон.
Ҷони ӯ бинад биҳишту норро,
Боздонад ҷумлаи асрорро.
Вонамояд хуниёни девро,
Вонамояд доми худъа-в ревро.
Гов куштан ҳаст аз шарти тариқ,
То шавад аз захми думмаш ҷон муфиқ.
Гови нафси хешро зутар бикуш,
То шавад рӯҳи хафӣ зинда-в баҳуш.

## Руҷӯъ ба ҳикояти Зуннун, раҳматуллоҳи алайҳи

Чун расиданд он нафар наздики ӯ,
Бонг барзад: «Ҳай, киёнед? Иттақу».
Бо адаб гуфтанд: «Мо аз дӯстон,
Баҳри пурсиш омадем ин ҷо ба ҷон.
Чунӣ, эй дарёи ақли зуфунун?
Ин чӣ буҳтон аст бар ақлат ҷунун?
Дуди гулхан кай расад дар офтоб?
Чун шавад анқо шикаста аз ғуроб?
Вомагир аз мо, баён кун ин сухун,
Мо муҳиббонем, бо мо ин макун!
Мар муҳиббонро нашояд дур кард,
Ё ба рӯпӯшу дағал мағрур кард.
Розро андар миён овар, шаҳо!
Рӯ макун дар абри пинҳонӣ, маҳо!
Мо муҳиббу содиқу дилхастаем,
Дар ду олам дил ба ту дарбастаем».

Фаҳш оғозиду дашном аз газоф,
Гуфт ӯ девонагона: «Зею қоф.
Барҷаҳиду санг паррон карду чӯб,
Ҷумлагӣ бигрехтанд аз бими кӯб.
Қаҳқаҳа хандиду ҷунбонид сар,
Гуфт: «Боди риши ин ёрон нигар!
Дӯстон бин, ку нишони дӯстон?
Дӯстонро ранҷ бошад ҳамчу ҷон.
Кай карон гирад зи ранҷи дӯст дӯст?
Ранҷ мағзу дӯстӣ онро чу пӯст.
Не нишони дӯстӣ шуд сарх(в)ашӣ,
Дар балову офату меҳнаткашӣ?
Дӯст ҳамчун зар, бало чун оташ аст,
Зарри холис дар дили оташ х(в)аш аст.

## Имтиҳон кардани хоҷаи Луқмон зиракии Луқмонро

Не, ки Луқмонро, ки бандай пок буд,
Рӯзу шаб дар бандагӣ чолок буд.
Хоҷааш медоштӣ дар кор беш?
Беҳтараш дидӣ зи фарзандони хеш?
З-он ки Луқмон гарчи бандазод буд,
Хоҷа буду аз ҳаво озод буд.
Гуфт шоҳе шайхро андар сухун:
«Чизе аз бахшиш зи ман дархост кун».
Гуфт: «Эй шаҳ, шарм н-ояд мар туро,
Ки чунин гӯйӣ маро? З-ин бартар о!
Ман ду банда дораму эшон ҳақир
В-он ду бар ту ҳокимонанду амир».
Гуфт шаҳ: «Он ду чианд? Он заллат аст?»
Гуфт: «Он як хашму дигар шаҳват аст».
Шоҳ он дон, к-ӯ зи шоҳӣ фориғ аст,
Бе маҳу хуршед нураш бозиғ аст.
Махзан он дорад, ки махзан зоти ӯст,
Ҳастӣ ӯ дорад, ки бо ҳастӣ адӯст.
Хоҷаи Луқмон ба зоҳир хоҷаваш,
Дар ҳақиқат банда, Луқмон хоҷааш.

Дар ҷаҳони божгуна з-ин басест,
Дар назаршон гавҳаре кам аз хасест.
Мар биёбонро Мафоза ном шуд,
Ному ранге ақлашонро дом шуд.
Як гуруҳро худ муарриф ҷома аст,
Дар қабо, гӯянд, к-ӯ аз ома аст.
Як гуруҳро зоҳири солуси зуҳд,
Нур бояд, то бувад ҷосуси зуҳд.
Нур бояд, пок аз тақлиду ғавл,
То шиносад мардро бе феълу қавл.
Дарравад дар қалби ӯ аз роҳи ақл,
Нақди ӯ бинад, набошад банди нақл.
Бандагони хоси «аллому-л-ғуюб»,
Дар ҷаҳони ҷон «ҷавосису-л-қулуб».
Дар даруни дил дарояд чун хаёл,
Пеши ӯ макшуф бошад сирри ҳол.
Дар тани гунҷишк чист аз баргу соз,
Ки шавад пӯшида он бар ақли боз?
Он ки воқиф гашт бар асрори ҳу,
Сирри махлуқот чӣ б-вад пеши ӯ?
Он ки бар афлок рафтораш бувад,
Бар замин рафтан чӣ душвораш бувад?
Дар кафи Довуд, к-оҳан гашт мум,
Мум чӣ б-вад дар кафи ӯ, эй залум?
Буд Луқмон бандашакле, хоҷае,
Бандагӣ бар зоҳираш дебоҷае.
Чун равад хоҷа ба ҷойи ношинос,
Дар ғуломи хеш пӯшонад либос,
Ӯ бипӯшад ҷомаҳои он ғулом,
Мар ғуломи хешро созад имом.
Дар паяш чун бандагон дар раҳ шавад,
То набояд з-ӯ касе огаҳ шавад.
Гӯяд: «Эй банда, ту рав, бар садр шин,
Ман бигирам кафш чун бандай кеҳин.
Ту дуруштӣ кун, маро дашном деҳ,
Мар маро ту ҳеч тавқире манеҳ.
Тарки хидмат, хидмати ту доштам,
То ба ғурбат тухми ҳилат коштам».

Хоҷагон ин бандагиҳо кардаанд,
То гумон ояд, ки эшон бандаанд.
Чашмпур буданду сер аз хоҷагӣ,
Корҳоро кардаанд омодагӣ.
В-ин ғуломони ҳаво бар акси он
Хештан бинмуда хоҷай ақлу ҷон.
Ояд аз хоҷа раҳи афгандагӣ,
Н-ояд аз банда ба ғайри бандагӣ.
Пас, аз он олам бад-ин олам чунон
Таъбиятҳо ҳаст баръакс, ин бидон.
Хоҷаи Луқмон аз ин ҳоли ниҳон
Буд воқиф, дида буд аз вай нишон.
Роз медонисту хуш меронд хар
Аз барои маслиҳат он роҳбар.
Мар варо озод кардӣ аз нахуст,
Лек хушнудии Луқмонро биҷуст.
З-он ки Луқмонро мурод ин буд, то
Кас надонад сирри он шеру фато.
Чӣ аҷаб, ки сир зи бад пинҳон кунӣ,
Ин аҷаб, ки сир зи х(в)ад пинҳон кунӣ.
Кор пинҳон кун ту аз чашмони х(в)ад,
То бувад корат салим аз чашми бад.
Хешро таслим кун бар доми музд
В-он гаҳ аз худ бе зи худ чизе бидузд.
Медиҳанд афюн ба марди захмманд,
То ки пайкон аз танаш берун кунанд.
Вақти марг аз ранҷ ӯро медаранд,
Ӯ бад-он машғул шуд, ҷон мебаранд.
Чун ба ҳар фикре, ки дил хоҳӣ супурд,
Аз ту чизе дар ниҳон хоҳанд бурд.
Пас бад-он машғул шав, к-он беҳтар аст,
То зи ту чизе барад, к-он кеҳтар аст.
Ҳар чӣ тасҳиле кунӣ, эй муътанӣ,
Медарояд дузд аз он сӯ, к-эминӣ.
Бори бозаргон чу дар об уфтад,
Даст андар колаи беҳтар занад.
Чунки чизе фавт хоҳад шуд дар об,
Тарки камтар гӯйу беҳтарро биёб.

## Зоҳир шудани фазлу зиракии Луқмон пеши имтиҳонкунандагон

Ҳар таоме, к-овариданд̄и ба вай,
Кас суйи Луқмон фиристод̄и зи пай,
То ки Луқмон даст сӯйи он барад
Қосидан, то хоҷа пасхурдаш х(в)арад. 1515
Суъри ӯ хурдию шӯр ангехт̄и,
Ҳар таоме, к-ӯ нахӯрд̄и, рехт̄и.
В-ар бихӯрд̄и бедилу беиштиҳо,
Ин бувад пайвандии беинтиҳо.
Харбуза оварда буданд армуғон,
Гуфт: «Рав, фарзанд, Луқмонро бихон».
Чун буриду дод ӯро як бурин,
Ҳамчу шаккар хӯрдашу чун ангубин.
Аз хуш̄и, ки хӯрд, дод ӯро дувум,
То расид он карчҳо то ҳафдаҳум. 1520
Монд карче, гуфт: «Инро ман х(в)арам,
То ч̄и ширин харбузаст ин, бингарам.
Ӯ чунин хуш мехурад, к-аз завқи ӯ
Табъҳо шуд муштаҳию луқмаҷӯ».
Чун бихӯрд, аз талхияш оташ фурӯхт,
Ҳам забон кард обила, ҳам ҳалқ сӯхт.
Соате бехуд шуд аз талхии он,
Баъд аз он гуфташ, ки эй ҷону ҷаҳон,
Нӯш чун кард̄и ту чандин заҳрро?
Лутф чун ангошт̄и ин қаҳрро? 1525
Ин ч̄и сабр аст? Ин сабур̄и аз ч̄и рӯст?
Ё магар пеши ту ин ҷонат адӯст?
Чун наёвард̄и ба ҳилат ҳуҷҷате?
Ки маро узрест, бас кун соате.
Гуфт: «Ман аз дасти неъматбахши ту
Хӯрдаам чандон, ки аз шармам дутӯ.
Шармам омад, ки яке талх аз кафат
Ман нанӯшам, эй ту соҳибмаърифат.
Чун ҳама аҷзом аз инъоми ту
Рустаанду ғарқи дона-в доми ту. 1530

Гар зи як талхӣ кунам фарёду дод,
Хок сад раҳ бар сари аҷзом бод!
Лаззати дасти шакарбахшат бидошт,
Андар ин биттих талхӣ кай гузошт?»
Аз муҳаббат талхҳо ширин шавад,
Аз муҳаббат миссҳо заррин шавад.
Аз муҳаббат дурдҳо софӣ шавад,
Аз муҳаббат дардҳо шофӣ шавад.
Аз муҳаббат мурда зинда мекунанд,
Аз муҳаббат шоҳ банда мекунанд.
Ин муҳаббат ҳам натиҷаи дониш аст,
Кай газофа бар чунин тахте нишаст?
Дониши ноқис куҷо ин ишқ зод?
Ишқ зояд ноқис, аммо бар ҷамод:
Бар ҷамоде ранги матлубе чу дид,
Аз сафире бонги маҳбубе шунид.
Дониши ноқис надонад фаркро,
Лоҷарам, хуршед донад баркро.
Чунки малъун хонд ноқисро расул,
Буд дар таъвили нуқсони укул.
З-он ки ноқистан бувад маҳруми раҳм,
Нест бар марҳум лоиқ лаъну захм.
Нақси ақл аст, он ки бадранҷурӣ аст,
Мӯҷиби лаънат, сазои дурӣ аст.
З-он ки такмили хирадҳо дур нест,
Лек такмили бадан мақдур нест.
Куфру фиръавнии ҳар габри баъид
Ҷумла аз нуқсони ақл омад падид.
Баҳри нуқсони бадан омад фараҷ,
Дар Нубӣ, ки «мо ала-л-аъмо ҳараҷ».
Барқ офил бошаду бас бевафо,
Офил аз боқӣ надонӣ, бесафо.
Барқ хандад. Бар кӣ механдад? Бигӯ,
Бар касе, ки дил ниҳад бар нури ӯ.
Нурҳои чарх бибридапай аст,
Он чу лошарқию лоғарбӣ кай аст?
Баркро «ху яхтафу-л-абсор» дон,
Нури боқиро ҳама ансор дон.

Бар кафи дарё фарасро рондан,
Номае дар нури барқе хондан.
Аз ҳарисӣ оқибат нодидан аст,
Бар дилу бар ақли худ хандидан аст.
Оқибатбин аст ақл аз хосият,
Нафс бошад, к-ӯ набинад оқибат.
Ақл, к-ӯ мағлуби нафс, ӯ нафс шуд,
Муштарӣ моти Зуҳал шуд, наҳс шуд.
Ҳам дар ин наҳсе бигардон ин назар,
Дар касе, ки кард наҳсат, дарнигар.
Он назар, ки бингарад ин ҷарру мад,
Ӯ зи наҳсӣ сӯйи саъдӣ нақб зад.
З-он ҳамегардонадат ҳоле ба ҳол,
Зид ба зид пайдокунон дар интиқол.
То ки хавфат зояд аз зотушшимол,
Лаззати зотулямин, «юрҷи-р-риҷол».
То дупар бошӣ, ки мурғи якпара
Оҷиз ояд аз паридан, эй сара!
Ё раҳо кун, то наёям дар калом,
Ё бидеҳ дастур, то гӯям тамом.
В-ар на ин хоҳӣ, на он, фармон турост,
Кас чӣ донад, мар туро мақсад куҷост?
Ҷони Иброҳим бояд, то ба нур
Бинад андар нор фирдавсу қусур.
Поя-поя барравад бар моҳу х(в)ар,
То бимонад ҳамчу ҳалқа банди дар.
Чун Халил аз осмони ҳафтумин
Бигзарад, ки «ло уҳиббу-л-офилин».
Ин ҷаҳони тан ғалатандоз шуд,
Ҷуз мар онро, к-ӯ зи шаҳват боз шуд.

## Татиммаи ҳасади он ҳашам бар он ғуломи хосс

Қиссаи шоҳу амирону ҳасад
Бар ғуломи хосу султони хирад
Дур монд аз ҷарри ҷаррори калом,
Боз бояд гашту кард онро тамом.
Боғбони мулки боиқболу бахт
Чун дарахтеро надонад аз дарахт?

Он дарахтеро, ки талху рад бувад
В-он дарахте, ки якаш ҳафсад бувад.
Кай баробар дорад андар тарбият?
Чун бибинадшон ба чашми оқибат,
К-он дарахтонро ниҳоят чист бар?
Гарчи яксонанд ин дам дар назар.
Шайх, к-ӯ «янзур бинуриллоҳ» шуд,
Аз ниҳоят в-аз нахуст огоҳ шуд.
Чашми охурбин бибаст аз баҳри Ҳақ,
Чашми охирбин гушод андар сабақ.
Он ҳасудон бад дарахтон будаанд,
Талхгавҳар, шӯрбахтон будаанд.
Аз ҳасад ҷӯшону каф мерехтанд
Дар ниҳонӣ макр меангехтанд.
То ғуломи хосро гардан зананд,
Бехи ӯро аз замона баркананд.
Чун шавад фонӣ? Чу ҷонаш шоҳ буд,
Бехи ӯ дар исмати Аллоҳ буд.
Шоҳ аз он асрор воқиф омада,
Ҳамчу Бӯбакри рубобӣ тан зада.
Дар тамошои дили бадгавҳарон
Мезадӣ хунбак бар он кӯзагарон.
Макр месозанд қавме ҳиламанд,
То ки шаҳро дар фуқоъе дар кунанд.
Подшоҳе, бас азиме, бекарон
Дар фуқоъе кай бигунҷад, эй харон?
Аз барои шоҳ доме дӯхтанд,
Охир ин тадбир аз ӯ омӯхтанд.
Наҳс шогирде, ки бо устоди хеш
Ҳамсарӣ оғозаду ояд ба пеш.
Бо кадом устод? Устоди ҷаҳон,
Пеши ӯ яксон ҳувайдову ниҳон.
Чашми ӯ «янзур бинуриллаҳ» шуда,
Пардаҳои ҷаҳлро хориқ буда.
Аз дили сӯрохи чун кухнагилем
Пардае бандад ба пеши он ҳаким.
Парда механдад бар ӯ бо сад даҳон,
Ҳар даҳоне гашта ишкофе бар он.

Гӯяд он устод мар шогирдро:
«Эй кам аз саг, нестат бо ман вафо?
Худ маро усто магир, оҳангусил,
Ҳамчу худ шогирд гиру кӯрдил.
Н-аз манат ёрист дар ҷону равон?
Бе манат обе намегардад равон.
Пас, дили ман коргоҳи бахти туст,
Чӣ ш-канӣ ин коргоҳ, эй нодуруст!
Гӯияш пинҳон занам оташзана,
Не ба қалб, аз қалб бошад равзана?
Охир аз равзан бибинад фикри ту,
Дил гувоҳие диҳад з-ин зикри ту.
Гир, дар рӯят намолад аз карам,
Ҳар чӣ гӯйӣ, хандаду гӯяд: наъам.
Ӯ намехандад зи завқи молишат,
Ӯ ҳамехандад ҳар он исголишат.
Пас, хидоъеро хидоъе шуд ҷазо,
Коса зан, кӯза бихур. Инак сазо.
Гар будӣ бо ту варо хандай ризо,
Сад ҳазорон гул шукуфтӣ мар туро.
Чун дили ӯ дар ризо орад амал,
Офтобе дон, ки ояд дар ҳамал.
З-ӯ бихандад ҳам наҳору ҳам баҳор,
Дарҳам омезад шукуфа-в сабзазор.
Сад ҳазорон булбулу қумрӣ наво
Афгананд андар ҷаҳони бенаво.
Чунки барги рӯҳи худ зарду сиёҳ
Мебибинӣ, чун надонӣ хашми шоҳ?
Офтоби шоҳ дар бурҷи итоб
Мекунад рӯҳо сияҳ ҳамчун китоб.
Он Уторидро вараққо ҷони мост,
Он сапедӣ в-он сияҳ мизони мост.
Боз маншуре нависад сурху сабз,
То раҳанд арвоҳ аз савдову аҷз.
Сурху сабз афтод насхи навбаҳор,
Чун хати қавсу қузаҳ дар эътибор.

## Акси таъзими пайғоми Сулаймон дар дили Билқис аз сурати ҳақири ҳудҳуд

Раҳмати садтӯ бар он Билқис бод,
Ки Худояш ақли садмарда бидод.
Ҳудҳуде нома биёварду нишон
Аз Сулаймон, чанд ҳарфе бо баён.
Хонд ӯ он нуктаҳои бошумул,
Бо ҳақорат нангарид андар расул.
Ҷисм ҳудҳуд диду ҷон анқо-ш дид,
Ҳис чу каффе диду дил дарё-ш дид.
Ақли боҳис з-ин тилисмоти дуранг
Чун Муҳаммад бо абӯҷаҳлон ба ҷанг.
Кофирон диданд Аҳмадро башар,
Чун надиданд аз вай «иншаққа-л-қамар».
Хок зан дар дидаи ҳисбини хеш,
Дидаи ҳис душмани ақл асту кеш.
Дидаи ҳисро Худо аъмо-ш хонд,
Бутпарасташ гуфту зидди мо-ш хонд.
З-он ки ӯ каф диду дарёро надид,
З-он ки ҳолӣ диду фардоро надид.
Хоҷаи фардову ҳолӣ пеши ӯ,
Ӯ намебинад зи ганҷе ҷуз тасу.
Зррае з-он офтоб орад паём,
Офтоб он зарраро гардад ғулом.
Қатрае, к-аз баҳри ваҳдат шуд сафир,
Ҳафт баҳр он қатраро бошад асир.
Гар кафи хоке шавад чолоки ӯ,
Пеши хокаш сар ниҳад афлоки ӯ.
Хоки Одам чунки шуд чолоки Ҳақ,
Пеши хокаш сар ниҳад амлоки Ҳақ.
«Ас-самоъу-н-шаққат», охир аз чӣ буд?
Аз яке чашме, ки хокие гушуд.
Хок аз дурдӣ нишинад зери об,
Хок бин, к-аз арш бигзашт аз шитоб.
Он латофат, пас, бидон, к-аз об нест,
Ҷуз атои мубдеъи ваҳҳоб нест.

Гар кунад суфлӣ ҳавову норро
В-ар зи гул ӯ бигзаронад хорро,
Ҳоким асту «яфъалуллаҳ мо яшо»,
К-ӯ зи айни дард ангезад даво.
Гар ҳавову норро суфлӣ кунад,
Тирагию дурдию сиқлӣ кунад.
В-ар замину обро улвӣ кунад,
Роҳи гардунро ба по матвӣ кунад.
Пас, яқин шуд, ки «туъиззу ман ташо»,
Хокиеро гуфт: «Парҳо баргушо».
Оташеро гуфт: «Рав, Иблис шав,
Зери ҳафтум хок бо талбис шав.
Одами хокӣ, бирав ту бар Суҳо,
Эй Билиси оташӣ, рав то саро!
Чор табъу иллати уло наям,
Дар тасарруф доимо ман боқиям.
Кори ман беиллат асту мустақим,
Ҳаст тақдирам на иллат, эй сақим!
Одати худро бигардонам ба вақт,
Ин ғубор аз пеш биншонам ба вақт.
Баҳрро гӯям, ки ҳин, пурнор шав,
Гӯям оташро: «Бирав, гулзор шав».
Кӯҳро гӯям: «Сабук шав ҳамчу пашм»,
Чархро гӯям: «Фурӯ дар пеши чашм».
Гӯям: «Эй хуршед, мақрун шав ба моҳ,
Ҳар дуро созам чу ду абри сиёҳ».
Чашмаи хуршедро созем хушк,
Чашмаи хунро ба фан созем мушк.
Офтобу маҳ чу ду гови сиёҳ,
Юғ бар гардан бибандадшон Илоҳ.

## Инкори фалсафӣ бар қироати «ин асбаҳа моъукум ғавран»

Муқрие мехонд аз рӯйи китоб:
«Моъукум ғавран». Зи чашма бандам об.
Обро дар ғаврҳо пинҳон кунам,
Чашмаҳоро хушку хушкистон кунам.

Обро дар чашма кӣ орад дигар,
Ҷуз мани бемисли бофазлу хатар?
Фалсафии мантиқийи мустаҳон
Мегузашт аз сӯйи мактаб он замон.
Чунки бишнид оят, ӯ аз нописанд
Гуфт: «Орем обро мо бо каланд.
Мо ба захми белу тезии табар
Обро орем аз пастӣ забар».
Шаб бихуфту дид ӯ як шермард,
Зад тапонча, ҳар ду чашмаш кӯр кард.
Гуфт: «З-ин ду чашмаи чашм, эй шақӣ!
Бо табар нуре барор, ар содиқӣ».
Рӯз барҷасту ду чашми кӯр дид,
Нури фойиз аз ду чашмаш нопадид.
Гар бинолидию мустағфир шудӣ,
Нури рафта аз карам зоҳир шудӣ.
Лек истиғфор ҳам дар даст нест,
Завқи тавба нуқли ҳар сармаст нест.
Зиштии аъмолу шумии ҷуҳуд
Роҳи тавба бар дили ӯ баста буд.
Дил ба сахтӣ ҳамчу рӯйи санг гашт,
Чун шикофад тавба онро баҳри кашт?
Чун Шуъайбе ку, ки то ӯ аз дуъо
Баҳри куштан хок созад кӯҳро?
Аз ниёзу эътиқоди он Халил
Гашт мумкин амри саъбу мустаҳил.
Ё ба дарюзай муқавқис аз расул
Санглохе мазраъе шуд бо усул.
Ҳамчунин баръакс он инкори мард
Мис кунад заррову сулҳеро набард.
Каҳрабои масх омад ин даға,
Хоки қобилро кунад сангу ҳасо.
Мар дилеро саҷда ҳам дастур нест,
Музди раҳмат қисми ҳар муздур нест.
Ҳин, ба пушти он макун ҷурму гуноҳ,
Ки кунам тавба, дароям дар паноҳ.
Мебибояд тобу обе тавбаро,
Шарт шуд барқу саҳобе тавбаро.

Оташу обе бибояд меваро,
Воҷиб ояд абру барқ ин шеваро.
То набошад барқи дил в-абри ду чашм,
Кай нашинад оташи таҳдиду хашм?
Кай бирӯяд сабзаи завқи висол?
Кай биҷӯшад чашмаҳо з-оби зулол?
Кай гулистон роз гӯяд бо чаман?
Кай бунафша аҳд бандад бо саман?
Кай чиноре каф гушояд дар дуъо?
Кай дарахте сар фишонад дар ҳаво?
Кай шукуфа остини пурнисор
Барфишондан, гирад айёми баҳор?
Кай фурӯзад лоларо рух ҳамчу хун?
Кай гул аз киса барорад зар бурун?
Кай биёяд булбулу гул бӯ кунад?
Кай чу толиб фохта ку-ку кунад?
Кай бигӯяд лаклак он «лак, лак» ба ҷон?
«Лак» чӣ бошад? Мулки туст, эй мустаъон!
Кай намояд хок асрори замир?
Кай шавад бе осмон бустон мунир?
Аз куҷо овардаанд он ҳуллаҳо,
Мин каримин, мин раҳимин, куллаҳо!
Он латофатҳо нишони шоҳидест,
Он нишони пойи марди обидест.
Он шавад шод аз нишон, к-ӯ дид шоҳ,
Чун надид ӯро набошад интибоҳ.
Рӯҳи он кас, к-ӯ ба ҳангоми аласт
Дид рабби хешу шуд бехешу маст.
Ӯ шиносад бӯйи май, к-ӯ май бих(в)ард,
Чун нахӯрд ӯ май, чӣ донад бӯй кард?
З-он ки ҳикмат ҳамчу ноқай зола аст,
Ҳамчу даллола шаҳонро дола аст.
Ту бибинӣ хоб-дар як хушлиқо,
К-ӯ диҳад ваъда-в нишоне мар туро,
Ки муроди ту шавад в-инак нишон,
Ки ба пеш ояд туро фардо фалон.
Як нишонӣ он, ки ӯ бошад савор,
Як нишонӣ, ки туро гирад канор.

Як нишонӣ, ки бихандад пеши ту,
Як нишон, ки даст бандад пеши ту.
Як нишонӣ он, ки ин хоб аз ҳавас
Чун шавад фардо, нагӯйӣ пеши кас.
З-он нишон ҳам Заккариёро бигуфт,
Ки наёӣ то се рӯз асло ба гуфт.
То се шаб хомуш кун аз неку бадат,
Ин нишон бошад, ки Яҳё оядат.
Дам мазан се рӯз андар гуфтугӯ,
К-ин сукут аст ояти мақсуди ту.
Ҳин, маёвар ин нишонро ту ба гуфт
В-ин суханро дор андар дил ниҳуфт.
Ин нишонҳо гӯядаш ҳамчун шакар,
Ин чӣ бошад? Сад нишонии дигар.
Ин нишони он бувад, к-он мулку ҷоҳ,
Ки ҳамеҷӯйӣ, биёбӣ аз Илоҳ.
Он ки мегирйӣ ба шабҳои дароз
В-он ки месӯзӣ саҳаргаҳ дар ниёз.
Он ки бе он рӯзи ту торик шуд,
Ҳамчу дуке гарданат борик шуд.
В-он чи додӣ, ҳар чӣ дорӣ дар закот
Чун закоти покбозон рахтҳот.
Рахтҳо додию хобу ранги рӯ,
Сар фидо кардию гаштӣ ҳамчу мӯ.
Чанд дар оташ нишастӣ ҳамчу уд,
Чанд пеши теғ рафтӣ ҳамчу хӯд.
З-инчунин бечорагиҳо сад ҳазор
Хӯйи ушшоқ асту н-ояд дар шумор.
Чунки шаб ин хоб дидӣ, рӯз шуд,
Аз умедаш рӯзи ту пирӯз шуд.
Чашм гардон кардаӣ бар чаппу рост,
К-он нишону он аломатҳо куҷост?
Бар мисоли барг меларзӣ, ки вой,
Гар равад рӯзу нишон н-ояд ба ҷой.
Медавӣ дар кӯю бозору саро,
Чун касе, к-ӯ гум кунад гӯсоларо.
«Хоҷа, хайр аст, ин даводав чистат?
Гумшуда ин ҷо ки дорӣ, кистат?»

Гӯйияш: «Хайр аст, лекин хайри ман,
Кас нашояд, ки бидонад ғайри ман.
Гар бигӯям, нак, нишонам фавт шуд,
Чун нишон шуд фавт, вақти мавт шуд».
Бингарӣ дар рӯйи ҳар марди савор,
Гӯядат: «Мангар маро девонавор».
Гӯйияш: «Ман соҳибе гум кардаам,
Рӯ ба ҷустуҷӯйи ӯ овардаам.
Давлатат поянда бодо, эй савор,
Раҳм кун бар ошиқон, маъзур дор».
Чун талаб кардӣ ба ҷид, омад назар,
Ҷид хато накнад, чунин омад хабар.
Ногаҳон омад саворе некбахт,
Пас гирифт андар канорат сахт-сахт.
Ту шудӣ беҳушу афтодӣ ба тоқ,
Бехабар гуфт: «Ин-т солусу нифоқ.
Ӯ чӣ мебинад? Дар ӯ ин шӯр чист?»
Ӯ надонад, к-он нишони васли кист?
Ин нишон дар ҳаққи ӯ бошад, кӣ дид?
Он дигарро кай нишон ояд падид?
Ҳар замон, к-аз вай нишоне мерасид,
Шахсро ҷоне ба ҷоне мерасид.
Моҳии бечорaро пеш омад об,
Ин нишонҳо «тилка оёту-л-китоб».
Пас, нишониҳо, ки андар анбиёст,
Хос он ҷонро бувад, к-ӯ ошност.
Ин сухан ноқис бимонду беқарор,
Дил надорам, бедилам, маъзур дор.
Зарраҳоро кай тавонад кас шумурд?
Хоса он к-ӯ ишқ аз вай ақл бурд.
Мешуморам баргҳои боғро,
Мешуморам бонги кабку зоғро.
Дар шумор андарнаёяд, лек ман
Мешуморам баҳри рушди мумтаҳан.
Наҳси Кайвон ё ки саъди Муштарӣ
Н-ояд андар ҳаср, гарчи бишмарӣ.
Лек ҳам баъзе аз ин ҳар ду асар
Шарҳ бояд кард, яъне нафъу зар.

То шавад маълум осори қазо
Шаммае мар аҳли саъду наҳсро.
Толеъи он кас, ки бошад Муштарӣ
Шод гардад аз нишоту сарварӣ.
В-он киро толеъ Зуҳал, аз ҳар шурур
Эҳтиёташ лозим ояд дар умур.
Гар нагӯям он Зуҳал истораро,
З-оташаш сӯзад мар он бечораро.
«Узкуруллаҳ» шоҳи мо дастур дод,
Андар оташ дид моро, нур дод.
Гуфт: «Агарчи покам аз зикри шумо,
Нест лоиқ мар маро тасвирҳо.
Лек ҳаргиз масти тасвиру хаёл,
Дарнаёбад зоти моро бемисол».
Зикри ҷисмона хаёли ноқис аст,
Васфи шоҳона аз онҳо холис аст.
Шоҳро гӯяд касе: «Ҷулоҳ нест?»
Ин чӣ мадҳ аст? Ин магар огоҳ нест?

## Инкор кардани Мӯсо, алайҳиссалом, бар муноҷоти шубон

Дид Мӯсо як шубонеро ба роҳ,
К-ӯ ҳамегуфт: «Эй Худову эй Илоҳ!
Ту куҷоӣ, то шавам ман чокарат,
Чоруқат дӯзам, кунам шона сарат.
Ҷомаат шӯям, шапушҳоят кушам,
Шир пешат оварам, эй муҳташам!
Дастакат бӯсам, бимолам поякат,
Вақти хоб ояд, бирӯбам ҷоякат.
Эй фидои ту ҳама бузҳои ман,
Эй ба ёдат ҳай-ҳаю ҳайҳои ман».
Ин намат беҳуда мегуфт он шубон,
Гуфт Мӯсо: «Бо кӣ аст ин, эй фалон?»
Гуфт: «Бо он кас, ки моро офарид,
Ин замину чарх аз ӯ омад падид».
Гуфт Мӯсо: «Ҳой, бас, мудбир шудӣ,
Худ мусулмон ношуда, кофир шудӣ.

Ин чӣ жож аст? Ин чӣ куфр асту фушор?
Пунбае андар даҳони худ фишор!
Ганди куфри ту ҷаҳонро ганда кард,
Куфри ту дунёи динро жанда кард.
Чоруқу потоба лоиқ мар турост,
Офтоберо чунинҳо кай равост?
Гар набандӣ з-ин сухан ту ҳалқро,
Оташе ояд, бисӯзад халқро».
Оташе гар н-омадаст, ин дуд чист?
Ҷон сияҳ гашта, равон мардуд чист?
Гар ҳамедонӣ, ки Яздон довар аст,
Жожу густохий туро чун бовар аст?
Дӯстии бехирад худ душманист,
Ҳақ таъоло з-инчунин хидмат ғанист.
Бо кӣ мегӯйӣ ту ин? Бо амму хол?
Ҷисму ҳоҷат дар сифоти зулҷалол?!
Шир ӯ нӯшад, ки дар нашву намост,
Чоруқ ӯ пӯшад, ки ӯ муҳтоҷи пост.
В-аз барои банда-ш аст ин гуфтугӯ,
Он ки Ҳақ гуфт: «Ӯ ман асту ман худ ӯ».
Он ки гуфт: «Иннӣ маризту лам таъуд,
Ман шудам ранҷур, ӯ танҳо нашуд».
Он ки бе «ясмаъ» ва бе «юбсир» шуда-ст,
Дар ҳақи он банда ин ҳам беҳуда-ст.
Беадаб гуфтан сухан бо хоси Ҳақ
Дил бимиронад, сияҳ дорад варақ.
Гар ту мардеро бихонӣ Фотима,
Гарчи як ҷинсанд марду зан ҳама,
Қасди хуни ту кунад, то мумкин аст,
Гарчи хушхӯву ҳалиму сокин аст.
Фотима мадҳ аст дар ҳаққи занон,
Мардро гӯйӣ, бувад захми синон.
Дасту по дар ҳаққи мо истоиш аст,
Дар ҳақи покии Ҳақ олоиш аст.
«Лам ялид, лам юлад» ӯро лоиқ аст,
Волиду мавлудро ӯ холиқ аст.
Ҳар чӣ ҷисм омад, валодат васфи ӯст,
Ҳар чӣ мавлуд аст, ӯ з-ин сӯйи ҷӯст.

З-он ки аз кавну фасод асту маҳин,
Ҳодис асту муҳдисе хоҳад яқин.
Гуфт: «Эй Мӯсо, даҳонам дӯхтӣ,
Аз пушаймонӣ ту ҷонам сӯхтӣ».
Ҷомаро бидриду оҳе кард тафт,
Сар ниҳод андар биёбону бирафт.

## Итоб кардани Ҳақ таъоло Мӯсоро, алайҳиссалом, аз баҳри шубон

Ваҳй омад сӯйи Мӯсо аз Худо:
«Бандаи моро зи мо кардӣ ҷудо.
Ту барои васл кардан омадӣ,
Ё барои фасл кардан омадӣ?
То тавонӣ, по манеҳ андар фироқ,
«Абғазу-л-ашёи индӣ ат-талоқ».
Ҳар касеро сирате бинҳодаам,
Ҳар касеро истилоҳе додаам.
Дар ҳақи ӯ мадҳу дар ҳаққи ту зам,
Дар ҳақи ӯ шаҳду дар ҳаққи ту сам.
Мо барӣ аз поку нопокӣ ҳама,
Аз гаронҷонию чолокӣ ҳама.
Ман накардам амр, то суде кунам,
Балки то бар бандагон ҷуде кунам.
Ҳиндувонро истилоҳи ҳинд мадҳ,
Синдиёнро истилоҳи синд мадҳ.
Ман нагардам пок аз тасбеҳашон,
Пок ҳам эшон шаванду дурфишон.
Мо забонро нангарему қолро,
Мо равонро бингарему ҳолро.
Нозири қалбем, агар хошеъ бувад,
Гарчи гуфти лафз нохозеъ равад».
З-он ки дил ҷавҳар бувад, гуфтан араз,
Пас, туфайл омад араз, ҷавҳар ғараз.
Чанд аз ин алфозу измору маҷоз?
Сӯз хоҳам, сӯз, бо он сӯз соз.
Оташе аз ишқ дар ҷон барфурӯз,
Сар ба сар фикру иборатро бисӯз.

Мӯсиё, одобдонон дигаранд,
Сӯхтаҷонуравонон дигаранд.
Ошиқонро ҳар нафас сӯзиданист,
Бар деҳи вайрон хироҷу ушр нест.
Гар хато гӯяд, варо хотӣ магӯ,
Гар бувад пурхун шаҳид, ӯро машӯ.
Хун шаҳидонро зи об авлотар аст,
Ин хато аз сад савоб авлотар аст.
Дар даруни Каъба расми қибла нест,
Чӣ ғам, ар ғаввосро почила нест.
Ту зи сармастон қаловузӣ маҷӯ,
Ҷомачоконро чӣ фармоӣ руфӯ?
Миллати ишқ аз ҳама динҳо ҷудост,
Ошиқонро миллату мазҳаб Худост.
Лаълро гар муҳр набвад, бок нест,
Ишқ дар дарёи ғам ғамнок нест.

## Ваҳй омадан Мӯсоро, алайҳиссалом, дар узри он шубон

Баъд аз он дар сирри Мӯсо Ҳақ ниҳуфт,
Розҳое гуфт, к-он н-ояд ба гуфт.
Бар дили Мӯсо суханҳо рехтанд,
Дидану гуфтан ба ҳам омехтанд.
Чанд бехуд гашту чанд омад ба х(в)ад,
Чанд паррид аз азал сӯйи абад.
Баъд аз ин гар шарҳ гӯям, аблаҳист,
З-он ки шарҳи ин варои огаҳист.
В-ар бигӯям, ақлҳоро барканад
В-ар нависам, бас қаламҳо бишканад.
Чун ки Мӯсо ин итоб аз Ҳақ шунид,
Дар биёбон дар пайи чӯпон давид.
Бар нишони пойи он саргашта ронд,
Гард аз паррай биёбон барфишонд.
Гоми пойи мардуми шӯрида х(в)ад
Ҳам зи гоми дигарон пайдо бувад.
Як қадам чун рух зи боло то нишеб,
Як қадам чун пил рафта бар вуреб.

Гоҳ чун мавҷе барафрозон алам,
Гоҳ чун моҳӣ равона бар шикам.
Гоҳ бар хоке набишта ҳоли х(в)ад,
Ҳамчу раммоле, ки рамле барзанад.
Оқибат дарёфт ӯрову бидид,
Гуфт: «Мужда деҳ, ки дастуре расид:
Ҳеч одобею тартибе маҷӯ,
Ҳар чӣ мехоҳад дили тангат, бигӯ.
Куфри ту дин асту динат нури ҷон,
Эминӣ в-аз ту ҷаҳоне дар амон.
Эй муъофи яфъалуллаҳ мо яшо,
Бемуҳобо рав, забонро баргушо».
Гуфт: «Эй Мӯсо, аз он бигзаштаам,
Ман кунун дар хуни дил оғаштаам.
Ман зи Сидрай мунтаҳо бигзаштаам,
Садҳазоронсола з-он сӯ рафтаам.
Тозиёна барзадӣ, аспам бигашт,
Гунбаде карду зи гардун баргузашт.
Маҳрами носути мо лоҳут бод,
Офарин бар дасту бар бозут бод!
Ҳоли ман акнун бурун аз гуфтан аст,
Ин чи мегӯям, на аҳволи ман аст».
Нақш мебинӣ, ки дар ойинаест,
Нақши туст он, нақши он ойина нест.
Дам, ки марди нойӣ андар ной кард,
Дархури ной аст, на дархурди мард.
Ҳону ҳон, гар ҳамд гӯйӣ, гар сипос,
Ҳамчу нофарҷоми он чӯпон шинос.
Ҳамди ту нисбат бад-он гар беҳтар аст,
Лек он нисбат ба Ҳақ ҳам абтар аст.
Чанд гӯйӣ, чун ғито бардоштанд,
К-ин набудаст, он ки мепиндоштанд.
Ин қабули зикри ту аз раҳмат аст,
Чун намози мустаҳоза рухсат аст.
Бо намози ӯ биёлудаст хун,
Зикри ту олудаи ташбеҳу чун.
Хун палид асту ба обе меравад,
Лек ботинро наҷосатҳо бувад,

К-он ба ғайри оби лутфи Кирдгор
Кам нагардад аз даруни марди кор.
Дар суҷудат кош рӯ гардоние,
Маънии «субҳона раббӣ» донис,
К-эй суҷудам чун вуҷудам носазо,
Мар бадиро ту накӯӣ деҳ ҷазо.
Ин замин аз ҳилми Ҳақ дорад асар,
То наҷосат бурду гулҳо дод бар.
То бипӯшад ӯ палидиҳои мо,
Дар иваз баррӯяд аз вай ғунчаҳо.
Пас, чу кофир дид, к-ӯ дар доду ҷуд
Камтару бемоятар аз хок буд.
Аз вуҷуди ӯ гулу мева наруст,
Ҷуз фасоди ҷумла покиҳо наҷуст.
Гуфт: «Вопас рафтаам ман дар заҳоб,
Ҳасрато! «Ё лайтанӣ кунту туроб».
Кош аз хокӣ сафар нагзидаме,
Ҳамчу хоке донае мечидаме.
Чун сафар кардам, маро роҳ озмуд,
З-ин сафар кардан раҳовардам чӣ буд?»
З-он ҳама майлаш суйи хок аст, к-ӯ
Дар сафар суде набинад пеши рӯ.
Рӯй вопас карданаш-он ҳирсу оз,
Рӯй дар раҳ карданаш-сидқу ниёз.
Ҳар гиёро, к-аш бувад майли уло,
Дар мазид асту ҳаёту дар намо.
Чунки гардонид сар сӯйи замин,
Дар камию хушкию нақсу ғабин.
Майли рӯҳат чун суйи боло бувад,
Дар тазоюд марҷаъат он ҷо бувад.
В-ар нигунсорӣ, сарат сӯйи замин,
Офилӣ. «Ҳақ ло юҳиббу-л-офилин».

## Пурсидани Мӯсо аз Ҳақ сирри ғалабаи золимонро

Гуфт Мӯсо: «Эй карими корсоз,
Эй ки як дам зикри ту умри дароз.

Нақши каж-маж дидам андар обу гил,
Чун малоик эътирозе кард дил,
Ки чӣ мақсуд аст нақше сохтан?
В-андар ӯ тухми фасод андохтан.
Оташи зулму фасод афрӯхтан,
Масҷиду саҷдакунонро сӯхтан.
Мояи хунобаву зардобаро,
Ҷӯш додан аз барои лобаро
Ман яқин донам, ки айни ҳикмат аст,
Лек мақсудам аёну руъят аст.
Он яқин мегӯядам: хомӯш кун,
Ҳирси рӯъят гӯядам: на, ҷӯш кун.
Мар малоикро намудӣ сирри хеш,
К-инчунин нӯше ҳамеарзад ба неш.
Арза кардӣ нури Одамро аён,
Бар малоик гашт мушкилҳо баён.
Ҳашри ту гӯяд, ки сирри марг чист,
Меваҳо гӯянд сирри барг чист.
Сирри хуну нутфа ҳисси одамист,
Собиқи ҳар бешие охир камист.
Лавҳро аввал бишӯяд бевуқуф,
Он гаҳе бар вай нависад ӯ ҳуруф.
Хун кунад дилрову ашки мустаҳон,
Барнависад бар вай асрор он гаҳон.
Вақти шустан лавҳро бояд шинохт,
Ки мар онро дафтаре хоҳанд сохт.
Чун асоси хонае меафгананд,
Аввалин бунёдро бармекананд,
Гил баров аввал аз қаъри замин,
То ба охир баркашӣ моъи маъин.
Аз ҳаҷомат кӯдакон гирянд зор,
Ки намедонанд эшон сирри кор.
Мард худ зар медиҳад ҳаҷҷомро,
Менавозад неши хуношомро,
Медавад ҳаммол зӣ бори гарон,
Мерабояд борро аз дигарон.
Ҷанги ҳаммолон барои бор бин,
Инчунин аст иҷтиҳоди кор, бин.

Чун гаронињо асоси роњат аст,
Талхњо њам пешвои неъмат аст.
«Њуффати-л-љанна бимакрућотино,
Њуффати-н-нирону мин шањвотино».
Тухммояй оташат шохи тар аст,
Сўхтай оташ ќарини Кавсар аст.
Њар кї дар зиндон ќарини мењнатест,
Он љазои луќмаеву шањватест.
Њар кї дар ќасре ќарини давлатест,
Он љазои корзору мењнатест.
Њар киро дидї ба зарру сим фард,
Дон, ки андар касб кардан сабр кард.
Бесабаб бинад, чу дида шуд гузор,
Ту ки дар њиссї, сабабро гўш дор.
Он ки берун аз табоеъ љони ўст,
Мансаби харќи сабабњо они ўст.
Бесабаб бинад на аз обу гиё,
Чашм чашмай муъљизоти анбиё.
Ин сабаб њамчун табиб асту алил,
Ин сабаб њамчун чароѓ асту фатил,
Шабчароѓатро фатили нав битоб,
Пок дон з-инњо чароѓи офтоб.
Рав, ту кањгил соз бањри саќфи хон,
Саќфи гардунро зи кањгил пок дон.
Ањ, ки чун дилдори мо ѓамсўз шуд,
Хилвати шаб даргузашту рўз шуд.
Љуз ба шаб љилва набошад мохро,
Љуз ба дарди дил маљў дилхоњро.
Тарки Исо карда, хар парвардаї,
Лољарам чун хар буруни пардаї.
Толеъи Исост илму маърифат,
Толеъи хар нест, эй ту харсифат!
Нолаи хар бишнавї, рањм оядат,
Пас, надонї, хар харї фармоядат.
Рањм бар Исо куну бар хар макун,
Табъро бар аќли худ сарвар макун.
Табъро њил, то бигиряд зор-зор,
Ту аз ў бистону воми љон гузор.

Солҳо харбанда будӣ, бас бувад,
З-он ки харбанда зи хар вопас бувад.
З- «аххиру ҳунна» муродаш нафси туст,
К-ӯ ба охир бояду ақлаш нахуст.
Ҳам мизоҷи хар шуда-ст ин ақли паст,
Фикраш ин ки чун алаф орам ба даст?
Он хари Исо мизоҷи дил гирифт,
Дар мақоми оқилон манзил гирифт.
З-он ки ғолиб ақл буду хар заиф,
Аз савори зафт гардад хар наҳиф.
В-аз заифӣ ақли ту, эй харбаҳо!
Ин хари пажмурда гаштаст аждаҳо.
Гар зи Исо гаштаӣ ранҷурдил,
Ҳам аз ӯ сиҳҳат расад, ӯро маҳил.
Чунӣ, эй Исои исодам, зи ранҷ?
Ки набуд андар ҷаҳон бе мор ганҷ.
Чунӣ, эй Исо, зи дидори ҷуҳуд?
Чунӣ, эй Юсуф, зи маккору ҳасуд?
Ту шабу рӯз аз пайи ин қавми ғумр
Чун шабу рӯзӣ мададбахшои умр.
Чунӣ аз сафроиёни беҳунар?
Чӣ ҳунар зояд зи сафро? Дарди сар.
Ту ҳамон кун, ки кунад хуршеди Шарқ,
Мо нифоқу ҳилаву duздию зарқ.
Ту асал, мо сирка дар дунёву дин,
Дафъи ин сафро бувад сиркангубин.
Сирка афзудем мо қавми заҳир,
Ту асал бифзо, карамро вомагир.
Ин сазид аз мо, чунон омад зи мо,
Рег андар чашм чӣ-фзояд? Амо.
Он сазад аз ту, аё куҳли азиз,
Ки биёбад аз ту ҳар ночиз чиз.
З-оташи ин золимонат дил кабоб,
Аз ту ҷумла «иҳди қавмӣ» буд хитоб.
Кони удӣ, дар ту гар оташ зананд,
Ин ҷаҳон аз атру райҳон оганад.
Ту на он удӣ, к-аз оташ кам шавад,
Ту на он рӯҳӣ, к-асири ғам шавад.

Уд сӯзад, кони уд аз сӯз дур,
Бод кай ҳамла барад бар асли нур.
Эй зи ту мар осмонҳоро сафо,
Эй ҷафои ту накӯтар аз вафо.
З-он ки аз оқил ҷафое гар равад,
Аз вафои ҷоҳилон он беҳ бувад.
Гуфт пайғамбар: «Адоват аз хирад
Беҳтар аз меҳре, ки аз ҷоҳил расад».

## Ранҷонидани амире хуфтаеро, ки мор дар даҳонаш рафта буд

Оқиле бар асп меомад савор,
Дар даҳони хуфтае мерафт мор.
Он савор онро бидиду мешитофт,
То рамонад морро, фурсат наёфт.
Чунки аз ақлаш фаровон буд мадад,
Чанд даббусе қавӣ бар хуфта зад.
Бурд ӯро захми он даббуси сахт
З-ӯ гурезон, то ба зери як дарахт.
Себи пӯсида басе буд рехта,
Гуфт: «Аз ин хур, эй ба дард овехта!»
Себ чандон мар варо дар хурд дод,
К-аз даҳонаш боз берун мефитод.
Бонг мезад, к-эй амир, охир, чаро
Қасди ман кардӣ ту нодида ҷафо?
Гар туро з-асл аст бо ҷонам ситез,
Теғ зан, якборагӣ хунам бирез.
Шум соат, ки шудам бар ту падид,
Эй хунук онро, ки рӯйи ту надид!
Бе ҷиноят, бе гунаҳ, бе бешу кам
Мулҳидон ҷоиз надоранд ин ситам.
Меҷаҳад хун аз даҳонам бо сухун,
Эй Худо, охир, мукофоташ ту кун».
Ҳар замон мегуфт ӯ нафрини нав,
Ӯ-ш мезад, к-андар ин саҳро бидав!
Захми даббусу савори ҳамчу бод,
Медавиду боз дар рав мефитод.

Мумталию хобноку суст буд,
Пову рӯяш сад ҳазорон захм шуд.
То шабонгаҳ мекашиду мегушод,
То зи сафро қай шудан бар вай фитод.
З-ӯ баромад хӯрдаҳо зишту накӯ,
Мор бо он хӯрда берун ҷаст аз ӯ.
Чун бидид аз худ бурун он морро,
Саҷда овард он накӯкирдорро.
Саҳми он мори сиёҳи зишти зафт
Чун бидид, он дардҳо аз вай бирафт.
Гуфт: «Худ ту Ҷабраили раҳматӣ?
Ё Худоӣ, ки валии неъматӣ?
Эй муборак соате, ки дидиям,
Мурда будам, ҷони нав бахшидиям.
Ту маро ҷӯён мисоли модарон,
Ман гурезон аз ту монанди харон.
Хар гурезад аз худованд аз харӣ,
Соҳибаш дар пай зи некӯгавҳарӣ.
Н-аз пайи суду зиён меҷӯядаш,
Лек то гургаш надаррад ё дадаш.
Эй хунук онро, ки бинад рӯйи ту,
Ё дарафтад ногаҳон дар кӯйи ту.
Эй равони пок бистуда туро,
Чанд гуфтам жожу беҳуда туро.
Эй Худованду шаҳаншоҳу амир!
Ман нагуфтам; ҷаҳли ман гуфт; он магир.
Шаммае з-ин ҳол агар донистаме,
Гуфтани беҳуда кай тонистаме?
Бас саноят гуфтаме, эй хушхисол,
Гар маро як рамз мегуфтӣ зи ҳол.
Лек хомуш карда меошуфтӣ,
Хомушона бар сарам мекӯфтӣ.
Шуд сарам колева, ақл аз сар биҷаст,
Хоса ин сарро, ки мағзаш камтар аст.
Афв кун, эй хубрӯйи хубкор,
Он чи гуфтам аз ҷунун, андаргузор».
Гуфт: «Агар ман гуфтаме рамзе аз он,
Заҳраи ту об гаштӣ он замон.

Гар туро ман гуфтаме авсофи мор,
Тарс аз ҷонат баровардӣ димор».
Мустафо фармуд: Агар гӯям ба рост,
Шарҳи он душман, ки дар ҷони шумост,
Заҳраҳои пурдилон ҳам бардарад,
Не равад раҳ, не ғами коре х(в)арад.
На дилашро тоб монад дар ниёз,
На танашро қуввати рӯза-в намоз.
Ҳамчу муше пеши гурба ло шавад,
Ҳамчу барра пеши гург аз ҷо равад.
Андар ӯ на ҳила монад, на равиш,
Пас кунам ногуфтатон ман парвариш.
Ҳамчу Бӯбакри рубобӣ тан занам,
Даст чун Довуд дар оҳан занам.
То муҳол аз дасти ман ҳолӣ шавад,
Мурғи парбаркандаро боле шавад.
Чун «ядуллаҳ фавқа айдиҳим» бувад,
Дасти моро дасти худ фармуд аҳад.
Пас, маро дасти дароз омад яқин,
Баргузашта з-осмони ҳафтумин.
Дасти ман бинмуд бар гардун ҳунар,
Муқриё, бархон ки «иншаққа-л-қамар».
Ин сифат ҳам баҳри заъфи ақлҳост,
Бо заифон шарҳи қудрат кай равост?
Худ бидонӣ, чун барорӣ сар зи хоб,
Хатм шуд, «валлоҳу аълам би-с-савоб».
«Мар туро на қуввати х(в)ардан будӣ,
На раҳу парвои қай кардан будӣ.
Мешунидам фаҳшу хар мерондам,
«Рабби яссир» зери лаб мехондам.
Аз сабаб гуфтан маро дастур не,
Тарки ту гуфтан маро мақдур не.
Ҳар замон мегуфтам аз дарди дарун
«Иҳди қавмӣ, иннаҳум ло яъламун».
Саҷдаҳо мекард он раста зи ранҷ,
К-эй саодат, эй маро иқболу ганҷ.
Аз Худо ёбӣ ҷазоҳо, эй шариф!
Қуввати шукрат надорад ин заиф.

Шукр, Ҳақ гӯяд туро, эй пешво!
Он лабу чона надорам в-он наво».
Душмании оқилон з-ин сон бувад,
Заҳри эшон ибтиҳоҷи ҷон бувад.
Дӯстий аблаҳ бувад ранҷу залол,
Ин ҳикоят бишнав аз баҳри мисол.

## Эътимод кардан бар тамаллуқ ва вафои хирс

Аждаҳое хирсро дармекашид,
Шермарде рафту фарёдаш расид.
Шермардонанд дар олам мадад,
Он замон, к-афғони мазлумон расад.
Бонги мазлумон зи ҳар ҷо бишнаванд,
Он тараф чун раҳмати Ҳақ медаванд.
Он сутунҳои халалҳои ҷаҳон,
Он табибони маразҳои ниҳон.
Маҳзи меҳру доварию раҳматанд,
Ҳамчу Ҳақ беиллату беришватанд.
«Ин чӣ ёрӣ мекунӣ якборагӣ-ш?»
Гӯяд: «Аз баҳри ғаму бечорагӣ-ш».
Меҳрбонӣ шуд шикори шермард,
Дар ҷаҳон дору наҷӯяд ғайри дард.
Ҳар куҷо дарде, даво он ҷо равад,
Ҳар куҷо пастист, об он ҷо давад.
Оби раҳмат боядат, рав, паст шав
В-онгаҳон хур хамри раҳмат, маст шав.
Раҳмат андар раҳмат омад то ба сар,
Бар яке раҳмат фурӯ м-ой, эй писар!
Чархро дар зери по ор, эй шуҷоъ!
Бишнав аз фавқи фалак бонги самоъ.
Пунбаи васвос берун кун зи гӯш,
То ба гӯшат ояд аз гардун хурӯш.
Пок кун ду чашмро аз мӯю айб,
То бибинӣ боғу сарвистони ғайб.
Дафъ кун аз мағзу аз бинӣ зуком,
То ки риҳуллаҳ дарояд дар машом.
Ҳеч магзор аз табу сафро асар,
То биёбӣ аз ҷаҳон таъми шакар.

Доруи мардӣ куну иннин мапӯй,
То бурун оянд сад гун хубрӯй.
Кундаи танро зи пойи ҷон бикан,
То кунад ҷавлон ба гирди анҷуман.
Ғулли бухл аз дасту гардан дур кун,
Бахти нав дарёб дар чархи куҳун.
В-ар наметонӣ, ба каъбай лутф-бар
Арза кун бечорагӣ бар чорагар.
Зорию гиря қавӣ сармояест,
Раҳмати куллӣ қавитар дояест.
Дояву модар баҳонаҷӯ бувад,
То ки кай он тифли ӯ гирён шавад?
Тифли ҳоҷоти шуморо офарид,
То биноледу шавад шираш падид.
Гуфт: «Удъуллоҳ» бе зорӣ мабош,
То биҷӯшад ширҳои меҳрҳош.
Ҳуй-ҳуйи боду ширафшони абр
Дар ғами моанд. Як соат ту сабр.
«Фи-с-самоъи ризқукум» бишнидаӣ,
Андар ин пастӣ чӣ барчафсидаӣ?
Тарсу навмедит дон овози ғӯл,
Мекашад гӯши ту то қаъри суфул.
Ҳар нидое, ки туро боло кашид,
Он нидо медон, ки аз боло расид.
Ҳар нидое, ки туро ҳирс оварад,
Бонги гурге дон, ки ӯ мардум дарад.
Ин баландӣ нест аз рӯйи макон,
Ин баландиҳост сӯйи ақлу ҷон.
Ҳар сабаб болотар омад аз асар,
Сангу оҳан фоиқ омад бар шарар.
Он фалонӣ фавқи он саркаш нишаст,
Гарчи дар сурат ба паҳлӯяш нишаст.
Фавқии он ҷост аз рӯйи шараф,
Ҷойи дур аз садр бошад мустахаф.
Сангу оҳан з-ин ҷиҳат, ки собиқ аст,
Дар амал фавқии ин ду лоиқ аст.
В-он шарар аз рӯйи мақсудии хеш
З-оҳану санг аст, з-ин рӯ пешу пеш.

Сангу оҳан аввалу поён шарар,
Лек ин ҳар ду тананду ҷон шарар,
К-он шарар гар дар замон вопастар аст,
Дар сифат аз сангу оҳан бартар аст.
Дар замон шох аз самар собиқтар аст,
Дар ҳунар аз шох ӯ фоиқтар аст.
Чунки мақсуд аз шаҷар омад самар,
Пас, самар аввал бувад в-охир шаҷар.
Хирс чун фарёд кард аз аждаҳо,
Шермарде кард аз чангаш раҳо.
Ҳилату мардӣ ба ҳам доданд пушт,
Аждаҳоро ӯ бад-ин қувват бикушт.
Аждаҳоро ҳаст қувват, ҳила нест,
Низ фавқи ҳилаи ту ҳилаест.
Ҳилаи худро чу дидӣ, бозрав,
К-аз куҷо омад? Суйи оғоз рав.
Ҳар чӣ дар пастист, омад аз уло,
Чашмро сӯйи баландӣ неҳ, ҳало!
Равшанӣ бахшад назар андар улӣ,
Гарчи аввал хирагӣ орад, бале.
Чашмро дар рӯшноӣ хӯй кун,
Гар на хуффошӣ, назар он сӯй кун.
Оқибатбинӣ нишони нури туст,
Шаҳвати ҳолӣ, ҳақиқат, гӯри туст.
Оқибатбине, ки сад бозӣ бидид,
Мисли он набвад, ки як бозӣ шунид.
З-он яке бозӣ чунон мағрур шуд,
К-аз такаббур з-устодон дур шуд.
Сомиривор он ҳунар дар худ чу дид,
Ӯ зи Мӯсо аз такаббур сар кашид.
Ӯ зи Мӯсо он ҳунар омӯхта
В-аз муаллим чашмро бардӯхта.
Лоҷарам Мӯсо дигар бозӣ намуд,
То ки он бозию ҷоншро рабуд.
Эй басо дониш, ки андар сар давад,
То шавад сарвар, бад-он худ сар равад.
Сар нахоҳӣ, ки равад, ту пой бош,
Дар паноҳи қутби соҳиброй бош.

Гарчи шоҳӣ, хеш фавқи ӯ мабин,
Гарчи шаҳдӣ, ҷуз наботи ӯ мачин.
Фикри ту нақш асту фикри ӯст ҷон,
Нақди ту қалб асту нақди ӯст кон.
Ӯ туӣ, худро биҷӯ дар ӯйи ӯ,
Куву ку гӯ, фохта шав сӯйи ӯ.
В-ар нахоҳӣ хидмати абнои ҷинс,
Дар даҳони аждаҳоӣ ҳамчу хирс.
Бу, ки устоде раҳонад мар туро
В-аз хатар берун кашонад мар туро.
Зорие мекун, чу зӯрат нест, ҳин!
Чунки кӯрӣ, сар макаш аз роҳбин.
Ту кам аз хирсӣ? Наменолӣ зи дард?
Хирс раст аз дард, чун фарёд кард.
Эй Худо, ин санги дилро мум кун,
Нолаашро ту хушу марҳум кун.

## Гуфтани нобинои соил, ки ду кӯрӣ дорам

Буд кӯре, к-ӯ ҳамегуфт: «Ал-амон,
Ман ду кӯрӣ дорам, эй аҳли замон.
Пас, дубора раҳматам оред, ҳон,
Чун ду кӯрӣ дораму ман дар миён».
Гуфт: «Як кӯрӣ-т мебинем мо,
Он дигар кӯрӣ чӣ бошад? Вонамо!»
Гуфт: «Зиштовозаму нохушнаво,
Зиштовозию кӯрӣ шуд дуто.
Бонги зиштам мояи ғам мешавад,
Меҳри халқ аз бонги ман кам мешавад.
Зишт овозам ба ҳар ҷо, ки равад,
Мояи хашму ғаму кин мешавад.
Бар ду кӯрӣ раҳмро дуто кунед,
Инчунин ногунҷро гунҷо кунед».
Зиштии овоз кам шуд з-ин гила,
Халқ шуд бар вай ба раҳмат якдила.
Кард некӯ, чун бигуфт ӯ розро,
Лутфи овози дилаш овозро.
В-он ки овози дилаш ҳам бад бувад,
Он се кӯрӣ дурии сармад бувад.

Лек ваҳҳобон, ки беиллат диҳанд,
Бу, ки дасте бар сари зишташ ниҳанд.
Чунки овозаш хушу мазлум шуд,
З-ӯ дили сангиндилон чун мум шуд.
Нолаи кофир чу зишт асту шаҳиқ,
З-он намегардад иҷобатро рафиқ.
«Ахсиъу» бар зишт овоз омада-ст,
К-ӯ зи хуни халқ чун саг буд маст.
Чунки нолай хирс раҳматкаш бувад,
Нолаат набвад чунин, нох(в)аш бувад.
Дон, ки бо Юсуф ту гургӣ кардаӣ,
Ё зи хуни бегуноҳе х(в)ардаӣ.
Тавба кун в-аз хӯрда истифроғ кун,
В-ар ҷароҳат кухна шуд, рав, доғ кун.

## Татиммаи ҳикояти хирс ва он аблаҳ, ки бар вафои ӯ эътимод карда буд

Хирс ҳам аз аждаҳо чун вораҳид
В-он карам з-он мард мардона бидид.
Чун саги Асҳоби Каҳф он хирси зор
Шуд мулозим дар пайи он бурдбор.
Он мусулмон сар ниҳод аз хастагӣ,
Хирс ҳорис гашт аз дилбастагӣ.
Он яке бигзашту гуфташ: «Ҳол чист?
Эй бародар, мар туро ин хирс кист?»
Қисса вогуфту ҳадиси аждаҳо,
Гуфт: «Бар хирсе манеҳ дил, аблаҳо!
Дӯстий аблаҳ батар аз душманист,
Ӯ ба ҳар ҳила, ки донӣ, ронданист».
Гуфт: «Валлоҳ, аз ҳасудӣ гуфт ин,
В-арна хирсӣ чӣ-нгарӣ? Ин меҳр бин».
Гуфт: «Меҳри аблаҳон ишвадеҳ аст,
Ин ҳасудии ман аз меҳраш беҳ аст.
Ҳай, биё бо ман, бирон ин хирсро,
Хирсро магзин, маҳил ҳамҷинсро».
Гуфт: «Рав, рав, кори худ кун, эй ҳасуд!»
Гуфт: «Корам ин буду ризқат набуд.

Ман кам аз хирсе набошам, эй шариф,
Тарки ӯ кун, то манат бошам ҳариф.
Бар ту дил меларзадам з-андешае,
Бо чунин хирсе марав дар бешае. 2025
Ин дилам ҳаргиз наларзид аз газоф,
Нури Ҳақќ аст ин, на даъвию на лоф.
Муъминам, «янзур бинуриллаҳ» шуда,
Ҳону ҳон, бигрез аз ин оташкада».
Ин ҳама гуфту ба гӯшаш дарнарафт,
Бадгумонӣ мардро саддест зафт.
Дасти ӯ бигрифту даст аз вай кашид,
Гуфт: «Рафтам, чун найӣ ёри рашид».
Гуфт: «Рав, бар ман ту ғамхора мабош,
Булфузуло, маърифат камтар тарош!» 2030
Боз гуфташ: «Ман адувви ту наям,
Лутф бошад, гар биёӣ дар паям».
Гуфт: «Хобастам, маро бигзору рав»,
Гуфт: «Охир, ёрро мунқод шав.
То бихуспӣ дар паноҳи оқиле,
Дар ҷавори дӯсте, соҳибдиле».
Дар хаёл афтод мард аз ҳадди ӯ,
Хашмгин шуд, зуд гардонид рӯ,
К-ин магар қасди ман омад, хунӣ аст,
Ё тамаъ дорад, гадову тунӣ аст. 2035
Ё гарав баста-ст бо ёрон бад-ин,
Ки битарсонад маро з-ин ҳамнишин.
Худ наёмад ҳеч аз хубси сираш,
Як гумони нек андар хотираш.
Занни некаш ҷумлагӣ бар хирс буд,
Ӯ магар мар хирсро ҳамҷинс буд.
Оқилеро аз сагӣ туҳмат ниҳод,
Хирсро донист аҳли меҳру дод.

## Гуфтани Мӯсо, алайҳиссалом, гӯсолапарастро, ки он хаёландешию ҳазми ту куҷост?

Гуфт Мӯсо бо яке масти хаёл,
К-эй бадандеш аз шақоват в-аз залол, 2040

Сад гумонат буд дар пайғамбарӣ-м
Бо чунин бурҳону ин хулқи карӣ-м.
Сад ҳазорон муъҷиза дидӣ зи ман,
Сад хаёлат мефузуду шакку зан.
Аз хаёлу васваса танг омадӣ,
Таън бар пайғамбариям мезадӣ.
Гард аз дарё баровардам аён,
То раҳидет аз шари фиръавниён.
З-осмон чил сол коса-в хон расид
В-аз дуъоям ҷӯй аз санге давид.
Ину сад чандину чандин гарму сард
Аз ту, эй сард, он таваҳҳум кам накард?
Бонг зад гӯсолае аз ҷодуӣ,
Саҷда кардӣ, ки Худои ман туӣ.
Он таваҳҳумҳотро селоб бурд,
Зиракии боридатро хоб бурд.
Чун набудӣ бадгумон дар ҳаққи ӯ?
Чун ниҳодӣ сар чунон, эй зиштхӯ?
Чун хаёлат н-омад аз тазвири ӯ?
В-аз фасоди сеҳри аҳмақгири ӯ?
Сомирие худ кӣ бошад, эй сагон,
Ки Худое бартарошад дар ҷаҳон?
Чун дар ин тазвири ӯ якдил шудӣ?
В-аз ҳама ишколҳо отил шудӣ?
Гов мешояд худоиро ба лоф?
Дар расулиям ту чун кардӣ хилоф?
Пеши гове саҷда кардӣ аз харӣ,
Гашт ақлат сайди сеҳри Сомирӣ.
Чашм дуздидӣ зи нури зулҷалол,
Ин-т ҷаҳли вофиру айни залол.
Шуҳ бар он ақлу гузиниш, ки туровст,
Чун ту кони ҷаҳлро куштан сазост.
Гови заррин бонг кард, охир чӣ гуфт?
К-аҳмақонро ин ҳама рағбат шукуфт.
З-он аҷабтар дидает аз ман басе,
Лек Ҳақро кай пазирад ҳар хасе?
Ботилонро чӣ рабояд? Ботилӣ,
Отилонро чӣ хуш ояд? Отилӣ.

З-он ки ҳар ҷинсе рабояд ҷинси х(в)ад,
Гов сӯйи шери нар кай рӯ ниҳад?
Гург бар Юсуф куҷо ишқ оварад?
Ҷуз магар аз макр, то ӯро х(в)рад.
Чун зи гургӣ вораҳад, маҳрам шавад,
Чун саги Каҳф аз банӣ Одам шавад.
Чун Абӯбакр аз Муҳаммад бурд бӯ,
Гуфт: «Ҳозо лайса ваҷҳун козибу».
Чун набуд Бӯҷаҳл аз асҳоби дард,
Дид сад шаққи қамар, бовар накард.
Дардманде, к-аш зи бом афтод ташт,
З-ӯ ниҳон кардем ҳақ, пинҳон нагашт.
В-он ки ӯ ҷоҳил буд аз дардаш баъид,
Чанд бинмуданду ӯ онро надид.
Ойинай дил соф бояд, то дар ӯ
Вошиносӣ сурати зишт аз накӯ.

## Тарк кардани он марди носеҳ баъд аз муболиғаи панд мағрури хирсро

Он мусулмон тарки аблаҳ карду тафт
Зери лаб «ло ҳавл»-гӯён бозрафт.
Гуфт: «Чун аз ҷидду пандам в-аз ҷидол
Дар дили ӯ беш мезояд хаёл.
Пас, сари панду насиҳат баста шуд,
Амри «аъриз анҳуму» пайваста шуд».
Чун давоят мефизояд дард, пас,
Қисса бо толиб бигӯ, бархон «Абас».
Чунки аъмо толиби Ҳақ омада-ст,
Баҳри фақри ӯ нашояд сина хаст.
Ту ҳарисӣ бар рашоди меҳтарон,
То биёмӯзанд ом аз сарварон.
Аҳмадо, дидӣ, ки қавме аз мулук
Мустамеъ гаштанд, гаштӣ хуш, ки бук.
Ин райисон ёри дин гарданд х(в)аш,
Бар Араб инҳо саранду бар Ҳабаш.
Бигзарад ин сит аз Басра-в Табук,
З-он ки «ан-носу ало дини-л-мулук».

З-ин сабаб ту аз зарири муҳтадӣ
Рӯ бигардонидию танг омадӣ,
К-андар ин фурсат кам афтад он мунох,
Ту зи ёронию вақти ту фарох.
Муздаҳим мегардиям дар вақти танг,
Ин насиҳат мекунам н-аз хашму ҷанг.
Аҳмадо, назди Худо ин як зарир
Беҳтар аз сад қайсар асту сад вазир.
Ёди «ан-носу маъодин» ҳин, биёр,
Маъдане бошад фузун аз сад ҳазор.
Маъдани лаълу ақиқи муктанис
Беҳтар аст аз сад ҳазорон кони мис.
Аҳмадо, ин ҷо надорад мол суд,
Сина бояд пур зи ишқу дарду дуд.
Аъмие равшандил омад, дар мабанд,
Панд ӯро деҳ, ки ҳаққи ӯст панд.
Гар ду-се аблаҳ туро мункир шуданд,
Талх кай гардӣ? Чу ҳастӣ кони қанд.
Гар ду-се аблаҳ туро туҳмат ниҳад,
Ҳақ барои ту гувоҳӣ медиҳад.
Гуфт: «Аз иқрори олам фориғам»,
Он ки Ҳақ бошад гувоҳ ӯро, чӣ ғам?
Гар хуфошеро зи хуршеде хурест,
Он далел омад, ки он хуршед нест.
Нафрати хуффошакон бошад далел,
Ки манам хуршеди тобони ҷалил.
Гар гулобиро ҷуал роғиб шавад,
Он далели ногулобӣ мекунад.
Гар шавад қалбе харидори миҳак,
Дар миҳаккеяш дарояд нақсу шак.
Дузд шаб хоҳад на рӯз, инро бидон,
Шаб наям, рӯзам, ки тобам дар ҷаҳон.
Фориқам, форуқаму ғалбервор,
То ки коҳ аз ман намеёбад гузор,
Ордро пайдо кунам ман аз сабус,
То намоям, к-ин нуқуш аст, он нуфус.
Ман чу мизони Худоям дар ҷаҳон,
Вонамоям ҳар сабукро аз гарон.

Говро донад Худо гӯсолае,
Хар харидорею дархур колае.
Ман на говам, то ки гӯсола-м харад,
Ман на хорам, к-уштуре аз ман чарад.
Ӯ гумон дорад, ки бо ман ҷавр кард?
Балки аз ойинаи ман рӯфт гард.

## Тамаллуқ кардани девона Ҷолинусро ва тарсидани Ҷолинус

Гуфт Ҷолинус бо асҳоби х(в)ад,
«Мар маро то он фалон дору диҳад».
Пас бад-ӯ гуфт он яке: «Эй зуфунун,
Ин даво хоҳанд аз баҳри ҷунун.
Дур аз ақлӣ ту, ин дигар магӯ»,
Гуфт: «Дар ман кард як девона рӯ.
Соате дар рӯйи ман хуш бингарид,
Чашмакам зад, остини ман дарид.
Гар на ҷинсийят будӣ дар ман аз ӯ,
Кай рух овардӣ ба ман он зиштрӯ?
Гар надидӣ ҷинси худ, кай омадӣ?
Кай ба ғайри ҷинс худро барзадӣ?
Чун ду кас бар ҳам занад, бе ҳеч шак
Дар миёншон ҳаст қадри муштарак.
Кай парад мурғе магар бо ҷинси х(в)ад?
Суҳбати ноҷинс гӯр асту лаҳад.

## Сабаби паридан ва чаридани мурғе бо мурғе, ки ҷинси ӯ набуд

Он ҳакиме гуфт: «Дидам ҳамтакӣ
Дар биёбон зоғро бо лаклаке.
Дар аҷаб мондам, биҷустам ҳолашон,
То чӣ қадри муштарак ёбам нишон.
Чун шудам наздик ман ҳайрону данг,
Худ бидидам, ҳардувон буданд ланг».
Хоса шаҳбозе, ки ӯ аршӣ бувад,
Бо яке ҷуғде, ки ӯ фаршӣ бувад.

Он яке хуршеди иллиййин бувад
В-ин дигар хуффош, к-аз сиҷҷин бувад.
Он яке нуре, зи ҳар айбе барӣ
В-ин яке кӯре, гадои ҳар даре.
Он яке Моҳе, ки бар Парвин занад
В-ин яке кирме, ки дар саргин зияд.
Он яке юсуфрухе, исонафас
В-ин яке гурге ва ё хар бо ҷарас.
Он яке паррон шуда дар ломакон
В-ин яке дар коҳдон ҳамчун сагон.
Бо забони маънавӣ, гул бо ҷуал
Ин ҳамегӯяд, ки эй гандабағал!
Гар гурезонӣ зи гулшан, бегумон,
Ҳаст он нафрат камоли гулситон.
Ғайрати ман бар сари ту дурбош
Мезанад, к-эй хас, аз ин ҷо дур бош.
В-ар биёмезӣ ту бо ман, эй данӣ,
Ин гумон ояд, ки аз кони манӣ.
Булбулонро ҷой мезебад чаман,
Мар ҷуалро дар чамин хуштар ватан.
Ҳақ маро чун аз палидӣ пок дошт,
Чун сазад бар ман палидиро гумошт?
Як рагам з-эшон буду онро бурид,
Дар ман он бадраг куҷо хоҳад расид?
Як нишони Одам он буд аз азал,
Ки малоик сар ниҳандаш аз маҳал.
Як нишони дигар он ки он Билис
Нанҳадаш сар, ки манам шоҳу райис.
Пас, агар Иблис ҳам соҷид шудӣ,
Ӯ набудӣ Одам, ӯ ғайре будӣ.
Ҳам суҷуди ҳар малак мизони ӯст,
Ҳам суҷуди он адӯ бурҳони ӯст.
Ҳам гувоҳи ӯст иқрори малак,
Ҳам гувоҳи ӯст куфрони сагак.
Ин сухан поён надорад, бозгард,
То чӣ кард он хирс бо он некмард.

## Татиммаи эътимоди он мағрур бар тамаллуқи хирс

Шахс хуфту хирс меронддаш магас
В-аз ситез омад магас з-ӯ бозпас.
Чанд бораш ронд аз рӯйи ҷавон,
Он магас зу боз меомад давон.
Хашмгин шуд бо магас хирсу бирафт,
Баргирифт аз кӯҳ санге сахт зафт
Санг оварду магасро дид боз,
Бар рухи хуфта гирифта ҷою соз.
Баргирифт он осиёсангу бизад,
Бар магас, то он магас вопас хазад.
Санг рӯйи хуфтаро хашхош кард,
Ин масал бар ҷумла олам фош кард:
Меҳри аблаҳ меҳри хирс омад яқин,
Кини ӯ меҳр асту меҳри ӯст кин.
Аҳди ӯ суст асту вайрону заиф,
Гуфти ӯ зафту вафои ӯ наҳиф.
Гар хурад савганд ҳам, бовар макун,
Бишканад савганд марди кажсухун.
Чун ба бесавганд гуфташ буд дурӯғ,
Ту маюфт аз макру савгандаш ба дӯғ.
Нафси ӯ мир асту ақли ӯ асир,
Сад ҳазорон Мусҳафаш худ хӯрда гир.
Чунки бесавганд паймон бишканад,
Гар хурад савганд ҳам, он бишканад.
З-он ки нафс ошуфтатар гардад аз он,
Ки кунӣ бандаш ба савганди гарон.
Чун асире банд бар ҳоким ниҳад,
Ҳоким онро бардарад, берун ҷаҳад.
Бар сараш кӯбад зи хашм он бандро,
Мезанад бар рӯйи ӯ савгандро.
Ту зи «уфу билуқуд»-аш даст шӯ,
«Иҳфазу аймонакум» бо ӯ магӯ.
В-он ки Ҳақро сохт дар паймон санад,
Тан кунад чун тору гирди ӯ танад.

## Рафтани Мустафо, алайҳиссалом, ба иёдати саҳобӣ ва баёни фоидаи иёдат

Аз саҳоба хоҷае бемор шуд
В-андар он беморияш чун тор шуд.
Мустафо омад иёдат сӯйи ӯ,
Чун ҳама лутфу карам буд хӯйи ӯ.
Дар иёдат рафтани ту фоида-ст,
Фоидай он боз бо ту ойида-ст.
Фоидай аввал, ки он шахси алил
Бу, ки қутбе бошаду шоҳе ҷалил.
Чун ду чашми дил надорӣ, эйануд?
Ки намедонӣ ту ҳезумро зи уд.
Чунки ганҷе ҳаст дар олам, маранҷ,
Ҳеч вайронро мадон холӣ зи ганҷ.
Қасди ҳар дарвеш мекун аз газоф,
Чун нишон ёбӣ, ба ҷид мекун тавоф.
Чун туро он чашми ботинбин набуд,
Ганҷ мепиндор андар ҳар вуҷуд.
В-ар набошад қутб, ёри раҳ бувад,
Шаҳ набошад, фориси испаҳ бувад.
Пас, силай ёрони раҳ лозим шумор,
Ҳар кӣ бошад, гар пиёда, гар савор.
В-ар адӯ бошад, ҳамин эҳсон накӯст,
Ки ба эҳсон бас адӯ гашта-ст дӯст.
В-ар нагардад дӯст, кинаш кам шавад,
З-он ки эҳсон кинаро марҳам шавад.
Бас фавоид ҳаст ғайри ин, валек
Аз дарозӣ хоифам, эй ёри нек.
Ҳосил ин омад, ки ёри ҷамъ бош,
Ҳамчу бутгар аз ҳаҷар ёре тарош.
З-он ки анбӯҳию ҷамъи корвон
Раҳзанонро бишканад пушту синон.

## Ваҳй кардани Ҳақ таъоло ба Мӯсо, алайҳиссалом, ки чаро ба иёдати ман наёмадӣ?

Омад аз Ҳақ сӯйи Мӯсо ин итеб,
К-эй тулӯъи моҳ дида ту зи ҷеб.

Мушрикат кардам зи нури эзадӣ,
Ман Ҳақам. Ранҷур гаштам, н-омадӣ?»
Гуфт: «Субҳоно, ту покӣ аз зиён,
Ин чӣ рамз аст? Ин бикун, ё раб, баён».
Боз фармудаш, ки дар ранҷуриям
Чун напурсидӣ ту аз рӯйи карам?
Гуфт: «Ё раб, нест нуқсоне туро,
Ақл гум шуд, ин суханро баргушо».
Гуфт: «Оре. Бандаи хоси гузин,
Гашт ранҷур, ӯ манам, некӯ бибин.
Ҳаст маъзурӣ-ш маъзурии ман,
Ҳаст ранҷурӣ-ш ранҷурии ман».
Ҳар кӣ хоҳад ҳамнишинии Худо,
То нишинад дар ҳузури авлиё.
Аз ҳузури авлиё гар бискулӣ
Ту ҳалокӣ, з-он ки ҷузве бекулӣ.
Ҳар киро дев аз каримон вобурад,
Бекасаш ёбад, сарашро ӯ хурад.
Як бад аст аз ҷамъ рафтан як замон,
Макри дев аст, бишнаву некӯ бидон.

## Танҳо кардани боғбон сӯфию фақеҳу алавиро аз ҳамдигар

Боғбоне чун назар дар боғ кард,
Дид чун economies дуздон ба боғи худ се мард.
Як фақеҳу як шарифу сӯфие,
Ҳар яке шӯхе, баде, лоюфие.
Гуфт: «Бо инҳо маро сад ҳуҷҷат аст,
Лек ҷамъанду ҷамоат қуввват аст.
Барнаёям яктана бо се нафар,
Пас, бибуррамшон нахуст аз ҳамдигар.
Ҳар якеро ман ба сӯйе афганам,
Чунки танҳо шуд, сабилаш барканам».
Ҳила карду кард сӯфиро ба роҳ,
То кунад ёрон-шро бо ӯ табоҳ.
Гуфт сӯфиро: «Бирав сӯйи вусоқ,
Як гилем овар барои ин рифоқ».

Рафт сӯфӣ. Гуфт хилват бо ду ёр:
«Ту фақеҳӣ в-ин шарифи номдор.
Мо ба фатвои ту ноне мех(в)арем,
Мо ба парри дониши ту мепарем.
В-ин дигар шаҳзодаву султони мост,
Саййид аст, аз хонадони Мустафост.
Кист он сӯфӣ, шикамхори хасис,
То бувад бо чун шумо шоҳон ҷалис?
Чун биёяд, мар варо пунба кунед,
Ҳафтае бар боғу роғи ман занед.
Боғ чӣ бвад? Ҷони ман они шумост,
Эй шумо буда маро чун чашми рост».
Васваса карду мар эшонро фирефт,
Оҳ, к-аз ёрон намебояд шикефт.
Чун ба раҳ карданд сӯфирову рафт,
Хасм шуд андар паяш бо чӯби зафт.
Гуфт: «Эй саг, сӯфийӣ бошад, ки тез
Андароӣ боғи мо ту аз ситез?
Ин Ҷунайдат раҳ намуду Боязид?
Аз кадомин шайху пират ин расид?»
Кӯфт сӯфиро, чу танҳо ёфташ,
Нимкушта-ш карду сар бишкофташ.
Гуфт сӯфӣ: «Они ман бигзашт, лек
Эй рафиқон, поси худ доред нек.
Мар маро ағёр донистед, ҳон?
Нестам ағёртар з-ин қалтабон.
Ин чӣ ман хӯрдам, шуморо х(в)арданист
В-инчунин шарбат ҷазои ҳар данист.
Ин ҷаҳон кӯҳ асту гуфтугӯйи ту
Аз садо ҳам боз ояд сӯйи ту».
Чун зи сӯфӣ гашт фориғ боғбон,
Як баҳона кард з-он пас ҷинси он,
К-эй шарифи ман, бирав сӯйи вусоқ,
Ки зи бахри чошт пухтам ман руқоқ.
Бар дари хона бигӯ қаймозро,
То биёрад он руқоқу қозро».
Чун ба раҳ кардаш, бигуфт: «Эй тезбин,
Ту фақеҳӣ, зоҳир аст ину яқин.

Ӯ шарифӣ мекунад даъвои сард,
Модари ӯро кӣ донад, то кӣ кард?
Бар зану бар феъли зан дил мениҳед?
Ақли ноқис в-онгаҳоне эътимед?
Хештанро бар Алию бар набӣ
Бастааст андар замона бас ғабӣ».
Ҳар кӣ бошад аз зинову зониён,
Ин барад зан(н) дар ҳақи раббониён.
Ҳар кӣ баргардад сараш аз чархҳо,
Ҳамчу худ гарданда бинад хонаро.
Он чи гуфт он боғбони булфузул,
Ҳоли ӯ буд дур аз авлоди расул.
Гар набудӣ ӯ натиҷай муртадон,
Кай чунин гуфтӣ барои хонадон?
Хонд афсунҳо, шунид онро фақеҳ,
Дар паяш рафт он ситамкори сафеҳ.
Гуфт: «Эй хар, андар ин боғат кӣ хонд?
Дуздӣ аз пайғамбарат мерос монд?
Шерро бачча ҳамемонад бад-ӯ,
Ту ба пайғамбар ба чӣ монӣ? Бигӯ».
Бо шариф он кард марди мултаҷӣ,
Ки кунад бо Оли Ёсин хориҷӣ.
То чӣ кин доранд доим деву ғӯл
Чун Язиду Шамр бо Оли расул?
Шуд шариф аз захми он золим хароб,
Бо фақеҳ ӯ гуфт: «Мо ҷастем аз об.
Пой дор, акнун ки мондӣ фарду кам,
Чун дуҳул шав, захм мехур дар шикам.
Гар шарифу лоиқу ҳамдам наям,
Аз чунин золим туро ман кам наям.
Мар маро додӣ бад-ин соҳибғараз,
Аҳмақӣ кардӣ, туро биъса-л-иваз».
Шуд аз ӯ фориғ, биёмад, к-эй фақеҳ!
Чӣ фақеҳӣ? Эй ту нанги ҳар сафеҳ.
Фатвият ин аст, эй бибридадаст,
К-андаройию нагӯйӣ амр ҳаст?
Инчунин рухсат бихондӣ дар «Васит»?
Ё буда-ст ин масъала андар «Муҳит»?

Гуфт: «Ҳаққ астат, бизан, дастат расид,
Ин сазои он ки аз ёрон бурид».

## Риҷъат ба қиссаи мариз ва иёдати пайғамбар, алайҳиссалом

Ин иёдат аз барои ин сила-ст
В-ин сила аз сад муҳаббат ҳомила-ст.
Дар иёдат шуд расули бенадид,
Он саҳобиро ба ҳоли назъ дид.
Чун шавӣ дур аз ҳузури авлиё,
Дар ҳақиқат гаштаӣ дур аз Худо. 2220
Чун натиҷай ҳаҷри ҳамроҳон ғам аст,
Кай фироқи рӯйи шоҳон з-он кам аст?
Сояи шоҳон талаб, ҳар дам шитоб,
То шавӣ з-он соя беҳтар з-офтоб.
Гар сафар дорӣ, бад-ин ниййят бирав
В-ар ҳазар бошад аз ин, ғофил машав.

## Гуфтани шайхе Абӯязидро, ки Каъба манам, гирди ман тавофе мекун

Сӯйи Макка шайхи уммат Боязид
Аз барои ҳаҷҷу умра медавид.
Ӯ ба ҳар шаҳре, ки рафтӣ аз нахуст
Мар азизонро бикардӣ бозҷуст. 2225
Гирд мегаштӣ, ки андар шаҳр кист,
К-ӯ бар аркони басират муттакист?
Гуфт Ҳақ: «Андар сафар ҳар ҷо равӣ,
Бояд аввал толиби марде шавӣ.
Қасди ганҷе кун, ки ин суду зиён,
Дар табаъ ояд. Ту онро фаръ дон».
Ҳар кӣ корад, қасди гандум бошадаш,
Коҳ худ андар табаъ меоядаш.
Каҳ бикорӣ, барнаёяд гандуме,
Мардумӣ ҷӯ, мардумӣ ҷӯ, мардумӣ! 2230
Қасди Каъба кун, чу вақти ҳаҷ бувад,
Чунки рафтӣ, Макка ҳам дида шавад.

Қасд дар меъроҷ диди дӯст буд,
Дар табаъ аршу малоик ҳам намуд.

## Ҳикоят

Хонае нав сохт рӯзе навмурид,
Пир омад, хонаи ӯро бидид.
Гуфт шайх он навмуриди хешро,
Имтиҳон кард он накӯандешро:
«Равзан аз баҳри чӣ кардӣ, эй рафиқ?»
Гуфт: «То нур андарояд з-ин тариқ».
Гуфт: «Он фаръ аст. Ин бояд ниёз,
То аз ин раҳ бишнавӣ бонги намоз».
Боязид андар сафар ҷустӣ басе,
То биёбад Хизри вақти худ касе.
Дид пире бо қаде ҳамчун ҳилол,
Дид дар вай фарру гуфтори риҷол.
Дида нобинову дил чун офтоб,
Ҳамчу пиле дида Ҳиндустон ба хоб.
Чашмбаста хуфта бинад сад тараб,
Чун гушояд, он набинад, эй аҷаб!
Бас аҷаб дар хоб равшан мешавад,
Дил даруни хоб равзан мешавад.
Он ки бедор асту бинад хоби х(в)аш
Ориф аст ӯ, хоки ӯ дар дида каш.
Пеши ӯ биншасту мепурсид ҳол,
Ёфташ дарвешу ҳам соҳибъаёл.
Гуфт: «Азми ту куҷо, эй Боязид?
Рахти ғурбатро куҷо хоҳӣ кашид?»
Гуфт: «Қасди Каъба дорам аз пагаҳ»,
Гуфт: «Ҳин, бо худ чӣ дорӣ зоди раҳ?»
Гуфт: «Дорам аз дирам нуқра дивист,
Нак, бибаста сахт дар гӯшай ридист».
Гуфт: «Тавфе кун ба гирдам ҳафт бор
В-ин накӯтар аз тавофи ҳаҷ шумор.
В-он дирамҳо пеши ман неҳ, эй ҷавод!
Дон, ки ҳаҷ кардию ҳосил шуд мурод.
Умра кардӣ, умри боқӣ ёфтӣ,
Соф гаштӣ, бар Сафо биштофтӣ.

Ҳаққи он ҳаққе, ки ҷонат дидааст,
Ки маро бар байти худ бигзидааст.
Каъба ҳарчанде ки хонай бирри ӯст,
Хилқати ман низ хонай сирри ӯст.
То бикард он хонаро, дар вай нарафт
В-андар ин хона, ба ҷуз он ҳай нарафт.
Чун маро дидӣ, Худоро дидаӣ,
Гирди Каъбай сидқ-бар гардидаӣ.
Хидмати ман тоату ҳамди Худост,
То напиндорӣ, ки Ҳақք аз ман ҷудост.
Чашм некӯ боз кун, дар ман нигар,
То бибинӣ нури Ҳақք андар башар».
Боязид он нуктаҳоро ҳуш дошт,
Ҳамчу заррин ҳалқааш дар гӯш дошт.
Омад аз вай Боязид андар мазид,
Мунтаҳӣ дар мунтаҳо охир расид.

## Донистани пайғамбар, алайҳиссалом, ки сабаби ранҷурии он шахс густохӣ будааст дар дуъо

Чун паямбар дид он беморро,
Хуш навозиш кард ёри ғорро.
Зинда шуд ӯ, чун паямбарро бидид,
Гӯиё он дам мар ӯро офарид.
Гуфт: «Беморӣ маро ин бахт дод,
К-омад ин султон бари ман бомдод,
То маро сиҳҳат расиду офият
Аз қудуми ин шаҳи беҳошият.
Эй хуҷаста ранҷу беморию таб,
Эй муборак дарду бедории шаб.
Нак, маро дар пирӣ аз лутфу карам
Ҳақ чунин ранҷурие доду сақам.
Дарди пуштам дод ҳам, то ман зи хоб
Барҷаҳам ҳар нимшаб лобуд шитоб.
То нахуспам ҷумла шаб чун говмеш,
Дардҳо бахшид Ҳақ аз лутфи хеш.
З-ин шикаст он раҳми шоҳон ҷӯш кард,
Дӯзах аз таҳдиди ман хомӯш кард».

Ранҷ ганҷ омад, ки раҳматҳо дар ӯст,
Мағз тоза шуд, чу бихрошид пӯст.
Эй бародар, мавзиъи торику сард,
Сабр кардан бар ғаму сустию дард.
Чашмаи Ҳайвону ҷоми мастӣ аст,
К-он баландиҳо ҳама дар пастӣ аст.
Он баҳорон музмар аст андар хазон,
Дар баҳор аст он хазон, магрез аз он.
Ҳамраҳи ғам бошу бо ваҳшат бисоз,
Металаб дар марги худ умри дароз.
Он чи гӯяд нафси ту, к-ин ҷо бад аст,
Машнаваш, чун кори ӯ зид(д) омадаст.
Ту хилофаш кун, ки аз пайғамбарон
Инчунин омад васият дар ҷаҳон:
Машварат дар корҳо воҷиб шавад,
То пушаймонӣ дар охир кам бувад.
Ҳилаҳо карданд бисёр анбиё,
То ки гардон шуд бар ин санг осиё.
Нафс мехоҳад, ки то вайрон кунад,
Халқро гумроҳу саргардон кунад.
Гуфт уммат: «Машварат бо кӣ кунем?»
Анбиё гуфтанд: «Бо ақли имем».
Гуфт: «Гар кӯдак дарояд ё зане,
К-ӯ надорад ақлу ройи равшане?»
Гуфт: «Бо ӯ машварат кун в-он чи гуфт,
Ту хилофи он куну дар роҳ уфт».
Нафси худро зан шинос, аз зан батар,
З-он ки зан ҷузвест, нафсат кулли шар.
Машварат бо нафси худ гар мекунӣ,
Ҳар чӣ гӯяд, кун хилофи он данӣ.
Гар намозу рӯза мефармоядат,
Нафс маккор аст, макре зоядат.
Машварат бо нафси хеш андар фиъол,
Ҳар чӣ гӯяд, акси он бошад камол.
Барнаёӣ бо ваю истези ӯ,
Рав бари ёре, бигир омези ӯ.
Ақл қувват гирад аз ақли дигар,
Найшакар комил шавад аз найшакар.

Ман зи макри нафс дидам чизҳо,
К-ӯ барад аз сеҳри худ тамйизҳо.
Ваъдаҳо бидҳад туро тоза ба даст,
Ки ҳазорон бор онҳоро шикаст.
Умр агар сад сол худ муҳлат диҳад,
Ӯ-т ҳар рӯзе баҳонай нав ниҳад.
Гарм гӯяд ваъдаҳои сардро,
Ҷодуи мардӣ бибандад мардро.
Эй Зиёулҳақ Ҳусомуддин, биё,
Ки нарӯяд бе ту аз шӯра гиё.
Аз фалак овехта шуд пардае
Аз пайи нафрини дилозурдае.
Ин қазоро ҳам қазо донад илеҷ,
Ақли халқон дар қазо гиҷ асту гиҷ.
Аждаҳо гашта-ст он мори сиёҳ,
Он ки кирме буд афтода ба роҳ.
Аждаҳову мор андар дасти ту
Шуд асо, эй ҷони Мӯсо, масти ту.
Ҳукми «хузҳо, ло тахаф» додат Худо,
То ба дастат аждаҳо гардад асо.
Ҳин, яди байзо намо, эй подшоҳ,
Субҳи нав бигшо зи шабҳои сиёҳ.
Дӯзахе афрӯхт, бар вай дам фусун,
Эй дами ту аз дами дарё фузун.
Баҳр маккор аст, бинмуда кафе,
Дӯзах аст, аз макр бинмуда тафе.
З-он намояд мухтасар дар чашми ту,
То забун биниш, ҷунбад хашми ту.
Ҳамчунон ки лашкари анбӯҳ буд,
Мар паямбарро ба чашм андак намуд.
То бар эшон зад паямбар бехатар
В-ар фузун дидӣ аз он кардӣ ҳазар.
Он иноят буду аҳли он будӣ,
Аҳмадо, в-арна ту баддил мешудӣ.
Кам намуд ӯрову асҳоби варо
Он ҷиҳоди зоҳиру ботин Худо,
То муяссар кард «юсро»-ро бар ӯ,
То зи «усро» ӯ бигардонид рӯ.
Кам намудан мар варо пирӯз буд,
Ки Ҳақаш ёру тариқомӯз буд.

Он ки Ҳақ пушташ набошад аз зафар,
Вой, агар гурба-ш намояд шери нар.
Вой, агар садро яке бинад зи дур,
То ба чолиш андарояд аз ғурур.
З-он намояд зулфиқори ҳарбае,
З-он намояд шери нар чун гурбае.
То далер андарфитад аҳмақ ба ҷанг
В-андарорадшон бад-ин ҳилат ба чанг.
То ба пойи хеш бошанд омада
Он филивон ҷониби оташкада.
Коҳбарге менамояд, то ту зуд
Пуф кунӣ, к-ӯро биронӣ аз вуҷуд.
Ҳин, ки он каҳ кӯҳҳо барканда аст,
З-ӯ ҷаҳон гирёну ӯ дар ханда аст.
Менамояд то ба каъб ин оби ҷӯ,
Сад чу Оҷ ибни Анақ шуд ғарқи ӯ.
Менамояд мавҷи хунаш талли мушк,
Менамояд қаъри дарё хоки хушк.
Хушк дид он баҳрро Фиръавни кӯр,
То дар ӯ ронд аз сари мардию зӯр.
Чун дарояд, дар тани дарё бувад,
Дидаи Фиръавн кай бино бувад?
Дида бино аз лиқои Ҳақ шавад,
Ҳақ куҷо ҳамрози ҳар аҳмақ шавад?
Қанд бинад, худ бувад заҳри қатул,
Роҳ бинад, худ бувад он бонги ғӯл.
Эй фалак, дар фитнаи охирзамон
Тез мегардӣ, бидеҳ, охир, замон!
Ханҷари тезӣ ту андар қасди мо,
Неши заҳролудаӣ дар фасди мо.
Эй фалак, аз раҳми Ҳақ омӯз раҳм,
Бар дили мӯрон мазан чун мор захм.
Ҳаққи он ки чархаи чархи туро
Кард гардон бар фарози ин саро,
Ки дигаргун гардию раҳмат кунӣ,
Пеш аз он ки бехи моро барканӣ.
Ҳаққи он ки доягӣ кардӣ нахуст,
То ниҳоли мо зи обу хок руст.
Ҳаққи он шаҳ, ки туро соф офарид,
Кард чандон машъала дар ту падид.

Ончунон маъмуру боқӣ доштат,
То ки даҳрӣ аз азал пиндоштат.
Шукр донистем оғози туро,
Анбиё гуфтанд он рози туро.
Одамӣ донад, ки хона ҳодис аст,
Анкабуте на, ки дар вай обис аст.
Пашша кай донад, ки ин боғ аз кай аст?
К-ӯ баҳорон зоду маргаш дар дай аст.
Кирм, к-андар чӯб зояд сустҳол,
Кай бидонад чӯбро вакти ниҳол?
В-ар бидонад кирм аз моҳийяташ,
Ақл бошад, кирм бошад сураташ.
Ақл худро менамояд рангҳо,
Чун парӣ дур аст аз он фарсангҳо.
Аз малак болост, чӣ ҷойи парӣ?
Ту магаспаррӣ, ба пастӣ мепарӣ.
Гарчи ақлат сӯйи боло мепарад,
Мурғи тақлидат ба пастӣ мечарад.
Илми тақлидӣ ваболи ҷони мост,
Ориясту мо нишаста, к-они мост.
З-ин хирад ҷоҳил ҳамебояд шудан,
Даст дар девонагӣ бояд задан.
Ҳар чӣ бинӣ суди худ, з-он мегурез,
Заҳр нӯшу Оби Ҳайвонро бирез.
Ҳар кӣ бистояд туро, дашном деҳ,
Суду сармоя ба муфлис вом деҳ.
Эминӣ бигзору ҷойи хавф бош,
Бигзар аз номусу расво бошу фош.
Озмудам ақли дурандешро,
Баъд аз ин девона созам хешро.

## Узр гуфтани Далқак бо Саййиди аҷал, ки чаро фоҳишаро никоҳ кард

Гуфт бо Далқак шабе Саййид аҷал:
«Қаҳбаеро хостӣ ту аз аҷал?»
Бо ман инро бозмебоист гуфт,
То яке мастур кардемет ҷуфт».

Гуфт: «Нуҳ мастури Солеҳ хостам,
Қаҳба гаштанду зи ғам ман костам.
Хостам ин қаҳбаро бемаърифат,
То бибинам, чун шавад ин оқибат.
Ақлро ман озмудам ҳам басе,
З-ин сипас ҷӯям ҷунунро мағрасе».

## Ба ҳилат дар сухан овардани соил он зиракро, ки худро девона сохта буд

Он яке мегуфт: «Хоҳам оқиле,
Машварат орам бад-ӯ дар мушкиле».
Он яке гуфташ, ки андар шаҳри мо
Нест оқил, ҷуз ки он маҷнуннамо.
Бар найе гашта савора, нак фалон,
Медавонад дар миёни кӯдакон.
Соҳиби рой асту оташпорае,
Осмонқадр асту ахтарборае.
Фарри ӯ каррубиёнро ҷон шуда-ст,
Ӯ дар ин девонагӣ пинҳон шуда-ст.
Лек ҳар девонаро ҷон нашмарӣ,
Сар манеҳ гӯсоларо чун Сомирӣ.
Чун валие ошкоро бо ту гуфт
Сад ҳазорон ғайбу асрори ниҳуфт,
Мар туро он фаҳму он дониш набуд,
Вонадонистӣ ту саргинро зи уд.
Аз ҷунун худро валӣ чун парда сохт,
Мар варо, эй кӯр, кай хоҳӣ шинохт?
Гар туро боз аст он дидай яқин,
Зери ҳар санге яке сарҳанг бин.
Пеши он чашме, ки бозу раҳбар аст,
Ҳар гилемеро Калиме дар бар аст.
Мар валиро ҳам валӣ шуҳра кунад,
Ҳар киро ӯ хост, бобаҳра кунад.
Кас надонад аз хирад ӯро шинохт,
Чунки ӯ мар хешро девона сохт.
Чун бидуздад дузд биноӣ зи кӯр,
Ҳеч ёбад дуздро ӯ дар убур?

Кӯр нашносад, ки дузди ӯ кӣ буд,
Гарчи худ бар вай занад дузди ануд.
Чун газад саг кӯри соҳибжандаро,
Кай шиносад он саги даррандаро?

## Ҳамла бурдани саг бар кӯри гадо

Як саге дар кӯй бар кӯри гадо
Ҳамла меовард чун шери ваѓо.
Саг кунад оҳанги дарвешон ба хашм,
Даркашад маҳ хоки дарвешон ба чашм.
Кӯр оҷиз шуд зи бонгу бими саг,
Андаромад кӯр дар таъзими саг,
К-эй амири сайду эй шери шикор,
Даст дасти туст, даст аз ман бидор.
К-аз зарурат думми харро он ҳаким
Кард таъзиму лақаб додаш карим.
Гуфт ӯ ҳам аз зарурат, к-эй асад!
Аз чу ман лоѓар шикорат чӣ расад?
Гӯр мегиранд ёронат ба дашт,
Кӯр мегирӣ ту дар кӯй? Ин бад аст.
Гӯр меҷӯянд ёронат ба сайд,
Кӯр меҷӯйӣ ту дар кӯча ба кайд?
Он саги олим шикори гӯр кард
В-ин саги бемоя қасди кӯр кард.
Илм чун омӯхт саг, раст аз залол,
Мекунад дар бешаҳо сайди ҳалол.
Саг чу олим гашт, шуд чолоки заҳф,
Саг чу ориф гашт, шуд Асҳоби Каҳф.
Саг шиносо шуд, ки мири сайд кист,
Эй Худо, он нури ишносанда чист?
Кӯр нашносад, на аз бечашмӣ аст,
Балки аз ҷаҳл асту тирахашмӣ аст.
Нест худ бечашмтар кӯр аз замин,
Ин замин аз фазли Ҳақ шуд хасмбин.
Нури Мӯсо диду Мӯсоро навохт,
Хасфи Қорун карду Қорунро шинохт.
Раҷф кард андар ҳалоки ҳар даъӣ,
Фаҳм кард аз Ҳақ, ки «ё арзу-блаъӣ».

Хоку обу боду нори пуршарар
Бехабар бо мову бо Ҳақ бохабар.
Мо ба акси он, зи ғайри Ҳақ хабир,
Бехабар аз Ҳаққу аз чандин назир.
Лоҷарам «ашфақна минҳо» ҷумлашон,
Кунд шуд з-омези ҳайвон ҳамлашон.
Гуфт: «Безорем ҷумла з-ин ҳаёт,
К-ӯ бувад бо халқ ҳай, бо Ҳақ мавот».
Чун бимонд аз халқ, ӯ бошад ятим,
Унси Ҳақро қалб мебояд салим.
Чун зи кӯре дузд дуздад колае,
Мекунад он кӯри аъмо нолае,
То бигӯяд дузд ӯро, к-он манам,
К-аз ту дуздидам, ки дузди пурфанам.
Кай шиносад кӯр дузди хешро?
Чун надорад нури чашму он зиё.
Чун бигӯяд, ҳам бигир ӯро ту сахт,
То бигӯяд ӯ аломатҳои рахт.
Пас, ҷиҳоди акбар омад асри дузд,
То бигӯяд, ки чӣ дуздиду чӣ бурд.
Аввало дуздид куҳли дидаат,
Чун ситонӣ, бозёбӣ табсират.
Колаи ҳикмат, ки гум кардӣ, дил аст,
Пеши аҳли дил яқин он ҳосил аст.
Кӯрдил бо ҷону бо самъу басар
Менадонад дузди шайтонро з-асар.
З-аҳли дил ҷӯ, аз ҷимод онро маҷӯ,
Ки ҷимод омад халоиқ пеши ӯ.
Машварат ҷӯянда омад назди ӯ,
К-эй аби кӯдакшуда, розе бигӯ.
Гуфт: «Рав з-ин ҳалқа, к-ин дар боз нест,
Бозгард, имрӯз рӯзи роз нест.
Гар маконро раҳ будӣ дар ломакон,
Ҳамчу шайхон будаме ман бар дукон.

## Хондани муҳтасиб масти харобафтодаро ба зиндон

Муҳтасиб дар нимшаб ҷойе расид,
Дар буни девор масте хуфта дид.

Гуфт: «Ҳай, мастӣ, чӣ хӯрдастӣ? Бигӯ»,
Гуфт: «Аз ин хӯрдам, ки ҳаст андар сабӯ».
Гуфт: «Охир, дар сабӯ вогӯ, ки чист?»
Гуфт: «Аз он ки хӯрдаам». Гуфт: «Ин хафист».
Гуфт: «Он чӣ хӯрдаӣ он, чист он?»
Гуфт: «Он кӣ дар сабӯ махфист он».
Давр мешуд ин суолу ин ҷавоб,
Монд чун хар муҳтасиб андар халоб.
Гуфт ӯро муҳтасиб: «Ҳин, оҳ кун»,
Маст ҳу-ҳу кард ҳангоми сухун.
Гуфт: «Гуфтам, оҳ кун, ҳу мекунӣ?»
Гуфт: «Ман шоду ту аз ғам мунҳанӣ?
Оҳ, аз дарду ғаму бедодӣ аст,
Ҳуй-ҳуйи майхурон аз шодӣ аст».
Муҳтасиб гуфт: «Ин надонам, хез, хез,
Маърифат матрошу бигзор ин ситез».
Гуфт: «Рав, ту аз куҷо, ман аз куҷо?»
Гуфт: «Мастӣ, хез, то зиндон биё».
Гуфт маст: «Эй муҳтасиб, бигзору рав,
Аз бараҳна кай тавон бурдан гарав?
Гар маро худ қуввати рафтан будӣ,
Хонаи худ рафтаме, в-ин кай шудӣ?
Ман агар боақлу боимконаме,
Ҳамчу шайхон бар сари дукконаме».

## Дувум бор дар сухан кашидани соил он зиракро, то ҳоли ӯ маълумтар гардад

Гуфт он толиб, ки охир як нафас
Эй савора бар най, ин сӯ рон фарас.
Ронд сӯйи ӯ, ки ҳин, зутар бигӯ,
К-аспи ман бас тавсан асту тундхӯ.
То лагад бар ту накӯбад, зуд бош,
Аз чӣ мепурсӣ? Баёнаш кун ту фош.
Ӯ маҷоли рози дил гуфтан надид,
З-ӯ буруншав карду дар лоғаш кашид.
Гуфт: «Мехоҳам дар ин кӯча зане,
Кист лоиқ аз барои чун мане?»

Гуфт: «Се гуна зананд андар ҷаҳон,
Он ду ранҷу в-ин яке ганҷи равон.
Он якеро чун бихоҳӣ, кул турост,
В-он дигар ниме туро, ниме ҷудост.
В-он сеюм ҳеч ӯ туро набвад, бидон,
Ин шунудӣ? Дур шав! Рафтам равон.
То туро аспам напарронад лагад,
Ки бияфтӣ, барнахезӣ то абад».
Шайх ронд андар миёни кӯдакон,
Бонг зад бори дигар ӯро ҷавон,
Ки биё, охир, бигӯ тафсири ин,
Ин занон се навъ гуфтӣ, баргузин!
Ронд сӯйи ӯву гуфташ: «Бикри хос
Кул туро бошад, зи ғам ёбӣ халос.
В-он ки ниме они ту, бева бувад,
В-он ки ҳеч аст он аёли бовалад.
Чун зи шӯйи аввалаш кӯдак бувад,
Меҳру кулли хотираш он сӯ равад.
Дур шав, то асп нандозад лагад,
Сумми аспи тавсанам бар ту расад».
Ҳой-ҳуе кард шайху бозронд,
Кӯдаконро боз сӯйи хеш хонд.
Боз бонгаш кард он соил: «Биё,
Як суолам монд, эй шоҳи киё!»
Боз ронд ин сӯ: «Бигӯ зутар, чӣ буд?
Ки зи майдон он бача гӯям рабуд».
Гуфт: «Эй шаҳ, бо чунин ақлу адаб
Ин чӣ шайд аст? Ин чӣ феъл аст? Эй аҷаб!
Ту варои ақли куллӣ дар баён,
Офтобӣ. Дар ҷунун чунӣ ниҳон?»
Гуфт: «Ин авбош ройе мезананд,
То дар ин шаҳри худам қозӣ кунанд.
Дафъ мегуфтам. Маро гуфтанд: «Не,
Нест чун ту олиме, соҳибфане.
Бо вуҷуди ту ҳаром асту хабис,
Ки кам аз ту дар қазо гӯяд ҳадис.
Дар шариат нест дастуре, ки мо
Камтар аз ту шаҳ кунему пешво.

З-ин зарурат гиҷу девона шудам,
Лек дар ботин ҳамонам, ки будам.
Ақли ман ганҷ асту ман вайронаам,
Ганҷ агар пайдо кунам, девонаам.
Ӯст девона, ки девона нашуд,
Ин асасро диду дар хона нашуд.
Дониши ман ҷавҳар омад, на араз,
Ин баҳое нест баҳри ҳар ғараз.
Кони қандам, найситони шаккарам
Ҳам зи ман мерӯяду ман мех(в)арам.
Илми тақлидию таълимист он,
К-аз нуфури мустамеъ дорад фиғон.
Чун пайи дона, на баҳри равшанист,
Ҳамчу толибилми дунёи данист.
Толиби илм аст баҳри ому хос,
На ки то ёбад аз ин олам халос.
Ҳамчу муше ҳар тараф сӯрох кард,
Чунки нураш ронд аз дар, гуфт бард.
Чунки сӯйи дашту нураш раҳ набуд,
Ҳам дар он зулмот ҷаҳде менамуд.
Гар Худояш пар диҳад, парри хирад,
Бирҳад аз мушию чун мурғон парад.
В-ар наҷӯяд пар, бимонад зери хок
Ноумед аз рафтани роҳи симок.
Илми гуфторӣ, ки он беҷон бувад,
Ошиқи рӯйи харидорон бувад.
Гарчи бошад вақти баҳси илми зафт,
Чун харидораш набошад, мурду рафт.
Муштарии ман Худой аст, ӯ маро
Мекашад боло, ки «Аллоҳа-штаро».
Хунбаҳои ман ҷамоли зулҷалол,
Хунбаҳои худ хурам, касби ҳалол.
Ин харидорони муфлисро биҳил,
Чӣ харидорӣ кунад як мушти гил?
Гил махур, гилро махар, гилро маҷӯ,
З-он ки гилхор аст доим зардрӯ.
Дил бихур, то доимо бошӣ ҷавон,
Аз таҷаллӣ чеҳраат чун арғавон.

Ё раб, ин бахшиш на ҳадди кори мост,
Лутфи ту лутфи хафиро худ сазост.
Даст гир аз дасти мо, моро бихар,
Пардаро бардору пардай мо мадар.
Бозхар моро аз ин нафси палид,
Кордаш то устухони мо расид.
Аз чу мо бечорагон ин банди сахт
Кай гушояд, эй шаҳи бетоҷу тахт?
Инчунин қуфли гаронро, эй вадуд!
Кай тавонад ҷуз ки фазли ту гушуд?
Мо зи худ сӯйи ту гардонем сар,
Чун туӣ аз мо ба мо наздиктар.
Ин дуъо ҳам бахшишу таълими туст,
Гарна дар гулхан гулистон аз чӣ руст?
Дар миёни хуну рӯда, фаҳму ақл,
Ҷуз зи икроми ту натвон кард нақл.
Аз ду пора пиҳ ин нури равон,
Мавҷи нураш мезанад бар осмон.
Гӯштпора, ки забон омад аз ӯ,
Меравад селоби ҳикмат ҳамчу ҷӯ.
Сӯйи сӯрохе, ки номаш гӯшҳост,
То ба боғи ҷон, ки мева-ш хушҳост.
Шоҳроҳи боғи ҷонҳо шарҳи ӯст,
Боғу бустонҳои олам фаръи ӯст.
Аслу сарчашмай хушӣ он аст, он,
Зуд «таҷрӣ таҳтаҳа-л-анҳор» хон.

## Татиммаи насиҳати расул, алайҳиссалом, беморро

Гуфт пайғамбар мар он беморро,
Чун иёдат кард ёри зорро,
Ки магар навъе дуъое кардаӣ?
Аз ҷаҳолат заҳрбое х(в)ардаӣ?
Ёд овар, чӣ дуъо мегуфтаӣ?
Чун зи макри нафс ме ошуфтаӣ.
Гуфт: «Ёдам нест. Илло ҳиммате
Дор бо ман, ёдам ояд соате».

Аз ҳузури нурбахши Мустафо
Пеши хотир омад онро он дуъо.
Тофт з-он равзан, ки аз дил то дил аст
Равшанӣ, ки фарқи ҳаққу ботил аст.
Гуфт: «Инак ёдам омад, эй расул!
Он дуъо, ки гуфтаам ман булфузул.
Чун гирифтори гунаҳ меомадам,
Ғарқа даст андар ҳашоиш мезадам.
Аз ту таҳдиду ваъиде мерасид
Муҷримонро аз азоби бас шадид.
Музтариб мегаштаму чора набуд,
Банди муҳкам буду қуфли ногушуд.
Не мақоми сабру не роҳи гурез,
Не умеди тавба, не ҷойиситез.
Ман чу Ҳорута чу Морут аз ҳазан
Оҳ мекардам, ки эй халлоқи ман!
Аз хатар Ҳорута Морут ошкор
Чоҳи Бобилро бикарданд ихтиёр.
То азоби охират ин ҷо кашанд,
Гурбузанду оқилу соҳирвашанд.
Нек карданду ба ҷойи хеш буд,
Саҳлтар бошад зи оташ ранҷи дуд.
Ҳад надорад васфи ранҷи он ҷаҳон,
Саҳл бошад ранҷи дунё пеши он.
Эй хунук он к-ӯ ҷиҳоде мекунад,
Бар бадан зачрею доде мекунад,
То зи ранҷи онҷаҳонӣ вораҳад,
Бар худ ин ранҷи ибодат мениҳад.
Ман ҳамегуфтам, ки ё раб, он азоб
Ҳам дар ин олам бирон бар ман шитоб.
То дар он олам фароғат бошадам,
Дар чунин дар хост ҳалқа мезадам.
Инчунин ранҷурие пайдом шуд,
Ҷони ман аз ранҷ беором шуд.
Мондаам аз зикру аз авроди х(в)ад,
Бехабар гаштам зи хешу неку бад.
Гар намедидам кунун ман рӯйи ту,
Эй хуҷаста в-эй муборак бӯйи ту!

Мешудам аз банд ман якборагӣ,
Кардиям шоҳона ин ғамхорагӣ.
Гуфт: «Ҳай-ҳай, ин дуъо дигар макун,
Бармакан ту хешро аз беху бун.
Ту чӣ тоқат дорӣ, эй мӯри нажанд,
Ки ниҳад бар ту чунон кӯҳи баланд?»
Гуфт: «Тавба кардам, эй султон, ки ман
Аз сари ҷалдӣ налофам ҳеч фан.
Ин ҷаҳон тиҳ асту ту Мӯсову мо
Аз гунаҳ дар тиҳ монда мубтало.
Қавми Мӯсо роҳ мепаймудаанд,
Охир андар гоми аввал будаанд.
Солҳо раҳ меравему дар ахир
Ҳамчунон дар манзили аввал асир.
Гар дили Мӯсо зи мо розӣ будӣ,
Тиҳро роҳу карон пайдо шудӣ.
В-ар ба кул безор будӣ ӯ зи мо,
Кай расидӣ хонамон ҳеч аз само?
Кай зи санге чашмаҳо ҷӯшон шудӣ?
Дар биёбонмон амони ҷон шудӣ?
Бал ба ҷойи хон худ оташ омадӣ,
Андар ин манзил лаҳаб бар мо задӣ.
Чун дудил шуд Мӯсӣ андар кори мо,
Гоҳ хасми мосту гоҳе ёри мо.
Хашмаш оташ мезанад дар рахти мо,
Ҳилми ӯ рад мекунад тири бало.
Кай бувад, ки ҳилм гардад хашм низ?
Нест ин нодир зи лутфат, эй азиз!
Мадҳи ҳозир ваҳшат аст, аз баҳри ин
Номи Мӯсо мебарам қосид чунин
В-арна, Мӯсо кай раво дорад, ки ман
Пеши ту ёд оварам аз ҳеч тан?
Аҳди мо бишкаст сад бору ҳазор,
Аҳди ту чун кӯҳ собит, барқарор.
Аҳди мо коҳу ба ҳар боде забун,
Аҳди ту кӯҳу зи сад куҳ ҳам фузун.
Ҳаққи он қувват, ки бар талвини мо
Раҳмате кун, эй амири лавнҳо!

Хешро дидему расвоии хеш,
Имтиҳони мо макун, эй шоҳ, беш,
То фазиҳатҳои дигарро ниҳон
Карда бошӣ, эй карими мустаъон!
Беҳадӣ ту дар ҷамолу дар камол,
Дар кажӣ мо беҳадему дар залол.
Беҳадии хеш бигмор, эй карим,
Бар кажии беҳади муште лаим.
Ҳин, ки аз тақтеъи мо як тор монд,
Миср будему яке девор монд.
«Ал-бақиййа, ал-бақиййа», эй хидев!
То нагардад шод куллӣ ҷони дев.
Баҳри мо не, баҳри он лутфи нахуст,
Ки ту кардӣ гумраҳонро бозҷуст.
Чун намудӣ қудратат, бинмой раҳм,
Эй ниҳода раҳмҳо дар лаҳму шаҳм.
Ин дуъо гар хашм афзояд туро,
Ту дуъо таълим фармо, меҳтаро!
Ончунон к-Одам бияфтод аз биҳишт,
Раҷъаташ додӣ, ки раст аз деви зишт.
Дев кӣ б-вад, к-ӯ зи Одам бигзарад?
Бар чунин натъе аз ӯ бозӣ барад?
Дар ҳақиқат нафъи Одам шуд ҳама,
Лаънати ҳосид шуда он дамдама.
Бозие диду дусад бозӣ надид,
Пас сутуни хонаи худро бурид.
Оташе зад шаб ба кишти дигарон,
Бод оташро ба кишти ӯ барон.
Чашмбандӣ буд лаънат девро,
То зиёни хасм дид он ревро.
Худ зиёни ҷони ӯ шуд реви ӯ,
Гӯйӣ Одам буд деви деви ӯ.
Лаънат ин бошад, ки кажбинаш кунад,
Ҳосиду худбину пуркинаш кунад.
То надонад, ки ҳар он ки кард бад,
Оқибат бозояду бар вай занад.
Ҷумла фарзин бандҳо бинад ба акс,
Мот бар вай гардаду нуқсону вакс.

З-он ки гар ӯ ҳеч бинад хешро,
Муҳлику носур бинад решро.
Дард хезад з-инчунин дидан дарун,
Дард ӯро аз ҳиҷоб орад бурун.
То нагирад модаронро дарди заҳ,
Тифл дар зодан наёбад ҳеч раҳ.
Ин амонат дар дилу дил ҳомила-ст,
Ин насиҳатҳо мисоли қобила-ст.
Қобила гӯяд, ки занро дард нест,
Дард бояд, дард кӯдакро раҳест.
Он ки ӯ бедард бошад, раҳзан аст,
З-он ки бедардӣ «аналҳақ» гуфтан аст.
Он «ана» бевақт гуфтан лаънат аст,
Он «ана» дар вақт гуфтан раҳмат аст.
Он «ана»-й Мансур раҳмат шуд яқин,
Он «ана»-й Фиръавн лаънат шуд, бибин.
Лоҷарам ҳар мурғи беҳангомро
Сар буридан воҷиб аст эъломро.
Сар буридан чист? Куштан нафсро
Дар ҷиҳоду тарк гуфтан нафсро.
Ончунон ки неши каждум барканӣ,
То ки ёбад ӯ зи куштан эминӣ.
Барканӣ дандони пурзаҳре зи мор,
То раҳад мор аз балои сангсор.
Ҳеч накшад нафсро ҷуз зилли пир,
Домани он нафскушро сахт гир!
Чун бигирӣ сахт, он тавфиқи ҳуст,
Дар ту ҳар қувват ки ояд, ҷазби ӯст.
«Мо рамайта, из рамайта» рост дон,
Ҳар чӣ к-орад ҷон, бувад аз ҷони ҷон.
Дастгиранда вай асту бурдбор,
Дам ба дам он дам аз ӯ уммедвор.
Нест ғам, гар дер бе ӯ мондаӣ,
Дергиру сахтгираш хондаӣ.
Дер гирад, сахт гирад раҳматаш,
Як дамат ғоиб надорад ҳазраташ.
В-ар ту хоҳӣ шарҳи ин васлу вало,
Аз сари андеша бархон «ва-з-зуҳо».

В-ар ту гӯйӣ, ҳам бадиҳо аз вай аст,
Лек он нуқсони фазли ӯ кай аст?
Он бадӣ додан камоли ӯст ҳам,
Ман мисоле гӯямат, эй муҳташам!
Кард наққоше дугуна нақшҳо,
Нақшҳои софу нақше бесафо.
Нақши Юсуф карду ҳури хушсиришт,
Нақши ифритону иблисони зишт.
Ҳар ду гуна нақш устодии ӯст,
Зиштии ӯ нест он, родии ӯст.
Зиштро дар ғояти зиштӣ кунад,
Ҷумла зиштиҳо ба гирдаш бартанад.
То камоли донишаш пайдо шавад,
Мункири устодияш расво шавад.
В-ар надонад зишт кардан, ноқис аст,
З-ин сабаб халлоқи габру мухлис аст.
Пас, аз ин рӯ куфру имон шоҳиданд
Бар худовандӣ-шу ҳар ду соҷиданд.
Лек муъмин дон, ки тавъан соҷид аст,
З-он ки ҷӯёи ризову қосид аст.
Ҳаст курҳан габр ҳам яздонпараст,
Лек қасди ӯ мароде дигар аст.
Қалъаи султон иморат мекунад,
Лек даъвии аморат мекунад.
Гашта ёғӣ, то ки мулки ӯ бувад,
Оқибат худ қалъасултоне шавад.
Муъмин он қалъа барои подшоҳ
Мекунад маъмур, на аз баҳри ҷоҳ.
Зишт гӯяд: «Эй шаҳи зиштофарин,
Қодирӣ бар хубу бар зишту маҳин».
Хуб гӯяд: «Эй шаҳи ҳусну баҳо,
Пок гардонидиям аз айбҳо».

## Васият кардани пайғамбар, алайҳиссалом, он беморро ва дуъо омӯзониданаш

Гуфт пайғамбар мар он беморро,
Ин бигӯ, к-эй саҳлкун душворро!

«Отино фӣ дори дунёно ҳасан,
Отино фӣ дори уқбоно ҳасан».
Роҳро бар мо чу бустон кун латиф,
Манзили мо худ ту бошӣ, эй шариф».
Муъминон дар ҳашр гӯянд: «Эй малак!
Не ки дӯзах буд роҳи муштарак?
Муъмину кофир бар ӯ ёбад гузор,
Мо надидем андар ин раҳ дуду нор.
Нак, биҳишту боргоҳи эминӣ,
Пас, куҷо буд он гузаргоҳи данӣ?»
Пас малак гӯяд, ки он равзай Хузар,
Ки фалон ҷо дидаед андар гузар,
Дӯзах он буду сиёсатгоҳи сахт,
Бар шумо шуд боғу бустону дарахт.
Чун шумо ин нафси дӯзаххӯйро,
Оташии габри фитнаҷӯйро
Ҷаҳдҳо кардеду он шуд пурсафо,
Норро куштед аз баҳри Худо.
Оташи шаҳват, ки шуъла мезадӣ,
Сабзаи тақво шуду нури ҳудӣ.
Оташи хашм аз шумо ҳам ҳилм шуд,
Зулмати ҷаҳл аз шумо ҳам илм шуд.
Оташи ҳирс аз шумо исор шуд
В-он ҳасад чун хорбун гулзор шуд.
Чун шумо ин ҷумла оташҳои хеш
Баҳри Ҳақ куштед ҷумла пеш-пеш,
Нафси нориро чу боғе сохтед,
Андар ӯ тухми вафо андохтед.
Булбулони зикру тасбеҳ андар ӯ
Хуш сароён дар чаман бар тарфи ҷӯ.
Доъии Ҳақро иҷобат кардаед,
Дар ҷаҳими нафс об овардаед.
Дӯзахи мо низ дар ҳаққи шумо
Сабза гашту гулшану баргу наво».
Чист эҳсонро мукофот, эй писар?
Лутфу эҳсону савоби муътабар.
Не шумо гуфтед: «Мо қурбонием?
Пеши авсофи бақо мо фонием?

Мо агар қаллошу гар девонаем,
Масти он соқию он паймонаем.
Бар хату фармони ӯ сар мениҳем,
Ҷони ширинро гаравгон медиҳем.
То хаёли дӯст дар асрори мост,
Чокарию ҷонсупорӣ кори мост.
Ҳар куҷо шамъи бало афрӯхтанд,
Сад ҳазорон ҷони ошиқ сӯхтанд.
Ошиқоне, к-аз даруни хонаанд,
Шамъи рӯйи ёрро парвонаанд».
Эй дил, он ҷо рав, ки бо ту равшананд
В-аз балоҳо мар туро чун ҷавшананд.
Бар ҷиноётат мувосо мекунанд,
Дар миёни ҷон туро ҷо мекунанд.
З-он миёни ҷон туро ҷо мекунанд,
То туро пурбода чун ҷоме кунанд.
Дар миёни ҷони эшон хона гир,
Дар фалак хона кун, эй бадри мунир!
Чун Уторид дафтари дил во кунанд,
То ки бар ту сиррҳо пайдо кунанд.
Пеши хешон бош, чун оворaӣ,
Бар маҳи комил зан, ар маҳпорaӣ.
Ҷузвро аз кулли худ парҳез чист?
Бо мухолиф ин ҳама омез чист?
Ҷинсро бин, навъ гашта дар равиш,
Ғайбҳо бин, айн гашта дар раҳиш.
То чу зан ишвахарӣ, эй бехирад!
Аз дурӯғу ишва кай ёбӣ мадад?
Чоплусу лафзи ширину фиреб
Меситонӣ, мениҳӣ чун зан ба ҷеб.
Мар туро дашному силии шаҳон
Беҳтар ояд аз санои гумраҳон.
Сафъи шоҳон хур, махур шаҳди хасон,
То касе гардӣ зи иқболи касон.
З-он к-аз эшон хилъату давлат расад,
Дар паноҳи рӯҳ ҷон гардад ҷасад.
Ҳар куҷо бинӣ бараҳна-в бенаво,
Дон, ки ӯ бигрехта-ст аз усто.

То чунон гардад, ки мехоҳад дилаш,
Он дили кӯри бади беҳосилаш.
Гар чунон гаштӣ, ки усто хостӣ,
Хешрову хешро оростӣ.
Ҳар кӣ аз усто гурезад дар ҷаҳон,
Ӯ зи давлат мегурезад, ин бидон.
Пешае омӯхтӣ дар касби тан,
Чанг андар пешае динӣ бизан.
Дар ҷаҳон пӯшида гаштию ғанӣ,
Чун бурун ойӣ аз ин ҷо, чун кунӣ?
Пешае омӯз, к-андар охират
Андарояд дахли касби мағфират.
Он ҷаҳон шаҳрест пурбозору касб,
То напиндорӣ, ки касб ин ҷост ҳасб.
Ҳақ таъоло гуфт, к-ин касби ҷаҳон
Пеши он касб аст лаъби кӯдакон.
Ҳамчу он тифле, ки бар тифле танад,
Шакли суҳбаткун масосе мекунад.
Кӯдакон созанд дар бозӣ дукон,
Суд набвад ҷуз ки таъбири замон.
Шаб шавад, дар хона ояд гурсуна,
Кӯдакон рафта, бимонда яктана.
Ин ҷаҳон бозигаҳ асту марг шаб,
Бозгардӣ кисахолӣ, пуртаъаб.
Касби дин ишқ асту ҷазби андарун,
Қобилият нури Ҳақро, эй ҳарун!
Касби фонӣ хоҳадат ин нафси хас,
Чанд касби хас кунӣ? Бигзору бас.
Нафси хас гар ҷӯядат касби шариф,
Ҳилаву макре бувад онро радиф.

## Бедор кардани Иблис Муъовияро, ки хез, вақти намоз аст

Дар хабар омад, ки он Муъовия
Хуфта буд дар қаср, дар як зовия,
Қасрро аз андарун дар баста буд,
К-аз зиёратҳои мардум хаста буд.

Ногаҳон марде варо бедор кард,
Чашм чун бигшод, пинҳон гашт мард.
Гуфт: «Андар қаср касро раҳ набуд,
Кист, к-ин густохию ҷуръат намуд?»
Гирд баргашту талаб кард он замон,
То биёмад з-он ниҳонгашта нишон.
Ӯ паси дар мудбиреро дид, к-ӯ
Дар паси парда ниҳон мекард рӯ.
Гуфт: «Ҳай, ту кистӣ? Номи ту чист?»
Гуфт: «Номам фош Иблиси шақист».
Гуфт: «Бедорам чаро кардӣ ба ҷид?
Рост гӯ бо ман, магӯ баръаксу зид».

## Аз хар афгандани Иблис Муъовияро ва рӯпӯш кардан ва ҷавоб гуфтани Муъовия ӯро

Гуфт: «Ҳангоми намоз охир расид,
Сӯйи масҷид зуд мебояд давид.
«Аҷҷилу-т-тоъот қабла-л-фавт» гуфт
Мустафо, чун дурри маънӣ мебисуфт».
Гуфт: «Не, не, ин ғараз набвад туро,
Ки ба хайре раҳнамо бошӣ маро.
Дузд ояд аз ниҳон дар масканам,
Гӯядам, ки посбонӣ мекунам.
Ман куҷо бовар кунам он дуздро?
Дузд кай донад савобу муздро?

## Боз ҷавоб гуфтани Иблис Муъовияро

Гуфт: «Мо аввал фаришта будаем,
Роҳи тоатро ба ҷон паймудаем.
Соликони роҳро маҳрам будем,
Сокинони аршро ҳамдам будем.
Пешаи аввал куҷо аз дил равад?
Меҳри аввал кай зи дил берун шавад?
Дар сафар гар Рум бинӣ ё Хутан,
Аз дили ту кай равад ҳуббулватан?

Мо ҳам аз мастони ин май будаем,
Ошиқони даргаҳи вай будаем.
Нофи мо бар меҳри ӯ бибридаанд,
Ишқи ӯ дар ҷони мо коридаанд.
Рӯзи некӯ дидаем аз рӯзгор,
Оби раҳмат хӯрдаем андар баҳор.
Не ки моро дасти фазлаш коштаст?
Аз адам моро на ӯ бардоштаст?
Эй басо, к-аз вай навозиш дидаем,
Дар гулистони ризо гардидаем.
Бар сари мо дасти раҳмат мениҳод,
Чашмаҳои лутф аз мо мегушод.
Вақти тифлиям, ки будам ширҷӯ,
Гоҳворамро кӣ ҷунбонид? Ӯ.
Аз кӣ хӯрдам шир ғайри шири ӯ?
Кӣ маро парвард ҷуз тадбири ӯ?
Хӯй, к-он бо шир рафт андар вуҷуд,
Кай тавон онро зи мардум вогушуд?
Гар итобе кард дарёи карам,
Баста кай гарданд дарҳои карам?
Асли накдаш доду лутфу бахшиш аст,
Қаҳр бар вай чун ғуборе аз ғиш аст.
Аз барои лутф оламро бисохт,
Зарраҳоро офтоби ӯ навохт.
Фурқат аз қаҳраш агар обистан аст,
Баҳри қадри васли ӯ донистан аст.
То диҳад ҷонро фироқаш гӯшмол,
Ҷон бидонад қадри айёми висол.
Гуфт пайғамбар, ки Ҳақ фармудааст:
«Қасди ман аз халқ эҳсон будааст.
Офаридам, то зи ман суде кунанд,
То зи шаҳдам дастолуде кунанд.
На барои он ки то суде кунам
В-аз бараҳна ман қабое барканам.
Чанд рӯзе, ки зи пешам рондааст,
Чашми ман дар рӯйи хубаш мондааст,
К-аз чунон рӯйе чунин қаҳр, эй аҷаб!
Ҳар касе машғул гашта дар сабаб.

Ман сабабро нангарам, к-он ҳодис аст,
З-он ки ҳодис ҳодисеро боис аст.
Лутфи собиқро назора мекунам,
Ҳар чӣ он ҳодис, дупора мекунам.
Тарки саҷда аз ҳасад гирам, ки буд,
Он ҳасад аз ишқ хезад, н-аз ҷуҳуд.
Ҳар ҳасад аз дӯстӣ хезад яқин,
Ки шавад бо дӯст ғайре ҳамнишин.
Ҳаст шарти дӯстӣ ғайратпазӣ,
Ҳамчу шарти атса гуфтан «дер зӣ!»
Чунки бар натъаш ҷуз ин бозӣ набуд,
Гуфт: «Бозӣ кун, чӣ донам дарфузуд?
Он яке бозӣ, ки буд, ман бохтам,
Хештанро дар бало андохтам.
Дар бало ҳам мечашам лаззоти ӯ,
Моти ӯям, моти ӯям, моти ӯ».
Чун раҳонад хештанро, эй сара!
Ҳеч кас дар шаш ҷиҳат аз шашдара?
Ҷузви шаш аз кулли шаш чун вораҳад?
Хоса ки бечун мар ӯро каж ниҳад.
Ҳар кӣ дар шаш, ӯ даруни оташ аст,
Ӯ-ш бирҳонад, ки халлоқи шаш аст.
Худ агар куфр асту гар имони ӯ,
Дастбофи ҳазрат асту они ӯ.

## Боз тақрир кардани Муъовия бо Иблис макри ӯро

Гуфт амир ӯро, ки инҳо рост аст,
Лек бахши ту аз инҳо костаст.
Сад ҳазоронро чу ман ту раҳ задӣ,
Ҳуфра кардӣ, дар хазина омадӣ.
Оташӣ, аз ту насӯзам, чора нест,
Кист, к-аз дасти ту ҷома-ш пора нест?
Табъат, эй оташ, чу сӯзониданист,
То насӯзонӣ ту чизе, чора нест.
Лаънат ин бошад, ки сӯзонат кунад,
Устоди ҷумла duzдонат кунад.

Бо Худо гуфтӣ, шунидӣ, рӯ ба рӯ,
Ман чӣ бошам пеши макрат, эй адӯ?
Маърифатҳои ту чун бонги сафир
Бонги мурғон аст, лекин мурғгир.
Сад ҳазорон мурғро он раҳ зада-ст,
Мурғ ғарра, к-ошное омада-ст.
Дар ҳаво чун бишнавад бонги сафир,
Аз ҳаво ояд, шавад ин ҷо асир.
Қавми Нӯҳ аз макри ту дар навҳаанд,
Дил кабобу сина шарҳа-шарҳаанд.
Одро ту бод додӣ дар ҷаҳон,
Дарфигандӣ дар азобу андуҳон.
Аз ту буд он сангсори қавми Лут,
Дар сиёҳоба зи ту хӯрданд ғӯт.
Мағзи Намруд аз ту омад рехта,
Эй ҳазорон фитнаҳо ангехта.
Ақли Фиръавни закии файласуф
Кӯр гашт аз ту, наёбид ӯ вуқуф.
Бӯлаҳаб ҳам аз ту ноаҳле шуда,
Булҳикам ҳам аз ту Бӯҷаҳле шуда.
Эй бар ин шатранҷ баҳри ёдро
Мот карда сад ҳазор устодро.
Эй зи фарзинбандҳои мушкилат
Сӯхта дилҳо, сияҳ гашта дилат.
Баҳри макрӣ ту, халоиқ қатрае,
Ту чу кӯҳӣ в-ин салимон заррае.
Кай раҳад аз макри ту, эй мухтасим!
Ғарқи тӯфонем «илло ман усим».
Бас ситорай саъд аз ту мухтариқ,
Бас сипоҳу ҷамъ аз ту муфтариқ.

## Боз ҷавоб гуфтани Иблис Муъовияро

Гуфт Иблисаш: «Гушой ин ақдро,
Ман миҳаккам қалброву нақдро.
Имтиҳони шеру калбам кард Ҳақ,
Имтиҳони нақду қалбам кард Ҳақ.

Қалбро ман кай сияҳрӯ кардаам?
Сайрафиям, қимати ӯ кардаам.
Некувонро раҳнамоӣ мекунам,
Шохаҳои хушкро бармеканам.
Ин алафҳо мениҳам, аз баҳри чист?
То падид ояд, ки ҳайвонҷинс кист.
Гург аз оҳу чу зояд кӯдаке,
Ҳаст дар гургӣ-шу оҳуӣ шаке.
Ту гиёҳу устухон пешаш бирез,
То кадомин сӯ кунад ӯ гом тез.
Гар ба сӯйи устухон ояд, саг аст,
В-ар гиё хоҳад, яқин оҳураг аст.
Қаҳру лутфе ҷуфт шуд бо ҳамдигар,
Зод аз ин ҳар ду ҷаҳоне хайру шар.
Ту гиёҳу устухонро арза кун,
Қути нафсу қути ҷонро арза кун.
Гар ғизои нафс ҷӯяд, абтар аст,
В-ар ғизои рӯҳ хоҳад, сарвар аст.
Гар кунад ӯ хидмати тан, ҳаст хар
В-ар равад дар баҳри ҷон, ёбад гуҳар.
Гарчи ин ду мухталиф хайру шаранд,
Лек ин ҳар ду ба як кор андаранд.
Анбиё тоъот арза мекунанд,
Душманон шаҳвот арза мекунанд.
Некро чун бад кунам? Яздон наям,
Доиям ман, холиқи эшон наям.
Хубро ман зишт созам, раб наям,
Зиштрову хубро ойинаам.
Сӯхт ҳинду ойина аз дардро,
К-ин сияҳрӯ менамояд мардро.
Гуфт ойина: «Гуноҳ аз ман набуд,
Ҷурм ӯро неҳ, ки рӯйи ман зудуд.
Ӯ маро ғаммоз карду ростгӯ,
То бигӯям зишт куву хуб ку?
Ман гувоҳам. Бар гуво зиндон куҷост?
Аҳли зиндон нестам, Эзад гувост».
Ҳар куҷо бинам ниҳоли мевадор,
Тарбиятҳо мекунам ман доявор.

Ҳар куҷо бинам дарахти талху хушк,
Мебурам ман, то раҳад аз пушк мушк.
Хушк гӯяд боғбонро, к-эй фато!
Мар маро чӣ мебурӣ сар бехато?
Боғбон гӯяд: «Хамӯш, эй зиштхӯ!
Бас набошад хушкии ту ҷурми ту?»
Хушк гӯяд: «Ростам ман, каж наям,
Ту чаро беҷурм мебуррӣ паям?»
Боғбон гӯяд: «Агар масъудие,
Кошкӣ каж будие, тар будие.
Ҷозиби оби ҳаёте гаштие,
Андар Оби Зиндагӣ оғаштие.
Тухми ту бад будаасту асли ту,
Бо дарахти хуш набуда васли ту.
Шохи талх ар бо хушӣ вуслат кунад,
Он хушӣ андар ниҳодаш барзанад».

## Унф кардани Муъовия бо Иблис

Гуфт амир: «Эй роҳзан, ҳуҷҷат магӯ,
Мар туро раҳ нест дар ман, заҳ маҷӯ.
Раҳзанию ман ғарибу тоҷирам,
Ҳар либосоте, ки орӣ, кай харам?
Гирди рахти ман магард аз кофирӣ,
Ту найӣ рахти касеро муштарӣ.
Муштарӣ набвад касеро роҳзан
В-ар намояд муштарӣ, макр асту фан.
То чӣ дорад ин ҳасуд андар каду?
Эй Худо, фарёд моро з-ин адӯ!
Гар яке фасле дигар дар ман дамад,
Даррабояд аз ман ин раҳзан намад.

## Нолидани Муъовия ба ҳазрати Ҳақ таъоло аз Иблис ва нусрат хостан

Ин ҳадисаш ҳамчу дуд аст, эй Илоҳ,
Даст гир, ар на, гилемам шуд сиёҳ.

Ман ба ҳуҷҷат барнаёям бо Билис,
К-ӯст фитнай ҳар шарифу ҳар хасис.
Одамӣ, к-ӯ алламу-л-асмобаг аст,
Дар таги чун барқи ин саг бетаг аст.
Аз биҳишт андохташ бар рӯйи хок,
Чун самак дар шасти ӯ шуд аз симок. 2720
Навҳаи «инно заламно» мезадӣ,
Нест дастону фусунашро ҳаде.
Андаруни ҳар ҳадиси ӯ шар аст,
Сад ҳазорон сеҳр дар вай музмар аст.
Мардии мардон бибандад дар нафас,
Дар зану дар мард афрӯзад ҳавас.
Эй Билиси халқсӯзи фитнаҷӯ,
Бар чиям бедор кардӣ? Рост гӯ!»

## Боз тақрири Иблис талбиси худро

Гуфт: «Ҳар марде, ки бошад бадгумон,
Нашнавад ӯ ростро бо сад нишон. 2725
Ҳар даруне, ки хаёландеш шуд,
Чун далел орӣ, хаёлаш беш шуд.
Чун сухан дар вай равад, иллат шавад,
Теғи ғозӣ duздро олат шавад.
Пас, ҷавоби ӯ сукут асту сукун,
Ҳаст бо аблаҳ сухан гуфтан ҷунун.
Ту зи ман бо Ҳақ чӣ нолӣ, эй салим,
Ту бинол аз шарри он нафси лаим.
Ту хурӣ ҳалво, туро думмал шавад,
Таб бигирад, табъи ту мухтал шавад. 2730
Бегунаҳ лаънат кунӣ Иблисро,
Чун набинӣ аз худ он талбисро.
Нест аз Иблис, аз туст, эй ғавӣ!
Ки чу рӯбаҳ сӯйи дунба медавӣ.
Чунки дар сабза бибинӣ дунбаро,
Дом бошад, ин надонӣ ту чаро?
З-он надонӣ, ки-т зи дониш дур кард,
Майли дунба чашму ақлат кӯр кард.
«Ҳуббука-л-ашёа юъмика юсим,
Нафсука-с-савдо ҷанат ло тахтасим». 2735

Ту гунаҳ бар ман манеҳ, каж-каж мабин,
Ман зи бад безораму аз ҳирсу кин.
Ман бадӣ кардам, пушаймонам ҳанӯз,
Интизорам, то шабам ояд ба рӯз.
Муттаҳам гаштам миёни халқ ман,
Феъли худ бар ман ниҳад ҳар марду зан.
Гурги бечора агарчи гурсуна-ст,
Муттаҳам бошад, ки ӯ дар тантана-ст.
Аз заифӣ чун надонад роҳ рафт,
Халқ гӯяд: «Тухма аст аз лути зафт».

## Боз илҳоҳ кардани Муъовия Иблисро

Гуфт: «Ғайри ростӣ нарҳонадат,
Дод сӯйи ростӣ мехонадат.
Рост гӯ, то вораҳӣ аз чанги ман,
Макр наншонад ғубори ҷанги ман».
Гуфт: «Чун донӣ дурӯғу ростро?
Эй хаёландеши пурандешаҳо!»
Гуфт: «Пайғамбар нишоне додааст,
Қалбу некӯро миҳак бинҳодааст.
Гуфтааст: «Ал-кизбу райбун фӣ-л-қулуб»,
Гуфт: «Ас-сидқу тумаънинун таруб».
Дил наёромад зи гуфтори дурӯғ,
Обу равған ҳеч нафрӯзад фурӯғ.
Дар ҳадиси рост ороми дил аст,
Ростиҳо донаи доми дил аст.
Дил магар ранҷур бошад, баддаҳон,
Ки надонад чошнии ину он,
Чун шавад аз ранҷу иллат дил салим,
Таъми кизбу ростро бошад алим.
Ҳирси Одам чун суйи гандум фузуд,
Аз дили Одам салимиро рабуд.
Пас дурӯғу ишваатро гӯш кард,
Ғарра гашту заҳри қотил нӯш кард.
Каждум аз гандум надонист он нафас,
Мепарад тамйиз аз масти ҳавас.
Халқ масти орзуянду ҳаво,
З-он пазироянд дастони туро.

Ҳар кӣ худро аз ҳаво хӯ боз кард,
Чашми худро ошнои роз кард».

## Шикояти қозӣ аз офати қазо ва ҷавоб гуфтани ноиб ӯро

Қозие биншонданду мегирист,
Гуфт ноиб: «Қозиё, гиря зи чист?
Ин на вақти гиряву фарёди туст,
Вақти шодию муборакбоди туст».
Гуфт: «Аҳ, чун ҳукм ронад бедиле
Дар миёни он ду олим ҷоҳиле?
Он ду хасм аз воқеай худ воқифанд,
Қозии мискин чӣ донад з-он ду банд?
Ҷоҳил асту ғофил аст аз ҳолашон,
Чун равад дар хунашону молашон?»
Гуфт: «Хасмон олиманду иллатӣ,
Ҷоҳилӣ ту, лек шамъи миллатӣ.
З-он ки ту иллат надорӣ дар миён,
Он фароғат ҳаст нури дигарон.
В-он ду олимро ғаразшон кӯр кард,
Илмашонро иллат андар гӯр кард.
Ҷаҳлро беиллатӣ олим кунад,
Илмро иллат каҷу золим кунад.
То ту ришват настадӣ, бинандаӣ,
Чун тамаъ кардӣ, зариру бандаӣ.
Аз ҳаво ман хӯйро во кардаам,
Луқмаҳои шаҳватӣ кам х(в)ардаам.
Чошнигири дилам шуд бофурӯғ,
Ростро донад ҳақиқат аз дурӯғ».

## Ба иқрор овардани Муъовия Иблисро

«Ту чаро бедор кардӣ мар маро?
Душмани бедорӣ ту, эй даға!
Ҳамчу хашхошӣ, ҳама хоб оварӣ,
Ҳамчун хамрӣ, ақлу донишро барӣ.

Чормехат кардаам ман, рост гӯ,
Ростро донам, ту ҳилатҳо маҷӯ.
Ман зи ҳар кас он тамаъ дорам, ки ӯ
Соҳиби он бошад андар табъу хӯ.
Ман зи сирка меначӯям шаккарӣ,
Мар муханнасро нагирам лашкарӣ.
Ҳамчу габрон ман начӯям аз буте,
К-ӯ бувад Ҳақ ё худ аз Ҳақ ояте.
Ман зи саргин меначӯям бӯйи мушк,
Ман дар оби чӯ начӯям хишти хушк.
Ман зи шайтон ин начӯям, к-ӯст ғайр,
Ки маро бедор гардонад ба хайр».
Гуфт бисёр он Билис аз макру ғадр,
Мир аз ӯ нашнид, кард истезу сабр.

## Рост гуфтани Иблис замири худро ба Муъовия

Аз буни дандон бигуфташ: «Баҳри он
Кардамат бедор, медон, эй фалон!
То расӣ андар ҷамоат дар намоз,
Аз пайи пайғамбари давлат фароз.
Гар намоз аз вақт рафтӣ, мар туро
Ин ҷаҳон торик гаштӣ беризо.
Аз ғабину дард рафтӣ ашкҳо
Аз ду чашми ту мисоли машкҳо.
Завқ дорад ҳар касе дар тоате,
Лоҷарам нашкебад аз вай соате.
Он ғабину дард будӣ сад намоз,
Ку намозу ку фурӯғи он ниёз?»

## Фазилати ҳасрат хӯрдани он мухлис бар фавти намози ҷамоат

Он яке мерафт дар масҷид дарун,
Мардум аз масҷид ҳамеомад бурун.
Гашт пурсон, ки ҷамоатро чӣ буд,
Ки зи масҷид ме бурун оянд зуд?

Он яке гуфташ, ки пайғамбар намоз
Бо ҷамоат карду фориғ шуд зи роз.
Ту куҷо дармеравӣ, эй марди хом?
Чунки пайғамбар бидодаст: «Ас-салом».
Гуфт: «Оҳу дуд аз он аҳ шуд бурун,
Оҳи ӯ медод аз дил бӯйи хун».
Он яке гуфто: «Бидеҳ он оҳро,
Ин намози ман туро, бодо ато».
Гуфт: «Додам оҳу пазруфтам намоз»,
Ӯ ситад он оҳро бо сад ниёз.
Шаб ба хоб – андар бигуфташ: Ҳотифо,
Ки харидӣ оби ҳайвону шифо.
Ҳурмати ин ихтиёру ин духул
Шуд намози ҷумлаи халқон қабул.

## Татиммаи иқрори Иблис ба Муъовия макри худро

Пас Азозилаш бигуфт: «Эй мири род,
Макри худ андар миён бояд ниҳод.
Гар намозаш фавт мешуд он замон,
Мезадӣ аз дарди дил оҳу фиғон.
Он таассуф в-он фиғону он ниёз
Даргузаштӣ аз дусад зикру намоз.
Ман туро бедор кардам аз ниҳеб,
То насӯзонад чунон оҳе ҳиҷеб.
То чунон оҳе набошад мар туро,
То бад-он роҳе набошад мар туро.
Ман ҳасудам. Аз ҳасад кардам чунин,
Ман адуввам. Кори ман макр асту кин».
Гуфт: «Акнун рост гуфтӣ, содиқӣ,
Аз ту ин ояд, ту инро лоиқӣ.
Анкабутӣ ту, магас дорӣ шикор,
Ман наям, эй саг, магас, заҳмат маёр!
Бози испедам, шикорам шаҳ кунад,
Анкабуте кай ба гирди мо танад?
Рав, магас мегир, то тонӣ, ҳало!
Сӯйи дӯғе зан магасҳоро сало.

В-ар бихонӣ ту ба сӯйи ангубин,
Ҳам дурӯғу дӯғ бошад он яқин.
Ту маро бедор кардӣ, хоб буд,
Ту намудӣ киштӣ, он гирдоб буд.
Ту маро дар хайр з-он мехондӣ,
То маро аз хайри беҳтар рондӣ».

## Фавт шудани дузд ба овоз додани он шахс соҳибхонаро, ки наздик омада буд, ки дуздро дарёбад ва бигирад

Ин бад-он монад, ки шахсе дузд дид
Дар вусоқ, андар пайи ӯ медавид.
То ду-се майдон давид андар пайаш,
То дарафганд он таъаб андар хайаш.
Андар он ҳамла, ки наздик омадаш,
То бад-ӯ андарҷаҳад, дарёбадаш.
Дузди дигар бонг кардаш, ки биё,
То бибинӣ ин аломоти бало.
Зуд бошу бозгард, эй марди кор,
То бибинӣ ҳол ин ҷо зори зор.
Гуфт: «Бошад, к-он тараф дузде бувад,
Гар нагардам зуд, ин бар ман равад.
Дар зану фарзанди ман дасте занад,
Бастани ин дузд судам кай кунад?
Ин мусулмон аз карам мехонадам,
Гар нагардам зуд, пеш ояд надам».
Бар умеди шафқати он некхоҳ
Дуздро бигзошт, бозомад ба роҳ.
Гуфт: «Эй ёри накӯ, аҳвол чист?
Ин фиғону бонги ту аз дасти кист?»
Гуфт: «Инак, бин нишони пойи дузд,
Ин тараф рафтаст дузди занбамузд.
Нак, нишони пойи дузди қалтабон,
Дар пайи ӯ рав бад-ин нақшу нишон».
Гуфт: «Эй аблаҳ, чӣ мегӯйӣ маро,
Ман гирифта будам охир мар варо.

Дуздро аз бонги ту бигзоштам,
Ман ту – харро одамӣ пиндоштам.
Ин чӣ жож асту чӣ ҳарза, эй фалон?
Ман ҳақиқат ёфтам, чӣ б-вад нишон?»
Гуфт: «Ман аз Ҳақ нишонат медиҳам,
Ин нишон аст, аз ҳақиқат огаҳам».
Гуфт: «Таррорӣ ту ё худ аблаҳӣ,
Балки ту дуздию з-ин ҳол огаҳӣ.
Хасми худро мекашидам ман кашон,
Ту раҳонидӣ варо, к-инак нишон!
Ту ҷиҳат гӯ, ман бурунам аз ҷиҳот,
Дар висол оёт ку ё баййинот?
Сунъ бинад марди маҳҷуб аз сифот,
Дар сифот он аст, к-ӯ гум кард зот.
Восилон чун ғарқи зотанд, эй писар!
Кай кунанд андар сифоти ӯ назар?
Чунки андар қаъри ҷӯ бошад сарат,
Кай ба ранги об афтад манзарат?
В-ар ба ранги об боз ойӣ зи қаър,
Пас, палосе бистадӣ, додӣ ту шаър.
Тоати ома гуноҳи хосагон,
Вуслати ома ҳиҷоби хос дон.
Мар вазиреро кунад шаҳ муҳтасиб,
Шаҳ адувви ӯ бувад, набвад муҳиб.
Ҳам гуноҳе карда бошад он вазир,
Бесабаб набвад тағаййур ногузир.
Он к-аз аввал муҳтасиб буд, худ варо
Бахту рӯзӣ он будаст аз ибтидо.
Лек он к-аввал вазири шаҳ будаст,
Муҳтасиб кардан сабаб феъли бад аст.
Чун туро шаҳ з-остона пеш хонд,
Боз сӯйи остона бозронд.
Ту яқин медон, ки ҷурме кардаӣ,
Ҷабрро аз ҷаҳл пеш овардаӣ,
Ки маро рӯзию қисмат ин будаст,
Пас, чаро дӣ будат он давлат ба даст?
Қисмати худ худ буридӣ ту зи ҷаҳл,
Қисмати худро фазояд марди аҳл.

## Қиссаи мунофиқон ва масҷиди Зирор сохтани эшон

Як мисоли дигар андар кажравӣ,
Шояд ар аз нақли Қуръон бишнавӣ.
Инчунин кажбозие дар ҷуфту тоқ
Бо набӣ мебохтанд аҳли нифоқ,
К-аз барои иззи дини аҳмадӣ
Масҷиде созему буд он муртадӣ.
Инчунин каж бозие мебохтанд,
Масҷиде ҷуз масҷиди ӯ сохтанд.
Сақфу фаршу қуббааш ороста,
Лек тафриқи ҷамоат хоста.
Назди пайғамбар ба лоба омаданд,
Ҳамчу уштур пеши ӯ зону заданд,
К-эй расули Ҳақ, барои муҳсинӣ
Сӯйи он масҷид қадам ранҷа кунӣ?
То муборак гардад аз иқдоми ту,
То қиёмат тоза бодо номи ту!
Масҷиди рӯзи гил асту рӯзи абр,
Масҷиди рӯзи зарурат, вақти факр,
То ғарибе ёбад он ҷо хайру ҷо,
То фаровон гардад ин хидматсаро.
То шиори дин шавад бисёру пур,
З-он ки бо ёрон шавад хуш кори мур.
Соате он ҷойгаҳ ташриф деҳ,
Тазкиямон кун зи мо, таъриф деҳ.
Масҷиду асҳоби масҷидро навоз,
Ту маҳӣ, мо шаб, даме бо мо бисоз,
То шавад шаб аз ҷамолат ҳамчу рӯз,
Эй ҷамолат офтоби ҷонфурӯз».
Эй дареғо, к-он сухан аз дил будӣ,
То муроди он нафар ҳосил шудӣ.
Лутф, к-ояд бедилу ҷон дар забон,
Ҳамчу сабзай тун бувад, эй дӯстон!
Ҳам зи дураш бингару андаргузар,
Хӯрдану бӯро нашояд, эй писар!

Сӯйи лутфи бевафоён, ҳин, марав,
К-он пули вайрон бувад, некӯ шунав.
Гар қадамро ҷоҳиле бар вай занад,
Бишканад пул в-он қадамро бишканад.
Ҳар куҷо лашкар шикаста мешавад,
Аз ду-се сусти муханнас мебувад.
Дар саф ояд бо силоҳ ӯ мардвор,
Дил бар ӯ бинҳанд, к-инак ёри ғор.
Рӯ бигардонад, чу бинад захмро,
Рафтани ӯ бишканад пушти туро.
Ин дароз асту фаровон мешавад
В-он чи мақсуд аст, пинҳон мешавад.

## Фирефтани мунофиқон пайғамбарро, алайҳиссалом, то ба масҷиди Зирораш баранд

Бар расули Ҳақ фусунҳо хонданд,
Рахши дастону ҳиял меронданд.
Он расули меҳрбони раҳмкеш
Ҷуз табассум, ҷуз бале новард пеш.
Шукрҳои он ҷамоат ёд кард,
Дар иҷобат қосидонро шод кард.
Менамуд он макри эшон пеши ӯ
Як ба як з-он сон, ки андар шир мӯ.
Мӯйро нодида мекард он латиф,
Ширро шобош мегуфт он зариф.
Сад ҳазорон мӯйи макру дамдама
Чашм хобонид он дам аз ҳама.
Рост мефармуд он баҳри карам:
«Бар шумо ман аз шумо мушфиқтарам».
Ман нишаста бар канори оташе,
Бо фурӯғу шуълаи бас нох(в)аше.
Ҳамчу парвона шумо он сӯ давон,
Ҳар ду дасти ман шуда парвонарон.
Чун бар он шуд, то равон гардад расул,
Ғайрати Ҳақ бонг зад: «Машнав зи ғӯл,
К-ин хабисон макру ҳилат кардаанд,
Ҷумла мақлуб аст, он-ч овардаанд.

Қасди эшон ҷуз сияҳрӯӣ набуд,
Хайри дин кай ҷуст тарсову ҷуҳуд?
Масҷиде бар ҷисри дӯзах сохтанд,
Бо Худо нарди дағоҳо бохтанд.
Қасдашон тафриқи асҳоби расул,
Фазли Ҳақро кай шиносад ҳар фузул?
То ҷуҳудеро зи Шом ин ҷо кашанд,
Ки ба ваъзи ӯ ҷуҳудон сарх(в)ашанд.
Гуфт пайғамбар, ки оре, лек мо
Бар сари роҳем бар азми ғазо.
З-ин сафар чун бозгардам, онгаҳон
Сӯйи он масҷид равон гардам, равон.
Дафъашон гуфту ба сӯйи ғазв тохт,
Бо дағоён аз дағо нарде бибохт.
Чун биёмад аз ғазо, бозомаданд,
Чанг андар ваъдаи мозӣ заданд.
Гуфт Ҳаққаш: «Эй паямбар, фош гӯ
Узрро в-ар ҷанг бошад, бош гӯ».
Гуфт: «Эй қавми дағал, хомуш кунед,
То нагӯям розҳотон, тан занед!»
Чун нишоне чанд аз асрорашон
Дар баён овард, бад шуд корашон.
Қосидон з-ӯ бозгаштанд он замон,
«Ҳошалиллаҳ, ҳошалиллаҳ» дамзанон.
Ҳар мунофиқ Мусҳафе зери бағал
Сӯйи пайғамбар биёвард аз дағал.
Баҳри савгандон, ки имон ҷуннатест,
З-он ки савгандон кажонро суннатест.
Чун надорад марди каж дар дин вафо,
Ҳар замоне бишканад савгандро.
Ростонро ҳоҷати савганд нест,
З-он ки эшонро ду чашми равшанест.
Нақси мисоқу уҳуд аз аҳмақист,
Ҳифзи имону вафо кори тақист.
Гуфт пайғамбар, ки савганди шумо
Рост гирам ё ки савганди Худо?
Боз савганде дигар хӯрданд қавм,
Мусҳаф андар дасту бар лаб муҳри савм,

Ки ба ҳаққи ин каломи поки рост,
К-он бинои масҷид аз баҳри Худост.
Андар он ҷо ҳеч ҳила-в макр нест,
Андар он ҷо зикру сидқу ё рабест. 2890
Гуфт пайғамбар, ки овози Худо
Мерасад дар гӯши ман ҳамчун садо.
Муҳр бар гӯши шумо бинҳод Ҳақ,
То ба овози Худо н-орад сабақ.
Нак, сареҳ овози Ҳақ меоядам,
Ҳамчу соф аз дурд меполоядам.
Ҳамчунон ки Мӯсӣ аз сӯйи дарахт
Бонги Ҳақ бишнид, к-эй масъудбахт!
Аз дарахт «иннӣ аналлаҳ» мешунид.
Бо калом анвор меомад падид. 2895
Чун зи нури ваҳй дармемонданд,
Боз нав савгандҳо мехонданд.
Чун Худо савгандро хонад сипар,
Кай ниҳад испар зи каф пайкоргар?
Боз пайғамбар ба такзиби сареҳ
«Қад казабтум» гуфт бо эшон фасеҳ.

## Андешидани яке аз саҳоба ба инкор, ки расул, алайҳиссалом, чаро satторӣ намекунад?

То яке ёре зи ёрони расул
Дар дилаш инкор омад з-он нукул,
Ки чунин пирони бошайбу вақор
Мекунадшон ин паябар шармсор? 2900
Ку карам? Ку ситрпӯшӣ? Ку ҳаё?
Сад ҳазорон айб пӯшанд анбиё.
Боз дар дил зуд истиғфор кард,
То нагардад з-эътироз ӯ рӯйзард.
Шумии ёрии асҳоби нифоқ
Кард муъминро чу эшон зишту оқ.
Боз мезорид, к-эй алломи сирр,
Мар маро магзор бар куфрон мусирр.
Дил ба дастам нест ҳамчун диди чашм
В-арна дилро сӯзаме ин дам зи хашм». 2905

Андар ин андеша хобаш даррабуд,
Масҷиди эшон-ш пурсаргин намуд.
Сангҳош андар ҳадасҷойи табоҳ,
Медамид аз сангҳо дуди сиёҳ.
Дуд дар ҳалқаш шуду ҳалқаш бихаст,
Аз ниҳеби дуди талх аз хоб ҷаст.
Дарзамон дар рӯ фитоду мегирист,
К-эй Худо, инҳо нишони мункирист.
Хилм беҳтар аз чунин ҳилм, эй Худо,
Ки кунад аз нури имонам ҷудо».
Гар бикови кӯшиши аҳли маҷоз,
Тӯ ба тӯ ганда бувад ҳамчун пиёз.
Ҳар яке аз якдигар бемағзтар,
Содиқонро як зи дигар нағзтар.
Сад камар он қавм баста бар қабо
Баҳри ҳадми масҷиди аҳли Қубо.
Ҳамчу он Асҳоби Фил андар Ҳабаш
Каъбае карданд, Ҳақ оташ задаш.
Қасди Каъба сохтанд, аз интиқом
Ҳолашон чун шуд? Фурӯ хон аз калом.
Мар сияҳрӯёни динро худ ҷиҳез
Нест, илло ҳилату макру ситез.
Ҳар саҳобӣ дид з-он масҷид аён
Воқеа то шуд яқиншон сирри он.
Воқеот ар бозгӯям як ба як,
Пас яқин гардад сафо бар аҳли шак.
Лек метарсам зи кашфи розашон,
Нозанинонанду зебад нозашон.
Шаръи бетақлид мепазруфтаанд,
Бемиҳак он нақдро бигрифтаанд.
Ҳикмати Қуръон чу золай муъмин аст,
Ҳар касе дар золаи худ мӯқин аст.

## Қиссаи он шахс, ки уштури золлаи худ меҷуст ва мепурсид

Уштуре гум кардию ҷустӣ-ш ҷуст,
Чун биёбӣ, чун надонӣ, к-они туст?

Зола чӣ б-вад? Ноқае гум кардаӣ,
Аз кафат бигрехта дар пардае.
Омада дар бор кардан корвон,
Уштури ту з-он миён гашта ниҳон.
Медавӣ ин сӯву он сӯ хушклаб,
Корвон шуд дуру наздик аст шаб.
Рахт монда бар замин дар роҳи хавф,
Ту пайи уштур давон гашта ба тавф,
К-эй мусулмонон, кӣ дида-ст уштуре?
Ҷаста берун бомдод аз охуре?
Ҳар кӣ баргӯяд нишон аз уштурам,
Муждагонӣ медиҳам чандин дирам.
Бозмеҷӯйӣ нишон аз ҳар касе,
Ришхандат мекунад з-ин ҳар хасе.
К-уштуре дидем, мерафт ин тараф,
Уштури сурхе, ба сӯйи он алаф.
Он яке гӯяд: буридагӯш буд?
В-он дигар гӯяд, ҷулаш манқуш буд?
Он яке гӯяд: шутур якчашм буд?
В-он дигар гӯяд: зи гар бепашм буд?
Аз барои муждагонӣ сад нишон
Аз газофа ҳар хасе карда баён.

## Мутараддид шудан дар миёни мазҳабҳои мухталиф ва беруншаву махлас ёфтан

Ҳамчунон ки ҳар касе дар маърифат
Мекунад мавсуфи ғайбиро сифат,
Фалсафӣ аз навъи дигар карда шарҳ,
Боҳисе мар гуфти ӯро карда ҷарҳ.
В-он дигар дар ҳар ду таъна мезанад
В-он дигар аз зарқ ҷоне меканад.
Ҳар як аз раҳ ин нишонҳо з-он диҳанд,
То гумон ояд, ки эшон з-он деҳанд.
Ин ҳақиқат дон, на ҳаққанд ин ҳама,
На ба куллӣ гумраҳонанд ин рама.
З-он ки беҳақ ботиле н-ояд падид,
Қалбро аблаҳ ба бӯйи зар харид.

Гар набудӣ дар ҷаҳон накде равон,
Қалбҳоро харҷ кардан кай тавон?
То набошад рост, кай бошад дурӯғ?
Он дурӯғ аз рост мегирад фурӯғ.
Бар умеди рост кажро мехаранд,
Заҳр дар қанде равад, он гаҳ х(в)аранд.
Гар набошад гандуми маҳбуби нӯш,
Чӣ барад гандумнамои ҷавфурӯш?
Пас, магӯ ин ҷумла дамҳо ботиланд,
Ботилон бар бӯйи Ҳақ доми диланд.
Пас, магӯ ҷумла хаёл асту залол,
Бе ҳақиқат нест дар олам хаёл.
Ҳақ шаби қадр аст дар шабҳо ниҳон,
То кунад ҷон ҳар шаберо имтиҳон.
На ҳама шабҳо бувад қадр, эй ҷавон!
На ҳама шабҳо бувад холӣ аз он.
Дар миёни далқпӯшон як фақир,
Имтиҳон кун в-он ки ҳаққ аст, он бигир.
Муъмини «каййис мумаййиз» ку? Ки то
Боздонад ҳезаконро аз фато.
Гарна маъюбот бошад дар ҷаҳон,
Тоҷирон бошанд ҷумла аблаҳон.
Пас, бувад колошиносӣ сахт саҳл,
Чунки айбе нест чӣ ноаҳлу аҳл?
В-ар ҳама айб аст, дониш суд нест,
Чун ҳама чӯб аст, ин ҷо уд нест.
Он ки гӯяд, ҷумла ҳаққанд, аҳмақист,
В-он ки гӯяд, ҷумла ботил, ӯ шақист.
Тоҷирони анбиё карданд суд,
Тоҷирони рангу бӯ кӯру кабуд.
Менамояд мор андар чашм мол,
Ҳар ду чашми хешро некӯ бимол.
Мангар андар ғибтаи ин байъу суд,
Бингар андар хусри Фиръавну Самуд.
Андар ин гардун мукаррар кун назар,
З-он ки Ҳақ фармуд: «Сумма-рҷиъ басар».

## Имтиҳони ҳар чизе то зоҳир шавад хайру шарре, ки дар вай аст

Як назар қонеъ машав з-ин сақфи нур,
Борҳо бингар, бибин: «ҳал мин футур»?
Чунки гуфтат, к-андар ин сақфи накӯ,
Борҳо бингар чу марди айбҷӯ.
Пас, замини тираро донӣ, ки чанд
Дидану тамйиз бояд дар писанд?
То биполоем софонро зи дурд,
Чанд бояд ақли моро ранҷ бурд?
Имтиҳонҳои зимистону хазон,
Тоби тобистон, баҳори ҳамчу ҷон.
Бодҳову абрҳову барқҳо,
То падид орад авориз, фарқҳо.
То бурун орад замини хокранг,
Ҳар чӣ андар ҷайб дорад лаълу санг.
Ҳар чӣ duздидаст ин хоки дижам
Аз хизонай Ҳаққу дарёи карам,
Шаҳнаи тақдир гӯяд, рост гӯ,
Он чӣ бурдӣ, шарҳ водеҳ мӯ ба мӯ.
Дузд, яъне хок гӯяд ҳеч-ҳеч,
Шаҳна ӯро даркашад дар печ-печ.
Шаҳна гоҳаш лутф гӯяд чун шакар,
Гаҳ баровезад, кунад ҳар чӣ батар.
То миёни қаҳру лутф он хуфяҳо
Зоҳир ояд з-оташи хавфу раҷо.
Он баҳорон лутфи шаҳнай кибриёст,
В-он хазон таҳдиду тахвифи Худост.
В-он зимистон чормехи маънавӣ,
То ту, эй дузди хафӣ, зоҳир шавӣ.
Пас, муҷоҳидро замоне басти дил
Як замоне қабзу дарду ғишшу ғил.
З-он ки ин обу гиле, к-абдони мост,
Мункиру дузди зиёи ҷонҳост.
Ҳақ таъоло гарму сарду ранҷу дард
Бар тани мо мениҳад, эй шермард!

Хавфу ҷӯъу нақси амволу бадан,
Ҷумла баҳри нақди ҷон зоҳир шудан.
Ин ваъиду ваъдаҳо ангехта-ст,
Баҳри ин неку баде, к-омехта-ст.
Чунки ҳаққу ботиле омехтанд,
Нақду қалб андар ҳурумдон рехтанд.
Пас, миҳак мебоядаш бигзидае,
Дар ҳақоиқ имтиҳонҳо дидае,
То шавад форуқи ин тазвирҳо,
То бувад дастури ин тадбирҳо.
Шир деҳ, эй модари Мӯсо, варо
В-андар об афган, маяндеш аз бало.
Ҳар кӣ дар рӯзи аласт он шир х(в)ард,
Ҳамчу Мӯсо ширро тамйиз кард.
Гар ту бар тамйизи тифлат мӯлаъӣ,
Ин замон, ё умми Мӯсо, «арзиъӣ»!
То бибинад таъми шири модараш,
То фурӯ н-ояд ба дояй бад сараш.

## Шарҳи фоидаи ҳикояти он шахси шутурҷӯянда

Уштуре гум кардаӣ, эй муътамад!
Ҳар касе, з-уштур нишонат медиҳад.
Ту намедонӣ, ки он уштур куҷост,
Лек донӣ, к-ин нишониҳо хатост.
В-он ки уштур гум накард ӯ аз мирӣ,
Ҳамчу он гумкарда ҷӯяд уштуре,
Ки, бале, ман ҳам шутур гум кардаам,
Ҳар кӣ ёбад, уҷраташ овардаам.
То дар уштур бо ту анбозӣ кунад,
Баҳри тамъи уштур ин бозӣ кунад.
Ӯ нишони каж бинашносад зи рост,
Лек гуфтат он муқаллидро асост.
Ҳар чиро гӯйӣ: «Хато буд он нишон»,
Ӯ ба тақлиди ту мегӯяд ҳамон.
Чун нишони рост гӯянду шабеҳ,
Пас, яқин гардад туро «ло райба фиҳ».

Он шифои ҷони ранҷурат шавад,
Ранги рӯю сиҳҳату зӯрат шавад.
Чашми ту равшан шавад, поят давон,
Ҷисми ту ҷон гардаду ҷонат равон.
Пас бигӯйӣ: «Рост гуфтӣ, эй амин»,
Ин нишониҳо балоғ омад, мубин.
«Фиҳи оётун сиқотун баййинот»,
Ин бароте бошаду қадри наҷот.
Ин нишон чун дод, гӯйӣ пеш рав,
Вақти оҳанг аст, пешоҳанг шав.
Пайравии ту кунам, эй ростгӯ,
Бӯй бурдӣ з-уштурам, бинмо, ки ку?
Пеши он кас, ки на соҳибуштурест,
К-ӯ дар ин ҷусти шутур баҳри мирист.
З-ин нишони рост н-афзудаш яқин,
Ҷуз зи акси ноқаҷӯйи ростин.
Бӯй бурд аз ҷидду гармиҳои ӯ,
Ки газофа нест ин ҳайҳои ӯ.
Андар ин уштур набудаш ҳақ, вале
Уштуре гум кардааст ӯ ҳам, бале.
Тамъи ноқай ғайр рӯпӯшаш шуда,
Он-ч аз ӯ гум шуд, фаромӯшаш шуда.
Ҳар куҷо ӯ медавад, ин медавад,
Аз тамаъ ҳамдарду соҳиб мешавад.
Козибе бо содиқе чун шуд равон,
Он дурӯғаш ростӣ шуд ногаҳон.
Андар он саҳро, ки он уштур шитофт,
Уштури худ низ он дигар биёфт.
Чун бидидаш, ёд овард они хеш,
Бетамаъ шуд з-уштурони ёру хеш.
Он муқаллид шуд муҳаққиқ, чун бидид
Уштури худро, ки он ҷо мечарид.
Ӯ талабкори шутур он лаҳза гашт,
Менаҷусташ, то надид ӯро ба дашт.
Баъд аз он танҳоравӣ оғоз кард,
Чашм сӯйи ноқаи худ боз кард.
Гуфт он содиқ: «Маро бигзоштӣ?
То беҳ акнун поси ман медоштӣ!»

Гуфт: «То акнун фусусе будаам
В-аз тамаъ дар чоплусӣ будаам.
Ин замон ҳамдарди ту гаштам, ки ман
Дар талаб аз ту ҷудо гаштам ба тан.
Аз ту медуздидаме васфи шутур,
Ҷони ман дид они худ, шуд чашм пур.
То наёбидам, набудам толибаш,
Мис кунун мағлуб шуд, зар ғолибаш.
Сайййиотам шуд ҳама тоот, шукр,
Ҳазл шуд фонию ҷидд исбот, шукр.
Сайййиотам чун василат шуд ба Ҳақ,
Пас, мазан бар сайййиотам ҳеч дақ.
Мар туро сидқи ту толиб карда буд,
Мар маро ҷидду талаб сидқе гушуд.
Сидқи ту овард дар ҷустан туро,
Ҷустанам овард дар сидқе маро.
Тухми давлат дар замин мекоштам,
Сухраву бегор мепиндоштам.
Он набуд бегор, касбе буд чуст,
Ҳар яке дона, ки киштам, сад бируст.
Дузд сӯйи хонае шуд зердаст,
Чун даромад, дид, к-он хонай худ аст.
Гарм бош, эй сард, то гармӣ расад,
Бо дуруштӣ соз, то нармӣ расад.
Он ду уштур нест, он як уштур аст,
Танг омад лафз, маънӣ бас пур аст.
Лафз дар маънӣ ҳамеша норасон,
З-он паямбар гуфт: «Қад калла лисон».
Нутқ устурлоб бошад дар ҳисоб,
Чӣ қадар донад зи чарху офтоб?
Хоса чархе, к-ин фалак з-ӯ парраест,
Офтоб аз офтобаш зарраест.

## Баёни он ки дар ҳар нафсе фитнаи масҷиди Зирор ҳаст

Чун падид омад, ки он масҷид набуд,
Хонаи ҳилат буду доми ҷуҳуд.

Пас набӣ фармуд, к-онро баркананд,
Матраҳай хошоку хокистар кунанд.
Соҳиби масҷид чу масҷид қалб буд,
Донаҳо бар дом резӣ, нест ҷуд.
Гӯшт, к-андар шасти ту моҳирабост,
Ончунон луқма на бахшиш, на сахост. 3030
Масҷиди аҳли Қубо, к-он буд ҷамод,
Он чи куфви ӯ набуд, роҳаш надод.
Дар ҷамодот инчунин ҳайфе нарафт,
Зад дар он нокуфв амири дод нафт.
Пас ҳақоиқро, ки асли аслҳост,
Дон, ки он ҷо фарқҳову фаслҳост.
На ҳаёташ чун ҳаёти ӯ бувад,
На мамоташ чун мамоти ӯ бувад.
Гӯри ӯ ҳаргиз чу гӯри ӯ мадон,
Худ чӣ гӯям ҳоли фарқи он ҷаҳон? 3035
Бар миҳак зан кори худ, эй марди кор,
То насозӣ масҷиди аҳли Зирор.
Бас дар он масҷидкунон тасхар задӣ,
Чун назар кардӣ, ту худ з-эшон будӣ.

## Ҳикояти ҳинду, ки бо ёри худ ҷанг мекард бар коре ва хабар надошт, ки ӯ ҳам бад-он мубталост

Чор ҳинду дар яке масҷид шуданд,
Баҳри тоат рокиъу соҷид шуданд.
Ҳар яке бар нийяте такбир кард,
Дар намоз омад ба мискинию дард.
Муъзин омад, аз яке лафзе биҷаст,
К-эй муаззин, бонг кардӣ, вақт ҳаст? 3040
Гуфт он ҳиндуи дигар аз ниёз:
«Ҳай, сухан гуфтию ботил шуд намоз».
Он сеюм гуфт он дувумро: «Эй аму!
Чӣ занӣ таъна бар ӯ? Худро бигӯ».
Он чаҳорум гуфт: «Ҳамдуллаҳ, ки ман
Дарнаяфтодам ба чаҳ чун он се тан».
Пас намози ҳар чаҳорон шуд табоҳ,
Айбгӯён бештар гум карда роҳ.

Эй хунукҷоне, ки айби хеш дид,
Ҳар кӣ айбе гуфт, он бар худ харид.
З-он ки ними ӯ зи айбистон будаст
В-он дигар нимаш зи ғайбистон будаст.
Чунки бар сар мар туро дах реш ҳаст,
Марҳамат бар хеш бояд кор баст.
Айб кардан хешро доруи ӯст,
Чун шикаста гашт, ҷойи «ирҳаму»-ст.
Гар ҳамон айбат набуд, эмин мабош,
Бу, ки он айб аз ту гардад низ фош.
«Ло тахофу» аз Худо нашнидаӣ,
Пас, чӣ худро эмину хуш дидаӣ?
Солҳо Иблис некӯном зист,
Гашт расво, бин, ки ӯро ном чист.
Дар ҷаҳон маъруф буд алёи ӯ,
Гашт маъруфе ба акс, эй войи ӯ!
То найӣ эмин, ту маъруфӣ маҷӯ,
Рӯ бишӯй аз хавф, пас бинмой рӯ.
То нарӯяд риши ту, эй хуби ман,
Бар дигар содазанах таъна мазан.
Ин нигар, ки мубтало шуд ҷони ӯ,
Дар чаҳе афтод, то шуд панди ту.
Ту наяфтодӣ, ки бошӣ панди ӯ,
Заҳр ӯ нӯшид, ту хур қанди ӯ.

## Қасд кардани ғузон ба куштани як марде, то он дигар битарсад

Он ғузони турк хунрез омаданд,
Баҳри яғмо бар деҳе ногаҳ заданд.
Ду кас аз аъёни он деҳ ёфтанд,
Дар ҳалоки он яке биштофтанд.
Даст бастандаш, ки қурбонаш кунанд,
Гуфт: «Эй шоҳону аркони баланд,
Дар чаҳи маргам чаро меафганед?
Аз чӣ, охир, ташнаи хуни манед?
Чист ҳикмат? Чӣ ғараз дар куштанам?
Чун чунин дарвешаму урёнтанам».

Гуфт: «То ҳайбат бар ин ёрат занад,
То битарсад ӯву зар пайдо кунад».
Гуфт: «Охир, ӯ зи ман мискинтар аст»,
Гуфт: «Қосид кардааст, ӯро зар аст».
Гуфт: «Чун ваҳм аст, мо ҳар ду якем,
Дар мақоми эҳтимолу дар шакем.
Худ варо бикшед аввал, эй шаҳон,
То битарсам ман, диҳам зарро нишон».
Пас, карамҳои илоҳӣ бин, ки мо
Омадем охирзамон дар интиҳо.
Охирини қарнҳо пеш аз қурун,
Дар ҳадис аст: охируна-с-собиқун.
То ҳалоки қавми Нӯҳу қавми Ҳуд
Оризи раҳмат ба ҷони мо намуд.
Кушт эшонро, ки мо тарсем аз ӯ
В-ар худ ин баръакс кардӣ, вои ту.

## Баёни ҳоли худпарастон ва ношукрон дар неъмати вуҷуди анбиё ва авлиё, алайҳимуссалом

Ҳар кӣ з-эшон гуфт аз айбу гуноҳ
В-аз дили чун санг в-аз ҷони сиёҳ.
В-ар сабукдории фармонҳои ӯ
В-аз фароғат, аз ғами фардои ӯ.
В-аз ҳавас в-аз ишқи ин дунёи дун,
Чун занон мар нафсро будан забун.
В-он фирор аз нуктаҳои носиҳон
В-он рамидан аз лиқои солиҳон.
Бо дилу бо аҳли дил бегонагӣ,
Бо шаҳон тазвиру рӯбаҳшонагӣ.
Серчашмонро гадо пиндоштан,
Аз ҳасадшон хуфя душман доштан.
Гар пазирад чиз, ту гӯйӣ, гадост,
В-арна гӯйӣ: зарқу макр асту дағост.
Гар даромезад, ту гӯйӣ, томиъ аст
В-арна гӯйӣ, дар такаббур мӯлаъ аст.
Ё мунофиқвор узр орӣ, ки ман
Мондаам дар нафқаи фарзанду зан.

На маро парвои сар хоридан аст,
На маро парвои дин варзидан аст.
Эй фалон, моро ба ҳиммат ёд дор,
То шавем аз авлиё поёни кор.
Ин сухан ҳам не зи дарду сӯз гуфт,
Хобноке ҳарза гуфту боз хуфт:
«Ҳеч чора нест аз қути аёл,
Аз буни дандон кунам касби ҳалол».
Чӣ ҳалол? Эй гашта аз аҳли залол,
Ғайри хуни ту намебинам ҳалол.
Аз Худо чорасташу аз қут не,
Чора-ш аст аз дину аз тоғут не.
Эй ки сабрат нест аз дунёи дун,
Сабр чун дорӣ зи «ниъма-л-моҳидун»?
Эй ки сабрат нест аз нозу наъим,
Сабр чун дорӣ аз Аллоҳи карим?
Эй ки сабрат нест аз поку палид,
Сабр чун дорӣ аз он кинофарид?
Ку халиле, к-ӯ бурун омад зи ғор,
Гуфт: «Ҳозо рабби, ҳон, ку Кирдгор?»
Ман нахоҳам дар ду олам бингарист,
То набинам ин ду маҷлис они кист.
Бе тамошои сифатҳои Худо
Гар хурам нон, дар гулӯ монад маро.
Чун гуворад луқма бе дидори ӯ?
Бе тамошои гулу гулзори ӯ?
Ҷуз бар уммеди Худо з-ин обх(в)ар
Кай хурад як лаҳза ғайри гову хар?
Он ки «ка-л-анъом» буд, бал «ҳум азал»,
Гарчи пурмакр аст он гандабағал,
Макри ӯ сарзеру ӯ сарзер шуд,
Рӯзгорак бурду рӯзаш дер шуд.
Фикргоҳаш кунд шуд, ақлаш хариф,
Умр шуд, чизе надорад чун алиф.
Он чи мегӯяд: «Дар ин андешаам»,
Он ҳам аз дастони он нафс аст ҳам.
В-он чи мегӯяд: «Ғафур асту раҳим»,
Нест он ҷуз ҳилаи нафси лаим.

Эй зи ғам мурда, ки даст аз нон тиҳист,
Гар ғафур асту раҳим, ин тарс чист?

## Шикоят гуфтани пирмарде ба табиб аз ранҷуриҳо ва ҷавоб гуфтани табиб ӯро

Гуфт пире мар табиберо, ки ман
Дар заҳирам аз димоғи хештан.
Гуфт: «Аз пирист он заъфи димоғ»,
Гуфт: «Бар чашмам зи зулмат ҳаст доғ».
Гуфт: «Аз пирист, эй шайхи қадим!»
Гуфт: «Пуштам дард меояд азим».
Гуфт: «Аз пирист, эй шайхи низор!»
Гуфт: «Ҳар чӣ мехурам, набвад гувор».
Гуфт: «Заъфи меъда ҳам аз пирӣ аст»,
Гуфт: «Вақти дам маро дамгирӣ аст».
Гуфт: «Оре, инқитоъи дам бувад,
Чун расад пирӣ, дусад иллат шавад».
Гуфт: «Эй аҳмақ, бар ин бардӯхтӣ?
Аз табибӣ ту ҳамин омӯхтӣ?
Эй мудаммағ, ақлат ин дониш надод,
Ки Худо ҳар ранҷро дармон ниҳод?
Ту, хари аҳмақ, зи андакмоягӣ
Бар замин мондӣ зи кӯтаҳпоягӣ».
Пас табибаш гуфт: «Эй умри ту шаст,
Ин ғазаб в-ин хашм ҳам аз пирӣ аст.
Чун ҳама авсофу аҷзо шуд наҳиф,
Хештандорию сабрат шуд заъиф.
Барнатобад ду сухан, зу ҳай кунад,
Тоби як ҷуръа надорад, қай кунад».
Ҷуз магар пире, ки аз Ҳаққ аст маст,
Дар даруни ӯ ҳаёти таййиба-ст.
Аз бурун пир асту дар ботин сабӣ,
Худ чӣ чиз аст он валию он набӣ?
Гар на пайдоянд пеши неку бад,
Чист бо эшон хасонро ин ҳасад?
В-ар намедонандашон илмуляқин,
Чист ин буғзу ҳиялсозию кин?

В-ар бидонандӣ ҷазои растахез,
Чун занандӣ хеш бар шамшери тез?
Бар ту механдад, мабин ӯро чунон,
Сад қиёмат дар дарун асташ ниҳон.
Дӯзаху ҷаннат ҳамай аҷзои ӯст,
Ҳар чӣ андешӣ ту, ӯ болои ӯст.
Ҳар чӣ андешӣ, пазирои фаност,
Он ки дар андеша н-ояд, он Худост.
Бар дари ин хона густохӣ зи чист?
Гар ҳамедонанд, к-андар хона кист.
Аблаҳон таъзими масҷид мекунанд,
Дар ҷафои аҳли дил ҷид мекунанд.
Он маҷоз аст, ин ҳақиқат, эй харон,
Нест масҷид ҷуз даруни сарварон.
Масҷиде, к-он андаруни авлиёст,
Саҷдагоҳи ҷумла аст, он ҷо Худост.
То дили марди Худо н-омад ба дард,
Ҳеч қавмеро Худо расво накард.
Қасди ҷанги анбиё медоштанд,
Ҷисм диданд, одамӣ пиндоштанд.
Дар ту ҳаст ахлоқи он пешиниён,
Чун наметарсӣ, ки ту бошӣ ҳамон?
Он нишониҳо ҳама чун дар ту ҳаст,
Чун ту з-эшонӣ, куҷо хоҳӣ бираст?

## Қиссаи Ҷӯҳӣ ва он кӯдак, ки пеши ҷанозаи падар навҳа мекард

Кӯдаке дар пеши тобути падар
Зор менолиду бармекӯфт сар,
К-эй падар, охир куҷоят мебаранд?
То туро дар зери хоке бифшуранд.
Мебарандат хонае тангу заҳир!
Не дар ӯ қолию не дар вай ҳасир.
Не чароғе дар шабу на рӯз нон,
На дар ӯ бӯйи таому на нишон.
Не дари маъмур, не бар бом роҳ,
Не яке ҳамсоя, к-ӯ бошад паноҳ.

Чашми ту, ки бӯсагоҳи халқ буд,
Чун шавад дар хонае кӯру кабуд?
Хонае бе зинҳору ҷойи танг,
Ки дар ӯ на рӯй мемонад, на ранг.
З-ин насақ авсофи хона мешумурд,
В-аз ду дида ашки хунин мефушурд.
Гуфт Ҷӯҳӣ бо падар: «Эй арҷманд,
Валлаҳ, инро хонаи мо мебаранд».
Гуфт Ҷӯҳиро падар: «Аблаҳ машав!»
Гуфт: «Эй бобо, нишониҳо шунав».
Ин нишониҳо, ки гуфт ӯ як ба як,
Хонаи морост бетардиду шак.
На ҳасиру на чароғу на таом,
На дараш маъмуру на саҳну на бом.
З-ин намат доранд бар худ сад нишон,
Лек кай бинанд онро тоғиён?
Хонаи он дил, ки монад бе зиё
Аз шуои офтоби кибриё,
Тангу торик аст чун ҷони ҷуҳуд,
Бенаво аз завқи султони вадуд.
На дар он дил тофт нури офтоб,
На гушоди арсаву на фатҳи боб.
Гӯр хуштар аз чунин дил мар туро,
Охир аз гӯри дили худ бартар о.
Зиндаию зиндазод, эй шӯхи шанг!
Дам намегирад туро з-ин гӯри танг?
Юсуфи вақтию хуршеди само,
З-ин чаҳу зиндон барову рӯ намо.
Юнусат дар батни моҳӣ пухта шуд,
Махласашро нест аз тасбеҳ буд.
Гар набудӣ ӯ мусаббиҳ батни нун,
Ҳабсу зиндонаш будӣ то «юбъасун».
Ӯ ба тасбеҳ аз тани моҳӣ биҷаст,
Чист тасбеҳ? Ояти рӯзи аласт.
Гар фаромӯшат шуд он тасбеҳи ҷон,
Бишнав ин тасбеҳҳои моҳиён.
Ҳар кӣ дид Аллоҳро, аллоҳӣ аст,
Ҳар кӣ дид он баҳрро, он моҳӣ аст.

Ин ҷаҳон дарёсту тан моҳию рӯҳ,
Юнуси маҳҷуб аз нури сабӯҳ.
Гар мусаббиҳ бошад, аз моҳӣ раҳид,
В-арна дар вай ҳазм гашту нопадид.
Моҳиёни ҷон дар ин дарё пуранд,
Ту намебинӣ, ки кӯрӣ, эй нажанд!
Бар ту худро мезананд он моҳиён,
Чашм бигшо, то бибинишон аён.
Моҳиёнро гар намебинӣ ба дид,
Гӯши ту тасбеҳашон охир шунид.
Сабр кардан ҷони тасбеҳоти туст,
Сабр кун, к-он аст тасбеҳи дуруст.
Ҳеч тасбеҳе надорад он дараҷ,
Сабр кун, «ассабру мифтоҳу-л-фараҷ».
Сабр чун пули Сирот, он сӯ биҳишт,
Ҳаст бо ҳар хуб як лолои зишт.
То зи лоло мегурезӣ, васл нест,
З-он ки лолоро зи шоҳид фасл нест.
Ту чӣ донӣ завқи сабр, эй шишадил?
Хоса сабр аз баҳри он нақши чигил.
Мардро завқ аз ғазову карру фар,
Мар муханнасро бувад завқ аз закар.
Ҷуз закар на дини ӯву зикри ӯ,
Сӯйи асфал бурд ӯро фикри ӯ.
Гар барояд то фалак, аз вай матарс,
К-ӯ ба ишқи суфл омӯзид дарс.
Ӯ ба сӯйи суфл меронад фарас,
Гарчи сӯйи улв ҷунбонад ҷарас.
Аз аламҳои гадоён тарс чист?
К-он аламҳо луқмае нонро раҳист.

## Тарсидани кӯдак аз он шахси соҳибҷусса ва гуфтани он шахс, ки эй кӯдак, матарс, ки ман номардам

Кинги зафте кӯдакеро ёфт фард,
Зард шуд кӯдак зи бими қасди мард.

Гуфт: «Эмин бош, эй зебои ман!
Ки ту хоҳӣ буд бар болои ман.
Ман агар ҳавлам, муханнас дон маро,
Ҳамчу уштур барнишин, мерон маро».
Сурати мардону маънӣ инчунин,
Аз бурун Одам, дарун деви лаъин.
Он дуҳулро монӣ, эй зафти чу Од,
Ки бар ӯ он шохро мекӯфт бод.
Рӯбаҳе ишкори худро бод дод,
Баҳри табле ҳамчу хики пур зи бод.
Чун надид андар дуҳул ӯ фарбиҳӣ,
Гуфт: «Хуке беҳ аз ин хики тиҳӣ».
Рӯбаҳон тарсанд з-овози дуҳул,
Оқилаш чандон занад, ки «ло тақул».

## Қиссаи тирандозе ва тарсидани ӯ аз саворе, ки дар беша мерафт

Як саворе бо силоҳу бас маҳиб
Мешуд андар беша бар аспе наҷиб.
Тирандозе ба ҳукм ӯро бидид,
Пас зи хавфи ӯ камонро даркашид.
То занад тире, савораш бонг зад:
«Ман заифам, гарчи зафт астам ҷасад,
Ҳону ҳон, мангар ту дар зафтии ман,
Ки камам дар вақти ҷанг аз пирзан».
Гуфт: «Рав, ки нек гуфтӣ в-арна неш
Бар ту меандохтам аз тарси хеш».
Бас касонро, к-олати пайкор кушт,
Бе руҷулият чунон теғе ба мушт.
Гар бипӯшӣ ту силоҳи рустамон,
Рафт ҷонат, чун набошӣ марди он.
Ҷон сипар кун, теғ бигзор, эй писар!
Ҳар кӣ бесар буд, аз ин шаҳ бурд сар.
Он силоҳат ҳилаву макри ту аст,
Ҳам зи ту зойиду ҳам ҷони ту хаст.
Чун накардӣ ҳеч суде з-ин ҳиял,
Тарки ҳилат кун, ки пеш ояд дувал.

Чун яке лаҳза нахӯрдӣ бар зи фан,
Тарки фан гӯ, металаб раббулминан.
Чун муборак нест бар ту ин улум,
Хештан гӯле куну бигзар зи шум.
Чун малоийк гӯ, ки «ло илма лано
Ё илоҳӣ, ғайра мо алламтано».

## Қиссаи аъробӣ ва рег дар ҷувол кардан ва маломат кардани он файласуф ӯро

Як аробӣ бор карда уштуре,
Ду ҷуволи зафт аз дона пуре.
Ӯ нишаста бар сари ҳар ду ҷувол,
Як ҳадисандоз кард ӯро суол.
Аз ватан пурсиду овардаш ба гуфт
В-андар он пурсиш басе дурҳо бисуфт.
Баъд аз он гуфташ, ки ин ҳар ду ҷувол
Чист оганда? Бигӯ масдуқи ҳол.
Гуфт: «Андар як ҷуволам гандум аст,
Дар дигар реге, на қути мардум аст».
Гуфт: «Ту чун бор кардӣ ин рамол?»
Гуфт: «То танҳо намонад ин ҷувол».
Гуфт: «Ними гандуми он тангро
Дар дигар рез, аз пайи фарҳангро,
То сабук гардад ҷуволу ҳам шутур»,
Гуфт: «Шобош, эй ҳакими аҳлу ҳур.
Инчунин фикри дақиқу ройи хуб,
Ту чунин урён, пиёда дар луғуб!»
Раҳмаш омад бар ҳакиму азм кард,
К-иш бар уштур барнишонад некмард.
Боз гуфташ: «Эй ҳакими хушсухун,
Шаммае аз ҳоли худ ҳам шарҳ кун.
Инчунин ақлу кифоят, ки турост,
Ту вазирӣ ё шаҳӣ, баргӯй рост».
Гуфт: «Ин ҳар ду наям, аз омаам,
Бингар андар ҳолу андар ҷомаам».
Гуфт: «Уштур чанд дорӣ? Чанд гов?»
Гуфт: «На ину на он, моро маков».

Гуфт: «Рахтат чист, боре дар дукон?»
Гуфт: «Моро ку дукону ку макон?»
Гуфт: «Пас аз нақд пурсам, нақд чанд?
Ки туӣ танҳораву маҳбубпанд.
Кимиёи миссн олам бо ту аст,
Ақлу донишро гуҳар тӯ бар тӯ аст».
Гуфт: «Валлаҳ, нест, ё ваҷҳалараб,
Дар ҳама мулкам вуҷуҳи қути шаб,
Побараҳна, танбараҳна медавам,
Ҳар кӣ ноне медиҳад, он ҷо равам.
Мар маро з-ин ҳикмату фазлу ҳунар
Нест ҳосил ҷуз хаёлу дарди сар».
Пас араб гуфташ, ки рав дур аз барам,
То наборад шумии ту бар сарам.
Дур бар он ҳикмати шумат зи ман,
Нутқи ту шум аст бар аҳли заман.
Ё ту он сӯ рав, ман ин сӯ медавам
В-ар туро раҳ пеш, ман вопас равам.
Як ҷуволам гандуму дигар зи рег,
Беҳ бувад з-ин ҳилаҳои мурдарег.
Аҳмақиям бас муборак аҳмақист,
Ки дилам бо баргу ҷонам муттақист.
Гар ту хоҳӣ, ки-т шақоват кам шавад,
Ҷаҳд кун, то аз ту ҳикмат кам шавад.
Ҳикмате, к-аз табъ зояд в-аз хаёл,
Ҳикмате не, файзи нури зулҷалол.
Ҳикмати дунё физояд занну шак,
Ҳикмати динӣ барад фавқи фалак.
Завбаъони зираки охирзамон
Барфузуда хеш бар пешиниён.
Ҳилаомӯзон ҷигарҳо сӯхта,
Феълҳову макрҳо омӯхта.
Сабру исору сахои нафсу ҷуд
Бод дода, к-он бувад иксири суд.
Фикр он бошад, ки бигшояд раҳе,
Роҳ он бошад, ки пеш ояд шаҳе.
Шоҳ он бошад, ки аз худ шаҳ бувад,
На ба махзанҳову лашкар шаҳ шавад,

То бимонад шоҳии ӯ сармадӣ,
Ҳамчу иззи мулки дини аҳмадӣ.

## Каромоти Иброҳими Адҳам бар лаби дарё

Ҳам зи Иброҳими Адҳам омада-ст,
К-ӯ зи роҳе бар лаби дарё нишаст.
Далқи худ медӯхт он султони ҷон,
Як амире омад он ҷо ногаҳон.
Он амир аз бандагони шайх буд,
Шайхро бишнохт, саҷда кард зуд.
Хира шуд дар шайху андар далқи ӯ,
Шакли дигар гашта хулқу халқи ӯ,
К-ӯ раҳо кард ончунон мулки шигарф,
Баргузид он фақри бас борикҳарф.
Тарк кард ӯ мулки ҳафт иқлимро,
Мезанад бар далқ сӯзан чун гадо.
Шайх воқиф гашт аз андешааш,
Шайх чун шер асту дилҳо бешааш.
Чун риҷову хавф дар дилҳо равон,
Нест махфӣ бар вай асрори ҷаҳон.
Дил нигаҳ доред, эй беҳосилон,
Дар ҳузури ҳазрати соҳибдилон.
Пеши аҳли тан адаб бар зоҳир аст,
Ки Худо з-эшон ниҳонро сотир аст.
Пеши аҳли дил адаб бар ботин аст,
З-он ки дилшон бар сароир фотин аст.
Ту ба аксӣ пеши кӯрон баҳри ҷоҳ,
Бо ҳузур ойӣ, нишинӣ пойгоҳ.
Пеши биноён кунӣ тарки адаб,
Нори шаҳватро аз он гаштӣ ҳатаб.
Чун надорӣ фатнату нури ҳудо,
Баҳри кӯрон рӯйро мезан ҷило!
Пеши биноён ҳадас дар рӯй мол!
Ноз мекун бо чунин гандида ҳол!
Шайх сӯзан зуд дар дарё фиганд,
Хост сӯзанро ба овози баланд.
Сад ҳазорон моҳии аллоҳие,
Сӯзани зар дар лаби ҳар моҳие,

Сар баровварданд аз дарёи Ҳақ,
Ки бигир, эй шайх, сӯзанҳои Ҳақ.
Рӯ бад-ӯ карду бигуфташ: «Эй амир!
Мулки дил беҳ ё чунон мулки ҳақир?»
Ин нишони зоҳир аст, ин ҳеч нест,
То ба ботин дарравӣ, бинӣ ту бист.
Сӯйи шаҳр аз боғ шохе оваранд,
Боғу бустонро куҷо он ҷо баранд?
Хоса боғе, к-ин фалак як барги ӯст,
Балки он мағз асту ин олам чу пӯст.
Барнамедорӣ суйи он боғ гом?
Бӯй афзун ҷӯю кун дафъи зуком.
То ки он бӯ ҷозиби ҷонат шавад,
То ки он бӯ нури чашмонат шавад.
Гуфт Юсуф ибни Яъқуби набӣ,
Баҳри бӯ «алқу ало ваҷҳи абӣ».
Баҳри ин бӯ гуфт Аҳмад дар изот,
Доимо: «қуррату айнӣ фӣ-с-салот».
Панҷ ҳис бо ҳамдигар пайвастаанд,
З-он ки ин ҳар панҷ з-асле рустаанд.
Қуввати як қуввати боқӣ шавад,
Мобақиро ҳар яке соқӣ шавад.
Дидани дида физояд ишқро,
Ишқ дар дида физояд сидқро.
Сидқ бедории дида мешавад,
Ҳиссҳоро завқ мӯнис мешавад.

## Оғози мунавар шудани ориф ба нури ғайббин

Чун яке ҳис дар равиш бигшод банд,
Мобақӣ ҳисҳо ҳама мубдал шаванд.
Чун яке ҳис ғайримаҳсусот дид,
Гашт ғайбе бар ҳама ҳисҳо падид.
Чун зи ҷӯ ҷаст аз гала як гӯсфанд,
Пас паёпай ҷумла з-он сӯ барҷаҳанд.
Гӯсфандони ҳавосатро бирон,
Дар чаро аз «ахраҷа-л-маръо» чарон,

То дар он ҷо сунбулу райҳон чаранд,
То ба гулзори ҳақоиқ раҳ баранд.
Ҳар ҳисат пайғамбари ҳисҳо шавад,
То якояк сӯйи он ҷаннат равад.
Ҳиссҳо бо ҳисси ту гӯянд роз
Бе ҳақиқат, бе забону бе маҷоз,
К-ин ҳақиқат қобили таъвилҳост
В-ин таваҳҳум мояи тахйилҳост.
Он ҳақиқатро, ки бошад аз аён,
Ҳеч таъвиле нагунҷад дар миён.
Чунки ҳар ҳис бандаи ҳисси ту шуд,
Мар фалакҳоро набошад аз ту буд.
Чунки даъвие равад дар мулки пӯст,
Мағз они кӣ бувад, қишр они ӯст.
Чун танозуъ дарфитад дар танги коҳ,
Дона они кист? Онро кун нигоҳ.
Пас, фалак қишр асту нури рӯҳ мағз,
Ин падид аст, он хафӣ, з-ин рӯ малағз.
Ҷисм зоҳир, рӯҳ махфӣ омадаст,
Ҷисм ҳамчун остин, ҷон ҳамчу даст.
Боз ақл аз рӯҳ махфитар парад,
Ҳисс сӯйи рӯҳ зутар раҳ барад.
Ҷунбише бинӣ, бидонӣ зинда аст,
Ин надонӣ, ки зи ақл оганда аст.
То ки ҷунбишҳои мавзун сар кунад,
Ҷунбиши мисро ба дониш зар кунад.
З-он муносиб омадан афъоли даст
Фаҳм ояд мар туро, ки ақл ҳаст.
Рӯҳи ваҳй аз ақл пинҳонтар бувад,
З-он ки ӯ ғайбист, ӯ з-он сар бувад.
Ақли Аҳмад аз касе пинҳон нашуд,
Рӯҳи ваҳйаш мудраки ҳар ҷон нашуд.
Рӯҳи ваҳйиро муносибҳост низ,
Дарнаёбад ақл, к-он омад азиз.
Гаҳ ҷунун бинад, гаҳе ҳайрон шавад,
З-он ки мавқуф аст, то ӯ он шавад.
Чун муносибҳои афъоли Хизир
Ақли Мӯсо буд дар дидаш кадир.

Номуносиб менамуд афъоли ӯ,
Пеши Мӯсо чун набудаш ҳоли ӯ.
Ақли Мӯсо чун шавад дар ғайб банд,
Ақли мушӣ худ кӣ аст, эй арҷманд?
Илми тақлидӣ бувад баҳри фурӯхт,
Чун биёбад муштарӣ, хуш барфурӯхт.
Муштарии илми таҳқиқӣ Ҳақ аст,
Доиман бозори ӯ боравнақ аст.
Лаб бибаста маст дар байъу шаро,
Муштарӣ беҳад, ки «Аллоҳа-штаро».
Дарси Одамро фаришта муштарӣ,
Маҳрами дарсаш на дев асту парӣ.
Одам «анбиҳум биасмо» дарс гӯ,
Шарҳ кун асрори Ҳақро мӯ ба мӯ.
Ончунон касро, ки кӯтаҳбин бувад,
Дар талаввун ғарқу бетамкин бувад,
Муш гуфтам, з-он ки дар хок аст ҷош,
Хок бошад мушро ҷойи маош.
Роҳҳо донад, вале дар зери хок,
Ҳар тараф ӯ хокро карда-ст чок.
Нафси мушӣ нест илло луқма ранд,
Қадри ҳоҷат мушро ақле диҳанд.
З-он ки бе ҳоҷат Худованди азиз
Менабахшад ҳеч касро ҳеч чиз.
Гар набудӣ ҳоҷати олам замин,
Н-офаридӣ ҳеч раббу-л-оламин.
В-ин замини музтариб муҳтоҷи кӯҳ
Гар набудӣ, н-офаридӣ пуршукӯҳ.
В-ар набудӣ ҳоҷати афлок ҳам,
Ҳафт гардун н-оваридӣ аз адам.
Офтобу моҳу ин исторагон
Ҷуз ба ҳоҷат кай падид омад аён?
Пас каманди ҳастҳо ҳоҷат бувад,
Қадри ҳоҷат мардро олат диҳад.
Пас, бияфзо ҳоҷат, эй муҳтоҷ, зуд,
То биҷӯшад дар карам дарёи ҷуд.
Ин гадоён бар раҳу ҳар мубтало
Ҳоҷати худ менамояд халқро:

Кӯрию шаллию беморию дард,
То аз ин ҳоҷат бичунбад раҳми мард.
Ҳеч гӯяд: «Нон диҳед, эй мардумон,
Ки маро мол асту анбор асту хон?»
Чашм нанҳодаст Ҳақ дар кӯрмуш,
З-он ки ҳоҷат нест чашмаш баҳри нӯш.
Метавонад зист бе чашму басар,
Фориғ аст аз чашм ӯ дар хоки тар.
Ҷуз ба дуздӣ ӯ бурун н-ояд зи хок,
То кунад холиқ аз он дуздӣ-ш пок.
Баъд аз он пар ёбаду мурғе шавад,
Чун малойик ҷониби гардун равад.
Ҳар замон дар гулшани шукри Худо
Ӯ барорад ҳамчу булбул сад наво,
К-эй раҳонанда маро аз васфи зишт!
Эй кунанда дӯзахеро ту биҳишт!
Дар яке пиҳе ниҳӣ ту равшанӣ,
Устухонеро диҳӣ самъ, эй ғанӣ!
Чӣ тааллуқ он маъониро ба ҷисм?
Чӣ тааллуқ фаҳми ашёро ба исм?
Лафз чун вакр асту маънӣ тойир аст,
Ҷисм ҷӯю рӯҳ оби сойир аст.
Ӯ равон асту ту гӯйӣ воқиф аст,
Ӯ давон асту ту гӯйӣ окиф аст.
Гар набинӣ сайри об аз чокҳо,
Чист бар вай нав ба нав хошокҳо?
Ҳаст хошоки ту суратҳои фикр,
Нав ба нав дармерасад ашколи бикр.
Рӯйи обу ҷӯйи фикр андар равиш
Нест бе хошоки маҳбубу ваҳиш.
Қишрҳо бар рӯйи ин оби равон
Аз симори боғи ғайбӣ шуд давон.
Қишрҳоро магз андар боғ ҷӯ,
З-он ки об аз боғ меояд ба ҷӯ.
Гар набинӣ рафтани оби ҳаёт,
Бингар андар ҷӯю ин сайри набот.
Об чун анбуҳтар ояд дар гузар,
З-ӯ кунад қишри сувар зутар гузар.

Чун ба ғоиб тез шуд ин ҷӯ равон,
Ғам напояд дар замири орифон.
Чун ба ғоиб мумталӣ буду шитоб,
Пас, нагунҷад андар ӯ илло, ки об.

## Таън задани бегона дар шайх ва ҷавоб гуфтани муриди шайх ӯро

Он яке як шайхро туҳмат ниҳод,
К-ӯ бад асту нест бар роҳи рашод.
Шориби хамр асту солусу хабис,
Мар муридонро куҷо бошад муғис?
Он яке гуфташ: «Адабро ҳуш дор,
Хурд набвад инчунин зан бар кибор.
Дур аз ӯву дур аз авсофи ӯ,
Ки зи селе тира гардад софи ӯ.
Инчунин буҳтон манеҳ бар аҳли Ҳақ,
К-ин хаёли туст, баргардон варақ.
Ин набошад в-ар бувад, эй мурғи хок,
Баҳри қулзумро зи мурдоре чӣ бок?
Нест «дуна-л-қуллатайну» ҳавзи хурд,
Ки тавонад қатраеш аз кор бурд.
Оташ Иброҳимро набвад зиён,
Ҳар кӣ Намрудест, гӯ метарс аз он.
Нафс Намруд асту ақлу ҷон Халил,
Рӯҳ дар айн асту нафс андар далел.
Ин далели роҳ раҳравро бувад,
К-ӯ ба ҳар дам дар биёбон гум шавад.
Восилонро нест ҷуз чашму чароғ.
Аз далелу роҳашон бошад фароғ.
Гар далеле гуфт он марди висол,
Гуфт баҳри фаҳми асҳоби ҷидол.
Баҳри тифли нав падар тӣ-тӣ кунад,
Гарчи ақлаш ҳандасай гетӣ кунад.
Кам нагардад фазли устод аз улу,
Гар «алиф чизе надорад» гӯяд ӯ.
Аз пайи таълими он бастадаҳан
Аз забони худ бурун бояд шудан.

Дар забони ӯ бибояд омадан,
То биёмӯзад зи ту ӯ илму фан.
Пас, ҳама халқон чу тифлони вайанд,
Лозим аст ин пирро дар вақт панд.
Он муриди шайх бадгӯяндаро
Он ба куфру гумраҳӣ огандаро.
Гуфт: «Ту худро мазан бар теғи тез,
Ҳин, макун бо шоҳу бо султон ситез.
Ҳавз бо дарё агар паҳлӯ занад,
Хешро аз бехи ҳастӣ барканад.
Нест баҳре, к-ӯ карон дорад, ки то
Тира гардад ӯ зи мурдори шумо.
Куфрро ҳадд асту андоза, бидон,
Шайху нури шайхро набвад карон.
Пеши беҳад ҳар чӣ маҳдуд аст, лост,
«Куллу шайъин ғайри ваҷҳиллаҳ» фаност.
Куфру имон нест он ҷойе, ки ӯст,
З-он ки ӯ мағз асту ин ду рангу пӯст.
Ин фаноҳо пардаи он ваҷҳ гашт,
Чун чароғи хуфя андар зери ташт.
Пас, сари ин тан ҳиҷоби он сар аст,
Пеши он сар ин сари тан кофар аст.
Кист кофир? Ғофил аз имони шайх,
Кист мурда? Бехабар аз ҷони шайх.
Ҷон набошад ҷуз хабар дар озмун,
Ҳар киро афзун хабар, ҷонаш фузун.
Ҷони мо аз ҷони ҳайвон бештар,
Аз чӣ? З-он рӯ, ки фузун дорад хабар.
Пас, фузун аз ҷони мо ҷони малак,
К-ӯ муназзаҳ шуд зи ҳисси муштарак.
В-аз малак ҷони худовандони дил
Бошад афзун, ту таҳайюрро биҳил.
З-он сабаб Одам бувад масҷудашон,
Ҷони ӯ афзунтар аст аз будашон.
В-арна беҳтарро суҷуди дунтаре
Амр кардан ҳеч набвад дарх(в)аре.
Кай писандад адлу лутфи Кирдгор,
Ки гуле саҷда кунад дар пеши хор?

Ҷон чу афзун шуд, гузашт аз интиҳо,
Шуд мутеъаш ҷони ҷумла чизҳо:
Мурғу моҳию парию одамӣ,
З-он ки ӯ беш асту эшон дар камӣ.
Моҳиён сӯзангари далқаш шаванд,
Сӯзанонро риштаҳо тобеъ буванд.

## Бақияи қиссаи Иброҳими Адҳам бар лаби он дарё

Чун нафози амри шайх он мир дид,
З-омади моҳӣ шудаш ваҷде падид.
Гуфт: «Аҳ, моҳӣ зи пирон огаҳ аст,
Шуҳ танеро, к-ӯ лаъини даргаҳ аст.
Моҳиён аз пир огаҳ, мо баъид,
Мо шақӣ з-ин давлату эшон саид».
Саҷда карду рафт гирёну хароб.
Гашт девона зи ишқи фатҳи боб.
Пас ту, эй ношустарӯ, дар чистӣ?
Дар низоъу дар ҳасад бо кистӣ?
Бо думи шере ту бозӣ мекунӣ,
Бар малойик турктозӣ мекунӣ.
Бад чӣ мегӯйӣ ту хайри маҳзро?
Ҳин, тараффуъ кам шумар он хафзро.
Бад чӣ бошад? Мисси муҳтоҷи муҳон,
Шайх кӣ бвад? Кимиёи бекарон.
Мис агар аз кимиё қобил набуд,
Кимиё аз мисс ҳаргиз мис нашуд.
Бад чӣ бошад? Саркаше оташамал,
Шайх кӣ б-вад? Айни дарёи азал.
Дойим оташро битарсонанд аз об,
Об кай тарсид ҳаргиз з-илтиҳоб?
Дар рухи маҳ айббинӣ мекунӣ?
Дар биҳиште хорчинӣ мекунӣ?
Гар биҳишт-андар равӣ ту хорҷӯ,
Ҳеч хор он ҷо наёбӣ ғайри ту.
Мебипӯшӣ офтобе дар гиле?
Рахна меҷӯйӣ зи бадри комиле?

Офтобе, ки битобад дар ҷаҳон,
Баҳри хуффоше куҷо гардад ниҳон?
Айбҳо аз радди пирон айб шуд,
Ғайбҳо аз рашки эшон ғайб шуд.
Боре аз дурӣ зи хидмат ёр бош,
Дар надомат чобуку бар кор бош.
То аз он роҳат насиме мерасад,
Оби раҳматро чӣ бандӣ аз ҳасад?
Гарчи дурӣ, дур меҷунбон ту дум,
«Ҳайсу мо кунтум фаваллу ваҷҳакум».
Чун харе дар гил фитад аз гоми тез,
Дам ба дам ҷунбад барои азми хез.
Ҷойро ҳамвор накнад баҳри бош,
Донад ӯ, ки нест он ҷойи маош.
Ҳисси ту аз ҳисси хар камтар буда-ст?
Ки дили ту з-ин ваҳалҳо барнаҷаст.
Дар ваҳал таъвилу рухсат мекунӣ?
Чун намехоҳӣ, к-аз он дил барканӣ?
К-ин раво бошад маро, ман музтарам,
Ҳақ нагирад оҷизеро аз карам.
Худ гирифтастат, ту чун кафтори кӯр
Ин гирифтанро набинӣ аз ғурур.
Мегуванд: «Ин ҷойгаҳ кафтор нест,
Аз бурун ҷӯед, к-андар ғор нест».
Ин ҳамегӯянду бандаш мениҳанд,
Ӯ ҳамегӯяд: «Зи ман беогаҳанд.
Гар зи ман огоҳ будӣ ин адӯ,
Кай нидо кардӣ, ки он кафтор ку?»

## Даъво кардани он шахс, ки Худои таоло маро намегирад ба гуноҳ ва ҷавоб гуфтани Шуайб, алайҳиссалом, ӯро

Он яке мегуфт дар аҳди Шуайб,
Ки Худо аз ман басе дида-ст айб,
Чанд дид аз ман гуноҳу ҷурмҳо
В-аз карам Яздон намегирад маро.

Ҳақ таоло гуфт дар гӯши Шуайб,
Дар ҷавоби ӯ фасеҳ аз роҳи ғайб,
Ки бигуфтӣ, чанд кардам ман гуноҳ
В-аз карам нагрифт дар ҷурмам Илоҳ.
Акс мегӯйию мақлуб, эй сафеҳ!
Эй раҳо карда раҳу бигрифта теҳ.
Чанд чандат гираму ту бехабар,
Дар салосил мондаӣ по то ба сар.
Занги ту бар тут, эй деги сиёҳ!
Кард симои дарунатро табоҳ.
Бар дилат зангор бар зангорҳо
Ҷамъ шуд, то кӯр шуд з-асрорҳо.
Гар занад он дуд бар деги наве,
Он асар бинмояд, ар бошад ҷаве.
З-он ки ҳар чизе ба зид пайдо шавад,
Бар сапеде он сияҳ расво шавад.
Чун сияҳ шуд дег, пас, таъсири дуд
Баъд аз ин бар вай кӣ бинад зуд зуд?
Марди оҳангар, ки ӯ зангӣ бувад,
Дудро бо рӯш ҳамрангӣ бувад.
Марди румӣ, к-ӯ кунад оҳангарӣ,
Рӯяш аблақ гардад аз дудоварӣ.
Пас бидонад зуд таъсири гуноҳ,
Пас бинолад зуд, гӯяд «эй Илоҳ».
Чун кунад исрору бад пеша кунад,
Хок андар чашми андеша кунад.
Тавба н-андешад, дигар ширин шавад,
Бар дилаш он ҷурм то бедин шавад.
Он пушаймонию ё раб рафт аз ӯ,
Шист бар ойина занги панҷтӯ.
Оҳанашро зангҳо х(в)ардан гирифт,
Гавҳарашро занг кам кардан гирифт.
Чун нависӣ коғази испед-бар,
Он набишта хонда ояд дар назар.
Чун нависӣ бар сари бинвишта хат,
Фаҳм н-ояд, хонданаш гардад ғалат.
К-он сиёҳӣ бар сиёҳӣ уфтод,
Ҳар ду хат шуд кӯру маъние надод.

В-ар сеюмбора нависӣ бар сараш,
Пас, сияҳ кардӣ чу ҷони пуршараш.
Пас, чӣ чора ҷуз паноҳи чорагар?
Ноумедӣ миссу иксираш назар.
Ноумедиҳо ба пеши ӯ ниҳед,
То зи дарди бедаво берун ҷаҳед.
Чун Шуайб ин нуктаҳо бо ӯ бигуфт,
З-он дами ҷон дар дили ӯ гул шукуфт.
Ҷони ӯ бишнид ваҳйи осмон,
Гуфт: «Агар бигрифт моро, ку нишон?»
Гуфт: «Ё раб, дафъи ман мегӯяд ӯ,
Он гирифтанро нишон меҷӯяд ӯ».
Гуфт: «Сатторам, нагӯям розҳо-ш,
Ҷуз яке рамз аз барои ибтило-ш.
Як нишони он ки мегирам варо,
Он ки тоат дораду савму дуъо.
В-аз намозу аз закоту ғайри он,
Лек як зарра надорад завқи ҷон.
Мекунад тоъоту афъоли санӣ,
Лек як зарра надорад чошнӣ.
Тоаташ нағз асту маънӣ нағз не,
Ҷавзҳо бисёру дар вай мағз не.
Завқ бояд, то диҳад тоот бар,
Мағз бояд, то диҳад дона шаҷар.
Донаи бемағз кай гардад ниҳол?
Сурати беҷон набошад ҷуз хаёл».

## Бақияи қиссаи таъна задани он марди бегона дар шайх

Он хабис аз шайх мелойид жож,
Кажнигар бошад ҳамеша ақли кож,
Ки манаш дидам миёни маҷлисе,
Ӯ зи тақво орӣ асту муфлисе.
В-ар ки бовар нестат, хез имшабон,
То бибинӣ фисқи шайхатро аён.
Шаб бибурдаш бар сари як равзане,
Гуфт: «Бингар фисқу ишрат кардане.

Бингар он солуси рӯзу фисқи шаб,
Рӯз ҳамчун Мустафо, шаб Бӯлаҳаб.
Рӯз Абдуллоҳ ӯро гашта ном,
Шаб «наъузу биллаҳ»-у дар даст ҷом».
Дид шиша дар кафи он пир пур,
Гуфт: «Шайхо, мар туро ҳам ҳаст ғур.
Ту намегуфтӣ, ки дар ҷоми шароб
Дев мемезад шитобон ноштоб?»
Гуфт: «Ҷомамро чунон пур кардаанд,
К-андар ӯ андарнагунҷад як сипанд.
Бингар, ин ҷо ҳеч гунҷад заррае?
Ин суханро каж шунида ғаррае».
Ҷоми зоҳир, хамри зоҳир нест ин,
Дур дор инро зи шайхи ғайббин.
Ҷоми май ҳастии шайх аст, эй фалев!
К-андар ӯ андарнагунҷад бавли дев.
Пурру моломол аз нури Ҳақ аст,
Ҷоми тан бишкаст, нури мутлақ аст.
Нури хуршед ар бияфтад бар ҳадас,
Ӯ ҳамон нур аст, напзирад хабас.
Шайх гуфт: «Ин худ на ҷом асту на май,
Ҳин, ба зер о, мункиро, бингар ба вай».
Омаду дид, ангубини хос буд,
Кӯр шуд он душмани кӯру кабуд.
Гуфт пир он дам муриди хешро:
«Рав, барои ман биҷӯ май, эй киё!
Ки маро ранҷест, музтар гаштаам»,
Ман зи ранҷ аз махмаса бигзаштаам.
Дар зарурат ҳаст ҳар мурдор пок,
Бар сари мункир зи лаънат бод хок!
Гирди хумхона баромад он мурид,
Баҳри шайх аз ҳар хуме ӯ мечашид.
Дар ҳама хумхонаҳо ӯ май надид,
Гашта буд пур аз асал хумми набид.
Гуфт: «Эй риндон, чӣ ҳол аст ин? Чӣ кор?
Ҳеч хумме – дар намебинам уқор!»
Ҷумла риндон назди он шайх омаданд,
Чашм гирён, даст бар сар мезаданд:

«Дар харобот омадӣ, шайхи аҷал,
Ҷумла майҳо аз қудумат шуд асал.
Кардаӣ мубдал ту майро аз ҳадас,
Ҷони моро ҳам бадал кун аз хабас».
Гар шавад олам пур аз хун молмол,
Кай хурад бандай Худо илло ҳалол?

## Гуфтани Ойиша, разияллоҳу анҳо, Мустафоро, алайҳиссалом, ки ту бемусалло ба ҳар ҷо намоз мекунӣ, чун аст?

Ойиша рӯзе ба пайғамбар бигуфт:
«Ё расулуллаҳ, ту пайдову ниҳуфт
Ҳар куҷо ёбӣ, намозе мекунӣ,
Медавад дар хона нопоку данӣ.
Гарчи медонӣ, ки ҳар тифли палид
Кард мустаъмал ба ҳар ҷо, ки расид».
Гуфт пайғамбар, ки аз бахри меҳон
Ҳақ наҷисро пок гардонад, бидон.
Саҷдагоҳамро аз он рӯ лутфи Ҳақ
Пок гардонид то ҳафтум табақ.
Ҳону ҳон, тарки ҳасад кун бо шаҳон,
В-арна Иблисе шавӣ андар ҷаҳон,
К-ӯ агар заҳре хурад, шаҳде шавад,
Ту агар шаҳде хурӣ, заҳре бувад.
К-ӯ бадал гашту бадал шуд кори ӯ,
Лутф гашту нур шуд ҳар нори ӯ.
Қуввати Ҳақ буд мар бобилро
В-арна мурғе чун кушад мар пилро?
Лашкареро мурғаке чанде шикаст,
То бидонӣ, к-он салобат аз Ҳақ аст.
Гар туро васвос ояд з-ин қабил,
Рав, бихон ту сураи «Асҳоби фил».
В-ар кунӣ бо ӯ мирию ҳамсарӣ,
Кофирам дон, гар ту з-эшон сар барӣ.

## Кашидани муш миҳори шутурро ва муъҷиб шудани муш дар худ

Мушаке дар каф миҳори уштуре
Даррабуду шуд равон ӯ аз мирӣ.
Уштур аз чустӣ, ки шуд бо ӯ равон,
Муш ғарра шуд, ки ҳастам паҳлавон.
Бар шутур зад партави андешааш,
Гуфт: «Бинмоям туро, ту бош х(в)аш!»
То биёмад бар лаби ҷӯйи бузург,
К-андар ӯ гаштӣ забун пили сутург.
Муш он ҷо истоду хушк гашт,
Гуфт уштур: «Эй рафиқи кӯҳу дашт! 3455
Ин тавaққуф чист? Ҳайронӣ чаро?
По бинеҳ мардона, андар ҷӯ, даро!
Ту қаловузию пешоҳанги ман,
Дар миёни раҳ мабошу тан мазан».
Гуфт: «Ин оби шигарф асту амиқ,
Ман ҳаметарсам, зи ғарқоб, эй рафиқ».
Гуфт уштур: «То бибинам ҳадди об,
По дар ӯ бинҳод он уштур шитоб.
Гуфт: «То зонуст об, эй кӯрмуш,
Аз чӣ ҳайрон гаштию рафтӣ зи ҳуш?» 3460
Гуфт: «Мӯри тусту моро аждаҳост,
Ки зи зону то ба зону фарқҳост.
Гар туро то зону аст, эй пурҳунар,
Мар маро сад газ гузашт аз фарқи сар».
Гуфт: «Густохӣ макун бори дигар,
То насӯзад ҷисму ҷонат з-ин шарар.
Ту мирӣ бо мисли худ мушон бикун,
Бо шутур мар мушро набвад сухун».
Гуфт: «Тавба кардам, аз баҳри Худо,
Бигзарон з-ин оби муҳлик мар маро». 3465
Раҳм омад мар шутурро, гуфт: «Ҳин!
Барҷаҳу бар кӯдбони ман нишин.
Ин гузаштан шуд мусаллам мар маро,
Бигзаронам сад ҳазорон чун туро».
Чун паямбар нестӣ, пас, рав ба роҳ,
То расӣ аз чоҳ рӯзе сӯйи ҷоҳ.

Ту раъият бош, чун султон найӣ,
Худ марон, чун марди киштибон найӣ.
Чун найӣ комил, дукон танҳо магир,
Дастхуш мебош, то гардӣ хамир.
«Анситу»-ро гӯш кун, хомӯш бош,
Чун забони Ҳақ нагаштӣ, гӯш бош.
В-ар бигӯйӣ, шакли истисфор гӯ,
Бо шаҳаншоҳон ту мискинвор гӯ.
Ибтидои кибру кин аз шаҳват аст,
Росихии шаҳватат аз одат аст.
Чун зи одат гашт муҳкам хӯйи бад,
Хашмат ояд бар касе, ки-т вокашад.
Чунки ту гилхор гаштӣ, ҳар кӣ ӯ
Вокашад аз гил туро, бошад адӯ.
Бутпарастон чунки гирди бут тананд,
Монеъони роҳи худро душмананд.
Чунки кард Иблис хӯ бо сарварӣ,
Дид Одамро ҳақир ӯ аз харе,
Ки беҳ аз ман сарваре дигар бувад,
То ки ӯ масҷуди чун ман кас шавад?
Сарварӣ заҳр аст, ҷуз он рӯҳро,
К-ӯ бувад тарёқлоне з-ибтидо.
Кӯҳ агар пурмор шуд, боке мадор,
К-ӯ бувад андар дарун тарёқзор.
Сарварӣ чун шуд димоғатро надим,
Ҳар кӣ бишкастат, шавад хасми қадим.
Чун хилофи хӯйи ту гӯяд касе,
Кинаҳо хезад туро бо ӯ басе,
Ки маро аз хӯйи ман бармеканад,
Хешро бар ман чу сарвар мекунад.
Чун набошад хӯйи бад саркаш дар ӯ,
Кай фурӯзад аз хилоф оташ дар ӯ.
Бо мухолиф ӯ мудорое кунад,
Дар дили ӯ хешро ҷойе кунад.
З-он ки хӯйи бад нагаштаст устувор,
Мӯри шаҳват шуд зи одат ҳамчу мор.
Мори шаҳватро бикуш дар ибтило
В-арна, инак, гашт морат аждаҳо.

Лек ҳар кас мӯр бинад мори хеш,
Ту зи соҳибдил кун истифсори хеш.
То нашуд зар, мис надонад: «ман мисам»,
То нашуд шаҳ, дил надонад: «муфлисам».
Хидмати иксир кун мисвор ту,
Ҷавр мекаш, эй дили дилдор ту.
Кист дилдор? Аҳли дил, некӯ бидон,
Ки чу рӯзу шаб ҷаҳонанд аз ҷаҳон.
Айб кам гӯ бандаи Аллоҳро,
Муттаҳам кам кун ба дуздӣ шоҳро.

## Каромоти он дарвеш, ки дар киштӣ муттаҳамаш карданд ба дуздӣ

Буд дарвеше даруни каштие
Сохта аз рахти марде пуштие.
Ёва шуд ҳамёни зар, ӯ хуфта буд,
Ҷумларо ҷустанду ӯро ҳам намуд,
К-он фақири хуфтаро ҷӯем ҳам,
Кард бедораш зи ғам соҳибдирам,
Ки дар ин киштӣ ҳурумдон гум шудаст,
Ҷумларо ҷустем, натвонӣ ту раст.
Далқ берун кун, бараҳна шав зи далқ,
То зи ту фориғ шавад авҳоми халқ.
Гуфт: «Ё раб, мар ғуломатро хасон
Муттаҳам карданд, фармон даррасон.
Чун ба дард омад дили дарвеш аз он,
Сар бурун карданд ҳар сӯ дарзамон».
Сад ҳазорон моҳӣ аз дарёи жарф,
Дар даҳони ҳар яке дурре шигарф.
Сад ҳазорон моҳӣ аз дарёи пур,
Дар даҳони ҳар яке дурру чӣ дур!
Ҳар яке дурре хироҷи мулкате,
К-аз Илоҳ аст ин, надорад ширкате.
Дурри чанд андохт дар киштию ҷаст,
Мар ҳаворо сохт курсию нишаст.
Хуш мураббаъ чун шаҳон бар тахти хеш,
Ӯ фарози авҷу киштияш ба пеш.

Гуфт: «Рав, киштӣ шуморо, Ҳақ маро,
То набошад бо шумо дузди гадо. 3505
То киро бошад хисорат з-ин фироқ?
Ман хушам, ҷуфти Ҳаққу бо халқ тоқ.
На маро ӯ туҳмати дуздӣ ниҳад,
На миҳорамро ба ғаммозе диҳад».
Бонг карданд аҳли киштӣ, к-эй ҳумом!
Аз чӣ додандат чунин олӣ мақом?
Гуфт: «Аз туҳмат ниҳодан бар фақир!
В-аз ҳақозорӣ пайи чизе ҳақир!
Ҳошалиллаҳ бал зи таъзими шаҳон,
Ки набудам дар фақирон бадгумон». 3510
Он фақирони латифи хушнафас,
К-аз пайи таъзимашон омад «абас».
Он фақирӣ баҳри печопеч нест,
Бал пайи он ки ба ҷуз Ҳақ ҳеч нест.
Муттаҳам чун дорам онҳоро, ки Ҳақ
Кард амини махзани ҳафтум табақ?
Муттаҳам нафс аст, не ақли шариф,
Муттаҳам ҳисс аст, на нури латиф.
Нафс суфастоӣ омад, мезанаш,
Ки-ш задан созад, на ҳуҷҷат гуфтанаш. 3515
Муъҷиза бинад, фурӯзад он замон,
Баъд аз он гӯяд: «Хаёле буд он.
В-ар ҳақиқат буд он диди аҷаб,
Чун муқими чашм н-омад рӯзу шаб?»
Он муқими чашми покон мебувад,
Не қарини чашми ҳайвон мешавад.
К-он аҷаб з-ин ҳисс дорад ору нанг,
Кай бувад товус андар чоҳи танг?
То нагӯйӣ мар маро бисёргӯ,
Ман зи сад як гӯяму он ҳам чу мӯ. 3520

## Ташнеъи сӯфиён бар он сӯфӣ, ки пеши шайх бисёр мегӯяд

Сӯфиён бар сӯфие шуъна заданд,
Пеши шайхи хонақоҳе омаданд.

Шайхро гуфтанд: «Доди ҷони мо
Ту аз ин сӯфӣ бичӯ, эй пешво!»
Гуфт: «Охир, чӣ гила-ст, эй сӯфиён?»
Гуфт: «Ин сӯфӣ се хӯ дорад гарон:
Дар сухан бисёргӯ ҳамчун ҷарас,
Дар хуриш афзун хурад аз бист кас.
В-ар бихуспад, ҳаст чун Асҳоби Каҳф»,
Сӯфиён карданд пеши шайх захф. 3525
Шайх рӯ овард сӯйи он фақир,
Ки зи ҳар ҳоле ки ҳаст, авсот гир.
Дар хабар «хайру-л-умур авсотуҳо»,
Нофеъ омад з-эътидол ахлотҳо.
Гар яке хилте фузун шуд аз араз,
Дар тани мардум падид ояд мараз.
Бар қарини хеш мафзо дар сифат,
К-он фироқ орад яқин дар оқибат.
Нутқи Мӯсо буд бар андоза, валек
Ҳам фузун омад зи гуфти ёри нек. 3530
Он фузунӣ бо Хизир омад шиқоқ,
Гуфт: «Рав, ту муксирӣ, ҳозо фироқ».
Мӯсиё, бисёргӯйӣ, дур шав
В-арна бо ман гунг бошу кӯр шав.
В-ар нарафтӣ в-аз ситеза шистаӣ,
Ту ба маънӣ рафтаӣ, бигсастаӣ.
Чун ҳадас кардӣ ту ногаҳ дар намоз,
Гӯядат: «Сӯйи таҳорат рав, битоз!».
В-ар нарафтӣ, хушк ҷунбон мешавӣ,
Худ намозат рафт, биншин, эй ғавӣ. 3535
Рав бари онҳо, ки ҳам ҷуфти туанд,
Ошиқону ташнаи гуфти туанд.
Посбон бар хобнокон барфузуд,
Моҳиёнро посбон ҳоҷат набуд.
Ҷомапӯшонро назар бар гозар аст,
Ҷони урёнро таҷаллӣ зевар аст.
Ё зи урёнон ба як сӯ бозрав,
Ё чу эшон фориғ аз тан ҷома шав.
В-ар наметонӣ, ки кул урён шавӣ,
Ҷома кам кун, то раҳи авсат равӣ. 3540

## Узр гуфтани фақир ба шайх

Пас фақир он шайхро аҳвол гуфт,
Узрро бо он ғаромат кард ҷуфт.
Мар суоли шайхро дод ӯ ҷавоб,
Чун ҷавоботи Хизир хубу савоб.
Он ҷавоботи суолоти калим,
Ки-ш Хизир бинмуд аз рабби алим.
Гашт мушкилҳо-ш ҳал в-афзун зиёд,
Аз пайи ҳар мушкилаш мифтоҳ дод.
Аз Хизир дарвеш ҳам мерос дошт,
Дар ҷавоби шайх ҳиммат баргумошт.
Гуфт: «Роҳи авсат арчи ҳикмат аст,
Лек авсат низ ҳам бо нисбат аст».
Оби ҷӯ нисбат ба уштур ҳаст кам,
Лек бошад мушро он ҳамчу ям.
Ҳар киро бошад вазифа чор нон,
Ду хурад ё се хурад, ҳаст авсат он.
В-ар хурад ҳар чор, дур аз авсат аст,
Ӯ асири ҳирс монанди бат аст.
Ҳар кӣ ӯро иштиҳо даҳ нон бувад,
Шаш хурад, медон, ки авсат он бувад.
Чун маро панҷоҳ нон ҳаст иштиҳӣ,
Мар туро шаш гирда, ҳамдастем? Не.
Ту ба даҳ ракъат намоз ойӣ малул,
Ман ба понсад дарнаёям дар нуҳул.
Он яке то Каъба ҳофӣ меравад
В-ин яке то масҷид аз худ мешавад.
Он яке дар покбозӣ ҷон бидод
В-ин яке ҷон канд, то як нон бидод.
Ин васат бар бениҳоят меравад,
Ки мар онро аввалу охир бувад.
Аввалу охир бибояд, то дар он
Дар тасаввур гунҷад авсат ё миён.
Бениҳоят чун надорад ду тараф,
Кай бувад ӯро миёна мунсараф?
Аввалу охир нишонаш кас надод,
Гуфт: «Лав кона лаҳу-л-баҳру мидод».

Ҳафт дарё гар шавад куллӣ мидед,
Нест мар поён шуданро ҳеч умед.
Боғу беша гар шавад яксар қалам,
З-ин сухан ҳаргиз нагардад ҳеч кам. 3560
Он ҳама ҳибру қалам фонӣ шавад,
В-ин ҳадиси беадад боқӣ бувад.
Ҳолати ман хобро монад гаҳе,
Хоб пиндорад мар онро гумраҳе.
Чашми ман хуфта, дилам бедор дон,
Шакли бекори маро бар кор дон.
Гуфт пайғамбар, ки «айнои таном,
Ло яному қалбӣ ан рабби-л-аном».
Чашми ту бедору дил хуфта ба хоб,
Чашми ман хуфта, дилам дар фатҳи боб. 3565
Мар диламро панҷ ҳисси дигар аст,
Ҳисси дилро ҳар ду олам манзар аст.
Ту зи заъфи худ макун дар ман нигоҳ,
Бар ту шаб, бар ман ҳамон шаб чоштгоҳ.
Бар ту зиндон, бар ман он зиндон чу боғ,
Айни машғулӣ, маро гашта фароғ.
Пойи ту дар гил, маро гил гашта гул,
Мар туро мотам, маро суру дуҳул.
Дар заминам, бо ту сокин дар маҳал,
Медавам бар чархи ҳафтум чун Зуҳал. 3570
Ҳамнишинат ман наям, сояй ман аст,
Бартар аз андешаҳо пояй ман аст.
З-он ки ман з-андешаҳо бигзаштаам,
Хориҷи андешапӯён гаштаам.
Ҳокими андешаам, маҳкум не,
З-он ки банно ҳоким омад бар бине.
Ҷумла халқон сухраи андешаанд,
З-он сабаб хастадилу ғампешаанд.
Қосидан худро ба андеша диҳам,
Чун бихоҳам, аз миёншон барҷаҳам. 3575
Ман чу мурғи авҷам, андеша магас,
Кай бувад бар ман магасро дастрас?
Қосидан зер оям аз авҷи баланд,
То шикастапоягон бар ман тананд.

Чун малолам гирад аз суфло сифот,
Барпарам ҳамчун туюру-с-соффот.
Парри ман руста-ст ҳам аз зоти хеш,
Барначафсонам ду пар ман бо сиреш.
Ҷаъфари Тайёрро пар ҷория-ст,
Ҷаъфари тарророо пар ория-ст.
Назди он ки «лам язуқ» даъвист ин,
Назди суккони уфуқ, маънист ин.
Лофу даъвӣ бошад ин пеши ғуроб,
Деги тию пур яке пеши зубоб.
Чунки дар ту мешавад луқма гуҳар,
Тан мазан, чандон ки битвонӣ, бих(в)ар.
Шайх рӯзе баҳри дафъи сӯизан
Дар лаган қай кард, пурдур шуд лаган.
Гавҳари маъқулро маҳсус кард
Пири бино баҳри камақлии мард.
Чунки дар меъда шавад покат палид,
Қуфл неҳ бар ҳалқу пинҳон кун калид.
Ҳар кӣ дар вай луқма шуд нури ҷалол,
Ҳар чӣ хоҳад, то хурад, ӯро ҳалол.

## Баёни даъвие, ки айни он даъво гувоҳи сидқи хеш аст

Гар ту ҳастӣ ошнои ҷони ман,
Нест даъво гуфти маънилони ман.
Гар бигӯям: нимшаб пеши туам,
Ҳин, матарс аз шаб, ки ман хеши туам.
Ин ду даъво пеши ту маънӣ бувад,
Чун шиносӣ бонги хешованди х(в)ад.
Пешию хешӣ ду даъвӣ буд, лек
Ҳар ду маънӣ буд пеши фаҳми нек.
Қурби овозаш гувоҳӣ медиҳад,
К-ин дам аз наздики ёре меҷаҳад.
Лаззати овози хешованд низ
Шуд гуво бар сидқи он хеши азиз.
Боз беилҳоми аҳмақ, к-ӯ зи ҷаҳл
Менадонад бонги бегона зи аҳл.

Пеши ӯ даъво бувад гуфтори ӯ,
Ҷаҳли ӯ шуд мояи инкори ӯ.
Пеши зирак, к-андарунаш нурҳост,
Айни ин овоз маънӣ буд рост.
Ё ба тозӣ гуфт як тозизабон,
Ки ҳамедонам забони тозиён.
Айни тозӣ гуфтанаш маънӣ бувад,
Гарчи тозӣ гуфтанаш даъвӣ бувад.
Ё нависад котибе бар коғаде:
«Котибу хатхонаму ман амҷаде».
Ин навишта, гарчи худ даъвӣ бувад,
Ҳам навишта шоҳиди маънӣ бувад.
Ё бигӯяд сӯфие: «Дидӣ ту дӯш,
Дар миёни хоб саҷҷода ба дӯш?
Ман будам он в-он чи гуфтам хоб-дар,
Бо ту андар хоб-дар шарҳи назар.
Гӯш кун, чун ҳалқа андар гӯш кун,
Он суханро пешвои ҳуш кун».
Чун туро ёд ояд он хоб, ин сухан
Муъҷизи нав бошаду зарри куҳан.
Гарчи даъвӣ менамояд ин, вале
Ҷони соҳибвоқиъа гӯяд: «Бале».
Пас, чу ҳикмат золаи муъмин бувад,
Он зи ҳар кӣ бишнавад, муқин бувад.
Чунки худро пеши ӯ ёбад фақат,
Чун бувад шак? Чун кунад ӯро ғалат?
Ташнаеро чун бигӯйӣ ту: «Шитоб,
Дар қадаҳ об аст, бистон зуд об».
Ҳеч гӯяд ташна, к-ин даъвист, рав?
Аз барам, эй муддаӣ, маҳҷур шав?
Ё гувоҳу ҳуҷҷате бинмо, ки ин
Ҷинси об асту аз он моъи маъин.
Ё ба тифли шер модар бонг зад?
Ки биё, ман модарам, ҳон, эй валад?
Тифл гӯяд: «Модаро, ҳуҷҷат биёр,
То ки бо шират бигирам ман қарор».
Дар дили ҳар уммате, к-аз Ҳақ маза-ст,
Рӯю овози паямбар муъҷиза-ст.

Чун паямбар аз бурун бонге занад,
Ҷони уммат дар дарун саҷда кунад.
З-он ки ҷинси бонги ӯ андар ҷаҳон
Аз касе нашнида бошад гӯши ҷон.
Он ғариб аз завқи овози ғариб,
Аз забони Ҳақ шунуд: «Иннӣ қариб».

## Саҷда кардани Яҳё, алайҳиссалом, дар шиками модар Масеҳро, алайҳиссалом

Модари Яҳё ба Марям дар ниҳуфт
Пештар аз вазъи ҳамли хеш гуфт,
Ки яқин дидам, даруни ту шаҳест,
К-ӯ улулазму расули огаҳест.
Чун баробар уфтодам бо ту ман,
Кард саҷда ҳамли ман, эй зулфитан.
Ин ҷанин мар он ҷанинро саҷда кард,
К-аз суҷудаш дар танам афтод дард.
Гуфт Марям: «Ман даруни хеш ҳам
Саҷдае дидам аз ин тифли шикам».

## Ишкол овардан бар ин қисса

Аблаҳон гӯянд, к-ин афсонаро
Хат бикаш, зеро дурӯғ асту хато.
З-он ки Марям вақти вазъи ҳамли хеш
Буд аз бегона дуру ҳам зи хеш.
Аз буруни шаҳр он ширинфусун
То нашуд фориғ, наёмад худ дарун.
Марям андар ҳамл ҷуфти кас нашуд,
Аз буруни шаҳр ӯ вопас нашуд.
Чун бизодаш, онгаҳонаш бар канор
Баргирифту бурд то пеши табор.
Модари Яҳё куҷо дидаш, ки то
Гӯяд ӯро ин сухан дар моҷаро?

## Ҷавоби ишкол

Ин надонад, к-он ки аҳли хотир аст,
Ғоиби офоқ ӯро ҳозир аст.
Пеши Марям ҳозир ояд дар назар,
Модари Яҳё, ки дур аст аз басар.
Дидаҳо баста бибинад дӯстро,
Чун мушаббак карда бошад пӯстро.
В-ар надидаш н-аз бурун, н-аз андарун,
Аз ҳикоят гир маънӣ, эй забун!
Не чун он к-афсонаҳо бишнида буд,
Ҳамчу «шин» бар нақши он чафсида буд.
То ҳамегуфт: «Он Калилай безабон,
Чун сухан нушад зи Димнай бебаён?
В-ар бидонистанд лаҳни ҳамдигар,
Фаҳми он чун кард бе нутқе башар?
Дар миёни шеру гов он Димна чун
Шуд расулу хонд бар ҳар ду фусун?
Чун вазири шер шуд гови набил?
Чун зи акси моҳ тарсон гашт пил?
Ин Калила-в Димна ҷумла ифтирост,
В-арна кай бо зоғ лаклакро мирост?»
Эй бародар, қисса чун паймонаест,
Маънӣ андар вай мисоли донаест.
Донаи маънӣ бигирад марди ақл,
Нангарад паймонаро, гар гашт нақл.
Моҷарои булбулу гул гӯш дор,
Гарчи гуфтӣ нест он ҷо ошкор.

## Сухан гуфтан ба забони ҳол ва фаҳм кардани он

Моҷарои шамъ бо парвона ту
Бишнаву маънӣ гузин з-афсона ту.
Гарчи гуфтӣ нест, сирри гуфт ҳаст,
Ҳин, ба боло пар, мапар чун ҷуғд паст.
Гуфт дар шатранҷ, к-ин хонай рух аст,
Гуфт: «Хона аз куҷо омад ба даст?
Хонаро бихрид ё мерос ёфт?»
Фаррух он кас, к-ӯ суйи маънӣ шитофт.

Гуфт наҳвӣ: «Зайду Амран, қад зараб»,
Гуфт: «Чунаш кард бе ҷурме адаб?
Амрро ҷурмаш чӣ буд, к-он Зайди хом
Бегунаҳ ӯро бизад ҳамчун ғулом?»
Гуфт: «Ин паймонаи маънӣ бувад,
Гандуме бистон, ки паймона-ст рад.
Зайду Амр аз баҳри эъроб асту соз,
Гар дурӯғ аст он, ту бо эъроб соз».
Гуфт: «Не! Ман он надонам, Амрро,
Зайд чун зад бегуноҳу бехато?»
Гуфт: «Аз ночору» лоғе баргушуд:
«Амр як «вов»-и фузун duздида буд.
Зайд воқиф гашт, дуздашро бизад,
Чунки аз ҳад бурд, ӯро ҳад сазад».

## Пазиро омадани сухани ботил дар дили ботилон

Гуфт: «Инак рост пазруфтам ба ҷон»,
Каж намонад рост дар пеши кажон.
Гар бигӯйӣ аҳвалеро: «Маҳ якест»,
Гӯядат: «Ин дусту дар ваҳдат шакест».
В-ар бар ӯ хандад касе, гӯяд: «Ду аст»,
Рост дорад, ин сазои бадху аст.
Бар дурӯғон ҷамъ меояд дурӯғ,
«Лил-хабисоти-л-хабисин» зад фурӯғ.
Дилфарохонро бувад дасти фарох,
Чашмкӯронро исори санглох.

## Ҷустани он дарахт, ки ҳар кӣ меваи он дарахт хӯрад, намирад

Гуфт доное барои достон,
Ки дарахте ҳаст дар Ҳиндустон,
Ҳар касе, к-аз меваи ӯ хӯрду бурд,
Не шавад ӯ пир, не ҳаргиз бимурд.
Подшоҳе ин шунид аз содиқе,
Бар дарахту мевааш шуд ошиқе.

Қосиде доно зи девони адаб
Сӯйи Ҳиндустон равон кард аз талаб.
Солҳо мегашт он қосид аз ӯ
Гирди Ҳиндустон барои ҷустуҷӯ.
Шаҳр – шаҳр аз баҳри ин матлуб гашт,
Не ҷазира монду не кӯҳу на дашт.
Ҳар киро пурсид, кардаш ришханд,
К-ин кӣ ҷӯяд? Ҷуз магар маҷнуни банд.
Бас касон сафъаш заданд андар мизоҳ,
Бас касон гуфтанд: «Эй соҳибфалоҳ,
Ҷустуҷӯйи чун ту зирак, синасоф,
Кай тиҳӣ бошад? Куҷо бошад газоф?
В-ин муроаташ яке сафъи дигар
В-ин зи сафъи ошкоро сахттар.
Меситудандаш ба тасхар, к-эй бузург!
Дар фалон иқлими бас ҳавлу сутург,
Дар фалон беша дарахте ҳаст сабз,
Бас баланду паҳну ҳар шохеш габз.
Қосиди шаҳ баста дар ҷустан камар,
Мешунид аз ҳар касе навъе хабар.
Бас саёҳат кард он ҷо солҳо,
Мефиристодаш шаҳаншаҳ молҳо.
Чун басе дид андар он ғурбат таъаб,
Оҷиз омад охируламр аз талаб.
Ҳеч аз мақсуд асар пайдо нашуд,
З-он ғараз ғайри хабар пайдо нашуд.
Риштаи уммеди ӯ бигсаста шуд,
Ҷустаи ӯ оқибат ноҷуста шуд.
Кард азми бозгаштан сӯйи шоҳ,
Ашк мебориду мебуррид роҳ.

## Шарҳ кардани шайх сирри он дарахтро бо он толиби муқаллид

Буд шайхе, олиме, қутбе карим
Андар он манзил, ки оис шуд надим.
Гуфт: «Ман навмед пеши ӯ равам,
З-остони ӯ ба роҳ андар шавам.

То дуъои ӯ бувад ҳамроҳи ман,
Чунки навмедам ман аз дилхоҳи ман».
Рафт пеши шайх бо чашми пуроб,
Ашк меборид монанди саҳоб.
Гуфт: «Шайхо, вақти раҳму риққат аст,
Ноумедам, вақти лутф ин соат аст».
Гуфт: «Вогӯ, к-аз чӣ навмедистат?
Чист матлуби ту? Рӯ бо чистат?»
Гуфт: «Шоҳаншоҳ кардам ихтиёр,
Аз барои ҷустани як шохсор,
Ки дарахте ҳаст нодир дар ҷиҳот,
Меваи ӯ мояи оби ҳаёт.
Солҳо ҷустам, надидам як нишон
Ҷуз ки танзу тасхари ин сархушон».
Шайх хандиду бигуфташ: «Эй салим!
Ин дарахти илм бошад дар алим.
Бас баланду бас шигарфу бас басит,
Оби Ҳайвоне зи дарёи муҳит.
Ту ба сурат рафтаӣ, эй бехабар!
З-он зи шохи маънӣ, бебору бар.
Гаҳ дарахташ ном шуд, гаҳ офтоб,
Гоҳ баҳраш ном гашту гаҳ саҳоб.
Он яке, ки-ш сад ҳазор осор хост,
Камтарин осори ӯ умри бақост.
Гарчи фард аст ӯ, асар дорад ҳазор,
Он якеро ном шояд бешумор.
Он яке шахсе туро бошад падар,
Дар ҳақи шахси дигар бошад писар.
Дар ҳақи дигар бувад қаҳру адӯ,
Дар ҳақи дигар бувад лутфу накӯ.
Сад ҳазорон ному ӯ як одамӣ,
Соҳиби ҳар васфаш аз васфе амӣ.
Ҳар кӣ ҷӯяд ном, гар соҳибсиқа-ст,
Ҳамчу ту навмеду андар тафриқа-ст.
Ту чӣ барчафсӣ бар ин номи дарахт?
То бимонӣ талхкому шӯрбахт.
Даргузар аз ному бингар дар сифот,
То сифотат раҳ намояд сӯйи зот.

Ихтилофи халқ аз ном уфтод,
Чун ба маънӣ рафт, ором уфтод.

## Мунозиати чаҳор кас ҷиҳати ангур, ки ҳар яке ба номи дигар фаҳм карда буд онро

Чор касро дод марде як дирам,
Он яке гуфт: «Ин ба ангуре диҳам».
Он яке дигар араб буд, гуфт «Ло,
Ман инаб хоҳам, на ангур, эй дағо!»
Он яке турке буду гуфт: «Ин банум,
Ман намехоҳам инаб, хоҳам узум».
Он яке румӣ бигуфт: «Ин қилро
Тарк кун, хоҳем истофилро».
Дар танозуъ он нафар ҷангӣ шуданд,
Ки зи сирри номҳо ғофил буданд.
Мушт бар ҳам мезаданд аз аблаҳӣ,
Пур буданд аз ҷаҳлу аз дониш тиҳӣ.
Соҳиби сирре, азизе, садзабон,
Гар будӣ он ҷо, бидодӣ сулҳашон.
Пас бигуфтӣ ӯ ки ман з-ин як дирам
Орзуи ҷумлатонро медиҳам.
Чунки биспоред дилро бедағал,
Ин дирамтон мекунад чандин амал.
Як дирамтон мешавад чор, алмурод
Чор душман мешавад як з-иттиҳод.
Гуфт: «Ҳар яктон диҳад ҷангу фироқ,
Гуфти ман орад шуморо иттифоқ.
Пас шумо хомӯш бошед, инситу,
То забонтон ман шавам дар гуфтугӯ».
Гар сухантон менамояд як намат,
Дар асар мояй низоъ асту сахат.
Гармии ориятӣ надҳад асар,
Гармии хосиятӣ дорад ҳунар.
Сиркаро гар гарм кардӣ з-оташ он,
Чун хурӣ, сардӣ физояд бегумон.
З-он ки он гармии ӯ даҳлезӣ аст,
Табъи аслаш сардӣ асту тезӣ аст.

В-ар бувад яхбаста дӯшоб, эй писар!
Чун хурӣ, гармӣ физояд дар ҷигар.
Пас, риёи шайх беҳ з-ихлоси мост,
К-аз басират бошад он в-ин аз амост.
Аз ҳадиси шайх ҷамъийят расад,
Тафриқа орад дами аҳли ҳасад. 3715
Чун Сулаймон, к-аз суйи ҳазрат битохт,
К-ӯ забони ҷумлаи мурғон шинохт.
Дар замони адлаш оҳу бо паланг
Унс бигрифту бурун омад зи ҷанг.
Шуд кабӯтар эмин аз чанголи боз,
Гӯсфанд аз гург н-овард эҳтироз.
Ӯ миёнҷӣ шуд миёни душманон,
Иттиҳоде шуд миёни парзанон.
Ту чу мӯрӣ, баҳри дона медавӣ,
Ҳин, Сулаймон ҷӯ, чӣ мебошӣ ғавӣ? 3720
Донаҷӯро донааш доме шавад
В-он сулаймонҷӯйиро ҳар ду бувад.
Мурғи ҷонҳоро дар ин охирзамон
Нестшон аз ҳамдигар як дам амон.
Ҳам Сулаймон ҳаст андар даври мо,
К-ӯ диҳад сулҳу намонад ҷаври мо.
Қавли «ин мин умматин»-ро ёд гир,
То ба «илло ва хало фиҳо назир».
Гуфт: «Худ холӣ набуда-ст уммате
Аз халифай ҳаққу соҳибҳиммате». 3725
Мурғи ҷонҳоро чунон якдил кунад,
К-аз сафошон беғашу беғил кунад.
Мушфиқон гарданд ҳамчун волида,
Муслимунро гуфт нафси воҳида.
Нафси воҳид аз расули Ҳақ шуданд
В-арна ҳар як душмани мутлақ буданд.

## Бархостани мухолифат ва адоват аз миёни ансор ба баракоти расул, алайҳиссалом

Ду қабила, к-Авсу Хазраҷ ном дошт,
Як зи дигар ҷони хуношом дошт.

Кинаҳои куҳнашон аз Мустафо
Маҳв шуд, дар нури islomу сафо.
Аввало ихвон шуданд он душманон,
Ҳамчу аъдоди инаб дар бӯстон.
В-аз дами «ал-муъминун ихваҳ» ба панд
Даршикастанду тани воҳид шуданд.
Сурати ангурҳо ихвон бувад,
Чун фишурдӣ, шираи воҳид шавад.
Ғӯраву ангур зиддонанд, лек
Чунки ғӯра пухта шуд, шуд ёри нек.
Ғӯрае, ки санг басту хом монд,
Дар азал Ҳақ кофири аслӣ-ш хонд.
На ахӣ, на нафси воҳид бошад ӯ,
Дар шақоват наҳси мулҳид бошад ӯ.
Гар бигӯям, он чи ӯ дорад ниҳон,
Фитнаи афҳом хезад дар ҷаҳон.
Сирри габри кӯр номазкур беҳ,
Дуди дӯзах аз Ирам маҳҷур беҳ.
Ғӯраҳои нек, к-эшон қобиланд,
Аз дами аҳли дил охир якдиланд.
Сӯйи «ангуре» ҳамеронанд тез,
То дуӣ бархезаду кину ситез.
Пас дар ангуре ҳамедарранд пӯст,
То яке гарданду ваҳдат васфи ӯст.
Дӯст душман гардад, эро ҳам ду аст,
Ҳеч «як» бо хеш ҷанге дарнабаст.
Офарин бар ишқи кулли устод,
Сад ҳазорон зарраро дод иттиҳод.
Ҳамчу хоки муфтариқ дар раҳгузар
Як сабӯшон кард дасти кӯзагар.
К-иттиҳоди ҷисмҳои обу тин
Ҳаст ноқис, ҷон намемонад бад-ин.
Гар назойир гӯям ин ҷо дар мисол,
Фаҳмро тарсам, ки орад ихтилол.
Ҳам Сулаймон ҳаст акнун, лек мо
Аз нишоти дурбинӣ дар амо.
Дурбинӣ кӯр дорад мардро,
Ҳамчу хуфтай дар саро кӯр аз саро.

Мӯлаъем андар суханҳои дақиқ,
Дар гиреҳҳо боз кардан «мо ашиқ».
То гиреҳ бандему бугшоем мо
Дар шиколу дар ҷавоб ойинфазо.
Ҳамчу мурғе, к-ӯ гушояд банди дом,
Гоҳ бандад, то шавад дар фан тамом.
Ӯ бувад маҳрум аз саҳрову марҷ,
Умри ӯ андар гиреҳкорист харҷ.
Худ забуни ӯ нагардад ҳеч дом,
Лек парраш дар шикаст афтад мудом.
Бо гиреҳ кам кӯш, то болу парат
Наскулад як-як аз ин карру фарат.
Сад ҳазорон мурғ парҳошон шикаст
В-он камингоҳи аворизро набаст.
Ҳоли эшон аз Нубӣ хон, эй ҳарис!
«Наққабу фиҳо», бибин, «ҳал мин маҳис»?
Аз низоъи турку румию араб
Ҳал нашуд ишколи ангуру инаб.
То Сулаймони ласини маънавӣ
Дарнаёяд, барнахезад ин дувӣ.
Ҷумла мурғони мунозеъ бозвор
Бишнавед ин табли бози шаҳрёр.
З-ихтилофи хеш сӯйи иттиҳод,
Ҳин, зи ҳар ҷониб равон гардед шод.
«Ҳайсу мо кунтум фаваллу ваҷҳакум,
Наҳваҳу ҳоза-ллазӣ лам янҳакум».
Кӯрмурғонему бас носохтем,
К-он Сулаймонро даме нашнохтем.
Ҳамчу ҷуғдон душмани бозон шудем,
Лоҷарам вомондаи вайрон шудем.
Мекунем аз ғояти ҷаҳлу амо
Қасди озори азизони Худо.
Ҷамъи мурғон, к-аз Сулаймон равшананд,
Парру боли бегунаҳ кай баркананд?
Балки сӯйи оҷизон чинакашанд,
Бехилофу кина он мурғон х(в)ашанд.
Ҳудҳуди эшон пайи тақдисро
Мегушояд роҳи сад Билқисро.

Зоғи эшон гар ба сурат зоғ буд,
Бози ҳиммат омаду «мозоғ» буд.
Лаклаки эшон, ки «лак-лак» мезанад,
Оташи тавҳид дар шак мезанад.
В-он кабӯтаршон зи бозон нашкуҳад,
Боз сар пеши кабӯтаршон ниҳад.
Булбули эшон, ки ҳолат орад ӯ,
Дар даруни хеш гулшан дорад ӯ.
Тӯтии эшон зи қанд озод буд,
К-аз дарун қанди абад рӯяш намуд.
Пойи товусони эшон дар назар
Беҳтар аз товуси паррони дигар.
Мантиқуттайрони хоқонӣ садост,
Мантиқуттайри сулаймонӣ куҷост?
Ту чӣ донӣ бонги мурғонро ҳаме?
Чун надидастӣ Сулаймонро даме.
Парри он мурғе, ки бонгаш мутриб аст,
Аз буруни Машриқ асту Мағриб аст.
Ҳар як оҳангаш зи курсӣ то сарист
В-аз саро то арш дар карру фарест.
Мурғ, к-ӯ бе ин Сулаймон меравад,
Ошиқи зулмат чу хуффоше бувад.
Бо Сулаймон хӯ кун, эй хуффоши рад,
То ки дар зулмат намонӣ то абад.
Як газе раҳ, ки бад-он сӯ меравӣ,
Ҳамчу газ қутби масоҳат мешавӣ.
В-он ки лангу лук он сӯ меҷаҳӣ,
Аз ҳама лангию лукӣ мераҳӣ.

## Қиссаи батбаччагон, ки мурғи хонагӣ парвардашон

Тухми баттӣ, гарчи мурғи хонаат
Кард зери пар чу доя тарбият.
Модари ту батти он дарё буда-ст,
Дояаш хокӣ буду хушкипараст.
Майли дарё, ки дили ту-андар аст,
Он табиат ҷон-тро аз модар аст.

Майли хушкӣ мар туро з-ин доя аст,
Дояро бигзор, к-ӯ бадроя аст.
Дояро бигзор дар хушку бирон,
Андар о дар баҳри маънӣ чун батон.
Гар туро модар битарсонад зи об,
Ту матарсу сӯйи дарё рон шитоб.
Ту батӣ, бар хушку бар тар зиндаӣ,
Не чу мурғи хона хона кандаӣ.
Ту зи «каррамно банӣ Одам» шаҳӣ,
Ҳам ба хушкӣ, ҳам ба дарё по ниҳӣ.
Ки «ҳамалноҳум ала-л-баҳр»-ӣ ба ҷон,
Аз «ҳамалноҳум ала-л-бар» пеш рон.
Мар малойикро суйи бар роҳ нест,
Ҷинси ҳайвон ҳам зи баҳр огоҳ нест.
Ту ба тан ҳайвон, ба ҷонӣ аз малак,
То равӣ ҳам бар замин, ҳам бар фалак.
То ба зоҳир «мислукум» бошад башар
Бо дили «юҳо илайҳи» дидавар.
Қолиби хокӣ фитода бар замин,
Рӯҳи ӯ гардон бар ин чархи барин.
Мо ҳама мурғобиёнем, эй ғулом!
Баҳр медонад забони мо тамом.
Пас, Сулаймон баҳр омад, мо чу тайр,
Дар Сулаймон то абад дорем сайр.
Бо Сулаймон пой дар дарё бинеҳ,
То чу Довуд об созад сад зиреҳ.
Он Сулаймон пеши ҷумла ҳозир аст,
Лек ғайрат чашмбанду соҳир аст.
То зи ҷаҳлу хобнокию фузул
Ӯ ба пеши мову мо аз вай малул.
Ташнаро дарди сар орад бонги раъд,
Чун надонад, к-ӯ кашонад абри саъд.
Чашми ӯ монда-ст дар ҷӯйи равон
Бехабар аз завқи оби осмон.
Маркаби ҳиммат суйи асбоб ронд,
Аз мусаббиб лоҷарам маҳҷуб монд.
Он ки бинад ӯ мусаббибро аён,
Кай ниҳад дил бар сабабҳои ҷаҳон?

## Ҳайрон шудани ҳоҷиён дар каромоти он зоҳид, ки дар бодия танҳош ёфтанд

Зоҳиде буд дар миёни бодия,
Дар ибодат ғарқ чун аббодия.
Ҳоҷиён он ҷо расиданд аз билод,
Дидашон бар зоҳиди хушк уфтод.
Ҷойи зоҳид хушк буд, ӯ тармизоҷ,
Аз самуми бодия будаш илоҷ.
Ҳоҷиён ҳайрон шуданд аз ваҳдаташ
В-он саломат дар миёни офаташ.
Дар намоз истода буд бар рӯйи рег,
Рег, к-аз таффаш биҷӯшад оби дег.
Гуфтие сармаст дар сабза-в гул аст,
Ё савора бар Бuроқу Дулдул аст.
Ё ки пояш бар ҳариру ҳуллаҳост,
Ё самум ӯро беҳ аз боди сабост.
Пас бимонданд он ҷамоат бо ниёз,
То шавад дарвеш фориғ аз намоз.
Чун зи истиғроқ бозомад фақир,
З-он ҷамоат зиндае равшанзамир
Дид, к-обаш мечакид аз дасту з-ӯ
Ҷомааш тар буд аз осори вузӯ.
Пас бипурсидаш, ки обат аз куҷост?
Дастро бардошт, к-аз сӯйи самост.
Гуфт: «Ҳар гоҳе, ки хоҳӣ, мерасад?
Бе зи чоҳу бе зи «ҳаблин мин масад?»
Мушкили мо ҳал кун, эй султони дин!
То бибахшад ҳоли ту моро яқин.
Вонамо сирре зи асрорат ба мо,
То бибуррем аз миён зуннорҳо».
Чашмро бигшуд сӯйи осмон,
Ки иҷобат кун дуъои ҳоҷиён,
Ризқҷӯйиро зи боло хӯгарам,
Ту зи боло баргушудастӣ дарам.
Эй намуда ту макон аз ломакон,
«Фӣ-с-самоӣ ризқукум» карда аён.

Дар миёни ин муноҷот абри х(в)аш
Зуд пайдо шуд чу пили обкаш.
Ҳамчу об аз машк боридан гирифт,
Дар гаву дар ғорҳо маскан гирифт.
Абр меборид чун машк ашкҳо,
Ҳоҷиён ҷумла гушода машкҳо.
Як ҷамоат з-он аҷоиб корҳо
Мебуриданд аз миён зуннорҳо.
Қавми дигарро яқин дар издиёд,
З-ин аҷаб «валлоҳу аълам би-р-рашод».
Қавми дигар нопазиро, туршу хом,
Ноқисони сармадӣ «тамма-л-калом».

# ФЕҲРИСТИ МАТОЛИБ

Зиндагонӣ дар «Маснавӣ»........................................................................ ......5

**Дафтари аввал**

Муқаддимаи дафтари аввал ........................................................................18
Ошиқ шудани подшоҳ бар канизаки ранҷур ва тадбир кардан дар сиҳҳати ӯ...........................................................................................................23
Зоҳир шудани аҷзи ҳакимон аз муолиҷаи канизак ва рӯй овардани подшоҳ ба даргоҳи Илоҳ ва дар хоб дидани ӯ валиеро......................... ......24
Аз Худованди валиюттавфиқ дархостани тавфиқи риояти адаб дар ҳамаи ҳолҳо ва баён кардани вахомати зарарҳои беадабӣ..........................26
Мулоқоти подшоҳ бо он валӣ, ки дар хобаш намуданд........................ ......27
Бурдани подшоҳ он табиброро бар сари бемор, то ҳоли ӯро бибинад.............27
Хилват талабидани он валӣ аз подшоҳ ҷиҳати дарёфтани ранҷи канизак...30
Дарёфтани он валӣ ранҷро ва арз кардани ранҷи ӯ пеши подшоҳ......... ......32
Фиристодани подшоҳ расулон ба Самарқанд ба овардани заргар..................32
Баёни он ки куштан ва заҳр додани марди заргар ба ишорати илоҳӣ буд, на ба ҳавои нафс ва тааммули фосид.................................................34
Ҳикояти баққолу тӯтӣ ва равған рехтани тӯтӣ дар дуккон.................... ......36
Донистани он подшоҳи ҷуҳуд, ки насрониёнро мекушт аз баҳри таассуб....40
Омӯхтани вазир макр подшоҳро........................................................... ......41
Талбиси вазир бо насоро..........................................................................41
Қабул кардани насоро макри вазирро.................................................. ......42
Мутобиати насоро вазирро........................................................................43
Қиссаи дидани халифа Лайлиро................................................................45
Баёни ҳасади вазир....................................................................................46
Фаҳм кардани ҳозиқони насоро макри вазирро.........................................47
Пайғоми шоҳ пинҳон бо вазир.............................................................. ......48
Баёни дувоздаҳ сибт аз насоро............................................................. ......48
Тахлити вазир дар аҳкоми Инҷил........................................................ ......48
Дар баёни он ки ин ихтилофот дар сурати равиш аст, не дар ҳақиқати роҳ......50
Баёни хисорати вазир дар ин макр..........................................................51
Макри дигар ангехтани вазир дар излоли қавм.................................... ......53
Дафъ гуфтани вазир муридонро............................................................ ......54
Мукаррар кардани муридон, ки хилватро бишкан....................................55
Ҷавоб гуфтани вазир, ки хилватро намешиканам.....................................55
Эътирози муридон дар хилвати вазир........................................................56
Навмед кардани вазир муридонро аз рафзи хилват...................................58
Валиаҳд сохтани вазир ҳар як амирро ҷудо-ҷудо.......................................59
Куштани вазир хештанро дар хилват.........................................................60
Талаб кардани уммати Исо – алайҳиссалом – аз умаро, ки валиаҳд аз шумо кадом аст?.................................................................................. ......60
Мунозиати умаро дар валиаҳдӣ............................................................. ......62
Таъзими наъти Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки мазкур буд дар Инҷил...........................................................................................63
Ҳикояти подшоҳи ҷуҳуди дигар, ки дар ҳалоки дини Исо саъй намуд.. ......64
Оташ кардани подшоҳи ҷуҳуд ва бут ниҳодан паҳлӯйи оташ, ки ҳар кӣ бутро суҷуд кунад, аз оташ бираст............................................ ......66

Ба сухан омадани тифл дар миёни оташ ва таҳриз кардан халқро дар афтодан ба оташ..............................................................................67
Каж мондани даҳони он мард, ки номи Муҳаммадро, саллалоҳу алайҳи ва саллам, ба тасхар хонд..................................................................68
Итоб кардан оташро он подшоҳи ҷуҳуд.........................................................69
Танзу инкор кардани подшоҳи ҷуҳуд ва қабул нокардани насиҳати хосони хеш..............................................................................................72
Баёни таваккул ва тарки ҷаҳд гуфтани нахҷирон ба шер.................................73
Ҷавоб гуфтани шер нахҷиронро ва фоидаи ҷаҳд гуфтан..................................74
Тарҷеҳ ниҳодани нахҷирон таваккулро бар ҷаҳду иктисоб................................74
Тарҷеҳ ниҳодани шер ҷаҳду иктисобро бар таваккулу таслим............................74
Тарҷеҳ ниҳодани нахҷирон таваккулро ба иҷтиҳод...........................................75
Тарҷеҳ ниҳодани шер ҷаҳдро бар таваккул......................................................75
Боз тарҷеҳ ниҳодани нахҷирон таваккулро бар ҷаҳд..........................................77
Нигаристани Азроил бар марде ва гурехтани он мард дар сарои Сулаймон алайҳиссалом ва тақрири тарҷеҳи таваккул бар ҷаҳд ва қиллати фоидаи ҷаҳд...................................................................................77
Боз тарҷеҳ ниҳодани шер ҷаҳдро бар таваккул ва фавоиди ҷаҳдро баён кардан.......................................................................................................78
Муқаррар шудани тарҷеҳи ҷаҳд бар таваккул...................................................79
Инкор кардани нахҷирон бар харгӯш дар таъхири рафтан бари шер..................80
Ҷавоб гуфтани харгӯш эшонро..........................................................................80
Эътирози нахҷирон бар сухани харгӯш...............................................................80
Ҷавоби харгӯш нахҷиронро.................................................................................80
Зикри дониши харгӯш ва баёни фазилату манофеъи донистан ..........................82
Бозталабидани нахҷирон аз харгӯш сирри андешаи ӯро.....................................82
Манъ кардани харгӯш он рози эшонро..............................................................83
Қиссаи макри харгӯш.........................................................................................83
Зиёфати таъвили ракики магас..........................................................................85
Тӯлидани шер аз дер омадани харгӯш...............................................................86
Ҳам дар баёни макри харгӯш..............................................................................87
Расидани харгӯш ба шер....................................................................................89
Узр гуфтани харгӯш...........................................................................................89
Ҷавоб гуфтани шер харгӯшро ва равон шудан бо ӯ............................................91
Қиссаи ҳудҳуд ва Сулаймон, алайҳиссалом, дар баёни он ки чун қазо ояд чашмҳои равшан баста шавад....................................................................92
Таънаи зоғ дар даъвои ҳудҳуд...........................................................................93
Ҷавоб гуфтани ҳудҳуд таънаи зоғро...................................................................94
Қиссаи Одам, алайҳиссалом ва бастани қазо назари ӯро аз мурооти сареҳи наҳй ва тарки таъвил.........................................................................94
По вопас кашидани харгӯш аз шер чун наздики чоҳ расид..................................96
Пурсидани шер аз сабаби пой вопас кашидани харгӯш.......................................98
Назар кардани шер дар чоҳ ва дидан акси худро ва он харгӯшро.........................98
Мужда бурдани харгӯш сӯйи нахҷирон, ки шер дар чоҳ фитод...........................100
Ҷамъ шудани нахҷирон гирди харгӯш ва сано гуфтан ӯро...................................101
Панд додани харгӯш нахҷиронро, ки бад-ин шод машавед..................................102
Тафсири «Раҷаъно мин-ал-ҷиҳоди-л-асғари ила-л-ҷиҳоди-л-акбари»........102

Омадани расули Рум то амирулмуъминин Умар, разияллоҳу анҳу ва дидани ӯ каромоти Умарро, разияллоҳу анҳу........................................ ....103
Ёфтани расули Рум амирулмуъминин Умарро, разияллоҳу анҳу, хуфта ба зери дарахт.....................................................................................105
Суол кардани расули Рум аз амирулмуъминин Умар, разияллоҳу анҳу.....106
Изофат кардани Одам он заллатро ба хештан, ки «раббано заламно» ва изофат кардани Иблис гуноҳи худро ба Худои таъоло, ки «бимо ағвайтани»................................................................................. ....108
Тафсири «Ва ҳува маъакум айнамо кунтум» ........................................ ....110
Суол кардани расул аз Умар, разияллоҳу анҳу, аз сабаби ибтилои арвоҳ бо ин обу гили ҷисм.................................................................. ....110
Дар маънии он ки «ман арода ан яҷлиса маъаллоҳи фалияҷлис маъа аҳли-т-тасаввуфи»...........................................................................111
Қиссаи бозаргон, ки тӯтии маҳбуси ӯ ӯро пайғом дод ба тӯтиёни Ҳиндустон ҳангоми рафтан ба тиҷорат................................................ ....112
Сифати аҷниҳаи туюри уқули илоҳӣ.......................................................114
Дидани Хоҷа тӯтиёни Ҳиндустонро дар дашт ва пайғом расонидан аз он тӯтӣ........................................................................................115
Тафсири қавли Фаридуддини Аттор, қаддасаллоҳу рӯҳаҳу.................. ....116
Таъзими соҳирон мар Мӯсоро, алайҳиссалом, ки чӣ мефармоӣ: аввал ту андозӣ асо?.......................................................................... ....116
Бозгуфтани бозаргон бо тӯтӣ он чӣ дид аз тӯтиёни Ҳиндустон...............118
Шунидани он тӯтӣ, ҳаракати он тӯтиён ва мурдани он тӯтӣ дар қафас ва навҳаи хоҷа бар вай.........................................................................121
Тафсири қавли ҳаким............................................................................ ....124
Дар маънии қавлаҳу алайҳиссалом: «инна саъдан лағайурун ва ано ағйару мин саъдин валлоҳу ағйиру минни ва мин ғайратиҳи ҳаррама-л-фавоҳиша, мо заҳара минҳо ва мо батана».......................... ....125
Руҷӯъ ба ҳикояти хоҷаи тоҷир.................................................................127
Бурун андохтани марди тоҷир тӯтиро аз қафас ва паридани тӯтии мурда...128
Видоъ кардани тӯтӣ хоҷаро ва паридан.....................................................129
Мазаррати таъзими халқ ва ангуштнамой шудан.....................................130
Тафсири «Мошоаллоҳу кона»................................................................ ....131
Достони пири чангӣ, ки дар аҳди Умар, разияллоҳу анҳу, баҳри Худо рӯзи бенавоӣ чанг зад миёни гӯристон.......................................................133
Дар баёни ин ҳадис, ки «инна лираббикум фӣ айёми даҳрикум нафаҳотун, ало фатаъарразу лаҳо».................................................... ....135
Қиссаи суол кардани Ойиша, разияллоҳу анҳу, аз Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки имрӯз борон борид, чун ту сӯйи гӯристон рафтӣ, ҷомаҳои ту чун тар нест?.......................................... ....139
Тафсири байти Ҳаким разийаллоҳу анҳу....................................................140
Дар маънии ин ҳадис, ки «иғтаниму барда-р-рабеъи ...».........................141
Пурсидани Сиддиқа, разияллоҳу анҳо, аз Мустафо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ки сирри борони имрӯзина чӣ буд?...............................142
Бақияи қиссаи пири чангӣ ва баёни махласи он.........................................142
Дар хоб гуфтани ҳотиф мар Умарро, разияллоҳу анҳу, ки чандин зар аз байтулмуол ба он мард деҳ, ки дар гӯристон хуфтааст................ ....144

Нолидани сутуни ҳаннона, чун барои пайғомбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, минбар сохтанд, ки ҷамоат анбӯҳ шуд, гуфтанд: мо рӯйи мубораки туро ба ҳангоми ваъз намебинем ва шунидани расулу саҳоба он ноларо ва суолу ҷавоби Мустафо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, бо сутун сареҳ....................145
Изҳори муъҷизаи пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба сухан омадани сангреза дар дасти Абӯҷаҳл, алайҳилаъна ва гувоҳӣ додани сангреза бар ҳақиқати Муҳаммад, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба рисолати ӯ....................147
Бақияи қиссаи мутриб ва пайғом расонидани амирулмуъминин Умар, разияллоҳу анҳу, ба ӯ он чӣ ҳотиф овоз дод....................148
Гардонидани Умар, разияллоҳу анҳу, назари ӯро аз мақоми гиря, ки ҳастӣ аст ба мақоми истиғроқ....................150
Тафсири дуъои он ду фаришта, ки ҳар рӯз бар сари ҳар бозоре мунодӣ мекунанд, ки «аллоҳумма аъти кулла мунфиқин халафан, аллоҳумма аъти кулла мумсикин талафан» ва баён кардан, ки он мунфиқ муҷоҳиди роҳи Ҳақк аст, на мусрифи роҳи ҳаво....................151
Қиссаи халифа, ки дар карам дар замони худ аз Ҳотами Тоӣ гузашта буд ва назири худ надошт....................153
Қиссаи аъробии дарвеш ва моҷарои зани ӯ бо ӯ ба сабаби қиллату дарвешӣ....153
Мағрур шудани муридони мухтоҷ ба муддаиёни музаввар ва эшонро шайх ва мухташаму восил пиндоштан ва нақлро аз нақд фарқ нодонистан ва барбастаро аз барруста....................154
Дар баёни он ки нодир афтад, ки мурнде дар муддаии музаввар эътиқод ба сидқ бибандад, ки ӯ касе аст ва бад-ин эътиқод ба мақоме бирасад, ки шайхаш дар хоб надида бошад ва обу оташ ӯро газанд накунад ва шайхашро газанд кунад, валекин ба нодири нодир....................155
Сабр фармудани аъробӣ зани худро ва фазилати сабру фақр баён кардан бо зан....................156
Насиҳат кардани зан мар шӯйро, ки сухан афзун аз қадам ва аз мақоми худ магӯ, «лима тақулуна, мо ло тафъалуна», ки ин суханҳо агарчи рост аст, он мақоми таваккул туро нест ва ин сухан гуфтан фавқи мақому муомилаи худ зиён дорад ва «кабура мақтан индаллоҳа» бошад....................157
Насиҳат кардани мард мар занро, ки дар фақирон ба хорӣ манигар ва дар кори Ҳақ ба гумони камол нигар ва таъна мазан дар фақру фақирон ба хаёл ва гумони бенавоии хештан....................159
Дар баёни он ки ҷунбидани ҳар касе аз он ҷо ки вай аст, ҳар касро аз чанбараи вуҷуди худ бинад. Тобаи кабуд офтобро кабуд намояд ва сурх сурх намояд. Чун тобаҳо аз рангҳо берун ояд, сапед шавад. Аз ҳамаи тобаҳои дигар ӯ ростгӯтар бошад ва имом бошад....................160
Муроот кардани зан шавҳарро ва истиғфор кардан аз гуфтаи хеш....................162
Дар баёни ин хабар, ки «иннаҳунна яғлибна-л-оқила ва яғлибуҳунна-л-ҷоҳилу»....................164
Таслим кардани мард худро ба он чӣ илтимоси зан буд аз талаби маишат ва он эътирози занро ишорати Ҳақ донистан....................164
Дар баёни он ки Мӯсо ва Фиръавн ҳар ду мусаххари машийятанд, чунонки захру позахру зулумоту нур ва мунуҷот кардани Фиръавн ба хилват, то номус нашиканад....................165

Сабаби ҳирмони ашқиё аз ду ҷаҳон, ки «хасара-д-дунё ва-л-охират».... ....167
Ҳақиру бехасм дидани дидаҳои ҳис Солеҳ ва ноқаи Солеҳро. Чун хоҳад, ки Ҳақ лашкареро ҳалок кунад, дар назари эшон ҳақир намояд хасмонро ва андак, агарчи ғолиб бошад он хасм. Ва «юқалликум фӣ аъюуниҳим лияқзиаллоҳу амран кона мафъулан»....... ....169
Дар маънии он ки «марача-л-баҳрайни ялтақиёни байнаҳумо барзахун ло ябғиёни»........................................................................................ ....172
Дар маънии он ки он чӣ валӣ кунад, муридро нашояд густохӣ кардан ва ҳамон феъл кардан, ки ҳалво табибро зиён надорад, аммо беморонро зиён дорад ва сармову барф ангурро зиён надорад, аммо ғӯраро зиён дорад, ки дар раҳ аст, ки «лияғфира лакаллоҳу мо тақаддама мин занбика ва мо тааххар»........................................................................ ....174
Махласи моҷарои араб ва ҷуфти ӯ........................................................ ....175
Дил ниҳодани араб бар илтимоси дилбари хеш ва савганд хӯрдан, ки дар ин таслим маро ҳилате ва имтиҳоне нест......................................... ....176
Таъйин кардани зан тариқи талаби рӯзӣ кадхудои худро ва қабул кардани ӯ...179
Ҳадя бурдани араб сабӯи оби борон аз миёни бодия сӯйи Бағдод ба амирулмуъминин бар пиндошти он ки он ҷо ҳам қаҳти об аст..180
Дар намад дӯхтани зани араб сабӯи оби боронро ва мухр ниҳодан бар вай аз ғояти эътиқоди араб...................................................................... ....181
Дар баёни он ки чунон ки гадо ошиқи карам аст ва ошиқи карим, карами карим ҳам ошиқи гадост. Агар гадоро сабр беш бувад, карим бари ӯ ояд. Аммо сабри гадо камоли гадост ва сабри карим нуқсони ӯ.....182
Фарқ миёни он ки дарвеш аст ба Худо ва ташнаи Худо ва миёни он ки дарвеш аст аз Худо ва ташнаи ғайр аст......................................... ....183
Пеш омадани нақибон ва дарбонони халифа аз баҳри икроми аъробӣ ва пазируфтан ҳадяи ӯро..................................................................... ....184
Дар баёни он ки ошиқи дунё бар мисоли ошиқи деворест, ки бар ӯ тоби офтоб занад ва ҷаҳду ҷиҳод накард, то фаҳм кунад, ки он тобу равнақ аз девор нест, аз қурси офтоб аст дар осмони чаҳорум. Лоҷарам куллӣ дил бар девор ниҳод, чун партави офтоб ба офтоб пайваст, ӯ маҳрум монд абадан ва «ҳила байнаҳум байна мо яштаҳуна»...186
Масали араб: «Изо занайта фазни би-л-ҳуррати ва изо сарақта фасриқи-д-дуррата»........................................................................................ ....186
Супурдани араб ҳадяро яъне сабӯро ба ғуломони халифа..................... ....187
Ҳикояти моҷарои наҳвӣ ва киштибон.................................................... ....188
Қабул кардани халифа ҳадяро ва ато фармудан бо камоли бениёзӣ аз он ҳадя ва аз он сабӯ........................................................................................189
Дар сифати пиру мутовиати вай.................................................................193
Васият кардани расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мар Алиро, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, ки чун ҳар касе ба навъи тоате тақарруб ҷӯяд ба Ҳақ, ту тақарруб ҷӯй ба суҳбати оқил ва бандаи хос, то аз ҳама пешқадамтар бошӣ.................... ....195
Кабудӣ задани қазвинӣ бар шонагоҳ сурати шер ва пушаймон шудани ӯ ба сабаби захми сӯзан.......................................................................... ....196
Рафтани гург ва рӯбоҳ дар хидмати шер ба шикор.................................198
Имтиҳон кардани шер гургро ва гуфтан, ки пеш ой, эй гург, бахш кун сайдҳоро миёни мо.................................................................................200

Қиссаи он кас, ки дари ёре бикӯфт. Аз дарун гуфт: Кист он? Гуфт: Манам. Гуфт: Чун ту туӣ, дар намегушоям, ҳеч касро аз ёрон намешиносам, ки ӯ «ман» бошад, бирав.........201
Адаб кардани шер гургро, ки дар қисмат беадабӣ карда буд.........203
Таҳдид кардани Нӯҳ, алайҳиссалом, мар қавмро, ки бо ман мапечед, ки бо Худой мепечед дар миёни ин ба ҳақиқат, эй махзулон!.........204
Нишондани подшоҳон сӯфиёни орифро пеши рӯйи хеш, то чашмашон бад-эшон равшан шавад.........206
Омадани меҳмон пеши Юсуф, алайҳиссалом ва тақозо кардани Юсуф, алайҳиссалом, аз ӯ тухфаву арғумон.........206
Гуфтани меҳмони Юсуф, алайҳиссалом, ки ойина овардамат, ки то ҳар боре, ки дар вай нигарӣ, рӯйи хуби хешро бибинӣ, маро ёд кунӣ.........208
Муртад шудани котиби ваҳй ба сабаби он ки партави ваҳй бар ӯ зад, он оятро пеш аз пайғомбар, саллалоҳу алайҳи ва саллам, бихонд, гуфт: «Пас ман ҳам маҳалли ваҳйам».........210
Дуо кардани Балъами Боъур, ки Мӯсо ва қавмашро аз ин шаҳр, ки ҳисор додаанд, бемурод бозгардон ва мустаҷоб шудани дуъои ӯ.........214
Эътимод кардани Ҳороту Морут бар исмати хеш ва амирии аҳли дунё хостан ва дар фитна афтодан.........216
Боқиии қиссаи Ҳороту Морут ва наколу уқубати эшон ҳам дар дунё ба чоҳи Бобил.........217
Ба иёдат рафтани кар бар ҳамсояи ранҷури хеш.........218
Аввалкасе, ки дар муқобилаи насс қиёс овард, Иблис буд.........220
Дар баёни он ки ҳоли худ ва мастии худ пинҳон бояд дошт аз ҷоҳилон.........222
Қиссаи мирӣ кардани румиёну чиниён дар илми наққошӣ ва суратгарӣ.........224
Пурсидани пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мар Зайдро, ки имрӯз чунӣ ва чун бархостӣ? Ва ҷавоб гуфтани ӯ, ки «асбаҳту муъминан ё расулаллоҳ!.........226
Муттаҳам кардани ғуломону хоҷатошон мар Луқмонро, ки он меваҳои тарванда, ки меовардем, ӯ хӯрдааст.........230
Бақияи қиссаи Зайд дар ҷавоби расул, саллаллоҳу алайҳи ва саллам.........232
Гуфтани пайғомбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, мар Зайдро, ки ин сирро фоштар аз ин магӯ ва мутобиат нигоҳ дор.........234
Руҷӯъ ба ҳикояти Зайд.........235
Оташ афтодан дар шаҳр ба айёми Умар, разийаллоҳу анҳу.........237
Хаду андохтани хасм дар рӯйи амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу ва андохтани амирулмуъминин Алӣ шамшер аз даст.........238
Суол кардани он кофир аз Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, ки бар чун мане музаффар шудӣ, шамшер аз даст чун андохтӣ?.........241
Ҷавоб гуфтани амирулмуъминин, ки сабаби афгандани шамшер аз даст чӣ будааст дар он ҳолат?.........242
Гуфтани пайғамбар, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, ба гӯши рикобдори амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, ки куштани Алӣ бар дасти ту хоҳад будан, хабарат кардам.........245
Тааҷҷуб кардани Одам, алайҳиссалом, аз залолати Иблиси лаъин ва уҷб овардан.........248

Бозгаштан ба ҳикояти Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу ва мусомиҳат кардани ӯ бо хунии хеш........................................................................250
Афтодани рикобдор ҳар боре пеши амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, ки эй амирулмуъминин, маро бикуш ва аз ин қазо бираҳон........................................................................250
Баёни он ки фатҳ талабидани Мустафо, саллалоҳу алайҳи ва саллам, Маккаро ва ғайри Маккаро ҷиҳати дӯстиву мулки дунё набуд, чун фармудааст: «Ад-дунёу ҷифатун», балки ба амр буд........................251
Гуфтани амирулмуъминин Алӣ, каррамаллоҳу ваҷҳаҳу, бо қирни худ, ки чун хаду андохтӣ дар рӯйи ман, нафси ман ҷунбид ва ихлоси амал намонд. Монеъи куштани ту он шуд........................................253

**Дафтари дувум**

Муқаддимаи дафтари дувум........................................................256
Ҳилол пиндоштани он шахс хаёлро дар аҳди Умар, разияллоҳу анҳу... ....262
Дуздидани моргир мореро аз моргири дигар........................................263
Илтимос кардани ҳамроҳи Исо, алайҳиссалом, зинда кардани устухонҳо аз Исо, алайҳиссалом........................................................................264
Андарз кардани сӯфӣ ходимро дар тимордошти баҳима ва лоҳавли ходим.....265
Баста шудани тақрири маънии ҳикоят ба сабаби майли мустамеъ ба истимоъи зоҳири сурати ҳикоят........................................................267
Илтизом кардани ходим тааҳҳуди баҳимаро ва тахаллуф намудан...........267
Гумон бурдани корвониён, ки баҳимаи сӯфӣ ранҷур аст....................270
Ёфтани подшоҳ бозро ба хонаи кампирзан........................................274
Ҳалво харидани шайх Аҳмади Хизрувия ҷиҳати ғаримон ба илҳоми Ҳақ таъоло........................................................................277
Тарсонидани шахсе зоҳидеро, ки кам гирӣ то кӯр нашавӣ......................281
Тамомии қиссаи зинда шудани устухонҳо ба дуъои Исо, алайҳиссалом ...281
Хоридани рустоӣ дар торикӣ шерро ба занни он ки гови ӯст..................284
Фурӯхтани сӯфиён баҳимаи мусофирро ҷиҳати самоъ..........................285
Таъриф кардани мунодиёни қозӣ муфлисро гирди шаҳр.......................288
Шикоят кардани аҳли зиндон пеши вакили қозӣ аз дасти он муфлис.........290
Масал........................................................................297
Маломат кардани мардум шахсеро, ки модарашро кушт ба туҳмат...........299
Имтиҳони подшоҳ ба он ду ғулом, ки навхарида буд ...........................302
Ба роҳ кардани шоҳ якеро аз он ду ғулом ва аз ин дигар пурсидан...........304
Қасами ғулом дар сидқу вафои ёри худ аз таҳорати занни худ.................306
Ҳасад кардани ҳашам бар ғуломи хосс................................................313
Гирифтор шудани боз миёни ҷуғдон ба вайрона.....................................318
Кулӯх андохтани ташна аз сари девор дар ҷӯйи об...............................321
Фармудани волӣ он мардро, ки ин хорбунро, ки нишондаӣ бар сари роҳ, баркан! ........................................................................323
Омадани дӯстон ба бемористон ҷиҳати пурсиши Зуннуни Мисрӣ, раҳматуллоҳи алайҳ........................................................................332
Фаҳм кардани муридон, ки Зуннун девона нашуд, қосид кардааст.............334
Руҷӯъ ба ҳикояти Зуннун, раҳматуллоҳи алайҳи...................................335
Имтиҳон кардани хоҷаи Луқмон зиракии Луқмонро..............................336

Зоҳир шудани фазлу зиракии Луқмон пеши имтиҳонкунандагон.......... ....339
Татиммаи ҳасади он ҳашам бар он ғуломи хосс.........................................341
Акси таъзими пайғоми Сулаймон дар дили Балқис аз сурати ҳақири
худхуд.......................................................................................................... ....344
Инкори фалсафӣ бар қироати «ин асбаҳа моъу кум ғавран».................. ....345
Инкор кардани Мӯсо, алайҳиссалом, бар муноҷоти шубон.......................350
Итоб кардани Ҳақ таъоло Мӯсоро, алайҳиссалом, аз бахри шубон..........352
Ваҳй омадан Мӯсоро, алайҳиссалом, дар узри он шубон...........................353
Пурсидани Мӯсо аз Ҳақ сирри ғалабаи золимонро.....................................355
Ранҷонидани амире хуфтаеро, ки мор дар даҳонаш рафта буд .................359
Эътимод кардан бар тамаллуқ ва вафои хирс........................................ ....362
Гуфтани нобинои соил, ки ду кӯрӣ дорам.............................................. ....365
Татиммаи ҳикояти хирс ва он аблаҳ, ки бар вафои ӯ эътимод карда буд...366
Гуфтани Мӯсо, алайҳиссалом, гӯсолапарастро, ки он хаёландешиву
ҳазми ту куҷост?...............................................................................................367
Тарк кардани он марди носеҳ баъд аз муболиғаи панд мағрури хирсро....369
Тамаллуқ кардани девона Ҷолинусро ва тарсидани Ҷолинус.....................371
Сабаби паридан ва чаридани мурғе бо мурғе, ки ҷинси ӯ набуд.................371
Татиммаи эътимоди он мағрур бар тамаллуқи хирс....................................373
Рафтани Мустафо, алайҳиссалом, ба иёдати саҳобӣ ва баёни фоидаи
иёдат......................................................................................................... ....374
Ваҳй кардани Ҳақ таъоло ба Мӯсо, алайҳиссалом, ки чаро ба иёдати
ман наёмадӣ?...................................................................................................374
Танҳо кардани боғбон сӯфиву фақеҳ ва алавиро аз ҳамдигар............... ....375
Риҷъат ба қиссаи мариз ва иёдати пайғамбар, алайҳиссалом...................378
Гуфтани шайхе Абӯязидро, ки Каъба манам, гирди ман тавофе мекун. ....378
Ҳикоят...................................................................................................... ....379
Донистани пайғамбар, алайҳиссалом, ки сабаби ранҷурии он шахс
густохӣ будааст дар дуъо....................................................................... ....380
Узр гуфтани далқак бо саййиди аҷал, ки чаро фоҳишаро никоҳ кард... ....384
Ба ҳилат дар сухан овардани соил он зиракро, ки худро девона сохта буд...385
Ҳамла бурдани саг бар кӯри гадо.................................................................386
Хондани мухтасиб масти харобафтодаро ба зиндон............................ ....387
Дувум бор дар сухан кашидани соил он зиракро то ҳоли ӯ маълумтар
гардад....................................................................................................... ....388
Татиммаи насиҳати расул, алайҳиссалом, беморро...................................391
Васият кардани пайғамбар, алайҳиссалом, он беморро ва дуъо
омӯзониданаш..................................................................................................396
Бедор кардани Иблис Муъовияро, ки хез, вақти намоз аст........................399
Аз хар афгандани Иблис Муъовияро ва рӯпӯш кардан ва ҷавоб
гуфтани Муъовия ӯро.....................................................................................400
Боз ҷавоб гуфтани Иблис Муъовияро..................................................... ....400
Боз тақрир кардани Муъовия бо Иблис макри ӯро................................ ....402
Боз ҷавоб гуфтани Иблис Муъовияро..................................................... ....402
Унф кардани Муъовия бо Иблис....................................................................405
Нолидани Муъовия ба ҳазрати Ҳақ таъоло аз Иблис ва нусрат хостан... ....405
Боз тақрири Иблис талбиси худро........................................................... ....406

Боз илҳоҳ кардани Муъовия Иблисро........................................................... ....407
Шикояти қозӣ аз офати қазо ва ҷавоб гуфтани ноиб ӯро...........................408
Ба иқрор овардани Муъовия Иблисро...........................................................408
Рост гуфтани Иблис замири худро ба Муъовия...........................................409
Фазилати ҳасрат хӯрдани он мухлис бар фавти намози ҷамоат............. ....409
Татиммаи икрори Иблис ба Муъовия макри худро.......................................410
Фавт шудани дузд ба овоз додани он шахс соҳибхонаро, ки наздик омада буд, ки дуздро дарёбад ва бигирад.................................................411
Қиссаи мунофиқон ва масҷиди Зирор сохтани эшон..................................413
Фирефтани мунофиқон пайғамбарро, алайҳиссалом, то ба масҷиди Зирораш баранд...................................................................................................414
Андешидани яке аз саҳоба ба инкор, ки расул, алайҳиссалом, чаро сатторӣ намекунад?................................................................................ ....416
Қиссаи он шахс, ки уштури золлаи худ меҷуст ва мепурсид.......................417
Мутараддид шудан дар миёни мазҳабҳои мухталиф ва беруншаву махлас ёфтан................................................................................................ ....418
Имтиҳони ҳар чизе то зоҳир шавад хайру шарре, ки дар вай аст.......... ....420
Шарҳи фоидаи ҳикояти он шахси шутурҷӯянда..................................... ....421
Баёни он ки дар ҳар нафсе фитнаи масҷиди Зирор ҳаст......................... ....423
Ҳикояти ҳинду, ки бо ёри худ ҷанг мекард бар коре ва хабар надошт, ки ӯ ҳам бад-он мубталост............................................................................ ....424
Қасд кардани ғузон ба куштани як марде то он дигар битарсад........... ....425
Баёни ҳоли худпарастон ва ношукрон дар неъмати вуҷуди анбиё ва авлиё, алайҳимуссалом.........................................................................426
Шикоят гуфтани пирмарде ба табиб аз ранҷуриҳо ва ҷавоб гуфтани табиб ӯро..................................................................................................428
Қиссаи Ҷӯҳӣ ва он кӯдак, ки пеши ҷанозаи падар навҳа мекард........... ....429
Тарсидани кӯдак аз он шахси соҳибҷусса ва гуфтани он шахс, ки эй кӯдак, матарс, ки ман номардам..............................................................431
Қиссаи тирандозе ва тарсидани ӯ аз саворе, ки дар беша мерафт..............432
Қиссаи аъробӣ ва рег дар ҷувол кардан ва маломат кардани он файласуф ӯро...........................................................................................433
Каромоти Иброҳими Адҳам бар лаби дарё ...............................................435
Оғози мунавар шудани ориф ба нури ғайббин...........................................436
Таън задани бегона дар шайх ва ҷавоб гуфтани муриди шайх ӯро........ ....440
Бақияи қиссаи Иброҳими Адҳам бар лаби он дарё......................................442
Даъво кардани он шахс, ки Худои таоло маро намегирад ба гуноҳ ва ҷавоб гуфтани Шуайб, алайҳиссалом, ӯро......................................... ....443
Бақияи қиссаи таъна задани он марди бегона дар шайх............................445
Гуфтани Ойиша, разийаллоҳу анҳо, Мустафоро, алайҳиссалом, ки ту бемусалло ба ҳар ҷо намоз мекунӣ, чун аст?................................ ....447
Кашидани муш миҳори шутурро ва муъҷиб шудани муш дар худ......... ....448
Каромоти он дарвеш, ки дар киштӣ муттаҳамаш карданд ба дуздӣ..........450
Ташнеъи сӯфиён бар он сӯфӣ, ки пеши шайх бисёр мегӯяд.................... ....451
Узр гуфтани фақир ба шайх..........................................................................453
Баёни даъвие, ки айни он даъво гувоҳи сидқи хеш аст.......................... ....455

Саҷда кардани Яҳё, алайҳиссалом, дар шиками модар Масеҳро, алайҳиссалом........................................................................................ ....457
Ишкол овардан бар ин қисса.................................................................. ....457
Ҷавоби ишкол........................................................................................ ....458
Сухан гуфтан ба забони ҳол ва фаҳм кардани он........................................458
Пазиро омадани сухани ботил дар дили ботилон................................... ....459
Ҷустани он дарахт, ки ҳар кӣ меваи он дарахт хӯрад, намирад............. ....459
Шарҳ кардани шайх сирри он дарахтро бо он толиби муқаллид........... ....460
Мунозиати чаҳор кас ҷиҳати ангур, ки ҳар яке ба номи дигар фаҳм карда буд онро.................................................................................... ....462
Бархостани мухолифат ва адоват аз миёни ансор ба баракоти расул, алайҳиссалом........................................................................... ....463
Қиссаи батбаччагон, ки мурғи хонагӣ парвардашон..................................466
Ҳайрон шудани ҳоҷиён дар каромоти он зоҳид, ки дар бодия танҳош ёфтанд.......................................................................................................468

# "АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА) ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

**Ҷилди 23**

# МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИН МУҲАММАДИ БАЛХӢ

# МАСНАВИИ МАЪНАВӢ:

**(Дафтари аввал ва дувум)**


Муҳаррири ороиш ***Р. Шералӣ***
Муҳаррири саҳифабандӣ ***М. Саидова***
Тарроҳ ***Ҳ. Холов***
Ҳуруфчини компютерӣ ***Ш. Муҳаммадиева***
***Р. Ализода***

Ба матбаа 27.09.2013 таҳвил гардид. Чопаш 03.12.2013 ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60х90$^{1}/_{16}$. Ҷузъи чопӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха. Супориши № 58/13.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «***Истеъдод***» чоп шудааст. 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.